*С. Мусский, И. Семашко*

# 100 инсони бузурґтарин



*ББК 70/79+72.3+74*
*М-86*

**Муаллифон:**
С. МУССКИЙ
И. СЕМАШКО.

**Тарҷумон:**
Қурбон МАДАЛИЕВ

**Китоб бо дастгирии молиявии**
**Сайфулло ФАТОЕВ чоп шуд.**

© Қурбон Мадалиев, 2010

# ПЕШГУФТОР

*Аввалин китоб бо унвони «100 инсони бузургтарин» аз тариқи нашриёти «Вече» соли 1998 ба табъ расида буд, ки ба қалами нависандаи америкоӣ М.Х.Харт тааллуқ дошт. Муаллиф ба муҳокимаи хонандагон назарияи бисёр ҳам бахсталаб-назарияи таъсирро пешниҳод кард. Қисми зиёди китобро Харт ба андешаҳои худ оид ба ин ё он шахсияти таърихӣ бахшида, дар бораи фаъолияти онҳо камтар сухан рондааст. Асари С.А. Мусский «100 инсони бузургтарин» («Вече», 2006), ки мо аз он ба муштариён намунаҳо пешниҳод месозем, нисбатан иттилооти бештар дорад ва ҳам холисона аст. Ҳаёти қаҳрамонҳо аз нисф зиёд тағйир ёфтааст. Шахсиятҳои аз ҳама бузург, чеҳраҳои шинохтаи оламшумули ҳамаи соҳаҳои асосии ҳаёти одамӣ дар ин китоб гирд омадаанд. Муаллиф асаришро ба бобҳои «Ходимони дин», «Мутафаккирон», «Сиёсатмадорон», «Лашкаркашон», «Олимон», «Устодони санъат», «Ихтироъкорон», «Сайёҳон» ва «Варзишгарон» тақсим намуда, аз ҷумла дар бораи паёмбари ислом Муҳаммад (с), Пифагор, Аристотел, Пётри Кабир, Маҳатма Гандӣ, Ленин, Сталин, Искандари Мақдунӣ, Коперник, Дарвин, Менделеев, Бах, Чайковский, Архимед, Колумб, Пеле, Муҳаммад Алӣ ва дигарон маълумоти мушаххас додааст. Мутаассифона, дар китоб мутафаккири барҷаста энсиклопедист, табиби оламшумул, муаллифи «Ал-Қонун» Абӯалӣ ибни Сино ҷойи худро наёфтааст. Ҳол он ки ӯ яке аз нафарони арзандатарин аст ба ин гуна китобҳо. Шояд ба ин чаҳорчӯбаи рақами 100 монеъ*

*шуда бошад. Зеро Ломоносов, Лютер Кинг, Планк, Борн, Эдисон, Марко Поло ва даҳҳо нафари дигар низ берун аз рақами 100 мондаанд. Вале ин қимати маҷмӯаро кам накардааст, ба хонандаи имрӯза иттилооти фаровон медиҳад оид ба ҳар нафари 100-гона. Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтем, ки намунае чанд аз чеҳраҳои ин китобро дар тарҷума пешкаши хонандагони гиромӣ гардонем.*

*Муаллифи китоби «100 великих женщин» Ирина Семашко дар пешгуфтори асар нигоштааст: «Дафъатан гуфтанием, ки мо иҷрои кори сангинеро бар дӯш гирифтем, зеро бонувони бузургтарин ангуштшуморанд. Занҳои машҳур беҳадду ҳисоб, вале бузургтаринашон, ки дар тӯли қарнҳо вирди забонҳо ва қаҳрамони достонҳо бошанд, 15-20 нафаранд. Албатта, шахсияти Жанна д' Арк ё Сафо шубҳае ба миён намеоранд, вале дар сафи онҳо боз киҳоро метавонем ном бигирем?*

*Ҳангоми таълифи китоб мо ду қутбро ба эътибор гирифтем: Зан – Зебоӣ ва Зан – Модар. Ба ин мазмун асар аз саргузашти Нефертитӣ – олиҳаи зебоӣ огоз ёфта, бо зиндагиномаи Марями Муқаддас – модари Исои Масеҳ анҷом мепазирад. Фалсафаи ҳаёт ҳам чунин аст, зан дар байни ҳамин ду ибтидои зиндагӣ – зебоӣ ва ҳисси модарӣ талош меварзад: зебоӣ баҳри модарӣ ва модарӣ ба шарафи зебоӣ. Дигар ҳама комёбиҳои бонувон дар байни ин ду мафҳум нисбианд».*

*Қаҳрамонҳои китоб бонувони бузурганд, аз қабили Клеопатра, Екатеринаи II, Маргарет Тетчер, Ванга ва дигарон.*

# Муҳаммад (с)

# (570-632)



Муҳаммад (с) – асосгузори яке аз динҳои бузурги ҷаҳон – ислом буда, чун сиёсатмадор ва сарлашкар низ маъруф гаштааст. Як гурӯҳи хурди сипоҳиёни араб бо сарварии Муҳаммад (с) бо имон ба ягонагии Худо, тавонист ба бисёр музаффариятҳо ноил шавад. Як садсола ҳам сипарӣ нагашта пайравони Муҳаммад (с) империяи бузурге барпо намуданд, ки аз сарҳади Ҳинд то уқёнуси Атлантик тӯл мекашид.

Муҳаммад (с) 29 августи соли 570 дар Макка таваллуд ёфтааст. Вай аз рӯи насаб ба қабилаи қурайшиҳо, ба авлоди ашроф мансуб будааст. Падари ӯ Абдуллоҳ, набераи Ҳошим, тоҷири хурде буд ва ду моҳ пеш аз мавлуди писар аз дунё рахти сафар баст. Баъди шаш сол модараш Омина, зодаи шаҳри Мадина, низ зиндагиро падруд гуфт. Тарбияи Муҳаммад (с)-ро аввал бобояш Абдулмуталлиб, сипас амакаш Абутолиб ба зимма доштанд. Ҳанӯз дар айёми наврасӣ амакашро дар корҳои тиҷоратӣ ба Сурия ҳамроҳӣ кардааст. Ва ҳамон вақт дар Басра, аз рӯи ривоятҳо, роҳибе бо номи Баҳир (Сархиш) ояндаи бузургашро ба ӯ пешгӯӣ намудааст.

То бистучорсолагиаш Муҳаммад (с) дар хизмати амакҳояш буд, гӯсфандонашонро бонӣ мекард, баъд коргузор шуд.

Ҳангоми хизмат дар байни ҳамқабилаҳояш бо покӣ, баимонӣ, хушкорӣ ва бовиҷдонӣ маъруфият ёфт ва аз ин рӯ ӯро Амин мехонданд.

Соли 594 Хадича – зани беваи бадавлат, хеши дури Муҳаммад (с), духтари Хувайлид, набераи Абдуманоф ба ӯ назари илтифот андохту коргузори молу мулки хеш таъин кард. Вай

(с) корвони Хадичаро ба Сурия бурд ва бо фоидаи зиёд баргашт. Соле баъд тӯйи хонадории онҳо баргузор шуд. Он замон Хадича чил сол дошт. Муҳаммад (с) биступанҷсола буд. Издивоҷ ҳаёти онҳоро рангин сохт. Вале се писаре, ки Хадича таваллуд кард, дар айёми тифлӣ оламро падруд гуфтанд. Духтаронашон Зайнаб, Руқия, Умми Кулсум ва Фотима ба воя расиданд. Духтари охирин ҳангоми 51-солагии Хадича ба дунё омад, баъди ин ӯ боз 13 соли дигар зиндагӣ кард.

Муҳаммад (с) аз чилсолагӣ гузашт. Ҳаёти шахсиаш мӯътадил буд. Ӯ мисли ҳарвақта завҷаашро дӯст медошт. Духтари калонӣ ба шавҳар баромадаву дуюмӣ фотиҳа шуда. Ба Алӣ (р), писари амакаш Абутолиб ва ба писархондаш Зайд ибни Ҳориса (р) меҳри беандоза мепарварид. Зайд ғулом ва масеҳӣ буд. Муҳаммад (с) ӯро озод намуд ва писархонд гирифт. Ҳамаи наздикону ҳамсӯҳбатон Муҳаммад (с)-ро барои некию накӯкориаш дӯст медоштанд. Сарвати завҷааш ӯро аз ташвишҳои зиндагӣ раҳоӣ бахшид. Вай метавонист бо фароғат ҳаёташро идома бахшад, агар ваҳй намеомад.

Аз рӯи ривоятҳо Муҳаммад (с) ҳар сол моҳеро дар кӯҳи Ҳиро, наздикии Макка, дар танҳоӣ, банди андешаҳо сипарӣ мекард. Ақли гиро, заковати беҳамтояш он донишҳоеро, ки аз зиндагии ҳаррӯза мегирифт, ҳазм менамуд ва меомӯхт. Дар ниҳоди ӯ (с) ақидае устувор мегашт, ки бутҳои берӯҳу беқувват худои онҳо нестанд, Худои ҳақиқӣ ягона аст, бузургу беҳамтост, бар болои ҳама ва барои ҳама. Худо ҳақиқати худ ва иродаи хешро ба мардуми гуногун ба воситаи паёмбаронаш ирсол медорад, вале арабҳо худоро намедонанд, зеро эътиқод ба Иброҳимро фаромӯш кардаанд ва ба назди онҳо паёмбари Худо низ наомадааст, то ки хотиррасон намояд аз вуҷуди Оллоҳ. Дар моҳи Рамазони соли 610 (ё 612), ҳангоми сайру гашти ҳарсолаи одатиаш ӯ (с) ба ғоре медарояд. Аз пиёдагардӣ ва фикру андешаҳои зиёди беҳосил хаста шуда буд. Аз ин рӯ, дар гӯшае ҷой мегирад ва хобаш мебарад. Ва баъд... Чунин ҳикоят меку-

над худи Муҳаммад (с): «Нохост дар хоб ҳис намудам, ки касе ба ман наздик омад ва гуфт: бихон! Гуфтам: не! Он гоҳ вай чунон тазъйиқам дод, ки хаёл кардам, мемирам ва такрор намуд: бихон! Боз рад кардам, дуюмбора фишурд ва ман ин суханонро шунидам: «(Ай Расули худо бархезу Қуръонро) ба номи Парвардигорат, ки Худои офаринандаи олам аст, бар халқ қироат кун. Он Худое, ки одамиро аз хуни баста биофарид. Бихон! Парвардигори ту каримтарини каримони олам аст. Он худое, ки башарро илми навиштан ба қалам омӯхт ва ба одам он чиро, ки намедонист, ба илҳоми худ таълим дод» (Сураи XCVI, 1-5). Вақте ки инро хондам, падида дур шуд ва ман бедор гаштам. Ва ман ҳис намудам, ки ин гуфтаҳо дар дилам абадӣ нақш бастаанд».

Муҳаммад (с) бо як ҳаяҷони зиёде ба хона баргашт. Хадича бо диққат ва бо боварии том нақли ӯ (с)-ро шунид. Варқа, хеши Хадича, ки ба ин муносибат даъват шуда буд, гуфт: «Эҳтимол гапат рост аст. Эй Хадича, шояд ба ӯ Номуси Акбар (Ҷабраил) омадааст, оне, ки ба Мӯсо (а) меомад ва дар ин ҳол Муҳаммад (с) паёмбари ин уммат хоҳад шуд».

Баъди ин ба Муҳаммад (с) чизе рӯй надод, вале ӯ шояд ҳодисаеро интизорӣ мекашид, аз ин рӯ, боз ба бодия рафт, ҳарчанд вақташ ҳанӯз нарасида буд. Дар кӯҳ танҳо қадам зад, андӯҳи гарон ба қалбаш тазйиқ меовард, барои аз ғусса раҳоӣ ёфтан тайёр буд, ки аз шахи баланде ба поён биҷаҳад. Нохост тобиши ҳайратангези илҳоми ваҳӣ ӯро фаро гирифт, рӯҳан ором шуд. Ба хона баргашт, ҷисмаш хаста буду дарақ-дарақ меларзид. Дар боғча рӯи фарш хобид ва хоҳиш намуд, ки ба болояш ҷомае партоянд. Ва ҳамон замон чунин суханонро шунид: «Ало, ай Расуле, ки худро бо либоси (ҳайрат ва фикрат) печидаӣ. Бархез ва халқро худотарс гардон. Ва Худойро ба бузургӣ ва кибриёӣ ёд кун. Ва либос (ҷону тан)-ро аз ҳар айб ва олойиш пок ва покиза дор. Ва аз нопокӣ (бут ва бутпарастон) ба куллӣ дурӣ гузин. Ва ба ҳар кӣ эҳсон кунӣ, абадан миннат магузор. Ва

(ҳар чӣ дар таблиғи рисолат аз халқ озор бинӣ,) барои Худо сабру шикебоӣ пеш гир» (Сураи LXXIV, 1-7).

Баъди ваҳйи дуюм Муҳаммад (с) ба паёмбари Худо буданаш мӯътақид гашт ва баҳри иҷрои супоришҳои аз осмон нозилшуда пардохт. Ҳарчанд Муҳаммад (с) ба падида аҳамияти беандоза медод, барояш чизи асосӣ ҳамон ваҳй, яъне Қуръон буд.

Қуръон аз аввал ба Муҳаммад (с) ба шакли китоб менамуд, аммо ин китоб ба он китобҳои оддӣ – эҷоди дасти одамӣ монанд набуд: вай дар осмон вуҷуд дошт ва аз он ҷо ба Паёмбар интиқол меёфт: «Ва ҳамоно Худои ту бисёр муқтадир ва меҳрубон аст. Ва ин Қуръон ба ҳақиқат аз ҷониби Худо нозил шуда. Ҷабраил руҳ-ул-амин (фариштаи бузурги Худо) нозил гардонид. Ва онро бар қалби ту фуруд оварда, то ба андарз ва ҳикматҳои он халқро мутазаккиртар сохта ва аз иқоби Худо битарсонӣ. (Ва ба роҳи Худо мардумро) ба забони арабии фасеҳ (ҳидоят кунӣ). Ва зикри азамати ин Қуръон дар кутуби анбиёи пешин мастур аст» (Сураи XXVI, 191-196).

Ғояи асосии дини асил дар чист?

Ҳамаи маводи рӯи замин аз Худо ибтидо гирифта. Бе амри Парвардигор одамӣ наметавонад кори хайре ба ҷо орад. Дар иҷрои ҳар амали нек инсон аз Худованд дастгирӣ меёбад. Вагарна ба ҷое намерасад.

Ба инсон танҳоояндааш дахл дорад: агар вай ба Худо бовар намояд ва амру наҳйи Парвардигорро ба ҷо орад, наҷот меёбад ва дар ҳаёти ондунёӣ аз ҳамаи нозу неъматҳо баҳравар мегардад; агар эътиқод наорад ва амру наҳйи Аллоҳро иҷро накунад, худро ба ҷабру ҷафо гирифтор месозад ва ба оташи дӯзах меафтад. Парвардигор ашхоси бедину диёнатро бад мебинад. Вале аҳли ислом, ки намоз мегузоранду некӣ мекунанд, ба афтодаҳо садақа медиҳанд, аз Худо подош мегиранд, онҳо аз тарсу ҷазо наҷот меёбанд.

Нишонаи асосии эътиқод ба Худо намоз аст, ба наздикон – хайру эҳсон, ба худ шикастанафсӣ ва рӯзадорӣ. Дар Қуръон

омадааст: «Ва чӣ гуна тавон донист, ки он ақабаи (ағбаи) таклиф ва имон чист? Он банда (дар роҳи Худо) озод кардан аст. Ва ба мискин таом додан дар рӯзи қаҳтӣ ва гуруснагӣ аст ё ба ятими хешовандони худ (эҳсон кардан аст), ё ба фақири музтари хокнишин (дастгирӣ кардан аст) (Сураи ХС, 12-15).

Муҳаммад (с) ҳеҷ гоҳ ба худ баҳои фавқуттабиӣ намедод ва таъкид менамуд, ки танҳо гуфтаҳои Парвардигорро ба бандагонаш мерасонад: «Ва Муҳаммад (с) нест магар паёмбаре аз тарафи Худо, ки пеш аз ӯ низ паёмбароне буданд ва аз ин ҷаҳон даргузаштанд, агар ӯ низ ба марг ё шаҳодат даргузашт, боз шумо ба д-ин ҷоҳилияти худ руҷӯъ хоҳед кард? Пас ҳар кӣ муртад шавад, ба Худо зараре нахоҳад расонид, худро ба зиён андохта ва ҳар кас шукри неъмати дин гузорад ва дар ислом пойдор монад, албатта, Худованд ҷазои аъмоли нек ба шукргузорон ато хоҳад кард» (Сураи III, 138).

Дини ислом рӯз ба рӯз рушд меёфт. Дар соли 617 қурайшиҳо бо мусалмонон ҳамаи доду гирифтро қатъ намуданд. Соли 619 Хадича, баъди чанд ҳафтаи дигар Абутолиб аз дунё реҳлат карданд. Зиндагӣ дар Макка ба мусалмонон, ки таъқиб мешуданд, танг гашт. Муҳаммад (с) бо умматонаш ба Ясриб ҳиҷрат намуд. Дар ин шаҳр муттасил одамон гурӯҳ-гурӯҳ ба ислом мегаравиданд. Охири соли 629, аввали соли 630 Муҳаммад (с) ба Макка баргашт.

Наздик шудани сафари охиратро Муҳаммад (с) эҳсос намуд. Моҳи марти соли 632 бо 14 ҳазор мусалмон маросими ҳаҷро ба ҷо овард, дар назди ҳозирин ваъз гуфт ва бо овози баланд таъкид кард, ки вазифаашро ҳамчун Паёмбари Худо ба ҷо овард. Ҳаштуми июни соли 632 ба масҷид омад, бо намозгузорон видоъ намуд, баъди чанд соат дар рӯи дасти завҷаи маҳбубаш Бибӣ Оиша, духтари Абубакр, аз олам чашм пӯшид.

Муҳаммад (с) дар Мадина маъвои абадӣ ёфт ва оромгоҳаш зиёратгоҳи мусалмонон гаштааст.



# Исои Масеҳ

# (Оғози солшумории милодӣ)

Ҳазрати Исо (Исои Масеҳ) аз нуқтаи назари илми таърихӣ ходими диниест, ки дар нимаи аввали садаи якуми эраи мо дар байни яҳудиён ба дунё омада, фаъолияти тарғиботию ташвиқотии динӣ бурдааст. Ӯ асосгузори дини масеҳӣ (исавӣ, насронӣ) мебошад ва ин дин аз ҷониби шогирдону пайравонаш дар ақсои олам паҳн гашт. Дар байни мусалмонон бо номи паёмбар Исои Масеҳ маъруф аст.

Ба қавоиди дини масеҳӣ чор Инҷил (аз калимаи юнонии «ноқусзанӣ»), ки баъди чанд даҳсолаи пас аз марги Исо ба вуҷуд омадаст, ворид шудааст. Дар асоси ин сарчашмаҳо зиндагиномаи Исоро ин тавр баён намудан мумкин аст.

Таваллуди ӯро фариштаи муқарраб- Ҷабраил (а) пешгӯӣ кард. Вай дар шаҳри Назарети Фаластин ба назди Биби Марям ҳозир гашт. Ҷабраил (а) мужда расонд, ки ба шарофати миёнаравии рӯҳи муқаддас дар батнаш тифле пайдо мегардад ва ӯ писаре ба дунё меорад.

Ҳукуматдорони Рим ба рӯйхатгирии аҳолӣ оғоз бахшиданд ва мувофиқи фармон бояд ҳар кас дар ҷойи зисти худу ақвоми худ ба қайд гирифта мешуд. Аз ин рӯ Биби Марям, ки интизори таваллуди кӯдак буд, ба Вифлеем (Байт-ул-лаҳм) омад.

Дар ин ҷо Исо таваллуд шуд. Азбаски дар меҳмонхона ҷой набуду Марям рӯзе чанд дар оғил ба сар бурд, ин воқеа ҳам дар ҳамон ҷо рӯй дод. Замони тахминии таваллуд ба солҳои

749-750 аз бунёди Рим ё ба солҳои 4-5-и солшумории милодӣ рост меояд.

Шоҳ Ироди Кабир (ирод-золим) аз пешгӯиҳои пурасрор бохабар шуд. Вай фармон дод, ки ҳамаи тифлҳои дар Вифлеем ба дунёомадаро ба қатл расонанд. Ӯ бо ин роҳ мехост хавфро аз сараш дур афканад. Марям барои аз хатар наҷот ёфтани тифл, бо ӯ ба Миср мегурезад ва он ҷо марги Иродро интизор мешавад.

Дар бораи ба Назарет баргаштани Исо маълумот кам аст. Вай касби дуредгариро меомӯзад. Ҳангоми зиёрати оилавии Байтулмуқаддас Исо ғайб мезанад. Баъдтар ӯро дар маъбади Байтулмуқаддас ёфтанд «дар байни муаллимон, ки онҳоро мепурсиду мешунид» ва он бандаҳо «аз ақлу заковат ва посуххҳои ӯ ба ҳайрат афтода буданд». (Инҷили Луки, 2-47). Таҳқиқгарони зиёде чунин меҳисобанд, ки Исо аз дувоздаҳ то сисолагиаш (ҳарчанд дар инҷилҳо аз ин ҳодиса сухане нарафтааст), ба мисли Иоҳанн Крестител (Юҳаннон Таъмидӣ, Яҳё) узви ҷамоаи ессевҳо буд ва дар соҳили баҳри Майит мезист. Гӯё дар ин ҷо вай каломи Худо ва тарзи табобати маризонро омӯхтааст.

Ахиран Исо ба назди Юҳаннон Таъмидӣ меравад ва аз ӯ ғусли таъмид мегирад. Сипас ба муддати 40 рӯз рӯ ба биёбон меорад. Тани танҳо мегардад, аз ғизои фаровон даст мекашад ва дар ин ҳолат бо иблис мубориза рӯҳӣ мебарад. Дар ин айём Исо қариб сисола будааст. Вале дар Инҷили Иоанн (8-67) синни дигар оварда шудааст: «Ту ҳоло ба синни панҷоҳ нарасидаӣ».

Шогирдону шунавандагони нахустинаш моҳидорони кӯли Тивериада будаанд. Исо ҳамроҳи онҳо дар сарзамини Фаластин мегашт ва таълимоти диниашро тарғиб мекарду мӯъҷизаҳо нишон медод.

Исои Масеҳ таблиғот мебурд, ки аз ҳар гуна амали манфиатовар ва имтиёзҳои иҷтимоии шахсӣ даст кашед. Исои Масеҳ,

ки «ҷойи сар халонда дам гирифтан надошт», чун воизи сайёҳ деҳа ба деҳа, шаҳр ба шаҳр мегашт, барои пайравонаш шахсан худаш намунаи ибрати чунин зиндагӣ буд. Мӯҳтавои муҳими таблиғот дӯст доштани душманону таъқибгарон ва нисбати онҳо муҳаббат парваридан буд.

Исои Масеҳ ба мӯъҷизаҳо аз сидқ бовар дошт ва мегуфт, ки ҳукмронии мӯътақидон ягон рӯз, албатта, фаро мерасад. Исои Масеҳ барои худ дувоздаҳ шогирд баргузид ва онҳоро апостол (ҳаворӣ, тарғибгар, мубаллиғ) ном ниҳод. Ба онҳо барои мубориза алайҳи ҳама гуна «қувваҳои аҳриманӣ» нерӯ бахшид ва «табобати маризҳо»-ро омӯзонд. Баъд онҳоро баҳри тарғиби ҳукмронии мӯътақидон ба маҳалҳо фиристод. Исо пешгӯӣ намуд, ки апостолҳоро таъқиб мекунанд, вале онҳо бояд аз ягон душворӣ натарсанд. Зеро ҳар як мӯйи аз бадан афтодаи онҳо дар осмон ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар инҷилҳо номҳои апостолҳои зерин сабт ёфтаанд: Симон (Пётр), Андрей, Иаков Зеведеев, Иоанн, Филипп, Варфоломей (Нафанаил), Фома, Матфей, Иаков Алфеев, Фаддей, Симон Кананит ва Иуда Искариот. Ҳазрати Исо боз ҳафтод нафар шогирд интихоб кард ва онҳоро ба кишварҳои гуногун фиристод, то ки дини масеҳиро тарғиб намоянд ва беморонро сиҳатӣ бахшанд.

Баъди интихоби апостолҳо Исо дар назди ҳозирон ваъз гуфт. Дар Инҷили Матфей омадааст, ки дар кӯҳ ин ҳодиса ба вуқӯъ пайваст, дар Инҷили Луки «дар ҷойи ҳамвор, дар подомани кӯҳ» гуфта шудааст. Муаллифони инҷилҳо ин ваъзи Исоро ҳамчун кодекси масеҳият, қонуни ҳукмронии Худованд дар Аҳди Ҷадид меҳисобанд.

Исо қонунҳои худро дар чаҳорчӯби ҳашт наҳйи саодатмандӣ эълон менамояд. Ӯ таълим медод, ки аҳкоми Аҳди Қадим иҷро шуданд, акнун вақти ҳукмронии Худо расидааст ва дар мулки Парвардигор азобу машаққат, муфлисӣ нест, оромӣ, сулҳу субот, хушбахтӣ ва саодатмандӣ ҳукмронанд. Вай мулки Худо-

вандро ба ашхоси «руҳан фақир» ҳам ваъда медиҳад ва мегӯяд: «Онҳое, ки мегирянд, тасалло мeёбанд ва гиряашон ба ханда мубаддал мегардад». Барои ин одамон бояд одил, меҳрубон, дилсоф ва сулҳпарвар бошанд. Ва дар охир Исо саодатманд гаштани ашхоси баҳри ҳақиқат ҷабру ҷафо кашидаро эълон менамояд.

Дар арафаи иди писҳои (пасха) яҳудиён Исои Масеҳ ба Байтулмуқаддас наздик меояд. Вай ба шаҳр харсавор бо як ҳашамат ворид мешавад. Баъзе аз ҳамраҳон пироҳан бадар намуда, зери пояш мепартоянд, дигарон ба роҳаш шохчаҳои дарахти нахл густурда, бо хушнудӣ пешвозаш мегиранд. «Вақте ки вай вориди Байтулмуқаддас шуд, тамоми шаҳр ба хурӯш омад ва гуфт: «Ӯ кист?» (Инҷили Марк).

Ҳамин ки Исо ба Байтулмуқаддас қадам гузошт, зуд ба ибодатгоҳ рафт. Ӯ ҳамаи фурӯшандаҳову харидоронро аз ибодатгоҳ ронд, кашондани колоро аз тариқи саҳни он манъ кард. Аз Навиштаҷоти муқаддас мисол ҳам овард: «Хонаи ман хонаи тоату ибодат аст, шумо бошед онро ба макони роҳзанҳо табдил додаед». Вақте ки соҳибкитобҳо ва рӯҳониёни воломақом аз ин ҳодиса бохабар гаштанд, андешиданд, ки бо кадом роҳ аз Исо халос шаванд. Онҳо аз вай дар ҳарос буданд, зеро мардуми зиёде ба таълимоташ гӯш меандохтанд. (Инҷили Матфей). Куҳансолони яҳудӣ, ки муассисаи махсуси динию маъмурӣ ва судӣ- синедрион- созмон дода буданд, ба қароре омаданд, ки Исои Масеҳро ба суд кашанд ва барои ба қатл расондан ба ҳукуматдорони Рим супоранд.

Аз рӯи шаҳодати инҷилҳо ҳамаи ин аз аввал ба Исо аён буд. Зеро ӯ ба шогирдонаш хабар дода буд, ки баъди ду рӯз, ҳангоми иди писҳо аз ҷониби душманҳо чормех карда мешавад. Вай ба марг омода мегардад. Ба як зан ( Иоанн чунин мешуморад, ки вай Марям, хоҳари Лазари эҳёгашта буд) иҷозат медиҳад, ки аз сараш ҳанути гаронбаҳо резад, гӯё ҷисмашро марҳам молида ба гӯронидан омода мекард.

Исои Масеҳ бо ҳамроҳии 12 нафар апостол пинҳонӣ мизи тановули идона оро медиҳад. Ҳангоми зиёфат Исо «аллакай медонист, ки вақти аз ин дунё ба он дунё, назди падар реҳлат карданаш расидааст. Ва Исо дар ин ҷаҳон пайравонашро дӯст дошт, то абад ба онҳо меҳр пайдо кард». Вай бо навбат пойи шогирдонашро шуста, пок менамояд ва бо ин амал намунаи хоксорӣ, фурӯтанӣ, тавозӯъро нишон медиҳад.

Ҳангоми зиёфат Исо мегӯяд, ки яке аз шогирдонаш ба ӯ хиёнат мекунад. Шогирдон саволомез ба ҳам менигаранд. Яке аз шогирдони дӯстдоштааш ба гапи Пётр даромада мепурсад: «Худоё! Ӯ кист?». Исо посух бидод: «Ҳамоне, ки нонро тар карда медиҳамаш». Вай нонро тар кард ва ба Иуда Искариот муроот намуда гуфт: «Кори мекардаатро зуд анҷом деҳ». Касе ӯро нафаҳмид. Иуда зери пардаи шаб аз хона ғайб зад, то ки хиёнаташро амалӣ созад (Инҷили Иоанн).

Баъди рафтани Иуда Исо нон гирифта баракат хост, онро пора намуда ба шогирдон тақсим мекарду мегуфт: «Гиред, хӯред, ин ҷасади ман аст». Баъд пиёла бардошта, ба он баракат хост ва ба шогирдон бидод: «Нӯшед, чизе, ки андарунаш аст, он хуни аҳди ҷадиди ман аст, хуне, ки барои омурзиши гуноҳони зиёд рехта» (Инҷили Матфей).

Шабро Исо дар боғи Гефсимон, дар шарқи Байтулмуқаддас ба сар мебарад. Нимашаб Иуда бо навкарони яроқбадасти ҷамоати яҳудиёни куҳансол омада, Исоро ба суди синедрион мебаранд. Исо дар суд нузули худро бо сарбаландӣ тасдиқ менамояд. Барои ҳамин ба ӯ пешакӣ ҳукми қатл медиҳанд. Прокуратори румӣ Понтий Пилат ҳукмро тасдиқ мекунад.

Соли қатли Исо мухталиф нишон дода шудааст. Дар маълумоти расмӣ омада, ки Исо 33 сола буд. Аммо дар баъзе сарчашмаҳо 36,37 ва ҳатто 45 сола будани Исо қайд шудааст. Аз рӯи гуфти инҷилҳо марги Исо ин охири ҳаёти ӯ набуда, балки ҷуброни гуноҳҳои бандагон аст. Марг оғози ҳаёти нав, роҳи наҷот аст. Дар ҳамаи инҷилҳо эҳё ёфтани Исо пас аз марг сабт

гаштааст, аммо ба тарзҳои гуногун. Гӯё баъди иди писҳо занҳо ба зиёрати қабри Исо омаданд. Ҷавонеро диданд. Ӯ гуфт: «Исоро меҷӯед... чормехшударо... вай зинда шуд, ӯ ин ҷо нест». Ё худ фариштае ба занҳо амр менамояд, ки зинда гаштани Исоро ба шогирдонаш расонанд. Инчунин муаллифони инҷилҳо ҳашт зуҳури Исоро дар давраи аз эҳёшавӣ то меъроҷ сабт намудаанд. Чил рӯз Исо баъди эҳё гаштан дар рӯи замин буд. Рӯзи чилум дар Байтулмуқаддас, дар назди апостолҳо пайдо гашт. Исо онҳоро ба тарғибу ташвиқи Инҷил даъват намуд. Амр кард, ки дар Байтулмуқаддас бошанд ва ба наздикӣ бо рӯҳи муқаддас таъмид шуданро ваъда дод. Сипас, дар пеши чашми шогирдон ба осмон боло шуд ва «абр ӯро аз назари онҳо пинҳон кард».

## Сиддхартха Гаутама (Буддо)

## (623-544 то милод)



Сиддхартха Гаутама асосгузори яке аз се дини асосии дунё-буддизм аст. Чи тавре ки Лама Анагарика Говинда зикр кардааст, Буддо «дар байни асосгузорони дин ва мутафаккирони барҷаста аввалин буд. Нахуст дар ҷаҳон ӯ дарк сохт, ки натиҷаҳои андешаҳои инсоният, ба монанди ғоя ё ақида, эътиқоди динӣ ё даҳригӣ, он қадар муҳим нестанд, ба таври дигар гӯем, донишҳои консептуалӣ хоҳ дар шакли догмаҳои динӣ, «ҳақиқати мутлақ» ё дар шакли мафҳумҳои илмӣ баён гашта бошанд ҳам,

ба ҳамин хулоса меоранд, яъне фаъолияти рӯҳонӣ ва андешаронӣ усули беҳтарини зиндагист. Ҳамаи натоиҷи гаронмояи илмӣ ва комёбиҳоро аз даст додан мумкин ва ин ба мо ягон зараре ворид сохта наметавонад, то даме, ки усул ба дасти мост. Зеро мо бо ёрии он метавонем ҳамаи натиҷаҳои гумкардаамонро аз нав барқарор созем. Вале тарзи рондани андешаро гум намоем, ҳатто маҷмӯи бузургтарини ҳамаи далелҳои илмӣ ва натиҷаҳо наметавонад ба имдоди мо бирасад».

Дар нимаи дуюми асри 6 то милод дар шимоли шарқии Ҳиндустон (Непал) шоҳ Шуддходан ҳукм меронд: «Шоҳи қонунҳо, ӯ тавассути қонунҳо кишварашро бо адолат идора мекард. Дар қаламрави Шакев мисли ӯ шоҳи одил, раъиятпарвар набуд»,-омадааст нисбати вай дар солномаҳо.

Завҷаи якуми шоҳ Шуддходанро барои зебоияш Майя- «шабаҳ», «фиреби назар» меномиданд. Соли 623-и то милод Майя писаре ба дунё овард, ки Сирватасиддхартха ном гирифт. Шакли кӯтоҳаш Сиддхартха ва он «дар ҳама чиз комил аст» маъно дошт. Модар пас аз ҳафт рӯзи таваллуди кӯдак ҷаҳонро падруд гуфт. Ҳангоми таваллуди шоҳзода обиде бо номи Асита пешгӯӣ намуд, ки навзод оянда ҳукмрони ҷаҳон мешавад, агар ҳаёти воқеии заминиро ихтиёр созад, агар тарки дунё намояд, ба «ҳақиқати комил»- Буддо мубаддал мегардад.

Бача аз модар зебоиро ба мерос гирифт, ба омӯхтани дониш басо ҳарис буд. Падар як қисми мулкашро ба Сиддхартха бахшид, қитъаеро қалъабандӣ намуд, се қасри бошукӯҳ сохт, то ки писараш се фасли сол-тобистон, зимистон ва тирамоҳро он ҷо ба сар барад. Вақте ки Сиддхартха ба синни 16 расид, падар барояш духтари ҳокими шакийи Сопрабуддӣ-Ясодхираи моҳлиқоро хостгор шуд. Барои ба висоли духтари қашанг муяссар гаштан, ба шоҳзода зарур омад, ки аз рӯи таомули ориёӣ бо дигар довталабони дасти Ясодхира ба майдони набард барояд. Ӯ дар камонварӣ, шиноварӣ, аспсаворӣ ва дигар намуди мусобиқаҳои варзишӣ бар ҳамаи ҳарифонаш пирӯз омад.

Баъдтар ба ғайри Ясодхира Сиддхартха боз ду зан ва якчанд канизак гирифт ва то 29-солагиаш бо кайфу сафо умр ба сар бурд. Сипас дар зиндагии шоҳзода тағйироти куллие ба амал омад. Ӯ беҳуда, муваққатӣ будани ҳаёти пур аз айшу нӯшро эҳсос кард. Вай дар хусуси кинаву адоват, ки дунёро фаро гирифтаанд, бадбахтии инсонҳо, бемории одамон, пирию марг андеша меронд, роҳҳои тантанаи некӣ бар бадиро меҷуст.

Ривоят мекунанд, ки шабе айёми бадр Сиддхартха тарки зану фарзанд намуда, худро ба сарҳади шоҳигарии Сакя мерасонад. Ӯ пироҳан бадар сохта, мӯйи сару риш тарошида, чун дарвеш роҳашро идома бахшид. Ин ҳолат дар тариқати буддо чун «пешравӣ»-и Сиддхартха шарҳ ёфтааст. Вай аз ҳаёти воқеии дунявӣ даст мекашад ва ба роҳи ҷустуҷӯи ҳақиқат мебарояд.

Нахуст бо йога шуғл меварзад. Ин барои шикастани талаботи ҷисмонӣ ва рушди эҳсоси рӯҳӣ зарур буд. Андаке мехӯрду кам мехобид, шустушӯй намекард, тамоман урён мегашт. Ӯ бо номи обид Гаутама шӯҳрат ёфт. Дар байни зоҳидон обрӯи баланд пайдо кард, шогирдону пайравони зиёд дошт. Шӯҳраташ чун садои зангӯлаи зери гунбади само ба дуриҳо паҳн гашт.

Аммо баъди шаш сол Сиддхартха ба хулосае омад, ки бо ин роҳ ба ҳақиқат расидан аз эҳтимол дур аст. Вай аз нав ба тозагӣ, хӯрду хӯрок бозгашт. Шогирдону пайравонаш ӯро тарк карданд. Сиддхартха боз ба оворагардӣ рӯ меорад, муаллимони нав ба нав меёбад, вале аз дониши онҳо ҳеҷ қонеъ намешавад. Баъдан дар самти ҷануби Магадхӣ, дар канори шаҳри Гайӣ, дар ҷангалзори шафати деҳаи Урувелӣ маъво меёбад. Боре дар зери сояи дарахти ҷамбуи соҳили дарёчае нишаста, андеша меронд. Ва Сиддхартха ба ин қарор омад: «Ман аз ҷоям нахоҳам бархост, то даме, ки маърифат нозил нагардад. Бигузор ҷисмам пажмурдаю хунам хушк шаванд, аммо то маърифат нагирам, аз ҷой намеҷунбам». Баъдтар ин дарахт бодхӣ, яъне маърифат ном гирифт.

Чи тавре ки дар ривоятҳо омадааст, Сиддхартха тамоми шаб интизорӣ кашид ва танҳо ҳангоми бомдод ситорае аз осмон ҷаҳида, ба ӯ ваҳӣ овард. Ин势 ануттара самяк самбодхи- «беназирӣ, камолоти рӯҳӣ», озодӣ аз ҳама гуна қайдҳои ҳаёти заминӣ, таваллуд- марг –буд. Аммо мафҳуми ҳақиқии ин ҳолат ҳеҷ гоҳ бо сухан ифода наёфтааст ва ифода намеёбад. Зеро сухан ҳамоно қолаби ҳаёт буда, таассурот (таҷриба) обест, ки аз миёни он ҷорӣ мешавад.

Ҳамин тариқ Сиддхартха Буддо, яъне рӯҳонии мутлақ шуд. Номи дигараш Шакямунӣ-обиди Шакя аст. Ба шарофати ҳамин ҳодисаи бузургу нодир ба вай хирад ва тараҳҳум нозил гашт ва ӯ вазифаи масъули хешро дар замин дарк сохт, ки расонидани ҳақиқат ба одамон аст. Вақте ки ӯ бори нахуст дар шаҳри Варанасӣ дар назди мардум ваъз гуфт, ба ҳолаш хандиданд, ки «Шоҳзода аз ақл бегона шудааст».

Буддо аз ин сабақ гирифт ва мақсад гузошт, ки ягон файласуфи обрӯмандро бо шогирдонаш ба мазҳаби хеш талқин созад. Ӯ зоҳиди шинохта, оташпараст Кашяпро баргузид. Дурудароз, бо сабру таҳаммул Буддо Кашяпро ба дини худ кашид ва оқибат ба мақсад расид. Ҳамин тавр Буддо якбора сарвари шашсад нафар пайрав гашт ва акнун ӯ метавонист ҷасурона ақоиди хешро тарғибу ташвиқ намояд. Аз ҳамон вақт Буддо ҳаёти воизи мусофирро ихтиёр кард. Нӯҳ моҳ деҳа ба деҳа, шаҳр ба шаҳр гашта, ваъз мегуфт, дар се моҳи боронгарӣ ба гӯшаи узлат менишаст.

Боре Буддо хабар ёфт, ки падараш дар дами марг аст. Зуд расид, қиблагоҳашро зинда дарёфт, ба ӯ аз бебақоии ҳаёт ҳарф зад. Вақте ки падар аз дунё гузашт, то охири маъракаи видоъ ҳозир истод. Чун ҷасади шоҳро ба сӯхтан омода сохтанд, оташчӯбро шахсан Сиддхартха ба ғарами ҳезум расонд ва баъди маросим гуфт: «Ҳеҷ чиз дар замин ҷовид нест, ягон чизи абадӣ нест, ҳаёт чун шабаҳ, ба мисоли фиреби назар гузарон аст». Ва ӯ боз сайри кишварро идома бахшид. Пайравонаш афзу-

данд ва онҳо берун аз шаҳрҳо дайрҳо сохта, зану мардҳо алоҳида мезистанд. Дайрро вихара, ҷамоати мардонро биккху, занонаро биккхунӣ меномиданд.

Буддо наздики соли 543 то милод, дар синни пирӣ, дар як ҷангалзори наздикии шаҳри Кушинагара оламро падруд гуфт. Пеш аз вафот чун анъанаи ҳиндуҳо сар сӯи шимол хобид, бори дигар ба бародар, рафиқ ва шогирдаш Ананду васият намуд, ки таълимоти ӯро ҷиддӣ нигоҳ доранд ва аз пайи тарғибаш шаванд. Буддо гуфт: «Андӯҳгин мабош, гиря накун. Охир борҳо гуфтаам, ки мо аз ҳама чизҳои гаронбаҳои дунявӣ канда шудаем. Ту, Ананда, солҳо содиқона, шодона, беғараз, аз таҳти дил хизматам кардӣ. Ҳама кор аз дастат меояд, аз омӯхтан фориғ мабош. Анқариб ба ҳақиқат мерасӣ, озод мешавӣ».

Баъди 300 сол ҳангоми ҳукмронии Ашок ақидаҳои динии Буддо бо амри шоҳ дар варақҳои нахл сабт ёфтанд. Таълимоти Буддо дар се китоб бо номи «Типитака»» (се сабад)- Сутра, Виная ва Абхидхамма-питака гирд омадаанд.

Аз рӯи таълимоти Буддо барои ба камолоти олами ботинӣ расидан, одам бояд чор зинаи баланди ҳақиқатро бигзарад, яъне ҳақиқати машаққат; ҳақиқати сабабҳои ба миён омадани машаққат; ҳақиқати бартараф сохтани машаққат ва ҳақиқати роҳе, ки ба сӯи барҳамзании машаққат ҳидоят месозад. Ба зинаи болотарин танҳо шахсе мерасад, ки куллан тарки хушиҳои дунё кардааст. Дигарҳо дар зинаи поёнӣ-анагамина, зинаи болоӣ-архат мемонанд. Аз ин зинаҳо ҳаёти ояндаи ҳар як инсон баъди марг муайян мегардад.

# Лао-сзӣ (Ли Эр)

## (604 то милод-?)



Лао-сзӣ номи фахрии мутафаккири барҷастаи Чин Ли Эр (Ли Боя-ня, Лао Даня) аст. Муаллифи фавқулоддаи рисолаи Чини Қадим «Лао-сзӣ» (унвони қадимааш «Дао дэ сзин») асосгузори ҷараёни динӣ- фалсафии даосизм мебошад.

Дар Ғарб «Лао-сзӣ» нисбат ба асарҳои Конфутсий ва дигар пайравони ӯ маъруфтар аст. Чил тарҷумаи англисии ин асар ба нашр расидааст, яъне аз ҳамаи китобҳои рӯи замин зиёдтар, ба ғайр аз «Инҷил», китоби муқаддаси насрониён.

Дар баробари Конфутсий Лао- сзӣ ба тафаккури инсоният нақши амиқи носутурданӣ гузоштааст. Оид ба ҳаёти Лао-сзӣ маълумот зиёд нест. Дар асоси китоби «Тянся» («Гардуни фалак»)-и Чжуан-сзӣ ва боби «Муаррифиномаи мушаххас»-и «Сабтҳои таърихӣ» метавон гуфт, ки Лао-сзӣ аз Конфутсий 50 сол калонтар буд ва бо ӯ вохӯрдааст. Асари то ба мо расидаи «Лао-сзӣ» ақидаҳои мутафаккирро ифроз медорад ва ҳамчун сарчашмаи омӯзиш хизмат мерасонад. Дар соли 1973 дар Мавандуе, наздикии Чанша, гӯреро кушоданд, ки ба замони хонигарӣ мансуб буд ва аз он ду нусхаи дар матоъ сабтёфтаи осори Лао-сзӣ ба даст омад. Ин нусха дар омӯзиши идеяи Лао-сзӣ маълумоти гаронбаҳо дод.

Вай соли 604 то милод дар шоҳигарии Чу, уезди Ку, волости Ли, деҳаи Сюйжэн ба дунё омадааст. Номи аслии мутафаккир Ли Эр, Лао- сзӣ маънои «устод Лао»-ро дорад. Дар навбати худ Лао лақаб аст бо маънои «Пир». Ривоятҳо мегӯянд, ки мо-

дараш ӯро дар батнаш 81 сол гирифта гаштааст. Вақте ки таваллуд ёфт, мӯйсараш барфосо буд. Насабаш Лӣ шуд, зеро дар зери дарахти ли (олу) ба дунё омад. Гӯшҳояш дароз буданд, аз ин рӯ Эр (гӯш) ном ниҳоданд.

Маълум аст, ки Лао-сзӣ таърихнавис буд, роҳбарии бойгонии давлатии дарбори Чжоуро бар ӯҳда дошт. Аз омӯхтанҳо, диданҳо ва шуниданҳо оид ба табиат, қонунҳои умумии ҳодисаҳои табиӣ, пайдоиш ва рушди дунё хулосаҳо мебаровард. Баъдтар Лао-сзӣ онҳоро дар рисолаи машҳураш ҷой кард.

Вай шоҳиди аз сохти ғуломдорӣ ба феодалӣ гузаштан шуд. Лао-сзӣ принсипи пештар вуҷуддоштаро бо танаффур дур меандохт. «Дар асоси қоидаҳои ахлоқ» идора намуданро рад карда, бо алам мегуфт: «Қоидаҳои ахлоқ- вафодорӣ ва бовариро барҳам мезананд, тухми балво мекоранд».

Аз дари ҳамин ақида ва дидани «заиф шудани давлатдории сулолаи Чжоу» Лао-сзӣ аз хизмати дарбор рафт ва мавқеи «бетарафӣ» гирифта, гӯшаи узлат ихтиёр намуда, танҳо барои худ ҳаёти хушбахтона меҷуст.

Сабақҳои ҳангоми хизмат андӯхтаашро хулоса карда, Лаосзӣ чунин меҳисобид, ки сабаби дар ҷомеа падид омадани «балвоҳо» ва «душвории идорасозии ошӯбгарон» дар ниҳоди «таълимот» ва «талабот» нуҳуфтааст.

Лао-сзӣ мепиндошт, ки танҳо он чиз лозим аст, ки ҳоким худаш «талабот надошта бошад» ва он гоҳ халқ табиатан софдил мегардад. Барои он ки ба «набудани таълимот» ва «надоштани талабот» ноил шавем, бояд аз «эҳтироми донишмандон» даст кашем ва «ба ашёи нодир арзиш нагузорем». Ба таври дигар гӯем, бояд ҳамаи чизҳои барангезандаи талабот ва баҳсҳоро барҳам занем. Лао-сзӣ инро «бароҳандозии сукут» меномид ва мегуфт: «Бароҳандозии сукут ба он меоварад, ки ҳеҷ чиз намемонад, то ки идора шавад».

Аз ин чунин хулоса бармеояд, ки идорасозии идеалӣ ба ақидаи Лао-сзӣ танҳо дар «як кишвари хурдакаки камаҳолӣ»

буда метавонад. Бигузор он ҷо «олотҳои гуногун бошанд, онҳоро истифода бурдан лозим нест. Бигузор одамон то охири умр аз манзили хеш дур нараванд. Агарчанде ки заврақ ва чорчарха дошта бошанд, ба онҳо савор нашаванд. Агар зиреҳу яроқ дошта бошанд, онҳоро ба намоиш нагузоранд. Бигузор мардум аз нав гиреҳҳо банданд ва онҳоро ба ҷои хат истифода баранд. Бигузор хӯроки вай болаззат, пироҳанаш зебо, хонааш бароҳат, зиндагиаш хуш бошад. Бигузор сокинони давлатҳои ҳамсоя аз дур ба ҳам бингаранд, ҷеғи хурӯс ва ак-аки саги ҳамдигарро бишнаванд, вале одамон то пирӣ ва то дами марг бояд ба хонаи ҳамдигар қадам нагузоранд».

Аз рӯи ривоятҳо, вақте ки Лао-сзӣ шоҳигарии Чжоуро тарк мекард, сардори сарҳадбонон аз ӯ хоҳиш намуд, ки чизе барои кишвараш хотира бимонад. Ва Лао-сзӣ дастхати рисолаеро бо панҷ ҳазор аломат ба вай бахшид. Ин ҳамон рисолае буд, ки баъдтар бо унвони «Дао дэ сзин» («Роҳи накӯиҳо ва ё Китоб андар нерӯ ва ҳаракат») вориди таърих гашт.

Дар ҳар ду қисми ин рисолаи хурдакак мағзи таълимоти Дао шарҳ ёфтааст. Иероглифи дао аз ду ҳисса иборат аст: «шоу»-сар, «сзоу»- рафтан. Аз ин рӯ мафҳуми асосии ин иероглиф роҳ мебошад, ки бо он одамон қадам мезананд. Вале баъдтар роҳ маънои маҷозӣ гирифт, он ҳамчун қонун, қонуният тавзеҳ мешуд.

Лао-сзӣ даоро категорияи олии фалсафаи худ ҳисобида ба он на танҳо маънои қонуни умумӣ медод, балки онро сарчашмаи ба вуҷудоии дунё медонист. Ӯ меҳисобид, ки дао «решаи осмон ва замин», «модари кулли мавод» аст ва ҷавҳари ҷаҳон даост. Дар боби якуми таълифоти ӯ омадааст: «Даое, ки бо сухан ифода мегардад, даои ҳамешагӣ нест». Лао-сзӣ мепиндошт, ки даои ӯ даои доимӣ мебошад ва моҳияти онро бо сухан ифода намудан ғайриимкон аст. Вай намуд надорад, садо намебарорад, бешакл аст ва аз рӯи гуфти Лао-сзӣ «сӯяш менигарӣ, вале намебинӣ, гӯш меандозӣ, аммо намешунавӣ, ме-

дорӣ, лекин қапида наметавонӣ». Бо як сухан, дао ин «холигӣ» ё «нестӣ»-ст.

Дар боби чорум омада: «Дао тиҳӣ, вале ҳангоми истифодаи он вай афзун намегардад». Луғати куҳантарини «Ховен» иероглифи «чун»-ро «холӣ, холигӣ, тиҳӣ» шарҳ додааст. Ба воситаи иероглифи чжун (холигӣ дар зарф, зарфи тиҳӣ) даоро ҳамчун «холигӣ»-и мутлақ бояд фаҳмид, ки ҳеҷ гоҳ ҳангоми истифода пур намешавад. «Холигӣ» ин ҳамон нестӣ мебошад, ки аз он дао ҳамаро офаридааст. Ва он дар ин гуфтор шакл гирифта:

«Ҳамаи моддаи гардуни фалак аз ҳастӣ ибтидо мегирад, ҳастӣ бошад аз нестӣ».

Дао на танҳо сарчашмаи ба вуҷудоии дунёст, балки қонуни умумиҷаҳонист. Чи хеле ки Лао-сзӣ мегӯяд: «Дао ҳамеша дар ҳолати сукут - бефаъолиятист, вале чизе нест, ки вай ба сомон нарасонда бошад»; «ба дао касе фармон дода наметавонад, вай пайваста ба ҳоли хеш аст»; «гузаштан ба тарафи муқобил- роҳи ҳаракати дао, заифӣ- (тарзи) амали дао»; «истода танҳо, вале тағйир намеёбад, ҳар ҷо мегардад, аммо хаста намешавад»; «ба мардум фоида оварданро дӯст медорад, лекин барои манфиат гирифтан намекӯшад».

Оид ба тағйирёбии ҳолатҳо Лао-сзӣ гуфтааст: «Аё бадбахтӣ! Вай такягоҳи хушбахтист. Аё бахт! Дар ниҳоди он бадбахтӣ нуҳуфта».

Лао-сзӣ ба тағйирёбии модда баҳои фалсафӣ додааст. Ба ақидаи ӯ модда ба нуқтаи шукуфоӣ расида, баъд хазон мегардад, пир мешавад, мемирад. Ин ҳолатро ба ин тарз ифода кардааст: «Моддаҳо ба камолот расидан пас пир мешаванд». Ба пиндори ӯ ҳам пир, ҳам ҷавон оянда надоранд, дар пеш онҳоро марг интизор аст. Аз ин Лао-сзӣ ба хулосае омада, принсипи мутлақиятро ба миён партофт ва онро бо ин суханон ифода кард: «Сахтӣ ва тавоноӣ- хизматгорони марг». Ӯ бо тамоми ҳастӣ бар зидди «устуворӣ ва тавоноӣ сухан меронд, мегуфт, ки ин

мафҳумҳо ба дао хос нестанд ва он чизе, ки хоси дао нест « ба марги нобаҳангом маҳкум аст». «Он чи аз дао берун, пеш аз вақт мемирад».

Бар зидди ин ақида Лао-сзӣ ақидаи дигарро муқобил гузошт: «Нармӣ ва заифӣ- хизматгорони ҳаёт». Лао-сзӣ тамоми кӯшишашро ба талқини «нармию заифӣ бар сахтию тавоноӣ ғолиб меоянд» бахшид. Ӯ мегуфт: «Ҳамаи модда, алаф ва дарахтон ҳангоми нумӯъ нарму заифанд». Вале онҳо нерӯи бузурги зистан доранд, метавонанд баҳри ҳаёт бар ҳар як қувва, ки рӯ ба пирӣ, ба фано овардааст, ғолиб бароянд. «Дар зери само чизи нарму заифе, монанди об нест, вале вай ба чизи сахту нерӯманд ҳамла меорад ва маҳв месозадаш». Аз ин рӯ таъкид менамуд: «Нарм бар сахт, заиф бар пурзӯр ғолиб меоянд».

Ба ақидаи Лао-сзӣ инсон набояд ба рушди табиии ҳаёт даст занад. «Касе ба он дахл намояд, ноком мегардад, он чи дорад, аз даст медиҳад. Ана барои чи шахси ором оқил асту мағлубнопазир. Вай чизе надорад ва бинобар он чизеро гум намекунад. Шахси саросема бамақсад намерасад. Касе, ки оромона, бе шӯру валвала корро оғоз мебахшад, ҳамеша комёб мегардад». Лао-сзӣ мегуфт: «Ман соҳиби се хазинаам, ки мисли гавҳараки чашм эҳтиёт менамоям: якум, инсондӯстӣ, дуюм, сарфакорӣ ва сеюм ҷуръат намекунам, ки нисбат ба дигарон дар сафи пеш бошам».

# Конфутсий

# (551-479 то милод)



Конфутсий, яке аз мутафаккирони бузурги давраи қадим, рамзи Чин, маданияту андешаҳои фалсафии ин кишвар ва ҳам нахустустоди ҳамаи чиниҳо ба шумор меравад. Дар тӯли садсолаҳо даҳҳо миллиард ниёгони аҳолии Чин ва ҳамсояҳои он – ҷопонҳо, куриёиҳо, ветнамиҳо – хотираи ӯро ҳамчун устоди зиндагӣ пос дошта омадаанд. Барои тамаддуни Шарқи Дур Конфутсий ба мисли Исо барои насрониҳою Муҳаммад (с) барои мусалмонҳост. Таълимоти ӯ ба таҳкурсии асосии сохти давлатдории Чини бузург табдил ёфта буд.

Конфутсий дар шоҳигарии Лу (ҳоло Сюйфуи Шандун), дар оилаи муфлисгаштаи хизматчиёни давлативу ҳарбии барӯманд ба дунё омадааст. Дар ҷадвали солшумории чинӣ рӯзи таваллуди Конфутсий ба 21 рӯзу 10 моҳу 20 соли ҳукмронии буғдихони Линг-Ванга (шоҳи оқил) баробар аст, яъне ба соли 551 то милод. Номи Конфутсий шакли лотинишудаи Кун Фу-сзӣ, яъне «устод Кун» аст.

Дар сесолагиаш аз падар маҳрум гашт. Модарашро беҳад эҳтиром менамуд, ба ҳар суханаш гӯш меандохт. Новобаста аз хурдсолӣ табиатан ором, ботамкин ва бомулоҳиза буд. Бозии дӯстдоштааш иҷрои ҳар гуна маросим, аз ҷумла қурбонӣ ба шумор мерафт.

Ривояте ҳаст, ки баъди ҳафтсолагиаш модар ӯро ба тарбияи омӯзишгоҳи умумӣ вомегузорад. Ин ҷо номи бача Чунг-нӣ шуд. Дар як мӯҳлати кӯтоҳ вай ба саъю кӯшишҳои донишандӯ-

зиаш, хоксориву ҳалимиву фурӯтанӣ ангуштнамо гашт. Дар 17-солагӣ ӯро ёвари муаллимаш Пинг-Чунг, олими шинохта, таъйин карданд. Пинг-Чунг айни замон ҳокими шаҳре буд, ки он ҷо Конфутсий бо модараш мезист.

Дар омӯзишгоҳ Чунг-нӣ бо саъю кӯшиши беандоза осори муаллифони қадимро, ки ба ақлу дилаш таъсири амиқ мегузоштанд, мутолаа намуд. Донише андӯхт, ки минбаъд шунавандагонашро ба ҳайрат меовард. Пас аз хатми омӯзишгоҳ бо хоҳиши модар хизмати давлатиро ба ӯҳда гирифт. Сардори нозири бозор таъйин гашт. Аз субҳи содиқ маводи бозору дӯконҳоро хабар мегирифт, намегузошт, ки сабзавот, гӯшту нон, меваҳои ғайри қобили истеъмол ба фурӯш раванд. Савдогарони боинсофу бовиҷдонро дастгирӣ менамуду қаллобонро ҷазо медод. Бо ин амал дар байни халқ эътибори зиёдеро соҳиб гашт.

Дар вақтҳои фориғ аз хизмати давлатӣ пайваста илм меомӯхт. Дар нуздаҳсолагӣ Конфутсий бо духтараке аз оилаи барӯманди Ки-коан-ши ақди никоҳ баст. Пас аз як сол писардор шуд, баъдтар духтарчае ба дунё омад. Дар ҳаёти оилавӣ ӯ хушбахт набуд. Ривояте ҳаст, ки вай аз завҷааш ҷудо шудааст. Ақидааш нисбати зан чунин буд: «Бо зан сарукор гирифтан бисёр душвор аст, наздикӣ ҷӯӣ якрав мешаванд, дур созӣ ғавғо мебардоранд».

Дар ин муддат бо хоҳиши сокинон ҳокими Лу Конфутсийро нозири заминҳои кишт, ҷангалу чорво таъйин намуд. Ӯро вазифаҳои боз ҳам баландтари давлатӣ интизор буданд. Вале вафоти модар дар соли 528 то милод ӯро маҷбур сохт, ки тарки вазифа намояд. Конфутсий ба анъанаҳои қадимаи чинӣ содиқ буд: «Писар танҳо баъди сесола шудан аз дасти волидайн ба замин мефурояд, аз ин рӯ азодории сесола барои ҳама ҳатмист».

Аз хизмат, ки фориғ буд, Конфутсий ба омӯхтани таърихи қадими кишвараш пардохт. Ӯ бо ҳуҷҷатҳои қадимаи таърихӣ,

анъанаҳои маросимӣ, суруду мусиқӣ ва ривоятҳои қадим шинос шуд ва ҳамчун донандаи анъанаҳо шӯҳрат ёфт.

Соли 522 то милод орзуи деринааш ҷомаи амал пӯшид. Ҳамроҳи шогирдонаш зиёрати пойтахти қадимаи Чжоу муяссар гашт. Ибодатгоҳҳои куҳансол ӯро ба ваҷд оварданд. Ӯ худро дар саргаҳи ҳикмат мепиндошт, ба суратҳои рӯидеворӣ бо диққат менигарист, матнҳои бо мурури замон хирашударо бо шавқу завқ мехонд. Базудӣ дар шаҳр овозаи олими ҷавони ҳамадон паҳн гардид. Шумораи шогирдони ӯ ҳар рӯз меафзуд. Фазл ва донистани адабиёти қадима ҳамаро мафтунаш сохт. Ҳамзамон ӯ ба таҳрири китоби «Ши сзин» («Китоби сурудҳо»), ёдгории адабиёти асрҳои XI-VI то милоди Чин, даст зад. Вай беҳтарин сурудҳоро, ки азёд медонист ва то охири умр замзама мекард, дар китоб боқӣ гузошт. Конфутсий ба мусиқӣ баҳои баланд медод. Мегуфт, ки мусиқӣ бояд ғизои маънавии халқ бошад.

Аз рӯи ривоятҳо Конфутсий маҳз дар шаҳри Чжоу бо мутафаккири куҳансол Лао-сзӣ вохӯрдааст. Файласуфи солхӯрда барои орзую умедҳои «пучаш» Конфутсийро хеле мазаммат намуд. Вале аз ин Конфутсий ҳеҷ хиҷолате накашид. Ӯ мегуфт, ки мақсадаш дониши андӯхтаашро ба хизмати мардум гузоштан аст. Вай ҳокимеро меҷуст, ки аз рӯи тавсияҳои Конфутсий кишвару халқро идора созад. Боварии халқро сазовор гаштани сарвари давлат барои мутафаккири ҷавон чизи асосӣ буд. Бе ин давлатро нигоҳ доштан амри муҳол аст, мегуфт. Барои чунин ҳоким пайдо кардан Конфутсий ҳудуди кишварҳои Сӣ, Вей, Чэн, Сзай ва ғайраҳоро тай намуд. Вале ҳайҳот, шоҳи донишманду дилхоҳашро наёфт.

Билохир дар чилу чорсолагиаш бахт ба рӯяш хандид. Дар шоҳигарии Лу ошӯбҳо хомӯш шуданд ва ҳоким Конфутсийро шаҳрдори Чжун-ду таъйин намуд. Акнун ӯ дар амал метавонист ғояҳояшро татбиқ созад. Таҷрибаи кори давлатӣ ба имдодаш расид. Вай соҳаи кишоварзиро ба эътидол

оварד, киштгардонро ҷорӣ намуд, замин ва хазинаи бойҳоро, ки бо роҳҳои ғайриқонунӣ ба даст оварда буданд, кашида гирифт, мусодира кард.

Конфутсий қоидаҳои судиро дар амал хуб риоя менамуд. Дар рӯзҳои аввали раиси шаҳр буданаш, вай маҷбур шуд, ки аз ақидааш гашта мухолифи сиёсиашро ба дор кашад. Ӯ зидди ҳукми қатл буд, аммо давлатдорӣ варо аз ақидаи шахсиаш баргардонд. Конфутсий ба шогирдонаш ин амалашро чунин шарҳ дод: «Шал Чжен-мао гурӯҳҳои ҳамақида ташкил намуда, зидди мо сухан мегуфт, ҳақиқатро дидан намехост, худраъй буд, пас чӣ тавр ӯро ба дор намекашидем?

Вале ҳукми қатл ёрӣ нарасонд. Дарбориён фитнаҳо бардоштанд. Ахиран Конфутсий аз сарзамини Лу рафт. Бо шогирдон аз шаҳр ба шаҳре, аз як мамлакат ба дигаре сафар мекарду ақидаҳояшро тарғиб менамуд. Одамон ӯро бо хушнудӣ пешвоз мегирифтанд, ба суханҳояш гӯш меандохтанд, ба ваҷд меомаданд. Вале дигар чизе рӯй намедод. Ҳоким Вей низ ӯро дӯст медошт, ҳарфаш мешунид, барояш қасру маош (ҳазор чен биринҷ) муҳайё сохт, аммо мувофиқи таълимоти Конфутсий мамлакаташро идора кардан нахост. Ва Конфутсий ин ҷоро низ тарк намуд.

Дар Шоҳигарии Сунг дар канори шаҳр ҳамворие буд. Як дарахти серсояе дошт. Ҳамин ҷо Конфутсий ба шогирдону шунавандагони сершумор ваъз мехонд. Сӯҳбаташ ҳамаи масъалаҳо (илмӣ, динӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ)-ро дар бар мегирифт. Масалан, ӯ нисбати оила, мавқеи зану мард мегуфт, ки вазифаи ҳар як инсон бунёд намудани оила аст. Мӯҳлати беҳтарини оиладорӣ барои мард 20 ва барои зан 15-солагист. Шавҳар сардори оила, зан фармонбардор. Мард- осмон, зан-замин. Боварӣ, бовиҷдонӣ ва ҳурмату эҳтиром бояд хоси ҳар як оила бошад. Ҳокимият дар оила ба дасти шавҳар аст, то даме, ки боадолату бовиҷдон аст. Дар зиндагӣ зан пурра аз мард вобаста аст. Марги шавҳар занро аз масъулияти шавҳардорӣ озод намекунад.

Писар ҳимоятгари шаъну шараф ва номуси модари бевамонда аст. Анъанаи халқӣ намегузорад, ки зан бори дуюм ба шавҳар барояд.

Боре як шогирди Конфутсий ҳокими шаҳр таъйин шуд ва ӯ аз устодаш чунин панд шунид: «Ҳамеша дар кор боғайрат ва бодиққат бошед, бикӯшед, ки дурӯғро аз ростӣ, ҳақиқатро аз эҳтимолият фарқ созед. Бо адолат, беғараз буда, ба худ бовар намоед. Адолати судӣ рӯбиниро намепарварад. Беғаразӣ роҳ ба сӯи адолат аст. Тамаъкор ҳеҷ гоҳ адолатпарвар намешавад. Ҳар як тӯҳфаи хурду ночизи раият ба кадом сабабе бошад ҳам, дуздист. Барои ҳама дастрас будаву ба касе рӯи нохуш нишон надиҳед, бо ҳама меҳрубон, хушзабон ва боилтифот бошед. Зуд ба қароре наоед, масъаларо ҳамаҷониба санҷед. Ҳар сол халқро ба сӯҳбат кашед, ӯҳдадориҳояшонро хотиррас созед. Агар халқи одӣ вазифаашро надонад, магар ин гуноҳи вай аст? Вазифаро надониста чӣ тавр ба иҷрояш даст мезанӣ? Магар шахсеро, ки аз вуҷуд доштани қонун бехабар аст, барои қонуншиканӣ ҷазо додан мумкин? Халқро аз кори саҳро гирифта, ба сохтмони роҳу пулҳо ҷалб насозед. Ҳама кор вақту соат дорад».

Дар ҷои дигар мегӯяд: «Инсон аз дигар махлуқот бо ақлаш, ки аз осмон нозил гаштааст, фарқ дорад. Барои некиаш мукофот, барои бадиаш ҷазо мегирад». Конфутсий одамонро мувофиқи ақлу тамизашон ба панҷ дараҷа тақсим мекард. Ба дараҷаи аввал ашхосеро мансуб медонист, ки дар зиндагӣ бештар вомехӯранд. Онҳо хеле зиёданд ва бо ягон сифати арзанда аз дигарон фарқе надоранд. Онҳо одамонеанд, ки гап мезананд, вале намеандешанд, ки суханашон ҷавҳареро дорост ё на. Яъне хӯрдану гуфтан ба онҳо аз рӯи одат аст, чун ҳайвон зистан доранд ва бе амри шахси донотар кореро ба субут намерасонанд. Фаҳмиши онҳо, ба қавли Конфутсий, аз чашму гӯшу даҳонашон дуртар намеравад. Ба дараҷаи панҷум одамони бомаърифат, донишманд, боақлу фаросати комилро мансуб

донистa, мегӯяд, ки танҳо онҳо метавонанд сарвари давлат бошанд.

Қумандони шоҳигарии Сунг аз ҷамъомадҳои шогирдони Конфутсий ба ҳарос афтода, маҷбур месозад, ки мутафаккир боз овораи манзилҳо шавад. Баъди сарсониҳои зиёд ба ватан бармегардад, аз вафоти занаш хабар меёбад. Дар Лу тамоми вақташро ба омӯзиш ва тарбияи шогирдон мебахшад. Дар як баландӣ бештар ваъз мегуфт ва он «теппаи зардолу» ном гирифт. Дар ин ҷо тамоми осорашро ба тартиб овард, бисёр китобҳои қадимаро мураттаб намуд. Вай таҳрири асарҳои фалсафии «Шутсзин», «Шитсзин», «Итсзин» ва нахустин асари таърихии Чин «Чунсю»-ро ба охир расонд.

Таълимоти Конфутсий ба шарофати китоби «Лун юй» («Сӯҳбатҳо ва муҳокимаҳо»), ки аз ҷониби шогирдонаш мураттаб шуд, машҳур гашт. Файласуф асосҳои иҷтимоии замонашро ба инобат гирифта гуфтааст: «Бигузор падар- падар, писар-писар, шоҳ-шоҳ, хизматчӣ-хизматчӣ монанд». Конфутсий мегуфт, ки хурдӣ бояд ба ҳарфи калонӣ гӯш диҳад, ҳар як амрашро ба ҷо орад. Давлат оилаи бузург, оила давлати кӯчак аст ва дар ин давлатҳо ҳама бояд ба ҳарфи сарвар тобеъ бошад. Таълимоти Конфутсий дар замони ҳукмронии Хон (202 то милод) дар саросари Чин паҳн гашт ва ҳамчун дини давлатӣ пазируфта шуд. Баъди сарнагун шудани охирин императори Чин дар соли 1912 дини давлатӣ низ мавқеашро аз даст дод.

# Модар Тереза

# (1910-1997)



Модар Терезаро, ки 5 сентябри соли 1997 дар Калкутта дунёро падруд гуфт, на танҳо масеҳиён, балки кулли мардуми гетӣ зани муқаддас хондаанд.

«Дар нимаи аввали асри XX роҳи мубориазро бар муфлисӣ ғояҳои Маҳатма Гандӣ мунаввар менамуд, дар нимаи дуюм бошад - хештансӯзиҳои модар Тереза», - гуфта буд сарвазири вақти Ҳиндустон Индер Кумар Гуҷрал.

13 сентябр, рӯзи дафни ӯ, дар Ҳиндустон мотами миллӣ эълон шудан низ тасодуфӣ набуд. Ба марги ин зани ба дини дигар тааллуқдошта, дар ҳақиқат, тамоми кишвар гирист. Дар воқеъ бо ӯ ҳамчун бо зан – апостол ё «фариштаи ғамгусор» видоъ мекарданд. Ва ҳамин тавр номида буд, варо президенти Ҳиндустон Нарайанан.

Ангесса Гонҷа Бояҷиу соли 1910 дар шаҳри Скопе, дар оилаи баққоли сарватманди албанӣ таваллуд ёфтааст. Духтарак ҳанӯз дар дувоздаҳсолагиаш аллакай медонист, ки хизматиояндаи вай дар роҳи Худо бо бенавоёну дардмандон пайванд мешавад. Ин ҳодисаро ҳоло шарҳ додан душвор аст.

Вай ба дайр меравад, маросими мӯйтарошиpo анҷом медиҳад, роҳиба мешавад, номи Терезаро мегирад. Аммо дар хусуси ҳаёти афсонавии дайр ба дил чизе роҳ намедиҳад. Дар ҳаждаҳсолагиаш оилаашонро тарк месозад, ба Иттиҳоди хоҳарони лоретанӣ мепайвандад. Қариб як сол дар Дублин мемо-

над, сипас рӯ ба Ҳинд меорад, вақти зиёде дар донишкадаи Марями Муқаддаси Калкутта аз ҷуғрофия дарс медиҳад, баъдтар директори он таъйин мегардад.

«Ман ба конгрегатсия моҳи октябри соли 1928 шомил гаштам ва моҳи январ сафари Ҳиндро ихтиёр намудам, - ба ёд оварда буд модар Тереза. – Новитсиатро дар Дарҷилинг гузаштам ва савганди садоқатамро дар ҳузури хоҳарони лоретанӣ ба забон овардам. Дар тӯли бист сол дар мактаби Марями Муқаддаси шаҳри Калкутта, ки асосан наврасон сабақ мегирифтанд, омӯзгор будам. Намедонам, муаллимаи хуб будам ё на. Инро шогирдонам беҳтар медонанд. Вале сабақ доданро дӯст медоштам».

Ба пойтахти ҳамонвақтаи Ҳиндустон ҳазорҳо нафар хонабардӯшу гуруснаҳои тарки деҳаҳо намуда фурӯ мерехт. Садҳо нафар қашшоқ дар пеши назари Тереза ҷон ба Ҷаббор таслим мекард. Аввал ӯ ба муфлисон маошашро тақсим менамуд, баъд ба дармонбахшии онҳо пардохту ба бемории сил гирифтор шуд. Аммо ба таври ҳайратовар шифо ёфт. Баъди ин Тереза мутмаин гашт, ки Парвардигор беҳуда ӯро дар ин дунё нигоҳ надоштааст. «Дар қалбам эҳсосе падид омад, гӯё дар жарфнои тақдирам боз қисмате дигар тавлид гашт: ба монанди тақдири дуюм. Ҳис намудам, ки маро қувваи тавоное аз конгрегатсияи лоретанӣ, ки он ҷо ҳаёти осуда ба сар мебурдам, берун мекашад баҳри хизмат ба бенавоёни кӯча.

10 сентябри соли 1946, вақте ки бо қатора аз Дарҷилинг, дар мавзеи шафати кӯҳҳои Ҳимолой мерафтам, садои Худо ба гӯшам расид.

Ҳангоми ибодат ва сӯҳбати ботинӣ бо Худо даъвати ӯро возеҳ дарк сохтам...

Даъваташ рӯшан буд: ман бояд аз дайри роҳибаҳо мерафтаму ба муфлисон ёрӣ мерасондам ва ҳамроҳашон мезистам. Ин амр буд.

Ман бармало эҳсос намудам, ки Исо мехоҳад дар байни бенавотаринҳо, рондашудаҳо, иқоматгарони маҳаллаҳои кам-

бағалон, хонабардӯшон бошаму дар роҳи Худо хизмат намоям. Исо даъват мекард, ки умрамро ба хизмат дар роҳи Худо бахшам, аз пайи Исо равам, дар байни муфлисон бошам, мададгорашон гардам. Бо онҳое бошам, ки барояшон Исо азоб мекашад ва дӯсташон медорад ва дар ниҳодашон маъво гирифтааст».

Модар Тереза барои ифтитоҳи иттиҳодияи роҳибии шахсиаш кӯшид. Танҳо соли 1950 баъди шахсан бо папаи Рим вохӯрдан барои ин иҷозат ба даст овард. 30 сентябри ҳамон сол дар Калкутта роҳибаи католик Иттиҳоди (ордени) хоҳарони шафқатро бо мақсади ягонаи ёрӣ расонидан ба бенавоён таъсис дод.

Онҳое, ки узви иттиҳод мешуданд, бояд ҳатман ду шартро риоя мекарданд: камбағалӣ ва хизмат ба муфлисон. Дар ин ҳолат модар Тереза, ба мисли Исои Масеҳ, аз хоҳарон талаб менамуд, ки аз доройӣ, оила ва хоҳиши модар шудан даст кашанд. Онҳоро танҳо заҳмат – заҳмати беохиру беқадр интизор буд.

Хоҳарон на танҳо ҷон дар рамақ мондаҳо, балки аз беморхонаву маҳбасҳо кӯдаконро низ гирд меоварданд. Баъзеро пулис, дигаронро одамон дар назди дайр мегузоштанд Аз ягон тифл модар Тереза рӯй нагардондааст. Даҳ ҳазор нафар махав дар беморхонаҳои махсуси модар Тереза паноҳгоҳ ёфт.

Заҳмати тоқатшикани модар Тереза то соли 1964, то замони ба Ҳиндустон сафар намудани папаи Рим Павели VI аз чашми ҳамабини журналистон низ пинҳон буд. Баъд ӯ шӯҳрати ҷаҳонӣ меёбад, соҳиби мукофоту ҷоизаҳо мегардад. Барои фаъолияти инсондӯстиаш модар Тереза соли 1979 ба Ҷоизаи Нобел барои сулҳ сазовор мешавад. Ӯ маблағи мукофотҳоро пурра ба рушди фаъолияти иттиҳодаш бахшидааст.

В. Эрлихман менависад: «Баъди як табобатгоҳ дигарҳояш пайдо шуданд. Аз пайи онҳо хонаҳои кӯдакон, марказҳои эмгарӣ, «шаҳри сулҳ» барои махавҳо қомат афрохтанд. Ва

нахустин дармонгоҳро барои маризони СПИД низ модар Тереза бунёд кард. Ӯ бо як нерӯи адонашаванда кишвар ба кишвар мегашт, то ки маблағе ба даст орад. Ӯро «менеҷери беназир» мехонданд».

Вале комёбиҳояшро худаш ин тавр шарҳ медод:

«Кори аз ҳама ночизу хурдтаринро ҳам бо меҳри беандоза сомон бахшидан зарур аст». Вақте ки папа Иоанн Павел пурсид, ки бо чӣ метавонад ба вай ёрӣ расонад, модар Тереза посух дод: «Як ҳиссачаи Ватиканро ба ман бахшед, дар он ҷо беморхона тахт менамоям».

Ӯ субҳи солеҳ аз ҷойгаҳ бармехест ва ҳамроҳи хоҳарон захмҳо, омосҳои маризонро мешуст, марҳам мемолид, тубакҳои шабонаро берун мебаровард. Тамоми ҳаёт, ҳангоми пирӣ ҳам новобаста ба бемориҳои сактаи дил, вараҷаҳои чандбора ва ғайра даст аз кор накашид. То моҳи сентябри соли 1997, то даме ки қалбаш ба хабари марги фоҷиабори шоҳдухтар Диана тоқат карда натавонист…

Чи тавре ки модар Тереза мегуфт: «Мо наметавонем корҳои бузургро сомон бахшем – мо корҳои одиро иҷро менамоем, вале бо муҳаббати беандоза. Боре маро таъна заданд, ки хоҳарон иҷрои кори назаррасеро оғоз накардаанд, танҳо бо майда- чуйдаҳо машғуланд. Гуфтам: «Агар онҳо лоақал ба як нафар одам ёрӣ расонда бошанд, кифоя аст. Исои Масеҳ низ метавонист барои як нафар инсон, баҳри як гунаҳгор ҷонашро фидо намояд».

Шумо метавонед коре бикунед, ки аз дасти ман намеояд. Ман кореро ба иҷро мерасонам, ки шумо аз ӯҳдааш намебароед. Якҷоя кореро анҷом мебахшем, ки писанди Парвардигор аст. Худо намепурсад, ки мо чанд китоб хондем, чӣ мӯъҷизаҳо эҷод намудем. Мепурсад, ки он чи аз дастамон меомад, иҷро кардем? Зарра барин кор ҳам барои Худо арзиш дорад. Зеро Худо тавоност, ҳар коре, ки бо номи Худо, барои Худо ва ба воситаи Худо иҷро менамоем, подоши зиёде медиҳад…»

Иттиҳоди ӯ зери раёсати хоҳари 66-сола Нирмала фаъолият дорад. Нирмала иҷозат намедиҳад, ки варо «модар» хонанд. Мегӯяд: «Мо як модар дорем – Терезаи беҳамто». Пас аз се соли вафоти асосгузораш Иттиҳоди хоҳарони шафқат дар 128 мамлакати дунё қариб ба 600 табобатгоҳу сағирхона хизмат мерасонд.

## Ҳомер

## (Санаи зиндагиаш номаълум)



Достонҳои шӯҳратёру шигифтангези «Илиада» ва «Одиссей»-и Ҳомер дар болооби адабиёти юнон ва дар саргаҳи адабиёти аврупоӣ ҳамчун пойдевори азим устувору поянда истодаанд.

Ҳомер парчами тамаддуни эллинӣ ва дастоварди бузурги ҳамаи онҳое буд, ки бо забони юнонӣ ҳарф мезаданд ва менавиштанд. Ягон фолклори замони имрӯза баробари он чизе, ки Ҳомер эҷод намудааст, дода натавонист, ақаллан ба ӯ ҳамсанг наомад. «То Ҳомер, ҳарчанд шоирон хеле афзун буданд, мо ягон асари ҳаммонанди достонҳои ӯро ба забон оварда наметавонем»,- навиштааст Аристотел. Ҳомер на танҳо натиҷа, балки ибтидо, на танҳо ворис, балки нововар низ мебошад. Агар гӯем, ки ҳар суруди «Илиада» ва «Одиссей» ба мақол табдил ёфтааст, заррае ба иғроқ роҳ нахоҳем дод. Ягон нафар нависанда дар сабқати шӯҳрату маъруфият бо Ҳомер баробар омада натавонист. Дар аҳди ҷадид

низ ӯ дар байни шоирони Юнон бузургтарин ба ҳисоб меравад ва дар хазинаи ҷавоҳироти адабиёти дунё аз дурдонаҳои дурахшонтарин аст.

Мисраъҳои сурудҳои ӯ барои ҳамзамонони шоир ба як оҳангу мазмун садо намедоданд, ҳар бори шунидан маъноҳои нав ба нави онҳо кашф мегаштанд. Барои фозилону алломаҳои дайру донишгоҳҳои давраи Эҳё низ чунин буд. Ҳомери ягонаву холис ва дар айни замон шоири беҳад қобилиятнок якбора ба хонанда хешро ошкор намесохт, балки назокатҳои эҷодиёти ӯ муттасил, қисм ба қисм айён мешуданд. Ҳол он ки осори бисёр эҷодгарон дар замони зиндагиашон аллакай барои хонандаву шунаванда ягон сирру асрори ниҳон надошт. Аммо достонҳои Ҳомер ҳамоно дорои сирру асроранд, аз ин рӯ, талабот нисбаташон ҳамеша дар фузудан аст. Фазилати Ҳомер, тамкини хайрхоҳонаи ӯ, хушахлоқии ӯ, заковати ӯ алломаҳои замони қадимро ба ҳайрат оварда буданд. Маорифпарварони нимаи дуюми асри XVIII-и Фаронса аз самимият, фурӯтанӣ ва инсондӯстии Ҳомер ба ваҷд омада, таъкид доштаанд, ки «Илиада» ва «Одиссей» ҳиссиёти инсонро комилан табиӣ, бе ягон суханбозиҳои муболиғаомез тасвир намудаанд.

Гогол, ки достонҳои Ҳомерро намунаи ягонаи барҷастаи ҳақиқатнигорӣ дар ҷаҳон эътироф мекард, ба аҳамияти бузурги тарбиявӣ доштани «Одиссей» мӯътақид буд. Мегуфт, ки дар ниҳоди шахс зиндадилӣ ва боварӣ ба оянда и некро мепарварад. Лев Толстой дар қироат намудани осори Ҳомер сарчашмаи ҳақиқии ҳавасмандиро ба эҷод кардан дарёфта буд.

Заковати ҳомерӣ аз эҷодиёти шифоҳии мардум рӯида, вале ба дараҷае аз он боло қад кашидааст, ки гоҳо ҷузъҳои ҷудогонаи фолклор ба қисмҳои ҷудоинопазири тарзи махсуси эҷоди ӯ табдил ёфтаанд.

«Заковати эҷодгарии вай ба мисли кӯраи маъдангудозист, ки ба воситаи он «маъдани дағал»-и ривоёти халқӣ ва сурудҳо-

ву пораҳои лирикӣ ҳамчун тиллои холис суфта шудаанд»,-ни-гошта буд Белинский.

Маълумоти тарҷимаиҳолӣ, ки дар хусуси Ҳомер муаллифони антиқӣ овардаанд, ба ҳам мухолиф буда, ба ҳақиқат рост намеоянд.

«Ҳафт шаҳр ҳамчун зодгоҳи Ҳомер дар сабқат аст: Смирна, Хиос, Колофон, Пилос, Аргос, Итака, Афина»,- омадааст дар як эпиграммаи юнонӣ. Оид ба замони зисти Ҳомер низ олимони антиқӣ санаҳои гуногун (аз асри XII то милод (баъди муҳорибаи Троя) то асри VII то милод)-ро ном гирифтаанд. Аз рӯи ақидаи тадқиқгарони замони мо Ҳомер дар асри 8 то милод зистааст.

Манзили эҳтимолии охирини ӯ ҷазираи Хиос аст. Шояд Ҳомер (аз калимаи юнонии Homeros-гаравгон) тахаллусу номи аслии шоир Мелесиген бошад.

Баъзеҳо дар чунин ақидаанд, ки Ҳомер нобино буд ва ҳатто савод надошт, вай сурудҳои худро навишта наметавонист.

Чи тавре ки аксари тадқиқгарони осори Ҳомер мепиндоранд, достонҳои шоир дар Осиёи Сағир, дар Ионии асри VIII то милод дар асоси ривоёти мифологӣ оид ба муҳорибаи Троя эҷод гаштаанд.

Дар замонҳои қадим ба Ҳомер достонҳои ҳаҷвии «Маргит» ва «Ҷанги мушу қурбоққаҳо», маҷмӯи асарҳо оид ба муҳорибаи Троя ва ба Юнон бозгаштани қаҳрамонон, аз қабили «Киприй», «Эфиопида», «Илиадаи хурд», «Забти Илиона», «Бозгашт»-ро нисбат медоданд. Зери унвони «Сурудҳои Ҳомер» маҷмӯае вуҷуд дошт, ки 33 сурудро дар васфи худоҳо дар бар мегирифт.

Қиссаҳои асотирӣ, ки дар онҳо корномаҳои қаҳрамонони афсонавӣ Ахиллес, Одиссей, Ҳектор васф мешуданд, ба сифати мундариҷаи достонҳои Ҳомер хизмат кардаанд. Дар достони «Илиада» чи хел бо сарварии шоҳ Агамемнон муҳосира гаштани шаҳри Троя васф шудааст. Сабаби сар задани ҷанг аз ҷониби Парис, писари шоҳи Троя, дуздидани Еленаи соҳибҷамол, завҷаи

Менелай, будааст. Баъдтар номгӯи достонҳо то «Илиада» ва «Одиссей» ихтисор гардид, баъзе олимон «Маргит»-ро ба ин рӯйхат зам менамоянд.

«Илиада» як воқеаи муҳорибаи Троя, ҷанги байни пешвои ахейҳои шоҳи микенҳо Агамемнонро бо қаҳрамони юнонӣ Ахиллес, ҷанговари ҷасур ва нерӯманд, ба чаҳорчӯбаи тасвир гирифтааст. Барои «Илиада» маҷмӯи ривоятҳо дар атрофи Троя, акси садои юриши бузурги юнониҳои микенӣ ба қалъаи Осиёи Сағир, сарчашмаи асосӣ мебошад.

Вале баъзе лаҳзаҳо бо дигар воқеаҳои таърихӣ тавъам гашта, дар навбати худ ҳикоятҳои навро дар васфи қаҳрамонҳо ба миён овардаанд.

Муҳосираи шаҳр нӯҳ сол идома ёфт. Баҳодурони юнонӣ бисёр корномаҳо карданд ва ҳамаи онҳоро Ҳомер муфассал ба риштаи назм кашидааст. Ӯ дар эҷодаш аз сохти анъанавии шеъри юнонӣ-гекзаметр-шеъри ҳар мисрааш шашрукна истифода бурда, лаҳзаҳои муҳориба, сару либоси ҷанговарон, рафтору кирдор ва маҳалли ҳарбу зарбро воқеъбинона сурудааст. Ба шарофати достонҳои Ҳомер тарзи ҳаёти иҷтимоии сипоҳиёни юнонӣ имрӯз бароямон торик нест. Ҳатто аз сурудаҳои ӯ археологҳо вайронаҳои Трояро ёфтанд ва таърихдонҳо аниқ карданд, ки дар ҳақиқат ин шаҳр тахминан солҳои 1200 то милод аз тарафи юнониҳо забт шудааст.

Пас аз фатҳи шаҳр ва озод намудани Еленаи париваш ғолибон роҳи бозгаштро пеш мегиранд. Ҷавҳари достони «Одиссей» саргузашти минбаъдаи онҳост. Қаҳрамони марказии достон Одиссей, шоҳи ҷазираи Итака, ҷанговари далер, сайёҳи муғамбири ҳилагар аст. Вай дар роҳи бозгашти даҳсола бо бисёр махлуқҳои афсонавӣ, ҷодугарон, одамхӯрон сар ба сар гашта, ҳамеша ба шарофати ақл бар онҳо пирӯз мешавад. Шоир дунёи ботинӣ, ғаму андӯҳи қаҳрамони асосии достонро хеле мутаассир сурудааст. Баъди роҳи тӯлонӣ Одиссей ба Итака қадам мегузорад, завҷааш Пенелопаро аз таҳқиру тамасхури

«домодшавандаҳо» наҷот мебахшад. Пенелопа аз бозгашти шавҳар шоду халқ аз зинда будани шоҳашон масрур мешаванд.

Ба ақидаи Аристотел асоси достонҳои «Илиада» ва «Одиссей»-ро ягонагии ҳаракати драмавӣ ташкил медиҳад. Инчунин муаллиф характери қаҳрамонашро иброз намедорад, балки симои қаҳрамон аз суханрониҳои худи ӯ аён мегардад.

Кашфиётҳои ҳайратангези Г.Шлиман дар солҳои 1870-1880 собит сохтанд, ки Троя, Микен ва аркҳои ахейӣ афсона набуда, ҳақиқатанд. Кошифонро он чиз ба шигифт овард, ки бисёр тасвирҳои Ҳомер бо бозёфтҳои онҳо чун ду ҳиссаи як себ ба ҳам монанданд. Масалан, «Қадаҳ бо сурати кабӯтар», ки аз харобаҳои Микен дарёфт шуд, шояд ҳамон қадаҳе аст, ки аз он пири хирад Нестор шарбат менӯшид.

## Пифагор

## (Солҳои зиндагиаш тахминан солҳои 580-500-и то милод)



Одамеро дарёфтан душвор аст, ки дар ниҳоди ӯ номи Пифагор ва теоремаи Пифагор бо ҳам монанд набошанд. Ҳатто онҳое, ки дар зиндагӣ аз математика хеле дар канор мондаанд, ёддоштҳояшонро нисбати «шалворҳои пифагорӣ» (квадрати гипотенуза ба суммаи квадратҳои катетҳо баробар аст) то дер маҳфуз медоранд.

Вале теоремаи геометрӣ танҳо як ҳиссаи ночизи дастовардҳои илмии риёзидон, файласуфи Юнони Қадим, ходими барҷастаи дину сиёсат, асосгузори пифагореизм мебошад.

Дар мактаби Пифагор бори нахуст геометрия ба сифати фанни мустақил шинохта шуд. Маҳз Пифагор ва шогирдони ӯ ба пажӯҳиши геометрия ҳамчун илми назариявӣ дар хусуси шаклҳои геометрии абстракт даст заданд.

Дастоварди муҳимтарини илмии Пифагор ба математика муттасил ворид сохтани исбот аст. Қайд кардан ҷоиз, ки танҳо пас аз ҳамин амал математика ба илм табдил ёфт. Бо таваллуд шудани математика илм ба дунё омад, зеро «ягон тадқиқоти инсон, то аз исботи математикӣ нагузарад, илми ҳақиқӣ ба ҳисоб намеравад» (Леонардо да Винчи).

Ба ақидаи Пифагор (Самосӣ, Файсоғурас) асосҳои математика- ададҳо- дар айни замон асосҳои дунё ва муносибатҳои ададӣ ин инъикоси мутаносиби худи гетӣ мебошад. Аз ин рӯ ҷаҳон «Кайҳон» ном гирифт, зеро дар он қоида ва мутаносибӣ ҳукмронанд. Бори нахуст фарзияи пуфакмонанд будани замин дар мактаби Пифагор ба миён омад. Пифагор назарияи мусиқӣ ва илми садо (акустика)-ро рушд бахшид.

Дар асри VI то милод маркази илмию мусиқии Юнон галаҷазираҳои Ионияи баҳри Эгейи Осиёи Сағир ба ҳисоб мерафтанд. Дар ҳамин ҷо, дар оилаи устои ҳунарманд, наққошу кандакори мумтоз Мнесарх писаре таваллуд шуд. Аз рӯи ривоятҳо Аполлон ба Мнесарх ва завҷаи ӯ Парфенис хабар расонидааст, ки онҳо соҳиби писар мешаванд ва тавсия медиҳад, ки ба Сурия шино намоянд. Парфенис дар Судон чашм равшан намуд. Мувофиқи анъанаи қадим ба шарафи Аполлони Пифийи модар Пифиада ва тифл Пифагор ном гирифтанд. Падар ба таълиму тарбияи фарзанд сахт камар баст.

Математик ва файласуфи оянда аз хурдӣ ба илмомӯзӣ беҳад ҳарис буд. Аз омӯзгори нахустинаш Гермодамас асосҳои мусиқӣ ва рассомӣ омӯхт. Муаллим барои сайқал ёфтани хоти-

ра шогирдонашро маҷбур мекард, ки пораҳои достонҳои «Илиада» ва «Одиссей»-ро аз ёд намоянд. Гермодамас дар қалби Пифагори наврас меҳр ба табиат ва сирру асрори онро ҷойгузин сохт.

Пас аз чанд сол ӯ бо маслиҳати устодаш баҳри идомаи таҳсил рӯ ба Миср овард. Аммо то Миср роҳ хеле душвору тӯлонӣ буд. Баъди тарки ҷазираи Самос дар ҷазираи Лесбос, дар хонаи Зоил ном хешаш ҳаёт ба сар мебарад. Дар ин ҷо шиносоии Пифагор бо Ферекид, файласуф, дӯсти Фалеси Милетӣ, ба вуқӯъ мепайвандад. Пифагор аз Ферекид илми астрология, пешгӯии гирифтани моҳу офтоб, асрори ададҳо, тиб ва ғайраро меомӯзад.

Сипас маърӯзаҳои Фалес ва шогирди ҷавону болаёқати ӯ Анаксимандр, ҷуғрофидон ва астрономи мумтозро дар Милет мешунавад. Аз ин мактаб сабақи бузурге мегирад ва бо тавсияи Фалес баҳри пажӯҳиши минбаъда ба роҳи Миср мебарояд. Дар Финикия аз коҳинон низ таълим мегирад. Дар Миср ба шарофати ҳимояи Амазис ӯ бо коҳинони мемфисӣ ошно шуд. Бо ёрии онҳо ба маъбадҳои мисрӣ, ки барои ғайр дастнорас буданд, роҳ ёфт. Барои асрори маъбадҳоро омӯхтан ба тариқати коҳинон мегаравад. Пажӯҳиши муттасил ӯро ба олими забардасти замон мубаддал месозад. Дар Миср Пифагор ба форсҳо асир меафтад.

Ровиёни ахбор иттилоъ додаанд, ки ҳангоми асирӣ дар Вавилон Пифагор бо муғони форс вохӯрда, сирри ситорашиносӣ ва тасаввуф дарёфт, бо таълимоти донишмандони халдейӣ ошно гашт. Илми нуҷум, ситорашиносӣ, тиб ва арифметикаи халқҳои шарқро аз олимони Халдей омӯхт.

Дувоздаҳ сол асир буд Пифагор, то даме, ки шоҳи форс Дорои Гуштосп овозаи шӯҳраташ нашуниду озодаш накард.

Пифагор озими ватан шуд, мехост дониши андӯхтаашро ба халқаш бахшад. Аммо Юнон акнун дигар буд. Донишмандон ба истисмори форсҳо тоб наоварда, рӯ ба ғарибӣ меоварданд.

Бисёриҳо ҷануби Италияро маъво гирифтанду Юнони Бузургаш хонданд. Сиракуз, Агригент, Кротон ном шаҳрҳо сохтанд. «Дар чилсолагӣ, -мегӯяд Аристоксен,- Пифагор аз ҷабру зулми Поликрат ҷигаркабоб шуду рӯ ба Италия овард».

Соли аз Самос рафтани ӯро Аполлодор соли якуми олимпиадаи 62-юм (солҳои 532-531 то милод), Тимей бошад соли 529 то милод ҳисоб кардаанд.

Дар шаҳри Кротон Пифагор мактаби файласуфии худро созмон додан хост. Дар байни мардум обрӯ, шаъну эътибори ӯ барқосо боло рафт. Ба шунидани ақидаҳои ӯ на танҳо мардон, балки бонувон низ гирд меомаданд, ҳарчанд барои онҳо ширкат варзидан дар ҷамъомадҳо аз рӯи қонун манъ буд. Дере нагузашта яке аз чунин қонуншиканҳо, духтари Боронт, Теано, завҷаи Пифагор мешавад.

Тимей иттилоъ додааст, ки «духтари Пифагор дар хори духтарона ва баъди ба шавҳар баромадан дар хори занона овозхони аввалин буд». Ба ақидаи Порфирия номи ӯ Мийа будааст. Аз писарони Пифагор бештар Телавг ва Аримнест маъруфанд. Ровиёни минбаъда бо номҳои гуногун боз писару духтарони дигари файласуфро зикр кардаанд.

Вақте ки Пифагор дар Кротон пайдо гашт, дар ин ва дигар шаҳрҳои Юнони Бузург нобаробарии аҳли ҷомеа ба авҷ расида буд. Дорою нодор дар ҳамсоягӣ мезист. Пифагор бо барномаи мушаххаси ахлоқӣ баромад кард. Халқ ӯро нозири ахлоқ баргузид. Файласуф ҷиҳатҳои беҳтарини динҳои гуногунро чида, таълимоти худашро ба як шакли муайян даровард, ки дар он табиат, инсон ва кайҳон бо ҳам дар алоқамандии муттасил буда, ҳамаи одамон дар рӯбарӯи абадият ва табиат баробаранд. Пифагор, ки усулҳои корбарии коҳинони мисриро омӯхта буд, «рӯҳи шунавандагонашро тоза мекард, аз дилашон бадиро дур месохт ва ақлашонро бо ҳақиқати кул мепайваст». Дар сатрҳои зарринаш Пифагор қоидаҳоеро васфу тараннум мекард, ки онҳо рӯҳи роҳгумзадаҳоро ба сӯйи ҳақиқат, камолот интиқол медоданд.

Намунае аз онҳо:

Кореро, ки намедонӣ, ҳеҷ гоҳ аз пайи иҷрояш нашав, вале ҳамаи он чизеро, ки омӯхтанаш имконпазир аст, биомӯз, он гоҳ ҳаёти осудаҳолона туро интизор аст;

Ба тақдират тан деҳу ҳамон тавр бизиҳ, аз қисмат шикоят мабар;

Ба зиндагии хоксорона одат намо.

Баъдтар Пифагор дар дайру майдонҳо ваъз гуфтанро тарк карда, таълимоти шогирдонро дар хона ба роҳ мемонад. Усули таълимаш басо мураккаб буд. Шогирдонро аз 3 то 5 сол месанҷид. Дар ин муддат шогирд ҳақи сухан рондан надошт, саволе намедод, танҳо устодро мешунид. Яъне сифатҳои пуртоқатию фурӯтании шогирдон аз санҷиш мегузаштанд.

Пифагор аз тиб, назокатҳои фаъолияти сиёсӣ, кайҳоншиносӣ, риёзиёт, мусиқӣ, этика ва ғайраҳо ба шогирдон сабақ медод. Дар мактаби ӯ бисёр арбобони сиёсию давлатӣ, таърихдонҳо, математикҳо ва ситорашиносон сабзиданд.

Дар соҳаи геометрия низ саҳми Пифагор бузург аст. Теоремаи собитсохтааш номи ӯро дорост. Пифагор асосгузори таълимоти динию фалсафии Пифагореизм (файсоғурасия) мебошад. Пифагореизм ба ташаккул ва таркиби арифметикию геометрии унсурҳо аҳамият дода, онҳоро ба астрономия алоқаманд медонист, «ҳамаи чизҳо- асли адад», мегуфт. Яъне асоси Пифагореизм таълимотест дар бораи ададҳо. Таълимот ба ададҳо мазмуни ҳаётӣ медиҳад. Даҳ ҳосили ҷамъи чор адади аввал аст (1+2+3+4=10), ки дар он як ифодагари адади ягона, ду- ҳаракат ба сӯи номаълумӣ, се- нуқтаи беинтиҳоӣ, чор- таҷассуми ҷисмонии шаклҳои мазкур мебошанд. Боз онҳо мегуфтанд, ки нуқта бо адади як, хат бо ду рақам, ҳамворӣ бо се ва ҳаҷм бо чор адад чен карда мешаванд.

Ғайр аз ин ба фалсафа мафҳумҳои ба ҳам зид (тазод)-ро низ пифагорейҳо ворид сохтанд. Онҳо ҷадвали даҳҷуфтаи ба ҳам зидҳоро тартиб доданд: интиҳо ва беинтиҳоӣ (ҳудуд ва

беҳудудӣ), тоқ ва ҷуфт, як ва бисёр, рост ва чап, мард ва зан, ором ва ҷунбанда, рост ва каҷ, нур ва зулмот, некӣ ва бадӣ, мураббаъ ва чоркунҷа. Яъне, Пифагор ва пайравонаш мехостанд ҳаёти воқеиро дар муносибат бо ададҳо алоқаманд созанд.

Ба Пифагор таълимот дар хусуси метемпсихоз, яъне аз як ҷисм ба ҷисми дигар интиқол ёфтани рӯҳро низ нисбат медиҳанд. Гӯё ӯ таъкид карда бошад, ки вай нахуст Эфалид, писари Ҳермес, буд. Баъд рӯҳаш дар растаниҳо ҷой гирифт, сипас ба ҷисми Эвфорб, яке аз қаҳрамонони муҳорибаи Троя, гузашт, аз вай боз ба тани ду нафари дигар.

Пас аз вафоти Пифагор таълимоти ӯ дар бисёр шаҳрҳои Юнони Бузург рушд ёфт.



## Афлотун (Даврони зиндагиаш тахминан солҳои 428 ё 427-348 ё 347 то милод)

Афлотун намояндаи барҷастаи идеализм буда, дар ин бобат суханони А.Н. Уайтхед хеле ба мавриданд. Ва ӯ чунин гуфта: «Ҷиҳати аз ҳама фарқкунандаи фалсафаи аврупоӣ дар он аст, ки вай ба таълимоти Афлотун як қатор шарҳу эзоҳ дорад».

Диалектикаи идеалистии Афлотун қуллаи баландтарини афкори диалектикии давраи атиқа буд. Баъди ӯ касе онро ба-

ландтар рушд надод, ҳатто Арасту ҳам. Танҳо дар асри XIX Гегел ба он ба таври ҷиддӣ даст задааст. Афлотун муттасил ба хулосае омад, ки дунё офаридаи Худои яккаву ягона аст. Ин ақида баъдтар бо пайдо гаштани дини масеҳӣ хеле рушд ёфт. Дар замони Афлотун ба ин ақида файласуфон фориғболона назар меандӯхтанд, зеро он аз сатҳи фаҳмиш ва дониши онҳо болотар меистод. Афлотун ба ҳамаи он мактабҳои фалсафие, ки баъди вафоташ созмон ёфтанд, таъсири амиқ гузошт.

Афлотун, номи аслиаш Аристокл, дар Афина таваллуд ёфтааст. Ниёгони падариаш аз авлоди шоҳи охирини Афина Кодр буданд. Вале на Афлотун ва на бародаронаш Главкон, Адимант ва бародари ӯгайаш Антифонт ба корҳои давлатӣ дастназаданд. Ҳамаи онҳо хондани китоб, шеър ва сӯҳбати файласуфонро дӯст медоштанд. Афлотун маълумоти ҳаматарафа гирифт. Тарбияи баданро аз паҳлавон Аристони аргосӣ омӯхт. Ровиёни ахбор мегӯянд, ки ҳамин паҳлавони таҳамтан ба шогирдаш Аристокл, ки ба шарафи бобои падариаш чунин номида буданд, тахаллуси «Платон»-ро додааст. Гӯё барои тану тӯши бузург ё ҷабини васеаш. Ҳамин тавр Аристокл пури Аристон аз байн рафту ба таърих Платон – Афлотун ворид гашту ҷовид монд.

Соли 408 то милод Афлотун дар Афина бо Суқрот, файласуфи шӯҳратёр вохӯрд. Суқрот дар ниҳоди Афлотун мавҷудияти ҳақиқат ва матлабҳои арзишманди ҳаётро, ки ба шарофати заҳматҳои тӯлонии худтакмилдиҳӣ даст медиҳанд, ҷой намуд.

Риштаи дӯстии онҳо пас аз ҳашт сол, вақте ки дар Афина ҳукмронии мустабидона бо сарварии Критий, тағозодаи Афлотун устувор гашт, канда шуд. Зеро баъди чанде Суқрот аз олам даргузашт. Афлотун демократияи афиниро, ки устоди ӯро кушта буд, чашми дидан надошт. Вай қисми зиёди ҳаёташро ба тарзи бунёди давлати тамоман нав бахшид.

Баъди марги устодаш Афлотун ба сафар мебарояд. Дар Бобулон илми астрономия меомӯзад. Баъзе ровиён дар ин

ақидаанд, ки гӯё қадами Афлотун то ба Финикияю Иудея низ расидааст ва дар Кирен, зодгоҳи риёзидони машҳур Феодор, низ будааст.

Саёҳати Афлотун даҳ сол, то солҳои 389-387-и то милод идома ёфт. Вай ҳангоми сафар зисту зиндагии халқ, тарзи давлату давлатдорӣ ва қонунҳои ҷориро омӯхт ва ба хулосае омад, ки ҳамаи давлатҳо хеле бад идора мешаванд. Ба ақидаи ӯ шоҳи донишманду файласуф ё танҳо файласуфон, ки зимоми роҳбарии давлатро ба даст мегиранд, метавонанд ба халқ ҳаёти осударо таъмин созанд.

Афлотун нахустин файласуфи Юнони Қадим аст, ки дар шакли мушаххас фаҳмиши худро оид ба мафҳуми давлат баён намудааст. Ду асари нисбатан калонҳаҷми Афлотун – «Давлат» ва «Қонунҳо» оид ба масоили ҷамъиятиву сиёсӣ баҳс менамояд. Таҳқиқи ин масъалаҳо дар муколамаи «Сиёсатмадор» ва «Критон» идома ёфтааст.

Давлати идеалӣ, ба ақидаи Афлотун бояд дар асоси табақабандии ҷомеа ба вуҷуд ояд. Ба ғайри табақаи олӣ, ки ҳукмрон аст, вай боз табақаҳои истеҳсолгаронро ҷудо намудааст. Ва ин табақаи пасттарин, мегӯяд ӯ, ҳамеша баҳри зиндагии фаровон заҳмат мекашад. Инҳо заминдорон, косибону тоҷиронанд. Баъд табақаи ҷанговарон, аз онҳо болотар файласуфон ҷой мегиранд. Ба роҳбарон – хирад, ба ҷанговарон – ирода ва накӯкорӣ, ба истеҳсолгарон – ҳассосӣ ва шавқу рағбат бояд хос бошад. Давлати афлотунӣ ин сохтори назариявии давлати хаёлотиест, ки дар он ҳаёти ҷомеа пурра зери назорати давлат аст.

Афлотун дар замони ҳукмронии шоҳи золим Дионисий I-и калонӣ, ки ҳукуматро дар соли 406-и то милод бо зӯрии аслиҳа ба даст оварда буд, ба Сиракуз омад. Дар боргоҳи шоҳи ситампеша Дион, бародари завҷаи Дионисий Аристомах, ки худ ба духтари Дионисий хонадор буд, нақши азиме мебозид. Дион шахси доно, соҳибмаълумот буда, ба ислоҳоти сиёсӣ дар

рӯҳияи ашрофу аъён боварӣ дошт. Ҳангоме ки файласуф ба ин ҷо омад, ӯ ҳамагӣ 18 сола буду худро шогирди Афлотун меҳисобид. Вай мехост бо ёрии илми фалсафа ба давлатдории мустабидона тағйироти мусбат ворид созад ва маҳз барои ҳамин ҳам мутафаккири маъруфро ба кишвар даъват намуд. Аммо Дионисий, ки ба ягон нафар бовар надошт ва ба ҳама касу чиз бо шубҳа менигарист, андешаву ақидаҳои файласуфро оид ба некиву накӯкории шоҳон ва одамон бо нобоварӣ мешунид. Алқисса Дион ҳис кард, ки панду насиҳати файласуф натиҷае набахшид ва ҳам макру ҳияли шоҳи золими аҳдшиканро ба назар гирифта, хост Афлотунро ба ватанаш гусел намояд. Дар киштии Поллид, сафири спартанҳо, Афлотун бехабар аз он ки сафир ба куштанаш аз шоҳ фармони махфӣ гирифтааст, ба сӯи Сиракуз шино кард. Дилу дасти Поллид ба куштани файласуфи мӯътабар нарафт, дар ҷазираи Эгин ба ғуломӣ фурӯхт. Он вақт Афина бо Эгин меҷангид ва ҳар шаҳрванди Афинаро дар ин ҷазира ғуломӣ интизор буд. Вақте ки Афлотунро ба майдончаи ғуломфурӯшӣ бароварданд, ӯро сокини маҳаллӣ Анникерид шинохт ва барои зуд озод намудан, харид.

Мегӯянд, ки дӯстони файласуф хостанд пайсаи Анникеридро баргардонанд, аммо ӯ инро рад кард. Он гоҳ дӯстон маблағро ба Афлотун бахшиданд. Вай бо ин пул дар Афина хонаеро бо боғаш харид ва мактаби фалсафӣ кушод, ки он то охири давраи атиқа фаъол буд.

Дар байни шунавандагон аз даҳ се нафар воизи машҳури давраи атиқа – Гиперид, Ликург ва Демосфен низ ҳузур доштанд. Ҳамаи онҳо на танҳо бо донистани фалсафа, балки чун воиз ва арбоби давлатӣ ангуштнамо буданд. Дар соли 366-и то милод дар Академия Арасту (Аристотел) пайдо шуд ва то аз дунё рахти сафар бастани Афлотун он ҷо монд.

Афлотун соли 347 то милод аз дунё чашм пӯшид. Дар бистари беморӣ ҳам менавишт ва «Давлат»-у «Қонунҳо»-ро таҳ-

рир менамуд. Шогирдонаш нусхаи «Давлат»-ро дар таҳрири Афлотун ҳангоми наъзи ҷон аз дасташ гирифтанд, ҷадвалҳои сиёҳнависи «Қонунҳо»-ро низ.

Афлотун файласуфи ягонаест, ки асарҳояш қариб пурра то ба замони мо расидаанд. Дастнависи номгӯи асарҳои ӯ, ки маҳфуз мондааст, 34 муколама, «Мадҳи Суқрот» ва 13 номаро дар бар мегирад.

Ба мисли Пифагор Афлотун низ гуфтааст, ки рӯҳ як маротиба аз ҷониби Худо офарида мешавад, сипас, ба таври доимӣ аз ҷисме ба ҷисми дигаре мегузарад.

Рӯҳ баъди аз ҷисм озод гаштан савори аробаи дучархаи дуаспа ба осмон, сӯи покию беғашӣ, сӯи «олами рӯҳон» парвоз менамояд. Вале аспе, ки ба зулму ситам пайванд аст, аробаро поён мекашад, рӯҳи вазнингаштаю қанотшикаста ба дунёи воқеӣ бармегардад.



## Арасту (Солҳои зиндагиаш 384-322 то милод)

Ф. Энгелс Арастуро дар байни мутафаккирони қадим, ки ба таҳқиқи «шаклҳои муҳимтарини тафаккури диалектикӣ» машғул буданд, «хирадманди аз ҳама универсалӣ» номидааст.

Арасту (Аристотел) ҳамчун олими ҳамадон на танҳо маҷмӯи илмҳои замонаашро ба куллӣ фаро гирифта буд, балки асосгузори илмҳои нави физика, биология, психология ва мантиқу

этика низ ба шумор меравад. «Нахустфалсафа»-и ӯ, ки баъдтар номи «Метафизика»-ро гирифт, оид ба принсипҳои асосии ҳастӣ маълумот медиҳад.

Таълимоти Арасту аз ҷониби мутафаккирони оламшумули чи Шарқ ва чи Ғарб хеле густариш ёфт. Ба асарҳои ӯ файласуфони забардаст ва олимони шинохтаи араб Абӯалӣ ибни Сино ва Ибни Рушд арҷ гузоштаанд. (Мутаассифона, дар китоби « 100 великих людей» Ибни Сино, фарзанди барӯманди миллати тоҷик, саҳван араб омадааст).

Арасту соли 384-и то милод дар Стагир, мустамликаи юнониҳо, ки дар шимоли ғарбии соҳили баҳри Эгей доман густурда буд, дар оилаи табиб чашм ба олами ҳастӣ кушод. Падараш табиби дарбори Аминти III, шоҳи Македония, буд.

Падар, насхустустоди фарзанд, тамоми донишашро оид ба табиатшиносию тиб ба ӯ омӯзонд. Овони наврасии Арасту дар дарбор, бо ҳамнишинии ҳамсолаш Филипп, писари шоҳ, сипарӣ гашт.

Соли 367-и то милод Арасту баҳри идомаи таҳсил ба Академияи Афлотун шомил шуд. Аммо ба Афина омаду Афлотунро наёфт, ӯ ба Ситсилия рафта буд ва пас аз се сол баргашт. Дар ин муддат Арасту фалсафаи Афлотунро пурра омӯхт ва акнун ба он аз нуқтаи назари танқидӣ баҳо медод.

Арасту ҷонибдори зиндагии серу пур буд ва аз ягон чиз худро иҷборан маҳрум намесохт. Иборaҳои «инро пӯш, онро напӯш, инро хӯр, онро нахӯр»-ро тоқати шунидан надошт. Ӯ дӯстдори занон буд. Аз ин рӯ афиниҳо Арастуро файласуфи ҳақиқӣ ҳисоб намекарданд. Вале Афлотун дӯсташ медошт ва «закӣ»-аш мехонд. Устод шогирдонро бо ҳам муқоиса намуда мегуфт: «яке (Ксенократ) ба қамчин ниёз дораду дигаре (Арасту) ба лаҷом».

Дар навбати худ Арасту ҳам ба устодаш арҷ мегузошт. Дар китоби «Этикаи Никомах» ӯ овардааст, ки барояш баҳри ҳақиқат шуда зидди Афлотун сухан рондан хеле душвор аст. Ҳангоми

мубоҳиса бо эҷодгари идеяҳо Арасту ҳамеша бо мулоҳизаву ботамкин буд ва то вафоти устод мактаби худро ифтитоҳ накард, ҳарчанд ҷаҳонбинии фалсафиаш кайҳо шакли муайянро гирифта буд.

Дар миёнаҳои асри чоруми то милод Арасту ва Ксенократ аз Афина рафтанд. Арасту дар Ассос се сол (348 (347)-345) зист ва дар ҳамин ҷо худро дарёфт, дар ҳамин ҷо ҷаҳонбинии ӯ шакли муайян гирифт. Арасту бо Пифиада, хоҳари хурдии Гермий, хонадор шуд.

Баъдтар, вақте ки дар ҷазираи Лесбос ҳаёт ба сар мебурд, аз Филипп, шоҳи Македония, даъватнома расид. Шоҳ мехост, ки тарбияи писараш Искандарро Арастуи шӯҳратёр бар дӯш бигирад. «Шоҳи Македония ба Арасту салом мефиристад. Хотиррас менамоям, ки соҳиби писар шудам. Вале ман аз худоён на барои он миннатпазирам, ки падари ин тифл гаштам, аз он хушбахтам, ки ӯ дар замони Арасту ба дунё омадааст.

Ман бовар дорам, ки ба шарофати тарбияи ту вай ҳамчун вориси сазовори шоҳ ба воя мерасад ва фармонравои македониҳо мегардад», навишта буд шоҳ.

Дар охири соли 340 Арасту ба шаҳри Пеллу, пойтахти нави Македония, омад. Ӯ ба Искандар се сол таълим дод. Дар рафти тарбия ба назм бештар такя намуд. Ровиёни ахбор мегӯянд, ки Арасту маҳз барои шогирдаш «Илиада»-и Ҳомерро «нашр» кардааст. Ба шарофати ин асар Искандар дар симои Ахилл идеали худро дарёфт. Ба Искандар ин суханҳоро нисбат медиҳанд: «Арастуро баробари падарам эҳтиром менамоям, чунки, агар падар сабаби ҳаёт шуда бошад, Арасту ба он ҷомаи мақсад пӯшонд». Тарбияи Искандар вақте анҷом ёфт, ки ӯ дар шонздаҳсолагиаш ҳамроҳи падар ҳукмрони Македония шуд.

Филипп ва баъд Искандар аз Арасту ягон чизро дареғ намедоштанд. Барояш тамоми шароитро муҳайё гардониданд, ки ӯ ба илм шуғл варзад. Искандар, ки ба илм таваҷҷӯҳи хоса дошт, ба Арасту маблағи бузурге ҳадя намуд. Бештар аз ҳазор на-

фар одам вазифадор буд, ки ба олими ҷаҳоншумул ҳайвоноту рустаниҳои нодирро расонанд.

Арасту солҳои аввали ҳукмронии Искандар бо ӯ буд. Вақте ки Искандар ба Осиё лашкар кашид, файласуф ба Юнон сафар кард. Ӯ он вақт панҷоҳ сол дошт.

Арасту ба Стагири азизаш, ки дар ҷанги зидди Афина Филиппи II валангор намуда буд, баргашт. Се сол (339-336) он ҷо истод. Баъди шоҳ шудан Искандар ба нишони ҳурмати беандозааш нисбати устод шаҳри харобгаштаро аз нав эҳё намуд. Ҳамватанони сипосгузор ба шарафи мутафаккир бинои олиҷанобе бунёд карданд, то ки устод бемалол ба шогирдон сабақ диҳад. Вале дар соли 335-и то милод файласуф рӯ ҷониби Афина овард.

Арасту бо дастгирии македониҳо ва пеш аз ҳама бо мадади дӯсташ Антипатр, волии Балкан, мактаби шахсиашро ифтитоҳ бахшид. Дуруст аст, ки ба ӯ ҳамчун ба аҷнабӣ кушодани мактабро дар як гӯшаи берун аз шаҳр, дар ҷануби сарҳади Афина, дар Ликей, дар бинои гимназияи афинӣ иҷозат доданд.

Дар Ликей Арасту рӯзе ду маротиба дарс мегуфт- рӯзона ва шабона. Рӯзона ба шогирдони аз фалсафаи ибтидоӣ бохабар аз фанҳои душворҳазм сабақ медоду шабона ба навомӯзон.

Марги нобаҳангоми Искандари сиюсесола дар Бобулон дар соли 323-и то милод дар Афина шӯриши зидди македониҳоро ба вуҷуд овард ва ҷонибдорони македониҳо репрессия шуданд. Ҳарчанд Арасту ҳамчун шахси донишманд худро аз ин ошӯбҳо дар канор мегирифт, мавқеаш рӯз ба рӯз хатарнок мегашт. Барои бадарға намудани Арасту ягон сабаб наёфта, ӯро дар беҳурматӣ нисбати худоён гунаҳгор карданӣ буданд. Арасту судро интизор нагашта роҳбарии мактабро ба Теофраст супурду аз Афина рафт. Ба  Халкид омад, мариз шуд, баъди ду моҳ, соли 322-и то милод аз бемории меъда фавтид.

Дар васиятномааш иҷрои охирин хоҳишҳояшро бар дӯши Антипатр, лашкаркаши Искандари Мақдунӣ, вогузошт. Ӯ на

танҳо наздикон, балки ғуломҳояшро низ фаромӯш накард, ба қисми зиёдашон озодӣ бахшид.

Дастранҷи Арасту, мактаби фалсафиаш дар Ликей, то охири ҷаҳони атиқа пойбарҷо буд. Осори файласуф зиёд боқӣ монд. Чандсад ҷилд асарҳояш номнавис шуда буданд дар каталогҳои қадима. То замони мо каме аз онҳо расидаанд. Арасту таъкид мекард, ки баъди панҷоҳсолагӣ нерӯи ақлӣ суст мешавад ва ин давраест, ки бояд ба дарави он чи ки то ин вақт коштӣ шурӯъ намоӣ. Қисми зиёди асарҳояшро Арасту дар сездаҳ соли охири ҳаёт навиштааст.

Арасту тамоми илми замонаашро омӯхта, системаи илмии терминологияро ба роҳ монд, ки имрӯз ҳам дар истифода аст. Классификатсияи илмҳо аз ҷониби ӯ нисбат ба Афлотун объективона аст. Математика, физика ва фалсафа аз ҳамдигар на бо он ки дар онҳо қисмҳои мухталифи рӯҳ фаъолият мебаранд, балки аз рӯи предмети омӯзиш фарқ мекунанд.

Олими Юнони Қадим асосгузори илми зоология мебошад. Вай дар асарҳои илмиаш бештар аз панҷсад намуди ҳайвонро тасвир кардааст. Дар таърихи илм тасниф ва ба гурӯҳҳо ҷудо намудани олами ҳайвонот низ ба Арасту мутааллиқанд.

Ӯ падари мантиқ ҳамчун илм дар бораи тафаккур ва қонунҳои он мебошад. Арасту ба сифати мантиқ қонунҳои асосии тафаккурро тасвия намуда, чӣ будани ҳақиқат ва дурӯғро нишон медиҳад.

«Поэтика»-и Арасту низ хеле ҷолиб аст. Дар он вай бори нахуст хусусияти хосаи адабиётро ҳамчун акси воқеият иброз дошт.

Арасту бисёр андешаҳои Афлотунро нисбати таълимот оид ба «идеяҳо» рад намуд. Гуфт, ки ҳастӣ ду ибтидо дорад: «шакл» ва «материя».

Аз рӯи ақидаи Арасту Худо сарчашмаи фаъолнокии эҷодист. Маҳз Худо ҳамаи мавҷудро бо шаклҳои хоса офари-

дааст. Вале Худо дар тафаккури Арасту боз мақсад ҳам ҳаст, ки тамоми мавҷудот сӯи ӯ ҷаҳд доранд.

Мутафаккирони асрҳои миёна ба таълимоти Арасту оид ба рӯҳ басо ҷиддӣ муносибат кардаанд. Арасту мегӯяд, ки рӯҳ на танҳо дар одам аст. Ҳатто рустаниву ҳайвонот низ соҳиби рӯҳанд. Рӯҳи рустанӣ, ба ақидаи Арасту, хислати қадкашӣ, ғизогирӣ ва афзоиш дорад. Рӯҳи ҳайвонот бо ҳиссиёташ фарқ мекунад. Рӯҳи одам рӯҳи боақл аст. Рӯҳ ҷисм надорад, шакли берунаи тан ҳам рӯҳ нест, рӯҳ энтелехией- шакли дохили ҷисми зинда буда, аз он ҷудо зиста наметавонад. Арасту ин ҷо зидди ақидаи Пифагору Афлотун андеша ронда, аз як ҷисм ба ҷисми дигар интиқол ёфтани рӯҳро рад менамояд.

Ҳамчун сиёсатшинос Арасту гуфтааст, ки арбоби давлатӣ бояд интизор нашавад, ки кай шароити мусоиди давлатронӣ пайдо мегардад, балки баҳри тавлид ёфтани чунин муҳит кӯшиш намояд.

## Уилям Шекспир

## (Солҳои зиндагиаш 1564-1616)



Вақте ки Шекспир аз дунё реҳлат намуд, Бен Ҷонсон навишта буд: «Вай на танҳо ба асри худ, балки ба ҳамаи davру замонҳои минбаъда тааллуқ дорад». Дӯсти Шекспир ба ӯ шарафи ҷовидонаро пешгӯӣ намуд: «Бе катибаи санги сари мазор ҳам ту барои худ ҳайкали ҷовидонаӣ ва то даме, ки китобҳоят зиндаанду ақли

мо ба мутолиаи онҳо мерасанд ва эҷодгарашро васф менамоем, ту зинда мемонӣ».

«Ҳамин тавр ҳам шуд, - менависад тадқиқгари эҷодиёти Шескпир, адабиётшиноси шинохта А. А. Аникст. – Мана, аллакай зиёда аз се аср инҷониб Шекспир ҳамсафари доимии ҳаёти маънавии инсонҳост…

Шекспир соҳиби ақле буд, ки ба шарофати он ба бисёр комёбиҳои тасаввурнопазир ноил гашт, насли баъдина то ҳанӯз аз фаросати беназири ӯ дар ҳайрат аст. Файласуфҳо аз эҷодиёти вай нуқтаи назари нозуки диалектикаи ба ҳам зидди зиндагониро меёбанд. Таърихдонҳо дониши ҳайратангези қонундонии Шекспирро пай мебаранд. Табиатшиносон аз қобилияти табиатро дарк карда тавонистани адиб ба шигифт омадаанд. Барои равоншиносон бошад, Шекспир дар донистани ҳаёти ботинии инсон ҳамто надорад…

Баъд аз Шекспир бисёр драмаҳои хуб навишта шудаанд, вале бигӯем, ки дар эҷоди ягон нафар нависанда драматизм ба он дараҷае қувват нагирифтааст, ки мо дар асарҳои Шекспир эҳсос менамоем, хато намешавад».

Ҳанӯз ҳангоми дар ҳаёт будани ӯ дар атрофи номи драматурги бузург, шоир, актёр ва ходими театрӣ ривоятҳои мухталиф чарх мезаданд. Онҳо ба шӯҳраташ шӯҳрат зам мекарданд. Баъди вафоташ ривоятҳо чунон афзуданд, ки шунаванда ба ҳайрат меафтод ва бовараш намеомад, ки Шекспир барин шахси таърихӣ дар ҳақиқат ҳам вуҷуд дошт.

«Ҳамаи чизе, ки мо дар бораи Шекспир медонем, ҳамин аст, ки вай дар Стратфорди Эйвон таваллуд ёфта, дар ҳамон ҷой оиладор шудаасту фарзандҳоро ба дунё оварда, ба Лондон рафтааст, дар он ҷо актёр буд, пйесаҳо ва достонҳо офарид, сипас ба Стратфорд баргашт, васиятнома навишту мурд», - сабт намудааст муаллифи англиси асри XVIII. Дар ҳақиқат он чизе, ки оид ба зиндагиномаи шоир ва драматурги кабир медонем, ҳамин аст. Иттилооти ноқис боиси тавлиди ривоятҳои зиёд,

фарзияҳои бешумор гашт ва ҳоло ҳам оид ба шахсияти Шекспир баҳсҳо идома доранд.

Мутаассифона, ягон сатри ҳуҷҷатӣ аз Шекспир дар бораи худаш маҳфуз намондааст. Аз ин рӯ майдон барои ҷавлони тахайюлот беинтиҳост. Зери номи Шекспир кӣ пинҳон буд? Дар посухи ин пурсиш бисёр ривоятҳо, нақлу фарзияҳо ба миён омаданд. Барои бо ҳамаи онҳо ошно гаштан саҳифаҳои як китоби калонҳаҷм ҳам камӣ мекунанд. Бархе тахмин мезад, ки бо номи Шекспир асарҳои граф Ретленд, граф Дерби, граф Оксфорд, лорд Саутгемптон ба табъ расидаанд...

Кас сари калобаашро гум мекунад. Аз ин рӯ навиштаҷоти расмиро ба инобат мегирем.

Рӯзи таваллуди Шекспир дақиқ нест. Дар китоби қайдҳои калисои Сегонаи муқаддас (Троица)-и Стратфорд сабт гашта, ки Вилям, писари Ҷон Шекспир, 26 апрели соли 1564 ғусли таъмид шудааст. Дар он замон одатан пас аз се рӯзи мавлуд кӯдаконро ғусли таъмид мекарданд. Аз ин рӯ зодрӯзи Шекспир 23 апрели соли 1564 муайян гардид.

Падари Уилям косиб ва тоҷир буд. Ӯ тахминан соли 1552 дар Стратфорди Эйвон муқимӣ шуд. Дар соли 1557 бо Мэри Арден, духтари заминдори хурд, ақди никоҳ баст. Аз онҳо даҳ фарзанд ба дунё омад. Ду нафар духтари калонӣ бармаҳал рахти сафар баст. Ҳамин тавр Уилям фарзанди якум шуда монд. Аз рӯи тахминҳо, шояд Уилям маълумоти ибтидоиро дар мактаб гирифта бошад.

Дар ҳаждаҳсолагӣ ӯ бо Энн Хетеуэй, духтари деҳқони бадавлати деҳаи Шоттер, оила барпо кард. Арӯс аз домод ҳашт сол калон буд. Онҳо 28 ноябри соли 1582 ақди никоҳ бастанд ва аллакай баъди ним сол, 26 майи соли 1583 дар калисои Стратфорд духтарчаи онҳо Сюзен ғусли таъмид шуд. Моҳи феврали соли 1585 зани Шекспир дугоник ба дунё овард. Духтарчаро Ҷудит, писарчаро Гамнет ном гузоштанд. Писарча соли 1596 аз олам даргузашт. Духтарҳо ҳангоми вафоти падар дар ҳаёт буданд.

Дар ин муддат ӯ бо чи кор машғул буд, барои мо торик аст. Мегӯянд, ки бо косибӣ ва омӯзгорӣ шуғл меварзид. Ҳаминаш аён, ки вай пас аз соли 1585 аз зодгоҳаш рафту баъди чанд вақт дар Лондон пайдо гашт.

Ҳамин қадараш ҳақиқат аст, ки вай аз соли 1592 ҳамчун актёр ва драматург дар Лондон ҳаёт ба сар мебурд. Оилааш дар ин айём дар Стратфорд муқимӣ будааст. Кай ба эҷоди намоишномаҳо даст задааст, маълум нест. Дар солҳои 1590-1592 асарҳои драмавиаш аллакай диққату завқи муштариёнро ба худ мекашиданд. Ҳанӯз соли 1592 Томас Нэш дар хусуси ба тамошобинон таассуроти зиёд бахшидани пйесаи «Генрихи VI» (қисми якум) навишта буд.

То сисолагиаш Шекспир асари сегонаи «Генрихи VI», фоҷиаи «Тит Андроник», воқеаномаи «Ричарди III», «Мазҳакаи хатоҳо», «Ромкунии гарданшах»-ро навишт. Зиёда аз сесад сол боз се асари охир дар театрҳо муттасил ба намоиш гузошта мешавад ва ҳаводоронаш ҳеҷ гоҳ кам нагаштаанд.

Лондонро соли 1593 вабо фаро мегирад, фаъолияти театрҳо қатъ мешавад. Ҳамон сол достони «Венера ва Адонис», пас аз соле «Лукретсия» эҷод мегарданд. Достонҳо ба граф Саутгемптон бахшида шудаанд. Аз эҳтимол дур нест, ки граф дастгири Шекспири соҳибзавқу боистеъдод буд.

Аввалин пйесаҳои Шекспир соли 1594 ба нашр расиданд. Ношир Ҷон Дэнтер «Фоҷиаи басо риққатовари Тит Андроники римӣ ва чи тавр аз ҷониби хизматгорони граф Дерби, граф Пембрук ва граф Сассекси мӯътабар иҷро гаштани он»-ро аз чоп баровард. Ҳамон сол қисми 2-юми «Генрихи VI» низ ба дасти хонанда расид.

Соли 1594 вабо барҳам хӯрду театрҳои Лондон аз нав фаъол шуданд. «Вай яке аз саҳмдорони асосии дастаи ҳунарӣ гашт, - қайд кардааст А. А Аникст. – Даромади Шекспир аз маҳорати актёрӣ, нависандагӣ ва аз фоидаи театр шакл мегирифт». Дар ҳақиқат ба ӯ маблағ зарур буд. Вай ҳам оилаи падари муф-

лисшуда ва ҳам оилаи дар деҳа мондаи худро бояд таъмин менамуд. Театр фоида овард. Шекспир дар соли 1597 хонаи сангини калонтарини Стратфордро ба 60 фунт стерлинг харид. То ин вақт падараш барои гирифтани унвони дворянӣ дархост дода буд ва он соли 1596 қонеъ гардонда шуд.

Давраи Шекспир оғоз ёфт. Ф. Мерез, яке аз ҳамзамонони ӯ, дар соли 1597 навиштааст: «Чи хеле ки Плавт ва Сенека аз ҷониби римиҳо дар офаридани мазҳакаю фоҷиа бемисл ҳисоб меёбанд, Шекспир дар ҳар ду намуд ҳам пештоз аст».

Дар мӯҳлати кӯтоҳ, дар тӯли панҷ-шаш сол Шекспир понздаҳ пйеса навишт: вақоеъномаҳои «Ричарди II», «Шоҳ Ҷон», «Генрихи IV» (дар ду қисм), «Генрихи V», мазҳакаҳои «Ду веронӣ», «Кӯшишҳои бесамари ишқ», «Хоби шаби тобистон»», «Савдогари венетсиягӣ», «Як пула гапу сад пула ғавғо», «Шаби дувоздаҳум», фоҷиаҳои «Ромео ва Ҷулетта», «Юлий Сезар». Дар сиюпанҷсолагиаш Шекспир ба авҷи шӯҳрат расид.

Тирамоҳи соли 1599 театри «Глобус» ба фаъолият пардохт. Дар вурудгоҳаш чунин мақол сабт ёфта буд: «Тамоми дунё-театр». Шекспир актёр, муаллиф ва яке аз соҳибони асосии он ба ҳисоб мерафт.

Давраи нави эҷодиёти Шекспир, давраи «фоҷиаҳои бузург» (1601-1606) оғоз ёфт. Нигоҳи муаллиф ба зиндагӣ дигар гашт, ҷойи хандаю нишот, ҳазлу шӯхиро нобоварӣ ба оянда мегирад. Дар оғози ин силсила пйесаи «Юлий Сезар» меистад, пас аз он Шекспир «Ҳамлет» (1601)-ро анҷом медиҳад, баъдтар фоҷиаҳои «Отелло» (1604), «Шоҳ Лир» (1605), «Макбет» (1606) тавлид меёбанд.

Муноқишаҳои ҷамъиятию сиёсиро Шекспир ҳамчун қонунҳои сохторҳои дунявӣ тасвир месозад. Ӯ характерҳои ҷолибе офаридааст, қаҳрамонҳояш баҳри ба мақсад расидан омодаи ҳар гуна корнамоӣ мебошанд, ҳатто аз супурдани ҷони ширин ҳам ҳазар надоранд. Қаҳрамонҳояш тайёранд, ки барои идеяи худ ё ишқ аз чаҳорчӯбаи «қонун»-и одоб ҳам бигзаранд ва ҷон

ба Ҷаббор супоранд. 28 марти соли 1603 малика Елизавета оламро падруд мегӯяд. Тахти шоҳигарии Англия ба Якови 1, писари Мария Стюарти қатлшуда, мерасад. Дар даврони шоҳи нав муносибат нисбати театрҳо тағйир меёбад. Яков ҳамаи театрҳоро зери назорати шахсӣ гирифт. Акнун танҳо аъзои оилаи шоҳ метавонист ба театр пуштбон шавад. Дастаи театрие, ки ба он Шекспир шомил буд, ба шарафи бузург ноил гашт. Васигии онро шоҳ ба зимма дошт.

Пас аз соли 1606 давраи охирини эҷодиёти Шекспир шурӯъ мешавад. Нависандаро образи қаҳрамонони тахайюлӣ, дунёи дигар, ки дар он ҷо одам метавонад бо ҷидду ҷаҳди хеш ҳаёти хушбахтона ба сар барад ва некӣ бар бадӣ пирӯз меояд, ба худ мекашанд. Дар ин байн дар асоси сюжетҳои атиқа фоҷиаҳои «Антоний ва Клеопатра», «Кориолан», «Тимони афинӣ» (1607-1608), пйесаҳои «Симбелин», «Афсонаи зимистон» ва «Тӯфон» (1610-1612)-ро эҷод намуд, ки пур аз лаҳзаҳои романтикианд.

Қарибиҳои соли 1610 Шекспир ба Стратфорд баргашт. Аз соли 1612 бошад пурра дар хонаи сангин, ки дар бараш боғе дошт ва он то соҳили дарёи Эйвон мерасид, ҷой гирифт. Шояд саломатиаш ӯро ба ин амал водор сохта бошад. Зеро аллакай дар соли 1614 тараддуди тартиб додани васиятнома кард. Нусхаи охирини онро моҳи марти соли 1616 имзо намуд ва 23 апрели соли 1616 аз олам чашм пӯшид.

Пас аз ду рӯз маросими дафнаш дар калисои Сегонаи муқаддас (Святая Троица)-и Стратфорд баргузор гашт ва дар ин хусус дар китоби сабти таваллуду фавт қайде ҳам ҳаст.

# Тсин Ши Хуандӣ

## (Арбоби сиёсӣ, солҳои зиндагиаш 259-210 то милод)



Дар замони ба дунё омадани Тсин Ши Хуандӣ Чин ба чандин шоҳигариҳои хурди мустақил тақсим буд. Ба шарофати сиёсати Тсин Ши Хуандӣ империяи бузурги ягонаи мутамаркази Тсин созмон ёфт. Дар ҳудуди империя вай сиёсати ягонаи ченак ва вазн, сикка (пул) ва хати ягонаро ҷорӣ намуд.

Ин Чжэн, ки дар таърих бо номи Тсин Ши Хуандӣ машҳур аст, дар соли 259-и то милод чашм ба олам кушод. Вай писари Чжуан Сян-ван, шоҳи кишвари Тсин буд.

Ин Чжэн дар синни сездаҳ буд, ки падараш аз олам чашм пӯшид. То ба балоғат расиданаш, лаҷоми давлатдорӣ ба дасти мушовири шоҳ Люй Бу-вэй, тоҷири бузурги шоҳигарии Вэй, буд. Вале Ин Чжэн намехост, ки то ба охир ҳукумат ба дасти ӯ бошад. Дар арафаи маросими ба балоғатрасии ӯ (238), Люй Бу-вэй дар соли 239-и то милод хост, ки ҳукмрони номатлубро аз пеши роҳаш дур андозад. Вай Лао Ай, ёвари содиқи худро, ки ба маликаи бевамонда писанд меомад, истифода бурд. Лао Ай, ки ҳукмаш ба бисёриҳо раво буд, соли 238-и то милод бо гурӯҳи ҳаммаслаконаш мӯҳри шоҳроduздида, мехост бо як қисми артиши ҳукуматӣ ба қасри Тсинян, ки он ҷо шоҳзода Ин Чжэн иқомат дошт, ҳуҷум орад.

Вале шоҳи ҷавон сӯиқасдро фош намуд. Лао Ай ва нуздаҳ нафар мансабдори бузург, роҳбарони табаддулот бо тамоми

аҳли оилаашон ба қатл расиданд. Зиёда аз чаҳор ҳазор оилаи ба суиқасд шарикбуда, аз унвонҳо маҳрум гардида, ба Сичуани дур бадарға шуд. Унвони ҳамаи ҳарбиёне, ки дар пахши табаддулоти Лао Ай ширкат доштанд, як дараҷа баланд гашт. Дар соли 237-и то милод Ин Чжэн ташкилотчии суиқасд Люй Бу-вейро аз вазифа сабукдӯш намуд. Соли 234-и то милод Люй Бу-вей худкушӣ кард.

Баъди пахши бераҳмонаи шӯришгарон ва ҷорӣ намудани тартибот дар дохили кишвар, Ин Чжэн ба ғасби шоҳигариҳои дигар даст зад. Дар ин давра дар боргоҳи шоҳ Ли Си, дастпарвари шоҳигарии Чу, нуфузи зиёде дошт. Вай дар амалӣ кардани чорабиниҳои дохилию хориҷии Ин Чжэн хеле фаъол буд.

Дар соли 230-и то милод Ин Чжэн бо тавсияи Ли Си ба шоҳигарии Хон артиши тавоноеро сафарбар намуд. Ҷангиёни Хон шикаст хӯрданд, шоҳ асир афтод. Ин нахустин давлат буд, ки Тсин ғасб кард. Солҳои минбаъда вай шоҳигарии Чжао, Вей, Ян, Тсиро ба қаламрави кишвараш пайваст. Соли 221-и то милод муттаҳидсозии давлатҳои хурд-хурди Чин ба як империяи бузургу тавоно бо ғалаба анҷом пазируфт.

Ин Чжэн медонист, ки кишвари бузургро танҳо бо нерӯи ҳарбӣ идора намудан мушкил. Аз ин рӯ, якчанд чорабиниҳои муҳимро анҷом дод. Пеш аз ҳама фармоне баровард ва дар он ҳамаи «гуноҳ»-ҳои шаш нафар шоҳи мағлубгаштаро, ки гӯё дар кишвари паҳновар маъвои фитна буданд, ошкор сохт. Бо ин вай худро дар назди халқ фаришта нишон медод. Сипас, аз пайи унвони олӣ шуд. Худро императори кабир-хуандӣ-эълон кард. Бо ин гуфтанӣ мешуд, ки ҳукмрониаш ба қудрати Парвардигор вобаста аст. Азбаски вай нахустимператори хонадони Тсин ба ҳисоб мерафт, Ши Хуандӣ, Императори якум, унвон гирифт.

Соли 221-и то милод Тсин Ши Хуандӣ оид ба мусодираи яроқи тамоми аҳолии кишвараш фармон содир кард. Бо ин роҳ

артиши боқимондаи шаш давлати собиқро низ пурра беяроқ намуд. Яроқҳоро дар кӯраҳо гудохта, аз онҳо зангӯлаҳою ҳайкалчаҳо сохтанд.

Аз ҷангҳои байнихудӣ тарсида, император ба ягон писараш замин набахшид, тамоми ҳукуматро дар дасти худ нигоҳ медошт. Инчунин, кулли қонунҳои пешинаро аз эътибор соқит намуда, барои империяаш қонунҳои нави ягона ҷорӣ кард. Император ҳукмрони мутлақ буду дигар кормандони дастгоҳ танҳо иҷрочии фармонҳои ӯ ба ҳисоб мерафтанд.

Император ҷангро дар ду самт-шимол ва ҷануб идома мебахшид. Дар шимол бештар ҷангҳои ҳимоявӣ мебурд. Ниҳоят дар соли 214-и то милод ба ҷанговарони ӯ муяссар гашт, ки сарҳади шимолии Чинро аз нав мисли давраи Чжани-о барқарор созанд.

Барои аз душман, ҳуҷуми барқосои кӯчманчиён, муҳофизат намудани шимоли кишвар Тсин Ши Хуандӣ тасмим гирифт, ки девори муҳофизатӣ бунёд намояд. Масоҳати сарҳади шимолӣ ба 10000 ли мерасид. Ибораи «Ваняи чангэн»- «Девори дарозиаш 10000 ли» аз ҳамин ҷо пайдо гашт, ки онро аврупоиён Девори бузурги Чин меноманд. Сохтмони девор соли 215-и то милод, вақте ки артиши сесадҳазораи сипаҳсолор Мен Таня расида омад, оғоз ёфт. Дар баробари аскарҳо асирони ҳарбӣ, маҳбусон, ғуломони давлатӣ ва аҳолии ҷомеаҳо, ки барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ сафарбар мешуданд, девор мебардоштанд.

Барои сари вақт расонидани артиш ба маҳали сохтмон, соли 212-и то милод бунёди шоҳроҳ оғоз гашт. Роҳ маркази кишварро бо шимол пайваст.

Дар ҷануб бошад, қабилаҳои сернуфузи Юэ ва давлати Аулак, ки дар шимолу ҷануби нимҷазираи Ҳиндухитой доман густурда буд, объекти забткории тсиниҳо шуданд. Се соли аввали ҷанг он қадар натиҷаи дилхоҳ набахшид. Танҳо боз як кӯшиши тсиниҳо дар соли 214-и то милод имкон дод, ки Намвет ва қисми шимолу ҷануби Аулак ба империя ҳамроҳ гардад.

Кишвар хеле васеъ шуд. Барои нигоҳ доштани он император ҳаҷми андозро зиёд намуд. Акнун аз се ду ҳиссаи маҳсулоти замин ба ҳисоби андоз пардохта мешуд. Кишоварзон ба ғуломони давлат табдил мееёфтанд. Ғуломдорон ҳам дар канор намонданд. Ғуломони онҳо низ ба корҳои давлатӣ сафарбар мешуданд.

Аҳолӣ бо тамоми қувва мекӯшид, ки аз иҷрои корҳои маҷбурӣ гурезад. Категорияи нави одамон-буванжэнҳо (одамони пинҳоншуда) пайдо гашт.

Дар Чин системаи ба кафилӣ гирифтан рӯйи кор омад. Мувофиқи он дар ҳолати рӯй додани ҷиноят кулли ашхоси бо ҷинояткор робитадошта, ба монанди: падар, модар, завҷа, фарзандон, бародарони бузургу кӯчак, яъне ки ҳамаи узви оила ба ғуломони давлатӣ табдил мееёфтанд. Ба ин масъала Тсин Ши Хуандӣ аҳамияти хоса медод. Дар як матни обидаи Ланята дар васфи император омадааст: «...кафилии тарафайни хешу табор буд, ки ба шарофати он дар мамлакат ҷинояткорӣ (ҷинояткорон) ва роҳзанӣ барҳам хӯрданд».

Дар соли 213-и то милод Тсин Ши Хуандӣ боз як фармоне ба имзо расонд, ки мувофиқи он хизматчии давлатии ҷиноятро рӯйпӯшкарда низ ба мисли ҷинояткор ҷазо мегирифт. Бо ин амал император пеши роҳи суиқасди хизматчиёни давлатиро бастанӣ мешуд.

Ҳукми қатл бештар ба ҷинояти зиддиҳукуматӣ содир мегашт. Дигар ҷинояткорон, чӣ марду чӣ зан, ба сохтмони Девори бузурги Чин сафарбар мешуданд.

Дар охирҳои зиндагии Тсин Ши Хуандӣ муборизаи идеологии ҷонибдорони таълимоти Конфутсий бо «фатсзя»-и идеологияи давлатӣ хеле тезутунд гашт. Давлатдорон бисёр адабиёти конфутсийҳоро, ки дар китобхонаҳои шахсӣ маҳфуз буданд, оташ заданд.

Баъди воқиаҳои соли 213-и то милод император дигар ба маслиҳати машваратчиён гӯш намекард, танҳо худаш ҳукм ме-

баровард, зулм болу пар мезад. Мувофиқи ахбори Сим Тсян Тсин Ши Хуандӣ нерӯи зиёди заҳматкашӣ дошт, ҳар рӯз на кам аз 30 килограмм ҳуҷҷатҳои гуногун ва маърӯзаҳоро хонда, қарорҳо қабул мекард.

Дар охирҳои умр ба ҳама бо шубҳа назар меафканд. Касе дар куҷо хобиданашро намедонист. Тобистони соли 210-и то милод Тсин Ши Хуандӣ дар Шатсю вафот кард. Дар кишвар ошӯб ба амал омад ва он ба шӯриши халқӣ мубаддал гардид. Ҷанг бо забти пойтахт ва сарнагун гаштани империя дар соли 207-и то милод хотима ёфт.

Таърихдон Н.В. Александров дар ҳақи Тсин Ши Хуандӣ, ки ба умри ҷовидона сахт мӯътақид буд, навиштааст: «Дар ҷустуҷӯи «оби ҳаёт» хеле кӯшиш ба харҷ дод, бисёр дастнависҳои қадимаро таҳқиқ намуд, бо олимону мутафаккирон сӯҳбатҳо орост, баҳри ҷустуҷӯи ҷазираҳои сеҳрнок, ки он ҷо одамон гӯё то абад ҷавон мемондаанд, экспедитсияҳо фиристод. Охири охирон фармоне ба тасвиб расонд, ки император то абад зинда мемонад. Аз ин рӯ, баъди маргаш ҳам ҷасади вай дар тахт меистод ва маросимҳо тавре сурат мегирифтанд, ки гӯё ӯ зинда аст. Археологҳои Чин қабри Тсин Ши Хуандиро ёфтанд. Императорро ба дунёи дигар «армия»-и шашҳазорнафараи аскарҳои гилӣ ҳамроҳӣ мекард».

# Клеопатра

# (Солҳои зиндагиаш 69-30 то милод)

Мисриён маликаи охирини худ, намояндаи сулолаи Птолемейро то дер ёд доштанд. Деҳқонон дар тӯли якчанд қарн ба хотири Клеопатра қурбонӣ мекарданд. Ҳамчун маъшуқаи ошиқпарвар Клеопатра ба шарофати сеҳри занона ва санъати дип-



ломатӣ тавонист дар муддати бист сол истиқлолияти Мисрро аз асорати Рим нигоҳ дорад. Агар кӯшишҳои ӯ намебуданд, оташи ҷанги шаҳрвандӣ кишварро сӯхта ба хокистар табдил медод.

Симои Клеопатра, маликаи соҳибҷамолу закӣ, дар асарҳои устодони санъат В. Шекспир, Б. Шоу, Д. Теполо, П. Рубенс акси ҷовидона ёфтааст. Клеопатра (дар тарҷума «шарафманд ба шарофати падар») дар соли 69-и то милод дар оилаи шоҳи мисриён Птолемейи XI дида ба олами рӯшан кушода буд. Духтарак маълумоти комил гирифт. Ӯ бо чанд забон озодона мақсадашро баён месохт, фалсафа ва адабиётро хуб медонист, дар якчанд асбоби мусиқӣ оҳангҳо менавохт. Воқеан, ӯ духтараки бомаърифате буд, ки аз ниёгони худ ақли қобили таҳлилро ба мерос гирифтааст.

Вақте ки Клеопатра сездаҳ сол дошт, падараш аз хавфи табаддулот бо ҳамроҳии ӯ ба Рим фирор кард. Вай аз сенати Рим хоҳиш намуд, ки ба Миср лашкар кашанд. Птолемейи XI ба мақсад расид. Аммо ҳангоми бо сардории Антонио ба замини Миср қадам ниҳодани лашкари римиҳо шоҳ моҳи июли соли 51-и то милод рахти сафари охират баст. Вай тахти шоҳиро ба фарзандонаш – Клеопатра ва Птолемей – Диониси сездаҳсола васият кард. Ба анъанаи мисриён риоя намуда онҳо ҳамон лаҳза ақди никоҳ бастанд.

Соли 48-и то милод ба мураббии Птолемейи XII Пофини хоҷасарой муяссар гашт, ки аҳолии пойтахт, шаҳри Александрияро бар зидди Клеопатра шӯронад. Хоҷасарой маликаи ҷавонро ба он гунаҳкор менамуд, ки гӯё вай орзуи яккасардор будан-

ро дорад ва баҳри ба мақсад расидан ҳатто лашкари Римро ба имдод хостааст. Ба гуфти ӯ малика аллакай бо ёрии ошиқаш Гней Помпей, ки бо лақаби Кабир машҳур буд, дар ин роҳ чанд қадам ҳам гузоштааст. Гӯё малика худро ба паҳлавон бахшидааст, зеро вай ҳанӯз ҳафт сол пеш ба падари ӯ дар устувор намудани тахти Миср мадад расонда буд.

Халқи ба шӯр омада ба ҳаёти Клеопатра таҳдид мекард. Малика хост бо чанд нафар аз Александрия фирор намояд. Вале аз рафти ҳодиса Юлий Сезар бохабар гашта, ба Птолемейи XII ва Клеопатра фармон дод, ки сипоҳиёнашонро пароканда созанду шахсан ба наздаш омада ҳисобот диҳанд.

Нахустин вохӯрии римӣ бо мисрӣ қариб то субҳ тӯл кашид... Клеопатра шарбати нусрат чашид. Ӯ ҳамагӣ нуздаҳро пур карда буд. Зебоии шигифтангезу дилрабояш нерӯи мағлубнопазире дошт. Агар илова намоем, ки лаҳнаш бaсо маҳину мусиқиваш буд, ошкор мегардад, ки чаро Юлий Сезар ақлашро ба як бор бохт.

Ошӯб новобаста ба кӯшишҳои Сезар хомӯш нагашт, баракс миёни римиҳою мисриҳо ҳарбу зарб ба вуқӯъ пайваст. Сезар ва Клеопатра дар қаср, дар муҳосира монданд, вале мадади ҳарбӣ сари вақт расид. Птолемейи XII дар Нил ғарқ шуд. Ҳамин тавр ҷанг, ки дар таърих бо номи «Ҷанги Клеопатра» машҳур гашт, хотима ёфт.

Сарлашкар дар Александрия тартиботро ҷорӣ намуд. Барои он ки мисриёнро асабӣ насозад, зуд Клеопатраро ба бародари дуюмаш Птолемейи XIII, Неотерос, ҷавони шонздаҳсолаи касалманд, ақди никоҳ баст. Ҳам ин никоҳ ва ҳам дуҳокимиятӣ қалбакӣ буданд. Малика чун маъшуқаи Сезар монд ва танҳо бо ёрии найзаи римиҳо давлатро идора мекард.

Диктаторро ба Рим, ки он ҷо бетартибӣ ҳукм меронду хун мерехт, бозхонданд. Пас аз чанд моҳ Клеопатра писаре ба дунё овард. Ӯро Птолемей – Сезарин ном гузошт ва бо ин қасдан муносибати худро бо Сезар ба атрофиён ошкор сохт.

Баъди бозгашт ба Рим диктатор дар андак муддат маъшуқаашро пазмон гашт ва ӯро наздаш хонд. Клеопатра миёнаҳои тобистони соли 46-и то милод ҳамроҳи писар, шавҳари қалбакӣ ва аҳли рикоб назди ошиқ расид. Сезар ба маликаи Миср кӯшки боҳашамати дар соҳили рости Тибр қад кашидаро бахшид ва тамоми вақти холияш он ҷо сипарӣ мегашт. Дар Рим касе парвое надошт, ки Сезар чанд маъшуқа дорад. Аммо зани бошавҳарро маъшуқа гирифтанаш ба тамоми ҷумҳурӣ иснод овард. Дар маъбади Зӯҳра ҳайкали тиллоии «сабукпойи александрӣ» мустақар буд, ки ба он эҳтиром ба ҷо меоварданд. Таҳқири халқ кам буд, ба он таҳқири худоён зам гашт! Овоза шуд, ки гӯё Сезар писари Клеопатраро вориси қонунии худ таъин менамояд. Ба ақидаи Кассий, ҳамин овозаҳо ва ҳам рафтори худи «улёҳазрат» риштаи ҳаёти Сезарро қайчӣ заданд.

Марги Сезар орзуҳои Клеопатраро ба бод дод. Моҳи апрели соли 44-и то милод ӯ ба Александрия баргашт. Пас аз як сол бародар – шавҳараш Птолемейи XIII ногаҳон мурд. Ба марги ӯ Клеопатраро гунаҳгор донистанд, аммо ин исбот нашуд. Маликаи Миср зуд писараш Сезариони чорсоларо валиаҳд хонд.

Зебосанам ҳангоми бозгашт аз Рим бесабаб дар қалби Марк Антоний, яке аз триумвирҳо (триумвир – иттиҳоди се нафар ходими сиёсии Рими Қадим), ҷанговари далер, вале ҳардамхаёли ширинидӯст тухми муҳаббат накошта буд.

Соли 42-и то милод Марк баъди ғалаба бар Брут қаламрави Юнону Осиёи Сағирро давр мезад ва товони ҷанг меғундошт. Дар ҳама ҷо одамон ба табрикаш меомаданд. Танҳо Клеопатра бо пайк табрикномае ҳам ирсол накард.

Антоний алҳол ба торҳои муҳаббати Клеопатра напечида буд, аммо малоҳати дилбари мисрӣ дар қалбаш нақше дошт. Аз ин рӯ амр намуд, ки ҳамчун иттифоқчии Рим ба Тари Килик (мавзее дар соҳили ҷанубии Туркияи имрӯза) ояд. Ин ҷо чанд рӯз бо ҳам ишқ меварзанд. Антоний шефтаву мафтуни Клео-

патра мегардад ва сару калобаашро гум карда, аз паси маъшуқ ба Александрия меравад.

Ба ошиқон дигар чи шабу чи рӯз аз ҳам фарқ надошт. Клеопатра хуб медонист, ки то даме Антоний бо ӯст, кишвараш аз таҳдиди Рим осуда аст.

Маликаи Миср муваффақ гашт, ки тоҷи давлатдориро ба номи писараш Птолемей – Сезар ба ворисӣ супурда, аз хоҳари хурдияш Арсиноэ куллан дур шавад. Арсиноэ, ки дар Милет гуреза буд, дар маъбади Диана ба қатл расид. Мукофот соҳиби худро ёфт. Клеопатра акнун пурра ба Антоний мутааллиқ буд.

Триумвир юриши зидди парфянҳоро мавқуф гузошт, зеро сеҳри ишқи Клеопатра ӯро пойбанд нигоҳ медошт. Ҳаёти ошиқу маъшуқ дар Александрия пур аз эҳсосоти меҳру муҳаббати самимона буд, онҳо худро «беназир» меномиданд.

То даме ки триумвир дар оғӯши маликаи мисрӣ андар айшу ишрат будӣ, Фулвия, завҷаи ӯ, дар Рим дар оташи рашк месӯхт. Занаки аз назари шавҳар дур гашта тавонист нерӯ гирд орад ва ба ҷанг бархезад. Ин ҷанг дар таърих бо номи «Ҷанги Перузин» маъруф аст ва он ба фоидаи Антоний набуд. Восита филфавр таъсир расонд. Ошиқи Клеопатра ба таври оҷил сӯи Рим роҳ гирифт ва дар он ҷо аз ҳалокати завҷааш огоҳӣ ёфт. Антоний барои ба даст овардани дили Октавиан, баъдтар император Август, аз кардаҳояш пушаймон гашт ва барои хонадоршавӣ бо Октавий, хоҳари ӯ, розӣ шуд.

Се соли пур аз яъсу фироқ Клеопатра дур аз Антоний, ки аз ӯ сегоник: Александр, Клеопатра ва Птолемей дошт, зист. Маликаи дар байни зару зевар ғӯта зада, худро аз ҷониби шахсе, ки аз ҷонаш ҳам зиёда дӯст медошт, хоршуда мепиндошт. Ғам мехӯрд, вале ба атрофиён ҳиссиёти ботиниашро зоҳир намесохт, худро лоқайд нишон медод.

Охирҳои соли 36-и то милод Антоний бар зидди Сурия лашкар кашид. Вале ҳамин ки ба соҳили осиёӣ қадам гузошт, маъшуқаашро ба ёд овард. Оташи ишқ дар қалбаш аз нав шӯъла

зад, пайке фиристоду Клеопатраро наздаш хонд. Ду дил якҷо шуду онҳо дар оғӯши гарму нарми ҳамдигар лаззати ишқ чашиданд. Аммо бо фармони аз Рим расида Антоний ба ҷанг рафт. Лекин ҷудоии онҳо тӯл накашид. Сипаҳсолор Арманистонро мутеъ намуду шоҳи онро асир гирифт.

Ғалабаи худро Антоний дар Александрия якҷо бо Клеопатра бо шукӯҳу шаҳомати бузург қайд намуд ва бо ин амал ватан, сенат ва халқашро таҳқир кард. Вале триумвир парвои Рим надошт. Ҳангоми ҷашн Антоний кишварҳои забтнамудаашро ба фарзандонаш бахшид ва амр баровард, ки бо ному акси Клеопатра тангаҳо сикка зананд. Ҳатто берӯияш ба дараҷае расид, ки дар сипари ҷангиёнаш акси маликаи мисрӣ ҷилва мекард.

Октавиан аз тӯл кашидани ғоибии Антоний ба хашм омад ва ба ин Клеопатраро гунаҳгор дониста ба Александрия лашкар кашид. Ҷанги шадиду хунин ба вуқӯъ пайваст. Антоний Октавианро қариб шикаст медод. Вале Клеопатра ба сирри амалиёти ӯ сарфаҳм нарафта аз майдони муҳориба гурехт ва онҳо шикаст хӯрданд. Вақте ки Октавиан ба Александрия қадам гузошт, Антоний ба дилаш ханҷар заду дар оғӯши Клеопатра ҷон ба ҷонофарин таслим кард.

Октавиан, император, фарзандони Клеопатраро ба Рим фиристод, бо малика нисбатан меҳрубон буд. Ӯ фақат ду чиз мехост: хазинаи Мисрро, то ки ба ҷангиёнаш маош диҳад ва иштироки маликаи соҳибҷамолро дар ҷашнвора ба шарафи ғалабааш.

Баъди дафн намудани Антоний Клеопатра ба қаср омад. Ӯро ҳамчун малика пешвоз гирифтанд. Император бо вай меҳрубону боилтифот буд. Аммо аз як нафар наздикони император шунид, ки Октавиан баъди ду рӯз Клеопатраро занҷирбанд намуда, ба халқи Рим намоиш медодааст.

Дар ривояте омадааст, ки малика барои ғулом нашудану тантанаи душманро надидан, фармудааст барояш дар сабат мори заҳрнок биёранд. Ва ӯ аз газидани мор мурдааст

# Пётри I

# (Солҳои зиндагиаш 1672-1725)



Пётри I, арбоби барҷастаи давлатӣ, сипаҳсолор ва баҳрнаварди боистеъдод, иштирокчии бевоситаи чандин муҳорибаҳои шадид буда, ба шарофати бозсозӣ ва ислоҳоти ӯ Русия унвони кишвари бузургро соҳиб гашт ва дар муносибатҳои байналмилалӣ мавқеи сазовор пайдо намуд.

Дар замони ҳукмронии Пётри I тарзи нави фоидаовари идораи давлат ва тақсимоти маъмуриву ҳудудии мамлакат сурат гирифт. таҷрибаи кишварҳои хориҷиро эҷодкорона истифода бурда, бисёр заводу фабрикаҳо, конҳои маъдан, корхонаҳои киштисозӣ, каналҳои обёрӣ бунёд намуданд.

Пётри I ба сохтмони киштиҳои ҷангӣ ва тартиб додани артиши доимӣ шахсан роҳбарӣ мекард. Ба шарофати ғалабаҳои паиҳам Русия соҳиби «роҳ»-ҳои баҳрӣ шуд ва аз ин баъд бемамониат бо дигар давлатҳо тиҷоратро ба роҳ монд. Дар замине, ки ҷанг карда ба даст оварда буд, пойтахти нав-шаҳри Санкт-Петербург қомат афрохт.

Бо ташаббуси Пётри I бисёр муассисаҳои таълимӣ, Академияи илмҳо таъсис ёфтанд, алифбои шаҳрвандӣ қабул шуд, рӯзномаҳои нахустин, аввалин театри доимӣ ба фаъолият пардохтанд, чопи китобҳо афзуд.

Пётр Алексеевич Романов, нахустимператори умумирусия, 30 майи соли 1672, аз никоҳи дуюми шоҳ Алексей Михайлович

бо Наталя Кирилловна Наришкина, дастпарвари боярин А.С.-Матвеев, таваллуд ёфтааст. Аз никоҳи якум бо Маря Милославская шоҳ ду писару як духтар (Фёдор, Иван, Софя) дошт. Вале як писар касалманд буду дигаре ноқисулақл. Аз ин рӯ тамоми умед ба Пётр буд, вай бояд чун ворисӣ арзандаи тахту тоҷ ба воя мерасид. Вале таълими шоҳзода суст сурат мегирифт. Ҳатто маълум аст, ки бача соли 1683 ҳам ҳанӯз алифбо мехонд. То охири умр вай ба имлою грамматика эътибор намедод. Аммо аз бачагӣ ба амалиётҳои ҳарбӣ ва нақоразанӣ шавқи беандоза зоҳир месохт. Соатҳои зиёд савори «асп»-и чӯбин, ки яке аз машғулиятҳои анъанавии оилаи шоҳон ба ҳисоб мерафт, медавид.

Соли 1676 шоҳ Алексей Михайлович мурд. Ба тахти шоҳӣ Фёдор Алексеевич нишаст, аммо вай ҳам соли 1682 ҷон ба ҷонофарин супурд. Ҳамин тавр дар даҳсолагӣ Пётри I бо бародараш Иван шоҳи Русия эълон гашт. Ба ду нафар будани шоҳ шоҳдухтар Софя исрор намуд ва пас аз он лаҷоми ҳукмрониро пурра ба даст гирифт. Ҷонибдорони Пётр аз давлатдорӣ барканор шуданд.

Малика Наталя ҳамроҳи писараш ба деҳаи Преображенскии назди Маскав кӯчид. Аз рӯи гуфти княз Куракин, хеши малика, Наталя «боақл набуд». Вай танҳо ба тарбияи ҷисмонии фарзанд аҳамият медод. Пётр ҳамеша дар иҳотаи паҳлавонони ҷавон, бачаҳои ҳузарби болобаланд мегашт, донишмандону «ашхоси шинохта» дар канор монданд.

Солҳои 1683-1685 аз ҳисоби шиносҳо ва ихтиёриён дар деҳаҳои Преображенский ва Семёновский ду полки ҷангӣ сомон ёфт. Онҳо дар оянда асоси гвардияи Пётри I -ро ташкил доданд. Пётр фаъолияти ҳарбиашро аз аскари қаторӣ оғоз бахшид, нақорачии полк буд. Аммо ҳамон вақт ҳам ба техникаи ҳарбӣ, махсусан ба артиллерия таваҷҷӯҳи хоса дошт.

27 январи соли 1689, ҳанӯз ба синни 17 нарасида, Пётр бо Е.Ф.Лопухина, духтари дворянини майдамулк, хонадор мешавад.

Арӯс ба хушдоман тамоман маъқул набуд. Аз ин рӯ зиндагии хушбахтонаи навхонадорон ҳамагӣ як сол тӯл кашид. Пётр дар ҷойи хизмати ҳарбӣ мезист. Баъд ба киштисозию баҳрнавардӣ шавқ пайдо кард. Аз анбори Измайлово киштичаи яксутуна ёфт. Онро бо ёрии устои ҳолландӣ Брант таъмир намуд, дар дарёи Яуза ва кӯли Переяславск киштиронӣ омӯхт. Дар кӯл корхонаи киштисозӣ сохт. Ду дафъа ба баҳри Сафед баромад ва пас аз чанд сол дар Архангелск корхонаи дигари киштисозӣ бунёд гардид.

Пётр дар идораи корҳои давлатӣ даст надошт. Дар аҳди ноибуссалтанаи Софя Пётр танҳо дар тантанаҳои идона ширкат меварзид. Баъди ба балоғат расидани бародар ташвишу хавотирии Софя афзуд. Ӯ мехост лаҷоми ҳукмрониро ҳамешагӣ дар панҷааш нигоҳ дорад.

Шаби 8 августи соли 1689 Пётр дар Преображенск бо хабари даҳшатнок аз хоб бедор карда шуд: хоҳар бар зидди бародар тирандозонро фиристодааст. Ӯ бо либоси хоб савори асп ба ҷангал гурехт. Таърихнигорон мегӯянд, ки ин аввалин ва охирин тарси Пётр аз ҷонаш буд.

Баъди ба худ омадан Пётр шӯришро бераҳмона пахш кард. Дайр манзили малика Софя шуд. Иван ба номаш шоҳ буд, Пётр ҳукуматро пурра ба даст гирифт.

Соли 1695 Русия барои роҳ ёфтан ба баҳри Сиёҳ бо Туркия ба ҷанг даромад. Вале бе киштиҳои ҷангӣ русҳо ба комёбӣ даст наёфтанд. Аз ин рӯ  Пётр сохтани киштиҳоро дар наздикии Воронеж фармуд. Дар андак замон дастаи киштиҳои ҷангӣ бунёд ёфт. Киштии «Апостол Пётр» 36 тӯбхона дошт. Моҳи июни соли 1696 ин даста дар баҳри Азов ба ҷанг пайваст. Роҳи баҳрӣ барои Русия дар ҷануб кушода шуд.

Соли 1696, баъди вафоти бародараш Иван, Пётр шоҳи ягонаи Русия мешавад ва ҳамон сол ба Аврупои Ғарбӣ меравад. Пётр бо лақабҳои «бомбардир»-у «капитан» дар баҳри Азов меҷангид. Ба Аврупо ба сифати «волонтёр Пётр Михайлов» ҳамроҳи сафирон омад.

Аз сафорат бо чанд нафар наздикон Пётр ба тамошои шаҳри Саардами Ҳолланд баромад. Ҳамчун дуредгар ба коргоҳи киштисозӣ шомил гашт. Вай дар ин ҷо рӯзҳои истироҳат заводу фабрикаҳо, сеххои ҷӯббуриро аз назар мегузаронд. Баъд ба Амстердам омад, чор моҳ ҳамчун коргари оддӣ киштӣ сохт.

Моҳи январи соли 1698 ба Англия шино кард. Дар Дептфорд сеюним моҳ машғули киштисозӣ шуд. Дониши андӯхтаашро сайқал бахшид. Дар ин ҷо низ ба заводҳо мерафт. Порлумон ва Донишгоҳи Оксфордро дид. Илми математика омӯхт. Дар устохонаҳо бо устоҳо ҳамсӯҳбат гашт, онҳоро ба кор ба Русия хонд.

Овозаи шӯриши тирандозони Маскав сафари Пётрро кӯтоҳ намуд. Вақте ки ӯ ба пойтахти кишвар омад, шӯриш пахш шуда буд. Мӯйи сари Софяро тарошиданд. Аз фурсат истифода бурда, Пётр мӯйи сари завҷаашро низ тарошонд ва муқими дайр гардонд.

Пётр роҳи бозсозиро пеш гирифт. Ӯ мефаҳмид, ки танҳо илму дониш, фарҳанг Русияро пеш мебарад. Мактабҳои зиёде кушод. Дар Ҳолландия матбааи русӣ фаъол шуд, ки барои Русия китобҳои дарсӣ, харитаҳои ҷуғрофӣ, нақшаҳо нашр мекард. Дар Маскав мактабҳои омӯзиши математика ва баҳрнавардӣ ба кор пардохтанд. Соли 1702 нахустин рӯзномаи русии «Ведомости» аз чоп баромад.

Аммо то ин вақт бо Англияю Ҳолландия бар зидди Туркия созишнома ба имзо нарасид. Аз ин рӯ соли 1700 Русия бо Туркия сулҳ баст ва бо Шветсия ба ҷанг андаромад. Соли 1703 дар резишгоҳи дарёи Нева ба бунёди шаҳри нав пардохт ва ба он Санкт-Петербург ном гузошт. Нахуст қалъаи Петропавловскро бо шаш истеҳкомаш сохт. Ҳамсафи содиқтаринаш А.Меншиковро губернатори Санкт-Петербург таъин намуд. Ҳамон сол аввалин киштии тиҷоратии ҳолландӣ дар ин ҷо лангар партофт. Бо бунёди Санкт-Петербург Пётри I «ба Аврупо тиреза кушод». Ҳамин гуна баҳо гирифт ин амали

басо муҳими шоҳ дар таърих. Соли 1708 мамлакат ба губернияҳо тақсим шуд.

Соли 1709 дар наздикии Полтава муҳорибаи қатъӣ бо шведҳо ба амал омад. Пётр асп медавонду сарбозонро рӯҳбаланд менамуд. Дар ҳамин ҳолат суханони болдори ӯ зода шуданд: «Шумо барои Пётр не, барои давлат, ки идора карданаш ба Пётр вогузор гаштааст, меҷангед. Дар хусуси Пётр дониста гиред, ки барои ӯ ҷон азиз нест, ҳаминаш басанда аст, ки Русия зинда, шараф, номус ва дороии вай поянда бошад!»

Ғалаба имкон дод, ки Русия дар баҳри Балтик мавқеашро устувор созад. Акнун кишварҳои Аврупо ба Русия бо чашми кам назар наафканда, онро баробари худ медиданд.

Соли 1721 созишномаи сулҳ баста шуд ва он ба «ҷанги шимолӣ» нуқта гузошт. Барои ин ғалаба Пётри I унвони «Падари Ватан, Императори умумирусия, Пётри Кабир»-ро гирифт ва ба ҳаёти осоишта баргашт. Ба сохтмони корхонаҳои саноатӣ, рушди кишоварзӣ, маориф аҳамият медод. Соли 1711 дар оғози ҷанг, сенат созмон дода буд, ки ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ ба шумор мерафт. Дар охири давраи ҳукмронии Пётри Кабир қариб 200 мануфактур: маъдангудозӣ, коркарди оҳан, газвору моҳут, абрешим, шиша ва ғайраҳо амал мекард. Ба соҳибони онҳо имтиёзҳои зиёде дода буд. Соли 1724 Академияи илмҳо таъсис ёфт.

Ҳаёти шахсии Пётр низ дигар шуд. Соли 1712 бо латишзан Марта Скавронская, ки баъдтар император Екатеринаи I унвон гирифт, оила сохт. Аз насли зиёд танҳо ду духтар-Анна ва Елизавета (императори оянда Елизавета Петровна) зинда монд. Пётр завҷаашро хеле дӯст медошт. Соли 1724 ҳатто маросими тоҷгузорӣ созмон дода, тахти шоҳиро ба завҷааш васият карда буд. Аммо пеш аз вафоташ ӯ хиёнати занашро бо В.Монс пай бурд. Дуюмӣ қатл шуд. Моҳи декабр Лефорт дар хусуси ҷуфти шоҳӣ навишта буд: «Онҳо қариб бо ҳам ҳарф намезананд, якҷоя ғизо намехӯранд, намехуспанд».

Соли 1725 Пётри I ҳангоми ба об сар додани киштӣ шамол мекашад. Дар ҷойгоҳи беморӣ ҳис мекунад, ки паймонааш пур шудааст. Фармон медиҳад, ки барои сабти супориши охирин коғаз оранд. Вай танҳо ба навиштани ду калима фурсат меёбад: «Диҳед ҳамаи...». Император дар хусуси ворисаш васияте накарда, аз олам даргузашт.



# Ҷорҷ Вашингтон

## (Солҳои зиндагиаш 1732-1799)

Хирад ва иродаи Ҷорҷ Вашингтон, пешвои беназири амалиётҳои ҳарбӣ буданаш, муҳоҷирони амрикоиро дар мубориза баҳри истиқлолият ба ғалаба овард. Ба сифати нахустин президенти ИМА вай ба муттаҳидшавии миллат ва эҳёи мамлакати нав мусоидат намуд.

Ба шарафи Вашингтон пойтахти кишвар, иёлат, кӯл ва ҷазираҳо, кӯҳ ва дара, бисёр мавзеъҳои аҳолинишин, коллеҷу донишгоҳҳо, кӯчаю хиёбонҳо номгузорӣ шудаанд.

Ҷорҷ Вашингтон 22 феврали соли 1732 дар Вирҷиния, ки падараш Августин дар ин ҷо аз мулки граф Вест Морленд замин харида буд, ба дунё омад. Модараш Мэри зани дуюми Августин ба шумор мерафт.

Пас аз се соли таваллуди Ҷорҷ оилаи онҳо ба Хантинг-Крик, ба замини назди соҳили дарёи Потомак кӯчид. Соли 1738 аҳли оила ба Ферри-Фарм, панҷоҳ километр ҷанубтар, омад.

Дар синни ёздаҳ Ҷорҷ аз падар маҳрум гашт. Ҳамроҳи ӯ, ки фарзанди калонӣ буд, дар оила боз се писару як духтар монд. Ба шакл гирифтани шахсияти вай ҳанӯз аз шашсолагиаш бародари ӯгаяш Лоуренс, ки баъдтар ба қисми бештари мерос соҳиб шуд, нақши носутурдание гузошт. Пас аз фавти падар Лоуренс Хантинг - Крикро ба Маунт - Вернон табдил дод. Пас аз чанд моҳи марги шавҳараш Мэри Ҷорҷро ба назди бародарони ӯгай гуселонид.

Ҷорҷ дар муҳити хона тарбият ёфт, савод омӯхт, махсусан дар омӯзиши фанни математика комёб гашт. Ин ба вай имкон бахшид, ки дар оғози баҳори соли 1748 ҳамчун ёвари топограф дар чен кардани қитъаҳои ҷудогонаи замин ширкат варзад. Зимистони ҳамон сол дар коллеҷи Вилямсбург имтиҳон супурда, шаҳодатномаи заминпаймо гирифт. Бо ёрии Лоуренс дар мулки графии Калпепер танобчӣ таъин шуд. Моҳи сентябри соли 1751 Вашингтон ба Барбадос сафар намуд. Ӯ ҳамсафари Лоуренс буд. Бародараш мехост пас аз маризӣ саломатиашро беҳбудӣ бахшад. Вале орзуяш ҷомаи амал напӯшид. Лоуренс моҳи июли соли 1752 аз олам чашм пӯшид. Ҷорҷ ҳам ба шакли сабуктари беморни нағзак гирифтор шуд.

Пас аз вафоти бародараш Ҷорҷ ба мулки Маунт-Вернон соҳиб гашт. Ҳамон соли 1752 майори дастаи ихтиёриёни маҳаллӣ интихоб гардид ва дар ҷанги ҳафтсолаи зидди французҳо ширкат варзид. Зуд ҳамчун афсари болаёқат обрӯ ёфт, унвони полковникӣ гирифт. 6 январи соли 1759 ба зани 26-солаи бевамонда Марта Дандриҷ Кастис, ки соҳиби ду фарзанд – писару духтар ва бойигарии зиёд буд, оила барпо кард.

Ҷорҷ Вашингтони заминдор 16 сол ҳаёти осудаҳолона ба сар бурд. Вай аспҳои хушзоти зиёд ва сагҳои шикорӣ дошт. Вақти бештараш дар шикор сипарӣ мегашт.

Солҳои 1758-1774 ӯ вакили маҷлиси қонунгузории Виргиния интихоб мешавад. Сиёсати мустамликадорони Британияи Кабирро зери тозиёнаи танқид мегирад. Ба воридшавии чойи

Англия боҷи гумрукиро зиёд мекунанд ва ин боиси ҷанг мегардад. Вашингтон эътибор ва обрӯи беҳамто, таҷрибаи зиёди ҷангӣ дошт. Аз ин рӯ ӯро соли 1775 сарфармондеҳи армияи муҳоҷирон таъин менамоянд.

Бархӯрди фермерҳои Лексингтону аскарҳои англис 18 августи соли 1775 ба оғози ҷанг сабаб гашт. Муҳорибаи нахустини ҷиддӣ моҳи июни ҳамон сол дар Банкер-Хилл, наздикии Бостон ба вуқӯъ пайваст. Англисҳо бо вуҷуди талафоти зиёд, муҳоҷиронро шикаст доданд. Ин ҳолат ошкор сохт, ки амалиётҳои ҷангӣ бояд ба дигар тарз, қатъитару ҷиддӣ сурат гиранд. Роҳбарони муҳоҷирон 4 июли соли 1776 дар Филаделфия ҷамъ омада «Декларатсияи истиқлолият»-ро қабул намуданд, ки он Амрикоро давлати соҳибистиқлол эълон медошт. Ва ҳам қарор шуд, ки артиши доимӣ созмон дода шавад ва Ҷорҷ Вашингтон сарфармондеҳ таъин гардад. Умуман, тамоми музаффариятҳо баҳри истиқлолияти давлатии Амрико ба номи ӯ пайванданд.

Вашингтон дарк сохт, ки дар ин ҷанг на танҳо нақши артиш муҳим аст. «Ҳамеша вазъи рӯҳии халқро ба эътибор бояд гирифт, - мегуфт вай, - агар он ба рафти амалиёти ҷангии мо халал ворид насозад. Ин ба он намуди ҷанге, ки мо пеш мебарем, бисёр муҳим аст. Ҳисси ботинӣ ва омодагӣ ба ҷонбозӣ дар бисёр ҳолатҳо ҷойи маҷбурсозиро мегиранд».

Интизоми ҳарбиро дар мадди аввал мегузошт. Дар рӯбарӯи аскарҳо Вашингтон фармондеҳи сангдил метофт. Дар байни наваскарони қаторӣ носазогӯиро решакан ва озодагии ахлоқро ҷорӣ мекард, аммо аз дидани одатҳои ғайриҳарбии афсарон чашм мепӯшид.

Вай конгресси қитъавиро талқин менамуд: «Ба одамон итоат накардан ба сардорони обрӯнадошта хос аст. Танҳо ҷавонмардони давлатманд, дастпарварони оилаҳои арзанда ҳамчун афсар одатан фоида меоранд». Вашингтон ба баланд бардоштани моҳонаи афсарон аз ҷониби конгрес комёб гашт. Вале ба ӯ муяссар нашуд, ки ба зудӣ артиши пурқуввати интизоми

оҳаниндошта созмон диҳад. Моҳи сентябри соли 1776 англисҳо дар соҳили ҷанубӣ лашкар фаровавда, ба амрикоиҳо якчанд зарбаи таъсирбахш заданд. Англисҳо бо шукӯҳу шаҳомат вориди Ню-Йорк шуданд. Дар баландии Гарлем бошад, Вашингтон бо қаҳру ғазаб мегуфт: «Ва бо инҳо ман бояд Амрикоро ҳимоят намоям! О. Парвардигори аъзам, ин чӣ артишест!».

Вашингтон навишта буд: «Як андоза ҳам ба лашкари халқӣ умед бастан, худ хандаовар аст. Одамоне, ки аз шириниҳои ҳаёт канда шудаанду ба садои яроқ одат накардаанд ва аз корҳои ҳарбӣ фарсаххо дуранд, ҳангоми бархӯрд бо артиши саропо мусаллаҳи машқдида ба воҳима афтода, ҳатто тайёранд аз сояи худ тарсида гурезанд».

Вашингтон талаб намуд, ки артиш аз ҳисоби муборизони роҳи озодӣ, ки пас аз як соли хизмати ҳарбӣ роҳи хонаашонро пеш мегиранд, ташкил наёбад. Баракс аскарони машқдидаи касбии боинтизом бояд асоси артиш бошанд.

Вакилони конгресс моҳияти талаби Вашингтонро дарк сохта, ба ташкил додани артиш дар ҳайати 88 полк ва таъминоти он дар тӯли ҷанг қарор ба тасвиб расонданд. Дар ин ҳангом 1 январи соли 1777 наздик меомад. Бояд қариб ҳамаи аскарони артиши Вашингтон хона ба хона тақсим мешуд. Вале генерал дар мавзеи Трентон ба англисҳо зарба задан хост. Албатта, мухолифон ҳеҷ гоҳ интизор набуданд, ки «артиши ба марг маҳкумгашта» қобилияти ҳуҷум кардан меёбад. Ва сахт хато хӯрданду ба шикаст мувоҷеҳ гаштанд. Боз як шикасти англисҳо дар назди Пристон ба вуқӯъ пайваст. Баъди чунин ғалабаҳои пайиҳам Вашингтонро ба сони Сезари нав ҳамду сано мехонданд.

Соли 1777 фаронсавиҳо ба ёрии амрикоиҳо киштиҳои ҷангӣ фиристоданд. Аммо ҷанг кашол меёфт. Соли 1781 аз дарбори Людовики XVI полковник Д. Лоренс, шогирди Вашингтон, ёрии пулӣ гирифт. Аввалҳои моҳи сентябр артиши 14-ҳазорнафараи амрикоиҳою фаронсавиҳо бар зидди англисҳо ҳуҷумро қувват бахшид. 19 октябри соли 1781 генерали англис Корнуэлис яроқ-

ро ба замин гузошт. Соли 1783 дар Париж шартномаи сулҳ ба имзо расид ва Иёлоти Муттаҳида истиқлолияти давлатӣ ба даст овард. Соли 1789 Ҷорҷ Вашингтон якдилона президенти ИМА интихоб шуд. 30 апрел рӯзи нахустини фаъолияти президентиаш буд. Соли 1792 бори дуюм президент интихоб гардид. Аммо бори сеюм номзадиашро ба интихоботи президентӣ гузоштан нахост, шахсан даст кашид.

Солҳои охири умри Ҷорҷ Вашингтон дар Маунт-Вернон сипарӣ шуданд. Вақте ки тирамоҳи соли 1798 муносибати Франсия бо Амрико тезутунд гашт, собиқ президент, генерал-лейтенант Ҷорҷ Вашингтон сарфармондеҳи артиши ИМА таъин гардид. 12 декабри соли 1799 Вашингтон аз рӯи одати ҳамешагӣ аспсавор ба сайри мулкаш баромад ва зери барфу борон монда, сахт шамол хӯрд ва пас аз ду рӯз дунёро падруд гуфт. Ӯро 18 декабр дар Маунт-Вернон ба хок супурданд.



# Отто фон Бисмарк

## (Солҳои зиндагиаш 1815-1898)

Сиёсат, мепиндошт Бисмарк, ин илм дар бораи корҳои имконпазир аст. Дар миёнаҳои асри XIX ба саҳнаи сиёсат қадам гузошта, вай на танҳо зарурати муттаҳидшавии Олмон, балки роҳҳои таърихии ба ин мақсад расиданро эҳсос намуд. Вай ҷонибдори ҳокими мутлақ, шоҳ буд, инқилобро қатъан рад мекард. Вай бо роҳи «инқилоб аз боло», бо роҳи ҷангҳои бе-

рунӣ рафт. Бо ҳамин тарз империяи Олмон бунёд ёфт.

Бисмарк мақсади асосиашро дар муҳайё намудани шароити мусоиди байналмилалӣ барои муттаҳидшавии Олмон медид. Фаъолияти ӯ ҳамчун сиёсатмадор ва дипломат баҳри иҷрои ҳамин маром равона гашт. Дар рафти амалисозии ин идея нишонаҳои асосии дипломатияи закиёнаи бисмаркӣ бармало аён гаштанд.

Ташкилёбии империяи Олмон дар таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатии Аврупо назари тозае ворид сохт. Олмони муттаҳидгашта ба давлати қудратманду тавоное табдил ёфт ва дар саҳнаи байналмилал нақши арзандае гузошта тавонист. Бисёр вақт Бисмаркро бо Талейран, дипломати барҷастаи асри XIX -и Франсия, монанд карданӣ мешаванд. Ба ҳар ду комёбӣ ҳамсафар буд, ҳар ду асрори хешро хуб ниҳон медошт, ҳар ду гуногунандешиҳои ҳам тарафдорон ва ҳам мухолифонашонро ба манфиати кор истифода бурда метавонист. Вале, нисбат ба франсуз, Бисмарк шахси бовиҷдон, тоза буд, бисёр кишварҳои хориҷӣ мехостанд бо пули зиёд ӯро ҷониби худ кашанд, аммо ҳамаи кӯшиши онҳо зоеъ рафт.

Отто Эдуард Леополд фон Шенхаузен Бисмарк 1 апрели соли 1815 дар кӯшки Шенхаузени маркграфии Бранденбург таваллуд ёфта буд. Вай фарзанди чаҳоруми помешик, ротмистри мустаъфӣ Фердинанд фон Бисмарк ва завҷаи ӯ Вилгелмина, духтари публитсист, профессор Менкен, ба ҳисоб мерафт.

Бачагии ӯ дар мулки аҷдодиаш Книпхофи назди Наугард, дар Померания сипарӣ шудааст. Дар шашсолагиаш ӯро ба мактаби хусусии Пламан супурданд. Модараш зуд ояндаи писарчаро муайян намуд: «Вай дипломат мешавад». Вале анъанаи авлодӣ метавонист Бисмаркро ба соҳаи ҳарбӣ ҷалб созад. Зеро дар тӯли сесад соли охир ниёгони Бисмарк дар тамоми ҷангҳои зидди Франсия иштирок доштанд. Баъдтар Бисмарк бисёр афсӯс мехӯрд, ки афсар нашуд ва ба ин модарашро гунаҳкор медонист.

Соли 1832 Бисмарк дар донишгоҳи Геттинген ба омӯзиши ҳуқуқ пардохт. Аммо дар тӯли се семестри нахуст ӯро бештар дар пивохонаҳо медиданд. Вай дар ҳамаи ҳангомаҳои кӯчагии ҷавонон даст дошт. Вақти боқиро ба шикор, шамшерзанӣ, гимнастика, аспсаворӣ мебахшид, 27 маротиба дар дуэл ҷангидааст.

Бисмарк соли 1834 ба як дӯсти овони ҷавониаш навишта буд: «Ман ё аблаҳи гузаро мешавам, ё тағйирдиҳандаи беназири Пруссия». Ӯ соли 1835 имтиҳони давлатӣ супурда, ҳуҷҷати ҳуқуқшиносӣ гирифт ва дар мақомоти округи Ахен референт таъин гашт. Аммо интизоми хизматиро бисёр вақт риоя намекард. Ба ӯ тавсия намуданд, ки хизматро дар Потсдам идома диҳад. Вале дар он ҷо ҳам бисёр тоб наовард. Баъд ба Грайфсвалд омад. Бисмарк дар донишкадаи аграрии Элден лексия мешунид. Баҳори соли 1839, пас аз иваз намудани чандин ҷойи кор ба барқарорсозии Книпхоф даст зад. Бисмарк дар мақомоти маҳаллӣ ҳамчун вакил ширкат меварзид. Дар ин давра вай ба Англия, Франсия, Италия ва Швейтсария сафар намуд. Дар Книпхоф низ вай зиндагии айёшонаро идома мебахшид. Шикор, рақс, шаробнӯшӣ ва айшу ишрат интиҳо надоштанд. Аммо ба ин нигоҳ накарда, вай ба худомӯзӣ ҳам вақт меёфт, мафтуни фалсафа ва таърих буд. Марги падар дар соли 1845 ӯро маҷбур сохт, ки бештари рӯзҳоро ба соҳаи кишоварзӣ бахшад. Моҳи декабри соли 1846 Бисмарк ба Иоганна фон Путкаммер, «зани соҳиби сиришти нодир ва ақидаи наҷибонаи беназир», хостгор шуд. 28 июли соли 1847 тӯй барпо гашт ва дере нагузашта пайи ҳам ду писар ба дунё омад.

Дар ин муддат дар ҳаёти Бисмарк боз ду тағйироти муҳим ба вуқӯъ пайваст. Вай ба Шенхаузен баргашт (соли 1845) ва вакили мақомоти маҳаллии ҳокимият- Ландтаги музофоти Саксония интихоб шуд. Аз моҳи феврали соли 1847 вай намояндагии ритсарҳои (табақаи ҳарбӣ-дворянии Аврупои Ғарбӣ) остэлбавиро дар Ландтаги муттаҳида, ки аз ҷониби шоҳ Фридрих

Вилгелми IV таъин гашта буд, иҷро мекард. Дар ин давра Бисмарк ҷонибдори ашаддии ҳокимияти подшоҳӣ ба ҳисоб мерафт: вай мепиндошт, ки шоҳони Пруссия ҳокимиятро аз Худо гирифтаанд ва аз ин рӯ танҳо дар назди Парвардигор масъуланд.

Инқилоби алангазадаи соли 1848 ӯро дар Шенхаузен ба сифати мулкдори комгор дарёфт. Дар ин замон рӯҳияи ултрароялистии Бисмарк чунон забона зада буд, ки ҳатто шоҳ барои беобрӯ нашудан аз вохӯрӣ бо ӯ мегурехт.

Нафрат доштан ба радикализм (равияи сиёсии буржуазӣ баҳри ислоҳи демократӣ) ӯро маҷбур месохт, ки зидди муттаҳидгардии немисҳо сухан гӯяд. «Мо аз пруссак будан хушбахтем ва мехоҳем пруссиягӣ бимонем»,-хитоб намуд ӯ дар порлумон ва исбот карданӣ мешуд, ки ҳукумати пруссакҳо ба амалӣ гаштани ягон хел лоиҳаи муттаҳидгардӣ роҳ намедиҳад. Вай тайёр буд, ки ҳамаи он чизеро, ки баъд аз бист сол ӯро ҷовид гардонданд, зери по намояд.

Дар замони инқилоб тафаккур ва ҷаҳонбинӣ, маърифат ва дигар хислатҳои Бисмарк рушд ёфтанд. Вай дар ҳар гуна шароит худро гум намекард, даступо намехӯрд. Ӯ дар як ҷаласаи Ландтаги муттаҳида ба рӯи мухолифинаш чунин луқмаи сӯзанда партофт: «Дар садоҳои норавшани шумо ягон бурҳони қотеъ намебинам».

Моҳи майи соли 1851 Бисмарк аввал машваратчӣ, сипас сафири Пруссия дар назди Сейми умумииттифоқӣ дар Франкфурти Майн таъин мешавад. Дар тӯли ҳашт соли сафирӣ вай бисёр нозукиҳо ва назокатҳои муносибатҳои дипломатиро омӯхт. Ягон макр, ҳила, найранг, фитна ва дасисаи печ дар печ аз чашмони ҳамабинаш пинҳон намемонд.

Дар Франкфурт, дар ин маркази ҳилаву сиёсати маккоронаву мураккаб, Бисмарк оҳиста-оҳиста дарк сохт, ки эҳёи Австрия ва Пруссия дар чаҳорчӯбаи иттиҳоди Олмон дар шакли пештарааш имконнопазир аст. Бисмарк ҳис намуд, ки маркази сиёсати Аврупо ба Париж кӯчид. Дар рафти ҷанги Қрим, тобис-

тони соли 1855 ва баъдтар, баҳори соли 1857 ба дарбори Наполеони III ташриф овард. Сафири Пруссия императорро бо гуфтору рафтор қоил намуд. Муносибати дӯстонаро бо Франсия Бисмарк «на шӯҳратпарастӣ, балки талаби худнигаҳдорӣ» мепиндошт. Нигоҳ доштани робитаи дӯстона бо Русия ва дар айни замон наранҷондани Франсия сиёсати пешгирифтаи ҳукумати Пруссия буд. Бисмарк аз ҷанг бо Русия бар манфиати Австрия бисёр хавотир мекашид.

Соли 1859 Бисмарк дар Санкт-Петербург сафир таъин мегардад. Дар рафти ҷанги Италия Бисмарк ба хулосае расид, ки Русия дар «барномаи консертии Аврупо» новобаста аз шикасташ дар ҷанги Қрим нақши калидӣ мебозад. Иқлими Петербург ба саломатии Бисмарк мувофиқ наомад. Ӯ аз Русия рафт ва наздики як сол дар Олмон зист. 22 майи соли 1862 Бисмарк сафири Пруссия дар Париж таъин гашт. Ҳамон сол сарвазири Пруссия мешавад. Пас аз вазир-президент таъин шудан Бисмарк мавқеи худро чунин иброз дошт: «Олмон ба либерализми Пруссия коре надорад, диққаташ ба нерӯи вай аст. Масъалаҳои муҳиму бузурги замона бо суханрониҳо ва қарорҳои порлумон ҳал намешаванд, ин хатоии солҳои 1848-1849 буд, баракс бо оҳану хун амалӣ мегарданд». Бисмарк аз боварии беқиёси Вилгелм дар ҳалли масъалаҳои сиёсати хориҷӣ фоида мебурд. «Ман ба мисли шумо ду даст дорам, вале дар як вақт панҷ саққочаро якбора боло партофта ва дошта наметавонам»,-мегуфт шоҳ бо шавқ ба Бисмарк.

22 январи соли 1863 дар Полша бар зидди русҳо шӯриш хест. Ин барои Бисмарк бахти ногаҳонӣ буд. Вай аз ин ҳодиса баҳри эҳёи робитаи Пруссияю Русия фоида бурд. 15 ноябри соли 1863 шоҳи Дания Фридрихи VII вафот кард ва ба тахт вориси ӯ Кристиани IX нишаст. Филфавр саволе ба миён омад: соҳиби Голштин ва Шлезвиги бо Дания ҳамроҳгашта кӣ мешавад? Аз ҷиҳати ҳуқуқӣ масъала басо торик буд. Аз он Бисмарк хуб истифода бурда тавонист. Дар рафти ҷанги соли 1864 Бис-

марк Австрияро ба ҷониби худ кашид ва Данияро маҷбур сохт, ки таслим шавад. 14 июни соли 1866 Бисмарк Иттиҳоди Олмонро ғайриқонунӣ эълон кард. 3 июли соли 1866 муҳориба ба фоидаи Пруссия анҷом ёфт. Ҳамин тариқ дар маркази Аврупо давлати абарқудрате ба миён омад. Дар Берлин ба шарафи Бисмарк ҷашн оростанд. Хизматҳои ӯ ба тарзи шоҳона қадр гаштанд. Вай аз минтақаи Руммелсбург мулки Варсинро харид.

Дар ин байн Иттиҳоди гумрукии Олмон фоидаи чашмдошти Бисмаркро муҳайё насохт.

Вакилони кишварҳои ҷанубӣ ба муттаҳидшавӣ зид мебаромаданд. Барои ваҳдати миллат ҷанг лозим буд ва Бисмарк ба ин мақсадаш расид. Дар хусуси номзад ба тахти шоҳи Испания Олмону Франсия ба як хулоса наомаданд ва ин боиси ҷанг шуд. Иттиҳоди Олмон қувват гирифт. Тирамоҳи соли 1870 ба Иттиҳоди Олмони шимолӣ давлатҳои Олмони ҷанубӣ ҳамроҳ гардиданд. Ҳамин тавр, империяи Олмон таваллуд ёфт. 18 январи соли 1871 Вилгелми I император эълон гашт. Бисмарк ба унвони княз ва мулки Фридрихер соҳиб шуд. Баъди қабули сарқонуни империяи Олмон Бисмарк дар як вақт ҳам канслери империя, сарвазир ва ҳам вазири корҳои хориҷӣ таъин шуд. Бисмарк барои эмин доштани кишвараш бо Русия, Австро-Венгрия, Италия, Англия чандин созишномаҳо ба имзо расонда, хавфи ҳуҷуми Франсияро бартараф сохт. Ба ӯ муяссар гашт, ки сулҳро дар Аврупо пойдор созад. Империяи Олмон дар сиёсати байналмилалӣ яке аз давлатҳои муқтадир гардид.

Солҳои 1881-1889 «қонунҳои иҷтимоӣ» қабул кард (дар хусуси суғуртаи коргарон, нафақаи пиронсолӣ ва маъюбӣ). Баъди вафоти Вилгелм (9 марти соли 1888) ва ҳукмронии семоҳаи Фридрихи III ба тахт Вилгелми II-и 29 сола нишаст. Бо шоҳи ҷавон кор кардан душвор гашт ва Бисмарк истеъфо дод. Вилгелми II ба ӯ унвони герсог фон Лаузенбург ва генерал-фелдмаршалиро арзонӣ дошт. Канслери маъзул ба мулкаш баргашт ва 30 июли соли 1898 ба қавли писараш Герберт «орому осуда» ин дунёро падруд гуфт.



# Маҳатма Гандӣ

## (Солҳои зиндагиаш 1869-1948)

Гандӣ, яке аз пешвоёни ҳаракати миллӣ-озодихоҳии ҳиндуён буда, ҳаёти ӯ бо таърихи муборизаи халқ баҳри истиқлолияти миллӣ сахт марбут аст. Гандизм ба барномаи муборизаи миллӣ-озодихоҳӣ табдил ёфт ва дар миқёси ҷаҳон миллионҳо нафар тарафдор пайдо кард.

Моҳандас Карамчанд Гандӣ дар Гуҷарат соли 1869, дар оилаи шахси бадавлат, ки ба табақаи савдогарони касбӣ мутааллиқ будӣ, таваллуд ёфтааст. Дар бачагӣ бисёр шармгину зудранҷ буд. Аммо тавонист дар ҳаждаҳсолагӣ озими Лондон шавад. Вай дар он ҷо маълумоти ҳуқуқшиносӣ гирифт.

Соли 1893 Гандӣ баҳри ҳимояи як ширкати англисӣ дар мурофиаи судӣ ба Африқои Ҷанубӣ сафар кард. Ӯ дар ин кишвар дарк сохт, ки чи қадар ҳиндуҳо, ҳабашҳо ва дигар намояндагони ғайрисафедпӯстон мушкилиҳои зиёди иҷтимоӣ доранд. Гандӣ ба қароре омад, ки дар Африқо, баҳри ёрӣ ба халқи оддӣ, бимонад. Вай дар ин ҷо солҳои 1893-1914 манфиатҳои ҳамватанони муҳоҷирашро ҳимоя намуд. Маҳз дар ин кишвар ақидаҳои фалсафӣ ва ҷамъиятию сиёсии Гандӣ, ки минбаъд тактикаи муборизаи ӯро бо мустамликадорони англис муайян сохт, шакл гирифтанд.

Бори нахуст дар Африқои Ҷанубӣ Гандӣ дар амал принсипҳои «ғайризӯрии ғайриҳамкорӣ» (на ба ҳукумат зӯрӣ дорем, на ба он ҷонибдорем) ё сатяграха («матонат дар роҳи ҳақиқат»)-

ро, ки дар зери таъсири воқеаҳои сиёсии оғози асри бисти Русия ҳосил шудаанд, истифода бурд.

Ба ҳодисаҳои соли 1905-и Русия баҳо дода, Гандӣ зикр сохт, ки «ҳатто сарвари пурқудрат ҳам наметавонад бе дастгирии раият ҳукмдорӣ намояд». Аз таълимоти Л.Н.Толстой Гандӣ усули муборизаи ғайризӯриро қабул кард. Соли 1908 вай маъракаи нахустини саркашии шаҳрвандонро нисбати қонунҳои иртиҷоии режими мустамликадорони Африқои Ҷанубӣ созмон дод. Ба шарофати дар Африқо бомуваффақият гузаронидани якчанд маъракаҳои шаҳрвандони бо ҳукумат ҳамкорӣ надошта, чопи мақолаҳо дар матбуот, махсусан дар маҷаллаи «Индиэн Опиниэн» («Ақидаи Ҳинд») ба дастгирии ҳаракати миллии ватанаш, номи ӯ дар Ҳинд ҳам вирди забонҳо шуд. Соли 1914 Гандӣ ба ватан баргашт. Пас аз як сол дар Аҳмадобод ӯ бо дастгирии буржуйҳои Гуҷарат маркази ташвиқотию тарғиботии идеяи сатяграха «Сатяграха-ашрам»-ро бунёд бахшид. Ӯ се маъракаи «ғайризӯрии ғайриҳамкорӣ»-ро амалӣ намуд. Аввалин соли 1915 дар князигарии Раҷкот барои манъи як қатор боҷҳои гумрукӣ, дуюмин соли 1917 баҳри ислоҳоти тарзи мардикоргирӣ ба хориҷа, сеюмин охири соли 1917 аввали соли 1918 дар Биҳор бар зидди истисмори деҳқонони Ҳинд аз ҷониби заминдорони англис ба вуқӯъ пайваст. Баъди ин маъракаҳо обрӯю эътибори сиёсии Гандӣ дар Ҳиндустон хеле боло рафт. Баромадҳои ӯ дар ниҳоди миллатгароён ҷалби оммаро дар мубориза бар зидди режими мустамликадорон ҷой намуд.

Дар рафти қиёми муборизаҳои миллӣ-озодихоҳӣ нахустин иттифоқҳои касаба ба миён омаданд. Соли 1918 бо иштироки Гандӣ Ассотсиатсияи коргарони бофанда созмон ёфт. Вай дар матбуот ва ҳамоишҳо муттасил баромад мекард. Аввали солҳои бистум Гандӣ яке аз симоҳои шинохта дар байни миллатгароёни Ҳинд буд. Вай бо бисёр забонҳои ҳиндӣ ҳарф мезад,- барои мардуми оддӣ одами худӣ буд. Дар гузашта сарватманд бошад ҳам, дар қаторахои дараҷаи сеюм ба сафар мебаромад.

Дар тӯли бист сол Гандӣ бевосита ба муборизаи зидди ҳукумати Британия сарварӣ менамуд. Дар ҷавоби репрессияи англисҳо вай 1 августи соли 1920 маъракаи саркашӣ аз итоат ба ҳукуматдоронро амалӣ кард. Маърака дар шакли митингҳо, намоишҳои оммавӣ, ҳамоишҳо дар бисёр ноҳияҳои кишвар сурат мегирифт. Маъракаро Гандӣ бе машварат бо роҳбарони Конгресси миллӣ эълон менамуд ва мегузаронд.

Муваффаққияти ҳаракати нав ба Конгресс таъсири ҷиддӣ расонд. Дар Калкутта, дар анҷумани фавқулодда аввалҳои моҳи сентябри соли 1920 пешниҳоди Гандӣ оид ба барномаи ҳамкорӣ накардан бо ҳукумат қабул гардид. Идеологияи расмии Конгресс гандизм шуд.

Соли 1922 Гандӣ ногаҳон изҳорот пахш намуд, ки мамлакат ба муборизаи ғайризӯрӣ тайёр нест. Вай қатъ гаштани маъракаи ғайриҳамкории шаҳрвандиро эълон кард. Ин қарор бо кадом сабабҳо ба миён омад? Аз як тараф, дар он давра ва дар он шароит оппозитсияи миллӣ наметавонист ба нерӯи империализм муқобил истад, аз дигар ҷониб, роҳбарони Конгресс идораи ҳаракати оммаро аз даст медод.

Дар ин муддат ба Гандӣ муяссар гашт, ки статуси кастаҳои пасттаринро тағйир диҳад. Бо ин мақсад солҳои 1924-1925 ду ҳамоиш-сатяграхаро дар мавзеи Вайк созмон бахшид. Гандӣ ба он бовар дошт, ки бояд ҳар як халқу миллат мустақилона умр ба сар барад. Вай мекӯшид ба одамон шахсан намуна бошад, аз ин рӯ, як қисми рӯзро ба бофтани либоси хонагӣ сарф мекард. Ба ақидаи вай, рушди саноат, ба мисли Аврупо дар Амрико ҳам ба истисмор, ҳарисӣ ва қашшоқӣ оварда расондааст. Соли 1925 ӯ Ассотсиатсияи умумиҳиндии риштабофии дастиро созмон дод.

Вазъи иҷтимоӣ дар кишвар муташанниҷ мегашт. Дар Лаҳор, моҳи декабри соли 1929, анҷумани Конгресс барпо шуд ва он дар хусуси идома бахшидани маъракаи ғайриҳамкории шаҳрвандӣ қарор ба тасвиб расонд. Роҳбарии маърака чун пешта-

ра ба зиммаи Гандӣ вогузор шуд. Анҷуман баҳри истиқлолияти комили кишвар қарор қабул намуд.

Яке аз воқиаҳо, ки ба Гандӣ шӯҳрати безавол овард, ба намак вобаста буд. Аҳолӣ маҷбур мешуд, ки намаки мағозаҳои ҳукуматиро бо нархи гарон бихарад, ҳол он ки онро худаш бо нархи хеле арзон истеҳсол карда метавонист. Аз ин рӯ, Гандӣ ба мавзеи Дандӣ омад, то ки аз об намак ҳосил намояд. Ҳукумат аввал ба чунин намуди эътироз аҳамияти ҷиддӣ надод. Вале ба зудӣ ҳазорҳо нафар одамон ба Гандӣ пайвастанд. «Мо баҳри Худо пеш меравем»,-иброз дошт Гандӣ. Ӯ ба ҷонибдоронаш тарзи истеҳсоли намакро меомӯзонд.

Хизматчиёни давлатии маҳаллаҳо тарки кор намуда, бо ҳамоишгарон пайвастанд. Исёни намак таъсири зиёде гузошт ба вазъи сиёсии кишвар ва он баҳои мусбати журналистони тамоми дунёро соҳиб гашт. Моҳи майи соли 1930 Гандӣ ва ҳammaслаки ӯ, раиси Конгресси миллии Ҳиндустон Ҷавоҳирлаъл Нерӯ ҳабс шуданд.

Моҳи январи соли 1931 Гандӣ ба озодӣ мебарояд ва барои гуфтушунид бо давлати мустамликадор ба Лондон меравад. Англисҳо бо иғво овозаҳои бардурӯғ паҳн намуда, гуноҳи ба нокоми мувоҷеҳ гаштани гуфтушунидро ба дӯши Гандӣ ва Конгресси миллӣ партофтанӣ шуданд. Вале тирашон хок хӯрд. Аз ин рӯ, маъракаи сеюми беҳамкорӣ бо ҳукумат оғоз ёфт, аммо натиҷаи чашмрас набахшид. Зеро роҳбарони Конгресс, аз ҷумла Гандӣ ҳабс шуданд.

Моҳи октябри соли 1934 Гандӣ шартан Конгрессро тарк гуфт. Ин ба ӯ ёрӣ расонд, ки шӯҳраташро дар байни омма ҳамчун пешвои ғайриҳизбӣ нигоҳ дорад ва фузунӣ бахшад.

Моҳи апрели соли 1942 Гандӣ ба миён шиоре партофт: «Аз Ҳинд дафъ шав!». Вай изҳор намуд, ки мубориза баҳри истиқлолияти кишвар дар шакли саркашӣ аз иҷрои амру супоришҳои ҳукумат сурат мегирад ва эҳтимол аз чаҳорчӯбаи осоиштаи маъракаи беҳамкорӣ бо ҳукумат барояд. Ин аллакай таҳдид ба

мустамликадорон буд. Дар оғози моҳи август дар Бомбай Кумитаи умумиҳиндии Конгресс оид ба оғози маъракаи беҳамкорӣ бо ҳукумат қарор ба тасвиб расонд. 9 август Гандӣ ва дигар роҳбарон бо ҷурми кӯшиши табаддулоти давлатӣ намудан ба ҳабс афтоданд. Фаъолияти Конгресс расман манъ шуд. Намоишҳои оммавии зиддианглисҳо мамлакатро фаро гирифтанд. 6 майи соли 1944 Гандӣ аз маҳбас ба озодӣ баромад ва ба муборизаи зидди мустамликадорон идома бахшид. Вале мубориза мураккаб гардид. Зеро дар байни ҳиндуҳои мусалмону пайравони дигар динҳо ихтилоф ба миён омад. Гандӣ бар зидди ҷудоихоҳӣ хеле мубориза бурд, аммо бенатиҷа. Англисҳо кишвари ягонаро ба ду қисмат намуданд: Ҳиндустон ва Покистон.

Моҳи августи соли 1947 порлумони англисҳо оид ба истиқлолияти Ҳиндустон қонун ба тасвиб расонд, ки аз 15 августи ҳамон сол мавриди амал қарор гирифт. Муборизаи қаҳрамононаи халқи Ҳинд баҳри истиқлолият бо комёбӣ анҷом пазируфт.

Муҳоҷирати иҷбории аҳолии мусалмону ғайримусалмон дар байни ҳар ду доминион муносибатҳоро тезутунд намуд. Гандӣ бар зидди ин аъмол гуруснанишинӣ эълон кард. Узви созмони динии «Ҳинду маҳа сабҳа» 30 январи соли 1948 ҳангоми адои намоз ба Гандӣ сӯиқасд намуд ва ӯ ба ҳалокат расид. Куштори Гандӣ-пешвои миллӣ, «падари миллати Ҳинд» қаҳру ғазаби оммаро ба вуҷуд овард. Дар ёди халқ Гандӣ ҳамчун Маҳатмамураббӣ абадӣ нақш бастааст. Маънои дигари ин вожа «дили бузург» аст.

# Владимир Илич Улянов (Ленин)

# (Солҳои зиндагиаш 1870-1924)



Ленин ҳамчун сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ вазъият ва самти муайяни рушди таърихи башарро дар асри бист аз бисёр ҷиҳат муқаррар кард. Вай маҳаки мубориза баҳри тантанаи ғояҳои коммунистӣ буд. Ленин ташкилотчӣ ва роҳбари ҳизби болшевикон, бунёдгари нахустин давлати сотсиалистӣ дар рӯйи замин, доҳии синфи коргари байналмилал аст.

Сабабҳои хориқаи сиёсии Ленин дар чӣ зуҳур ёфтаанд? Шояд, ба ин пурсиш аз ҳама хубтар файласуфи барҷастаи рус Н.А.Бердяев посух гуфта бошад: «Дар симои ӯ нишонаҳои зиёии фирқагари рус бо аломатҳои шахсиятҳои рус, ки давлати русро сохтанӣ ва сохта буданд, пайванд ёфтаанд. Вай дар ботини хеш хислатҳои Чернишевский, Нечаев, Ткачёв, Желябов ва хусусиятҳои хоси князҳои бузурги Маскав-Пётри Кабир ва дигар ҳокимони мустабиди давлатдории русро ба ҳам омезиш дода буд... Ленин инқилобии максималист ва арбоби давлатӣ будӣ... Вай дар ниҳодаш фурӯтанӣ, ростгӯӣ, парҳезгарии шаккоконаро бо айёрии маккорона яклухт намудӣ.»

Владимир Илич Улянов (Ленин-тахаллуси ҳизбӣ ва адабӣ) 22 апрели соли 1870 дар Симбирск (Уляновск), губернияи Қазон чашм ба олами ҳастӣ кушод. Падараш омӯзгори гимназия буд, баъдтар нозири омӯзишгоҳҳои халқӣ таъин шуд. Ӯ педагоги

маъруф ва муаллифи усули оммафаҳми таълими бачаҳо ба ҳисоб мерафт. Модар ҳаёти хешро ба тарбияи фарзандон бахшид. Ӯ зане буд оқила, донандаи чандин забонҳо ва навозандаи созҳои мусиқӣ.

Дар 5-солагӣ Володя хонданро омӯхт, дар 9-солагӣ ба синфи якуми гимназияи Симбирск шомил гашт. Бо шавқи беҳамто сабақ мегирифт, лаёқаташ ҳайратовар буд ва ба таҳсил муносибати хеле ҷиддӣ дошт, ҳамеша бо тӯҳфа аз синф ба синф мегузашт.

Аллакай дар солҳои наврасӣ ба Владимир мусибати сахтеро таҳаммул намудан пеш омад. Дар 15-солагӣ аз падар, дар 17-солагӣ аз бародари калонӣ маҳрум гашт. Баҳори соли 1887 Александр Уляновро ҳабс ва баъд барои иштирокаш дар сӯиқасди зидди шоҳ қатл карданд. Қатли бародари дӯстдоштааш Владимирро ба изтироби фавқулодда овард, мушавваш намуд. Ва дар айни ҳол ин ҳодиса ҷавонро маҷбур сохт, ки роҳҳои нав ба нави муборизаро биандешад. Ӯ ба хулосае расид, ки муборизаи якка ба якка, ҳарчанд намунаи диловарист, натиҷаи чашмрас намеорад. «Не, мо бо ин роҳ намеравем»,- қатъӣ қарор дод ӯ,- бо чунин роҳ рафтан даркор нест».

Дар ин ҳангом Владимир дар синфи охирини гимназия мехонд. Ғаму андӯҳи сангинро бартараф сохта, ба таври аъло имтиҳон супурда, соҳиби медали тилло ва Номаи камол мегардад. Ҳамон сол донишҷӯи факултети ҳуқуқшиносии донишгоҳи Қазон мешавад. Дар ин ҷо бо донишҷӯёни рӯҳияи инқилобӣ дошта робита пайдо менамояд. Дар оғози моҳи декабри соли 1887 барои иштироки фаъолона дар ҳамоиши донишҷӯён аз донишгоҳ хориҷ ва ҳабс гашт. Баъдтар Владимир Илич гуфтугӯяшро бо сардори пулиси маҳаллӣ, ки ӯро ба маҳбас мебурд, чунин ба ёд овард: «Чаро шумо, одами ҷавон, ошӯб мебардоред,- маслиҳатомез гуфт ба ӯ пристав,-охир рӯ ба рӯ девор истодааст!». «Девор ҳаст, вале он пӯсидааст, тела диҳӣ, меафтад!»-посух додааст Улянов.

Ҳамин тавр дар ҳабдаҳсолагӣ ба роҳи муборизаи зидди ҳукумати подшоҳӣ рафт. Ба Кокушкино бадарға шуд, тирамоҳи соли 1888 иҷозат доданд, ки ба Қазонояд. Ба маҳфили пинҳонии инқилобӣ, ки асарҳои К.Маркс ва Ф.Энгелсро меомӯхтанд, шомил гардид.

Тирамоҳи соли 1889 оилаи Уляновҳо ба Самара кӯчид. Владимир дар ин ҷо низ бо инқилобгарон пайваст. Ҳукумати подшоҳӣ зидди таҳсили минбаъдаи ӯ буд. Аз ин рӯ Владимир пас аз дархостҳои зиёд иҷозат гирифт, ки дар донишгоҳи Петербург ба таври экстернӣ имтиҳон супорад. Якуним сол омодагӣ дид ва соли 1891 бомуваффақият аз имтиҳонҳо гузашт. Аз ҳамаи фанҳо баҳои аъло гирифт. Ба вай дипломи дараҷаи якумро муносиб донистанд. Дар Самара ба фаъолияти адвокатӣ пардохт.

Моҳи августи соли 1893 ба Петербург баргашт ва соли 1894 бо Надежда Константиновна Крупская, муаллимаи мактаби якшанбегии шабонаи коргарҷавонони паси заставаи Нева, шинос шуд ва кори умумӣ онҳоро ба ҳам наздиктар овард.

Баҳори соли 1895 бо супориши марксистони петербургӣ баҳри пайвастани робита бо гурӯҳи «Озодии меҳнат» ба хориҷа меравад. Дар Швейтсария бо аъзои гурӯҳи «Озодии меҳнат» Г.В.Плеханов ва П.Б.Акселрод вохӯрда, бо онҳо чопи маҷмӯи мақолаҳоро бо номи «Коргар» маслиҳат менамояд.

Тирамоҳи соли 1899 ба Улянов муяссар гашт, ки ҳамаи маҳфилҳои марксистии Петербургро дар як ташкилот муттаҳид созад. Ҳамин тавр «Иттифоқи муборизон барои озодии синфи коргар» бунёд ёфт ва тобистони соли 1896 нахустин намоиши 30 ҳазорнафараи коргарони фабрикаҳои бофандагии Петербургро ташкил намуд. Корпартоӣ обрӯи сотсиал-демократҳои Петербургро хеле боло бардошт.

Ҳукумати подшоҳӣ фаъолияти «Иттифоқ»-ро зери таъқиб гирифт ва ба он зарбаи сахт зад. Дар оғози моҳи декабри соли 1896 аксарияти аъзои он бо сарварии Улянов ба ҳабс афтоданд. Шумораи якуми ба нашр омодагаштаи рӯзномаи

«Рабочее дело» низ мусодира гардид. Владимир Илич зиёда аз 14 моҳ дар камераи яккасаи ҳабсхонаи Петербург зиндонӣ шуд.

13 феврали соли 1897 ҳукми суд баромад. Ба муддати се сол ба Сибири Шарқӣ бадарға намуданд. Моҳи майи соли 1897 ба деҳаи Шушенск расид. Воқеан, гумон меравад, ки Улянов тахаллуси «Ленин»-ро аз номи дарёи Лена гирифтааст.

Баъди чанд вақт ба ин ҷо Крупская низ бадарға шуд. Моҳи июли соли 1898 онҳо ақди никоҳ бастанд. Ҳанӯз дар маҳбас Улянов ба эҷоди асари калонҳаҷм даст зада буд ва онро соли 1898 бо номи «Рушди капитализм дар Русия» ба итмом расонд. Баъди анҷоми мӯҳлати бадарға Владимир Илич ба Швейтсария рафта, бо марксистон робита пайдо намуд ва дар чопи рӯзномаи «Искра» саҳм гирифт. Аз охири соли 1900 чопи рӯзнома ба роҳ монда шуд. Сотсиал-демократҳо «Искра»-ро пинҳонӣ дар Русия, дар байни коргарон паҳн мекарданд. Айни замон дар саросари Русия созмонҳои пинҳонкор фаъол гаштанд. Маҳз дар ҳамин айём (1902) бори нахуст мақолаҳо бо имзои Ленин пайдо шуданд.

Соли 1902 Ленин китоби «Чӣ бояд кард?»-ро нашр намуд ва дар он консепсияи худро ба ҳизб иброз дошт. Ҳизб ин созмони марказонидашудаи инқилобчиёни касбӣ мебошад, мегуфт ӯ.

Соли 1903 дар съезди II РСДРП ҳизб ба ду тақсим мегардад ва ҷонибдорони Ленин болшевик ном мегиранд. Ҳангоми инқилоби соли 1909 Ленин ба Русия меояд ва аз он ҷо ба Финляндия меравад. Ленин бо ҳамаи ҳизбҳои Русия, ки ба ақидааш зид мебаромаданд, муборизаи оштинопазир мебурд, ҳатто баъзе болшевиконро идеалист гуфта, сахт танқид мекард. Соли 1912 робитаро бо меншевикон ҳам пурра барканд ва ҳизбашро РСДРП (б) номид. Аз 5 майи соли 1912 рӯзномаи болшевикон «Правда» арзи ҳастӣ намуд.

Аз соли 1912 Ленин дар Австрия мезист, дар оғози ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба Швейтсария кӯчид. Дар конфронсҳои Сим-

мервалд (1915) ва Кинтал (1916) вай зарурати аз ҷанги ҷаҳонӣ ба ҷанги шаҳрвандӣ гузаштанро талқин менамуд ва исбот мекард, ки танҳо дар Русия низ сотсиализм сохтан мумкин аст. Идеяҳои худро дар асари «Империализм дараҷаи олии капитализм» иброз дошт.

Баъди инқилоби февралии соли 1917 Ленин ба Русия баргашт. 3 апрели соли 1917 ба Петроград омад ва филфавр сарварии муборизаи инқилобиро ба ӯҳда гирифт. Бо роҳи осоишта аз дасти Ҳукумати муваққатӣ ба Шӯрои намояндагони коргару солдатҳо гузаштани ҳукуматро тарғиб мекард.

Тобистони соли 1917 мавқеи Ҳукумати муваққатӣ мустаҳкам гашт. Ленин маҷбур шуд, ки пинҳон шавад. Аввал дар соҳили кӯли Разлив, сипас дар Финляндия паноҳгоҳ меёбад. Дар аввали моҳи октябри соли 1917 пинҳонӣ ба Петроград бармегардад. 24 октябр (аз рӯи солшумории кӯҳна) ба Смолний омада, шӯриши мусаллаҳонаро роҳбарӣ менамояд. Пас аз фатҳи Қасри зимистона ҳукумат ба дасти Шӯрои намояндагони коргарону солдатҳо мегузарад.

Ҳукумати нав-Шӯрои Комиссарони Халқ (Совнарком)-ро Ленин сарвар шуд. Вай дар бораи сулҳ, замин декрет қабул намуд ва баъд ба бунёди сотсиализм роҳбарӣ кард. Ба ӯ лозим меомад, ки муттасил муқобилияти шадиди ҳаммаслаконашро низ нисбати сулҳи Брест, иттифоқҳои касаба ва масъалаҳои миллӣ бартараф созад. Ленин дар ҳалли масъалаҳои басо мураккаб ва тезутунд роҳҳои ҳалли ба ҳар тараф манфиатбахшро меёфт, ӯ дар ҳалли проблемаҳо гузашт карда метавонист. Бисёр вақт баъди сипарӣ гаштани чанд муддат ба қарорҳои пешина иловаҳо, тағйирот ворид месохт ё аз баҳрашон мегузашт. Дар масъалаи сиёсати нави иқтисодӣ (НЭП) ҳамин тавр шуда буд.

30 августи соли 1918 аз ҷониби эсер Каплан ба ҷони Ленин сӯиқасд амалӣ гашт. Бо тири заҳролуд Владимир Илич захми вазнин бардошт.

Баҳори соли 1922 доҳии болшевикон ба сактаи майна дучор гашт. Охири соли 1922 аввали соли 1923 ба ҳизб васиятномаи сиёсӣ навишта, чанд пешниҳоди муҳим иброз медорад. Сипас, қариб як сол дар бистари маризӣ бо ҷисми афгор хоб меравад ва 21 январи соли 1924 мемирад.



# Иосиф Виссарионович Сталин

## (Солҳои зиндагиаш 1879-1953)

Баъзе одамон ӯро мепарастиданд, баъзеҳо нафрат доштанд, вале аз ӯ ҳама метарсид. Пас аз маргаш ҳукуматдории сталиниро ҳамчун «шахспарастӣ» баҳо доданд, яъне ҳокимии беҳудуду беназорат номиданд. Аммо новобаста аз фошсозӣ имрӯз низ муносибати одамон ба доҳии шӯравӣ мухталиф аст, аз мафтунӣ то лаънатхонист.

Чӣ тавре ки баъди марги Сталин сарвазири англис У.Черчил қайд намуд: «Русияро бо омоч соҳиб гашту бо яроқи ядроӣ вогузошт». Ақидаи Г. Киссинҷер, котиби давлатии ИМА, бошад чунин аст: «Дар ҳалли масъалаҳои сиёсати хориҷӣ Сталин аждаҳои ҳақиқӣ, аммо ниҳоятдараҷа реалист: ботаҳаммул, бофаросат ва боматонат –Ришелеи замони худ буд... Пешвоёни мамлакатҳои демократӣ бисёр вақт сарфаҳм намерафтанд, ки дар суханони вазнину каме бо оҳанги фақеҳона ироздоштаи Сталин чӣ гуна андешаҳои бераҳмонаю фаъолияти минбаъдаи мақ-

саднок ниҳонанд. Ба ҳар ҳол бераҳмӣ –натиҷаи вафодории қавӣ нисбати идеологияи коммунистӣ -ба ӯ баҳри амалӣ сохтани роҳбарии ӯҳдабароёна ҳангоми зарурат халал намерасонд».

Иосиф Виссарионович Ҷугашвилӣ (Сталин) 21 декабри соли 1879 дар шаҳрчаи гурҷии Горӣ дар оилаи Виссариони мӯзадӯз ба дунё омадааст. Екатерина Гладзе, модари ӯ, аз авлоди собиқ крепостнойҳо буд. Соли 1888 Иосифро ба омӯзишгоҳи динии маҳаллӣ супурданд. Пас аз вафоти шавҳараш Екатерина барои дарёфти маблағи таҳсили писараш машғули ҷомашӯӣ шуд.

Моҳи июни соли 1894 Иосиф омӯзишгоҳро дар сафи пешқадамон хатм намуд. Моҳи сентябри ҳамон сол ӯро ба семинарияи динии православии шаҳри Тифлис қабул карданд.

Гардиши қатъӣ дар ҳаёти Ҷугашвилӣ соли 1898, вақте ки ӯ ба узвияти созмони сотсиал –демократҳои гурҷӣ «Месаме даси» («Гурӯҳи сеюм») шомил гашт, рӯй дод. Баъдтар ин санаро Сталин вақти оғози собиқаи ҳизбиаш ҳисоб мекард.

Моҳи ноябри соли 1901 Ҷугашвилӣ узви кумитаи тифлисии ҳизби коргарии сотсиал –демократҳои Русия интихоб мегардад ва ба Батумӣ меояд. Ба худ тахаллуси Коба, номи қаҳрамони романи Александр Казбег «Падаркуш» -қасосгирандаи нерӯманд, камсухан, далерро мегирад.

Соли 1903 Иосиф Ҷугашвилӣ бо Екатерина Сванидзе, духтараки диндори оддии гурҷӣ, ақди никоҳ баст. Зан ақидаҳои инқилобии шавҳарашро намеписандид. Екатерина писар (1908) таваллуд кард, вале пас аз як сол бемор шуду фавтид. Яковро хоҳари Екатерина ба воя расонд.

Дар байни солҳои 1902-1913 Иосиф Ҷугашвилӣ шаш маротиба ҳабс ва бадарға шуд. Чор бор гурехт. Моҳи декабри соли 1905 дар Таммерфорс, шаҳри финҳо, ки он ҷо конференсияи якуми РСДРП сурат мегирифт, Ҷугашвилӣ бо В.И.Ленин шинос мешавад. Дар байни инқилобгарон Сталин аллакай ҳамчун шахси устувор, нотарс ва нисбати ҳизб вафодор ангуштнамо

буд. Коба дар тарғибу ташвиқи идеяи марксистӣ саҳм гирифт, солҳои 1906-1907 дар Закавказе чанд маротиб ба амалиёти мусодираи маблағҳо роҳбарӣ намуд. Соли 1912 Ленин ӯро ба Австрия даъват кард ва Сталин яке аз роҳбарони Кумитаи Марказӣ интихоб мешавад ва дар ин ҷо ба навиштани асари «Марксизм ва масъалаҳои миллӣ» мепардозад.

Дар ин ва дигар асарҳояш Сталин догмаҳои диниро васеъ истифода бурда, ақидаашро одӣ, равшан, мушаххас ва фаҳмо иброз доштааст. Аслан, дар ҳамаи асарҳои ӯ амиқии фикру андешаҳо ба назар намерасад.

Моҳи феврали соли 1913 дар асоси хабари махфии ҷосус Малиновский ӯ дар Петербург ҳабс мешавад ва ба кишвари Туруханск бадарға мегардад. Ана дар ҳамин давра вай тахаллуси Сталинро мегирад. Ӯ аз бадарға 12 марти соли 1917, пас аз инқилоби моҳи феврал баргашт. Дар конференсияи апрелӣ бо дастгирии Ленин Сталин узви КМ интихоб шуд. Дар конференсия Сталин оид ба масъалаи миллӣ маърӯза кард. Аммо дар инқилоби октябрӣ нақши назаррас набозид.

Дар ҳукумати нав Сталин комиссари халқӣ оид ба масъалаҳои миллӣ таъин мегардад. Аллакай дар иҷрои ҳамин вазифа вай сифатҳои диктатории худро намоиш медиҳад. Бисёриҳо дағалӣ ва тоби танқид надоштани Сталинро зикр месохтанд (масалан, коммунистони Гурҷистон). Айни замон бори нахуст Сталин дар хусуси принсипҳои сохтори давлати Шӯравӣ бо Ленин ба як хулоса намеояд. Вай ба ақидаи Ленин дар бобати принсипҳои федеролии давлатдорӣ розӣ намешавад ва бо қатъият тарзи давлатдории мухториятро талқин месохт.

Ҳангоми ҷанги шаҳрвандӣ Сталин имкон меёбад, ки лаёқати сарварии худро пурра ошкор намояд. Кумитаи Марказии ҳизб ӯро ба Саритсин барои таъминоти хӯрока мефиристад. Вай дар ин шаҳр масъалаҳои ҳарбиро низ сомон мебахшад. Ӯ, ки мутахассиси ҳарбӣ набуд, бо зӯрӣ, дӯғу дарангу таҳдид ба мақсад мерасад. Аллакай ҳамон солҳо бо фармони вай бисёр му-

тахассисони ҳарбӣ ҳамчун «коршикан»-у «зиёнкор» паронда шуданд.

Ленин барои ин сифатҳояш Сталинро гӯшмол медод, вале бисёр вақт ба ноҳияҳои хавфноктарин, агар чизеро тафтиш кардан ё ислоҳ намудан зарур ояд, ҳатман ӯро мефиристод.

Сталин дар иҷрои вазифа беҳад масъулиятшинос, шахси исроркор буд ва ҳангоми адои супориш чизе ё касе монеаш гашта наметавонист. Ин сифатҳо ба ӯ дар оянда зиёд ба кор омаданд.

Соли 1919 Сталин бо Надежда Сергеевна Аллилуева, духтари инқилобчии куҳансол Сергей Аллилуев, ки Коба бо ӯ соли 1904 шинос шуда буд, оила барпо намуд. Надежда Аллилуева, узви ҳизб аз соли 1918, ки чанд муддат дар Саритсин кор кардааст, аз шавҳараш 23 сол хурд буд. Дар оилаи онҳо Светлана ва Василий ба дунё омаданд. Соли 1932 модари онҳо худкушӣ кард, ки ин зарбаи мудҳише буд барои Иосиф Виссарионович.

Дар ин муддат Сталин аз бемории Ленин истифода бурда Котиби генералии ВКП(б) мешавад. Дар вазъияти муборизаи сиёсии дохилиҳизбӣ касе дар симои Сталин ҳарифи ҷиддиро намедид. Вай ором, боинтизом буду вазифаҳояшро содиқона сомон мебахшид. Вале Ленин дар «Васиятнома»-аш Сталинро шахси дағал, мутакаббир, худбин номида, ба роҳбарии давлату ҳизб лоиқ надонист. Сталин аз ин навиштаҳои доҳӣ бохабар буд ва коре кард, ки матни васияти Ленин дар съезд қироат нашавад. Аҷоиб, ки ҳамсафони наздиктарини Ленин низ бо Сталин ҳамфикр гардиданду хоҳиши доҳиро ба як тараф гузоштанд.

Дар байни болшевикони куҳансол, ки инқилобро омода ва амалӣ сохта буданд, муноқиша мерафт. Ва дар айни замон ба ҳизб ашхоси зиёде пайваста буданд, ки алҳол таҷрибаи кофии сиёсӣ надоштанд. Сталин ба ҳамин гуна афрод бештар такя менамуд. Ва ҳангоми ба сари қудрат омадан аз чунинҳо дастгоҳи одамони мутеъро тартиб дод.

Барои ғалаба бар ҷаҳони капиталистӣ давлати нерӯманди сотсиалистӣ бунёд кардан лозим буд. Мақсади бузург ҳар воситаро мепазируфт. Сталин бо тарзи диктаторӣ шаҳрҳои зиёд, корхонаҳои бузурги саноатӣ, заводу фабрика, колхозу совхозҳо бунёд кард.

Нахустин бор соли 1929 дар матбуот «Зери роҳбарии хирадмандонаи доҳии аъзам Сталин» барин сарлавҳаҳо падид омаданд. Баъди соли 1933 ягон мактаб, шахта ё идорае набуд, ки он ҷо сурати Сталин овезон набошад.

Пас аз муборизаҳои шадид дар съезди ХУII ҳизбӣ (1934) Сталин ҳокими мутлақ шуд. Куштори Киров бошад оғози амалиётҳои бузургҳаҷм гардид. Онҳое, ки зидди усули зӯроварӣ буданд, «душмани халқ» ном гирифта ба қатл ва ё ҳабс маҳкум мегаштанд. Дар байни ҳизбиён ва ходимони давлатӣ «тоза кардан»-и кадрҳо шурӯъ ёфт. Бухарин, Зиновев, Каменев барин ҳамсафони Сталин суд ва ба қатл маҳкум шуданд. Солҳои 1937-1938 репрессия характери оммавӣ гирифт. Қариб 43 ҳазор афсари Армияи Сурх (55 фоизи қумондонҳо ва кормандони сиёсӣ) ба ҳабс афтод.

Якшанбеи 22 июни соли 1941 ҷанг бо Олмони гитлерӣ оғоз ёфт. Сталин аз Москва ба Кунсево рафт. Чанд рӯз он ҷо монд. Мурочиатнома ба халқи шӯравӣ баҳри зарба задан ба душман аз ҷониби Молотов қироат шуд.

Моҳи якуми ҷанг 175 ҳазор километри мураббаъ хоки муқаддаси шӯравӣ ба дасти душман гузашт. Дар 15 ҳафтаи ҷанг зиёда аз 3 миллион нафар афсару аскари Армияи Сурх кушта шуд ва ба асирӣ афтод. Вале Гитлер хато кард. Сиёсати нобудсозии славянҳо муқовимати сахти партизаниро ба вуҷуд овард. Аз ин Сталин моҳирона истифода бурд. Ӯ ба халқ чунин муроҷиат намуд: «Ҳамватанони азиз, бародарон ва хоҳарон...»

19 август Сталин Сарфармондеҳи Олӣ таъин мешавад. Ғалаба хеле гарон ба даст омад. Дар ин ҷанг қариб 27 миллион шӯравӣ ҳалок гашт. Аммо мардум ҳамоно ба доҳии худ ихло-

си беандоза дошт ва номи ӯ онҳоро ба ҳар гуна қаҳрамонӣ илҳом мебахшид. Тавассути сиёсати Сталин лагери давлатҳои сотсиалистӣ ба миён омад. Моҳи августи соли 1949 бомбаи атомии ИҶШС аз санҷиш гузашт. Моҳи октябри соли 1952 анҷумани XIX КПСС барпо гашт, ки даҳ рӯз идома ёфт. Сталин танҳо нутқи хотимавӣ кард. Ӯ аллакай мариз буд. Аз бемории гипертония (ғалаёни хун) азоб мекашид. Атеросклерози рагҳои майнаи сараш шиддат меёфт.

... Дар шаби 2 марти соли 1953 кафидани раги хуни майнаи сар рӯй дод. 3 март ӯро дар боғи истироҳатиаш рӯйи фарш беҳуш ёфтанд. Ҷонканиаш чор рӯз давом кард. Субҳи 5 март Сталин аз олам даргузашт.

Ба маргаш кулли халқ сидқан гирист, қатъи назар аз ҳар гунагиҳо мардум ҳукмрони мустабиди худро дӯст медошт. Ин хориқа равшану фаҳмост. Чи хеле ки нависандаи рус М.Шолохов гуфтааст: «...шахспарастӣ буд, аммо шахсият ҳам буд».

# Искандари Мақдунӣ

# (Солҳои зиндагиаш 356-323 то милод)

Шахсияти Александри Македонӣ чи дар байни халқиятҳои Аврупо ва чи дар байни кишварҳои Шарқ беҳад машҳур буд. Дар Аврупо Александри III-ро Кабир ва бештар Александри Македонӣ ном мегирифтанд. Дар Шарқ бошад, ӯ бо унвони Искандари Зулқарнайн, ки тарҷумааш Искандари Душоха аст, маъмул аст. Вай ҳангоми зинда будан ва ҳам пас аз маргаш тасаввуроти ҳамзамонон ва наслҳои минбаъдаро ба ҳайрат андохтааст. Аз даҳон ба даҳон, аз насл ба насл дар бораи юри-



шҳо ва корномаҳои ӯ ривоятҳо интиқол меёфтанд. Сиёсати Александри Македонӣ як ҷиҳати хеле муҳим дошт. Вай ба ғайри забти кишварҳо равобити устувори тиҷоратиро ба роҳ мемонд, таъсири маданияти юнонро ба Шарқ густариш мебахшид, забони ягона (койне)-ро ҷорӣ намуд ва муваққатан баробарҳуқуқии халқҳоро эълон кард.

Дар охири моҳи июли соли 356 –и то милод Олимпиада, завҷаи шоҳ Филиппи II, писаре ба дунё овард, ки Александр ном гирифт.

Аллакай лаҳзаҳои нахустини ҳаёти тифл боиси пайдоиши ривоятҳо ва қиссаҳои ғаразнок гаштанд. Олимпиада гӯё дар хоб дида бошад, ки навиштааст Плутарх, барқе вориди батнаш гаштаву пас аз лаҳзае оташе аз вуҷудаш барҷаста саропояшро фаро гирифта ва сонияе баъд ғайб задааст. Мегӯянд Александр дар он рӯзе ба дунё омад, ки Ґеростат дар Эфес маъбади машҳури Артемидаро оташ зада буд ва ҳам дар ин рӯз ба Филипп аз се дастовард: ғалаба дар бозиҳои олимпӣ, нусрат бар қабилаи дарданҳои Иллирия ва забти Потидея аз ҷониби макдуниҳо мужда расонданд.

Александр тарбияи хоси ашрофона гирифт. Дояи шоҳзода Ланика, зани асилзодаи мақдунӣ, нахустин мураббиаш Леонид, хеши Олимпиада, буданд. Дар байни муаллимони ӯ Филиск, Алкип, Зевксид, Менехм, Полиникро ном мебаранд. Александр аз онҳо мусиқӣ, математика ва номанигориро омӯхт.

Дар даҳсолагӣ лира менавохт, достонҳои шоирони юнониро аз ёд мехонд. Театр ва санъати тасвириро хеле railсандид.

Вале ӯ дар муҳити муноқишаҳои оилавӣ ба камол расид. Пурра зери таъсири модар, Олимпиадаи мансабдӯст қарор дошт ва ба чеҳраи падар бо чашмони модар менигарист.

Филиппи II кӯшид, ки писарро ҷониби хеш кашад ва дар рӯҳияи худаш тарбия намояд. Вақте ки Александр ба синни сездаҳ расид, Арасту ба таълиму тарбияаш пардохт. Се сол Александр аз ӯ сабақ гирифт. Аз рӯйи гуфти Плутарх, Арасту ба шоҳзода илми этика ва сиёсат омӯзонд. Плутарх боз шаҳодат медиҳад, ки Арасту Александрро ба иҷрои нақши ҳукмрон -сарлашкари юнониҳо омода месохт. Барои ин махсус силсилаи лексияҳоро омода мекард.Шоҳзода «Илиада» ва «Одиссея»-ро мукаммал омӯхт. Тайёрии ҳарбии Александр зери роҳбарии падар сурат гирифт.

Соли 340-и то милод Филиппи II ҳангоми ба ҷанги зидди Перинф рафтан, идораи давлатро ба Александр вогузошт. Ӯ худро аз ҳар ҷиҳат ворнси ҳақиқии падар намоиш дод. Вале волидайн аз ҳам ҷудо шуданд ва ин зарба ба қалби шоҳзодаи ҷавон зад. Филипп бо Клеопатра, ҷияни Аттал, акди никоҳ баст. Александр аз суиқасди душман тарсида, дар Иллирия пинҳон шуд.

Муноқиша ногаҳон ҳалли худро ёфт. Соли 336-и то милод, ҳангоми тӯйи духтари Филиппи II Клеопатра ва шоҳи Эпир Александр, шоҳ Филипп ба дасти ҳамватанаш Павсаний кушта шуд. Павсаний ба шоҳ хусумати шахсӣ дошт. Вале марги шоҳ ба Олимпиадаю Александр лаҷоми ҳокимиятро мерос гузошт. Мувофиқи анъанаи мақдуниҳо Александрро дар назди қӯшунҳои сафороста шоҳ эълон карданд. Шоҳи ҷавон гуфт, ки сиёсати падарро идома мебахшад. Вай тамоми малака ва нерӯи ҷисмонию ақлониашро ба бозсозии артиш бахшид. Халқро аз ҳама гуна ӯҳдадориҳо, ғайри хизмати ҳарбӣ, озод намуд. Александр мехост, ки кишвараш соҳибистиқлол бошад, аммо мақсадаш ҳукмрони ҷаҳон шудан буд. Ӯ муттасил ба иҷрои ниятҳояш даст мезад. Шаҳру давлатчаҳои Юнон, Фессал, Фифа, Фракия, Афинаро зери итоаташ даровард. Сипас ама-

лиёти Балканро бо комёбӣ ба анҷом расонд ва кишварҳои то соҳили дарёи Дунайро мутеъ сохт. Вай 30 ҳазор навкари пиёдагард ва 5 ҳазор аскари савора ҷамъ оварда, баҳори соли 334 – и то милод бар зидди Дорои III, ҳукмрони кишвари басо бузурги Форс, ки қаламраваш аз Миср то Ҳинд тӯл мекашид, «андаромад ба ҷанг». Юнониҳо мехостанд форсҳоро шикаст дода, дар баҳри Миёназамин ва Осиёи Сағир нуфуз пайдо намоянд ва роҳи тиҷоратии байни Шарқу Ғарбро соҳиб шаванд.

Киштиҳои Александр дар наздикии Трояи машҳур лангар партофтанд, ҳангоми ба соҳил наздик омадан шоҳ найзаи дасташро ба ҳаво андохт ва он ба хоки Осиё ғӯтид. Сипас, ӯ ба соҳил ҷаҳид ва нахустин шуда ба замини матлуб қадам гузошт. «Бо найза ғасб намудани замин» ба ақидаи юнониёни аҳди қадим тӯҳфаи худоён ба ҳисоб мерафт. Ва Александр бо ин амали худ мехост дастгирии худоёнро ба забти кишварҳои бегона таъмин созад.

Ҷанг бо Доро чанд сол тӯл кашид.Ҷанговарон шоҳи худро чун Худо мепарастиданд ва ба иҷрои ҳар гуна фармони ӯ омода буданд. Онҳоро ҷасорати беандоза, далерӣ ва рафтори лоуболонаи Александр ба шигифт меовард. Ӯ ҳамеша пешопеши артиш мерафт ва навкаронро ба ҳарбу зарб мебурд. Соли 334 – и то милод артиши чилҳазораи Дороро дар соҳили дарёи Гранин торумор намуд. Баҳори соли 333–и то милод Александр бо Дорои III дар соҳили дарёи Пинар, наздикии шаҳри Исса, рӯ ба рӯ шуд. Муҳорибаи шадид ба вуқӯъ пайваст, маҳорати лашкаркашии Александр ин бор низ пирӯзӣ овард. Доро гурехт. Бисёр шаҳрҳо бе ҷанг ба шоҳи мақдунӣ сари таслим фуруд меоварданд. Танҳо шаҳри Тир ҳафт моҳ муқобилият намуд.Баъди забти он Александр сокинонро ба ғуломӣ фурӯхт ва шаҳрро оташ зад.Аҳолии Миср Александрро ҳамчун озодибахш аз зери юғи форсҳо истиқбол гирифт. Коҳинони мисрӣ ӯро писари Худо ва ҳукмрони Осиё эълон карданд.

Доро ба Александр дасти сулҳ дароз намуд. Мақдунӣ онро фишурдан нахост. Дар номааш гуфт: «Дар оянда, агар ту мак-

туб навиштан хоҳӣ, ба ман чун ба шоҳи Осиё муроҷиат намо-.Агар унвони шоҳиро аз ман гирифтан хоҳӣ, ба майдон баро, нагурез, дар куҷое, ки бошӣ, туро меёбам.»

Баъди чанд муҳориба дар шимолу шарқии Эрон Доро хост нерӯ гирд орад. Александр аз ин бохабар гашта ба он сӯ лашкар кашид. Вале Доро ба дасташ наафтод. Ашрофони форс, ки аз сиёсати шоҳ димоғсӯхта буданд, ҳангоми омад – омади мақдуниён ӯро куштанд. Ва дар ин ҳолат низ Александр бори дигар бузургии хешро намоиш дод. Вай назди ҷасади Дорои III ба зону истод ва болои майитро бо болопӯши шоҳонааш пӯшонд. Баъди ин халқи форс Александрро чун шоҳи ҳақиқӣ пазируфт.

Соли 333–и то милод Александр барои қасоси Дороро гирифтан ба Осиёи Миёна – Бохтару Суғд ҳуҷум овард. Хунрезиҳо се сол идома ёфтанд. Пас аз қатли Спитамен ва хонадор шудан ба Рухшона ба Александр муяссар гашт, ки каме нафаси осуда кашад. Баъди тасарруфи Осиёи Миёна ба воситаи қаторкӯҳи Ҳиндукуш ба хоки Ҳинд ҳамлавар шуд. Муҳорибаҳои зиёде ба вуқӯъ пайвастанд, ҳазорҳо хонаҳо сӯхтаву чандин шаҳрҳо валангор шуданд.Баъд аз ин ҷанг ба дили мақдуниҳо зад. Онҳо ёди ватан карданд. Соли 325 – и то милод Александр аз Ҳиндустон баргашт ва Вавилонро пойтахти империя баргузид. Орзу дошт, ки юришҳояшро идома бахшад. Киштиҳо месохт, сӯи Ғарб рафтан мехост. Аммо тобистони соли 323 – и то милод мариз шуду фавтид. Ҷасади шоҳро ба Миср ба шаҳри Александрия оварда, дар дахмаи бузурге ҷой намуданд.

Пас аз вафоташ империяи мӯҳташами ӯ дер наистод, пароканда шуд. Саросари кишварҳои забткардаашро шӯриши халқҳо фаро мегирифт, байни лашкаркашони мақдунӣ ихтилофҳо ба миён омаданд. Саркардаҳо ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, бо ҳам меҷангиданд, ҳар кадоми онҳо мехост аз мероси Александр луқмаи калонтаре канда гирад. Вале ин ба ягон нафари онҳо муяссар нагашт.



# Гай Юлий Сезар

## (Солҳои зиндагиаш 100-44-и то милод)

«Омадам. Дидам. Ғалаба кардам». Дар ин хабари мушаххас, ки Гай Юлий Сезар ба Рим баъди нусратёбии навбатиаш ирсол намуд, хислати ӯ ҳамчун сарлашкари ғаюру далеру собитқадам ва сиёсатмадори ба худ мутмаин акс ёфтааст.

Сезар бо нутқи кӯтоҳи бо эҳсосоти самимона баёнгашта сарбозонро ба ғалаба рӯҳбаланд гардонда метавонист, шахсан сардорони дастаҳои саднафарӣ ва ҷангиёни беҳтаринро мешинохт ва дар байни онҳо эътибор ва шӯҳрати шигифтангезеро соҳиб буд.

Ӯ яке аз сиёсатмадорони ангуштшумори беназир дар таърихи дунёст, ки дар қалби худ ба реша давондани бераҳмӣ, қасосгирӣ ва нафрат роҳ надод ва бо ҳар воситаи имконпазир баҳри манфиати давлат самтҳои мухталифи ҳамдигарфаҳмӣ ва муттаҳидшавиро меҷуст.

Таърихнигорон, нависандаҳо ва шоирон аз замонҳои қадим то ба имрӯз ба ҳаёт ва фаъолияти сарлашкарӣ ва сиёсатмадории Юлий Сезар таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир месозанд. Вай қаҳрамони асарҳои «Дар бораи ҳаёти дувоздаҳ нафар Сезар»-и Светония, «Мазҳакаи илоҳӣ»-и Данте, «Пирӯзиҳо»-и Ф. Петрарка, «Юлий Сезар»-и У. Шекспир, «Сезар ва Клеопатра»-и Б. Шоу, «Кори ҷаноби Юлий Сезар»-и Б. Брехт ва дигарон аст.

Гай Юлий Сезар соли 100-уми то милод, 12-уми моҳи квинтал, ки баъдтар ба шарафи ӯ июл номгузорӣ шуд, таваллуд ёфтааст.

Вай мутааллиқи авлоди қадиму машҳур, вале қашшоқгаштаи Юлийҳо буд. Аз бачагӣ маълумоти кофӣ гирифт. Он вақт таълим аз омӯзиши забони юнонӣ, адабиёт, фалсафа,- таърих ва ҳунари нотиқӣ иборат буд. Сезар, ки табиатан бо истеъдоди фавқулоддааш фарқ мекард, зуд дар суханварӣ вирди забонҳо гардид. Аз ҳамаи нотиқони замонааш ӯ танҳо аз Сисерон, ки машҳури омма гашта буд, қафо меистод. Худи Сисерон ба санъати суханпардозии Сезар мафтун шуда, дар як номааш навиштааст: «Кӣ нисбати ӯ бурротар ҳарф мезанад, кӣ бештар андешаҳо дорад!? Кӣ пуршукӯҳу бонафосат аст ҳангоми гуфтор!?»

Таърихдон Н.В.Самозвансев чунин нигошта: «Робитаи оилавии Сезари ҷавон мавқеи варо дар олами сиёсат муайян намуд: хоҳари падараш Юлия, завҷаи Гай Марий, ҳокими мутлақи Рим буду Корнелия, зани якуми Сезар, духтари Синней, ворисн Марий, ба ҳисоб мерафт. Соли 83-и то милод Сезар коҳини дайри Юпитер (Юпитер номи Зевс дар асотири римиёни қадим) интихоб мегардад. Диктатураи ҷоринамудаи Сулла дар соли 82-и то милод ва таъқиби ҷонибдорони Марий ба вазъи Сезар таъсири манфӣ расонд. Ӯро аз вазифаи коҳинӣ сабукдӯш ва аз Корнелия ҷудо шуданашро тақозо карданд. Сезар гардан надод. Ин оқибати нохуш овард. Амволи завҷааш мусодира гашт. Сулла ба коҳини ҷавон раҳм намуд, ҳарчанд ба ӯ бо шубҳа менигарист. «Дар ниҳоди бача бисёр Марийҳо нуҳуфтаанд», меандешид диктатор.

Баъд аз ин Сезар ба Осиёи Сағир рафта, ба хизмати ҳарбӣ шомил шуд. Дар Вафиния ва Киликия зиста, дар муҳорибаи Митилина ширкат варзид. Пас аз марги Сулла ба Рим баргашт, дар амалиётҳои судӣ баромад мекард. Баҳри сайқал додани маҳорати суханпардозӣ ба ҷазираи Родос ба шогирдии нотиқи

маъруфу шӯҳратёр Аполлоний Молон рафт. Ҳангоми бозгашт ба роҳзанҳои баҳрӣ асир афтод.

Вақте ки роҳзанҳо барои озодиаш бист талант (дар он давр ин маблағи бузург буд) талаб карданд, Сезар аз таҳти дил хандида гуфт, ки онҳо намедонанд киро асир гирифтаанд ва худаш маблағи гаравро панҷоҳ талант муайян намуд.Одамонашро барои овардани маблағ фиристоду бо як рафиқ ва ду хизматгор дар байни роҳзанҳои хунхор монд. Бо сари баланд, бовиқору таҳаммул мегашт ва роҳзанҳо ҷуръати бо ӯ ҳамгап шудан намекарданд. Сезар маблағи гаравро супурд, вале баъдтар роҳзанҳои баҳриро дар ҷанг шикаст дода, ҳамаашонро аз дами теғ гузаронд.

Баъди бозгашт ба Рим Сезар бо суханварӣ ва тӯҳфаҳои гаронбаҳо шаҳрвандони Римро сӯи худ кашид. Мақсад дошт, ки диктатор шавад ва муттасил баҳри он мекӯшид. Ӯ роҳи ягонаи ба қуллаи мурод расиданро дарёфт ва ин роҳ варо пайваста боло мебурд.

Сезар мепиндошт, ки ба намояндагони васеи табақаҳои поёнии аҳолӣ (плебейҳо) такя намуда, метавонад сохтори ҷумҳурии ашрофонро вожгун созад. Аз ин рӯ маблағро дареғ намедошт. Торафт бештар ба қарз мегӯтид, вале плебейҳоро зиёдтар сӯи худ мекашид. Вақте ки ба мансаби нахустини давлатӣ комёб гашт, қарзаш ба ҳазору сесад талант расид. Ҳангоми Эдил (яке аз вазифаҳои баландтарини давлатӣ) буданаш, Сезар баҳри қонеъ сохтани талаботи плебейҳо ба саҳнаи тамошои сирк 320 ҷуфт гладиатор баровард. Дар театр, маросими қабул ва зиёфатҳо маблағҳои бузургро сарф карда, ҳамаро ба ҳайрат меовард.

Вақте ки Понтифики Кабир, саркоҳини давлат, ба дунёи абад рахти сафар баст, Сезар хоҳиши гирифтани ин мансабро карда, номзадиашро ба интихобот пешбарӣ намуд, ҳарчанд ду нафар ҳарифи пурзӯр дошт. Дар интихобот Сезар пирӯз шуд. Бо ин вай сенат ва ашхоси номдорро ҳушёр дод, ки зарур оянд,

ҳамаро баҳри иҷрои дигар амалҳо низ сафарбар карда метавонад. Дар Рим Юлий худро чун моҳии бузург дар баҳри пурталотум озод ҳис менамуд. Ҳангоме ки дар соли 68-и то милод холааш Юлия ва завҷааш Корнелия аз дунё чашм пӯшиданд, ӯ дар Форум, майдони марказии Рим, ҳангоми ёдбуди онҳо аз ҷумла чунин иброз дошт:

«Сулолаи Юлия, холаи ман, аз ҷониби модар бо авлоди шоҳон мепайвандад, аз тарафи падарӣ ба худоёни абадзинда, зеро аз шоҳ Анка Мартсия авлоди Мартсии Рекси (шоҳон) ба вуҷуд омадаанд, ки номи онҳоро модари ӯ гирифта буд, аз Зӯҳраи олиҳа насли Юлийҳо сарчашма мегирад, ки ба он оилаи мо мутааллиқ аст. Ана барои чи авлоди мо дахлнопазиранд ба мисли шоҳон, ки пурқудрату тавоноянд нисбат ба ҳамаи одамон ва соҳибэҳтироманд ба монанди худоён, ки ба онҳо шоҳон ҳам фармонбаранд.»

Сезар муттасил боло мерафт. Соли 67 – и то милод вазифаи претор – ҳокимияти дараҷаи олии судӣ оид ба парвандаҳои шаҳрвандиро соҳиб шуд. Пас аз адои мӯҳлати яксола ҳукмронии Испанияро ба даст овард. Баъди чанд ғалабаи пайиҳам Сезар унвони олии ҳарбӣ -императорро гирифт. Акнун барои ҳокими мутлақ гаштан ӯро лозим меомад, ки аз ду ҳарифи пурзӯр халос гардад. Яке Красси фавқулодда бой, дигаре сипаҳсолори маъруф Помпей, хӯҷаинони ҳақиқии Рим, буданд. Сезари донову дурбин иттифоқи сегонаи Красс, Помпей ва Сезар –триумвиратро бар зидди ҳокимияти ашрофон созмон дод. Сезар духтари ягонааш Юлияи 23-соларо бо Гней Помпейи 46 -сола ақди никоҳ баст. Аҷибаш ин ки ҳаёти оилавии онҳо хеле хушбахтона сурат гирифт.

Бо ёрии Помпейю Красс Сезар консул интихоб мешавад ва лоиҳаи чунин қонунҳоеро пешниҳод менамояд, ки ба манфиати омма буданду ба фоидаи сенат не. Помпей ҷангиёнашро ба толори сенат ворид сохт ва қонунҳо аз ҷониби сенат ба тасвиб расиданд. Аён гашт, ки хӯҷаини ҳақиқии давлати Рим Сезар аст.

Соли 58-и то милод Сезар ҳукмронии вилояти Галлийро ба мӯҳлати панҷ сол (ба ҷойи як сол) ба даст овард, соли 55-и то милод ин муддат боз ба панҷ соли дигар тамдид гашт. Красс ба Сирия ва Помпей ба Африқою Испания соҳиб шуданд.

Сезар дар Галлий қариб даҳ сол истод. Вай қисми зиёди ин сарзаминро ба давлати Рим тобеъ намуд, 300 қабиларо мутеъ сохт, бо се миллион нафар сокини музофотҳо ҷангида, як миллион нафарро кушт, миллиони дигарро ба асирӣ гирифт. Беҳад бой шуд, артиши ҷангдидаю обутобёфтааш ҳамеша дар ҳимояаш меистод. Ягон маротиба сарбозонаш ошӯб набардоштанд, онҳо беандоза ба сарлашкарашон содиқ буданд.

Солҳое, ки Сезар аз Рим дур афтода буд, дар ин ҷо воқиаҳои муҳим рӯй доданд. Красс дар ҷанги зидди парфияниҳо кушта шуд. Юлия, духтари Сезар  аз дунё чашм пӯшид. Помпей дар Рим аз ҳама нерӯманд буд ва сенат дар ихтиёри ӯ қарор дошт. Задухӯрди байни Сезар ва Помпей пухта мерасид.

Мӯҳлати будубоши Сезар дар Галлий итмом меёфт. Сенат қарор кард, ки ӯ артишашро пароканда созад ва ҳамчун шаҳрванди оддӣ ба Рим баргардад. Вале Сезар бо нерӯи гирдовардааш ҷониби Рим роҳ гирифт. 10 январи соли 49-и то милод дар соҳили дарёи Рубикон, ки хати сарҳади музофоти Сизалпинскии Галлий ва Италия ба ҳисоб мерафт, Сезар ба ҳамсафаронаш гуфт: «Агар ман ин дарёро убур карда натавонам, нокомиҳо рӯ ба рӯ меоянд, агар убур намоям, ин оғози бадбахтии дигарон хоҳад буд». Сипас асп ба дарё андохт. Дар соҳили дигари Рубикон илова намуд: «Бигузор қуръа партофта шавад!

Ҳуҷуми ногаҳонии Сезар комёбӣ овард. Помпей ва аксари аъзои сенат ба Юнон гурехтанд. Ҷанг байни Помпей ва писарони ӯ бо Сезар соли 45-и то милод бо ғалабаи Сезар анҷом ёфт. Помпей ҳанӯз соли 48-и то милод аз ҷониби мисриён хоинона кушта шуд. Ҳамон вақт Сезар бо Клеопатра вохӯрд. Ошиқаш гашт. Аз онҳо писар, Сезарион, ба дунё омад. Сезар аз

ҷониби сенат диктатори якумраи давлати Рим эълон гашт.

Аз 1 январи соли 45-и то милод тарзи нави солшуморӣ ҷорӣ гардид ва бо номи Ҷадвали юлианӣ машҳур шуд.

Сезар бисёр душманонашро мебахшид ва онҳоро ба идораи давлат роҳ медод. Ин ба мухолифин нерӯ мебахшид. Бар зидди Сезар сӯиқасд омода мешуд. Роҳбарони он Юний Брут, Кассий Лонгин, Детсим Брут ва илҳомбахшашон Марк Туллий Сисерон- ҷонибдорони сохти ҷумҳуриявӣ буданд.

15 марти соли 44-и то милод Сезар аз дасти қотил ба марг расид. Дар ривоят аст, ки ҷасади ӯ ба зери пояи муҷассамаи Помпей, ки вай ҳам аз дасти хоинон кушта шуда буд, афтод. Император Октавиан Август, ворисе Сезар ва асосгузори империяи Рим, дар ҷое, ки ҳангоми видоъ ҷасади Сезар сӯзонда шуда буд, ибодатгоҳи мармарӣ бунёд намуд. Дар тӯли таърихи минбаъдаи империяи Рим ҳамаи императорон номи Сезарро доштанд: вожаи Сезар ба исми типӣ ва унвон табдил ёфта буд.

# Наполеон Бонапарт

# (Солҳои зиндагиаш 1769-1821)

Наполеон ташкилотчии боистеъдод ва сарлашкари бузург буд. Вай бо як маҳорати том метавонист дар лаҳзаи қулай дар ҷойи зарурӣ нисбат ба нерӯи душман бештар қувва гирд орад ва зарбаи ҳалокатбор занад, ҳарчанд дар маҷмӯъ лашкари ҳариф чанд баробар зиёд бошад ҳам.

Наполеон дар он замон эҷодгари беҳамтои амалиётҳои ҷангӣ буда, дар гурӯҳбандии қувваҳо, аз як мавқеъ ба дигар ҷойи нисбатан мувофиқ кашидани дастаҳои калонҳаҷм ва бо ин роҳ гумроҳ сохтани душман назир надошт. Вай ҳар як хатоии ночизи рақибро зуд пайхас менамуд ва филфавр ҳамон



лаҳза қарори нави тақдирсоз қабул мекард.

Наполеон Бонапарт 15 августи соли 1769 дар Корсикаи Аяччо, дар бинои хоксоронаи чорошёнаи зард таваллуд ёфтааст. Ҳамон рӯз Летисияи нуздаҳсола, завҷаи адвокати муфлисшуда Карло-Марий Бонапарт, субҳидам ба калисо рафт. Ҳангоми ибодат ҳолаташ бад шуд, дарди зодан гирифт, ҳарчанд боз ду моҳи дигар вақт буд.

Дар оилаи Бонапарт ҳашт кӯдак камол меёфт –панҷ писар ва се духтар. Наполеон бачаи беҳад кунҷков, вале гарданшаху ҷангара буд.

«Аз ҳама бештар бародари калониам Жозеф аз дасти ман ба дод меомад. Ман ӯро мезадам ва мегазидам, –ба ёд оварда буд Наполеон. –Ва ӯ боз гап ҳам мешунид. Барои он ки ман аз вай пештар ба модарам хабар мекашидам. Макру ҳила маро наҷот мебахшид».

Дар синни нӯҳсолагӣ Наполеонро ба Франсия, ба омӯзишгоҳи ҳарбӣ фиристоданд. Вай дар ин ҷо истеъдоди фавқулодда нишон дод. Ба ғайр аз забонҳои олмониву лотинӣ аз дигар фанҳо ҳамеша баҳои аъло мегирифт. Фанни дӯстдоштааш риёзиёт буд. Зиёд мехонд. Танҳо дар омӯхтани забонҳо меланггид. Ҳатто баъди императори Франсия шудан ҳам, ҳангоми гуфтугӯ бо забони французӣ на танҳо ба хатоии грамматикӣ, балки ба хатоиҳои маъноӣ ҳам роҳ медод. Аммо хотираи басо қавӣ дошт. Вай шеърҳои зиёди Корнелӣ, Расин, Волтерро азёд мехонд. Боз навиштаанд, ки Наполеон бехато номи сарбозу афсарон, моҳу соли бо онҳо дар кадом баталион якҷоя хизмат карданашро ба забон меовард.

Таърихнигорон зикр намудаанд, ки Наполеон аз хурдӣ одамгурез ва хилватгузин буд, вале ҳеҷ гоҳ намегузошт, ки ба ҳолаш касе хандад. Ҳатто аз ӯ метарсиданд, ҳол он ки вай хурдҷусса буду нерӯи зиёди ҷисмонӣ ҳам надошт. Омӯзгоронро низ маҷбур месохт, ки нуқтаи назарашро ба эътибор гиранд. Дар 11-солагиаш дар посухи дӯғу пӯписаи муаллим: «Э, худи шумо кистед?» Наполеон шаъну эътибори худро нигоҳ дошта гуфт: «Ман Одам».

Соли 1784 ӯро ба мактаби ҳарбии Париж мегузаронанд. Пас аз як сол онро бомуваффақият хатм менамояд. Унвони ҳарбии подпоручикро соҳиб мешавад ва барои идомаи хизмат ба полки артиллерии Баланс, ки дар наздикии Лион мавқеъ дошт, роҳхат мегирад.

Бе робита, бе маблағ зиндагии хоксоронае дошт. Баъди чанде падараш аз олам гузашт ва парастории аҳли оила ба дӯши ӯ афтод.

Инқилоби бузурги соли 1789-и Франсияро бо рӯҳбаландии беандоза қабул намуд ва ҷонибдори «баробарӣ ва озодӣ» гашт. Пас аз ду моҳи инқилоб ба Корсика омад, то ки диёрашро бо Франсияи инқилобӣ бипайвандад. Як ҷо бо бародаронаш аз номи халқ ба Маҷлиси миллӣ муроҷиат намуд, ки барои бо Франсия якҷоя шудани Корсика қарор ба тасвиб расонанд. Акнун вай на озодии ҷазираро мехост, балки якҷояшавии ватанашро бо Франсияи инқилобӣ талаб менамуд.

Пас аз бозгашт ба Баланс ба клуби якобинсҳо шомил гашт. Тирамоҳи соли 1791 боз ба Корсика омад. Дар асоси хабари расондаи Люсен, додари Наполеон, пешвои миллатгароён Паоли ҳамчун хоини ватан гунаҳгор дониста шуда, ҳабс гардид. Ғазаби миллатгароён ба сари авлоди Бонапартҳо рехт. Ба бародарон лаънат мехонданд ва ҳам таъқиби онҳо оғоз ёфт. Корсикаи ба ошӯб печидаро Паоли ба англисҳо супурд.

Дар зери пардаи шаб Наполеон аз Аяччо сӯи Бастиа роҳ гирифт. Бо пайраҳаҳои кӯҳӣ қадам мезад, дар ҷангалзор паноҳ

мешуд, дар кулбаи дахмардае ба даст афтод ва қариб ба ҳалокат мерасид. Вале аз дасти посбонҳо гурехт ва пинҳонӣ боз ба Аяччо баргашт. Жандармҳо пай бурда ба хонааш зада даромаданд. Аммо ба ӯ муяссар шуд, ки боз онҳоро фиреб диҳаду гурезад. Дар завраке то Бастиа шино намуд, аз он ҷо ба модараш кӯтоҳ навишт: «Омода бош! Ин мамлакат на барои мост». Ҳамон шаб Летисия бо бачаҳояш бо роҳи махфии зеризаминӣ манзилашро тарк кард. Бо азобе ба соҳил расиданд. Аллакай онҳоро он ҷо заврақ интизор буд. Пас аз як соат хонаашон тороҷ гашт. Ана ҳамин гуна Корсикаи меҳрубон гурезаҳоро гусел намуд. Наполеон таваҷҷӯҳи якобинсҳо, мухолифони ҳокимияти шоҳиро баъди пахши шӯриши роялистони Тулон, ҷонибдорони шоҳигарии Бурбонҳо, ба даст овард. Вай аз тӯпҳо моҳирона истифода бурд ва бо штурм теппаеро, ки шаҳр ва бандар аз он ҷо чун дар рӯи каф намудор буданд, ишғол кард. Ҳангоми амалиёт захм бардошт. Тулон ба инқилобчиён таслим шуд. Ин нахустин муҳориба ва ғалабаи Наполеон буд.

Барои гирифтани Тулон ҳукумати якобинсҳо ба капитан Бонапарт унвони генералиро арзонӣ дошт. Ин ҳангом ӯ ҳамагӣ 24 -сола буд. Робитаи зич бо якобинсҳо ба Наполеон танҳо бароиояндааш зарур буд.

Ба штурми Тюилри менигарист, вале ба гӯшаи хотир ҳам роҳ намедод, ки тахти франсузӣ, ки ҳамин лаҳза аз он Людовики XVI сарнагун гашт, барои вай холӣ шудааст.

Карераи ҳарбии Наполеон барқосо боло мерафт. Дар ҳаёти шахсиаш низ тағйирот ба амал омад. Ӯ бо Жозефина Богарне, зани беваи генерал Богарне, ки бо ҳукми трибунали инқилобӣ сар аз танаш ҷудо карда шуда буд, ақди никоҳ баст. Барои ба висоли Жозефина расидан, ӯ ҳатто аз баҳри аввалин арӯсшавандааш Дезире Клари, ки баъдтар маликаи Шветсия ва Норвегия шуд, баромад.

Баъди тӯй Бонапарт зуд ба ҳайати артиши Италия рафт ва соли 1796 фармондеҳи он таъин гашт. Солҳои 1796-1797 ис-

теъдоди фитрии ҳарбии ӯ якбора рӯй зад. Генералҳои Австрия ҳеҷ илоҷашро наёфтанд. Наполеон паси ҳам шаҳрҳои Монтенотто, Лоди, Милан, Кастилоне, Арколе, Риволиро аз армияи австриягиҳо озод намуд. Субҳи 19 майи соли 1798 ба юриши нав баромад. Қоҳира ва Искандарияро забт кард, вале натавонист халқи Мисрро тобеъ созад. Моҳи августи соли 1799 армияро ба дигар фармондеҳ вогузошта пинҳонӣ ба Франсия баргашт.

9 ноябри соли 1799 ҳукумати инқилобиро бо зӯрии яроқ сарнагун сохт. Аз якобинсҳо касе намонд. Наполеон мақсад гузошт, ки ҳатто ёдоварии инқилобро аз шуури мардум тоза созад. Аз 73 рӯзнома 69 –тоаш баста шуд. Дар Франсия танҳо 4 рӯзнома монд, ки онҳо ҳам зери назари пулис ба табъ мерасиданд. Наполеон ба ташкилёбии политсия диққати ҷиддӣ зоҳир месохт.

Соли аввали ҳукуматдориаш Наполеон ба сифати консули Франсия конститутсияро тағйир дод ва режими ҳукумати шахсиашро ҷорӣ кард. Нахуст консули якум ном мегирифтанд ӯро, соли 1804 император шуд.

Франсия бо Австрия ва Англия дар ҳолати ҷанг қарор дошт. Наполеон аз кӯҳҳои Алп гузашта нохост дар шимоли Италия пайдо гашт ва бо ҳамлаҳои барқосо душманро дур партофт. Баъдтар дар натиҷаи ҷанг ба ҳайати Франсия кишварҳои Белгия, Голландия, Шимоли Олмон, як қисми Италия ҳамроҳ карда шуданд. Дар қисми боқимондаи Италия, дар маркази Аврупо, дар Испания (соли 1909) шоҳигариҳо созмон ёфтанд ва дар онҳо пайвандони Наполеон ҳукумат меронданд. Пруссия ва Австрия аз маҷбурӣ бо Франсия шартномаи иттифоқ бастанд. Русия низ сулҳи Тилзитро имзо гузошт. Ҳамаи мамлакатҳои забтгашта ба Франсия боҷу хироҷ медоданд. Гӯр азоби мағлубон шавад! «Ҷанг бояд худашро хӯронад», -мегуфт Наполеон.

Наполеон мехост ворис дошта бошад. Аз ин рӯ соли 1809 аз Жозефина ҷудо шуд. Ба Екатерина, духтари Павели 1,

императори Русия хостгор шуд, вале ҷавоби рад гирифт. 1 апрели соли 1810 Наполеон бо Мария –Луиза, духти императори Австрия ақди никоҳ баст.

Баъди ба даст овардани комёбиҳои бузург Наполеон гуфт: «Ман ба ҳама кор қодирам».

Вале Англия ҳамоно тавоно буд. Русия савдоро бо Англия қатъ накард. Наполеон хост Русияро мутеъ созад ва ба Шарқ роҳ кушода, то ба Ҳинд, мустамликаи асосии Англия, бирасад.

Баъдтар, ҳангоми дар Еленаи Муқаддас бадарға буданаш, вай қоил шуд, ки ҷанг бо Русия хатои ислоҳнопазираш буд. Ин ҷангро генералҳои Наполеон ҳам намехостанд. Вале ҷанг сар зад.

Артиши 600 ҳазорнафараи Наполеон соли 1812 аз дарёи Неман гузашт ва бо артиши русҳо даст ба гиребон шуд, Маскавро забт кард, вале ғолиб набаромад. Баъди шикаст Наполеон суханони машҳури худро ба забон овард: «Аз бузургӣ то хандахаришӣ –як қадам».

Пас аз шикаст ва шармандавор гурехтан 4 апрели соли 1814 Наполеон аз тахт даст кашид. Ӯро ба ҷазираи Элба бадарға карданд. Вай бо тарафдоронаш 20 марти соли 1815 ба Париж ворид гашт. Ҳукмронии дуюми ӯ ҳамагӣ 100 рӯз идома ёфт. Наполеон дар муҳорибаи Ватерлоо сахт шикаст хӯрд ва бори дуюм аз тахт ба манфиати писараш Наполеони II истеъфо дод.

Хост ба Амрико фирор намояд. Бахташ нахандид. Ба дасти англисҳо афтод. Ба ҷазираи Еленаи Муқаддас бадарға шуд, дар он ҷо шаш соли боқии умрашро сипарӣ намуд ва 5 майи соли 1821 вафот кард.

# Уқлидус

# (Солҳои зиндагиаш тақрибан 365-300-и то милод)



Гуфтан метавон, ки Уқлидус (Евклид) на танҳо асосгузори фанни геометрия, балки тамоми илми математикаи давраи атиқа низ мебошад. Гузаштагони ӯ Фалес, Пифагор, Афлотун ва дигарон баҳри рушди геометрия нерӯи зиёди зеҳнӣ ба харҷ додаанд. Вале ҳамаи корҳои илмии онҳо ҷузъӣ буда, қолаби ягонаи мантиқӣ надоштанд. Ин ба Уқлидус муяссар гашт. Дар китоби худ «Мабдаъ» («Усул» (аслҳо) олим геометрияро ба тартиб овард ва ин асар геометрияи уқлидусӣ ном гирифт.

Одатан оид ба «Мабдаъ» мегӯянд, ки баъди Инҷил ин машҳуртарин ёдгории хаттии давраи қадим аст. Китоб таърихи басо шигифтангези ба худ хосеро дорост. Дар тӯли ду ҳазор сол вай китоби рӯимизии хонандагон буд, ҳамчун ибтидои фанни геометрия истифода мегашт. «Мабдаъ» маъруфияти беандозае дошт, аз он мирзоҳои зиёди заҳматпешаи бисёр шаҳру кишварҳои гуногун нусха бардоштаанд. Баъдтар «Мабдаъ» аз папирус ба пергамент, сипас ба коғаз кӯчид. Дар тӯли чорсад сол «Мабдаъ» 2500 мартаба, яъне ба ҳисоби миёна ҳар соле 6-7 бор нашр шудааст. То асри XX «Мабдаъ» на танҳо барои мактабҳо, балки барои донишгоҳҳо низ китоби асосии дарсӣ ба ҳисоб мерафт. Аз зиндагиномаи ин олими барҷаста то ба имрӯз қариб чизе маълум нест. То ба мо танҳо ривоятҳо расидаанд.

Шореҳи нахустини «Мабдаъ» Прокл (олими асри V-и милод) натавонист зикр созад, ки Уқлидус кай ва дар куҷо таваллуд ёфтааст ва аз олам гузаштааст. Аз рӯи гуфти Прокл «ин марди олим» дар замони ҳукмронии Птолемейи I зистааст. Баъзе санадҳои зиндагиномаи ӯ дар дастхатҳои олимони асри XII-и араб ин гуна маҳфуз мондаанд: «Уқлидус, писари Наукрат, машҳур бо унвони «Геометр», олими даврони қадим, мансуб ба миллати юнонӣ, сокини Сирия, зодаи Тир».

Дар яке аз ривоятҳо омадааст, ки шоҳ Птолемей хост геометрияро омӯзад. Вале аён гашт, ки ин кори осоне нест. Он гоҳ ӯ Уқлидусро ба даргоҳ бихост ва хоҳиш кард, ки ба вай роҳи осони омӯзиши математикаро нишон диҳад. «Ба сӯи геометрия роҳи шоҳона нест», - посух дод ба шоҳ олим. Дар намуди ин ривоят то ба мо расидааст ин мақол.

Шоҳ Птолемейи I бо мақсади баланд бардоштани обрӯи давлаташ ба дарбор олимон ва шоиронро даъват мекард, барои онҳо шароити беҳтаринро муҳайё месохт. Яке аз чунин манбаъҳои илҳом Қасри Искандария ба шумор мерафт, ки он дорои толорҳои машғулият, боғҳои ботаникиву зоологӣ, ҳуҷраи астрономӣ, манораи кайҳоншиносӣ, ҳуҷраҳои алоҳидаи корӣ ва махсусан китобхонаи аълодараҷа буд. Ба даъвати шоҳ Уқлидус, ки то ин замон дар Искандария, пойтахти Миср, мактаби математика ифтитоҳ намуда, барои шогирдони он асари бунёдии худро навишта буд, низ шарафёб гашт.

Маҳз дар Искандария Уқлидус мактаби риёзиётро созмон мебахшад ва асари бунёдии оид ба геометрия, маҳсули асосии эҷодиёташро бо номи умумии «Мабдаъ» таълиф менамояд. Чунин меҳисобанд, ки асар тақрибан соли 325-и то милод эҷод гаштааст.

Чӣ тарз ки олимони замонаашро мураттабӣ ва мантиқи маълумоти баёнёфта мафтун месохт, ҳамин тавр шогирдону пайравони минбаъдааш низ аз дониш ва маҳорати Уқлидус ба ҳайрат меомаданд. «Мабдаъ» аз 13 китоб таркиб ёфтааст ва

ҳар асар давоми мантиқии якдигар аст. Ҳар яке аз 13 китоб аз муайян сохтани мафҳуме (нуқта, хат, ҳамворӣ, шакл ва ғайра), оғоз меёбад. Мафҳумҳо дар он истифода мешаванд ва баъд дар асоси 5 аксиома ва 5 постулат бе исбот қабул мегарданд. Дар чунин шакл сохта шудааст геометрия.

Дар он даврони қадим илм усули математикаи таҷрибавиро ёд надошт. Китобҳои 1-IV геометрияро фаро мегирифтанд. Мундариҷаи китобҳо аз мактаби математикаи пифагориҳо об мехӯрд. Дар китобҳои V-VI сухан дар бораи таносубҳои геометрӣ меравад, ки асосгузораш Евдокс Книдский мебошад. Китобҳои VII-IX оид ба рақамҳо дониш медиҳанд. Муайян намудани майдони ҳамвориҳо ва фазо (стереометрия), назарияи ирратсионалӣ дар китобҳои X-XII шарҳ ёфтаанд. Дар китоби XIII тадқиқот оид ба ҷисмҳои геометрӣ ҷой ёфтаанд. Умуман, «Мабдаъ» ҷамъбасти тадқиқоти 300 -солаи олимон оид ба илми математика аст.

«Мабдаъ»-и Уқлидус таҷассумгари он геометрияе мебошад, ки имрӯз низ бо номи геометрияи евклидӣ маъмул аст. Вай хусусияти метрии фазоро тасвир месозад, ки онро илми имрӯза фазои евклидӣ меномад. Фазои евклидӣ саҳнаи физикии бавуҷудоии физикаи классикӣ мебошад, ки пойдевори онро минбаъд Галилей ва Нютон гузоштаанд. Ин фазо холист, беинтиҳост, изотропист, ки се намуди чен кардан дорад. Уқлидус ба идеяи атомии фазои холӣ, ки дар он атомҳо дар ҳаракатанд, баҳои аниқи математикӣ дод. Объекти одии геометрии Уқлидус нуқта ба шумор меравад. Нуқта тақсимнопазир аст, мегӯяд ӯ. Яъне нуқта ин атоми тақсимнашавандаи фазост.

«Мабдаъ»-и Уқлидус аз ҷониби олимони араб ва баъдтар аврупоиён комилан омӯхта шуд. Китобҳои вай бо забонҳои асосии дунё тарҷума шуданд. Нахустин тарҷума соли 1533 дар Базел ба табъ расид. Аҷоиб, ки аввалин тарҷума ба забони англисӣ, ба қалами тоҷири лондонӣ Генри Биллингвей мутааллиқ аст, ки соли 1570 ба вуқӯъ пайваст.

Уқлидус асосгузори геометрияи оптикӣ низ мебошад, ки хусусиятҳои онро дар таълифоташ «Оптика» ва «Катоприка» тавзеҳ додааст. Асоси мафҳуми геометрияи оптикӣ ин ҳаракати ростхатаи шуост. Уқлидус таъкид мекард, ки шуоъ аз чашм сарчашма мегирад (назарияи шуои биноӣ), ки барои илми геометрия аҳамияте надорад. Ба ҳар ҳол дар таърихи физика номи Уқлидус ҳамчун асосгузори геометрияи оптикӣ ҷойи сазоворро ишғол намудааст.

Уқлидус дар рушди мусиқӣ низ саҳми арзанда дорад. Ӯ ба ихтирои забонаки асбобҳои мусиқии клавесина ва баъдтар пианино асос гузоштааст. Ба пайдо шудани ин асбобҳои мусиқӣ математика сабабгор аст.

Албатта, тамоми паҳлӯҳои фазои уқлидусӣ якбора кашф нашудаанд, балки дар натиҷаи корҳои илмии садсолаҳо бисёр назарияҳо амалӣ гаштанд, аммо сарчашмаи ҳамаи ин комёбиҳои илмӣ «Мабдаъ»-и Уқлидус ба ҳисоб меравад.



## Галилео Галилей

## (Солҳои зиндагиаш 1564-1642)

Олими забардасти итолиёвӣ Галилео Галилей яке аз шоҳсутунҳои зарҳалини қасри илми ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Офарандаи физикаи классикӣ Исаак Ниютон қоил шудааст, ки ӯ ба шарофати осори илмии Галилео Галилей ва дар такя ба китфони ҳузарби ин

олими итолиёвӣ ба кашфиётҳои тозаи илмӣ соҳиб гаштааст.

Эҷодиёти Галилей асосан механика ва астрономияро дар бар мегирад ва бо он ки ба моҳияти ҳодисаҳо ба таври амиқ фурӯ меравад, аз эҷоди дигар олимон фарқ карда меистад. Аз ин рӯ Галилейро бо маънои имрӯзааш асосгузори илми физика метавон гуфт. Вай асоси механикаи замонавиро бунёд гузошт: ғояи нисбияти ҳаракатро пешниҳод намуд, қонунҳои инерсия, ҳаракату озодафтии ҷисм ва сохти ҳаракатро муайян кард.

Галилео Галилей 15 феврали соли 1564 дар шаҳри Пизаи Итолиё, дар оилаи асилзодагони муфлисшуда ба дунё омадааст. Падараш Винченсо Галилей навозандаи моҳир ва оҳангсози бомаҳорате будӣ. Вале санъат барои пешбурди зиндагӣ кӯмаки казоие намерасонд ва падари олими оянда маҷбур мешуд, ки ба фурӯши моҳут даст занад.

Дар солҳои наврасӣ Галилей ба кашидани нақшаи ҳар гуна бозичаҳои механикӣ шавқ дошт, мошинчаҳо, осиёб ва киштичаҳо месохт. То ёздаҳсолагиаш дар Пиза зист ва дар мактаби муқаррарӣ хонд, баъдтар онҳо ба Флоренсия кӯчиданд. Дар ин ҷо дар дайри мардона ба омӯзиши грамматика, арифметика, риторика ва дигар фанҳо идома бахшид.

Дар ҳабдаҳсолагиаш Галилей ба донишгоҳи Пиза шомил гашта, мехост табиб шавад. Ҷавони донишписанд ки буд, дар вақтҳои фароғатӣ асарҳои оид ба математикаю механика, алалхусус осори Уқлидусу Архимедро мутолиа мекард. Баъдтар пайваста мегуфт, ки Архимед устоди маънавиаш аст.

Аз сабаби тангдастии волидайн Галилей донишгоҳро тарк сохта, ба Флоренсия бармегардад. Шабҳо пас аз кори хона ба омӯзиши мукаммали математикаю физика мепардохт. Ин фанҳо ҳамеша шавқу рағбаташро меоварданд. Соли 1586 ӯ нахустин кори илмиашро навишт. Мақола «Тарозуҳои хурди гидростатикӣ» унвон дошт ва ба муаллиф, каме ҳам бошад, шӯҳрат овард. Пас аз чопи мақола бо чанд нафар олим шиносоӣ пайдо намуд. Бо дастгирии яке аз онҳо, муаллифи «Китоби дарсии

механика» Гвидо Убалдо дел Монте, Галилей соли 1589 кафедраи математикаи донишгоҳи Пизаро соҳиб гашт. Дар 25-солагӣ профессор шуд, боз дар ҳамон донишгоҳе, ки онро хатм карда натавонистааст.

Галилей ба донишҷӯён аз риёзиёту кайҳоншиносӣ сабақ медод, ҳар гуна таҷрибаҳо мегузаронд. Аз манораи Пиза ҳар хел ҷисмҳои вазнину сабукро ба тарзи моил поён мепартофт, донистан мехост, ки оё онҳо мувофиқи таълимоти Арасту ба замин меафтанд? Ҷавоб манфӣ буд.

Таълимоти Арастуро оид ба озодафтии ҷисмҳо соли 1590 дар асараш «Дар бораи ҳаракат» мавриди танқиди шадид қарор медиҳад. Дар омади гап, вай дар матлабаш навишта буд: «Агар ақл ва таҷриба дар масъалае ба ҳам мувофиқ оянд, ба ман дигар аҳамияте надорад, ки он ба ақидаи бисёриҳо мухолиф аст».

Дар ҳамин давраи зиндагӣ Галилей ларзиши хурди баробармуддати раққосакро новобаста аз амплитуда муқаррар сохт. Гвидо дел Монте ба Галилей ҳамчун механик баҳои арзанда дода, ӯро «Архимеди замони нав» меномид.

Танқиди таълимоти Арасту оид ба ҳаракати ҷисмҳо бисёр олимони ҷонибдори физикаи Юнони Қадимро бар зидди Галилей шӯронд. Аз ин рӯ профессори ҷавон аз Пиза рафту роҳбарии кафедраи физикаи донишгоҳи Падуяро бар дӯш гирифт. Пажӯҳишгари ҷӯянда дар ин шаҳр бахт ёфт, тақдирашро бо духтараки якаву танҳо Марина Гамба пайваст. Завҷааш ба ӯ солҳои 1600-1601 ду духтараки зебо ба дунё овард. Соли 1606 писардор шуданд. Галилей аз соли 1606 ба кайҳоншиносӣ мегаравад. Моҳи марти соли 1610 «Ахборномаи ситораҳо» ном асари илмиаш аз чоп мебарояд. Чун хабар ёфт, ки дар кишварҳои хориҷӣ олимон дурбин сохтаанд, бо як шавқу рағбати беандоза ба бунёди телескоп даст зад. Вай аз линзаҳои дурӯя фурӯхамида ва дурӯя барҷаста истифода бурда, дастгоҳи мушоҳидаи кайҳони беканорро омода сохт. Ба қавли Галилей те-

лескопаш як мӯъҷиза буд, бо ёрии он ҷисмҳои осмонӣ то ҳазор бор калон карда ва 30 маротиба наздиктар оварда мешуд.

Шаби ба 7 январи соли 1610 вай телескопашро сӯи само нигаронд. Чизе, ки вай дар он ҷо дид - табиати маҳтоб, занҷираи кӯҳҳо ва қуллаҳои сояафкан, водиҳо ва баҳрҳо шахсро ба андеша водор менамуданд, ки Маҳтоб ба Замин монандӣ дорад. Ин бошад ба манфиати догмаҳои динӣ ва таълимоти Арасту оид ба мавқеи махсуси Замин дар байни дигар ҷисмҳои кайҳонӣ набудӣ.

Тасмаи бузурги сафеди осмон- Роҳи Каҳкашон ба шарофати телескоп ба ситораҳои алоҳидаи дурахшон ҷудо мешуд. Олим дар шафати Муштарӣ ситорачаҳои хурдро ба мушоҳида гирифт: аввал сето буданд, баъд чорумаш пайдо шуд. Дар шаби навбатӣ онҳо аллакай мавқеи худро дар нисбати сайёра дигар карданд. Галилей зуд ба хулоса омад: «Ситорачаҳо ҳамсафарони табиии Муштарианд». Ин кашфиёти илмӣ буд.

Баъдтар Галилей хориқаи Зуҳалро кашф намуд, вале сабабашро нафаҳмид, ки дар чист. Кашфи авзои Зӯҳра низ ба ӯ мутааллиқ аст. Вай ба мушоҳида гирифт, ки чи тавр доғи офтоб дар рӯи офтоб ҷойи худро тағйир медиҳад, аз ин ба хулоса омад, ки Офтоб низ дар гирди меҳвари худ чарх мезанад. Дар асоси мушоҳидаҳо Галилей хулоса кард, ки дар гирди меҳвари худ чарх задан ба ҳамаи ҷисмҳои осмонӣ хос аст.

Ҳангоми мушоҳидаи кайҳон Галилей қоил гашт, ки шумораи ситораҳо аз он ки мо бо чашми одӣ мебинем, хеле зиёд аст. Вай ҳамин тавр ақидаи Ҷордано Бруноро дар хусуси беҳудудӣ ва беинтиҳоии Кайҳон собит сохт.

Баъди ин гуна кашфиётҳо Галилей ба чунин натиҷа расид, ки ақидаи Коперник дар хусуси системаи гелиосентрии олам билкул дуруст аст. Яъне Офтоб маркази ҳаракати сайёраҳо мебошад. «Ахборномаи ситораҳо» ба муаллиф шӯҳрати беқиёс овард. Дар Аврупо номи Галилей ва кашфиёташ вирди забонҳо буданд. Ҳерсоги Тоскания Козимои II Медичи

ба ӯ пешниҳод намуд, ки вазифаи математики дарборро ба ӯҳда гирад. Галилей аз чунин пуштибони қавӣ фоида бурда, ақидаҳои Коперникро дар хусуси сохти кайҳон бештар ва муттасил тарғиб менамуд.

Аз ҷониби мутаассибон барои сиёҳ намудани Галилей номаҳои иғвогарона сӯи Рим ба парвоз омаданд. Соли 1616 мутолааи китоби Коперник «Оид ба гардиши гунбази фалак» мамнӯъ дониста шуд. Истифодаи дигар китобҳое, ки ин асари Коперникро пайрав буданд, низ қотеъона манъ гашт. Кардинал Белলармино Галилейро ба Рим даъват намуда, мулоимакак фаҳмонд, ки минбаъд ба навиштани асарҳои зиддидинӣ дар хусуси сохти дунё даст назанад.

Галилей маҷбур шуд, ки ба ин амр сар фурорад. Вай ҳанӯз дар хотир дошт, ки нофармонбарӣ чи оқибати баде барои Ҷордано Бруно оварда буд. Ғайр аз ин, ӯ ҳамчун файласуф медонист, ки чизе ки имрӯз «бидъат» аст, фардо ба ҳақиқат табдил мейёбад.

Соли 1623 рафиқи Галилей кардинал Маффео Барберини бо номи Урбани VIII папаи Рим баргузида мешавад. Олим аз ин шод гашта, ҷониби Рим роҳ мегирад, то ки мӯҳри мамнӯъро аз «гипотезаҳои» Коперник бардорад. Аммо папа хоҳиши рафиқашро рад менамояд.

Галилей ба навиштани асари нав оғоз мебахшад ва онро соли 1630 ба итмом расонда, ба Конгрегатсия пешниҳод менамояд. Баъди ду соли санҷиш сензура чопи онро иҷозат намедиҳад. Галилей ба Флоренсия баргашта, устокорона сензураи онро ба ғафлат меандозад ва соли 1632 ба нашри китобаш муваффақ мешавад.

«Гуфтугӯ оид ба ду системаи асосии сохти олам» ном дошт асари нави олим. Он дар намуди сӯҳбати се нафар асилзода оид ба сохти олам аз нуқтаи назари птолемейию коперникӣ эҷод гашта буд. Хонандаи асар бо бисёр кашфиётҳои Галилей ва ҳам таълимоти олими барҷаста Коперник шинос мешуд. Китоб

қаҳру ғазаби калисоро ба миён овард. Фурӯши «Гуфтугӯ...»-ро манъ намуданд. Галилейро ба Рим, ба суд хонда, маҷбур сохтанд, ки аз ақидаҳояш баргардад. Ӯро дар Арчетри ба ҳабси хонагӣ маҳкум карданд. Вай имкони бо шогирдон сӯҳбат намуданро низ надошт. Вале иродаи пири хирадро калисо шикаста натавонист. Галилейи бемору нотавон, аммо қавирӯҳ, ду сол дар зиндон ба эҷоди «Сӯҳбатҳо ва исботҳои математикӣ...» мепардозад. Асар ба итмом мерасад, лекин тамоми олами католикӣ (Италиё, Фаронса, Олмон, Австрия) аз чопаш ҳазар менамояд. «Сӯҳбатҳо» дар шаҳри Лейдени Ҳолландия моҳи июли соли 1638 аз чоп мебарояд. Он замон чашмони Галилей хира шуда буданд ва ин пири тирачашм дигар наметавонист китобашро равшан бубинад. Онро танҳо бо меҳри беандоза ба сандуқи синаи афгоргаштааш пахш мекард. Галилей 8 январи соли 1642 дар рӯи дасти шогирдони содиқаш, олимони шинохта В.Вивиани ва И.Торичелли дунёи фониро падруд гуфт.

Моҳи ноябри соли 1979 Иоанн Павели II, папаи Рим, ба таври расмӣ қоил гашт, ки инквизитсия соли 1633 ба хатои роҳ дод, ба таври зӯрӣ маҷбур сохт, ки Галилей назарияи Коперникро рад намояд. Ин нахустин ва ягона ҳодиса дар таърихи калисои католикист, ки барои ноадолатона ҷазо додани «бидъаткор» пас аз 337 соли вафоташ расман иқрор шавад.

# Карл Маркс

# (Солҳои зиндагиаш 1818-1883)

Карл Маркс принсипҳои фаҳмиши материалистии таърих (материализми таърихӣ), назарияи арзиши изофаро эҷод ва рушди капитализмро таҳқиқ кард ва марги ногузири он ва гузаштан ба коммунизмро дар натиҷаи инқилоби пролетарӣ



пешгӯӣ намуд. Ақидаи Маркс ба ғояҳои иҷтимоӣ ва таърихи ҷамъияти охири асри XIX - аввали асри XX таъсири носутурдание гузошт.

Марксизм дар соҳаҳои фалсафа, иқтисодиёти сиёсӣ, илмҳои таърихӣ ва дар рушди минбаъдаи ғояҳои иҷтимоии садаи XIX гардиши инқилобие ба миён овард.

Назарияи арзиши изофа ба қисми ҷудоинопазири иқтисодиёти сиёсӣ, марксизм ба идеологияи асосии ҳаракати коргарӣ табдил ёфтанд.

Карл Маркс 5 майи соли 1818 дар шаҳри олмонии Трир, дар оилаи адвокати маъруф Генрих Маркс ба дунё омад. Падар қобилияти фавқулоддаи илмомӯзии писарро зуд дарк сохт ва ба рушди он пайваста мусоидат намуд. Карл қиблагоҳашро басо дӯст медошт ва ба ӯ арҷ мегузошт.

Модараш Генриетта Маркс зани оддии ҳолландие буд, тамоми умр баҳри ҳаёти осудаҳолонаи оилаи бузург дар ҳайати чор писару панҷ духтар мекӯшид.

Ба ғайр аз падар ба Маркс таъсири барон Людвиг фон Вестфален, падари ҳамсабақ ва завҷаи ояндааш, зиёд будӣ. Бори нахуст аз вай Карл дар хусуси таълимоти Сен-Симон, сотсиалист-хаёлпарасти барҷаста маълумот гирифт. Аз соли 1830 то 1835 Карл дар гимназияи Трир сабақ омӯхт. Аллакай ҳамон солҳо вай бештар ба худомӯзӣ машғул буд, реҷаи махсуси омӯзиш дошт.

Октябри соли 1835 Маркс ба риштаи ҳуқуқи донишгоҳи Бонн шомил гашт. Вай на танҳо дар дарсҳои ҳуқуқ, балки дар машғулиятҳо оид ба адабиёт, эстетика, таърихи навтарини санъат низ ширкат меварзид. Вай узви фаъоли маҳфили шоирон буд.

Дар Бонн фалсафа Карлро ба худ кашид ва ӯ ба иштирокчии ҳамешагии семинари профессор Ругге мубаддал гардид. Вақте ки барои нуқтаи назари прогрессивӣ профессорро аз кафедраи фалсафа маҳрум сохтанд, Маркс соли 1836 ба Берлин омад ва ҳамон сол бо Женни фон Вестфален фотиҳа шуд.

Чор соли таҳсил дар донишгоҳ барои Карл солҳои ғайриоддии заҳмати бошиддат, ҷустуҷӯи ҳамешагӣ, фаъолияти бо ҷӯшу хурӯши ақл буд. Моҳи апрели соли 1842 Маркс оид ба фарқи байни фалсафаи натуралии Демокрит ва фалсафаи натуралии Эпикур диссертатсияи илмӣ дифоъ намуда, ба унвони доктори илми фалсафа ноил гашт. Вале ҳамаи дарҳои донишгоҳҳои Пруссияи иртиҷоӣ ба рӯи ин олими равшанфикр баста буданд.

Нахуст ӯ мафтуни фалсафаи Кант ва Фихте буд, баъдтар ҷонибдори фалсафаи Гегел шуд. Ба ғайр аз таълимоти фалсафии гегелӣ Маркси ҷавон дилбохтаи фалсафаи Фейербах, назарияи иқтисодии Адам Смит ва Давид Рикардо, таълимоти сотсиалистии дар он замон машҳури Сен-Симон, Фуре, Оуэн, Кабе, Дезами, Вейтлинг ва дигарон буд.

Солҳои 40-уми асри 19 дар Олмон ҳаракати демократӣ авҷ гирифт ва Карли 24-сола аввал ходими адабӣ, баъдтар сармуҳаррири «Рӯзномаи Рейн»-и демократӣ мешавад, ки он дар шаҳри Кёлн ба табъ мерасид.

Дар мақолаҳояш Маркс рӯирост синфи мазлумро ҷонибдор буду сохти давлатдории иртиҷоиро зери тозиёнаи танқиди шадид қарор медод. Абраю астари дороёни азим ва помешикҳоро сахт чаппаву роста карда меафшонд.

Ҳукумати Пруссия фаъолияти рӯзномаро ба манфиати давлат зараровар пиндошта, чопашро манъ кард. Маркс маҷбур шуд, ки Пруссияро тарк намояд.

Соли 1843 Женни фон Вестфален завҷаи Маркс шуд ва охири ҳамон сол онҳо дар Париж муқимӣ гаштанд. Дар ин ҷо

ақидаҳои коммунистии Маркс мукаммал шакл гирифтанд. Вай ба хулосае омад, ки бояд моликияти хусусӣ ба заводу фабрикаҳо ва замин барҳам хӯрад ва онҳо моликияти ҷамъиятӣ шаванд. Вақте ки истисмори одам аз ҷониби одам бартараф мегардад, мегуфт Маркс, бойигарии ҷамъиятӣ босуръат афзун мешавад, ҳолати иҷтимоии ҳамаи заҳматкашон боло меравад ва ҳар нафар метавонад лаёқати худро дар ин ё он соҳа пурра рӯйи кор орад.

Дар Париж Маркс соли 1844 маҷаллаи «Солномаи немисию франсавӣ»-ро созмон бахшид. Дар матолибе, ки барои ин нашрия менавишт, Маркс исбот менамуд, ки барои бунёди ҷамъияти коммунистӣ ҳатман инқилоби пролетарӣ зарур аст. Танҳо синфи коргар метавонад капитализмро вожгун сохта, ба аҳли заҳмат озодӣ бахшад. Дар «Солномаи немисию франсавӣ» мақолаҳои файласуфи ҷавон Фридрих Энгелс, писари соҳиби фабрика, ки дар Ингилистон мезист, низ ба хонандагон пешкаш мешуданд. Тирамоҳи соли 1844 вохӯрии Энгелс бо Маркс дар Париж ба вуқӯъ пайваст. Аз ҳамон айём дӯстии онҳо оғоз ёфт ва ба номи Маркс номи ҳамсафи бовафояш Энгелс абадӣ пайванд гашт.

Моҳи апрели соли 1846 ҳамақидаҳо навиштани асари дуҷилдаи «Идеологияи немис»-ро ба итмом расонданд. Дар «Идеологияи немис» бори нахуст фаҳмиши материалистии таърих ҳамчун таълимоти муташаккил ва том муфассал баён шудааст.

Фалсафаи иҷтимоии Маркс минбаъд дар пешгуфтори «Танқиди иқтисоди сиёсӣ», «Манифести Партияи Коммунистӣ», «Қашшоқии фалсафа», «Капитал» тақвият ёфт. Мувофиқи фалсафаи иҷтимоии марксизм «на шуури одамон ҳастии онҳоро муайян мекунад, баракс, ҳастии ҷамъиятии онҳо шуури онҳоро муайян менамояд».

Ба ақидаи Маркс ва Энгелс байни назарияи сотсиалистӣ ва ҳаракати коргарӣ пайвандгаре зарур буд ва ин пайвандгар ҳизб буда метавонист, ки онро синфи коргари бошуур пешқадам бояд созмон медод.

Дар оғози соли 1847 аъзои ҷамъияти махфии коргарии «Иттифоқи одилон»-и Париж, ки ҳоло роҳи аниқи мубоиризаро бар зидди капитализм намедонистанд, ба Марксу Энгелс муроҷиат намуданд, ки ба ҳайати ин созмон шомил гарданд. Онҳо розӣ шуданд. Моҳи июни соли 1847 дар Лондон Анҷумани Иттифоқи одилон даъват гашт ва дар он иттифоқ ба Иттифоқи коммунистон табдил ёфт. Дар оинномааш барҳам додани сохти буржуазӣ, ҳукмронии пролетариат ва бунёди ҷамъияти бесинф сабт гардид.

Онҳо якҷоя Иттифоқи коммунистонро созмон доданд, якҷоя Манифести партияи коммунистиро соли 1848 эҷод намуданд, ки бо чунин суханон хотима меёфт: «Коммунистон ҳеҷ чизро аз даст намедиҳанд, ба ғайр аз завлонаҳои дасти худ. Онҳо метавонанд ба тамоми дунё соҳиб шаванд. Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо, як шавед!». Мубориэаи коргарон, мегуфтанд онҳо, бо инқилоб ба охир мерасад, ки дар рафти он системаи капиталистӣ сарнагун гашта, ба ҷояш сохти коммунистӣ меояд.

Инқилоби солҳои 1848-1849 нахустин санҷиши таърихии марксизм буд.

Маркс чунин мепиндошт: «Коммунизм, ин бекор кардани моликияти хусусист». Дар даврони коммунизм одамон ба моликияти умумӣ баробар соҳиб мешаванд. Вай бовар дошт, ки коргарон муттаҳид гарданд, коммунизм ҳатман ғалаба мекунад. Аз ин рӯ, Маркс яке аз пешвоёни Интернатсионализми якум, ҷамъияти байналмилалии коргарон шуд, ки аллакай соли 1869 дар сафҳояш 800 ҳазор нафар аъзо дошт.

Дар тӯли зиёда аз сӣ сол Карл Маркс асари асосиаш «Капитал»-ро навишт. Соли 1867 қисми якуми онро ба нашр расонд. Пас аз вафоташ қисмҳои дуюму сеюми «Капитал»-ро Энгелс ба чоп омода намуд. Маҳаки асосии назарияи иқтисодии Маркс таълимот дар бораи арзиши изофа буд.

Заҳмати зиёди ақлонӣ ба сиҳатии Маркс рахна зад. Фавти завҷаи меҳрубонаш 2 декабри соли 1881 зарбаи мудҳише ба қалби Маркс буд. Ӯ дигар ба худ наомад. 14 марти соли 1883 вай аз пайи завҷааш ба он дунё рахти сафар баст.



# Иоганн Волфганг Гёте

## (Солҳои зиндагиаш 1749-1832)

Гёте намояндаи машҳури Давраи маърифати Олмон буда, яке аз асосгузорони адабиёти немиси замони нав ба ҳисоб меравад. Ҳанӯз ҳангоми дар ҳаёт буданаш дар ҳақаш қиссаҳо мебофтанд, вай намунаи барҷастаи маданияти олӣ, нерӯи хастанопазири эҷодии рӯҳи одамӣ буд. Дар «Фауст» - асари ҷамъбастии фалсафиаш, Гёте маънии зиндагиро ҷомаи амал пӯшонд.

Лирикаи Гёте яке аз саҳифаҳои зарин дар таърихи назми олмонист. Вай ҳамчун нахустшоири бузурги миллӣ, ки садояш ба табақаҳои гуногуни халқи немис нигаронда шуда буд, шӯҳрат ёфт. Дар зиндагиаш Гёте қариб 1600 шеър гуфтааст. Бисёри онҳо ба сурудҳои халқӣ табдил ёфтаанд.

На танҳо қаҳрамонҳои Гёте, балки худи вай, хислати ӯ, ақидааш, тақдираш, муносибаташ бо занҳо ва рафиқон ба нависандаҳо, рассомон, бастакорон, шоирон илҳом бахшида, чун мавзӯи роману драмаҳо, шеъру новеллаҳо, эссе, кино, барномаҳои радиою телевизион истифода шудаанд.

Ба ғайр аз ину он Гёте боз олими гуногунсоҳа буд. Ӯ муаллифи «Таҷриба оид ба метаморфозаи растаниҳо», «Таълимот оид ба рангҳо» ба шумор меравад.

Иоганн Волфганг Гёте 28 августи соли 1749 дар Франкфурти назди Майн таваллуд ёфтааст. Авлоди падариаш аз Турингия, аҷдоди модариаш аз Франкония буданд. Модари ӯ Катерина Элизабет, зани боғайрат, ҳаётдӯст, зиндадил будӣ. Па-

дараш Иоганн Каспар, мушовири давлатӣ, яке аз одамони бисёр ҳам соҳибмаълумоти Франкфурт ба ҳисоб мерафт ва ӯ шахсан ба тарбияи Иоганн ва хоҳаронаш машғул мешуд.

Дар ҳаштсолагӣ бача бо забонҳои давраи қадим ҳарф мезад ва чанд забони зиндаро медонист. Хеле барвақт вай ба эҷоди афсонаю шеър пардохт, бо услуби фаронсавӣ фоҷиае навишт.

Ихтисоси падари Гёте ҳуқуқшинос буд, аз ин рӯ дар 16-солагиаш ӯ ба донишгоҳи Лейпсиг баҳри омӯхтани асосҳои ҳуқуқ ҳуҷҷат супурд. Вале саломатиаш бад шуду ба Франкфурт баргашт. Дар ин давра вай ба омӯзиши асарҳои фалсафии (оккултӣ) сеҳри ҳалол-илми симиё, мунаҷҷимӣ ва рисолаҳои илмии асримиёнагии алкимиё шуғл меварзад.

Соли 1769 маҷмӯаи нахустини шеърҳояш бо номи «Сурудҳои нав» ба дасти хонанда расид. Дар оғози соли 1770 Гёте ба Страсбург баҳри идомаи таҳсил меояд ва ба ғайри асосҳои ҳуқуқ, инчунин илмҳои кимиё, тиб ва филологияро меомӯзад. Вай узви фаъоли маҳфили адабии штюрмерҳо буд. Вожаи «штюрмер» аз шиори гурӯҳи дӯстдорони адабиёт «Дранг унд штурм»- «Тӯфон ва ҳамла» ба таърих ворид гаштааст.

Штюрмерҳо баҳри ягонагии маданияти олмонӣ мубориза мебурданд. Баҳори соли 1772 пас аз хатми донишгоҳ Гётеи ҷавон, вале аллакай шоири шинохта аз Страсбург ба шаҳраки Веслар меояд ва дар суди империя ба сифати адвокат ба кор медарояд. Ҳанӯз аз хатми донишгоҳ моҳе нагузашта, Гёте драмаи таърихӣ-фоҷиаи «Гётс фон-Берлихинген»-ро меофарад. Асар на танҳо ба Гёте чун шоири мумтоз шӯҳрат меорад, балки ин ҷавони болаёқатро ба доҳии маънавии штюрмерҳо мубаддал месозад. Зеро қаҳрамони асосӣ –ритсар, ҷанговари накӯкор, иштирокчии ҷанги деҳқонони асри XVI рӯҳан ба ҷавонони замони нав наздик буд. Суханони ӯ «Танҳо шахсе ба зиндагӣ ва озодӣ сазовор аст, ки ҳар рӯз баҳри онон ба ҷанг меравад» ба шиори як насл табдил ёфтанд.

Ҳангоми корманди суд будан, Гёте худро дар қабзаи панҷаи оҳанин мепиндошт. Ягона мояи хурсандиаш ишқи Шарлотта Буфф, духтари яке аз соҳибмансабони шаҳр буд. Вале муҳаббати тарафайни онҳо ноком поён пазируфт. Шарлотта кайҳо боз ба як рафиқи шоир номзад буд. Гёте азоби алим мекашид ва дигар тадбире дар ҳалли ин муаммо надиду Весларро тарк гуфт. Ишқи ноком ва азоби рӯҳии шоир дар саҳифаҳои романи «Азобҳои Вертери ҷавон» нақши ҷовидона ёфтанд. Шавқи хонандагонро ин роман на бо саргузашти пурмоҷарои ишқӣ, балки бо забони фасеҳи адабӣ бедор кард. «Вертер» дар мӯҳлати кӯтоҳтарин бо тамоми забонҳои Аврупо тарҷума шуд. Наполеони ҷавон ин китобро ҳафт маротиба хонда, боз дар юришҳояш бо худ мебурд.

Моҳи ноябри соли 1775 бо даъвати герсоги ҳаждаҳсола Карл Август Гёте ба Веймар омад. Карл Август мафтуни шоир Гёте гашта буд, мехост дар князигариаш «як мавзеи хушбахтӣ» бунёд созад. Ба ин пешниҳод шоири инсонпарвар натавонист ҷавоби рад диҳад.

Гёте аввал узв ва минбаъд сардори Шӯрои махфӣ-мақомоти олии назди ҳукумати герсог таъин мегардад ва даҳ соли умрашро ба иҷрои ин вазифа сарф менамояд.

Дар ин давра баробари хизмати дарбори Карл Август Гёте намоишномаҳои «Клавиго» ва «Стелла», «Эгмонт» ва «Ифигения дар Таврида»-ро эҷод кард.

Дар шеърҳои лирикӣ ва манзумаҳояш асрори вуҷуди табиат васф гаштааст, ки ҳам офарандаи саодати одамӣ асту ҳам бадбахтиҳост.

Орзуи Гёте дар хусуси дигар кардани сохти давлатдорӣ ҷомаи амал напӯшид. Инчунин муносибати маҳрамона бо завҷаи яке аз мансабдорони Веймар Шарлотта фон Штейн ба қалбаш тазйиқ меовард. Аз ин рӯ вай соли 1786 аз мансаб даст кашиду ба Италия рафт.

Дар ин ҷо Гёте ба хулосае омад, ки дар чаҳорчӯби суфташудаи шаклҳои муносибат пайванди ҳамоҳанги ҳиссиёт ва ақл ногузир аст. Вобаста ба чунин ақида вай драмаҳои «Ифигения дар Таврида», «Торквато Тассо» ва «Эгмонт»-ро солҳои 1786-1789 аз нав менависад. Ҳамин гуна оғоз меёбад давраи нави адабиёти Олмон, ки бо номи «Класситсизми веймарӣ» машҳур гаштааст.

Соли 1788 Гёте ба Веймар баргашт. Баҳри шукуфоии театру китобхонаи Веймар, донишгоҳи Йенск заҳмат кашид. Ҳамон сол бо коргари фабрикаи гулҳои сунъӣ Кристиана Вулпиус, набераи ҳуқуқшинос, духтари архивариус ва хоҳари Кристиан Август Вулпиус, ношири маҷалла барои дӯстдорони санъат ва таърихи атиқа, муаллифи романи машҳури «Риналдо Риналдинӣ, атамани роҳзанҳо» муносибати маҳрамонаро оғоз бахшид. Вале ақди никоҳи онҳо танҳо соли 1806 баста шуд.

Шӯҳрати Гёте ҳамчун адиби оламшумул кайҳо аз ҳудуди шоҳигарии Веймар баромада, саросари Аврупоро фаро гирифта буд. Махсусан, асарҳои саҳнавии «Итолиёвӣ»-аш шӯҳрати беқиёс доштанд. Ӯ ҳам дар мавзӯъҳои таърихӣ ва ҳам замонавӣ яксон сеҳрангез менавишт.

Соли 1811 ёддоштҳояш «Назм ва ҳақиқат» аз чоп баромад. Бо ин асар Гёте дар таърихи маданият ҳамчун услубшинос ҷовид монд. Соли 1819 «Девони ғарбию шарқӣ»-и шоир ба дасти ҳазорҳо хонанда расид, ки бо он Гёте ба синтези анъанаҳои фарҳангии Ғарбу Шарқ таваккал намудааст. Вале кори тамоми ҳаёти Гёте ин навиштани китоби беҳамто ва ҳайратангезе буд, ки минбаъд асари рӯимизии бисёре аз адибон гашт. Вай таърихи саргузашти иблису доктор Фаустро ба таври худ навишт. Гёте ба таҷрибаи ғании фолклори ҷаҳонӣ ва анъанаҳои адабӣ такя намуда, дар асоси китоби асримиёнагии олмонӣ дар ситоиши инсон, ки ба тақдир тан надода, ҳақиқат меҷуст ва баҳри дастёбӣ ба озодиву ишқ мекӯшид, суруд эҷод кард. Гёте аз солҳои 60-ум ба ин кор даст зад ва соли 1790 варианти якуми

он шакл гирифт, вале танҳо соли 1808 қисми аввали ин фоҷиаи бузург ба табъ расид. Қисми дуюмаш соли 1830 анҷом ёфт. Асари ҳайратангез пурра дар шакли як китоб соли 1833, пас аз як соли вафоти шоири шаҳир аз чоп баромад.



# Фёдор Михайлович Достоевский

## (Солҳои зиндагиаш 1821-1881)

Достоевский, нависандаи барҷастаи рус, дар борааш Максим Горкий гуфтааст, ки нерӯи маҳорати эҷоди адабии ӯро танҳо метавон бо Шекспир қиёс кард. Достоевский азобу машаққати беҳудуди инсони хору таҳқиргаштаро дар эҷодиёти худ ба риштаи тасвир кашидааст.

Нависанда шахсан ба тарзи асарофариаш чунин ишора намудааст: «Ба зиндагии ҳақиқӣ, ба санъат назари махсуси худро дорам, он чизе ки ба дигарон фавқулодда ва шигифтангез аст, барои ман як чизи одиест. Ба назари ман, тасвири ҳаёти рӯзмарра ва назари рӯякӣ ба он ин ҳоло реализм нест, балки зидди он аст».

Достоевский дар асарҳояш нерӯи рӯҳшиноси бузург, камоли маърифати мутафаккир ва эҳтироси публитсистро тавъам намудааст. Дар эҷодиёти ӯ саҳнаҳои реалистии азобу машаққат бо нишонаҳои фалсафа, рақамҳои публитсистии рӯзномаҳо бо фантазия, категорияҳои мантиқию абстракт бо унсурҳои идроки бевоситаи ҳақиқат пайванд ёфтаанд.

Таъсири Достоевский ба шакл гирифтани эҷодиёти бисёр нависандагони минбаъдаи ҷаҳон: С. Свейг ва Ф. Кафки Австрия; А. Жид, М. Пруст, Ш. Филипп ва А. Камюи Франсия; О. Уайлди Англия; Томас ва Генрих Манн, Б. Келлерман, Л. Франк ва Г. Бёлли Олмон хеле назаррас аст.

Фёдор Михайлович Достоевский 11 ноябри соли 1821 дар шаҳри Маскав, дар бинои беморхонаи Маринск, ки он ҷо падараш ба сифати афсари табиб хизмат мекард, таваллуд шудааст. Модараш, Нечаева ба оилаи тоҷир тааллуқ дошт. Фёдор, бачаи чаққон, бофандаи ҳар гуна бозию шӯхиҳо, дар байни ҳафт фарзанди Достоевскийҳо писари дуюм буд.

Барвақт хонданро ёд гирифт. Ходими калисо –диакон ба онҳо дарси фиқҳ меомӯзонд. Соли 1833 ҳамроҳи бародари калониаш Михаил баҳри омӯхтани забони французӣ ба пансиони Сушард рафт. Соли 1834 бо бародараш ба пансионати машҳури Чермак дохил шуд. Бисёр мехонд. Чандин маротиба осори Карамзин, Жуковский, Валтер Скотт, Загоскин, Лажечников, Нарежной, Велтман, Пушкинро мутолиа намуд.

Дар 16-солагӣ Фёдор аз модар маҳрум гашт, пас аз чанд моҳи ин воқиа падараш ӯро ба Петербург овард ва дар оғози соли 1838 ба омӯзишгоҳи муҳандисӣ ҷой кард. Ин яке аз муассисаҳои таълимию ҳунарӣ ва ҳарбии беҳтарин ба ҳисоб мерафт. Вале ба Фёдори инҷиқ, ҳассос ва касалманд низоми сахти ҳарбӣ писанд наомад, вай наметавонист соатҳо дар болои тахтаи нақшакашӣ бо таҳаммул қалам ронад, сабру тоқат надошт, ба фанни риёзӣ дилсард будӣ. Аз ин рӯ бештар хомӯш дар кунҷе меистод ва ҳамчун одамгурез дар байни ҳамсинфон машҳур гашт.

Соли 1841 Достоевский афсар шуд, пас аз ду сол омӯзишгоҳро хатм кард, ба департаменти нақшакашӣ -муҳандисии Петербург ба кор фиристоданд. Дар хизмати ҳақиқӣ низ Фёдор танҳогардиро ихтиёр намуд, зиёд мехонд ва таваккал карда қалам ҳам ба даст гирифт, заҳмати тоқатшикани эҷодиро писандид.

Подпоручик Достоевский ба адабиёт шавқи беандозае дошт, аз ин рӯ тирамоҳи соли 1844 аз хизмати ҳарбӣ истеъфо дод. Фёдор мехост «азоби ҷаҳаннам» кашад ҳам бо адабиёт бимонад. Повести нахустинро навишту худро бо Пушкин ва Гогол қиёс намуд ва ба дил гуфт, ки мисли онҳо танҳо чизи дар дил будаашро рӯйи коғаз оварад ва ҳеҷ гоҳ бо фармоиши касе қалам ба даст нагирад. Нависандаи навқалам моҳи майи соли 1845 повести аввалин- «Одамони бечора»-ро, ки моҳи ноябри соли 1844 ба итмом расида буд, ба Некрасов барои чоп супурд. Таъсире, ки ин асар ба Некрасов, Григорович ва Белинский расонд, басо ҳайратангез буд. Белинский бо чунин суханон ӯро бо ин асараш шодбош гуфт: «Ба Шумо, ҳақиқатнигорӣ мутаал-лиқ аст, чун тӯҳфа расидааст, ба истеъдоди худ арҷ гузоред, ба он вафодор монед, он гоҳ нависандаи бузурге хоҳед шуд».

Комёбие, ки насиби қиссаи «Одамони бечора» гашт, нависандаро ба офаридани асарҳои минбаъда хеле рӯҳбаланд кард. Як асарро ҳанӯз ба итмом нарасонда аз паи эҷоди дигар қиссаҳо мешуд. Мехост худ ва ҳамаро ба ҳайрат гузорад. То соли 1849, то ба зиндон афтоданаш, даҳ повест навишт ва боз чандин қиссаҳои нотамом дошт.

Аз ҳама хонданбоб повести «Ҳамсуроб» ба ҳисоб мерафт. Дар ин асар бори нахуст мавзӯи некӣ ва бадӣ, ки минбаъд дар осори адиб чун хати сурх ба чашм бармехӯрад, садо дод. «Ҳамсуроб» ду ҳиссиёт, ду нуқтаи назарро тавлид намуд. Ба он хонандаҳо, мунаққидон, адибон баҳои мухталиф медоданд. Баъди чопи асаре оид ба ҳаёти Петербург шӯҳрати муаллиф ҳамчун эҷодгари қиссаҳои психологӣ дар кишвар паҳн гашт. Достоевский, ҳарчанд барои қиссаҳояш ҳақи қаламӣ хуб мегирифт, онро зуд сарф мекард. Аз ин рӯ доимо «дар панҷаи бераҳми фақр» азоб мекашид, қарзи зиёд мегирифт. Саломатиаш ҳам беҳбудӣ мехост. Бар замми ин шаби ба 23 апрели соли 1849 Достоевский ҳабс ва ҳашт моҳ дар истеҳкоми Алексееви қалъаи Петропавловск зиндонӣ шуд. Ӯро барои иштирокаш дар

маҳфили Петрашевский, ки баҳри сарнагун сохтани давлати шоҳӣ мубориза мебурд, ҳабс карданд. 21 декабри соли 1849 нависандаро бо дигар маҳбусон ба майдони машқи Семёнов баровардa, барояшон ҳукми судро қироат карданд. Ҳаёти бадарғагии ӯ дар китоби «Ёддоштҳо аз дарбори мамот» хуб тасвир ёфтааст. Моҳи марти соли 1856 дар Кузнетск бо Мария Дмитриевна Исоева, зани бевамондае, ақди никоҳ баст. Оиладорӣ харҷи молии нависандаро афзун намуд. Бисёр вақт барои кӯмак ба дӯстон ва бародараш Михаил рӯи ниёз меовард.

Соли 1859 Достоевский афв шуд ва ба ӯ рухсат доданд, ки ба қисми марказии Русия баргардад. Вай ба Твер кӯчид. Соли 1860 баъди мурочиатҳои пайваста ба ӯ иҷозат шуд, ки ба Петербург баргардад. Дар ин шаҳри соҳили Нева ӯ бо бародараш нашри маҷаллаи «Время»-ро ба роҳ монд. Романҳои нахустини калонҳаҷми «Хору таҳқиршудагон» ва «Ёддоштҳо аз дарбори мамот»-ро дар ин маҷалла ба чоп расонд. «Хору таҳқиршудагон» дар тӯли якчанд соли наздик панҷ маротиба нашр шуд.

Моҳи апрели соли 1864 завҷаи Достоевский, моҳи июн бародари ба ҷон баробараш Михаил вафот карданд. Аз ғаму андӯҳ ва аз дасти қарзхоҳон Достоевский ба хориҷа меравад. Дар Висбаден дар қиморхона тамоми боигариашро бой медиҳад. Баъди чанд муддат ин ҳолаташро дар повести «Қиморбоз» ба риштаи тасвир кашид.

Баъди сарсониҳои зиёд ба Петербург баргашта, ба навиштани китоби бузурги «Ҷиноят ва ҷазо» мепардозад. Роман, ки соли 1866 аз чоп баромад, дар байни хонандагон афкори мухталифро ба миён овард. Асари «Бародарон Карамазовҳо» дар адабиёти рус мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Китобҳои Достоевский рушди фалсафаи сарҳади асрҳои XIX-XX –и Русияро муайян кардаанд.

Дар охирҳои умр нависанда бисёр бемор мешуд. 28 январи соли 1881 Достоевский аз олам даргузашт.



# Лев Николаевич Толстой

## (Солҳои зиндагиаш 1828-1910)

Лев Толстой – нависандае, ки дар таърихи адабиёт ба шӯҳрати беназир комёб гаштааст: ҳанӯз дар зиндагиаш ҳамчун нависандаи бузурги рус шинохта шуда буд, ӯро тамоми ҷаҳон эътироф мекард. То имрӯз мутолиаи осори ӯ барои мардуми соҳибмаълумоти дунё шуғли дӯстдошта аст. «Асарҳои Шекспир, Балзак ва Толстой се ёдгории бузургтаринанд, ки ба шарофати ақлу заковати инсон барои инсонҳо эҷод гаштаанд, - қотеъона иброз доштааст нависандаи франсуз Андре Моруа, ки таваккал намуда се нафар носири аз ҳама беҳамторо дар таърихи кулли фарҳанг муайян кардан хостааст. Вай чанд рӯйхати гуногуни «сегона»-ро мураттаб сохт ва дар ҳамаи онҳо Лев Толстой бо дигаре иваз нашуд.

Дар шахсияти Толстой нависандаи бузург бо носеҳи бузург пайванд ёфтааст. Таҳқиқи олами ботинӣ, асосҳои ахлоқу одоби инсонӣ мавзӯъҳои маркази эҷодиёти нависандаро ташкил медиҳанд. Ҷустуҷӯи пуразияти маънии зиндагӣ, идеали ахлоқӣ, қонунҳои умумии маишии махуф, танқиди рӯҳӣ ва иҷтимоӣ (критисизм) чун як хати сурх аз кулли эҷодиёти ӯ мегузарад.

Лев Николаевич Толстой 9 сентябри соли 1828 дар губернияи Тула, дар мулки модариаш Ясная Поляна, ки ҳоло шӯҳрати ҷаҳонӣ дорад, таваллуд ёфтааст. Авлоди Толстойҳо, ки сар-

ватманду шинохта буд, ҳанӯз аз даврони ҳукмронии Пётри Кабир мақоми воло дошт. Падари нависанда, чи тавре ки он солҳо ин воқеа бисёр рух мезад, баъди дар қимор-қартабозӣ бохтани бойигариаш барои беҳбудӣ бахшидан ба иқтисодиёти футуррафтааш ба як княздухтари синну солаш аз ҷавонӣ хеле гузашта Мария Николаевна Волконская ақди никоҳ баст. Ин оиладорӣ бахт овард. Онҳо соҳиби чор писар: Николай, Сергей, Дмитрий, Лев ва як духтар Мария шуданд.

Лев ҳанӯз дусола набуд, ки модараш дунёро падруд гуфт. Ба тарбияи сағираҳо Т. Ерголская, ки хеши дуре буд, машғул гашт. Соли 1837 оилаашон ба Москва кӯч баст, зеро писари калонӣ бояд дар ин ҷо барои ба донишгоҳ дохил шудан, тайёрӣ медид. Вале ногаҳон падар бимурд ва се нафар бачаи хурдсол ба Ясная Поляна баргашт. Бачаҳо дар ин ҷо зери назорату тарбияи Ерголская ва аммаашон графиня А. Остен-Сакент то соли 1840, яъне то вафоти Остен-Сакет зистанд. Сипас бачаҳо ба Қазон кӯчиданд. Онҳоро апаи падарашон П. Юшкова ба тарбия гирифт. Ба ҳамин минвол давраи аввали зиндагии нависандаи оламшумули оянда поён ёфт. Ин айёми ҳаёташро ӯ дар китоби «Бачагӣ» тасвир намудааст. Зиндагии минбаъдааш дар повестҳои «Наврасӣ» ва «Ҷавонӣ» акс ёфтааст.

Таҳсили Лев зери назари мураббии франсузи дағале сурат мегирифт. Аммо вай аллакай ба шарофати княз буданаш дар понздаҳсолагӣ донишҷӯи донишгоҳи Қазон буд. Толстой ду сол дар шӯъбаи шарқшиносӣ ва ду сол дар шӯъбаи ҳуқуқ таҳсил кард. Ӯ танҳо ба номаш донишҷӯ буд, кам ба машғулиятҳо меомад ва аз бисёр имтиҳонҳо баҳои ду мегирифт.

Донишгоҳро баҳори соли 1847 тарк намуда, дар Ясная Поляна муқимӣ шуд. Ба чӣ кор машғул гаштанашро аз мундариҷаи повести «Субҳи помешик» фаҳмидан мумкин аст, барои ин танҳо ба ҷои «Нехлюдов» насаби «Толстой»-ро гузоштан даркор. Толстой таваккал кард, ки дар воқеъ падар ва сарпарасти деҳқонони худ бошад. Вале инсондӯстии боярӣ лаёқати

тағйир додани асосҳои пӯшидаю бадахлоқонаи зиндагии крепостноиро надошт.

Аз ноком анҷом пазируфтани таҷрибааш навмед гашта, Толстой тирамоҳи соли 1847 аввал ба Маскав сипас ба Петербург меравад. Бародараш Николай, ки дар хизмати ҳарбӣ буд, аз Қафқоз меояд ва ӯро ба дидани ин сарзамин ташвиқ менамояд. Лев аз сафар ба Қафқоз гардан мепечад, аммо бохти бузурге дар қартабозӣ ӯро маҷбур месозад, ки нақшаашро тағйир диҳад. Тирамоҳи соли 1851 пас аз супурдани имтиҳонот дар донишгоҳи Тифлис ҳамчун юнкери батареяи 4-уми бригадаи артиллерии бригадаи 20-ум, дар стансиаи Сатрогладов, соҳили дарёи Терек, наздикии Қизляр ба хизмати ҳарбӣ пардохт.

Толстой дар ин гӯшаи дурдаст қалам ба даст гирифт ва соли 1852 ба идораи «Современник» қисми аввали асари сегонаи тарҷимаиҳолии «Бачагӣ»-ро фиристод. Некрасов, муҳаррири «Современник», аз мутолиаи қисса ба ваҷд омад, қалами эҷодгарро писандид ва барояш номаи пурилтифоте навишт. Аз ин мактуб илҳоми нависандаи навқалам ба самои гуногунранг парвоз кард. Вай ба эҷоди қисмҳои минбаъдаи асари сегона дасту остин барзад. Дар сараш нақшаи офаридани асарҳои дигар тавлид меёфт.

Дар Қафқоз Толстойи афсар ду сол монд, дар ин муддат ҷон ба хатар ниҳода дар чандин задухӯрдҳои дар муҳити кӯҳистон ба вуқӯъ пайваста иштирок кард. Соли 1853 ҷанги Қрим аланга зад ва Толстой ба артиши Дунай гузашт. Вай дар муҳорибаи назди Олтенитса ва муҳосираи Силистрия ширкат варзид, аз ноябри соли 1854 то охири августи соли 1855 дар Севастопол буд. Лев Николаевич ҳамроҳи дигар муҳофизон тамоми даҳшат, маҳрумӣ ва азобу машаққати ин ҷангро аз сар гузаронд. Вай дар истеҳкоми пурфоҷиатарини рақами 4 ҷангид, дар муҳорибаи назди Черной ба батареяи гулӯлаандоз фармондеҳӣ кард, ҳангоми штурми баландии Қӯрғони Малахов зери бомбаборони шадид қарор гирифт. Толстой аз се яки «Ҳикояҳои Се-

вастопол»: «Севастопол дар декабри соли 1854»-ро рӯи варақ меорад ва ба маҷаллаи «Современник» интиқол медиҳад. Ҳикоя дар як нафас аз ҷониби сокинони мамлакат мутолиа мешавад ва тасвири ҳақиқии даҳшату маҳрумиятҳои аз сар гузаронидаи муҳофизони шаҳр хонандагони бешуморро ба ҳаяҷони шадид меорад. Ҳикоя ба чашми император Николай афтод. Ӯ амр кард, ки афсари болаёқатро эҳтиёт намоянд.

Пас аз штурм, 27 август, Толстойро ба сифати қосид ба Петербург фиристоданд ва ӯ дар ин ҷо ҳикояҳои «Севастопол дар майи соли 1855» ва «Севастопол дар августи соли 1855»-ро навишт. «Ҳикояҳои Севастопол» мавқеи Толстойро ҳамчун нависанда ва яке аз устодони насли нави адабиёт устувор гардонд.

Толстой дар адабиёти рус ва ҳамчунин дар адабиёти ҷаҳонӣ нахустин шуда ба таҳлили ҳақиқии ҳаёти ҷангӣ пардохт ва ба он бе ягон шавқу завқи барзиёд муносибат кард. Вай шуҷоати ҳарбиро аз зинаи «қаҳрамонӣ»-ҳои бемислу монанди бофтаю сохта ба замини муқаррарӣ фуровард, аммо васфи ҷасорату диловариҳо ва матонати аскарҳоро ба арши аъло баровард. Ӯ собит намуд, ки шахси дар ҳамин ҳолати ҷангӣ ҷасуру нотарс, лаҳзае пеш аз воқеа ва лаҳзае пас аз он одами одиест ба мисли дигарон.

Лев Николаевич Толстой бо шоиру нависандагони маъруфи замонаш Некрасов, Гончаров, Панаев, Григоревич, Дружинин, Сологуб аз наздик шинос шуд, баъди чанде саёҳати Олмон, Франсия, Англия, Швейтсарияро пеш гирифт. Вақте ки ба ватан баргашт, дар ин ҷо ҳуқуқи крепостноӣ барҳам хӯрда буд. Толстой дар Ясная Поляна мактаб кушод, соли 1862 чопи маҷаллаи «Ясная Поляна»-ро ба роҳ монд. Ва дар ҳамин айни авҷи корҳо бо Софя Андреевна Берг, духтари табиби маскавӣ, аз авлоди олмониҳо, вохӯрд ва ошиқ гашт. Ӯ 34 сол дошту духтарак акнун ба синни 17 мерасид. Тирамоҳи соли 1862 Толстой ба вай хонадор шуд. Пас аз 10-12 соли тӯй Лев Николаевич

«Ҷанг ва сулҳ», «Анна Каренина»-ро эҷод кард. Ин асарҳо қалбу мағзи кулли хонандагони сайёраи заминро ба дараҷае тасхир намуданд, ки аз тасвираш нависанда душворӣ мекашад. «Ҷанг ва сулҳ» аз аскари қаторӣ Платон Каратаев то император Александри якумро фаро гирифтааст. Дар он ду характер – Кутузови башардӯст ва Наполеони худбин, ки оқибат ҳамин манманиаш ба шикаст мувоҷеҳ месозадаш, бо як маҳорати асили нависандагӣ офарида шудааст.

Охири солҳои 70-аввали солҳои 80-уми асри XIX нуқтаи назари Толстой ба зиндагӣ тағйир меёбад. Вай мехоҳад, ки ба мисли одамони одӣ ҳаёт ба сар барад. Толстой аз моликияти хусусиаш даст мекашад, ин ба завҷааш писанд намеояд. Байнашон моҷаро мехезад. Охирҳои тирамоҳи соли 1910, шабона Толстойи 82-сола пинҳонӣ аз аҳли оила дар мушоояти табиби шахсиаш Д. Маковитский Ясная Полянаро тарк менамояд. Нависандаи пир ба азоби роҳ тоб наоварда бемор мешавад ва ночор дар стансияи хурдакаки роҳи оҳани Астапов аз қатора мефурояд. Дар хонаи сардори стансия ҳафт рӯзи боқимондаи умрро сипарӣ менамояд. Дар ин ҳафт рӯз сокинони Русия аз вазъи саломатии нависандаи оламшумул пайваста бохабар шуда меистоданд. 20 ноябри соли 1910, рӯзи вафоти Толстой, ба рӯзи мотами миллӣ табдил ёфт. Лев Николаевичро дар Ясная Поляна ба хок супурданд.

# Исаак Ниютон



# (Солҳои зиндагиаш 1642-1726)

Дар коллеҷи Тринити донишгоҳи Кембриҷ зери ҳайкалчаи Ниютон сатрҳои зерини шоир ва файласуфи Рими Қадим Лукретсий ҳаккокӣ шудаанд: «Бо ақлу фаросаташ вай пешакӣ банӣ башарро мафтун намуд». Ин суханон шавқу завқи наслҳоро нисбати заковати Ниютон равшан баён месозад.

Ниютон яке аз асосгузорони физикаи муосир ба шумор меравад. Он корҳоеро, ки то замони ӯ аз Арасту сар карда ба ҷо оварда буданд, ҷамъбаст намуда, вай тавонист таҳкурсии физикаи классикӣ – илмеро гузорад, ки то оғози асри XX назарияи эҳтимолият ва механикаи квантӣ сарҳади он ба ҳисоб мерафтанд. Ниютон қонунҳои асосии механикаро аниқу мушаххас баён намуд. Вай офарандаи барномаи ягонаи физика оид ба шарҳи ҳамаи ҳодисаҳои табиат дар асоси механика ба ҳисоб меравад. Олим қонуни ҷозибаи ҷаҳониро кашф намуд, ҳаракати сайёраҳоро дар атрофи Офтоб ва Моҳтобро дар гирди Замин, сабаби мадду ҷазрро фаҳмонд. Вай (новобаста аз Г. Лейбнис) ҳисоби дифференсиалӣ ва интегралиро кор карда баромад, аберратсия ва парокандашавии шуоъро кашф намуд, интерференсия ва дифраксияро таҳқиқ кард, назарияи корпускулярии рӯшноиро такмил дод, телескопи оинагӣ низ ихтирои вай аст.

Исаак Ниютон 24 декабри соли 1642 дар деҳаи Вулсторпи Линколншир чашм ба дунёи рӯшан кушод. Оилаи Ниютонҳо аз ҷумлаи фермерҳои миёнаҳол ба ҳисоб мерафт. Падараш то таваллуди ӯ аз ҷаҳони фонӣ рахти сафар баста буд. Модари Ниютон аз вафоти шавҳар бисёр ғусса хӯрду пеш аз мӯҳлат Исаакро ба дунё овард, ки бисёр ҳам майдаҳаку лоғараку бемадор буд. Гумон доштанд, ки тифл оянда надорад. Аммо ӯ на танҳо зинда монд, балки то пирӣ зист ва дар тӯли умри бардавоми  худ танҳо як маротиба ҷиддӣ бемор шуду халос. Вай аз ҳамсолонаш бо ҷисми солим фарқ мекард.

Се соли аввал Исаак аз домани модар дур нарафт. Баъди он ки модар бори дуюм ба рӯҳонӣ Смит ба шавҳар баромад, тарбияи кӯдакро модаркалон ба зимма гирифт. Исаак аз хурдӣ ба бозичасозӣ ва сураткашӣ завқ дошт, дар танҳоӣ, дуртар аз ҳамсолон бодпарак, осиёби бодӣ, соатҳои обӣ ва аробачаҳои педалдор месохт.

Вақте ки Исаак калонтар шуд, ба мактаби ибтидоӣ ба хондан рафт.  Пас аз 12- солагӣ таҳсилро дар мактаби Грантем идома бахшид.Исаак махсусан ба омӯзиши фанни математика шавқи беандоза дошт. 5 июни соли 1660 Ниютон донишҷӯи донишгоҳи Кембриҷ шуд. Аз матнҳои сабтгаштаи ҳуҷҷатҳои соли 1661-и донишгоҳ маълум мешавад, ки ӯ аввалҳо « субсайзер» будааст. Он  солҳо донишҷӯёни қашшоқро, ки музди таҳсилро пардохта наметавонистанд ва ҳам хизмати донишҷӯёни сарватмандро иҷро мекарданд, «субсайзер»  меномиданд. Ниютон танҳо соли 1664 донишҷӯи ҳақиқӣ шуд ва соли 1665 унвони бакалаври саноеи нафисаро мушарраф гашт.Вале нахустин таҷрибаҳои илмиаш ба таҳқиқи рӯшноӣ алоқаманд буданд.

Соли 1666 дар Кембриҷ беморие сар зад ва онро вабо пиндошта бисёриҳо аз шаҳр фирор карданд. Ниютон ҳам ба Вулсторпи дилписандаш баргашт ва кунҷи узлат ихтиёр намуд. Гоҳо дар боғи хилват танҳо қадам мезад, бе китоб, бе асбобҳои таҷрибавӣ буду ин ҷавони 24- сола соатҳо чун файласуфи солхӯр-

да ба баҳри андеша фурӯ мерафт. Ва андешаҳои ӯ самари шигифтангез ба бор овარданд. Вай қонуни ҷозибаи ҷаҳониро кашф кард. Рӯзе аз рӯзҳои тобистон Ниютон зери дарахти себ нишаста аз ҳавои серуни боғ лаззат бурда, ғарқи хаёл буд, ки ногоҳ себи пухтае аз шох ба замин афтода, риштаи андешаҳояшро барканд. Дар ривояте омада, ки себ ба фарқи сари олим бармехӯрад ва боиси кашфи қонуни ҷозибаи ҷаҳонӣ мегардад. Ин дарахтро, ки баъди чанд вақт шӯҳратёр гашт, солҳои зиёд барои ояндагон нигоҳ доштанд. Чун хушк шуд, аз он хараке сохта дар боғ гузоштанд.

Дар воқеъ кайҳо боз Ниютон оид ба сабабҳои афтодани ҷисмҳо андеша меронд ва эҳтимол канда шуда ба сараш бархӯрдани себ якбора фикри ӯро рӯшан карда бошад. Аммо чанд сол баъдтар Ниютон навишта буд, ки формулаи математикии қонуни ҷозибаи ҷаҳонро вай баъди омӯхтани қонунҳои оламшумули Кеплер эҷод намудааст.

Соли 1669 Ниютон профессори донишгоҳ буду сарварии кафедраи математикаро ба дӯш дошт. Барои донишомӯзон лексия мехонд ва ҳам бо корҳои илмӣ шуғл меварзид. Соли 1670 телескопи мувофиқтаре сохт барои мушоҳидаи ситораҳову сайёраҳо. Ҳамон сол ба узвияти Ҷамъияти подшоҳии Лондон пазируфта шуд. Соли 1673 оид ба парокандашавии шуоъ бо номи «Назарияи нави рӯшноӣ ва ранг» рисолаи илмие навишт, ки дар ин соҳа инқилоби илмиро ба вуҷуд овард. Минбаъд асарҳояш «Оптика» ва «Асосҳои математикии философияи натуралӣ» ба нашр расиданд. Вай нуқтаи назари олимони барҷаста Галилео Галилей, Иоган Кеплер ва дигаронро тақвият бахшида, боз се қонуни ҳаракатро кашф намуда, дар илм ғулғула барандохт.

Соли 1688 Ниютон узви порлумон интихоб шуд. Баъди як сол ба сараш бадбахтӣ омад. Модараш аз бемории домана фавтид. Марги модар ба тафаккури олими барҷаста мисли зарбаи мудҳиши путк таъсири манфӣ гузошт. Дигар ӯ наметавонист дар

хусуси мавзӯе чуқур андеша ронад.Як пардаи тирае ақли варо печонида буду имкони парвози андеша намедод. Солҳои 1690-1693 басо рӯҳшикаста буд. Боз дар ривояте омадааст, ки Ниютон пас аз сӯхтори хонааш, ки дар ин ҳодиса дастнависҳояш оид ба оптикаю механика ба коми оташ рафтанд, ба бемории рӯҳӣ гирифтор гашт.

Ниютон он солҳо олими оламшумул бошад ҳам, зиндагии миёнаҳолонае дошт. Маблағҳояшро ба тадқиқоти илмӣ сарф мекард. «Тангдастӣ,- навиштааст таърихдон В. И. Григорев,- бешубҳа, яке аз сабабҳои бемории рӯҳии Ниютон буд. Аз ин рӯ вай мехост ба вазифаи нозири сиккахона таъин шавад ва ҳам профессори донишгоҳ бимонад. Ӯ нозир шуд ва ба иҷрои вазифа аз таҳти дил камар баст ва соли 1699 директор таъин гашт. Пас аз ин вай соли 1703 ба Лондон кӯч баст. Охири ҳамон сол президенти Ҷамъияти подшоҳии Лондон интихоб шуд. Шӯҳраташ ба авҷи аъло расид. Аммо чун пештара танҳо буд, новобаста аз хонаи боҳашамату шаш хизматгузор. Дар зиндагӣ Ниютон шахси хеле фурӯтану хоксоре буд. «Ман барои он дар қуллаи илм истодаам, ки гузаштагонамон чунин имконият фароҳам овардаанд»,- гуфта буд ӯ.

Аз соли 1725 Ниютон аз хизмат даст кашид. 20 марти соли 1726 ором ин дунёи фониро падруд гуфт. Рӯзи вафоташ мотами миллӣ эълон гашт. Турбаташро дар дайри Вестминстер, дар шафати қабрҳои шахсиятҳои машҳури Ингилистон ба хок супурданд.

# Дмитрий Иванович Менделеев



## (Солҳои зиндагиаш 1834- 1907)

Дар таърихи рушди илм бисёр ихтирооти бузург маъмуланд. Вале на ҳамаи онҳоро дар як саф бо ихтирои Менделеев, кимиёдони барҷастаи рус, гузоштан мумкин аст. Ҳарчанд аз кашфи қонуни даврии ӯ солҳои зиёд сипарӣ гаштаанд, ҳеҷ кас гуфта наметавонад, ки кай маънои «ҷадвали машҳури Менделеев» то ҳадди охир «ҳазм» мешавад.

Менделеев маълумоти парокандаро оид ба изоморфизм (қобилияти ҷудошавии моддаҳо аз маҳлул ба шакли кристали таркибаш омехта) ба як системаи муайян дароварда, ба пешрафти геохимия такон бахшид. Вай ҳарорати мутлақи ҷӯши моеъ-ҳарорати бӯҳрониро кашф кард, ки болотар аз он дигар мавод дар ҳолати моеъ буда наметавонист. Назарияи гидрати ҳалкунандаҳоро таҳқиқ намуд, аз ин рӯ, ҳамчун физик-кимиёдони асил шинохта шуд. Дар бораи нафту газ, ҳавонавардӣ, метеорология, технологияи химиявӣ, иқтисодиёт, маорифи халқ асарҳои зиёде офаридааст. Менделеев узви бештар аз 70 академия ва ҷамъиятҳои илмии мамлакатҳои гуногун интихоб шудааст, ки ин далели олими ҳамадон ва хеле маъруф будани ӯст.

«Дар тааҷҷубам, ки чӣ корҳоеро дар ҳаёти илмии худ анҷом надодаам,- навишта буд Менделееви куҳансол.- Ва, ба гумонам, корҳои иҷрошуда бад нестанд».

Дмитрий Менделеев 8 феврали соли 1834 дар Тоболск чашм ба дунёи ҳастӣ кушод. Вай дар оилаи директори гимназия

ва сарпарасти омӯзишгоҳҳои халқии губернияи Тоболск Иван Павлович Менделеев ва Мария Дмитриевна Менделеева фарзанди 17-ум ва охирин ба ҳисоб мерафт. Ӯро модараш тарбия мекард, зеро падар пас аз таваллуди олими оянда бо чашмони хирагашта наметавонист кореро анҷом диҳад.

Мария Дмитриевна зане буд дорои ақли расо ва нерӯи бузург. Ӯ дар як вақт ҳам роҳбарии заводи шиша ва ҳам тарбияи бачаҳоро ба ӯҳда дошт.

Тирамоҳи соли 1841 Митя хонандаи гимназияи Тоболск буд. Тирамоҳи соли 1847 падар, пас аз се моҳ апааш Аполлинария аз дунё чашм пӯшид. Хониши Менделеев дар гимназия лоиқи таъриф набуд. Танҳо фанҳои риёзию физика диққаташро ба худ мекашиданд.

Баҳори соли 1849 Митя гимназияро хатм намуд. Модар ҳамаи амволашро фурӯхта аввал ба Маскав, сипас ба Петербург омад. Мақсади ягонааш ба донишгоҳ дохил кардани писари хурдӣ буд. Баъди такудави зиёди модар ӯ 9 августи соли 1850 расман донишҷӯи донишкадаи омӯзгории Петербург шуд. Он замон ин мактаби олӣ дар ду сол як маротиба донишҷӯ қабул мекард ва соли 1850 маъракаи қабул набуд. Аз ин рӯ Менделеев якбора ба курси дуюми факултети физикаю математика номнавис шуд. Моҳҳои аввал душворӣ мекашид, мустақилона дарсҳои дар соли пеш хондаи ҳамсабақонро меомӯхт. Ин ба саломатияш таъсири бад гузошт. Марги модар низ ба қалбаш зарбаи бедавое зад. Дмитрий то охири ҳаёт аз модар сипосгузор буд ва ҳамеша хотираашро дар ёд нигоҳ медошт.

Дар донишкадаи омӯзгорӣ он солҳо олимони варзидаи русриёзидон Остроградский, физик Ленс, кимиёшинос Воскресенский ва дигарон ба донишҷӯён асрори табиатро мекушоданд. Воскресенский ва профессори маъданшинос Куторга ба Менделеев пешниҳод намуданд, ки усули таҳлили маъданҳои ортит ва пироксени аз Финляндия овардаро кор карда бароянд. Натиҷаҳои тадқиқоташро вай дар мақолаи «Таҳлили кимиёвии

ортити финӣ» баён сохт ва он соли 1854 ба табъ расид. Ин нахустин мақолаи илмии Менделеев буд. Пас аз як сол ӯ донишкадаро ба итмом расонд.

Моҳи майи соли 1855 Шӯрои илмӣ ба Менделеев унвони «Омӯзгори калон»-ро арзонӣ дошт. Ӯ бо медали тилло низ қадр шуд. Табибон маслиҳат доданд, ки баҳри беҳбудии саломатиаш ҷойи зисташро тағйир диҳад, беҳтараш ба ҷануб равад.

Ӯро дар Одесса омӯзгори риёзиёт, физика ва дигар фанҳои дақиқи гимназияи назди литсейи Ришелевск таъин намуданд. Тирамоҳи ҳамон сол диссертатсияи магистриро дар соҳаи кимиё ҳимоя кард, оид ба мавзӯи «Сохти пайвастагиҳои силикатӣ» бо маҳорати том дар ҳузури олимони шинохта маърӯза хонд. Дар оғози соли 1857 ӯ приват-дотсенти донишгоҳи Петербург шуд. Соли 1859 ба хориҷа баҳри таҷрибаомӯзӣ рафт. Ду сол дар Олмон илми кимиё омӯхт, лабораторияи шахсиашро бунёд бахшид.

Охирҳои моҳи феврали соли 1861 Менделеев ба Петербург баргашт, дар миёнаи соли хониш барои муаллимӣ ҷой ёфтан осон набуд. Аз ин рӯ вай ба эҷоди китоби дарсӣ оид ба химияи органикӣ ҷуръат кард. Нашри китоби дарсӣ ва тарҷумаи «Технологияи химиявӣ»-и Вагнер ба Менделеев шӯҳрати зиёде овард. Академияи илмҳои Русия барои китоби «Химияи органикӣ» Менделеевро ба мукофоти ба номи Демидов сазовор донист. Ба шарофати маблағи он Менделеев, ки навакак бо Феозва Никитична Лешева ақди никоҳ баста буд, ба саёҳати тӯёнаи Аврупо баромад.

11 январи соли 1864 Менделеев ба вазифаи дотсенти кафедраи химияи органикии донишгоҳи Петербург ва ҳам профессори донишкадаи технологии Петербург фармон гирифт. Баъд аз ин ӯ пурра ба баҳри пуртуғёни илм фурӯ рафт. 31 январи соли 1865 дар мавзӯи «Омехташавии спирт ва об» диссертатсияи докторӣ ҳимоя намуд. Акнун ӯ профессори кафедраи химияи техникии донишгоҳи Петербург буд.

Дар ин миён талабот ба китоби таълимии химияи ғайриорганикӣ, ки бояд сатҳи замонавии рушди илми кимиёро дар худ фаро мегирифт, рӯз ба рӯз меафзуд. Ин мақсад Менделеевро пурра фаро гирифт.

Вай хосиятҳои элементҳои химиявӣ ва пайвастагиҳои онҳоро дақиқ омӯхт. Вале чӣ гуна онҳоро бояд ҷо ба ҷо гузошт? Ягон чаҳорчӯбаи аниқи ҷобаҷогузорӣ вуҷуд надошт. Он гоҳ олими ҷӯянда варақчаҳои картонӣ сохт ва ба ҳар яки он ӯ ном, вазни атомӣ, формулаҳои пайвастагиҳо ва хосиятҳои асосии элементи химиявиро сабт намуд. Муттасил картотека бо карточкаҳои дорои маълумот дар хусуси ҳамаи элементҳои химиявии то ин давра маълумбуда пур мешуд. Аммо то дер аз ин ҳам чизе ба даст наомад. Мегӯянд, ки ҷадвали даврии элементҳоро олим дар хобаш дидааст ва ба ӯ танҳо онро рӯи варақ овардану асоснок намудан монда буду халос.

Вале, бояд эътироф кард, ки кашфи асрор аз ҷониби ӯ тасодуфӣ набуд, зеро дар фаъолияти илмии вай назария ва амалия, донистани тарафи табиии ҳодисаҳо, фаросати математикӣ ва дарки фалсафии рӯйдодҳо ҳамеша тавъам, якҷоя гом мениҳоданд.

Ғайр аз ин Менделеев ба кашфиёти илмии гузаштагон ва олимони муосир бо чашми танқид назар афканда метавонист. Вай ба мисли ҳайкалтароши моҳир чизҳои беҳудаву зиёдатиро «тарошида» дур меандохт.

Оҳиста-оҳиста Менделеев ба хулосае омад, ки бо тағйир ёфтани вазни атом хосиятҳои элементи химиявӣ низ дигар мешаванд. Охири моҳи феврали соли 1869 фаро мерасид. Ба дастхати мақола оид ба ҷадвали элементҳо нуқта гузошта шуду он ба чоп рафт.

Аз он рӯз, вақте ки Менделеев дар паси қаторҳои аломатҳои элементҳои химиявӣ нишонаҳои қонунҳои табиатро дид, дигар проблемаҳо барояш аҳамияти худро гум карданд. Ҷобаҷогузории элементҳо дар чаҳорчӯбаи ҷадвал ба назараш но-

қис тофт. Ба ақидаи ӯ, вазни атомҳо дар бисёр ҳолатҳо нодуруст муайян шудааст. Аз ин рӯ баъзе элементҳо дар ҷойи худ қарор надоштанд. Дар асоси қонуни даврӣ Менделеев вазни атомии онҳоро тағйир дод ва ин элементҳо бо ҳамтоёнашон дар як саф ҷойгузин шуданд.

Дар як мақолааш, ки бо забони олмонӣ дар «Анналах»-и ношир Либих ба табъ расид, Менделеев дар қисми «Истифодаи қонуни даврӣ барои муайян намудани хосиятҳои элементҳои ҳанӯз кашф нагардида» бештар мулоҳиза ронда, дар хусуси се элементи химиявии ба илм номаълум-эка-бора, экаалюминий ва эка-кремний маълумот медиҳад. Соли 1875 олими франсуз Лекока де Буабодран элементи наверо кашф карда, ба он галлий ном ниҳод, вазнашро 4,7 нишон дод. Аз ин кашфиёт Менделеев воқиф гашт ва элементи нави химиявиро дар лабораторияаш санҷида, муқаррар сохт, ки галлий ин ҳамон эка-алюминийи пешгӯикардаи вай аст ва вазни хосаш ба 5,9 баробар аст. Менделеев ба олим Лекока мактуб навишта, мегӯяд, ки галлийи кашфнамудаи ӯ ҳамон эка-алюминий аст, ки вай ҳанӯз соли 1869 пешгӯӣ карда буд. Ин кашфиёт номҳои Менделееву Лекока де Буабодранро дар миқёси дунё шӯҳратёр намуд. Олимон аз комёбии ин ду нафар илҳом гирифта, баҳри кашфи ду элементи боқимонда кӯшиданд. Соли 1879 профессор Ларс Фредерик Нилсон, омӯзгори донишгоҳи Шветсия, элементи наве ихтироъ намуд, ки ба экабораи Менделеев монанд буд. Ин элементи навро скандий ном ниҳоданд. Исботи навбатии пешгӯии Менделеев дар байни олимони сайёра шӯҳрати ӯро даҳчанд афзуд. Аммо дар оила худро танҳою бадбахт ҳис мекард. Рӯзе бо дугонаи муаллимаи мусиқии духтараш Олга шинос шуд. Анна Ивановна Попова писандаш афтод. Ишқ ӯро аз доми яъсу ноумедӣ раҳо бахшид. Менделеев рӯз ба рӯз сӯҳбаторо, зиндадил, хушчақчақ мешуд. Анна нахост сабабгори барҳам хӯрдани оила гардад. Бинобар он ӯ сафари Италияро пеш гирифт. Дмитрий

Иванович аз ин ҳол воқиф гашт. Вале ҳеҷ касу ҳеҷ чиз дигар қудрати ошиқро боздоштани надошт. Пас аз як моҳ онҳо бо ҳам баргаштанд. Зиндагии Менделеев куллан тағйир ёфт. Анна Ивановна зани басо меҳрубону дилсӯз буд. Дар оилаи нав аввал духтарча ва пас аз соле писараке ба дунё омаданд. Вале ин хурсандиҳо ва мушкилиҳои зиндагӣ ӯро аз илм дур карда натавонистанд.

Дмитрий Иванович то нафаси охирин баҳри пешрафти илм заҳмат кашид ва субҳи 20 январи соли 1907 дилаш аз тапиш монд.

Соли 1955 олимони амрикоӣ бо сарварии Г.Сиборг элементи химиявиеро таҳти рақами 101, кашф карда, ба он ба нишони эҳтиром ба олими барҷастаи рус «менделеевий» ном гузоштанд.



## Алберт Эйнштейн

## (Солҳои зиндагиаш 1879-1955)

Эйнштейн поягузори назарияи умумии нисбият буда, муаллифи асарҳои бунёдӣ оид ба назарияи квантии рӯшноӣ мебошад. Он чизе, ки дар илм Эйнштейн кашф намуд ва саҳм гирифт, дар воқеъ бемуҳобот инқилоби илмӣ буд, аз ин рӯ физикдонҳо каме дарк сохтанд, ки назарияи махсуси нисбият ин кашфиёти оламшумулест. Дар байни онҳое, ки ин

комёбии беназири илмиро ҳис намуданд, физики бузург Макс Планк низ буд, ки чунин навиштааст: «Консепсияи вақти Эйнштейн ҳамчун ҷасорати илмӣ ба худ ҳамто надорад, бисёр мафҳумҳоро оид ба табиатшиносии муосир ва ҳатто назарияи фаҳмиши фалсафа куллан тағйир дод...

Назарияи нисбият дар соҳаи физика табаддулоте ба вуҷуд овард, ки онро танҳо бо комёбиҳои илмии Коперник муқоиса намудан ва дар як саф гузоштан мумкин аст».

Алберт Эйнштейн 14 марти соли 1879 дар Олмон, дар шаҳраки Улм таваллуд ёфтааст. Вақте ки тифл яксола шуд, волидайни ӯ Ҳерман ва Полина Эйнштейнҳо ба Мюнхен кӯч бастанд.

Дар ҳафтсолагӣ Алберт гом ба остонаи мактаб ниҳод. Моҳи августи соли 1886 Полина ба модараш, бибии Эйнштейн, менависад, ки вай боз ҳам дар синфашон ҳангоми ҷамъбаст баҳои беҳтаринро сазовор гашт. Ақидаи Полина дар хусуси он, ки Алберти хурдакаки вай дар оянда профессор мешавад, пайваста сабабгори асосии сӯҳбатҳо буд.

Дар нӯҳунимсолагиаш дар гимназияи Луитполд мехонд ва Эйнштейн он солро чунин ёдовар шудааст: «Ман тайёр будам, ки танҳо барои аз қориазёд кардани матнҳои бесарунӯги динӣ халос шудан, ҳар гуна ҷазои сахтро таҳаммул созам».

Баъди хатми синфи шаш, вай то тирамоҳи соли 1895 дар Милан зист ва бо худомӯзӣ шуғл варзид. Тирамоҳи соли 1895 роҳи Швейтсарияро пеш гирифт, то ки ба Омӯзишгоҳи олии техникии Сюрих шомил гардад. «Политехникум» мегуфтанд он солҳо ин муассисаи таълимиро. Вале пеш аз он ки дар ин муассиса бихонад, ба ӯ лозим омад, ки синфи охирини мактабро дар Аарау ба итмом расонад. Ниҳоят моҳи октябри соли 1896 Эйнштейнро ба факултети омӯзгории политехникум қабул карданд. Таҳсил дар Аарау давраи тиллоии зиндагии Эйнштейн буд. Вай шаҳракро ин тавр васф намудааст: «воҳаи фаромӯшнопазирест, чӣ гунае ки Швейтсария барои Аврупост».

Дар соли аввали таҳсил дар Омӯзишгоҳи олии техникӣ Эйнштейн дар лабораторияи физикӣ бо шавқу завқи болониҳоя таҷрибаҳо мегузаронд. Вай аз он шоду мамнун буд, ки бевосита худ дониши андӯхтаашро дар амал месанҷад. Ба ғайр аз физикаи назариявӣ Эйнштейн солҳои донишҷӯияш ба илмҳои геология, таърих ва маданият, иқтисодиёт ва адабиётшиносӣ низ рағбати зиёд зоҳир месохт. Ва ҳамчунон ба худомӯзӣ шуғл meварзиду шуғл меварзид. Дар рӯйи мизи хониши ӯ асарҳои Ҳелмҳолтс, Ҳертс ва ҳатто Дарвинро дидан мумкин буд.

Тобистони соли 1901 Алберт бо баҳоҳои миёна Омӯзишгоҳи олии техникиро хатм намуд. Ӯ дипломи омӯзгори фанни физикаю математика ва соли 1901 ҳуқуқи шаҳрвандии Швейтсарияро соҳиб гашт. Ба артиши швейтсарӣ ӯро нагирифтанд, бар асари кафи ҳамвори по ва васеъшавии раги хунгардаш.

То баҳори соли 1902 Алберти дипломдор кори доимӣ наёфт. Вазъияташ рӯз ба рӯз бад мешуд. Вай боре гуфта буд, ки шояд барои рӯзгузаронӣ ҳаминаш мондааст, ки дар кӯчаҳо скрипка навохта бурдаи ноне ба даст орад. Дар ҳамин гуна рӯзҳои сангин Эйнштейн мақолаи «Натиҷаи назарияи капиллярнокӣ»-ро навишт ва он соли 1901 дар «Солномаи физика»-и Берлин ба нашр расид. Дар мақола баҳс дар бобати қувваҳои ҷозибаи байни атомҳои моеъ мерафт.

Ниҳоят бо тавсияи рафиқи риёзидонаш М.Гроссман Эйнштейн ба вазифаи мумайизи (эксперти) дараҷаи сеюми бюрои федеролии патентҳои Берн бо маоши солонаи 3500 франк таъин гардид. Вай дар ин вазифа аз июли соли 1902 то октябри соли 1909 заҳмат кашид. Тарзи одии зиндагӣ ва кори осони бюрои патентӣ маҳз дар ҳамин солҳо ба ӯ шароит фароҳам оварданд, ки чун олими барҷастаи назарияи физика шӯҳратёр шавад. Пас аз адои хизмати давлатӣ вақти зиёди холӣ мемонд ва олим онро ба тадқиқу таҳқиқ мебахшид.

Пас аз ним соли фаъолият дар бюрои патентӣ Алберт Эйнштейн бо Миллея Марич ақди никоҳ баст ва бо ӯ ба Берн ома-

да, ошёнаи дуюми хонаи баққолеро иҷора гирифт. Моҳи майи соли 1904 дар оилаи онҳо фарзанди нахустин Ҳанс чашм ба олами ҳастӣ кушод.

Соли1904 ӯ ба маҷаллаи «Солномаи физика» оид ба омӯзиши масъалаҳои механикаи статистикӣ ва назарияи молекулярии гармӣ мақолаҳо фиристод, ки онҳо соли 1905 ба табъ расиданд. Чи тавре ки физики маъруф Луи де Бройл иброз дошт, ин корҳои илмӣ ба мисли мушакҳои паррони пурҷило дар шаби торик буданд ва ба мо ба сӯи олами ношиносу беканор роҳ кушоданд.

Эйнштейн тавонист ҳаракати броунии молекулаҳоро шарҳ диҳад ва ба чунин хулоса ояд, ки масса ва шумораи молекулаҳои дар як ҳаҷми муайян бударо ҳисоб намудан мумкин аст. Пас аз чанд сол ин кашфиётро олими француз Ж.Перрон бори дигар кашф кард ва барои ин дастоварди илмӣ соҳиби мукофоти Нобел гардид.

Дар мақолаи дуюм шарҳи фотоэффект пешниҳод гашта буд. «Таҷрибаҳо нишон доданд, ки шуои рӯшноӣ ҳангоми афтодан ба рӯи баъзе металҳо аз онҳо электронҳоро зада мебарорад,- навиштаанд дар китоби худ оид ба эҷодиёти олим П.Картер ва Р.Хайфилд.- Аҷоибаш ин ки ҳаракате, ки бо он электронҳо аз рӯйи метал канда мешаванд, на аз дараҷаи равшаннокӣ, балки аз ранги шуоъ вобаста будааст. Масалан, зери таъсири рӯшноии баланди арғувонӣ электронҳо бо суръати пасттар зада мебаромаданд, нисбат ба таъсири рӯшноии хираи кабуд. Инро ақли ягон олим намегирифт, то он даме, ки Эйнштейн нерӯи квантии рӯшноиро пешниҳод накард».

Вай илмро пешорӯи парадокс-фикре, ки ба ақидаҳои маъмулӣ мувофиқат намекунад-вогузошт: шуоъ (рӯшноӣ) дорои хосиятҳои ҳам мавҷмонанд ва ҳам корпускулагӣ мебошад.

Ин хосиятҳои ба ҳам зиди рӯшноӣ тамоми умр Эйнштейнро дар панҷаи азоб нигоҳ доштанд. Дар охири умр ӯ ба Бессо навишт, ки дар хусуси чи будани кванти шуоъ то ҳол тасаввуроти аниқ надорад.

Кашфиёти сеюм ва аз ҳама ҳайратангези Алберт оид ба назарияи нисбият буд. Олим ба фикре расид, ки ягон ҷинси материалӣ наметавонад аз суръати рӯшноӣ тезтар ҳаракат намояд. Дар асоси ин ӯ ба хулосае омад, ки массаи ҷисм аз суръати ҳаракаташ вобаста аст ва дар ниҳоди он «Нерӯи ниҳодошта» ниҳон аст, яъне массаи ба квадрати суръати рӯшноӣ зарбшуда. Чопи ин мақолаҳо ба Эйнштейн шӯҳрати безавол ва эътирофи академӣ овард.

28 июли соли 1910 писари дуюмаш Эдуард таваллуд шуд. Вай ҳамчун профессори кафедраи физикаи назариявии донишгоҳи Сюрих, донишгоҳи Прага кор кард. Соли 1914 ба донишгоҳи Берлин даъват гашт. Соли 1915 кашфи назарияи умумии нисбиятро ба охир расонд, назарияи нави ҷозибаро пешниҳод кард. Эйнштейн ақидаеро ба миён партофт,ки ҷисмҳо ҳамдигарро ба худ намекашанд, чӣ тавре ки аз замони Исаак Ниютон ҳамин гуна меандешиданд ҳамагон. Балки фазои муҳит ва вақтро кач месозанд. Ин чунон ҳангомаи инқилобие буд, ки олимони зиёд Эйнштейнро дурӯғгӯи гузаро мепиндоштанд.

Дар байни бисёр ҳодисаҳо дар майдони гравитатсионӣ аз меъёр дур шудани шуоъҳои рӯшноиро низ Эйнштейн пешгӯӣ карда буд. Олимони ингилис соли 1919 ҳангоми гирифтани офтоб ин ақидаи ӯро исбот карданд. Вақте ки ин расман тасдиқ гардид, Эйнштейн дар як шаб шӯҳрати ҷаҳонӣ ёфт. Барои назарияи нисбият Эйнштейн ба мукофоти Нобел пешниҳод гашт, аммо баҳснокии кашфиёт аз байн нарафта буд. Аз ин рӯ Кумитаи нобелӣ пешниҳодро рад кард. Эйнштейн соли 1922 барои кашфи дигар қонунҳо ба ин ҷоизаи байналмилалӣ сазовор шуд.

Соли 1918 Эйнштейн аз завҷааш ҷудо шуда буд, 2 июни соли 1919 бо Элза оила созмон дод ва ба хонаи завҷаи наваш кӯчид. Вақте ки фашистон ба сари қудрат омаданд, Эйнштейн соли 1933 аз Олмон ба Амрико кӯчид. Алберт Эйнштейн зидди истифодаи силоҳи атомию водородӣ ташкилоте созмон дод ва ҳамаи сарварони кишварҳои абарқудратро аз оқибатҳои ноху-

ши ин силоҳҳои даҳшатбор бохабар гарданд. Баъди даргузашти Эйнштейн ин ҳаракати Пагуоширо файласуф ва физики барҷастаи ингилис Б.Рассел сарварӣ кард. 18 апрели соли 1955, соати 1-у 25 дақиқа дили Эйнштейн аз тапидан монд. Касе сухан нагуфт, ҷасади олим дар крематорияи Юинг-Симтери ба коми оташ рафт, хокистарашро шамол ба дуриҳо рӯфта бурд.

# Леонардо да Винчи

## (Солҳои зиндагиаш 1452 -1519)



Леонардо да Винчи-идеали «одамони ҳамакора»-и давраи эҳё. Ӯ яке аз намояндагони бузургтарини санъати рассомии итолиёвии даврони Эҳё буда, ҳамчун суратгар, ҳайкалтарош, муғаннӣ, шоир, меъмор ва олим маъруф аст.

Назарияро бо амалия пайванд намуда ва аз васоили навтарин фоида бурда Леонардо да Винчи симои инсонеро офарид, ки он пурра ҷавобгӯи талаботи идеалҳои Таҷаддуди Олӣ буд. Табиати инсондӯстии вай дар тасвири зебоиҳои занона, махсусан дар мусаввараи «Мона Лиза» рӯшан тасвир ёфтааст.

Фаъолияти Леонардо да Винчи чун олим ва муҳандис дар рӯи бисёр лоиҳаҳо, тадқиқоти таҷрибавӣ дар соҳаҳои риёзиёт, илмҳои табиӣ ва механикӣ акс ёфтааст. Итолиёвии шӯҳратёр ҳисси пешгӯиҳои фавқулоддаи техникиро соҳиб буд. Лоиҳаҳои ӯ, ки бо сабаби набудани технологияи замонавӣ дар вақташ

амалӣ нагаштанд, аз давраи зиндагии вай хеле пеш рафта, аз ояндаи дурахшон дарак медоданд.

Леонардо да Винчи дар деҳаи Анкиано, наздикии шаҳрчаи Винчи, байни Флоренсия ва Пиза таваллуд ёфтааст. Ёддоштномаи бобои Леонардо Антонио да Винчи чунин сатрҳоро маҳфуз доштааст:

«Соли 1452 набераам аз сер Пиеро, ки писари ман аст, ба дунё омад, 15 апрел, рӯзи шанбе, соати 3-и шаб. Номи Леонардоро гирифт. Ӯро роҳиб Пиеро де Бартоломей да Винчи ғусли таъмид кард». Аз сабаби он ки он солҳо шаб аз ғуруби офтоб оғоз меёфт, вақти таваллуди рассоми оянда тақрибан ба соати 22-ю 30 дақиқа рост меояд.

Леонардо писари ғайриникоҳии нотариус Пиеро да Винчи буду оид ба модараш Катерина маълумоти хеле кам ба даст дорем. Падари биступанҷсолааш дар соли таваллуди писараш ба Албиера Амадора хонадор шуд. Солҳои кӯдакиашро Леонардо ҳамроҳи бибиаш Лучия ва тағояш Франческо сипарӣ намудааст.

Соли 1466 Леонардо шогирди рассом ва ҳайкалтароши маъруфи флоренсӣ Андреа Верокко шуд, то ки назокатҳои санъатварӣ омӯзад. Дар ин солҳо усули эҷодии устоди оянда дар асоси мукаммал омӯхтани табиат, гузарондани таҷрибаҳои ҷасурона ва дарк сохтани моҳияти илмҳои дақиқ шакл мегирад. Леонардои рассом аз ҳамаи илмҳои дақиқ ба риёзиёт афзалият дода, мегуфт, ки «математика илм ва духтари ҳақиқии табиат аст, дар он ҷое, ки илми математика истифода бурда намешавад, саҳеҳият вуҷуд надорад.»

Леонардо дар устохонаи  Верокко якчанд шакли сари занонаю кӯдаконаро аз гил сохт. Ҷорҷо Вазари, рассом, меъмор ва донандаи таърихи санъат, як назокати хосаи ин таҷрибаҳои нахустини ӯро чунин зикр карда буд: «Чеҳраи занҳо ҳама моили табассум». Леонардо аллакай дар ҳамон айёми ҷавонӣ пайи кашфи асрори табассуми зан кӯшиш ба харҷ медод.

Соли 1472 Леонардо таҳсилро дар назди Верокко ба анҷом расонд ва ба рӯйхати коргоҳи рассомони флорентӣ шомил гашт. Аммо шавқу завқи ӯ танҳо бо суратгарӣ маҳдуд набуд. Аз рӯи гуфти Вазари «ӯ нахустин касест, ки дар ҷавониаш масъалаи чӣ тавр истифода бурдани дарёи Арноро ба миён гузошта буд, то ки ба воситаи канал Пиза ва Флоренсияро бо ҳам бипайванданд.»

Яке аз асарҳои аввалини мустақилонаи рассоми ҷавон «Олиҳа бо гул» ё «Олиҳа Бенуа» ба шумор меравад, ки наздикии соли 1478 эҷод шудааст. Ин мусаввара бо тарзи комили иҷро ва бесобиқа будани фикр ҳар бинандаро ба ҳайрат овард.

Тобистони соли 1481 рассом ба тасвири мусавварааи «Парастиши соҳирон» барои меҳроби дайри Сан Донато супориш мегирад.

Дар он айём Леонардо ҷавоне буд зебо, қавиҳайкал, нерӯманд, донандаи ҳунарҳои ритсарӣ, ба монанди аспсаворӣ, шамшерзанӣ, раққосӣ. Аммо аҷибаш дар ин ки вай ба назди ҳерсог Сфорс ҳамчун муғаннӣ ҳозир шуд.

Муаллифи ношиносе чунин нигоштааст: «Вай 30 сола буд, вақте ки Лоренсои Кабир ӯро бо лира ба назди ҳерсоги Милан фиристод. Зеро навозиши ин асбоб танҳо аз дасти вай меомад.»

Ҳерсог маҳорати шигифтангези Леонардоро зуд дарк сохт ва ӯро ба офаридани ҳайкали «Аспсавор» -асосгузори сулолаи Сфорс вазифадор кард. Вай дар Милан 17 солро сипарӣ намуд. Ӯро «муҳандис ва рассом, Леонардои Флоренсӣ» мехонданд.

Ҳерсог ба Леонардо фармуд, ки ба азнавсозии хатҳои қубурҳои оби нӯшиданӣ ва корезҳо назорат барад. «Вай, -қайд менамояд Вазари, -суратҳои осиёб, мошинҳои моҳутмолӣ ва дигар асбобҳои бо нерӯи об ҳаракаткунандаро мекашид.» Диққати Леонардоро на танҳо дастгоҳҳои саноатӣ аз санъат дур мекард, балки ба ӯ зарур меомад, ки ба масоили техникаи ҳарбӣ

ҳам вақти зиёд сарф намояд. Ӯ ба сифати меъмор низ дар Милан чандин бино сохт, бароиояндагон аз худ бисёр лоиҳаҳо ва нақшаҳо ба мерос гузошт.

Ҳамон солҳо Леонардо ба омӯхтани анатомия –сохти бадани одам  шавқу рақбати зиёд зоҳир кард. Ӯ бо олим –донандаи маъруфи илми ташреҳ Марко Антонио делла Торре риштаи дӯстӣ пайваст. Олим китобе оид ба сохти бадани инсонро ба чоп расонд, ки суратҳояш ба Леонардо мутааллиқ буданд. Расмҳои бо қалам кашидаи ӯ бинандаро ба ҳайрат меоварданд, зеро ҳар як узви хурдтарини бадани инсон хеле табиӣ офарида шуда буд.

Соли 1485 эҷоди мусаввараи «Олиҳа Литта» тавассути мӯқалами суратгар анҷом пазируфт, ки он яке аз тасвирҳои шоиронаест дар даврони эҳёи санъат.

Дар байни солҳои 1483 -1494 Леонардо яке аз мусавваракҳои беҳтаринаш «Олиҳа дар байни шаххо»-ро пешкаши ҳаводорони санъати тасвирӣ намуд. Аз тарзи эҷоди ин асар бармеояд, ки анъанаҳои кӯҳнаи расмкашии то асри XV  аз байн меравад, сабки тозае ба миён меояд. Қисмҳое, ки маънии мушаххас доштанд ва ҳам хислатҳои тунду тезӣ ҷой ба мафҳуми умумӣ ва нармӣ медиҳанд. Сохти мусаввара ба кас оромӣ мебахшид, ягон чиз боиси шиддат ёфтани торҳои асаб намешавад. Дар қисми болоии мусаввара Олиҳа, дар поён таъмидкунанда бо фариштаҳо тасвир ёфтаанд, ки Исои навзодро бо эҳтиёт нигоҳ медоранд. Табиат низ аз ҷониби Леонардо тамоман ба дигар шакл тасвир ёфтааст. Бори нахуст дар соҳаи санъати рассомии асри XV одамон на берун аз табиат, балки дар оғӯши он тасвир шудаанд. Табиат ва одамон умумияти том доранд  ва аз ҳам ҷудо будани онҳо ҳеҷ мумкин нест, чунин маъно бармеояд аз мусаввара.

Соли 1503 Леонардо сурати Мона Лиза, завҷаи Франческо Ҷокондо, флорентии дороро офарид. Аз рӯи гуфти Вазари «Ҳангоми кашидани сурати Мона Лиза бо хоҳиши рассом муғанниҳо,

сарояндаҳо ва масхарабозон ба ҳузури онҳо даъват мегаштанд, то ки бо ҳунари худ аз симои қаҳрамон фориғболиро дур афканда, дар чеҳраи зебояш табассумро нигоҳ доранд. Ҳамон табассуми малеҳеро, ки ба шарофати санъати олии рассомии Леонардо ҷовидона дар мусаввара нақш бастааст.»

Соли 1510 дар Флоренсия устод мусаввараи «Аннаи авлиё бо Марям ва Исои навзод»-ро анҷом медиҳад.Ботини нурпош, тамкини холисона, қиёфаи зиндадилона ва тарзи исти қаҳрамонҳо бо ҳам мутобиқати шигифтангез дошта, зебоии нотакрори мусаввараро бунёд мегузоранд.

Соли 1513 бо даъвати Ҷулио Медичи Леонардо озими Рим мешавад, баъди чор сол бо хоҳиши шоҳи Франсия Франсиски якум ба қалъаи Клу меояд, ки дар наздикии шаҳрчаи Амбуаза воқеъ буд. Дар ҳамин қалъаи Клу, ки айни замон дарбори шоҳ ба ҳисоб мерафт, оид ба санъати рассомӣ рисолае иншо намуд. Дастнависҳои ӯ қариб ба 7 ҳазор варақ мерасанд, ки бо забони зиндаи гуфтугӯии итолиёвӣ навишта шудаанд. Леонардо да Винчи дар қалъаи Клу 2 майи соли 1519 ин оламро падруд гуфт. «Рисола оид ба рассомӣ»-аш пас аз вафоташ аз ҷониби шогирдаш Ф.Мелси аз чоп баромад ва дар рушди санъати тасвирӣ саҳми босазое гирифт.

# Иоҳанн Себастян Бах

# (Солҳои зиндагиаш 1685-1750)

Иоҳанн Себастян Бах намояндаи барҷастаи санъати мусиқии ҷаҳонӣ буда, ҳамчун бастакор ва ҳам навозандаи беҳамтои арғунуну клавесин шинохта шудааст. Мӯҳтавои фалсафӣ ва мундариҷаи баланди ғоявии асарҳои Бах эҷодиёти ӯро дар



қатори дастовардҳои бузургтарини маданияти дунё гузоштанд. Устоди беназири полифония-серовозӣ-тавонист дастовардҳои санъати мусиқии давраи гузаришро аз барокко ба классисизм умумият бахшида, шоҳасарҳои ҷовидонае биофарад, ки аз замонааш дида ба ояндаҳои дур мутааллиқ буданд.

Бах мувофиқи талаботи ҳамаи жанрҳои мусиқии маъмули замонаш оҳанг навишта ва ҳам барои арғунун, оркестр, хор, клавир-мусиқии опера асарҳо эҷод намудааст. Бештар аз 500 асари ӯ имрӯз ҳам маъруф аст.

Эҷодиёти Бах тамоми ҳиссиёти мухталифи ботини инсонро таҷассум менамояд. Ҳангоми зиндагиаш ӯро ҳамчун навозандаи шаҳири арғунун ва бадеҳасаро мешинохтанд, вале моҳият ва аҳамияти оҳангҳояшро одамон хеле баъдтар дарк сохтанд. Дар ин замон санъати серсадо, ки онро Бах бо тамоми нозукиҳояш медонист, аллакай ҷойи худро ба усули нав-гомофонно-гармонӣ (мусиқии бисёровоза, ки дар зимни он як овоз асосӣ буда, дигар овозҳо ба он ҷӯр карда мешаванд) таслим менамуд. Асарҳои мӯҳташам ва драмавӣ ё лирикии вокалӣ-оркестрӣ зери сояи операи итолиёвии бо суръат шӯҳратгиранда мемонданд. Ҳамзамонон ҳамин тавр надониста монданд, ки асарҳои арғунуннавози соҳири калисо ва муғаннии дарбор кашфиёти барҷаста дар олами мусиқӣ буданд.

Танҳо дар соли 1829, вақте ки Ф. Менделсон дар Берлин «Машаққати Матфей»-и Бахро иҷро намуд, асарҳои бастакор шӯҳратёр гаштанд. Минбаъд асарҳои бузурги вокалӣ-оркестрии Бах дар толорҳои консертии мӯҳташами Аврупо ва сипас тамоми ҷаҳон садо дода, муттасил таваҷҷӯҳи шунавандагонро бо андешаҳои жарфосои фалсафӣ ба худ мекашиданд. Анде-

шаҳои фалсафӣ ва ҳиссиёти ҳақиқии одамӣ ба ҳамаи асарҳои Бах хосанд.

Мусиқичиёни тамоми олам асарҳои мусиқии ӯро менавозанд, мафтуни зебоӣ ва илҳом, маҳорат ва салосати ӯ мешаванд.

Бах бо забони олмонӣ «ҷӯйбор» гуфтан аст, дар асоси ин Бетховен, бастакори дигари барҷаста, фармуда буд: «Номи варо ҷӯйбор не, баҳр бояд номид».

Ниёгони Бах бо истеъдоди фитрии мусиқидонии худ солҳои тӯлонӣ шӯҳрат доштанд. Ба ҳама маълум, ки падари бобокалони бастакор, аз рӯи касб нонвой бошад ҳам, санторро моҳирона менавохтааст. Аз авлоди Баххо чандин нафар навозандагони най, шайпур, арғунун, ғиҷҷак ба воя расидаанд. Охири охирон, ҳар як мутрибро дар Олмон Бах ва ҳар як Бахро мутриб мегуфтагӣ шуданд.

Иоҳанн Себастян Бах моҳи марти соли 1685 дар шаҳри на он қадар бузурги Эйзенахи Олмон чашм ба дунёи ҳастӣ кушод. Нахустин сабақи мутрибӣ, навозиши ғиҷҷакро ӯ аз падар, ғиҷҷакнавоз ва мусиқачии шаҳр, омӯхт. Бача овози беҳад хуб (сопрано) дошт ва дар ҳайати хори мактаби шаҳр месароид. Ҳеҷ кас ба касбиояндаи ӯ шубҳа намекард: Иоҳанн ҳатман бояд мутриб мешуд.

Дар нӯҳсолагӣ бача ятим монд. Ӯро бародари калонӣ, ки дар калисои шаҳри Ордруф арғунун менавохт, ба тарбияи худ гирифт. Ва дар гимназия ҷой намуд, ба омӯхтани мусиқӣ кӯмак расонд. Вале ӯ мусиқидони ҳассос набуд. Сабақҳояш берангу бемазмун буду оташи шавқу рағбатро доман намезад. Аз ин рӯ Бах ба худомӯзӣ пардохт. Аз куҷое донист, ки бародараш дар ғаладоне дафтаре маҳфуз медорад ва дар он нотаи бисёр асарҳои бастакорон сабт гаштааст. Бача шабҳо бо эҳтиёт ин дафтарро бурун меовард ва дар рӯшноии маҳтоб рӯйнавис мекард. Ин заҳмати пурмашаққат расо шаш моҳ идома ёфт ва ба биноии бастакори оянда зарари ҷиддӣ расонд. Ва чӣ андоза рик-

қатовар буд барои бачаяк, вақте ки бародар ӯро боре дар сари рӯйнависӣ ба даст афтонд ва нотаҳоро кашида гирифт.

Иоҳанн дар понздаҳсолагӣ зиндагии мустақилонаро интихоб кард ва ба Люнебург кӯчид. Соли 1703 гимназияро хатм намуда, барои ба донишгоҳ дохил шудан ҳуқуқ пайдо кард. Вале Бах аз ин имтиёз бархурдор нагашт, зеро ба ӯ лозим меомад, ки барои аз гуруснагӣ намурдан, аз пайи дарёфти қути лоямут шавад.

Дар тӯли ҳаёти хеш Бах якчанд маротиба аз шаҳре ба шаҳре кӯч бастааст. Ва ҳар дафъа сабаби муҳоҷираташ шароити номусоиди кор, вазъи ҳақиронаю мутеона мегашт. Ҳарчанд вазъият тоқатфарсо бошад ҳам, вай ба омӯхтану сайқал бахшидани маҳорати мутрибиаш вақт меёфт. Ӯ на танҳо мусиқии олмонӣ, балки оҳангҳои бастакорони итолиёвию франсузиро низ муттасил меомӯхт. Бах бо муғанниён шахсан шинос мешуд, ба тарзи навозиши онҳо диққат медод, назокатҳои навозандагиро аз бар мекард. Боре, аз сабаби надоштани дираме, ба шаҳри дигар пиёда рафт, то ки садои арғунуни мутриби моҳир Дитрих Букстехудро бишнавад.

Ҷомеаи дарбориён мусиқии хориҷиро меписандид, аммо Бах бо як меҳру муҳаббат ва самимият суруду рақсҳои халқии олмониро меомӯхт ва дар эҷодиёташ фаровон истифода мебурд.

Оҳангҳои бастакорони дигар кишварҳоро куллан дарк сохтаву ҳазм намуда бошад ҳам, ӯ ба онҳо тақлид накард, сабку услуби худро дарёфт ва онро пайваста сайқал мебахшиду такмил медод.

Бах дар байни мутрибони замонаш ҳамчун арғунуннавози беҳтарин эътироф гашта буд, ҳатто ҳарифонаш ба маҳорати ӯ сари таъзим фуруд меоварданд.

Ровиёни ахбор овардаанд, ки боре Бах ба шаҳри Дрезден даъват шуд, то ки бо арғунуннавози машҳури франсуз Луи Маршан мусобиқа намояд. Дар арафаи санҷиш шиносоии муғанниён барпо гашт ва ҳар дуи онҳо дар клавесин-асбоби қадимаи

пианиномонанд оҳангҳо навохтанд. Ҳамон шаб Маршан осемасар ба ватанаш фирор намуд ва бо ин амали хеш маҳорати фавқулоддаи Бахро собит сохт. Бори дигар дар шаҳри Кассел бо тарзи хосаи навозиши арғунун шунавандагонро ба ҳайрат овард. Вале муваффақият Бахро саргаранг накард, ӯ аз худ нарафт, ҳамоно фурӯтану хоксор буд. Ба саволи «Бо кадом роҳ ба ин дараҷа расид?» ба ҳама чунин посух медод: «Комёбии ман аз заҳмати ҳамешагист, ҳар касе, ки сидқан заҳмат мекашад, ба ҳама чиз ноил мегардад».

«Шоҳи ҳамаи мутрибони арғунуну клавир» номида буд Бахро назариётчӣ Г.Зорге. Қомуси мусиқии И. Валтер ва Э.Гербер чунин суханонро сабт намудааст: «Ӯро моҳиртарин навозандаи клавир ва арғунуни замона ва замонаҳои оянда метавон гуфт».

Аз соли 1708 Бах муқими Веймар гашт ва дар ин ҷо беҳтарин асарҳояшро офарид. Дар байни онҳо Токката ва фугаре минор, Паскалия до минор буданд.

Соли 1717 Бах бо аҳли оилааш ба Кетен кӯчид. Дар дарбори шоҳзодаи Кетен ба оркестри хурде роҳбарӣ мекард ва тамоми вақти холиашро ба эҷоди асарҳои мусиқӣ мебахшид. Оҳангҳои дуовозию сеовозӣ, сарахбор, асарҳои саҳнавии мусиқӣ, сурудҳои бисёровозӣ офарид, ки ҳамаи онҳо баъдтар дар шакли китоби калонҳаҷм нашр шуданд. Бах соли 1723 аз Кетен ба Лейпсиг баргашт ва то охири умр ин ҷо монд. Роҳбари дастаи хори мактаби сароядагии назди калисои Фомаи Муқаддас буд. Вай дар ин ҷо беҳтарин асарҳои вокалию драмавӣ ва кантатаҳояшро эҷод кард. Умуман Бах қариб 250 кантата офаридааст.

Муноҷот ва «Машаққатҳо»-и Бах асарҳои бузурги мусиқианд. Дар иҷрои онҳо солистҳо, хор, оркестр, арғунун ширкат меварзанд.

Роҳбарони калисо аз Бах розӣ набуданд, зеро асарҳои мусиқии ӯ зиндагиро васф мекарданд, одамонро ба шавқ меоварданд, хун дар рагҳо ба ғалаён меомад.

Бастакор ду маротиба издивоҷ кардааст. Завҷаи нахустинаш Мария Барбара пас аз таваллуди чор фарзанд дунёро падруд гуфт. Пас аз як соли вафоти Мария Бах бо Анна Магдален Вилкен ақди никоҳ баст. Анна дӯстдори мусиқӣ буду хуб ҳам месароид. Аз ду никоҳ Бах соҳиби зиёда аз бист фарзанд гардид, вале дар рӯзи вафоташ 28 июли соли 1750 танҳо 9 нафараш дар қайди ҳаёт буд. Писаронаш Вилгелм Фридеман, Филипп Эммануил, Иоҳанн Христиан мутрибони мумтозе буданд, духтари калонии Бах садои фороме дошт.

Дар охири солҳои чилум саломатии бастакор бад гардид, пас аз ду ҷарроҳӣ чашмонаш нобино шуданд, вале ӯ ҳамоно асар эҷод мекард, вай мегуфту фарзандон менавиштанд. Ногаҳон чанд рӯз пеш аз марг Бах дунёи равшанро дид, аммо аз сактаи дил чашм пӯшид.

# Архимед

## (Солҳои зиндагиаш 287-212 то милод)



Баҳои Ситсерон, воизи бузурги аҳди қадим, донандаи «фазои архимедӣ», ки чархзании ҷирмҳои осмониро дар атрофи Замин нишон медод, нисбати Архимед бисёр ҳам ҳайратовар аст. Ӯ гуфта буд: «Ин ситсилиёвӣ дорои заковате буд шигифтангез, ки ҳатто табиати одамӣ ба он расида наметавонист».

Архимед – риёзидон ва механик, асосгузори назарияи механика ва гидростатика. Қарнҳо сипарӣ шуданд ва ӯро дар таърихи башар ҳамчун нахустин муҳандис ном мебурданд ва мебаранд. Маҳз Архимед механикаро ба илм мубаддал сохта буд.

Олим усулҳои дарёфти сатҳи болоии майдонҳо ва ҳаҷми шаклу ҷисмҳои гуногунро, ки аз усулҳои ҳисобкунии дифференсиалӣ ва интегралӣ беҳтар буданд, кор карда баромад. Дар асараш «Оид ба андозаи доира» Архимед бори аввал ададн «пӣ» - муносибати дарозии доира ба диаметрро ҳисоб намуд ва исбот кард, ки вай барои ҳар доира як хел аст. Мо то ҳол аз системаи номгӯи ададҳои томи ихтироънамудаи Архимед истифода мебарем.

Дар асарҳояш оид ба статика (беҳаракатӣ) ва гидростатика Архимед тарзи истифодаи илми риёзиро дар табиатшиносӣ ва техника намуна овардааст. Ба ғайр аз донандаи илмҳои назариявӣ будан, ӯ ҳамчун ихтироъкор, кошифи бисёр асбобҳои механикӣ ном баровarда буд. Чархи Архимед, фишанги Архимед барои бардоштани борҳои вазнин, манҷаниқҳои сангпартои ҳарбӣ ва ғайра намунаҳое аз ихтироъҳои ин олим ва механики ҳамадонанд. Таъсири осори сиракузии кабир ба эҷодиёти олимони бузурги баъдина, аз қабили Галилей, Гюйгенс, Нютон ва дигарон хеле зиёд аст.

Таърихдони Юнони Қадим Плутарх ба саҳми Архимед дар илм ва ба шахсияти ӯ ҳамчун олими барҷаста қоил шуда, нигошта буд: «Дар соҳаи геометрия теоремаи душвортарин ва жарфноктаринеро дарёфт кардан натавон нисбат ба онҳое, ки Архимед ба тарзи одӣ ва аёнӣ ҳал кардааст. Баъзе ин тавр осон ҳал намудани масъалаҳои пурчигилро ба ақли гирои Архимед нисбат диҳанд, дигарон инро аз заҳмати пайвастаи ӯ мебинанд. Вай ба мисли шахси сеҳргашта муттасил кор мекард, хӯрокӣ, нӯшокӣ, ҳар гуна ғамхориро нисбати ҷисми худ ба боди фаромӯшӣ месупурд. Ҳангоми фароғат дар ҳаммом ҳам рӯи хокистар ё равғани ба тани худ молида шаклҳои геометрӣ мекашид».

Архимед соли 287-и то милод дар шаҳрчаи юнонии Сиракуза ба дунё омада, қариб тамоми умр дар он ҷо зистааст. Падараш Фидий, ситорашиноси дарбори ҳокими шаҳри Гиерона будааст. Архимед чун анъана ба мисли дигар олимони Юнони Қадим дар Искандария, ки ба он ҷо шоҳони Миср Птолемейҳо беҳтарин олимону мутафаккиронро гирд оварда, китобхонаи бузургтарини дунёро асос гузошта буданд, таълиму тадрис гирифт.

Пас аз таҳсил Архимед аз Искандария ба Сиракуза баргашт ва вазифаи падарашро соҳиб гардид.

Архимед боигарӣ ва шӯҳрати Сиракузаро афзунӣ бахшид. Ихтироъҳои ӯ тарзи зиндагӣ ва заҳмати тоқатфарсои мардумро осон мекарданд. «Китоби такя»-и Архимед чашми бинокоронро ба бисёр масъалаҳои сохтмонӣ кушод. Вай ҳисобро омӯзонд. Архимед назарияи панҷ механизмро кашф намуд ва дар амал санҷид, ки ҳанӯз дар вақти зинда будани ихтироъкор бо номи «механизмҳои одӣ» шӯҳрат доштанд. Инҳо фишанг, фона, ғарғара, парра ва ғарғараи борбардор буданд. «Ба ман нуқтаи такяро диҳед, - мегуфт Архимед, - заминро аз ҷояш меҷунбонам».

Ҳамчун олими риёзидон Архимед ба комёбиҳои зиёде ноил гашт: аз ӯ то замони мо 13 рисола расидааст. Ҳамаи асарҳои намоёни илмиашро Архимед пас аз чилсолагиаш навиштааст. Вай ба ҳамаи проблемаи ҷисмонӣ, корҳои вазнини заҳматталаб, дар асоси исботи геометрӣ назар меафканд. Аз ин рӯ Архимедро асосгузори илми физикаи математикӣ номидан мумкин аст. Вай ба ин соҳаи илм рисолаҳои «Оид ба баробарии шаклҳои ҳамвор», «Оид ба ҷисмҳои шинокунанда»-ро бахшидааст.

Дар рисолаи «Оид ба ҷисмҳои шинокунанда», ки аз ду қисм иборат аст, Архимед таълимотро дар хусуси гидростатика инкишоф медиҳад. Вай оид ба таъсири ҷисм ба моеъ ё газ қонуне кашф намуд, ки минбаъд бо номи кошифаш машҳур гашт.

«Қонуни Архимед, қонуни статикаи моеъот ва газҳоро гӯянд, ки мувофиқи он ба ҳар гуна ҷисми ба моеъ (ё газ) ғӯтонидашуда аз тарафи ҳамин моеъ (газ) қувваи нигоҳдорандае таъсир мекунад, ки ба вазни моеъ (газ)-и бо фишор хориҷ сохтаи ҳамин ҷисм баробар буда, ба боло самт дорад ва ба маркази вазнинии ҳаҷми хориҷшуда таъсир менамояд». Ин қонун аз панҷ банд иборат аст ва дар банди 5-ум омада: «Ҷисми нисбатан ба моеъ вазнинтари ба ин моеъ афканда то дами ба нуқтаи охирини таги моеъ расидан меғӯтад ва моеъ баробар ба ҳаҷми ҷисми ғӯтида сабук мешавад». Ҳамин банд қонуни Архимедро шӯҳрат бахшид. Мувофиқи ривоят Архимед тавассути қонуни худ ба шоҳ Гиерон, ҳукмдори Сиракуза, ёрӣ расонд. Ровиёни ахбор овардаанд, ки шоҳ фармудааст, ки тиллои тоҷро баркашанд, ки вазни он бо вазни тиллои ба тоҷ сарфгашта оё баробар аст? Барои иҷрои фармони шоҳ Архимед ду сабика (слиток) сохт: яке аз тилло, дигарӣ аз нуқра, ҳар кадом баробари вазни тоҷ. Сипас, бо навбат онҳоро ба зарфи обдор андохт ва сатҳи болошавии обро чен кард. Тоҷро ба зарфи обдор гузошта Архимед муайян намуд, ки ҳаҷми вай аз ҳаҷми сабика зиёдтар аст. Ана бо ҳамин тарз бевиҷдонии заргар собит гашт.

Архимед яке аз ихтироъкорони беҳамтост. Вай муаллифи парраҳои (винти) архимедӣ мебошад. Таърихдон Деадор тарзи истифодаи асбоби сохтаи Архимедро дар дарёи Нил чунин нигоштааст: «Нил баъди дамидан ба майдонҳо лойқаи зиёде меафканд ва аҳолии Сиракуза бо ёрии мошини ихтироъкардаи Архимед, ки ба шаклаш назар афканда мардум ба он тӯқумшуллуқ ном гузошта буданд, замини бисёреро кишт менамуд».

Архимед дастгоҳи механикие сохт, ки бо ёрии он ҳаракати сайёраҳо, Офтобу Моҳтобро мушоҳида кардан мумкин буд. Пас аз ҳалокати олим дастгоҳи ӯро Марсел ба Рим овард ва он чандин аср боиси ҳайрату мафтунии бинандагон гашт.

Соли 212-и то милод, ҳангоми муҳофизати Сиракуза аз ҳуҷуми румиён дар ҷанги дуюми Пунӣ, Архимед якчанд мошини

ҷангӣ ихтироъ намуд, ки бо ёрии онҳо ба фишори душман муҳофизон се сол истодагарӣ карданд. Архимед бо ёрии оинаҳо киштиҳои мухолифинро оташ зад. Дар хусуси ин корномаҳо Плутарх, Полибий ва Тит Ливий ёдрас шудаанд.

Архимед дар вақти муҳосираи Сиракуза шаҳид гардид: ӯро сарбози римӣ дар ҳолате кушт, ки олим саргарми ҳалли муаммои илмие буд.

Аҷиб, ки римиҳо баъди ғасби Сиракуза ба асарҳои илмии Архимед соҳиб нашуданд. Танҳо пас аз сипарӣ гаштани чандин аср олимони аврупоӣ рисолаҳои Архимедро дарёфт намуданд. Ана барои чи Плутарх навишта будааст, ки Архимед, ҳарчанд олими барҷаста ва ихтироъкори шоиста бошад ҳам, аз худ ягон асари илмӣ ба мерос нагузоштааст. Плутарх менигорад, ки дар рӯи санги мазори Архимед сурати кура ва силиндрро нақш карда будаанд.



## Волфганг Амадей Мосарт

## (Солҳои зиндагиаш 1756-1791)

Мусиқии Мосарт аз ҷиҳати такомули оҳангу шакл дар давраи класситсизм дастоварди беназир ба ҳисоб меравад. «Рӯшании ҷовидонаи офтобӣ дар мусиқӣ, ном ба ту «Мосарт», -хитоб намуда буд бастакор Антон Рубинштейн.

Мосарт бештар аз 600 асар: 41 симфония ва 27 консерт барои фортепиано, бисёр пиесаҳои камеравӣ ва инструменталӣ таълиф намудааст. Вале бештар аз ҳама опера ва маҷмӯи мусиқии иборат аз се симфонияи ӯ шӯҳрати бегазанд ёфтанд.

Ба ҳамаи жанрҳои мусиқӣ Мосарт навгоние ворид сохт, аз ҷиҳати мазмуну шакл сайқал бахшид, васоити муассирсозии санъати мусиқиро нав кард. Имрӯз операҳои Мосарт дар бузургтарин ва беҳтарин саҳнаҳои дунё садо медиҳанд, асарҳои ӯ зинатбахшои барномаҳои консертии мутрибони овозадори замони муосиранд.

Падари ин марди закӣ Леополд Мосарт дар шаҳри Залсбурги Австрия ҳамчун мутриби моҳир, омӯзгор ва бастакор ангуштнамо буд. Мактаби скрипканавозони ӯ дар бисёр кишварҳои Аврупо шӯҳрати беқиёс дошт. Аз ҳафт фарзанди Леополд ва Мария Анна Мосарт ду нафар зинда монд: духтарашон Мария Анна ва Волфганг, ки 27 январи соли 1756 ба дунё омада буд.

Духтарак барвақт ба мусиқӣ шавқу рағбат пайдо намуд, аз ин рӯ падар бо ӯ дар клавир -асбоби мусиқии забонакдор оҳангҳо машқ мекард. Ин ба писарак, ки ҳамагӣ се сол дошт, низ таъсири амиқ мегузошт.

Вай ҳам паси клавир менишаст ва фосилаи овозҳоро меҷуст ва ҳамин ки меёфт, бо хурсандӣ онро такроран менавохт.

Дар чорсолагиаш падар бо ӯ дар клавир менуэтҳо –оҳанги рақсҳои қадимӣ ва пиесаҳои хурдро иҷро менамуд. Дар муддати хеле кӯтоҳ Мосарт оҳангҳоро чунон устокорона ва дақиқ менавохт, ки падар ба ҳайрат меафтод. Баъд дар ботини ӯ ҳиссиёти оҳангофарӣ падид омад. Волфганг дар панҷсолагӣ пиесаҳои хурд офарид ва аз падар хоҳиш кард, ки онҳоро рӯи коғаз орад.

Дар шашсолагӣ муғаннии хурдакак аллакай асарҳои мураккабро бо маҳорати шигифтангез менавохт. Ҳатто падараш

нафаҳмида монд, ки вай чи тавр созҳои скрипка ва арғунунро омӯхт. Маҳорати ҳайратовари фарзандон падарро водор сохт, ки ба сафари ҳунарӣ бароянд.

Оилаи Мосартҳо нахуст тамошобинони шаҳрҳои Мюнхен, Вена, сипас шаҳрҳои бузурги Аврупо –Париж ва Лондонро ба ҳайрат гузошта, қалби ҳазорҳо нафарро тасхир кард. Дар Лондон Волфганг бо муғаннии шинохта Иоҳанн Христиан Бах, писари хурдии бастакори бузург Иоҳанн Себастян Бах, ошно шуд. Новобаста ба синну сол онҳо соатҳо бо ҳам оид ба назокатҳои мусиқӣ сӯҳбат мероростанд. Бах ӯро бо асарҳояш ва бо эҷодиёти бисёр бастакорони мумтоз шинос намуд, онҳо якҷоя мусиқӣ менавохтанд ва ҳам бадоҳатан оҳангҳо меофариданд.

Зиёда аз як сол оилаи Мосартҳо дар Лондон ба дӯстдорони мусиқӣ ва аҳли дарбори шоҳ консерт дод. Сипас аз Ҳолландия даъватнома расид ва онҳо нӯҳ моҳро дар шаҳрҳои Гаага, Амстердам ва ғайра сипарӣ намуданд. Волфганг дар ин муддат асарҳои зиёде навишт, дар байни онҳо як симфония, шаш сонат барои клавесина ва скрипкаҳо, маҷмӯи каприччиои клавесина хеле машҳур буданд.

Барномаи консертии Волфганг бо гуногунрангӣ ва мураккабиаш шунавандагонро ба водии ҳайрат меандохт. Ҳунарвари хурдакак дар клавесин танҳо ва ҳам бо апааш якҷоя оҳанг менавохт. Вай асарҳои мураккабро бо скрипка ва арғунун иҷро мекард, дар саҳна бадоҳатан оҳангҳо эҷод менамуд, бо сарояндаҳо ҳамовоз мешуд. Ва бесабаб набуд, ки Волфгангро «аҷоиботи асри XVIII» ном мебурданд.

Эҷодгари хурдсол бо намуди зоҳириаш ҳам аҷиб будӣ: бо қади паст, андоми лоғар, ранги парида, либоси махсуси вазнини зарҳалӣ, мӯи сунъии бофтаи упозада ба лӯхтаки сеҳрнок монандӣ дошт. Сомеаи басо ҳассосаш боиси тавлиди ҳар гуна ривоятҳо буд.

Ниҳоят Мосартҳо дар охири соли 1766 ба Залсбург баргаштанд. Ва ба зудӣ дар донишгоҳи маҳаллӣ нахустнамоиши

асари саҳнавии Мосарт –интермессои лотинии «Аполлон ва Гиасинт» барпо шуд. Дар сафари Вена, мобайни соли 1767, операи «Духтараки содадили қалбакӣ»-ро навишт.

Солҳои 1770-1773 падару писар ба шаҳрҳои бузурги Итолиё –Рим, Милан, Неапол, Венесия, Флоренсия ташриф оварданд. Ҳанӯз дар оғози сафар Волфганг бо омӯзгори машҳуртарини давр Ҷ.Мартинӣ шинос гашт ва бо ӯ ба машқу омӯзиш пардохт.

Итолиёвиҳоро сомеаи ҳассоси афсонавиаш моту мабҳут мекард. Боре дар Рим, дар копеллаи Сикстинӣ ҳангоми иҷрои асари хории бисёровоза Мосарт онро пурра дар ёд нигоҳ дошт ва ба хона омада рӯи варақ овард. Ин асар моли хусусии калисо ба ҳисоб мерафт ва соле ҳамагӣ ду маротиба иҷро мешуд. Баровардани нотаҳо аз калисо ё рӯйбардор намудани онҳо қатъиян манъ ва гунаҳгорро ҷазои сахт интизор буд. Вале ҳатто калисо ҳам дар назди маҳорати мусиқидони мумтоз қадаме ба қафо гузошт: охир Мосарт нотаро нагирифтааст ва ё накӯчондааст, вай танҳо онро дар ёд нигоҳ доштааст!

Машғулияти кӯтоҳ бо Мартинӣ натиҷаи шигифтангез овард. Дар ним соат бачаи закӣ асари мураккаби мусиқии бисёровоза офарид. Бори нахуст дар таърих чунин шахси хурдсол ба шарофати маҳорати фавқулоддааш узви академияи Болон гардид. Маҳорати Мосарт боз ҳам ғалаба кард.

Мосарт дар Итолиё операи «Митридат, шоҳи Понта», серенатаи «Асканио дар Алба» ва операи «Лусий Сулла»-ро навишта ба саҳна гузошта бошад ҳам, дар ин кишвар ҷойи доимии кор наёфт. Дар Вена ҳам ӯро ба кор нагирифтанд. Вай ба ватан баргашта симфонияҳои 25-29-ро эҷод намуд, ки аз ҷиҳати ҳаҷм ва сатҳи устодӣ ҳамтое надоштанд.

Дар Залсбург князи куҳансол, ки ба Мосарт эҳтиром мегузошт, оламро падруд гуфт ва ба ҷои ӯ граф Колоредо ҳукмрон гашт. Вай шахси золиме буд. Чун фаҳмид, ки бастакори ҷавон, дирижёри оркестри дарбораш, фарди озодидӯст асту

соҳибақида, нешзаниро афзун намуд. Вай Мосартро ҳамчун хизматгор истифода мебурд, намегузошт, ки дар ҷое консерт диҳад. Мосартро маҷбур месохт, ки бо хизматгорон якҷо ғизо хӯрад ва аз ошпазҳо поён нишинад. Волфганг бисёр азоби рӯҳӣ мекашид. Оқибат соли 1777 рухсатӣ гирифту бо модар ба Париж омад. Аммо дар ин ҷо низ ба нокомӣ дучор гашт. Кор наёфт, бо модар дар меҳмонхонаи назарногире мезист, ба хоҳишмандон сабақи мусиқӣ медод ва барои қути лоямуте маблағе дармеёфт. Ба ин хорӣ модар тоб наоварду сафари охират пеш гирифт. Моҳи ноябри соли 1780 Мосарт ба Мюнхен омад, 29 январи соли 1781 нахустнамоиши операи «Идоменей, шоҳи Крит» баргузор гашт ва ба муаллиф шӯҳрати беандоза овард. Мосарт дигар ба дарбор қадам нагузошт. «Гули бахти ман акнун рӯ ба шукуфоӣ дорад», -навишта буд ӯ ба падар 4 августи соли 1782. Мосарт бар хилофи падар бо сарояндаи бистсола Констанса Вебер, ки духтараки зиндадили гармсимое буд, махфиёна ақди никоҳ баст. Ҳарчанд ҳаёти хуше доштанд, аз шаш фарзанд танҳо ду нафар ба воя расид. Писари калонӣ Карл Томам ба мусиқӣ меҳр набаст, Франс Ксавер оҳангсоз шуд.

Мосарт бо супориши театри немисии шаҳри Вена операи мазҳакавии «Дуздӣ аз ҳарамсаро»-ро меофарад ва он ғулғулае дар олами санъати театрӣ меафканад. Танҳо ба он император чунин эрод мегирад: «Нотаҳо аз ҳад зиёданд, азизакам Мосарт». «Ҳамон қадаранд, ки заруранд», -бо назокат посух дод бастакор ба император.

1 майи соли 1786 дар Вена мазҳакаи мусиқии «Тӯи Фигаро» ба саҳна омад. Аммо лоқайдии император ва дарбориён маҷбур сохт, ки баъди чанд намоиш «Дуздӣ аз ҳарамсаро» ва «Тӯи Фигаро»-ро аз барномаи театр бардоранд. Барои Мосарт боз давраи душвор оғоз ёфт. Аммо аз Прага хушхабар расид. «Тӯи Фигаро» дар он ҷо шӯҳрати беқиёс ёфтааст. Мосарт дар Прага зиндагии хушеро оғоз бахшид ва 29 октябри соли 1787

нахустнамоиши «Дон Жуан» -операи драмавӣ баргузор гашт.

Охирин асари операвии Мосарт «Найи сеҳрнок» чанде пештар аз фавти бастакор ба саҳна гузошта шуд. Мосарт шаби 4-ум ба 5-уми январи соли 1791, дар синни сию шашсолагӣ вафот кард. Мегӯянд, ки ӯро бастакор Салерӣ заҳр додааст. Аммо ин овоза исботи худро наёфтааст.



# Христофор Колумб

## (Солҳои зиндагиаш 1451-1506)

Христофор Колумб нахустин шахсест дар тамаддуни ғарбӣ, ки ба қитъаи Амрико дастрасӣ ёфт ва ба кашфи минбаъдаи он оғоз бахшид.

Колумб ҳамаи ҷазираҳои муҳимтарини баҳрҳои миёназамини Амрико, аз қабили Куба, Гаити, Ямайка ва Пуэрто-Рико, қисми марказии галаҷазираҳои Багам, аксари ҷазираҳои Антилияи Хурд – аз Доминика то Виргин ва ҳамчунин Тринидадро кашф ва ба аврупоиён пешкаш сохт.

Вале кушодани Амрико яке аз омилҳои муҳимтарини рушди бозори умумидунявӣ гардид. Мустамлика намудани Амрико ба тараққиёти гӯшношуниди тиҷорат, баҳрнавардӣ ва саноат мусоидат кард.

Христофор Колумб моҳи октябри соли 1451 дар шаҳрчаи бандарии Генуяи Итолиё таваллуд ёфта буд. Падараш Доминико Коломбо, модараш Сусанна Фонтанароза ном дошта, як

хоначаи калисои Санто-Стефаноро барои истиқомат иҷора гирифта буданд. Христофор ба мисли падараш дар овони наврасӣ косибӣ мекард.

Маълум нест, ки ӯ дар куҷо таҳсил намуда бошад, аммо яқин аст, ки вай бо чор забон – итолиёвӣ, испонӣ, португалӣ ва лотинӣ хондаю навишта метавонист.

Эҳтимоли қавӣ меравад, ки аввалин саёҳати тӯлонии баҳрии Колумб ба солҳои 1473 ё 1474 мутааллиқ аст. Баҳори соли 1476 гузари Колумб ба Португалия меафтад. Дар Лиссабон вай дар байни генуэзиҳо сарпаноҳ меёбад. Бо ёрии ҳамшаҳриҳо ба яке аз харитакашҳо шогирд меистад ва дар муддати кӯтоҳ ба комёбии назаррас ноил мегардад.

Колумб соли 1479 бо духтари Филипп Монишди Перестрелли, ҳокими ҷазираи Порту-Сантуи Португалия ақди никоҳ мебандад. Аз ин никоҳ писари калонӣ Диего, вориси Колумб, соли 1480 ба дунё меояд. Чанд муддат Христофор бо завҷааш дар Порту-Санту ҳаёт ба сар мебарад. Сипас, то соли 1485 Колумб дар киштиҳои португалӣ ба тиҷорат, мураттабсозии харитаҳо ва худомӯзӣ машғул мешавад. Ӯ гоҳ дар Лиссабон, гоҳе дар ҷазираҳои Мадейра ва Порту-Санту зиндагӣ мекард.

Солҳои 80-ум ба сари Колумб идеяи бо самти ғарбии роҳи баҳрӣ аз Аврупо ба Ҳинд сафар намудан ҷой мегирад. Ба ақидаи ӯ ин роҳ камхарҷ, осон ва кӯтоҳ менамуд. Вай курашакл будани сайёраи Заминро ба асос гирифта мақсадашро иҷрошаванда мепиндошт.

Аз сабаби он ки шоҳи Португалия баҳри ҷомаи амал пӯшонидани ин мақсад ёрӣ нарасонд, соли 1485 Колумб ба Кастилия кӯч баст. Нахуст лоиҳаи худро Колумб ба асилзодаи кастилиявӣ, ҳерсоги Медика Сидония Энрик Гусман пешниҳод намуд. Сипас барои таҷҳизонидани се ё чор киштӣ маблағ дарёфт кардан ба асилзодаи дигари кастилиявӣ, ҳерсог Мединасели рӯи ниёз овард. Ҳерсог барои гирифтани розигии дарбор

ба малика Изабелла муроҷиат намуд. Малика Колумбро ба дарбор хонд, пешниҳоди ӯро шунид ва фармон дод, ки барои омӯхтани лоиҳаи баҳрнавард комиссияи махсус созмон диҳанд.

Аммо танҳо моҳи апрели соли 1492 Колумб ҷавоби мусбат гирифт. То ин замон ӯ қисми зиёди вақташро дар Кордов, ки он ҷо соли 1486 бо Анна Нунес Арана, духти деҳқони сарватманд риштаи меҳру муҳаббат баст ва аз ин пайвастагии онҳо писараш Фернандо ба дунё омад, сипарӣ мекард. Алоқаи Колумб бо Анна дар калисо қонунӣ нашуда буд, яъне онҳо никоҳи расмӣ надоштанд.

Пас аз муборизаҳои зиёди тӯлонӣ бо хизматчиёни давлатӣ лоиҳаи Колумб қабул гашт. Дар ҳолати комёбии ин экспедитсия Колумбро эҳтироми беназир нигарон будӣ: ӯ бояд адмирал, ноиби шоҳ ва ҳукмрони тамоми заминҳои кашфнамудааш мегашт ва инчунин аз чор як қисми тамоми даромади онҳоро соҳиб мешуд.

Субҳи 3 августи соли 1492 Колумб фармон дод, ки лангар бардоранд ва киштиҳояш «Пинта», «Нинъю» ва флагмани фармондеҳ «Санта-Мария» аз бандари Палоса ба баҳр шино карданд. Ӯ самти ғарбро пеш гирифт ва бе ягон моҷаро ба ҷазираҳои Канар расид. Пас аз таъмири «Пинта» 6 сентябри соли 1492 саёҳатро ба ҷониби ғарб идома бахшид. 9 сентябр дар рӯзномааш навишт: «Адмирал қарор кард, ки масофаи шино кардаашонро камтар нишон диҳад, то ки маллоҳон ба даҳшат наафтанд». 7 октябр Колумб қайд менамояд: «Адмирал қарор кард, ки ба ғарб не, ба ҷануби ғарбӣ, аз пайи селаи парандаҳои аз болои киштиҳо парида рафта шино намоянд».

Соати 2-и нимашаби 12 октябри соли 1492 Родриго Триана, маллоҳи «Пинта», фарёд зад, ки дар дурӣ заминро мебинад. 13 октябр Колумб дар рӯзномааш чунин менигорад: «Ин ҷазира бисёр бузург ва ҳамвор аст, аз дарахтҳои сабз ва об бой буда, дар мобайнаш кӯли бузурге воқест, ягон кӯҳ ба назар намерасад».

Колумб мутмаин буд, ки ин ҷо Ҳинд ё остонаи он аст. Дар ҳақиқати ҳол ин макон яке аз ҷазираҳои Багам буд̣ӣ ва Туайахани унвон дошт̣ӣ. Колумб ба он Сан-Салвадор ном гузошт. Ҳангоми кашфи Куба испониҳо бори нахуст диданд, ки мардуми таҳҷоӣ барги растаниеро оташ зада дуди онро фурӯ мебаранд. Ҳамин тавр аврупоиҳо аввалин маротиба аз мавҷуд будани тамоку воқиф гаштанд.

Моҳи январи соли 1493 Колумб роҳи бозгашт пеш гирифт. Вай ба Аврупо чанд нафар «ҳинду», каме тилло, растаниҳои ношинос ва пари парандаҳои ваҳширо овард. Шоҳи Испониё ба вазифааш вафо намуд. Ба оилаи адмирал Колумб унвони дворянӣ бахшид.

«Дар экспедитсияи дуюм, ки солҳои 1493-1496 амалӣ гашт, адмирал Колумб дар вазифаи ноиби шоҳ дар заминҳои нав кашфшуда ширкат варзид, - менависад таърихдон И. Магидович. – Дар 17 киштӣ 1,5-2,5 ҳазор нафар маллоҳ, кишоварз, ҷӯяндагони тилло, ҳарбиён ва роҳибон буданд. Колумб ҷазираҳои Доминика, Гваделупа ва Пуэрто-Рикоро кашф кард. Моҳи марти соли 1494 дар ҷустуҷӯи тилло ба миёнаи Гаити лашкар кашид, дар фасли тобистон ҷануби шарқӣ ва ҷануби соҳилҳои Куба, ҷазираҳои Хувентуд ва Ямайкаро кушод. Баҳори соли 1496 ба сӯи диёр шино намуд, 11 июн дар Кастилия экспедитсияи дуюм анҷом пазируфт».

Солҳои 1498-1500 экспедитсияи сеюми Колумб дар ҳайати шаш киштӣ сурат гирифт. 31 июли соли 1498 ӯ ҷазираи Тринидадро кашф намуд ва ниҳоят 5 августи соли 1498 ба қитъаи Амрико расид. Вай дарёи бузурге – Ориникоро дарёфт, ки аз бисёрии марворид медурахшид. Сипас Колумб ба Эспанола, ки маънояш ҷазираи Испониё буд, баргашт. Дар ин ҳангом Эспаноларо испониҳо Сан-Доминго номида буданд. Колумбро «тӯҳфаи ногаҳонӣ» интизор буд. Ӯро ба хиёнат муттаҳам карда, ба пойҳояш ишкел зада ҳабс ва ба Испониё равон намуданд. Ҳарчанд варо пурра бегуноҳ ҳисобиданд, баҳрнаварди

сарбаланд ба ин таҳқир тоб наовард ва боз ба саёҳати баҳр баромад.

Ин дафъа чор киштии ӯ бевосита ба ҷониби соҳилҳои Амрико шино кард. 15 июни соли 1502 ба ҷазираи Мартиника лангар андохт ва 30 июл халиҷи Гондурасро ошкор сохт ва дар он ҷо бори нахуст бо намояндагони тамаддуни қадимаи майя вохӯрд. Аз 1 августи соли 1502 то 1 майи соли 1503 Колумб қариб ду ҳазор километри назди соҳилҳои Амрикои Марказиро таҳқиқ намуд. Аҷибаш он ки вай борҳо дар хусуси баҳри бузурги дар наздикиҳо буда аз мардуми таҳҷоӣ шунида бошад ҳам, ба он аҳамияти ҷиддӣ надод. Пас аз чандин сол Васко Балбоаи испонӣ уқёнуси Оромро кашф кард. Ва аммо Колумб ба сӯи ғарб гузаргоҳ наёфта ба шимол шино намуд ва 25 июни соли 1503 дар соҳили Ямайка киштиаш шикаст. Пас аз як сол аз Сан-Доминго ёрӣ расид. Моҳи ноябри соли 1504 баҳрнаварди бемору бемадор ба Испониё баргашт ва 20 майи соли 1506 дар хонааш дар Валядолида аз дунёи равшан чашм пӯшид.

## Людвиг ван Бетховен

## (Солҳои зиндагиаш 1770-1826)



«Мусиқӣ бояд аз қалби одамон чақмоқ зада оташ барафрӯзад»,-мегуфт Людвиг ван Бетховен, ки эҷодиёташ ба дастовардҳои арзишмандтарини заковати аҳли башар мутааллиқ аст.

Ӯ ба анъанаҳои пешиниён такя намуда, домани мусиқиро ҳамчун санъати нафиса ба паҳноҳо густурда, онро рангин ва бо рӯҳияи инқилобӣ ҷаззобтар карда буд.

Дар маркази ҳамаи асарҳои Бетховен шахсияти барҷастае таҷассум ёфтааст, ки мубориз ва ҳам дӯстдори беҳамтои зиндагист. Дар айни ҳол образҳои қаҳрамонӣ дар осори ӯ бо лирикаи амиқи ба як мақсад равон гардида ва тасвири табиат омезиш ёфтаанд. Ва ҳамчунин дар ҳамаи он чизҳое, ки вай гуфтааст, садои беназири ӯ ба самъи сомеъ мерасад-садои тавоно, боэҳтирос ва беҳад инсониаш.

Ҳамзамонон ба асли маънии на ҳамаи офаридаҳои Бетховен сарфаҳм рафтанд, чандин асарҳояшро қабул накарданд. Баъзеҳоро авҷи эҳтирос, нерӯи эҳсосоти додашаванда, умқи маҷмӯи масъалаҳои фалсафӣ ба тарс меоварданд. Дигарон душвории тарзи иҷрои оҳангҳоро баҳона мекарданд.

Бетховен на танҳо бастакори барҷаста, балки пианинонавози бомаҳорате ҳам буд. Бинобар ҳамин ҳам сонатаҳои ӯ, ки ҳамасронаш «драмаҳои инструменталӣ» ном ниҳода буданд, чунин муассиранду мафтунсозанда. Оҳангҳои онҳо ба он андоза дилнишинанд, ки гоҳо дар сонатаҳо суруди бесадо ба ҷилва меояд. Вай ба шакли сонатаҳо тағйирот ворид сохт, дар сонатаҳои ӯ силсилаи оҳангҳо такрор ёфта, дар қалби шунаванда эҳсосоти пуртуғёни драмавиро меафрӯхт.

Бетховен дар як асар назокатҳои жанрҳои гуногунро ба ҳам пайваста дар соҳаи оҳангсозӣ навоварӣ ворид сохт ва баъди ӯ дигарон онро идома бахшиданд. Эҷодиёти Бетховен ба рушди санъати мусиқӣ таъсири болониҳоя гузошт.

Моҳи декабри соли 1770 дар шаҳри Бонн, дар оилаи Бетховен, муғаннии дарбори ҳоким, писаре ба дунё омад, ки Людвиг ном гирифт. Ин фарзанди дуюм буд, аввалӣ ду сол пеш таваллуд ёфта, ҳамон вақт аз ҷаҳон чашм пӯшида буд. Санаи ҳақиқии рӯзи мавлуди Людвиг маълум нест. Он солҳо рӯзу соати таваллуди фарзандони ашхоси «табақаи сеюм» дар даф-

тарҳои махсус қайд намешуд. Танҳо дар китоби сабти мавлуди кӯдакони калисои католикии Ремигияи муқаддаси шаҳри Бонн зикр ёфтааст, ки Людвиг Бетховен 17 декабри соли 1770 ғусли таъмид гашт. Аз ин мебарояд, ки ӯ як ё ду рӯз пештар чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Солҳои 1774 ва 1776 дар оилаи муғаннии дарбор боз ду тифл тавлид ёфт: Каспар Антон Карл ва Николай Иоҳанн.

Падар Людвигро маҷбур мекард, ки соатҳои зиёд дар паси клавесина нишаста оҳанг машқ намояд. Зеро писарак ба мусиқӣ шавқи беандоза дошт ва ҳам падари ӯро шӯҳрати Мосарти хурдакак ором намегузошт. Рӯзе ҳафт-ҳашт соат Людвиг бо амри падар оҳанг менавохт. Гоҳо падар шабона ҳам писарчаашро ба машқ водор месохт. Модар аз ранҷи фарзанд ба таҳлука афтода, аз шавҳар илтиҷо мекард, ки ақаллан нимашабҳо кӯдакро ором гузорад. Вале падари золим ба гапи касе гӯш намеандохт. Танҳо истеъдоди фавқулоддаи Людвиг ба мусиқӣ сабаб гашт, ки вай ба навозандагӣ ва эҷоди оҳангҳо нафрат неву меҳр бандад.

Дар ҳаштсолагӣ Бетховен дар шаҳри Кёлн бо нахустин консерти худ баромад кард. Минбаъд ҳунарнамоии ӯ дар дигар шаҳрҳо низ сурат гирифт. Баъди консерт дар Роттердам, ки дар он ҷо муғаннии наврас ба комёбии зиёд даст ёфт, Людвиг аз муносибати ҳолландиҳо норизо гашт. «Ман дигар ба он ҷо намеравам,- бо қатъият иброз дошт ғалчаи бӯзбала баъди бозгашт ба хона, -ҳолландиҳо зихна.» Падар дид, ки дигар ба писар аз дониш чизе дода наметавонад, машғулиятро қатъ намуд.

То даҳсолагиаш Людвиг дар мактаби ибтидоӣ сабақ гирифт. Дар дарсҳо асосан лотинӣ меомӯзонданд, арифметика дар ҷойи дуюм буд, аммо Людвиг натавонист таҳсилро идома бахшад. Қашшоқӣ маҷбур сохт, ки ӯ дар даҳсолагӣ ба ҷустуҷӯи кор барояд. Вале аз ҳар лаҳзаи дастдода бо самар истифода мебурд, зиёд мехонд, бо ашхоси донову пурдон

сӯҳбат карданро меписандид. Вай басо суботкору матинирода буд. Баъди чанд сол Бетховени наврас матнҳои лотиниро шаррос зада мехонд, нутқҳои Ситсеронро тарҷума кард, забонҳои фаронсавию итолиёвиро омӯхт. Дар наврасӣ Бетховен ба кашфи асрори бастакорӣ муяссар гашт. Нахустин асари офаридаи ӯ, ки ба мо маълум аст, ба соли 1782 рост меояд.

Соли 1787 Бетховен сӯи Вена гом бардошт, то ки бо Мосарти шӯҳратёр вохӯрда, барои фаъолияти минбаъдааш фотиҳа гирад. Людвиг дар ҳузури бастакори мумтоз якчанд оҳанг навохт. Мосартро тарзи ғайриодии ба худ хоси иҷрои оҳанг, ҷасорат ва фантазияи бойи муғаннии навхат ба гирдоби ҳайрат андохт. Мосарт ба ҳозирон рӯй оварда, нидо дарангехт: «Ба ӯ таваҷҷӯҳ фармоед! Вай ҳамаро маҷбур месозад, ки дар борааш сухан гӯянд!»

Аммо вохӯрии муттасили ин ду муғаннии нобиға дер давом наёфт. Модари бемор ва аз гуруснагии ҳамешагӣ азияткашидаи Бетховен аз ин ҷаҳони ба зиндагии бенавоён бепарво чашм пӯшид. Ба Людвиги наврас зарур омад, ки аробаи рӯзгори оиларо ба танҳоӣ бикашад. Тарбияи ду бародари хурдсол вақту маблағи зиёд металабид. Бетховен дар оркестри театри опера асбоби мусиқии алт менавохт, консертҳо медод ва ба ҳунармандони хурдсол маҳорати навозандагӣ меомӯхт. Рӯзҳои душвори моломоли заҳмати тоқатфарсову дур аз хушиҳои ҷавонӣ оғоз ёфтанд.

Якчанд сол Бетховен дар дастаи овозадори капеллаи Бонн оҳангҳо навохт. Ба ҳайати он муғанниёни болаёқати шӯҳратманде чун А. ва Б.Роберг, А.Рейх, Х.Б. Нефе шомил буданд. Яке аз донандагони мусиқӣ, муқарризи нозукхаёли латифэҷоди асри 18 Карл Юнкёр ҳамон вақт нигошта буд: «Навозиши Бетховен аз навозишҳои муқаррарӣ ба куллӣ фарқ карда меистад, ба назар чунин мерасад, ки ӯ тамоман бо роҳи ба худ хос мустақилона гом мегузорад».

Ҳамчун муғаннии моҳиру нозукбаён соли 1796 Бетховен дар шаҳрҳои Прага, Дрезден ва Берлин шунавандагонро ба қиём овард. Ӯ дар ҳаёти мусиқии ҳамаи шаҳрҳои олмонизабони Аврупо дар ҷойи аввал буд. Танҳо Иосиф Велф, шогирди Мосарт, метавонист бо Бетховени пианинонавоз қувва озмояд. Вале Бетховен аз Велф як бартарие дошт: ӯ натанҳо навозандаи беҳамтои пианино, балки эҷодгари закии оҳангҳо низ буд.

Миёнаи солҳои 90-ум Бетховен аллакай ҳамчун бастакор эътироф гашт. Вай соли 1796 қарор дод, ки сонатаҳояшро ба табъ расонад. 32 сонатааш дар як маҷмӯа пешкаши муштариён гардид. Солҳое, ки дар шаҳри Вена мезист, дар жанрҳои гуногун зиёда аз 100 асар офарид. Аз ҷумла, 17 соната барои фортепиано, 9 соната барои скрипка бо фортепиано, 3 консерти фортепиано, 2 соната барои виолончели бо фортепиано, мусиқии балети «Эҷоди Прометей» ва ғайраҳоро ба вуҷуд овард. Вале ба эҷоди асарҳои симфонӣ дер оғоз намуд, гӯё аввал мехостааст, ки барои ин кор дониши комил бигирад. Нахустин симфонияи Бетховен соли 1800 пайдо шуд. Баъди он ба эҷоди симфонияи дуюм пардохт. Аммо дар фосилаи байни офаридани ин ду симфония дар ҳаёти бастакор басо воқеаҳои фоҷиаангез ба вуқӯъ пайвастанд. Нахуст Бетховен суст шудани ҳисси шунавоияшро дарк сохт. Табибон пеши роҳи бемориро гирифта натавонистанд, баракс, онҳо сабабгори авҷ ёфтани беморӣ шуданд. Маризӣ Бетховенро дар авҷи шӯҳрат ба гирдоби худ кашид. Ҳомиён барояш нафақаи хуб таъин карда бошанд ҳам, вай аз дунё ноумед мегардад. Мехост даст ба худкушӣ занад. Вале ба ҳамаи ин яъсу ноумедиҳо дилбастагӣ ба эҷоди оҳангҳо пирӯз омад. Вай аламашро аз эҷод кардан гирифт.

Давраи дуюми эҷодии ӯ қариб даҳ сол идома ёфт: аз симфонияи сеюм то симфонияи ҳаштум, ки соли 1812 ба вуҷуд омад. Ин давраи тӯфоние буд. Франсияи инқилобӣ бонапартӣ

шуд. Ҷангҳои ғосибонаи Наполеон вусъат мегирифтанд. Ана дар ҳамин давра мавзӯи қаҳрамонӣ, мубориза баҳри озодӣ, драматизми задухӯрдҳои ҳаётӣ, ошӯбҳои мардумӣ ба эҷодиёти Бетховен роҳ ёфтанд.

Симфонияи нӯҳум, ки соли 1824 эҷод шуд, аз рӯи гуфти санъатшиносон қуллаи эҷодии бастакор ба ҳисоб меравад. Вақте ки онро дар театри Вена навохтанд, аҳли толор аз шуниданаш ба ваҷд омада чапаки пурмавҷи давомдор зад. Аммо бастакор на симфонияашро мешуниду на таҳсину офарингӯиҳо ва чапакзаниҳоро.

Ҳаёти шахсии бастакор бошад, шакли дуруст нагирифт. Ҳарчанд дар байни занон дӯстони зиёде дошт, арӯси табъи дилро пайдо накард. Ровиёни ахбор овардаанд, ки бо Тереза Брунсвик бастакор робитаи маҳрамона дошт, вале асрори муносибати онҳо то ба имрӯз махфӣ мондааст. Ҳаминаш равшан аст, ки ин бону то охири умр ба Бетховен, ки 26 марти соли 1826 аз олам гузашт, содиқ буд.

Бетховен ҳеҷ гоҳ аз офаридаҳояш қаноатманд намешуд, ҳамеша пеш мерафт, дар ҷустуҷӯ ва пажӯҳиш буд, аз ин рӯ аз замонааш хеле пеш рафт. Оҳангҳояш сарчашмаи илҳоми эҷодгарони минбаъда буданд ва ҳамин тавр ҳам мемонанд.

# Никколо Паганинӣ

## (Солҳои зиндагиаш 1782-1840)

Паганинӣ ба таърихи мусиқӣ ҳамчун навозандаи беҳамтои скрипка дар ҳамаи давру замонҳо ва халқҳо ворид шудааст. Ҳанӯз ҳангоми дар ҳаёт буданаш дар ҳақи ӯ афсонаҳои зиёде бофта буданд. Вай имконияти оҳангнавозии асбобро ба



ҳадде васеъ намуд, ки то ба имрӯз шигифтангез аст. Усулҳои навозиши ҳайратоварро истифода бурд, дар навохтани оҳанг мумтоз буд, ба шунавандагон шавқи беандоза мебахшид, дар саҳна бо ишқи ҷунуниаш ба санъат шӯру шарар меангехт ва чун «сеҳргар» қалби ҳазорон нафарро тасхир мекард. «Маҳорати навозандагии ӯ ба тасаввуроти одамӣ намеғунҷид», - навишта буд бастакори шӯҳратманд Феликс Менделсон Бартолдӣ.

Бастакори машҳур Роберт Шуман баъди бори нахуст шунидани садои скрипкаи Паганинӣ чунин сатрҳоро рӯи варақ овард: «Ман гумон доштам, ки ӯ ҳоло бо садои баланд оҳанг менавозад. Ва ана ӯ ба навохтан пардохт, аммо садои оҳанг басо нозук ва ором буд. Вақте ки вай ноаён, бо як сабукӣ тӯри ҳушрабояшро ба аҳли толор меафканд, одамон беихтиёр алвонҷ мехӯрданд. Ва ана доираи сеҳрноки оҳанг ҳамаро фаро мегирад; одамон ба ҳамдигар бештар ҷафс мешаванд, ҳиссиёти онҳо яке гашта ба вулқони ба хурӯшоянда мубаддал мегардад».

Паганинӣ, бастакор ва ромишгари чирадаст, яке аз нахустин намояндагони ҷараёни ҷадид, мусиқии романтикӣ, буд ва на танҳо ба санъати скрипканавозӣ, балки ба эҷодиёти Ф. Лист, Ф. Шопен, Р. Шуман, Г. Берлиоз, Ҷ. Россинӣ ва дигар муғанниёни то замони мо таъсири носутурдание гузоштааст.

Дур аз дарборҳо, дар яке аз маҳаллаҳои камбағали Генуя, дар паскӯчаи ба ном Гурбаи сиёҳ, 27 октябри соли 1782 дар оилаи Антонио Паганинӣ ва Тереза Боччардо писарчаи дуюм – Никколо ба дунёи рӯшан омад. Тифл бемадору дардманд буд. Ҳиссиёти нафис ва дақиқро аз модар, зани раҳмдилу пурваҷд;

суботкорӣ, устуворӣ, ғаюрӣ, нерӯи тавоноро аз падар, намояндаи ботадбиру корозмудаи соҳаи савдо ба мерос гирифт.

Боре модар дар хоб фариштаеро мебинад. Вай ба модар аз ояндаи тифл мужда мерасонад, ки кӯдаки ӯ муғаннии бузурге хоҳад шуд. Падар низ ин хобро тасдиқ мекард. Антонио, ки аз камистеъдодии Карло, писари калонӣ, рӯҳшикаста шуда буд, ҷомаи амал пӯшидани тамоми орзуҳояшро дар симои фарзанди хурдӣ медид. Аз ин рӯ варо маҷбур мекард, ки лаҳзае бекор нашинад, скрипка навозад. Бинобар он Никколо овони бофароғати бачагӣ надошт. Вай аз он давра танҳо машқи бардавом, машқи дилбазан ва торҳои скрипкаро ба ёд меоварду бас. Табиат ба Никколо мӯъҷизае тӯҳфа намуд, ҳисси шунавоии басо нозуку латифро. Писарак дар ботини хеш дунёи рангорангеро кашф намуд. Вай мекӯшид ҳамин дунёи зебои ботинии худро ба воситаи асбобҳои мусиқӣ – мандолина, гитара ва скрипкаи хурдакак – бозичаи дӯстдошта ва ҳам азиятдиҳандааш, ки бо мурури вақт ба як қисми ҷудонопазири ҷисму рӯҳаш табдил ёфт, ифшо созад.

Чашмони тезу гирои падар барвақт истеъдоди фавқулоддаи Никколоро нисбати мусиқӣ пайхас намуда буданд. Вай бо хушнудӣ ҳис мекард, ки истеъдоди писар лаҳза ба лаҳза рӯ мезанад ва ҳамакнун ба воқеӣ будани хоби дидаи завҷааш эътимодаш қавитар мегашт, бовар дошт, ки шӯҳрати Никколо оламгир мешавад ва ӯ ба волидайн пули зиёд, хеле ва хеле зиёд меорад. Барои ин вай бояд маҳораташро сайқал медод. Никколоро падар дар ганҷур қулф мекард, то ки дар торикӣ ба дигар чизу ҳодисаҳо диққат надода, танҳо ба навохтани скрипка шуғл варзад. Агар кам менавохт, ҷазо медоданд, аз хӯрок, ки як бурда нон буд, маҳрум мешуд. Машқи зиёд ба саломатии Паганинӣ зарар кард. Вай дар тӯли зиндагияш бисёр бемор мешуд ва инро натиҷаи ҳамон машаққатҳои зиёди давраи наврасиаш дар хонаи торику заҳ медонист.

Нахустин ва ҷиддитарин устоди Паганинӣ шоир, скрипканавоз ва бастакори генуӣ Франческо Некко буд. Бо ёрии ӯ Ник-

коло бисёр нозукиҳои олами санъатро омӯхт ва аз ҳаштсолагӣ ба эҷоди сонатаҳо ва вариатсияҳои мураккаб пардохт.

Оҳиста-оҳиста шӯҳрати навозандаи наврас дар шаҳр паҳн гашт ва ба Паганинӣ нахуст скрипканавози капеллаи калисои ҷомеи Сан-Лоренсо Ҷакомо Коста назари илтифот андохт ва ӯро ба шогирдӣ пазируфт. Сабақ ҳафтае як маротиба сурат мегирифт ва қариб ним сол Коста рушди навозандагии Паганиниро назорат кард ва анъанаҳои касбиро омӯзонд.

Пас аз машғулиятҳо бо Коста Паганинӣ бо боварӣ ба саҳнаи калон қадам зад. Ҳаёти саҳнавии ӯ соли 1794 оғоз ёфт. Дар ҳамин айём санъатвари лаҳистонӣ Август Дурановский дар Генуя консерт медод. Шиносоӣ бо ӯ ва бо маркиз Ҷанкарло ди Негро ба Паганинӣ дар сайқал ёфтани маҳорату истеъдодаш такони зӯре бахшид. Санъаткор ва муғаннии мумтоз Гаспаро Гиреттӣ назокатҳои техникии бастакориро омӯзонд. Ду консерти Паганинӣ дар Парм бо комёбии муғаннии ҷавон анҷом ёфт. Ҳерсог Фердинанд Бурбонский ӯро ба дарбор хонд ва аз оҳангҳои навохтаи Паганинӣ ҷаҳон-ҷаҳон лаззат гирифт.

Падари Никколо фаҳмид, ки акнун вақту соати пули калон кор кардан расид. Вай консертҳои писарашро дар Итолиёи Шимолӣ созмон дод. Баромади Паганинӣ дар Флоренсия, Пиза, Ливорно, Болоне ва Милан барояш шӯҳрати зиёд овард. Вақте ки ба ӯ ҷойи скрипканавози якумро дар шаҳри Лукка пешниҳод намуданд, онро бо хушнудӣ пазируфт. Вай бо тамоми ҳастӣ ба эҷоди оҳангҳо саргарм мешавад ва дар ҳамин айёми болоравии шӯҳрат пойбанди ишқ мегардад. Ишқи аввал ӯро чунон мепечонад, ки се сол номаш дар овезаҳои консертӣ сабт намеёбад. Паганинӣ дар ин муддат ба чӣ кор шуғл меварзид, касе намедонад, худаш ҳам ба ёд овардани он солҳоро дӯст намедошт. Мегуфт, ки бо корҳои кишоварзӣ банд буд.

Охири соли 1804 дӯстдори скрипка ба ватан, ба Генуя бозомад ва даст ба эҷоди оҳангҳо зад. Аммо ин дер давом накард. Паганинӣ боз ба Лукка бармегардад, муғаннӣ ва дирижёри ор-

кестри дарбори ҳерсог Феличе Бачоккӣ таъин мегардад. Бачоккӣ ба хоҳари Наполеон Элиза хонадор буд. Зери таъсири ишқи Элиза Паганинӣ якчанд оҳанг меофарад. «Саҳнаи ишқ»-ро ба ин олиҳаи меҳру муҳаббат мебахшад. Аммо ин ишқварзӣ низ пас аз се сол ба дилаш мезанад. Шикасти Наполеон аз ҷониби русҳо ба Паганинӣ озодии шахсӣ меорад ва ӯ аз Флоренсия ба Милан кӯч мебандад. Ба шаҳри азизаш соли 1814 баргашта панҷ консерт медиҳад. Рӯзномаҳо ба шарафаш ва шӯҳрати беҳамтояш бисёр матлабҳо ба чоп мерасонанд. Дар ин ҷо бо духтари дӯзанда Анҷелина Каванна ишқ меварзад ва ӯро аз хонааш рабуда, шаҳр ба шаҳр мегардонад. Падари Анҷелина бастакори мумтоз ва муғаннии шӯҳратмандро ба суд медиҳад. Мурофиаи судӣ ду сол идома меёбад. Суд ҳукм мебарорад, ки Паганинӣ се ҳазор лир ҷарима пардозад. Охири соли 1816 Паганинӣ дар Венетсия консерт медиҳад ва дар театр бо сарояндаи хор Антониё Биянкӣ шинос гашта, ба вай меҳр мебандад. Аз онҳо писарчае ба дунё меояд бо номи Ахилл.

Паганинӣ барои скрипка сонатаҳои зиёде меофарад ва дар шаҳрҳои бузургтарини Аврупо муттасил консерт медиҳад. Миллионҳо нафар тамошобин шефтаи ҳунари волои ӯ мешаванд. Бисёриҳо ӯро фаришта меҳисобиданд ва боз ҳамин қадар одамон варо азозил мехонданд, аммо ҳама мӯътақид буданд, ки Паганинӣ ҳамчун муғаннӣ ва бастакор мӯъҷизаи Парвардигор аст. «Рӯзномаи умумии театрӣ» навишта буд: «Дастҳои ӯ бештар аз имконияти табиии садои сарояндаҳо серҳаракат буданд, оҳанги скрипкаи вай чунон тозаю нафису нозук аст, ки ба дили ҳар шунаванда таъсири амиқ мегузорад».

Сафарҳои эҷодии Паганинӣ идома меёбанд. Вай аз августи соли 1829 то феврали соли 1831 дар бештар аз 30 шаҳри Аврупо ва зиёда аз 100 толор ромишгарӣ мекунад. Баҳори соли 1830 дарбори Вестфалий ба ӯ унвони баронро тақдим медорад, албатта, муфт не, бо пул. Аммо ин барои Паганинӣ зарур буд. Охир унвон аз авлод ба авлод мегузашт ва Паганинӣ оян-

даи Ахиллро меандешид. Моҳи октябри соли 1839 ба Генуя хаставу лакот ва дардманд бармегардад, вай базӯр ба по меистод. Панҷ моҳ аз хона набаромад, пойҳояш варамида буданд, скрипкаро маҷоли рӯи даст гирифтан надошт.

Николло Паганинӣ дар Нитсса 27 майи соли 1840 сафари охиратро ихтиёр кард. Ягон ҳунарвар дар он замон мисли Паганинӣ шӯҳратёр набуд. Ҳарчанд он солҳо ҳақи хизмати ромишгарон мисли имрӯза зиёд набуд, Паганинӣ якчанд миллион франк ба мерос гузошт.

# Пётр Илич Чайковский

## (Солҳои зиндагиаш 1840-1893)



Рӯҳшиноси нозукбин, устоди симфония, драматурги мусиқӣ Чайковский дар мусиқӣ олами ботинии инсонро ифшо намуда, асарҳои оламшумули опера, балет, симфония ва камеравиро офаридааст.

Бисёрии он асарҳоеро, ки бастакор эҷод кардааст, «бори нахуст дар олами мусиқӣ бунёд шудаанд» гуфтан метавон. Вай жанри нави симфонӣ-симфонияи фоҷиавиро кашф намуда, барои русҳо жанри нави драмаи лирикию психологиро рӯйи об овард. Ба таърихи мусиқӣ Чайковский ҳамчун ислоҳотгари жанри балет ворид гашт ва давраи балети симфониро оғоз бахшид. Ӯ ба ҳамаи жанрҳои мусиқӣ, хоҳ симфония бошад, хоҳ

романси хоксорона, як хел муносибат мекард: «ҳаққонӣ, аз таҳти дил ва одӣ». Чайковский ҳамаи эҳсосоти қалби одамӣ – ғаму андӯҳ ва нишотро дар оҳангҳои худ акс намудааст.

«Ман аз таҳти дил мехоҳам, ки оҳангҳоям болу пар бароварда, дар ақсои олам паҳн шаванд, одамони бешумор онҳоро дӯст доранд, ба худ ғамгусор ва такягоҳ ёбанд», мегуфт ӯ.

Пётр Чайковский 25 апрели соли 1840 дар шаҳрчаи Воткински Удмуртия, дар оилаи муҳандиси кӯҳ, директори заводи Камск-Воткинск Иля Петрович Чайковкий ба дунё омадааст. «Аз чорсолагӣ шавқи ман ба мусиқӣ ҳувайдо гашт. Завқи маро ба шунидани оҳангҳо пай бурда модарам муаллимаи мусиқӣ Мария Марковнаро ба хона даъват намуд ва ӯ ба ман асосҳои мусиқиро омӯзонд», - ба хотир меовард бастакор.

Дар ҳамин солҳо Чайковский бо баъзе оҳангҳои бастакорони итолиёвию олмонӣ тавассути оркестрина – арғунуни механикӣ, ки падараш харида ба Воткинск оварда буд, шинос мешавад. Аз хурдӣ навохтани фортепианоро омӯхт ва дар панҷсолагӣ аллакай фантазия – асари мусиқии услубаш махлутро иҷро мекард.

Соли 1849 Иля Петрович ба истеъфо баромад ва оилаашро ба Петербург кӯчонд. Дар пойтахт Петя ва бародари бузургаш Коляро ба пансионати Шмеллинг ба хондан супурданд. Дар ин ҷо Петя аз Филиппов  нозукиҳои пианинoро омӯхт. Вай пайваста ва ҷиддӣ назокатҳои мусиқиро аз бар мекард ва мунтазам ба театр мерафт. Дар даҳсолагӣ ба Омӯзишгоҳи ҳуқуқшиносии Петербург дохил шуд, ки барои раёсати адлия мутахассис омода менамуд. Ин солҳоро Пётр Илич чунин ба хотир меорад: «Ман 9 сол сабақи ҳуқуқшиносӣ гирифтам, бо мусиқӣ ҷиддӣ машғул нашудам. Ва дар охир падарам пианинонавози моҳир, ҷаноби Рудолф Кюндиргерро ба хона даъват намуд. Ман аз ин ҳунарвари мумтоз хеле миннатпазирам, зеро ҳангоми машқ бо ӯ фаҳмидам, ки ҳаёти минбаъдаам бе мусиқӣ маънӣ надорад, вай маро бо оҳангҳои классикӣ ошно сохт ва ба рӯям дарвозаи шоҳроҳиояндаи мусиқиро боз намуд.

Соли 1859 Пётр ба Вазорати адлия ба кор медарояд. Аммо ӯро мусиқӣ ба худ мекашид. Вай дар китоби хотирааш менависад: «Ба омӯзиши назарияи мусиқӣ пардохтам. Бо истеъдоде, ки ман дорам, дар ин роҳ таваккал накардан гуноҳи нобахшиданист»

Тобистони соли 1861 Чайковский бори нахуст ба хориҷа рафта, дар Париж намоишномаҳои «Трубадур»-и Вердӣ ва «Гугенотҳо»-и Мейерберро тамошо мекунад. Тирамоҳи ҳамон сол ба Синфи мусиқӣ, ки баъди як сол ба Консерваторияи Петербург табдил меёбад, шомил мешавад.

Назарияи мусиқиро аз Н. И. Зарембӣ, композитсияро аз А. Г. Рубинштейн меомӯзад. Дар консерватория бо санъатшиноси оянда Герман Ларош шинос шуда, ҳамроҳ ба намоишҳои операвӣ ва консертҳои симфонӣ мераванд.

Соли 1865 Чайковский консерваторияро бо медали нуқра хатм менамояд. Моҳи январи соли оянда бо даъвати Николай Григоревич Рубинштейн муғаннии ҷавон ба Москва кӯч мебандад, то ки профессори Консерваторияи ин шаҳр таъин гардад.

Тамоми тобистони соли 1866 симфонияи якумро, ки баъдтар ба он «Рӯъёи зимистон» ном мегузорад, сайқал мебахшад. Ин нахустин симфонияе буд, ки бастакори руси дар ватанаш, дар Русия маълумоти мусиқии касбӣ гирифта, эҷод намудааст. Бо пешниҳоди драматурги барҷаста А. Н. Островский Чайковский аз рӯи асари «Воевода»-и ӯ опера меофарад. Нахустнамоиши он 30 январи соли 1869 дар Театри калони Москва баргузор гашта, ба бастакор шӯҳрат меорад. Аммо эҷодгар ба танқиди мунаққидон, алалхусус дӯсташ Ларош тоб наоварда, асарашро аз саҳна мегирад ва месӯзонад. Чайковский аз рӯи сужети «Ундина» соли 1869 опера меофарад, аммо театр онро напазируфт. Вале операи «Опричник», ки 20 марти соли 1872 эҷод гашту аз замони Иван Грозний ҳикоят мекард, 12 апрели соли 1874 ба саҳна гузошта шуд ва онро тамошобинон хуб пазируфтанд. Опера дар Петербург дар ду мавсим мухлисонро ба худ ҷалб

намуд, сипас дар шаҳрҳои Одесса, Киев ва Москва ҳаводорони зиёдеро ба вуҷуд овард. Мунаққидон ба ин асар хайрхоҳ буданд. Операи «Вакулаи оҳангар», ки аз рӯи асари Гогол «Шаби пеш аз мавлуди Исо» эҷод шуд, дар театри Мариинск дар тӯли якчанд мавсими театрӣ 18 маротиба пешкаши мухлисон гардид.

Дар эҷодиёти бастакор асарҳои симфонӣ – сарахбор-фантазияи «Ромео ва Ҷулета» (1869), фантазияи «Тӯфон» (1873, ҳар ду аз рӯи асарҳои В. Шекспир), фантазияи «Франческо да Риминӣ» аз рӯи асари Данте, ки соли 1876 ба миён омада буд, нақши хубе гузоштаанд. Солҳои 1872-1876 Чайковский барои фортепиано симфония, романс ва асарҳо меофарад. Соли 1877 балети «Кӯли қувон» ба миён меояд. 20 феврали соли 1877 нахустнамоиши он дар Театри калон бомуваффақият сурат мегирад ва ин асар то соли 1883, то вайрон шудани декоратсияаш пайваста дар саҳна буд. Операи «Евгений Онегин», ки соли 1878 аз рӯи асари Пушкин эҷод гашт, як табаддулоте дар ҷодаи санъати операи ҳам рус ва ҳам Аврупо буд. Соли 1890 барои Чайковский бо нахустнамоиши балети «Нозанини хуфта» оғоз ёфт. Имрӯз «Нозанини хуфта» марвориди барномаҳои хореографӣ аст. Дар дунё ягон театри балет нест, ки ба ин шоҳасар рӯи ниёз наоварда бошад. Моҳи марти соли 1890 Чайковский 44 рӯз дар Флоренсия зист ва дар ин андак вақт операи «Моткаи қарамашшоқ» - яке аз аҷоиботи оламшумулро дар таърихи кулли мусиқии сайёра офарид.

Дар тӯли солҳои 1891-1892 Чайковский операи лирикии «Иоланта» ва балети «Шелкунчик»-ро навишт. Сафари консертиаш соли 1891 ба Амрико низ ба бастакори рус комёбиҳои зиёд овард, ҳазорҳо нафар санъатдӯстон ба шарафаш кафкӯбӣ карданд.

Соли 1893 Донишгоҳи Кембриҷи Англия ба Чайковский ҳамчун мусиқидони закӣ унвони доктори илми ҳуқуқро дод ва дар ҳамин сол бастакор эҷоди симфонияи Шашумро ба охир расонд. «Ба ин симфония, бе ягон шаку шубҳо, тамоми вуҷудам-

ро бахшидаам», - мегуфт ӯ ва ин асарашро яке аз ҷиддитаринҳо меҳисобид.

Симфония бори нахуст дар Петербург бо роҳбарии худи муаллиф садо дод. Баъди чанд рӯзи он Чайковский сахт бемор шуд. Дард илоҷнопазир будааст. Шаби 25 ба 26 октябри соли 1893 бастакор дар айни авҷи камолоти эҷодӣ аз дунё чашм пӯшид.

## Константин Сергеевич Станиславский

## (Солҳои зиндагиаш 1863-1938)



Станиславский ҳам актёри моҳир ва ҳам режиссёри навовар буд, ӯ ба шарофати санъати басаҳнагузории намоишномаҳояш роҳи минбаъдаи режиссураи асри XX-ро муайян намуд. Намоишномаҳои таҳиякардаи ӯ ҳама классикӣ шудаанд. Константин Сергеевич методологияи эҷодиёти актёрӣ, тарзи ботинан воридшавӣ ба образ – «системаи Станиславский»-ро эҷод кард. Идеяҳои вай ба сайқал ёфтани маҳорати актёрии ҳунарварони Аврупою Иёлоти Муттаҳидаи Амрико нақши носутурданӣ гузоштаанд.

Бори нахуст дар саҳнаи театри рус Станиславский мавқеъ ва нақши режиссёрро ҳангоми таҳияи намоишнома ва ягонагии ансамбли актёронро муайян ва муқаррар намуд.

Станиславский таҷассуми ҳаётии рӯҳи инсонро дар театр аз ҳама муҳим ва асосӣ меҳисобид. Мекӯшид, ки саҳнаи театр

аз саҳнаи зиндагии муқаррарии одамон тафовут надошта бошад, тамошобин намоишномаҳоро ҳамчун порае аз зиндагӣ қабул намояд.

Константин Сергеевич Алексеев, ки минбаъд бо тахаллуси Станиславский машҳури дунё мешавад, мувофиқи солшумории кӯҳна 5 январи соли 1863 дар шаҳри Маскав таваллуд ёфтааст. Вай чил соли умрашро дар хонаи волидайн бо нишонии дарвозаҳои Сурх сипарӣ намуд.

Бобои Станиславский асосгузори ширкати саноатии бонуфузе ба ҳисоб мерафт. Константин Сергеевич баъдтар навиштааст: «Падарам Сергей Владимирович Алексеев руси ҳақиқӣ ва сокини таҳҷоии Маскав, соҳиби фабрика буд, модарам Елизавета Василевна Алексеева аз тарафи падар рус, аз сӯи модар фарангӣ буд. Модаркалонам, ҳунарпешаи машҳур Варлей, аз Париж ба Петербург бо барномаи консертӣ омад ва дигар барнагашт».

Волидайни Станиславский барои тарбияи фарзандон маблағро дареғ намедоштанд. Омӯзгорони фанниро муаллимони рақс, шамшерзанӣ, тарбияи бадан иваз мекарданд. Ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ аҳамияти хоса медоданд.

Таҳсил дар гимназия ба Костя писанд набуд, ба қориёна омӯхтани забонҳои лотинию юнонӣ рағбате надошт ва соли 1880 онро ба итмом нарасонида тарк кард.

Ҳанӯз дар овони бачагӣ Костя ба театр шавқи беандоза зоҳир месохт. Вай бо бародару хоҳарон дар намоишҳои оилавӣ бо ҳавсалаи том нақшҳо мебозид, баъдтар аз ин ҳаваскорони хурдсол дар хонаи волидайн гурӯҳи муташаккили ҳунарӣ бо номи «Маҳфили Алексеевҳо» созмон ёфт.

Дар айёми ҷавонӣ Константин дар фабрикаи падар кор кард, вай яке аз муҳандисони ҷӯяндаю болаёқат ба ҳисоб мерафт, аз хориҷа, махсусан аз Фаронса бисёр таҷҳизоти нави техникӣ оварда, дар коргоҳ насб намуд, баъдтар ба вазифаи директорӣ расид.

Аммо ояндаи Станиславский бо театр пайвандӣ дошта-аст. Вай соли 1888 яке аз роҳбарони Ҷамъияти санъат ва адабиёти шаҳри Маскав интихоб мегардад.

Ҷамъияти санъат ва адабиёт минбаъд ба Театри бадеии Маскав – МХТ табдил меёбад. Созмон додани он соли 1887 ба хаёли Станиславский баъди сӯҳбат бо нависанда ва мунаққид В. Немирович – Данченко мерасад. Дар рафти сӯҳбати тӯлонӣ онҳо ғояи театри тамоман навро муайян месозанд.

Пас аз як сол дар Маскав Театри бадеӣ бо намоишномаи «Шоҳ Фёдор Иоаннович» ба фаъолият пардохт. Дар ибтидо спектаклҳо дар толори хурди иморати шахсии Станиславский, воқеъ дар тангкӯчаи Леонтев, пешкаши мухлисон мешуданд, вале чанде нагузашта театр ба бинои махсуси дар наздикии Тверской бунёдёфта кӯчид.

Заҳмати Станиславский дар рушди санъати театрӣ дар воқеъ беқиёс аст, аммо дар хусуси маҳорати беҳамтои актёрии ӯ сухан нарондан ҳам мумкин нест. Яке аз нақшҳои хотирмони ӯ – табиб Астров аз «Ваня-амак» ба шумор меравад. О. Л. Книппер – Чехова, ки бо вай якҷоя нақш мебозид, чунин ба ёд овардааст: «...Ба ӯ назар меафканию ба Астров-Станиславский бовар менамоӣ, ки ин дастҳо ниҳолҳо шинондаанд, ба ин чашмҳо бовар менамоӣ, ки онҳо на танҳо имрӯзро, балки ояндаҳои дурро мебинанд».

Нақшҳои офаридаи ӯ – полковник Вершинин аз «Се хоҳарон», Сатин аз «Дар қаър», княз Иван Шуйский аз «Шоҳ Фёдор Иоаннович», асилзода Абрезков аз «Ҷасади зинда» ва ғайра бисёр ҳаётӣ ва таъсирбахш буданд.

Вале шӯҳрати безаволи ҷаҳониро ба Станиславский ҷодаи режиссурӣ овард. Константин Сергеевич усулҳои нав ба нави санъати театриро кашф мекард. Ҳангоми машғулият бо актёрҳо вай назарияи санъати саҳнавиро эҷод намуд, ки маҳаки асосиаш консепсияи ягонагии спектакл ҳамчун асари бадеӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар даҳсолаи аввал Театри бадеӣ ба шарофати заҳматҳои кашидаи Станиславский ва Немирович – Данченко бисёр намоишномаҳоро ба саҳна гузошт. Асарҳои Чехов ва Горкий, ки ҳаётӣ буданд, мухлисони бешумор доштанд. Дар пеши назари тамошобинон зиндагии воқеӣ бо ҳама тазодҳояш, талхию шириниҳояш, гармию сардиҳояш тасвир мегашт.

Пас аз сипарӣ гаштани солҳо Станиславский барномаи Театри бадеиро ба ёд оварда, ин тавр нигоштааст: «Мо ба тарзи бозӣ ва зоҳирпарастии театри анъанавӣ зид баромадем, чаҳорчӯбаи мағорбастаи сабку усулҳоро шикаста, навҷӯиҳо мекардем».

Соли 1910 бемории робитаи ӯро бо театр меканад. Станиславский дар ҷойгаҳи маризӣ ба омӯзиши «ҳаёти рӯҳи одамизод», ҳолати ботинии актёри рӯи саҳна мепардозад. Баъзе андешаҳояшро ба дӯсташ Максим Горкий иброз медорад ва аз нависанда ҷонибдорӣ мебинад. Дар хусуси системаи нав Константин Сергеевич дар китобаш «Ҳаёти ман дар санъат» чунин менигорад: «...Натиҷаи ҷустуҷӯи тамоми умрам, чи тавре ки мегӯянд, «система»-и ман аст, методи фаъолияти актёрие, ки ман муқаррар кардаам, ба ҳунарпеша имконият фароҳам меорад, ки образ офарад, дар нақш ҳаёти рӯҳии инсонро кушода тавонад ва дар саҳна дар шакли зебои бадеӣ пешкаши тамошобин гардонад.

Ман табиати зиндаи ҳунармандонро дар саҳна хуб омӯхтам ва таҷрибаам таҳкурсии методи кашфнамудаам гардид. Аз ҳама шоистааш он аст, ки ман ба он аз хеш чизе илова накардаам, ҳамаи гуфтаҳоям дар амал, дар ҳаёти саҳнавии худ ва шогирдонам санҷида шудаанд. Вай худ ба худ, табиӣ аз таҷрибаи бисёрсолаам таровида баромад. «Система»-и ман ба ду қисми асосӣ тақсим мешавад:

1. Кори ботинӣ ва зоҳирии актёр дар рафти сайқал бахшидани маҳораташ.

2. Кори ботинӣ ва зоҳирии актёр ҳангоми иҷрои нақш.

Актёр бояд ботинан ба иҷрои нақш омода гардад, ба эҷодгариаш боварӣ ҳосил намояд, ба илҳом ояд. Нақшро бо тамоми назокатҳояш омӯзад, ба маънои ҳар як сухан, ҳар як ҳаракати ҷузъӣ сарфаҳм равад».

Станиславский меҳисобид, ки актёр бояд «ҳиссиёт, андешаҳои қаҳрамонро ба ҳиссиёт ва андешаҳои худ табдил диҳад, ба зиндагии вай пурра ворид шавад». Ҳангоми офаридани нақш дар спектакл актёр бояд дар ҳузури тамошобинон раванди таваллуди образро таҷассум созад.

Чунин методика ба Станиславский шароит фароҳам овард, ки ба намоишномаҳои пешина, образҳои анъанавӣ ба тарзи нав назар афканад. Масалан, мазҳакаи Бомаршел «Рӯзи бӯқаламун ё зангирии Фигаро», ки ӯ ба саҳна гузошт, аз пйесаи шавқангез ба фоҷиаи инсоне, ки рафтораш барои атрофиён фаҳмо нест, табдил меёбад.

Соли 1912 Станиславский Студияи якумро созмон дода, идеяҳояшро тавассути он ҷомаи амал мепӯшонад. Соли 1918 Студияи операвиро дар назди Театри калон ташкил медиҳад, ки баъдтар он ба Театри мусиқии ба номи Станиславский мубаддал мегардад.

Соли 1922 Театри бадеӣ ба сафари дусолаи хориҷа мебарояд. Солҳои 1924-1928 намоишномаҳои «Дили пурҳарорат», «Рӯзҳои Турбинҳо», «Рӯзи бӯқаламун ё зангирии Фигаро» ва «Поезди зиреҳпӯши 14-69»-ро ба саҳна мегузоранд, ки қалби ҳазорон муштариёнро тасхир месозанд.

Станиславский ба ғайр аз фаъолияти омӯзгориву режиссёрӣ ба созмон додани студияҳои актёрони наврас ва ҷавон низ даст зад, ки баъдтар дар заминаи онҳо театрҳои «Моссовет» ва ба номи Е. Вахтангов ба миён омаданд.

Ин абармарди дунёи санъат 7 августи соли 1938 аз дунёи фонӣ ба дунёи боқӣ рахти сафар баст.



# Пабло Пикассо

## (Солҳои зиндагиаш 1881 -1973)

Пикассо –бузургтарин рассоми асри XX ва пешвои авангардизм – аз зумраи ходимони барҷастаи санъати тасвирӣ ба ҳисоб меравад. Нуқтаи назар ва эҷодиёти бадеии ӯ тасаввуроти анъанавиро оид ба санъат дигар карданд, асарҳояш ба рассомони кулли кишварҳо таъсири ҷиддӣ расонданд.

Пикассо ба ҷустуҷӯи шаклҳои нав ва воситаҳои муассир, ки лаёқати интиқоли ҷаҳондарксозии инсони замонавиро доранд, рӯ овард. Ба шарофати таҷрибаҳои эҷодиаш Пикассо забони нави санъатро бунёд намуд. Яке аз кашфиётҳои бузургтаринаш кубизм –равияи шаклпарастона дар санъати рассомӣ ба шумор меравад.

Бисёриҳо ба нобиға будани Пикассо қоил буданд, вале ӯ ҳама вақт кореро ба субут мерасонд, ки иҷрояшро зарур медонист, ҳарчанд ин амал хилофи нуқтаи назари умум бошад ҳам.

Мақсади эҷодиёти худро рассом ин тавр муайян намудааст:

«Ман сурати ашёро, чӣ тавре ки тасаввур менамоям, ҳамон хел мекашам, на он гунае, ки мебинам».

Пабло Руис –Пикассо 25 октябри соли 1881 дар шаҳри Малагаи Испания дар оилаи рассом дон Хосе Руис ва Мария Пикассо –Лопес таваллуд шудааст. Бо гузашти вақт рассом насаби модарашро гирифтааст. Падараш омӯзгори фурӯтани фанни рассомӣ буд, гоҳо аз рӯи супориш расми дохили бино-

ҳоро мекашид. Суратгариро бача бармаҳал сар кард. Ангораҳои аввалинаш аз ҷиҳати ҳунармандӣ ва касбӣ бинандаро ба ҳайрат меоварданд. Нахустин мусаввараи рассоми наврас «Пикадор» ном дошт.

Вақте ки Пабло даҳсола мешавад, оилаашон ба Ла-Корунresponse мекӯчад. Соли 1892 вай ба мактаби маҳаллии рассомӣ, ки падараш дар он ҷо расмкашӣ сабақ медод, дохил мешавад. Моҳи сентябри соли 1895 онҳо боз кӯч мебанданд. Ин дафъа ба Барселона. Пабло сабақгириро дар мактаби рассомии Барселона идома мебахшад. Вай дар як сеанс аз асл сурат кашида профессорро ба ҳайрат мегузорад. Зеро барои ин амал як моҳ мӯҳлат муқаррар шуда буд.

Пабло соли 1897 ба Академияи рассомии Сан-Фернандои Мадрид шомил мегардад, вале дар ин ҷо ҳам дер намеистад. Вай мустақилона мехоҳад дар ҷодаи рассомӣ роҳи худро ёбад. Ҳамон сол дар Академияи рассомии Мадрид намоиши асарҳои миллӣ баргузор мешавад. Мусаввараи ӯ «Дониш ва тараҳҳум» баҳои баланд мегирад, аммо вай ғайричашмдошт ва бар хилофи хоҳиши падар академияро тарк намуда, соли 1898 ба Барселона бармегардад.

Оғози давраи нилобии эҷодиёти Пикассоро ба миёнаҳои соли 1901 ва анҷоми онро ба охири соли 1904 мутааллиқ медонанд. Ҳарчанд бисёр мусавварахои ӯ моҳҳои феврал –апрели соли 1901 дар Мадрид падид омадаанд, аз ҷумла, «Зани нилобипӯш» ва «Хонуми нилобипӯш».

Барои расмҳои ин давра тасвири одамони қашшоқ, рӯҳияи афсурдаҳолӣ ва яъсу ноумедиҳо хос буданд. Мусавварахо аз худ ба атрофиён маъюсӣ меафкананд, онҳо бо рангҳои хираву тира, бештар бо рангҳои кабуд, сабз ва нилобӣ офарида шуда буданд. Андоми одамони тасвирёфта ба назар карахт, шахшуда, сангин метофтанд. Суратҳои «Дӯстдори арақи явшон» (1901), «Мулоқот (1902), «Гадои пир бо писарбача» (1903), «Зиндагӣ» (1903), «Вохӯрӣ» (1902),

«Бенавоёни соҳили баҳр» (1903) мансуби давраи нилобии эҷодиёти рассоманд.

Асари давраи гузариш аз нилобӣ ба гулобӣ расми «Духтарчае дар болои кура» (1905) ба ҳисоб меравад. Муносибати рангҳои мусаввара дар тобиши одии рангҳои гулобиву нилобӣ ба назар гирифта шудаанд. Обуранги нафис рӯҳияи лирикиеро ба вуҷуд оварда, пайвастагии духтарчаю кураро илқо месозад ва дар қалби бинанда ҳиссиёти тақдири ба ҳам печида доштани онҳоро бедор менамояд.

Дар давраи ба ном гулобии эҷодиёташ Пикассо солҳои 1905-1906 бо рангҳои сурхчатоб, тиллоӣ ва нуқрафом расмҳо мекашид. Ҳолатҳои лирикӣ, шоирона, инсондӯстӣ тасвир меёфтанд. Пикассоро ҳаёти оилавии инсон ва ҳам коллективи бузург ба худ ҷалб месохт. Мавзӯи дӯстдоштааш дар ин давра тасвири ҳаёти дорбозон, варзишгарон ва масхарабозон буд.

Расмҳои «Оилаи дорбозон бо бӯзина», «Гауклерҳо, оилаи ширинкорон», «Дорбоз ва масхарабози ҷавон» аз ин ҷумлаанд. Мусаввир дар ин давра ба тасвири зан низ рӯ оварда, мусавварахои «Либоспӯшӣ», «Ороиши мӯй» ва «Ҳарам»-ро офаридааст.

Соли 1907 Пикассо ба омӯзиши мероси Сезанна шуғл меварзид, ки ба ин гуфтаҳо «Акси Гертруда Стайн» ва сурати «Духтаракони авинонӣ» гувоҳи ҳоланд. Ин асарҳо, дар ҳақиқат, дар олами санъати тасвирӣ як инқилобе ба вуҷуд оварданд, анъанаҳои мавҷударо барҳам заданд.

Солҳои 1908-1909 бо ҳамроҳии Ж.Брак ба услуби нав –кубизм асос гузошт. Онҳо дар ҷустуҷӯи эквиваленти бадеӣ ҳақиқати воқеиро тамоман вожгуна тасвир мекарданд. «Бисёриҳо чунин мепиндоранд, ки кубизм, -мегуфт Пикассо, -навъи махсуси давраи гузариши санъат аст, таҷриба аст ва натиҷаҳои он баъди сипарӣ гаштани солҳо рӯ мезананд. Ин тавр андеша рондан, нафаҳмидани кубизм аст. Кубизм «тухмӣ» нест, ки баъдтар «неш» зада сабзад, балки санъат аст, ки барояш пеш аз

ҳама шакл муҳим мебошад, шакл бошад, пас аз як маротиба офарида шудан, дигар наметавонад гум шавад, бо ҳаёти мустақилонаи худ зиндагӣ мекунад.»

Идеяи рассом, аз шаклҳои анъанавӣ дур шуда, маънои ботинии ашёро зоҳир месозад, ба мисли суратҳои «Скрипка», «Абсент ва қарта», «Натюрморт бо курсии бофташуда», «Хонуме бо бодбезак».

Аз соли 1914 дуршавии Пикассо аз кубизм ба амал меояд ва дар эҷодиёти ӯ равияи неокласситсистӣ, анъанаҳои реалистӣ хонда мешаванд. Дар матбуот ҳатто дар ҳақаш мақолаҳои танқидӣ, аз қабили «Рассоми бӯқаламун» ба табъ расиданд.

Соли 1918 Пикассо бо балеринаи рус Олга Хохлова ақди никоҳ мебандад. Соли 1921 писарчааш Пол ба дунё меояд. Расмҳои дар ин давра офаридааш бо назокату нафисӣ ва ҳаётдӯстиашон фарқ менамоянд. Мусавварахои «Се зан дар назди чашма», «Модар ва тифл», «Устохонаи ҳайкалтарош» бо як латофат, шоирона эҷод гаштаанд.

Соли 1927 Пикассо бо Мария –Тереза Валтер шинос мешавад ва аз Хохлова ҷудо шуда, бо ӯ издивоҷ мекунад. Соли 1935 аз ин никоҳ Майя таваллуд меёбад. Вале ин ишқи охирин набуд. Пикассо соли 1943 бо Франсуаза Жило ошно гашта, варо ба никоҳаш медарорад. Аз ин зан соли 1947 Клод ва соли 1949 Франсуаза чашм ба олами ҳастӣ мекушоянд. Дар синни 80 –солагӣ рассоми куҳансоли ҷавондил бо Жаклин Рок никоҳи расмӣ мебандад.

Пикассо аз соли 1940 то 1944 дар Париж зистааст. Узви фаъоли Фронти халқии зиддифашистӣ буд. Дар мавзӯи ҷанг ва сулҳ суратҳои зиёде кашидааст. «Ҷанг» ва «Сулҳ», «Кабӯтари сулҳ», «Ҷанги Корея» аз қабили онҳоянд. Рассом то ҷон дар рамақ дошт, мӯқалам аз даст нагузошт. Пикассо 8 апрели соли 1973 аз олам даргузашт.



# Чарлз Чаплин

## (Солҳои зиндагиаш 1889-1977)

Ин шахс дар пардаҳои кинои саросари сайёра қариб ним аср падидор гашт. Дар ин муддат бисёр ситораҳои кино дурахшиданд ва нопадид шуданд, вале ӯ ҳамоно чун дӯстдори тамошобинон барқарор истод. Сирри ин шӯҳрати бегазанд дар чӣ бошад?

Сабаби комёбиҳои Чаплин пеш аз ҳама дар пайвастагии истеъдоди хориқаи нақшофарӣ ва режиссёрӣ ва ҳамчунин дар маҳорати яклухтсозии саҳнаҳои мазҳакавӣ ва фоҷиавӣ аз ҷониби ӯст. Қаҳрамони ӯ «одамчаи хурдҷусса»-и костюми нимдошт ба бар, бо пойафзоли бесулуқай ва яқловӣ (котелок), бепарвосту ҳеҷ гоҳ ба гирдоби ғам намеафтад ва аз қаъри ҳар гуна бадбахтӣ моҳирона худро наҷот мебахшад.

Чаплин барои Федерико Феллинӣ «ба маънои томаш Одамато буд, ки ҳамаи мо (ҳунармандони соҳаи кино) аз ӯ ибтидо гирифтаем... Вай ботинан ду одам буд: Овора ва Асилзодаи танҳо, паёмовар, воиз, шоир».

Актёр ва режиссёри фарангӣ Жан-Луи Барро ӯро «намунаи олии камолоти ҳунарварӣ ва нобиғаи эҷодкорӣ ҳам дар саҳнаи театр ва ҳам кино» номида, иловатан фармудааст: «Вале, пеш аз ҳама, вай қиёфасози беназир аст ва бо санъати

қиёфасозии худ моро сабақ медод, ки бе ягон ҳаракат ҳам ба дили тамошобин таъсири амиқ гузоштан мумкин аст».

Чарлз Спенсер Чаплин 16 апрели соли 1889 дар Лондон таваллуд ёфта, дар шароити ниҳоят сахти бенавоӣ ба воя расидааст. Модараш Ханна Хил, ҳунарпешаи театри эстрадӣ-мюзик-холл буд. Падари Чарлӣ низ дар саҳна нақшҳо меофарид. Баъдтар оилаашро партофту ба ИМА рафт.

Чарлӣ дар нӯҳсолагиаш аллакай дар театрҳои эстрадии атрофи шаҳр нақшҳо меофарид. Вақте ки ба синни чордаҳ расид, роҳбари «Театри ҳерсог Йоркский» Хэмилтон ба Чаплин иҷрои нақши хаткашон Биллиро аз пйесаи «Шерлок Холмс»-и Җиллета супурд. Соли 1906 вай дар барномаҳои ҳунарии масхарабозони ҷавони «Сирки Кейси» баромад намуд. Баъд дар труппаи Фред Карно ба ҳунарнамоӣ пардохт: суруд мехонд, мерақсид, жонглёрӣ ва дигар амалҳои акробатиро иҷро мекард. Соли 1910 Чаплин дар намоишномаи «Ҷиммии нотарс ё Қаҳрамони наврас» нақши асосиро бозид. Ӯро мунаққидон зери чашм гирифтанд.

Гурӯҳи Карло ба ИМА сафари ҳунарӣ кард. Чаплин низ бо онҳо буд. Дар рафти сафари навбатӣ ба ИМА дар охири соли 1912 ҳангоми намоиши спектакли «Шабҳангом дар мюзик-холли англисӣ» асосгузори мазҳакаи амрикоӣ Мак Сеннет низ ҳузур дошт. Ширкати «Кистоун» Чарлиро барои нақшофарӣ дар филмҳои мазҳакавӣ бо маоши ҳафтае 150 доллар даъват намуд. Филми нахустини Чаплин «Барои зиндагӣ пул кор кардан» буд. Ба ғайр аз ду-се ҳуққабозӣ образи офаридаи ӯ дигар чизе надошт. Вале Чарлӣ анъанаи бойи англисиро бо худ оварда буд ва он зуд ӯро ҳамчун муаллиф ва режиссёр ба сафи пеш баровард.

Чарлӣ бовар мекунонд, ки бори нахуст костюми машҳури худро, ки бо он ҳама ӯро дар ҳама ҷо мешинохтанд, дар филми «Ҳолати ниҳоятдараҷа вазнини Мейбл», моҳи феврали соли 1914 ба бар карда будааст. Аз рӯи гуфташ, вай хостааст ба ҳам

зидҳо- кулоҳи хурд ва пойафзоли бузург, шими халта ва пичакчаи тангро ба ҳам пайвандад. Чашмони шаҳлои маҳзун бо мӯйлабчаи назаррабо дар тазод буданд. Роҳравии хосааш дигаргуна ба миён омад. Чарлӣ онро аз равиши мӯйсафеди машҳур ба лақаби Бинкси сода, ки саиси бобояш Спенсер буд, омӯхт.

Филмҳои мазҳакавӣ бо иштироки Чаплин зуд машҳур мешуданд. Вале тавсияю маслиҳатҳои ӯ режиссёронро асабӣ мекарданд, аз ин рӯ вай мақсад гузошт, ки худаш филм бардорад. Нахустин филмаш «Зери пироҳани борон» ном дошт.

Дар соли 1915 вай барои ширкати «Эссеней»-и Чикаго 12 филм офарид, яъне моҳе як филм ба навор гирифт. Дар байни онҳо «Чемпион», «Оворагард», «Зан», «Шабе дар мюзик-холл» муваффақияти зиёдро соҳиб шуданд. Дар ин мазҳакаҳои одӣ Чарлии оворагард инодкорона баҳри ҳаёт мубориза беамон мебарад: вай шахси заиф, зудбовару беҳимоя аст, вале чолок, матин ва ҳатто маккор ҳам буда метавонист. Вай на танҳо худро ҳимоя менамуд, балки баҳри адолат мубориза мебурд, заифонро ҳимоя мекард ва бадахлоқонро ҷазо медод.

Чаплин тасаввур карда наметавонист, ки филмҳояш дар Ню-Йорк чи гуна шӯҳрати беқиёс доранд. Аз ин рӯ шаъну шарафи ба сараш рехта ӯро ба ҳайрат овард. Вай дар байни издиҳоми гулгашти Таймс меистод, вақте ки дар чаҳорчӯбаи эълонҳои бинои идораи рӯзномаи «Таймс» сатрҳои зерин падид омаданд: «Чаплин бо «Мючел» ба маблағи соле 670000 доллар шартнома мебандад». Орзуҳо ҷомаи амал пӯшиданд. Бенавоӣ ва беқадрӣ паси сар шуданд.

Филми нахустини Чаплин дар «Мючел» «Нозири мағозаи молҳои гуногун» ном дошт. Сипас ҳар моҳ як мазҳака ба мухлисон пешкаш мекард. «Сӯхторнишон», «Дарбадар», «Соати яки шаб», «Граф», «Дӯкони судхӯр», «Дар паси экран», аз қабили осорҳои ҳамин давраанд. Мазҳакаҳои «Кӯчаи ором» ва «Муҳоҷир»-ро чун шоҳасар ном мегиранд.

Соли 1919 бо ҳамроҳии устодони соҳаи кино Дэвид Гриффит, Мэри Пикфорд ва Дуглас Фэрбенкс ширкати «Юнайтед артист»-ро созмон медиҳад. Чаплин барои ширкати нав филми

драмавии риққатовари «Бонуи порижӣ»-ро меофарад. Худи актёр дар нақши лаҳзавӣ дар симои ҳаммоли вокзал як аён мешаваду бас. Вале ҳамин нақши хурдакак ҳам дар хотири тамошобинон нақш баст. Мунаққидон аз дидани филм ба ваҷд омада, Чаплинро нобиға хонданд.

Соли 1925 филми «Васвасаи тилло» ба намоиш мебароянд, ки онро Чаплин ҳам асари безавол мепиндошт. Дар ин намоишнома лаҳзаҳои лирикию фоҷиавӣ нохост ба мазҳака табдил меёбанд. Ҳангоми ба навор гирифтани он ҳунарпешаи мумтоз маҷбур мешавад, ки боз зан гирад. Ҳанӯз соли 1918 бо Милдрес Харрис ақди никоҳ баста, аз вай охири соли 1919 ҷудо шуда буд. Ин дафъа бо Лита Грейи 15-сола, ки аз вай ҳомила шуда буд, оила барпо кард. Дар акси ҳол ӯро ба муддати 30-сол ба зиндон меафкананд. Пас аз ду сол риштаи ин оила низ гусаст. Лита Грей як миллион доллар ва рентаи чашмраси якумраро соҳиб шуд. Чарлӣ Чаплин ба беморхонаи касалиҳои рӯҳӣ афтод. Аз дармонгоҳ тамоман бо сари сафед баромад. Филми «Сирк»- ро соли 1928 ба намоиш гузошт, ки ба офарандааш 3 миллион доллар фоида овард. Ҳангоми банаворбардории филми «Чароғҳои шаҳри калон» (соли 1931) Чаплин мусиқии нафисро истифода бурд. Филм ду хати сужет дошт: ишқи ғарибי хурдҷусса Чарлӣ ба духтараки гулфурӯши нобино ва дӯстии ӯ бо миллионери майхора. Нахустнамоиши филм гарм истиқбол ёфт.

Соли 1936 филми «Замонҳои нав» ба намоиш баромад, ки аз ҳаёти коргарони завод ривоят мекард. Баъди филмбардорӣ Чаплин бо ҳунарпешаи кино Полетт Годдар ба Чин меравад ва дар Кантон бо Полетт ақди никоҳ мебандад.

Соли 1940 вай филми ҳаҷвии «Диктатори бузург»-ро офарида, ба ҳоли Ҳитлер механдад. Ин асар махсусан дар Англия ҳаводорони зиёде пайдо кард. Дар солҳои ҷанг Чаплин бо навиштани мақолаҳо, баромадҳо ва вохӯрӣ бо сарбозон бар зидди фашизм мубориза мебурд.

Соли 1942 Полетт аз Чаплин, бо сабаби ба ҳам мувофиқ наомадани хислатҳояшон, ҷудо шуд. Чарлӣ бошад барои иҷрои

нақши асосӣ дар филми «Шабаҳ ва ҳақиқат» ҳунарманд меҷуст. Ӯро бо ҳунарпешаи ҳабдаҳсолаи басо зебою шармгин, боҳаё ва доно Уна О,Нил, духти драмнависи шинохта Юҷин О,Нил, шинос карданд.15 июни соли 1943 онҳо ақди никоҳ бастанд, дар ин вақт Чаплин 55-сола буд. Ин никоҳ ба ӯ бахт овард. Уна ҳаёти ҳунарпешаи закиро дар куҳансолӣ зеб бахшид. Аввал Ҷералдина, сипас Майкл, Ҷозефина Ханна, Виктория, Юҷин, Ҷейн, Аннет ва Кристофер ба дунё омаданд.

17 сентябри соли 1952 Чаплин аз Амрико ба Англия кӯч мебандад. Соли 1957 филми ӯ «Шоҳи Ню Йорк» ба саҳна мебарояд, ки намоиши онро дар ИМА манъ менамоянд. Соли 1962 Донишгоҳи Оксфорд ба Чарлӣ Чаплин унвони доктори илми адабиётро дод. Пас аз даҳ рӯз Донишгоҳи Даремск низ чунин қарорро ба тасвиб расонд. Чанде нагузашта ёддоштҳои Чаплин «Зиндагиномаи ман» аз нашр баромад.

Соли 1966 филми «Графзан аз Гонконг»-ро бо иштироки Софӣ Лорен, Марлон Брандо ва чанд масхарабоз ба навор гирифт.

Чарлӣ Чаплин дар фестивали Канн соли 1971 барои эҷодкорӣ соҳиби мукофоти махсус шуд ва ҳамон сол бо ордени Легиони фахрӣ қадр гашт. Дар фестивали байналмилалии кинои Венетсия (соли 1972) вай ба «Шери тиллоӣ» мушарраф гардид.

Киноакадемияи амрикоӣ дер шуда бошад ҳам, соли 1972 ӯро барои хизматҳои шоёнаш дар соҳаи кино бо «Оскар» сарфароз кард. Пас аз як сол Чаплинро боз ба ёд оварданд. Ин дафъа дар Лос-Анҷелес филми ӯ «Чароғҳои саҳна» соҳиби «Оскар» шуд.

Маликаи Англия моҳи марти соли 1975 ба ӯ мартабаи ритсарӣ бахшид.

Чаплин дар шаби мавлуди Исои Масеҳ, 25 декабри соли 1977 аз олам чашм пӯшид. Маросими дафнаш хеле хоксорона сурат гирифт.

# Фернандо Магеллан



## (Солҳои зиндагиаш 1480-1521)

Баъди он ки Колумб Амрикоро кашф намуд, ин қитъа муттасил аз худ карда мешуд ва пас аз чанде маълум гашт, ки соҳили аз ҷониби Колумб кашф гардида ба тарафи ҷануби ғарбӣ тоб мехӯрад. Ин ҳолат фарзу тахминҳоро ба миён меовард ва сайёҳони ҷуғрофидон мегуфтанд, ки материки нав дар ҷануб шакли нимҷазираро дорост.

Аммо вақти зиёд сипарӣ мегашту касе ҷуръати аз ҷануб гузаштани қитъаи Амрико ва бо ин роҳи обӣ то ба Ҳиндустони ҳақиқӣ расиданро надошт. Нахустин шуда ин сафари баҳриро Фернандо Магеллан амалӣ намуд.

Магеллан аввалин сафари баҳрии гирди оламро, ки он курашакл будани заминро собит сохт, ташкил кард. Якумин шуда аврупоиҳо аз Атлантик гузаргоҳ ёфта, Ором - бузургтарин уқёнусро «бурида гузаштанд». Магеллан ҳақиқати мавҷудияти уқёнуси Ягона ва курашаклии Заминро дар амал нишон дод. Экспедитсияи ӯ муайян намуд, ки қисми зиёди рӯи заминро хушкӣ не, чи тавре ки Колумб ва ҳамзамонони ӯ мепиндоштанд, балки оби уқёнусҳо пӯшондааст.

Фернандо Магеллан дар айёми бедоршавии табиат, баҳори соли 1480 дар маҳаллаи Саброзаи музофоти Вила – Реали Португалия таваллуд шудааст. Давраи бачагӣ ва наврасии ӯ дар шарқи кишвар сипарӣ гашт. Падараш, ки ба авлоди дворя-

нҳо мансуб буд, аз қашшоқӣ азоб мекашид ва барои беҳбуд бахшидани рӯзгор ба хизмати ҳарбӣ рафт. Фернандо, ки барои таҳсили минбаъда маблағ надошт, низ хизмати ҳарбиро ихтиёр кард ва дар як мӯҳлати кӯтоҳ дар муҳосира намудану фатҳи қалъаю истеҳкомҳои мухолифин ҷасорат нишон дода, соҳиби шӯҳрат гардид.

Алалхусус ҳангоми муҳосираи шаҳри Гоа, ки баъдтар пойтахти Ҳинди португалӣ ва ҳам Малаккӣ шуд, мардонагӣ зоҳир сохт. Пас аз маҷрӯҳӣ дар яке аз муҳорибаҳои шадид, Магеллан Ҳиндро тарк намуда, соли 1513 ба Лиссабон меояд. Ба мисли Колумб Магеллан низ бо лоиҳаи таҳқиқ кардани соҳилҳои баҳри ношиноси Ҷануб ба ҳукумат муроҷиат менамояд. Пас аз гирифтани ҷавоби рад роҳи Испанияро пеш мегирад.

Шоҳи Испания ба таҳқиқи қитъаи нави кашфнамудаи Колумб манфиатдор буд. Аз ин рӯ зуд пешниҳоди Магелланро пазируфт Фернандо дигар наздикони худро намебинад. Писари баҳрнавард соли 1521 мефавтад. Завҷааш моҳи марти соли 1522 аз олам чашм мепӯшад.

20 сентябри соли 1519 Магеллан дар раёсати флотилия, ки аз панҷ киштӣ - «Тринидад», «Сан-Антонио», «Сантяго», «Консепсион», «Виктория» ва 265 нафар баҳрнавард иборат буд, ба сафари баҳрӣ баромад.

Ҳангоми убури уқёнуси Атлантик Магеллан аз усули огоҳсозии ихтироънамудаи худ истифода бурд. Аз ин рӯ ягон киштии ӯ гум ва ҳам аз якдигар ҷудо нашуд. Дар охири моҳи декабр вай ба Ла-Плата расид ва наздикии як моҳ халиҷро таҳқиқ намуд, вале ба баҳри Ҷануб гузаргоҳ наёфт. 2 феврали соли 1520 Магеллан ба ҷануб қадқади соҳили атлантикии Амрикои Ҷанубӣ шино кард. Вай танҳо рӯзона киштӣ меронд, то ки ягон гулӯгоҳ ба халиҷ аз чашмонаш пинҳон намонад, 31 марти соли 1520 дастаи киштиҳояш дар халиҷи кушоди Сан-Хулиан лангар партофт. Зеро зимистон фаро мерасид ва Магеллан нахост, ки ҳамсафонашро ба зарбаи тӯфонҳо гирифтор созад.

Ҳамон шаб, аз тарси зимистонгузаронӣ дар замини ношинос, сардорони киштиҳои «Виктория», «Консепсион», «Сан-Антонио» бар зидди Магеллан қиём намуданд. Шӯришро Фернандо бераҳмона пахш кард. Фармон дод, ки капитанҳои «Виктория» ва «Консепсион»-ро паронанд, капитани «Сан-Антонио» ва роҳиби шӯришгарро ба соҳили беодам бадараға намоянд, ҳарчанд ба онҳо марги ногузир таҳдид дошт. Баҳорон боз фалокате пеш омад: киштии «Сантяго», ки барои фаъолияти кошифӣ пеш-пеши даста шино мекард, ба харсанг бархӯрда пора-пора шуд. Маллоҳони он ба дигар киштиҳо тақсим гаштанд.

Магеллан аз халиҷ 24 августи соли 1520 лангар бардошт, оҳиста-оҳиста ҳар як хамгашти соҳилро таҳқиқ намуда ба ҷануб шино намуд.

21 октябр киштиҳои «Сан-Антонио» ва «Консепсион» барои дарёфти гулугоҳ ба пеш фиристода шуданд. Нохост тӯфон бархост. Вале, хушбахтона, маллоҳон дар соҳил хамгаште диданд ва ба оби ороми он киштиҳоро ронда, аз тӯфони шадид амон ёфтанд. Ин маҳал як халиҷи обаш шӯри борики тӯлоние будааст. Маллоҳон дарк сохтанд, ки пас аз ҷустуҷӯйҳои зиёд ба мақсад расиданд, гузаргоҳ аз уқёнуси Атлантик ба ҷаҳони нави номаълум ёфт шуд.

Дар соҳили ҷанубии гулӯгоҳ маллоҳон шӯълаи оташгоҳҳои зиёдеро диданд. Магеллан ин маҳалро макони Чароғон номид. Пас аз як моҳ гулӯгоҳ дар паси киштиҳо монд. Аммо капитани киштии «Сан-Антонио» аз фурсати муносиб истифода бурда, аз даста канда шуд ва роҳи гурезро пеш гирифт. Вай киштиашро ба Испания расонд ва дар ҳақи Магеллан тӯҳматҳо бофта, ӯро хоини ҳукумат хонд.

Се моҳу бист рӯз киштии Магеллан дар уқёнуси бекарон ҷавлон зад. Ба бахти маллоҳон уқёнуси босалобат хомӯшу ботамкин буд ва Магеллан ба он Ором ном ниҳод.

Қариб ҳамаи маллоҳон гирифтори беморииb синга буданд. Бисёриҳо ба марг расиданд. Магеллан, ҳарчанд қомати боло

надошт, бо нерӯи бузурги ҷисмонӣ ва қатъияту боварӣ ба худ аз дигарон фарқ мекард. Боре ҳам бемор нашуд, ҳангоми убури уқёнус вай қариб 17 ҳазор километр масофаро шино намуд ва дар роҳи обиаш танҳо ду ҷазираро вохӯрд: яке дар галаҷазираҳои Туамо, дигарӣ дар галаҷазираҳои Лайн. Вай инчунин ду ҷазираи аҳолинишин – Гуам ва Ротаро аз гурӯҳи ҷазираҳои Мариан кашф кард.

Ва алқисса моҳи марти соли 1521 се ҷазира пешорӯи онҳо намудор гашт ва онҳоро Магеллан ҷазираҳои Дуздон ном гузошт. Зеро сокинони онҳо бо заврақҳои худ ба киштиҳои маллоҳон ҷафс шуда, бисёр лавозимоти меҳмононро ба яғмо burданд. 15 март экспедитсия ба галаҷазираҳои бузурги Филиппин расид. Магеллан бо садои гулдуросии тӯпҳо ҳокими ҷазира Собуро сахт тарсонда, маҷбураш сохт, ки тобеи шоҳи испанӣ шавад.

Галаҷазираи Филиппинро Магеллан ба шарафи шоҳзода Филиппи дуюм, шоҳи ояндаи Испания чунин номид. Дар ин ҷо Магеллан барои истироҳат таваққуф намуд. Вале 27 апрели соли 1521 дар яке аз задухӯрдҳо бо аҳолии маҳаллӣ кушта шуд. Ҳокими ҷазира Собу як қисми маллоҳонро ба меҳмонӣ хонд, вале аҳдшиканона ба онҳо ҳамла овард ва 24 нафарро ба қатл расонд. Дар се киштӣ ҳамагӣ 115 нафар монд. Маллоҳон кам буданд. Аз ин рӯ зарур омад, ки киштии «Консепсион»-ро оташ зананд. Ду киштӣ дар шароити бисёр вазнин лангар бардошт ва дар охири соли 1521 ба ҷазираҳои Молук расид Акнун ба экспедитсия ёвари Магеллан Себастян Х. Элкано сарварӣ мекард. Ин вақт зери роҳбарии ӯ 108 нафар боқӣ монда буд. Маллоҳон ба хулосае омаданд, ки киштии «Виктория» дар уқёнуси Ором сафарро идома бахшад, киштии «Тринидад» ба қафо, ба Амрико баргардад. Вале капитани «Тринидад» гулӯгоҳи Магелланро ёфта натавонист ва ба ҷазираи Молук бозгашт. Ба рӯи «Виктория» бахт хандид: то қитъаи Африқо расид ва дар димоғаи Умеди Нек ба тӯфони шадид истодагарӣ карда, Элкано

бодбонҳоро сӯи хона гардонд. Душвории сафар дар он буд, ки вай наметавонист ба соҳилҳои Африқо наздик шавад. Зеро дар он ҷойҳо роҳзанҳои португаливу арабҳо ҳукм меронданд. Аз ин рӯ зарур меомад, ки дуртар аз соҳилҳо киштӣ ронад, тавассути ситораҳо, вазиши бод ва таҷрибаи худ самти шиноро муқаррар созад.

Ба ҳар ҳол ҳамаи душвориҳою нокомиҳоро паси сар намуда, 8 сентябри соли 1522 киштии онҳо дар Севиле лангар андохт. Ҳамин тавр дар таърихи башар аввалин сафари баҳрии гирди замин бо комёбӣ анҷом пазируфт. Сафар қариб се сол идома ёфт, аз 265 нафар иштирокчӣ ҳамагӣ ба Испания 18 нафар баргашт.

Шоҳи Испания баҳрнавардони ҷасурро шоҳона мукофот дод. Вале қаҳрамони асосӣ на Магеллан, балки Элкано дониста шуд. Ба ӯ нафақаи ҳарсола таъин намуданд, инчунин бо нишони махсус, ки дар рӯяш акси кураи замин бо суханони «Ту маро чарх задӣ» ҳаккокӣ гашта буд, сарфароз гардид.

Бори нахуст дар атрофи замин шино намуда, экспедитсия собит сохт, ки Замин дар ҳақиқат курашакл аст.

# Руал Амундсен

# (Солҳои зиндагиаш 1872-1928)

Амундсен-бузургтарин сайёҳи қутбҳои шимоливу ҷанубӣ, аввалин фотеҳи Қутби Ҷанубӣ. Амундсен инчунин нахустин шахсест, ки дар мавзеи баҳамоии ду қутб истода, ба парвози тайёра тавассути Қутби Шимолӣ аз Аврупо ба Амрико роҳбарӣ намудааст. Вай дар яхта-киштии махсуси сайёҳии «Иоа» якумин шуда, аз шимол Амрикоро чарх зад ва қад-қади ҳамаи соҳилҳои укёнуси Яхбастаи Шимолӣ шино кард.



Пас аз сипарӣ гаштани солҳо тадқиқотчии маъруфи қутб Фритоф Нансен дар хусуси Амундсен чунин иброз дошт: «Дар ниҳоди ӯ як қувваи бузурги ба ҷӯшу хурӯш оваранда ниҳон буд. Амундсен олим набуд, олим шудан ҳам намехост. Ӯро корнамоиҳо ба худ мекашиданд...

Ва бигузор касе дар хусуси хандаи бахт ё омади кори ӯ ҳарф назанад. Бахти Амундсен ин бахти одами қавиирода, бахти шахси доной дурандеш аст».

Руал Амундсен соли 1872 ба дунё омадааст. Дар айёми наврасӣ вай бачаи касалманд ва беқувват буд. Баҳри омода гаштан ба санҷишҳои душвори зиндагӣ ӯ ҳар рӯз мунтазам ба тарбияи бадан шуғл меварзид, дар фасли зимистон тавассути лижа бисёр манзилҳоро тай мекард. Модарро ба ваҳшат оварда, шабона тирезаи хонаи хобашро кушода мемонд, дар рӯи як қолинчаи назди кат ба болояш палто ё рӯзномаҳоеро партофта мехобид.

Худи Амундсен қисса намудааст, ки ҳанӯз дар понздаҳсолагиаш, баъди мутолиаи китоби Ҷон Франклин, ба саёҳати қутбҳо дил бохт.

Нахуст ӯ илми тиб омӯхт, вале пас аз вафоти модар филфавр рафти фаъолияташро тағйир дод. Дар бисту дусолагӣ чун маллоҳи киштии шикории бодбонӣ ба соҳилҳои Шпитсберген шино менамояд. Сипас ӯ дар бисёр киштиҳо шино кард, Мексика, Испания, Англия ва Африқоро сайр намуд. Соли 1896 ниҳоят вай аз рӯи ихтисоси штурман-роҳбаладӣ баҳрӣ имтиҳон супурда, дар ҳайати экспедитсияи белгиявӣ барои зимистонгузаронӣ ба Антарктида сафар кард. Зимистони солҳои 1897-1899

он ҷо монд. Экспедитсия 13 моҳ тӯл кашид. Аз сабаби он ки ба он хуб омодагӣ надида буданд, қариб ҳама ба бемории синга гирифтор шуд. Ду нафар аз ақл бегона гашт, як нафар фавтид. Амундсен аз ин экспедитсия сабақи якумра бардошт.

Вай адабиёти ба ҳаёти қутбҳо бахшидаро пурра мутолиа кард, то ки номгӯи зарурии ғизо ва тарзи омода сохтани онҳо, намудҳои гуногуни либос, асбобу анҷоми ҳатмиро комилан аз бар намояд.

Баъди он ки соли 1899 ба Аврупо баргашт, ӯ барои гирифтани унвони капитани киштӣ имтиҳон супурд, сипас ризояти таҳқиқотчии маъруфи қутб Нансенро ба даст оварда, киштии на он қадар бузурги сайёҳӣ харид, ба он «Иоа» ном гузошт ва ба экспедитсияи шахсиаш омодагӣ дид. Амундсен мехост кореро ба сомон расонад, ки то ҳол иҷрояш ба касе даст надода буд, яъне орзу дошт аз роҳи шимоли ғарбӣ бигзарад. Ва ба ин сафари ҳам пурхавфу ҳам дилфиреб расо се сол омодагӣ гирифт.

Моҳи июни соли 1903 дастаи сайёҳии иборат аз ҳафт нафар бо сарварии Амундсен дар киштии 47-тоннагии «Иоа» баҳри амалӣ гаштани орзуи се асраи инсоният ба сафар баромад.

Сафина аз Гренландияи Ғарбӣ ба ҷануб ба канори шимолии ҷазираи Кинг-Вилям шино намуд. Хатоии марговари Франклинро ба назари эътибор гирифта, Амундсен ҷазираро на аз тарафи ғарб, балки аз сӯи шарқ давр зада гузашт ва дар бандари Иоа, дар тарафи ҷануби шарқии соҳили ҷазираи Кинг-Вилям ду зимистонро сипарӣ кард.

Аз он ҷо тирамоҳи соли 1904 вай тавассути заврақ қисми аз ҳама борики гулӯгоҳи Симпсонро таҳқиқ намуд, охири тобистони соли 1905 рост ба сӯи ғарб, қад-қади соҳилҳои материк, галаҷазираҳои арктикии Канадаро ба тарафи шимол гузошта киштӣ ронд. Дар қисми шимоли ғарбии соҳилҳои Канада бори сеюм зимистонро ба сар бурда, Амундсен тобистони соли 1906 ба воситаи гулӯгоҳи Беринг ба уқёнуси Ором баромад ва дар

Сан-Франсиско сафарро ба охир расонд. Ҳамин тавр Амундсен нахустин шуда ба воситаи киштӣ аз гузаргоҳи шимолию ғарбӣ қад-қади соҳилҳои арктикии Амрико шино намуд. Ғайр аз ин экспедитсия оид ба ҷуғрофия, метеорология ва этнографияи соҳилҳои таҳқиқгашта маводи зиёди гаронбаҳо овард.

Пас аз ин Амундсен мақсад гузошт, ки корномаи Нансенбо таъсири ҷараёни обу шамол фатҳ кардани Қутби шимолиро такрор намояд. Вале дар арафаи сафар иттилоъ гирифт, ки сайёҳи амрикоӣ Роберт Пирӣ аз ӯ пеш гузашта, ба фатҳи Қутби шимолӣ ноил гаштааст.

«Барои обрӯямро ҳамчун таҳқиқотчии қутб нигоҳ доштан - ба хотир меорад Амундсен,- ба ман зарур буд, ки комёбии фавқулоддаро соҳиб шавам. Ман ба иҷрои вазифаи хавфнок таваккал намудам. Роҳи мо аз Норвегия ба гулӯгоҳи Беринг аз шафати димоғаи Горн мегузашт, аммо пеш аз ин ба мо лозим меомад, ки аввал ба ҷазираи Мадейра лангар партоем. Дар ин ҷо ман ба ҳамроҳонам гуфтам, ки Қутби шимолӣ фатҳ шудааст, аз ин рӯ мо ба фатҳи Қутби ҷанубӣ хоҳем кӯшид. Ҳама бо ваҷд ба ин пешниҳод розӣ шуд…»

Дар рӯзи офтобии 19 октябри соли 1911 дастаи панҷнафарон дар чор чана, ки онҳоро 52 саг мекашид, ба роҳ баромад. «Ин саёҳати аҷоибе буд,-ба ёд овардааст баъдтар Амундсен,- мо аз мавзеъҳои тамоман наву ношинос, кӯҳҳо, пиряххо ва қуллаҳо мегузаштему дар айни ҳол чизе ба ғайри барфу ях намедидем.» Роҳ бошад хеле хатарнок буд. Беҳуда баъзе маҳалҳо номҳои ғамангез надоштанд, ба монанди «Дарвозаи ҷаҳаннам», «Пиряхи иблис», «Золи рақси шайтон». Ниҳоят кӯҳҳо қафо монданд, сайёҳон ба пуштакӯҳе баромаданд пур аз мавҷҳои яхин. Пас аз мурдани нисфи сагҳо, онҳо 17 декабр ба нуқтае расиданд, ки аз рӯи ҳисобу китобашон Қутби ҷанубӣ он ҷо буд. Дар ин маҳал сайёҳон хайма заданд ва ба ду гурӯҳ тақсим шуда бо навбат бо зовиясанҷ баландии офтобро дар ҳар соати як шабонарӯз чен карданд. Дастгоҳҳо бо забони ҳол мегуфтанд, ки

онҳо бевосита дар нуқтаи Қутби ҷанубӣ ҳузур доранд.

Саёҳати Амундсен ва рафиқони ӯ ба Қутби ҷанубӣ ва бозгашт ба ватан 99 рӯз идома ёфт. Ӯро дар Норвегия ба мисли қаҳрамони миллӣ пешвоз гирифтанд.

Акнун Амундсенро шавқи ба воситаи роҳи ҳавоӣ фатҳ намудани Қутби шимолӣ ором намегузошт. Вай рондани ҳавопайморо омӯхт ва пас аз супурдани имтиҳонҳо ихтисоси сарнишини тайёраро соҳиб гашт. Соли 1925 Амундсен бо панҷ нафар сайёҳ дар ду тайёра аз Шпитсберген ба тарафи Қутби шимолӣ парвоз кард.

Баъди парвози ҳазор километр масофа мотори тайёраи Амундсен нуқс пайдо намуд, маҷбур шуданд, ки ба замин фуруд оянд. Як тайёра ҳангоми фурудоӣ шикаст. 15 июн ба онҳо муяссар гашт, ки тайёраи дуюмро ба ҳаво бардоранд. Ҳарчанд сайёҳон ба Қутби шимол нарасиданд, собит сохтанд, ки дар шимол дигар ягон қитъае нест.

Дар соли оянда таҳқиқотчии қутбҳо мақсад гузошт, ки дар саёҳатҳои минбаъда аз дирижабл фоида барад. 11 майи соли 1926 дирижабл дар ҳайати 16 нафар мусофир ба ҷониби Қутби шимол парвоз кард. Пас аз 15 соату 30 дақиқаи парвоз, соати 1-у 20 дақиқаи 12 майи соли 1926 дирижабл ба Қутби шимолӣ расид, сайёҳони диловар сафарро идома бахшида, аз болои дунёи яхбаста мегузаштанд, субҳи рӯзи дуюм дирижабл ба оғӯши тумани ғафс афтод. Баъди чанд соат сайёҳон аз ҷониби чап заминро диданд. Ин соҳилҳои Аляска буд, дар наздикии димоғаи Барроу. Аз ин ҷо дирижабл ба ҷануби ғарбӣ, ба тарафи гулӯгоҳи Беринг баргашт. Аз шимол шамоли сахт хест. Рондаҳо самти парвозро гум карданд. Баъди аз оғӯши туман халос шудан муқаррар намуданд, ки аз болои димоғаи Дили Сангини нимҷазираи Чукотка мегузаранд. Сайёҳон ба шарқ тоб хӯрда, ба Аляска расиданд ва аз он ҷо ба ҷануб парвоз намуда, димоғаи шоҳзода Уэлс-нуқтаи ғарбтарини Амрикои Шимолиро гузаштанд. Амундсен фармон дод, ки ба замин фуруд оянд.

Моҳи июли соли 1926 Амундсен ва дӯстони ӯ ба шаҳри Бергени Норвегия баргаштанд. Ба шарафи онҳо аз тӯпҳои қалъаҳо салют дода шуд. Дар Осло тамоми мардум ба пешвози қаҳрамонон ба кӯчаҳо баромада буд. Дар қасри шоҳ барояшон зиёфат ороста шуд.

18 июни соли 1928 Амундсен шунид, ки экспедитсияи итолиёвиҳо, ки бо дирижабл ба Қутби шимолӣ парвоз намуда буд, ба садама дучор шудааст ва мӯҳтоҷи дастгирист. Вай ҳамон замон бо чанд нафари дигар ба тайёрааш «Латам» нишаста, ба ёрӣ мешитобад. Вале 20 июн тайёрааш ғайб мезанад. Пас аз чанд моҳ шикастапораҳои «Латам» аз баҳр ёфт мешаванд. Аз афташ тайёра ба баҳр афтодаасту Амундсен ва рафиқонаш ҳалок шудаанд. Вале корнамоии ӯ умри абад ёфт.



# ГЕНРӢ ФОРД

## (Солҳои зиндагиаш 1863-1947)

Генрӣ Форд – «падар»-и соҳаи мошинсозии амрикоӣ, яке аз менеҷерҳои барҷастаи садсолаи бистум, ташкилотчии истеҳсолоти пайдарҳами конвейери автомобил ба шумор меравад. Мошинҳои вай шӯҳрати ҷаҳонӣ касб карда буданд.

Форди дар гузашта номаълум яке аз одамони бойтарини Амрико гардид. Ва бе ягон болобардорӣ гуфтан метавон, ки шӯҳрати Амрикои имрӯза аз вай низ вобаста аст.

«Форд ихтироъкори фавқулистеъдод ва конструктори мумтоз буд, – навиштааст профессор И.А. Андреев. – Дар даврае, ки тамоми кишварҳои мутараққӣ ба истеҳсоли мошинҳои буғӣ ва бунёди истгоҳҳои барқии дар он замон мӯдгашта шуғл меварзиданд, вай нахустин шуда солҳои 1892-1893 ба истифодаи муҳаррики гази бесадо дар мошинҳои аввалин даст зад... Форд, гуфтан мумкин аст, ки инсониятро бовар кунонида тавонист, ки автомобил барои дилхушӣ ва ҳашамат набуда, балки воситаи ҳаракат ва сарфа намудани вақти гаронбаҳо мебошад».

Генрӣ Форд 30 июли соли 1863 дар оилаи фермер, дар наздикии Дирборни Мичиган чашм ба дунёи равшан кушод. Вай яке аз ҳаштумин фарзанди фермери муҳоҷири ирландӣ Уилям Форд, ки ба муҳоҷирзани ҳолландие хонадор шуда буд, ба ҳисоб мерафт. Генрӣ дар мактаби одии деҳотӣ таҳсил кард. Барои ҳар як шӯхию якравиҳояш сахт танбеҳ медид, зарби тасмаи падарро зиёд мехӯрд. Одатан аксар ӯро барои шавқи беандозааш ба техника ҷазо медоданд.

Дар китоби машҳураш «Ҳаёт ва дастовардҳои ман» Форд ба ёд меорад: «Дар хоҷагии мо, ба мисли хоҷагии дигарон, зарур меомад, ки қариб ҳамаи корҳои вазнинро дастӣ анҷом диҳем. Ҳанӯз аз овони наврасӣ меандешидам, ки ин корҳоро ба дигар тарз ҳам иҷро намудан мумкин аст. Аз ин рӯ, ман ба техника рӯ овардам ва модарам низ ҳамеша талқин мекард, ки ман техники модарзодам. Устохонае доштам, ки пур аз ҳама гуна асбобу қисмҳои оҳанӣ буд...

Рӯйдоди муҳимтарини ҳаётам, ин вохӯрӣ бо локомобил дар масофаи ҳашт мил аз Детройт буд. Он вақт мо ба коре ба шаҳр мерафтем ва ман дувоздаҳсола будам. Воқеаи хотирмони дигар низ дар ҳамин айём ба вуқӯъ пайваст. Ба ман соати дастӣ тӯҳфа карданд...

Бо «гуноҳ»-и ҳамин локомобил ман дилбохтаи автомобил шудам. Бисёр нусхаҳои мошинро сохтам ва дар охир ба мақсад расидам. Вақте ки ба шаҳр мерафтам, кисаҳоям ҳамеша аз

гайкаю шикастапораҳои оҳанӣ пур буданд. Гоҳо соатҳои вайрона меёфтам ва мекӯшидам, ки онҳоро ба ҳаракат дарорам. Дар сездаҳсолагиам соати вайронаеро соз кардам. Дар понздаҳсолагӣ ҳамаи навъҳои соатро таъмир намуда, «ҳаёти нав» мебахшидам, ҳарчанд асбобҳои махсуси челонгарӣ надоштам...

Кори хоҷагӣ заррае шавқи маро намеовард. Чун дар ҳабдаҳсолагӣ дар устохонаи Драйдок шогирд истодам, хешовандон гуфтанд, ки бача ҳайф шуд. Ба техника, ки дилбаста будам, барномаи сесолаи шогирдиро зуд аз худ намудам. Шабҳо бошад дар устохонаи як заргар ба таъмири соатҳо шуғл меварзидам...»

Генрӣ дар 19-солагӣ ба хона баргашт ва барои худ устохонае сохт. Дар ҳудуди Мичиган гашта, техникаи хоҷагии қишлоқро таъмир мекард. Дар яке аз чунин сафарҳо бо духтараки зебо Клара шинос гардид. Ва ҳамон айём падар ба ӯ гуфт, ки аз баҳри мошин бароял, 40 арк ҷангалашро медиҳад.

«Ман муваққатан розӣ шудам,– менависад Форд,– зеро кор имкон медод, ки оила барпо намоям. Дастгоҳи дарахтбурӣ сохтам. Аз тахта хона ва устохона бунёд кардам. Бисёр мехондам ва ҳам аз таҷрибаи андӯхтаам истифода мебурдам. Ба комёбӣ сахт бовар доштам. Агар шавқу рағбат бошад, кас ҳатман рӯзе ба мақсад мерасидааст».

Генрӣ дар ҳамкорӣ бо ширкати «Вестингауз электрик» барои корҳои хоҷагӣ трактор сохт. Ӯро ба сифати муҳандис ва механик ба ширкати электрикии «Эдинсон» бо моҳонаи 45 доллар даъват намуданд.

Вай дар ин ҷо солҳои 1888-1899 кор кард ва то ба мансаби сармуҳандисӣ расид. Аммо Форд аз нияти мошинсозиаш нагашт, дар бинои хиштин лаборатория муҷаҳҳаз намуд ва тамоми вақти холиашро он ҷо сипарӣ мекард.

Дар синни 24-солагиаш вай дар рӯи варақ нақшаи аробаи механикиро кашид. Нахуст ба он деги буғӣ пайвастан хост. Вале зуд пай бурд, ки ин роҳ дуруст нест. Диққати ӯро муҳаррики

дарунсӯз ба худ кашид. Вай мошини нахустинашро тани танҳо, шабона сохт ва санҷид, ҳол он ки ин ба ҳаёташ хавф дошт, зеро мотор гоҳ-гоҳ метаркид. Ана ҳамин тавр аввалин «аробаи беасп» пайдо шуд, ки бо бензин «роҳ» мегашт, онро квадросиклет низ ном мегирифтанд.

Соли 1893 нахустмошини каме ба аробаи деҳқон шабоҳатдошта ба ҳаракат даромад ва бо вазни 226 килограмми ронандаю мусофирон дар як соат 32 километрро тай кард. Минбаъд ин мошинро Форд муттасил такмил бахшид. Тирамоҳи ҳамон сол боз як воқиаи хурсандибахш дар ҳаёти Форд ба вуқӯъ пайваст. Писари аввалин ва меросхӯри ягонааш Эдсел таваллуд ёфт.

Ширкати «Эдисон» ба Форд вазифаи масъул – идораи пурраи фаъолияти ширкатро пешниҳод намуд, вале бо як шарт. Вай бояд аз мошинсозӣ билкул даст мекашид. Форд мошинсозиро интихоб намуд, ҳарчанд маблағи казоие надошт.

Соли 1899 Форд бо чанде аз ҳамақидаҳояш ширкати мошинсозии «Детройт»-ро созмон дод. То соли 1902 ширкат, ки номи нави «Ширкати Генрӣ Форд»-ро гирифта буд, қариб 25 мошин истеҳсол кард.

Соли 1902 Генрӣ аз ширкати «Кадиллак», собиқ «Ширкати Генрӣ Форд» рафт. Дар назди худ мақсад гузошт, ки автомобили арзон, бадошт ва ба ҳама дастрасро эҷод намояд. Вай пӯлоди сабуку бадоштро истифода бурда, мошинҳои арзон истеҳсол кард, ки қариб ҳама қобилияти харидории онро дошт. Соли 1903 вай «Ford Motor Company»-и машҳурро созмон дод. Қариб дар се моҳ тамғаи «А» ба ширкат 36957 доллар фоидаи соф овард.

Соли 1908 тамғаи машҳури «Т» падид омад, ки минбаъд бо лақаби «Лизаи оҳанин» ном баровард. 12 сол ин тамға истеҳсол шуд. 16 миллион адад ба фурӯш рафт. Агар нархи мошини нахустин 950 доллар бошад, соли 1916 нархи он 350 долларро ташкил медод. Соли 1909 дар Манчестер (Англия)

коргоҳи васлгарии ширкати «Форд» фаъол гашт. Соли 1932 дар Аврупо аллакай 12 филиал ва 9 коргоҳи васлсозии автомобили «Форд» амал мекарданд.

Вале Форд бо ин қонеъ нагашт. Вай соли 1913 бори нахуст дар дунё истеҳсоли пайдарҳами конвейерии мошинро ба роҳ монд. Ҳосилнокии меҳнат аз 40 то 60 дар сад афзуд. Соати кории ҳаштсоата ҷорӣ намуд, маоши коргаронро ду баробар боло бардошт.

Пешгӯӣ мекарданд, ки Форд касод мешавад. Аммо ӯ механдиду мегуфт: «Ман маоши баланд медиҳам, то ки коргаронам мошин харида тавонанд. Бо ин роҳ ман маблағи пардохтаамро бозпас мегирам».

Форд ба ягон ҳизби сиёсӣ мутааллиқ набуд. Ба сенат интихоб шуданро нахост. Ҳатто соли 1924 Рузвелт, президенти ояндаи ИМА, ба ӯ гуфт, ки номзадиашро ба президентӣ монад. Аммо вай ин пешниҳодро қатъиян рад кард.

Генрӣ Форд идораи ширкатро ба зиммаи писараш гузошт. Соли 1943 Эдсел Форд аз дунё чашм пӯшид. Генрии солхӯрда боз ба ширкат баргашт. Соли 1945 ширкатро пурра ба ихтиёри набераи дӯстдоштааш Генрии дуюм супурд. Набера мувофиқи гуфти бобояш: «Шахсе, ки роҳбари коргоҳ аст, ҳуқуқи дар ҳуҷраи корӣ нишастан надорад. Ҷойи роҳбар дар ҳама ҷост. Вай бояд ҳама вақт дар ҳаракат бошад», амал мекард. 7 апрели соли 1947 Генрӣ Форд дар натиҷаи ба майна задани хун аз дунё реҳлат намуд.

Амволи шахсиашро, ки 600-700 миллион доллар арзиш дошт, мувофиқи васияташ ба хазинаи «Форд» интиқол доданд.

Меросхӯрон соҳиби дигар коргоҳҳояш шуданд. Дар рӯзҳои мо «Форд» яке аз ширкатҳои бузургтарини дунё ба ҳисоб меравад.

# НЕФЕРТИТӢ

## (Солҳои зиндагиаш охири асри XV – аввали асри XIV-и то милод)



Нефертитӣ, ки дар забони қадими мисрӣ «нозанин меояд» маъно дорад, маликаи Мисри Қадим, завҷаи фиръавн Эхнатон – Аменхотепи IV будааст. Соли 1912 дар вақти кофтукови археологӣ аз Амарн суратҳои басо нафису нозуки дар санг нақшбастаи Нефертитӣ, ки бо дасти ҳунарвари мумтоз Тутмес ба таври шигифтангез анҷом ёфта буданд, ёфт шуданд. Онҳо имрӯз дар осорхонаҳои Қоҳира ва Берлин маҳфузанд.

Тақдири таърихии малика Нефертитӣ бо ғайриодӣ буданаш ҳайратовар аст. Дар тӯли сию се аср номи ӯро пардаи фаромӯшӣ печонда буд. Вақте ки дар ибтидои асри гузашта олими фаронсавӣ Ф. Шамполон рамзи номаҳои қадими мисриро кушод, дар баъзе мақолаҳои махсуси илмӣ номи Нефертитиро ба ёд меоварданд.

Асри XX, шояд барои изҳори турфакории хотираи одамӣ, Нефертитиро ба қуллаи шӯҳрат барафрохт. Дар арафаи ҷанги якуми ҷаҳонӣ экспедитсияи археологии олмонӣ ҳафриётро дар Миср анҷом бахшида, маводи ёфтшударо барои санҷиш ба нозирони шӯъбаи «Хизмати давраи қадим», ки аз соли 1858 фаъол буд, пешниҳод намуд. Дар байни ашёҳое, ки барои осорхонаҳои олмонӣ ҷудо карда буданд, як тахтасанги гаҷкоришуда

ба назар расид. Сангпора оташи шавқи касеро доман намезад.

Вақте ки онро ба Берлин оварданд, тахтасанг ба чеҳраи ҷаззоби Нефертитӣ табдил ёфт. Ровиёни ахбор мегӯянд, ки олмониҳо барои фиреб додани нозирон тахтасангро бо коғази нуқрафом печонида, сипас ба гаҷ ловидаанд. Чун найранги археологҳо фош гашт, ҷанҷоли сахт бархост. Вале оғози ҷанг ба доман задани ҳангома имкон надод. Ба ҳар ҳол чанд муддат роҳи олимони бостоншиноси олмониро ба Миср бастанд.

Аммо ин қурбонӣ дар муқоиса бо дастоварди бебаҳои асари санъати тасвирӣ ҳеҷ буд. Ситораи Нефертитӣ ба зудӣ чунон ба шӯълаафканӣ пардохт, ки гӯё вай на маликаи Мисри Қадим, балки ситораи кинои замони муосир аст. Ба мисли он ки асрҳои зиёд зебоии ӯ интизори эътирофи умум буду инак даври вай фаро расид, ба шарофати ҳисси санъатпарастии мардум Нефертитӣ ба қуллаи шӯҳрат қадам ниҳод. Мо бояд аз чеҳраи дилрабо, андоми мутаносиби Нефертитӣ миннатпазир бошем, ки ин сурати зебо бароямон дари олами санъати нафисаи Мисрро боз намуд.

Нефертитӣ, ин бонуи шӯҳратёр, дар ҳақиқат, кӣ буд? Аз рӯи мавқеи иҷтимоӣ яке аз занҳои сершумори ҳарами шоҳ ба ҳисоб мерафт. Вале аз байни ин қадар бонувон ӯ чӣ тавр тавонист маҳбуби шавҳар ва сазовори эҳтироми мардум гардад?

Ӯ, албатта, аз авлоди одамони мӯътабар буд, хеши наздики дояи шавҳараш ба ҳисоб мерафт. Он замон мавқеи доя дар миёни дарбориён хеле баланд буд. Шавҳари дояи Эхнатон яке аз ходимони баландрутбаи давлат, сардори аскарони дучархасавор буд, пас аз вафоти фиръавн чанд муддат вазифаи ҳокимии Мисрро ба зимма дошт. Вале дар дарбори шоҳ барои ҳарам бонувоне, ки аз ҷиҳати насаб ба шоҳ хеле наздиканд, яъне хоҳарон, ҷиянҳо ва ҳатто духти худи шоҳон, интихоб мешуданд, то ки «тозагии хун» олуда нагардад.

Нефертитӣ бошад новобаста ба ин анъанаҳо завҷаи фиръавн шуд. Шояд дар ин ҷо сирре ниҳон аст, ки чаро дар як муд-

дати кӯтоҳ канизаки одӣ тавонист қалби шоҳи муқтадирро тасхир созад?

Пас аз издивоҷ бо Нефертитӣ шоҳ аҳли ҳарамашро куллан ба боди фаромӯшӣ супурд. Завҷаи мӯрчамиёни сарвқади кабкхиромашро аз худ як қадам дур рафтан намемонд. Бар рағми ҳар гуна қоидаву анъанаҳо Нефертитӣ бо хоҳиши шавҳараш Аменхотепи IV, ки лақаби Эхнатон – писандидаи худо Атонро гирифта буд, дар маҳфили қабули сафирон ширкат меварзид, ҳатто ҳангоми боздиди дидбонгоҳҳои сарҳадии атрофи шаҳр фиръавн завҷаашро ҳамроҳ мебурд, бо ӯ машварат меорост. Акнун посбонҳо на танҳо ба Эхнатон, балки ба Нефертитӣ ҳам ҳисобот медоданд.

Ситоиши Нефертитӣ аз ҳадди ҳар гуна эътидол ҳам гузашт. Муҷассамаҳои бузургу боҳашамати Нефертитӣ ҳар як шаҳри Мисрро зебу оро медоданд.

Магар ҳамаи ин обрӯю эътибор, шаъну шӯҳратро Нефертитӣ танҳо бо зебоӣ ва нозу истиғно ба даст овард? Ё шояд ин ҷо таъсири ҷодугарӣ бошад? Вале мо ҷодуро як тараф гузошта, сабабҳои воқеиро ба асос мегирем. Ба назари мо Нефертитии тамоман навниҳол бо ақлу фаросати ҳақиқатан ҳам шоҳона ва садоқати бепоён нисбат ба шавҳар тавонист тухми ин ҳама меҳру муҳаббатро дар қалби шоҳ пошад ва комёб гардад.

Буданд, албатта, макру ҳилаҳо, ҳасудхӯриҳо ва дасисабозиҳои онҳое, ки ҳеҷ дарк сохта наметавонистанд, ки бо кадом сабаб зан зимоми давлатро ба даст гирифтааст ва ҳангоми машварат ба ҷои мушовирон ба шоҳ маслиҳатҳои муфид медиҳад.

Ва ба назар чунин мерасид, ки бахту саодати Нефертитӣ ҳаргиз газанд нахоҳад ёфт. Аммо дар зиндагии воқеӣ дер ё зуд фасли хазон фаро мерасад. Барои Нефертитӣ низ айёми ғаму андӯҳ омад. Сабаб дар он буд, ки вай натавонист писаре ба дунё орад. Ҳарчанд шаш духтар таваллуд намуд, барои шоҳ писар – ворисн тахт зарур буд.

Дар ин байн одамони ба ном хайрхоҳ ба шоҳ канизаки паривашеро ба занӣ пешниҳод намуданд. Эхнатон баъди издивоҷ бо Киа Нефертитиро фаромӯш накард. Аммо Нефертитӣ натавонист хиёнати фиръавнро бибахшад. Ҳамин тавр, риштаи меҳру муҳаббати Нефертитӣ ва Эхнатон гусаст. Онҳо дигар натавонистанд бо ҳам бипайванданд. Пас аз се сол Эхнатон вафот кард. Шоҳи нави Тутанхамони кабир ба духтари Нефертитӣ Анхесенамони нозанин ақд баст ва пойтахти кишварашро ба шаҳри Фив кӯчонд. Нефертитӣ дар Ахенатон, ки аз кӯчаҳои ин шаҳри бошукӯҳ оҳиста-оҳиста ва муттасил ҳаёт канда мешуд, монд. Вақте ки шаҳр қариб аз одамон холӣ гашт, Нефертитӣ аз дунё чашм пӯшид. Ӯро мувофиқи васияташ дар дахмаи Эхнатон дафн карданд. Ва пас аз сӣ аср симои ӯ, гӯё аз зери хокистар, зоҳир гардиду тасаввуроти моро ба ҷунбиш овард ва маҷбур сохт, ки бори дигар дар хусуси сирру асрори зебоӣ биандешем: ин чӣ бошад – «зарф, ки дар он ҳеҷ аст ё оташ, ки дар зарф чашмак мезанад?»

# САФО

## (Солҳои тахминии зиндагиаш 612-572-и то милод)

Шоираи Юнони Қадим. Дар ҷазираи Лесбос зистааст. Сарвари маҳфили бонувони асилзода буда, ба аъзои он аз мусиқӣ, рақс ва суруд сабақ медодааст. Меҳвари мавзӯи ашъори лирикиаш ишқ ва зебоии занона мебошад. Назми Сафо бо гуногунвазнии худ фарқ дорад, яке аз қолабҳои шеърии эҷоднамудааш қитъаи «сафоӣ»- унвон гирифтааст.

Бешубҳа, ягон нафар бонуи қалам ба даст наметавонад дар адабиёт ба Сафо, «маликаи шоираҳо», ҳамсанг гардад.



Чи тавре ки маданияти атиқа сарчашмаи ҳамаи ҷараёнҳои фалсафӣ ва санъати имрӯза ба ҳисоб меравад, Сафо низ гӯё рӯҳияи шоир ва асолати шоириро барои асрҳои минбаъда муайян кардааст. Аз он айёми қадим то ба имрӯз ҳар як сатри қофиядор заррае ҳам бошад ба ашъор ва печутоби тақдири Сафо монандие дорад. Бесабаб Афлотун шоираро дар баробари нӯҳ олиҳа – духтарони Зевс ва Мнемосина «олиҳаи даҳум» ном нагузоштааст.

Саргузашти Сафо пур аз рақамҳои ба ҳам мухолиф ва баҳсталабанд ва ин бесабаб ҳам нест. Зеро тақозои шахси каме афсонавию ривоятӣ ҳамин гуна аст. Ҳаёти шоире, ки бо худоён ҳарф мезанад, шаффоф ва фаҳмо буда наметавонад. Ҳатто дар хусуси симои зоҳирии Сафо ҳукм рондан душвор аст. Аз рӯи баъзе ривоятҳо басо сабзина буду чеҳраи зебои дилрабо надошт, қоматаш ҳам он қадар боло набуд. Вале чашмони барқафшони вай ҳар як ҳамсӯҳбатро мафтуну пойбанд мекарданд.

Сафои «пурэҳтирос», ба ақидаи ҳамзамононаш, дар ҷазираи Лесбос ба дунё омадааст. Падараш Скамандроним асилзода бошад ҳам, ба тиҷорат шуғл варзида, соҳиби боигарии зиёде мешавад. Пас аз вафоти қиблагоҳ Сафои ҳабдаҳсола бо бародараш аз ошӯби деҳқонон ба тарс афтода аз ватан фирор мекунад. Танҳо пас аз понздаҳ сол ба ҷазираи Лесбос баргашта, дар шаҳри Митилен макон мегирад. Аз ин рӯ дар баъзе шеърҳояш тахаллуси Сафои Митиленӣ ба чашм мехӯрад.

Сафо, ки дар мактаби гетераҳо таълим гирифта буд, барвақт ба эҷоди шеър пардохт. Ӯ бо лира – асбоби рубобмонанди

Юнони Қадим оҳанге менавохт ва зери таъсири он шеър мебофт. Сурудҳояш зуд қалбҳои шунавандагонро тасхир карда, рӯҳро болида дошта, ба дилҳо фараҳу шодӣ мебахшиданд. Сафо қасида, мадҳия, муноҷот, катиба ва сурудҳои ҷашнӣ менавишт. Вале ҳар сатри шеърҳои ӯ нисбат ба ашъори шоирони дигар зиндатар буд, ба дилҳо менишаст ва аз хотираҳо, аз ёдҳо зудуда намешуд. Бесабаб нест, ки ба таърихи адабиёти олам шеърҳои ӯ ба номи «Сафоӣ» ворид гаштаанд. Ашъори Сафо пас аз чанд аср гирд оварда шуданд. Аз ин бармеояд, ки хӯшае аз хирвори эҷодиёти ӯ то ба мо расидааст. Таъсири лирикаи Сафо ба фаъолияти шоирони римӣ Горасио ва Катулла беқиёс аст. Страбон Сафоро мӯъҷиза хондааст ва таъкид кардааст, ки «шоираеро аз саҳифаҳои таърих ёфтану бо Сафо қиёс намудан амри маҳол аст». Суқрот пас аз шиносоӣ бо ашъори Сафо ӯро «мураббии ишқварзӣ»-ҳояш номидааст.

«Сафо оташи ишқи маро нисбат ба маҳбубаам доман мезанад, - хитоб кардааст Овидий ва маслиҳат додаст: – Сафоро аз ёд хонед, дигар чизе наметавонад аз он бештар ҳиссиётро барангезад!». Солон пас аз шиносоӣ бо лирикаи Сафо дарк сохт, ки вай «мурдан намехост, то даме, ки шеърҳои ӯро пурра аз ёд надонад».

Дар шеърҳои Сафо шавқмандии беандоза, ишқварзии пурҳарорат, эҳтироси ҳавас ва ҳиссиёти урён мавқеи асосӣ доранд, аз ин рӯ шунавандаро зуд мафтун сохта, дар банди ишқ нигоҳ медоштанд. Яъне Сафо аллакай чандин асрҳо муқаддам ишқ, ишқварзӣ, ҳиссиёти ваҷдомези инсонро сароида, ба нуқтаи баландтарини дастнорас бардошт. Ӯ шеъре гуфта, ки тарҷумаи таҳтуллафзиаш чунин аст:

*«Ва ҳар гоҳ ки ман…*
*Бо ту мешавам…*
*Аз дидори ошиқона…*
*Рӯҳам ба ларза меояд…*
*Нафас дар гулӯям печида…*

*Ба хаёлам дар чашмонам рӯшноӣ мемирад…*
*Менигарам, чизеро надида…*
*Зӯре дигар надорам…*
*Ва мадҳуш интизорам…*
*Ва медонам…*
*Ана, ана мемирам, ана мурдам».*

Ин сатрҳоро бо дилпурӣ «саҳнаи ишқварзӣ» номидан мумкин. Сафо ошиқони зиёде дошт. Шоир Алкей дар оташи ишқи ӯ месӯхт. Аммо Сафо бо дигар мард издивоҷ намуд ва духтарчае ба дунё овард. Ӯ тифли маъсумро беҳад дӯст медошт ва як силсила дар васфи духтараш шеър офарид. Бояд зикр сохт, ки дар мавзӯи ситоиши меҳри модарӣ дар назми ҷаҳонӣ бо чунин маҳорат кам шеър гуфтаанд ва назирашро ёфтан натавон. Вале тақдир чунин шуд, ки шавҳар ва тифли дӯстрӯяки Сафо умри зиёд надида рафтанд. Барои раҳоӣ аз ғаму ғусса Сафо ба баҳри беканори эҷоди шеър ғӯта зад ва аз хеш марвориди зиёд ба мерос монд.

Дар ривояте омадааст, ки худо азобҳои рӯҳии Сафоро дида, раҳмаш омаду ба вай муҳаббати мардеро фиристод. Дар ҷазира Фаон ном дарёнаварде мезист ва одамонро аз соҳиле ба соҳиле мерасонд. Боре ӯ Афродитаро, ки дар сурати кампире зоҳир гашта буд, ба соҳили осиёии ҷазира бурд. Барои ин хидмат Афродита ба ҷавонмард марҳаме тӯҳфа намуд. Ба шарофати он Фаон ба ҷавони зебову болобаланд табдил меёбад. Сафо ба ӯ ошиқ мешавад, лекин ҷавоби рад мегирад ва аз яъсу ноумедӣ аз қуллаи Левкад худро рӯи сангпораҳои нӯгтез меафканад. Ӯ пеш аз марг навишта буд: «Ман дӯст медоштам, аз сӯзи фироқ ошиқонро ба оғӯши танҳоиям мехондам, аммо худоён тавсифи олии андӯҳу сӯзу гудозро баҳрам ато намуданд…»



# ИОННА

## (Солҳои зиндагиаш ? – 857)

Дар бораи папесса (папхонум)-и Рим Ионна дар қомусҳо ишорае нест. Дар ҳақиқат, бо ин унвони олии динӣ ҳукумат рондани бонуе шубҳаовар аст. Аммо аз ин ном сарфи назар кардан ҳам беадолатӣ мебуд. Зеро ин як ҳодисаи басо нодир аст. Аз тарафи дигар, агар ривоят бо сабабе пайдо шудаву асрҳои зиёд вирди забонҳо бошад, пас – «ин ба касе зарур буд», яъне, таърих иҷозат дод, ки зан унвони олитарини диниро соҳиб гардад ва падари рӯҳонии халқҳо бошад.

Воқеаномаи расмии динӣ замоне вуҷуд доштани папессаро қотеъона рад менамояд, агар инкор намекард, шигифтангез мебуд, зеро ғасби мансаби мардона аз ҷониби зан ҳодисаи гӯшношунид ва шармандагии беҳад барои калисои католикӣ аст.

Бори нахуст аз хусуси папесса соли 1276 сухан ба миён омад, он замон як воқиаи аҷиб рӯй дода буд: баъди вафоти Адриани V папаи нав номи Иоанни XXI-ро гирифт, ҳол он ки аз рӯи ҳисоб навбати рақами «XX» буд. Аз рӯи баъзе ривоятҳо папаи гумшуда рӯзҳои башумор дар ин мансаб будааст, аз рӯи дигар гуфтаҳо ӯ зан буда, бинобар он диндорон номи варо боадабона фаромӯш кардан хостаанд. Ба ҳар ҳол Иоанни XXI бо кадом андешае барқарор сохтани тартиби рақамҳоро зарур дониста, ба рӯйхат «рақами намерасидаро» ворид намуд.

Овозаҳо оид ба папесса барқвор паҳн мешуданд. То ба мо ҳам аз рӯзгори ӯ қиссаҳои зиёде расида. Масалан, номи

вай Агнесса, падараш миссионер-мубаллиғи дини насронӣ буда ва ҳамроҳи чанд нафар аз Англия ба Олмон омада, то ки қабилаҳои ғайридинро ба дини исавӣ гардонад. Фақеҳ дар ҳудуди Майнс ин духтаракро, ки минбаъд тахти аз ҳама дилфиреби Аврупоро ғасб намуд, беникоҳ ба дунё овард. Модари Агнесса бармаҳал фавтид, кӯдак пайваста бо падар дар сафар буд ва таҷрибаи динӣ меандӯхт.

Ҳаёти мубаллиғи дин пур аз хатар буд. На ҳама ихтиёрӣ ба дини исавӣ мегаравид. Боре сари фақеҳро бо санг зада кафонданд ва дасташро шикастанд. Ба ёрии падари афгор Агнессаи ҳаштсола расид. Вай хотираи қавии ҳайратангез дошт. Бисёр суханрониҳои падарро ҳарф ба ҳарф аз ёд мекард. Ҳунарманд низ буд, либоси мардона пӯшида, нақши воизи доноро хуб мебозид. Дар корвонсаройҳою ошхонаҳо болои мизе рост истода, ваъз мегуфт. Шояд аз ҳамон лаҳзаҳо вай барои эҳтиёт либоси бачагона пӯшида, нақши писараки ҳамадонро мебозид. «Бача» ҳамчун мӯъҷиза зуд шӯҳрат ёфт. Баъдтар ин тарзи рафтор барои Агнесса роҳи ягонаи зиндагӣ ва халосӣ аз таҳдидҳо гардид. Вақте ки ба синни чордаҳ расид, мубаллиғ даргузашт ва мувофиқи васияташ ҷасади ӯро ба ватанаш бурданд. Дар роҳ барои бехатарии худ Агнесса либоси мардона мепӯшид. Дар кишварҳои Аврупо қадам зада, вай ба як дайри мардона афтод, албатта, бо номи сохтаи Иоанн Ланглуа. Ин номи қалбакиро Агнесса як умр нигоҳ дошт.

Иоанн Ланглуа, шогирди нави роҳиб, заҳматпешаву бомаълумот баромад, вай аз дигар бародарон бо ҷаҳонбинии васеъ ва ақли ҷӯяндааш фарқ мекард. Чун ба синни шонздаҳ расид, табиат нигоҳи ӯро ба чеҳраи зебои роҳиби ҷавоне афканд ва байни онҳо муносибати дӯстона падид омад.

Албатта, дар байни ҷавонони бӯзбалаи зиёд нафси нафиси худро пок нигоҳ доштани Агнесса хеле душвор буд. Аз ин рӯ вай парда аз асрор бардошту ҳамаро ба баргузидааш гуфт. Чун «парда барафтод» ҷавон аз зебоии пайкари нуқрафоми духтарак ақл бохт

ва бо ӯ паймон баст. Акнун роҳибон ду бародарро пайваста бо ҳам медиданд: ҳам вақти хӯрок ва ҳам ҳангоми сайругашт дар калисои дайр. Муносибати дӯстонаи онҳо боиси шубҳа гашт, ҳар гуна овозаҳои мағшуш паҳн мешуданд, аммо касе ба гӯшаи хотир ҳам оварда наметавонист, ки Иоанн Ланглуа мард нест. Поидан ҳақиқатро рӯи об баровард, онҳоро дар оташ сӯхтан таҳдид мекард, вале гурехта халос хӯрданд.

Давраи нави сайру саёҳат ба Агнесса дониш ва шӯҳрати зиёд овард. Ҳарчанд ошиқ дар назди маъшуқа буд, Агнесса дигар танҳо бо либоси мардона мегашт. Вай ҳамон вақт фаҳмида буд, ки танҳо дар симои мард нақшаҳояшро амалӣ карда метавонад. Дар Фаронса Агнесса дар баҳсҳои оммавии динӣ ширкат варзида, «қувваҳои тавонои замона» - ҳерсогҳо, аббатҳо, олимонро ба ваҷд меовард. Ошиқаш аз беморие мемирад, дар ин байн Агнесса мактаби фалсафаи Афинаро бомуваффақият хатм намуда, ба Рим меояд, то ки пойтахти дини насрониро фатҳ созад.

Дар «шаҳри ҷовидона» Агнесса ба шарофати ақли гиро ва чорагариаш осонакак бо намояндагони қасри папа робита пайваст. Он замон аксари кашишони обрӯманд маълумот ва дониши кофии динӣ надоштанд. Аз ин рӯ Иоанн Ланглуа дар курияи папа, яъне дар муассисаи марказӣ ба вазифаи басо муҳим – нотария таъин мегардад. Бо маънои имрӯза гӯем, Агнесса вазифаи котиби масъули папаи Римро иҷро мекард. Зимоми идораи дафтари кории папа, молия, робита бо дайрҳои хориҷиро дар ихтиёр дошт. Бахшиши гуноҳҳоро қабул мекард. Ҳушёрии занона ҳалли бисёр душвориҳоро осон менамуд. Папаи Рим Леви IV фаъолияти нотария Иоаннро барои дигарон ҳамеша намуна меовард.

Иштиҳо дар зери дандон гуфтагӣ барин, Агнесса пас аз соҳиб шудан ба унвони кардиналӣ, акнун ба тахти папа чашми харидорӣ медӯхт. Ровиёни ахбор иттилоъ додаанд, ки Леви IV пеш аз фавташ ба мансаби папа Иоанн Ланглуаро ворисӣ яго-

наи худ хондааст. Конклав, маҷлиси кардиналҳо, якдилона ба ҷонибдории папесса овоз дод.

Воқеаномаи асри миёна бо як тарсу ҳарос ба мо иброз медорад, ки баъди интихоби папа Иоанни VIII дар Италиё заминҷунбии мудҳиш ба амал омад, бисёр шаҳру деҳаҳо хароб шуданд; дар Фаронса малаххо ба зироати кишоварзон ҳуҷум оварда, тамоми ҳосилро хӯрданд; дар Испания рӯҳи Винченсои муқаддас, ки ҷасадаш аз ҷониби роҳиби разиле барои фурӯш дуздида шуда буд, шабҳо дар айвончаи даромадгоҳи калисо ҳозир гашта, бо овози баланд навҳа ва зора мекард, ки дар ҷойи пешинааш зери хок намоянд.

Вале баъдтар ҳукмронии папесса Иоанна ба як ҷараёни ором ворид гашт ва ба шарофати хислатҳои башардӯстонаи Агнесса шиканҷа додани гунаҳгорон аз байн рафт.

Фиреб, шояд, ҳеҷ гоҳ ошкор намегардид, агар ҳодисаи аҷибе рӯй намезад. Папесса ҳомила шуд. Ба ин бовар намудан душвор, албатта. Ба зане, ки ба чунин мансаби олӣ ноил гаштааст ва бо азоби алим ҳаёти мунофиқона мебарад, таваккал кардан чӣ зарурате дошт? Ривояте ҳаст, ки гӯё Агнесса бо капеллан, кашиши калисои хонагии католикӣ, алоқа кардааст, то ки вай сирри зан будани ӯро фош насозад. Ин капеллан бо кадом роҳе ҷинси ҳақиқии Иоанни VIII-ро дониста будааст.

Ҷомаи васею дарози чиндори рӯҳонӣ андоми тағйирхӯрдаи Агнессаро аз чашми бинандагон пинҳон медошт. Вале ҳодисае ба фош гаштани асрор сабаб шуд. Дар оғози моҳи нӯҳуми обистанӣ дар Рим бемории сироятие паҳн гардид. Халқ талаб намуд, ки барои бастани пеши роҳи паҳншавии касалӣ юриши аҳли калисо бо салиб ва иконаҳо ташкил шавад. Бо ин роҳ мардум аз Парвардигор раҳму шафқат ва омурзиши гуноҳҳоро дархост карданӣ буд. Агнессаи бечора бо ҳар роҳу восита рӯзи юришро ба қафо мепартофт. Аммо аз лабрез шудани косаи сабри римиҳо ҳаросида ба тақдир тан дод.

Субҳи 20 ноябри соли 857 хеле орому гуворо буд. Сокинон, баҳри дар юриши тантанавӣ ширкат варзидан, ба кӯчаҳо рехта буданд. Вақте ки намоиш оғоз ёфт, одамон диданд, ки папа ду даст ба китфи кардиналҳо партофта базӯр аз замин пой мебардорад. Агнесса гоҳе ба худ буду гоҳе бехуд, рӯйдоди атрофро пурра дарк карда наметавонист. Дарди то сабук шудан тамоми вуҷудашро фаро гирифт, дандон ба дандон монда онро фурӯ мебурд. Дарақ-дарақ меларзид.

Дар ин байн абрҳои сиёҳи вахмангез осмонро пӯшонданд. Нохост барқи азиме ҷаҳиду гулдуроси ваҳшатзои раъд замину саморо ба ларза овард. Роҳибҳо аз тарсу ҳарос муқаддасоти дар даст доштаашонро ба замин партофта, пароканда шуданд. Тӯдаи одамон папаро ба иҳота гирифт. Ба римиҳои ҳайратзада шоҳиди ҳодисаи фоҷиаангезе гаштан рост омад. Иоанни VIII бо чеҳраи азияткашида рӯи замин ба пушт афтода ҷон мекандан ду дар наздаш ҷасади тифли мурдае мехобид.

Муддати мадиде дар ҷойи вафоти папесса калисои хурде меистод, ки римиҳои қадрдон барои хотираи неки ҳукмрони одилу доно Агнесса бунёд намуда буданд. Аммо рӯҳониён бо ҳар роҳ мехостанд, ки аз ёди халқ хотираи номдуздро зудуда партоянд, аз ин рӯ калисо вайрон шуду санги мазори Иоанни VIII ғайб зад.

Солҳои 1834-1835 Александр Сергеевич Пушкин тасмим гирифта будааст, ки бо номи «Папесса Иоанна» асаре эҷод намояд. Ин дар дафтари қайдҳояш зикр гаштааст. Вале Пушкин нақшаашро амалӣ карда натавонист, марг имкон надод. Ва, умуман, тасодуфи аҷибе. Чунин ҳодисаи нодир дигар шавқи ягон шоиру нависанда, рассому таърихнигорро ба худ накашидааст. Гӯё ба номи папесса Иоанна табу, мӯҳри манъ, зада бошанд.

# ШОҲБОНУ ОЛГА

## (Солҳои зиндагиаш ? – 969)



Завҷаи Игор, князи Киев. То ба балоғат расидани писараш Святослав ва ҳам ҳангоми дар юришҳои ҳарбӣ будани ӯ кишварро идора мекард. Ошӯби древлянҳо, қабилаи славянҳои қадимро саркӯб намудааст. Қарибиҳои соли 957 ба дини исавӣ гаравидааст. Дар таърихи дини насронӣ ҳамагӣ шаш нафар бону ба силки қудсиён (апостолҳо) даровара шудааст, ки дар байни онҳо шоҳбону Олга низ ҳаст. Ғайр аз ин ақлу заковат ва тадбирҷӯию ташаббускориҳояш дар таърихи башар ва давлатдорӣ беҳамтост, агар чунин занонро шумурем, ангуштони як даст ҳам барзиёданд.

Дар солномаҳои таърихиву динӣ оид ба Олга далелҳо ва суханони ба ҳам мухолиф бисёр ба чашм мерасанд. Таърихнигори маъруф Нестор дар «Повесть временных лет» овардааст, ки Олга аз деҳаи Вибути назди Псков мебошад. Боре князи кабир Игор ба ҷангалҳои Псков ба шикор меравад. Барои ба соҳили муқобили дарё гузаштан аз ҷавони завракқсавор кӯмак мехоҳад. Вақте ки ба мобайни дарё мерасанд, княз пайхас менамояд, ки ҳамроҳаш, ин ҷавони навхати бел ба даст, духтар аст. Княз мафтуни зебоӣ, чолокӣ ва сухангӯиҳои Олга мегардаду мехоҳад зуд аз ӯ ком бистонад. Вале духтарак бо тамкиниву иззат ва гуфтори боадабона ишқи яклаҳзаинаи князи кабирро рад менамояд ва инро тавре сомон мебахшад, ки Игор на танҳо ба ғазаб намеояд, балки хушҳол мегардад.

Вақте ки замони домодшавии княз фаро мерасад, духтарони бисёр соҳибмансабҳо баҳри арӯсӣ ба Киев меоянд. Аммо Игор ба Псков бародараш Олегро фиристода, Олгаро ба қасраш меорад. Кӣ медонад, шояд издивоҷи онҳо иродаи Парвардигор буд ё ҳодисаи тасодуфӣ ва ё ба ин ақли солими княз сабаб гардид. Ба ҳар ҳол шоҳбону Олга ба зудӣ зимоми идораи кишварро ба дасти сап-сафеди гирояш гирифт. Дар соҳили дарёи Днепр хаймаҳои зиёд қад афрохтанд ва он бо номи шаҳраки Олга маъруф гашт. Ва ноаён аз қасри Киев маркази давлатдорӣ ин ҷо кӯчид.

Игор бештар вақт ба юришҳо банд буд, аз ин рӯ ба Олга зарур меомад, ки масъалаҳои чигили сиёсиро новобаста ба дасисабозиҳои дарбориён ҳал намояд, ба шикояти одамон ҷавоби боадолатона диҳад. Вай барои рушди ҳукмрониаш дастаи ҳарбиёнро созмон бахшид. Князи кабир аз ин амали завҷааш шод буд ва онҳо аҳлона, самимона мезистанд. Баъди таваллуди Святослав ҳаёти онҳо боз ширинтар гашт. Аммо хушбахтии эшон дер пойдор намонд. Игор дар ҳарбу зарб бо древлянҳо кушта шуд. Шоҳбону шаҳри Искоростен, пойтахти древлянҳоро муҳосира кард ва баъд пурра ба коми оташ афканд. Ҳамин тавр дар қаламрави Русия Олга ҳокими мутлақ гардид.

Солноманависон зикр сохтаанд, ки шоҳбону Олга нисбат ба душманон басо бераҳм буду нисбат ба раияти худ меҳрубону мушфиқ. Пас аз як соли ғалаба бар древлянҳо шоҳбону ба Шимол асп ронд, дар минтақаи Новгород заминҳоро ба вилоятҳо тақсим намуд, роҳбарҳо монд ва андози давлатиро ҷорӣ кард.

Рус муттасил нерӯ мегирифт, шаҳрҳо бунёд мееёфтанд. Дар солҳои ҳукмронии шоҳбону аввалин бор сарҳади давлати руси киевӣ муқаррар гашт. Бунгоҳҳои сарҳадӣ сохта мешуданд. Хориҷиён баҳри тиҷорат зиёд меомаданд. Рус маҳз ҳангоми давлатдории Олга ба кишвари бузург табдил ёфт.

Давлатро бо қонуну қоидаҳои нав ва ашхоси донову мӯътамад мустаҳкам намуда, шоҳбону бисёр вақт дар танҳоӣ дар

хусуси олами ботиниаш андеша меронд. Пайдост, ки дар ҳолати барҳам хӯрдани мушкилоти зоҳирӣ ҳалли масоили рӯҳӣ ба миён меояд. Ва, агар аввалӣ фонӣ бошад, дуюмӣ абадист. «Олга ба синне расид, ки дар ин айём инсон тамоми шириниҳои ҳаётро мечашад ва бебақоии зиндагӣ ба назараш равшан мегардад», - навиштааст Карамзин дар «Таърихи давлати Русия».

Панду насиҳати фақеҳи Византия Григорий ба рӯҳи пуртуғёни ҷӯяндаи шоҳбону таскин мебахшид, дар сурате ки бутҳои маҳаллӣ хомӯш буданду ба ҷароҳатҳои ботинии Олга марҳам намешуданд.

Ба интихоби дин низ Олга аз нуқтаи назари давлатдорӣ баҳо медод. Вай идораи Киевро ба писар вогузошта, бо киштиҳои зиёд сӯи Константинопол шино намуд. Ин амал дар таърих ҳамчун зиёрати маркази дини насронӣ, ба роҳ мондани робитаи дипломатӣ ва намоиши нерӯи тавонои ҳарбии давлати бузурги Русия баҳо гирифт.

Шоҳбонуро бо иззату икроми болониҳоя хайра мақдам гуфтанд. Фарзи таъмиди ӯро патриархи Константинопол Фофилакт ба ҷо овард. Падархонди рӯҳонӣ дар маросими ғусли таъмид императори Византия Константин Багрянородний буд.

Олга ба Киев бо иконаҳо ва китобҳои зиёди динӣ баргашт. Ба номи ҳазрати Николай дар болои қабри Асколд, нахустин князи насронӣ, калисо сохт. Барои ба дини исавӣ гаравонидани халқ ба Шимоли кишвар гом ниҳод. Дар соҳили дарёи бузург ӯро рӯъё фаро гирифт: гӯё аз осмон «се нури фурӯзон» поён фуромад. Пас аз ин ҳодиса шоҳбону фармуд, ки дар ҳамин мавзеъ ба номи Сегонаи муқаддас калисо бунёд намоянд.

Шоҳбону бисёриҳоро ба дини насронӣ ҷалб кард, аммо ба писараш Святослав таъсир расонда натавонист. Святослав ҷавони нерӯманд буду ҳарбу зарбро бо душманон меписандид ва намехост, ки дини ӯ аз дини сарбозонаш фарқе дошта бошад. Ва ӯ хасми аз ҳама пурхатар – хоқони Хазарро торумор кард, булғорҳоро ба зону шинонд, ҳаштод шаҳри қад-қади рӯди

Дунайро ба даст овард. Вай мехост ҳудуди давлати Русро аз соҳилҳои Волга то Дунай расонад. Аммо ин он вақт танҳо орзу буд.

Шоҳбону Олга ба тарбияи набераҳо диққати ҷиддӣ медод. Махсусан бештар бо Владимир андармон мешуд ва дар мағз андар мағзи кӯдак дини исавиро ҷой мекард.

Дар яке аз муҳорибаҳо бо печенегҳо Святослав кушта шуд. Князи печенегҳо Курей сари ӯро бурида, аз косахонааш қадаҳ сохт ва онро бо тилло ва ёқуту марворид оро дода, дар ҷашнҳо бода менӯшид. Баъди фавти шоҳбону Олга набераи дӯстдоштааш Владимир русҳоро исавӣ гардонд. Соли 1547 Олга ба силки қудсиён даровarда шуда шахси муқаддас эълон гашт.

Мегӯянд, ки дар болои мақбараи Олгаи муқаддас тирезае будааст ва, агар касе бо дили софу нияти нек ва эътиқод аз он ба дохили мақбара назар афканад, дар вуҷудаш тавоноӣ эҳсос карда, ба назараш рӯшноие менамудааст, вале эътиқодаш қавӣ набошад, танҳо гӯрро медидаасту бас.

Олгаи муқаддас ҳомии Русия ва модари маънавии халқи рус ба ҳисоб меравад.

# МУРАСАКӢ ШИКИБУ

## (Солҳои зиндагиаш 978-1030)

Нависандаи ҷопонӣ, ки баъди офаридани асари таърихии «Достони Генжӣ» маъруф гаштааст. Аммо ҳайратовар аст, ки хонандагони мо ин эҷодгари машҳури дунёро қариб ки намедонанд. Ҳол он ки саҳми дар рушди адабиёт гузоштаи ин бонуро, ки зери тахаллуси пурасрори Мурасакӣ Шикибу пинҳон шудааст, аз нав баҳогузорӣ кардан душвор аст. Ба ӯ шарафи кашфи новелла ва ҳам ҷорӣ намудани бисёр навгониҳои адабӣ, ки то




ҳанӯз аз ҷониби нависандагони кишварҳои зиёд фаровон истифода мегарданд, мутаалликанд. Ва ҳарчанд ки ӯ, ба мисли бисёр бонувони эҷодкор, танҳо дар як асар тамоми қобилияташро пурра зоҳир сохтааст, чароғи маҳсули адабии вай ба тамоми гӯшаҳои ҳаёти фарҳангии ҷомеаи чаҳонӣ партав меафканад.

Мурасакӣ барои замони худаш як асари тамоман нав ва нодир – романи қаҳрамонӣ офарид, ки ҳамаи қаҳрамонҳояш одамони заминӣ, ҳақиқӣ ва ба атрофиён шинос буданд. Ҳамаи назокатҳо ва қисмҳои муҳими роман минбаъд дар асри XVIII идома ва рушд ёфтанд. «Достони Генжӣ» падидаи одии таърихӣ набуда, яке аз беҳтарин шоҳасарҳои насри ҷопонист ва яке аз бузургтарин шоҳкориҳост, ки тахайюлоти бани башар эҷод намудааст.

Мутаассифона, дар бораи муаллифи «Достони Генжӣ» маълумоти кофӣ нест. Ҳатто номи вай, бо сабаби зӯрии анъанаҳои шарқӣ, зери ғубори ноаёнӣ мондааст. Занони олимақоми ҷопон ҳуқуқ надоштанд, ки ба ашхоси бегона номи худро ошкор созанд. Аз эҳтимол дур нест, ки «Шикибу» номи музофоте бошад, ки дар он падари нависанда ҳоким буд. «Мурасакӣ» бошад, дар забони ҷопонӣ «арғувонӣ» гуфтан аст. Тахмин мезананд, ки ин тахаллус аз номи яке аз қаҳрамонони китоби қаҳрамони мо гирифта шудааст.

Мурасакӣ, нависандаи оянда, дар оилаи хизматчии олимақоми ҷопонӣ, шахси донишманди зиёитабор ва дар муҳити баҳсу мунозираҳои адабӣ тарбия ёфта, ба камол расидааст. Бобои ӯ дар таҳияи нахустин тазкираи осори назмии империяи

Ҷопон нақши муҳим гузоштааст, падараш шоир ва олим буду асарҳои классикони чиниро ба риштаи таҳқиқ мекашид.

Мурасакӣ соли 998 ба амакбачааш, ки сарбози горди император буд, ба шавҳар баромад. Тифли ягонааш соли 999 ба дунё омад, соли 1011 бева монд. Дар мобайнҳои даҳаи якуми асри XI Мурасакӣ ба дарбори малика Акико ворид гашт ва муқарраби малика шуд. Дар ин вазифа то соли 1013 хизмат кард. Баъди ин ба ӯ чи ҳодиса рӯй дод, бо кадом сабаб аз дарбор рафт ва майда-чуйдаҳои ҳалокаташ бароямон ноаёнанд.

Ба эҷоду таҳрири «Достони Ганжӣ» Мурасакӣ якчанд солро бахшидааст. Эҷодгар, ба гумон аст, ки он вақт дар хусуси авлод ва шӯҳрати оянда ба андеша рафта бошад. Қисса барои дилхушии бонувони олимақоми дарбори малика эҷод гашта буд ва онро дар театри шоҳ ба саҳна ҳам гузоштанд. Дар он давра дар адабиёти ҷопон бонувон бештар хома меронданду дар пешрафти адабиёт саҳми арзанда мегирифтанд. Ва истеъдоди фитрии Мурасакӣ, бешубҳа, дар боло рафтани обрӯ ва манзалату вазифаи дарбори малика нақши муҳим бозид.

Аз дафтари хотираи Мурасакӣ пайдост, ки вай бо корҳои рӯзмарраи дарбор банд намешуд, ба ғайр аз ҳамсӯҳбати малика будан. Барои эҷод вақти зиёд дошт ва ҳатто, чӣ тавре ки солноманависи дарборро ҳавасманд мекарданд, қаламфарсоии ӯ ба ҳар восита қадр мегашт. Аз дафтари хотираи Мурасакӣ аён мегардад, ки вай зани мушоҳидакор ва маъюсе буда, аз ҳаёти ишратомез дурӣ меҷустааст, инчунин бо ягон нависандаи машҳури замонаш ҳатто тавассути нома ҳам робитае надоштааст.

«Достони Генжӣ» романи калонҳаҷм буда, қариб давраи 70-солаи таърихи Ҷопонро дар бар мегирад ва дар зинаҳои мансаб болоравии ашрофзода Генжӣ, писари ғайриникоҳии императорро тасвир месозад. Ин асарро ҳамон чиз ғайриодӣ намудааст, ки дар он ба ҷои нақли ҳодисаҳои аҷоибу ғароиби хаёлӣ сухан дар хусуси одамони ҳақиқии заминӣ ва зиндагии

воқеӣ меравад. Муаллиф бо маҳорати том, обутоби бадеӣ, услуби шоирона моҷарои ишқварзиҳо ва дасисабозиҳои Генжиро қисса кардааст. Ин тарзи нигориш баъдтар дар асри XX аз нав эҳё гашт ва аз он бисёр эҷодгарони новелла, аз ҷумла Марсел Пруст истифода бурдаанд.

Шоҳасари Мурасакӣ Шикибу дастоварди оламшумули адабиёти ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад, ки бо гузашти 800 сол ҳам аҳамияти навоварии хешро барои рушди фарҳанги инсоният гум накардааст.

# МАЛИКА ТАМАРА

## (Солҳои зиндагиаш тахминан 1164-1207)



Дар замони ҳукмронии шоҳбону Тамара империяи Гурҷистон ба комёбиҳои беназири ҳарбию сиёсӣ ноил гашт. Шота Руставелӣ достони «Палангинапӯш»-ро ба вай бахшидааст.

Имрӯз симои ҳақиқии шоҳбонуро тасаввур намудан хеле душвор аст, дар тӯли қарнҳо ба номи Тамара бисёр воқиаву ҳодисаҳои заминиву хаёлиро мансуб медонанд. Ривояту қиссаҳои гуногуну ба ҳам мухталиф ва сарчашмаҳои таърихӣ бо ҳам печида, қадру қимат, шаъну эътибор ва камбудиҳои маликаро тавре тасвир намудаанд, ки ӯ ба назари авлодони имрӯзааш чун шахси афсонавӣ зоҳир мегардад. Вале, ба ҳар ҳол,

дар Гурҷистони асри XXI, агар ҳамапурсӣ гузаронед, ҳамчун инсони аз ҳама шинохтаю маъруф Тамарароро ном хоҳанд гирифт. Ҳамаи қасру кӯшкҳои бостонӣ, пулҳое, ки соҳилҳои дарёҳо ва дараҳоро ба ҳам пайвастаанд, манораҳо ва дайрҳо, ба ақидаи мардуми таҳҷоӣ, маҳз бо кӯшишҳои шоҳбону бунёд ёфтаанд. Гӯё ба ғайр аз ӯ дигар касе ба рушди ин кишвар саъй наварзида бошад. Тамараи кабир, дар воқеъ, империяи бузургеро ба миён овард, ки паҳноияш аз баҳри Хазар то баҳри Сиёҳ мерасид ва дигар дар замони ягон шоҳе ин қадар тавоно набуд. Тамара «модари ҳақиқӣ»-и маданияти Гурҷистон низ ба ҳисоб меравад. Дар сайёраи Замин буданд шоҳбонуҳои зӯр, тавоно, боақлу рой, ботадбир, ки бо раъйи худ чархи таърихро ба роҳи дилхоҳ тоб медоданд, вале ҳамчун шахсияти шинохта, ки тавониста бошанд, ки як миллати комилро ба шакл даровард, ангуштшуморанд. Дар замони шоҳигарии Тамара нишонаҳои менталитети миллати гурҷӣ шакл гирифтанд, шоирони тавоно, меъморони бузург, мутафаккирони закӣ, олимони фақеҳ таваллуд ёфта, ба камол расиданд, эътибори миллати гурҷӣ дар байни дигар халқҳои кишварҳо ба маротиб боло рафт. Ҳангоми зиёрати қадамгоҳҳои бузургворони дин ҳамдиёрони Тамара аз пардохти боҷу хироҷ озод буданд. Султонони Туркияву Миср хизмати сарбозони гурҷиро ба сифати посбонони шахсӣ боиси ифтихор медонистанд. Дар хусуси сабру таҳаммул ва ақли гирои занони гурҷӣ дар Осиёи Сағир достону қиссаҳо бофтаву сурудҳои зиёд гуфта мешуданд.

Вале замони давлатдории Тамара на хушу гуворо, балки бо ҷангу ҷидол, фитнаву дасисабозиҳо оғоз ёфт. Ҳарчанд бобокалони ӯ худи Довуди Бинокор ба ҳисоб мерафт, Тамара ягон ҳуқуқи ба тахти шоҳӣ нишастан надошт. Бобояш Дмитрий Багратион, ки Тамара бевосита ба шаҷараи ӯ тааллуқ дошт, соҳиби ду писар – Довуд ва Георгий буд. Дар пириаш вай тахту тоҷро ба фарзанди калонӣ супурд ва баъд ҷон ба ҷонофарин таслим кард. Вале пас аз ним сол Довуд низ ногаҳон бандагиро ба

ҷо овард, мегӯянд, ки сабаби мурданаш табиист, аммо ба ин боварии бисёриҳо намеомад. Рафти минбаъдаи воқиаҳо низ ба ин шаҳодат медод. Албатта, ворисй шоҳи Гурҷистон писари навраси Довуд Дмитрий эълон шуд, вале то ба камол расидани ӯ идораи мамлакатро амакаш Георгий ба даст гирифт. Вақте ки Довуд калон шуд, Георгии III, акнун варо ҳамин тавр ном мебурданд, аз тахт нафаромад. Бо ин сабаб ҷанги шаҳрвандӣ ба вуқӯъ пайваст. Ба нерӯи ҷавонӣ ақли ботадбир ғолиб омад. Георгии III бо зӯрии яроқ кавкабаи шоҳиро тасарруф кард, тоҷро аз шаҷараи калони Багратионҳо рабуд.

Аз рӯи тахминҳо Тамара дар авҷи ҷанги шаҳрвандӣ ба дунё омадааст, ба қавле байни солҳои 1164-1169. Овони кӯдакии ӯ зери пардаи асрор нуҳуфта. Танҳо ҳаминаш маълум, ки вай дар тифлӣ аз модар, шоҳбонуи осетинӣ, маҳрум гашта, дар тарбияи аммааш Русудан будааст. Қиссаи Русудан низ басо пурихтилоф аст. Ӯро гоҳе зани султон меҳисобанд, гоҳе завҷаи князи рус. Аммо ӯ, касе, ки набошад, дар тарбияи Тамара саъй варзид, ба ӯ забонҳо ва илм омӯзонд, ҳамчун донишманд ба воя расонд. Падараш Георгии III наздик омадани марги беамонро ҳис карда, Тамараро ба тахт нишонд. Касе аз тарси ҷон овози эътироз набаровард. Баръакс, дарбориён «Насли шер шер аст, хоҳ мода, хоҳ нар» гӯён ба вай хушомад заданд. Аммо, ҳамин ки Тамара аз падар маҳрум гашт, дарбориён баҳри ситондани қасд оташи дасисабозиҳоро афрӯхтанд. Тамара он вақт тахминан 15-20-сола буд. Бо кадом роҳ шоҳбону мардони гармхуни кӯҳистониро ба итоат овард, ба мо сирри махфист. Ҳаминаш аён аст, ки барои ин ба ғайр аз сифатҳои барҷаста доштан, инчунин зирак, маккор, ҳилагар ва доно бояд буд.

Тамара корро аз ҷойивазнамоии кадрҳо оғоз бахшид. Барои ёварӣ ӯ аз Байтулмуқаддас олими закӣ, фақеҳи пурдон, каталикос Николай Гулабридзеро даъват кард. Аммо ҳанӯз ба патриарх Микеле, ки чандин вазифаҳои давлатиро ғасб намуда буд, зӯраш намерасид. Аз ин рӯ Тамара бо эҳтиёт кор мебурд.

Вале ҷояш ояд дворянинҳои гарданшахро сахт ҷазо медод, аз унвону дигар имтиёзҳо ва молу мулк маҳрум месохт. Тамара ҷавон буду аз байни ҷавонон такягоҳ меҷуст. Лекин издивоҷи нахустинаш бахт наовард. Ҳарчанд дар оташи ишқи шоҳбону шоҳони зиёд месӯхтанд, вай князи русро баргузид. Ин хандаи пуристеҳзои тақдир буд ё қасоси Микеле. Юрий, писари княз Андрей Боголюбский, баъди кушта шудани падар, бо як дастаи хурди сарбозонаш дар соҳили баҳри Понта (Сиёҳ) мезист. Баъди издивоҷ бо Тамара вай майнӯшӣ ва бадахлоқиашро напартофт. «Ман дар зери сояи дарахти мурдоршуда набояд истироҳат намоям» гӯён Тамара аз шавҳараш ҷудо гашт. Юрийи рондашуда ба Константинопол рафт, ҷангиёни зиёде гирд овард ва ба Гурҷистон лашкар кашид. Ба вай феодалҳои гурҷӣ, собиқ мансабдорон пайвастанд. Ҷанги шадид ба вуқӯъ омад. Тамараи соҳибтадбир дар ин муҳориба ғолиб баромад. Юрийи асирро бахшид ва аз кишвар берун андохт. Лекин Юрий аз ин сабақ нагирифт. Боз ба ҷанг бархост ва ин дафъа сар бохт.

Шоҳбону Тамара бо Довуд, ки дар як хона камол ёфта буданд ва аз рӯи баъзе ривоятҳо писари Русудан ба ҳисоб мерафт, ақди никоҳ баст. Издивоҷ дари бахту саодатро ба рӯи онҳо боз намуд. Ҳамаи ғалабаҳои овозадор, комёбиҳои назарраси илмию фарҳангии Тамара бо номи ҳамсараш Довуд низ сахт пайванд буданд. Баъди чанд аср, вақте ки Иван Грозний Қазонро фатҳ намуд, ин муҳорибаро ӯ бо ғалабаи Тамара дар ҷанги Шамхор монанд кард. Малика Тамара Гурҷистонро ба 9 вилоят тақсим карда, ба ҳар кадом волӣ ва сипаҳсолор таъин намуд. Дар пойтахт армияи шастҳазорнафараи маошхӯр ба ҳар фармони шоҳбону омода буд. Яъне ҳангоми ҷанг дар зери ливои малика лашкари зиёд гирд меомад ва он замон сарбозони гурҷӣ аз пурзӯртаринҳо маҳсуб меёфтанд. Ғаниматҳои ҷангӣ Гурҷистонро ба кишвари бой мубаддал сохт. Аммо Тамара боигариро ба ҷашнҳои бошукӯҳ, айшу нӯш сарф накард, қалъаҳо, роҳҳо, шоҳпулҳо, дайрҳо, киштию мактабҳо бунёд намуд. Си-

фати таълим дар дабистонҳои гурҷӣ хеле баланд буд. Хонандагон фанҳои илоҳиёт, фалсафа, таърих, арифметика, астрология, забонҳои юнонӣ, иврит, тарзи сӯҳбати боодобона, шарҳи матнҳои назмӣ ва эҷоди шеърро меомӯхтанд.

Тамара аз шеърхонии шоирон, баҳси файласуфон, сӯҳбати фақеҳон як ҷаҳон лаззат мебурд. Ҳатто дар юришҳои ҳарбӣ шоирон Саргис Тмогвелӣ ва Шавтелиро ҳамсафар мегирифт. Аммо дар ин ҳамели ёқуту марворидҳо гавҳари ягона Шота Руставелӣ ба ҳисоб мерафт. Шоири забардаст ошиқи малика буд, аммо намехост як қисми секунҷаи ошиқона бошад. Аз ин рӯ вай тариқати роҳибӣ пазируфту сӯи Байтулмуқаддас бирафт.

Тамара, бо сабаби маризӣ, ба пирӣ нарасид. То ба имрӯз гурҷиҳои ҳар як вилоят ба меҳмонон қабри малика Тамараро нишон медиҳанд. Таърихдонон мегӯянд, ки ҷасади шоҳбону дар дахмаи авлодии Багратионҳо дар Гелот зери хок аст. Аз рӯи ҳуҷҷатҳои бойгонии Ватикан бармеояд, ки Тамара дар дайри қадимаи гурҷиҳои Байтулмуқаддас дафн гаштааст. Аз ҳамин макон сурати рӯидевории Шота Руставелӣ низ ёфт шудааст. Шоир гӯё хостааст, ки дар дунёи боқӣ бо ҳам бошанд.

# Екатеринаи II

# (Солҳои зиндагиаш 1729-1796)

Императори Русия аз соли 1762. Шоҳдухтари олмонӣ, София Фредерика Августа Анхалт-Сербтск, бо ёрии гвардияи Пётри III ба сари қудрат омад. Имтиёзҳои табақаи дворянҳоро ба ҳукми қонун даровард. Дар замони шоҳигарии ӯ давлати рус қувват гирифт. Заминҳои шимолии назди соҳили баҳри Сиёҳ, Қрим, Қафқози Шимолӣ, Ғарби Украина, Белорус, Литва ба Русия ҳамроҳ карда шуданд.



Табаддулоте, ки ба он дуру дароз омодагӣ мегирифтанд, ногаҳонӣ ба вуқӯъ пайваст. Пасек, яке аз суиқасдкунандагон, ҳабс шуд. Субҳи солеҳон аз ин воқеа воқиф гардида, шоҳбону Екатерина дар мушоиати дӯстдораш Алексей Орлов фойтунсавор ба қисми ҳарбии Измайлов омад. Сарбозон даст, пой ва домани Екатеринаро бӯсидаву ба чашм молида, қасами садоқат хӯрданд. Аскарони полки семёновӣ низ ҳамин тавр карданд. Сенат ва Синод (шӯрои олии калисо) розӣ шуданд, ки амри шоҳбонуро иҷро намоянд. Баъд зуд манифест қабул карданд, ки Екатерина аз ин рӯз баъд зимоми ҳукуматро ба даст гирифт баҳри ҳимояи калисои насронии рус ва тартиботи дохилии кишвар.

Пётри III баъди бо ду киштӣ дар бандари Кронштадт лангар партофтан аз табаддулоти дарбор воқиф гашт. Кӯтволи диж ӯро ба қалъа роҳ надод, гуфт, ки Русия дигар бо номи Пётри III император надорад, императори онҳо Екатеринаи II мебошад. Пётри III тарсу буд, ҷуръат накард, ки барои тахту тоҷ талош варзад. Вай хеле гирист ва ба Ораниенбаум баргашт. Ночор ба ҳуҷҷати фиристодаи завҷааш имзо гузошту «бо хоҳиши худ» аз тахту тоҷ даст кашид. Ҳамин тавр, 29 июни соли 1762 шоҳдухтари голштинӣ София-Августа, аз хонадони князҳои хурд, ба тоҷи бузургтарин давлати Аврупо-Русия соҳиб гашт.

Екатерина дар оилаи генерали пруссӣ ба воя расида, хеле бебок, чаққон, шӯх ва баду балое буд. Волидайн дар тарбияаш он қадар масъулият зоҳир намекарданд. Падар танҳо ба хизмат банд буду модар дар ҷустуҷӯи моҷаро бо супориши хуфияи Фридрихи Кабир кишварҳои гуногуни Аврупоро чарх мезад.

Вале, ҳамин ки ба хона бармегашт, духтаракро сахт мегирифт ва ҳатто омода буд, ки барои шӯхии ночизе шаллоқ занад. Қаҳрамони мо ба ҳамаи сахтгириҳо бо таҳаммул тоб меовард ва вақту соати худро мепоид.

Барои издивоҷаш Екатерина бояд аз император Елизавета миннатдор мешуд, зеро ӯ ба писараш аз авлоди худ арӯс ҷуст. София –Августа ба шавҳаршавандааш аз ҷониби модар духтари холабача ба ҳисоб мерафт ва Елизавета ин никоҳро кори оилавӣ меҳисобид. Аммо риштаи хешигарӣ дар дарбори шоҳи рус ба София-Августа бахт наовард. Муносибати маҳрамона бо Пётри III хуб нашуд. Домоди ҳабдаҳсола бо аскарбозӣ машғул буду аз ҳоли арӯс тамоман парвое надошт. Холааш бошад, сахтгириро аз ҳад мегузаронд.

Елизаветаи куҳансол ҷиянашро ба мисоли парандаи ваҳшӣ дар қафас нигоҳ медошт, гӯё дар симои арӯс ҳарифи худро медид. Бе иҷозат ба кӯча баромадан, ба ҳаммом рафтан намемонд, намегузошт, ки дар наздаш варақу сиёҳидон бошад. Ҳар қадами завҷаи ворси тахт зери назари хабаркашон қарор дошт, ҳатто мактубҳои ба модар навиштаашро кушода мехонданд. Албатта, гоҳҳо Елизаветаи инҷиқ дасткушод мешуду ба арӯс тӯҳфаҳои зиёд мебахшид, аммо баъди соате дӯғу даранг мекард, ҳатто таҳдиди шаллоқ задан менамуд. «Рӯзе набуд, ки гап нашнавам ва суханчинҳо ғайбатам накунанд»,-навишта буд Екатерина.

Баъди таҳқири навбатие Екатеринаро ҳиссиёти мағшуше фаро гирифт ва ӯ тоқат наёварду худро корд зад. Хушбахтона, корд чунон кунд буд, ки ҳатто аз корсет, миёнбанди махсуси занона, нагузашт. Вале чунин лаҳзаҳои афсурдарӯҳӣ кам воқеъ мегаштанд. Екатерина баояндаи дурахшон сахт бовар дошт, бештар зиндадил буд. Медонист, ки ӯро чӣ интизор аст, баҳри ба ҳукумат даст ёфтан сабуриро пеша намуд. «Рӯзе дар кӯчаи мо низ ид мешавад»,-мегуфт ӯ дар дилаш. «Ҳама коре, ки ман кардам, барои расидан ба мақсад буд ва ҳар лаҳзаи ҳаётамро

баҳри дарёфти восита-чӣ гуна ба ин комёб шавам?-бахшидам»,-мехонем аз ёддоштҳояш.

Екатерина ба ақли расову гирояш такя намуда, ягона роҳи дурустро пеш гирифт. Ба боақлу тадбир будани ӯ фақат шавҳараш шубҳа дошт ва ин боиси аз тахт вожгун шуданаш гашт. Екатерина бо сеҳри сухану муносибати гарм дили атрофиёнро тасхир мекард, ҳарфи дигаронро бо диққат мешунид, ба ашхоси ҷӯяндаву ташаббускор баҳои арзанда медод. Аз ин рӯ, вақте ки пас аз фавти Елизавета ба тахт нодонаки якумра Пётри III нишасту ба азоб додани завҷааш пардохт, аҳли дарбор тарафи Екатеринаро гирифт.

Боре Пётри III дар назди одамон занашро сахт таҳқир кард ва таҳдиди ба зиндон афкандан намуд. Екатерина талх гирист ва бори нахуст дар хусуси ғасби тоҷу тахт, ки ҷонибдоронаш кайҳо боз талқин доштанд, ба андеша рафт ва онро ҷомаи амал пӯшонд. Пётри III ночор ба истеъфономаи барояш тартибдода имзо гузошт. Шоҳи маъзул аввал дар Петергоф, сипас дар Ропша ба сифати маҳбус нигоҳ дошта мешуд.

Екатерина аз шоҳбонуҳои дигар бо он фарқ дорад, ки вай сабабгори марги шавҳари аз тахт вожгунгаштааш набудааст. Пётри III дар нӯшонӯшии навбатӣ ба ҳалокат расид. Бо яке аз ҳамсӯҳбатон баҳс намуда, фаромӯш кард, ки вай дигар шоҳи кулли Русия нест. Дар ин моҷаро шоҳи маъзул сар бохт.

Ҳукмронии Екатерина аз ҷониби таърихдонон баҳои мухталиф гирифтааст, зеро шахсияти император ҳам пурихтилоф буд. Вай худро ба ҳар шароит, вазъият ва муҳит мутобиқ менамуд. «Ман ба мисли Алкивиад ҳам дар Спарта ва ҳам дар Афина зиста метавонам»,-мегуфт Екатерина худро бо қаҳрамонҳои дунёи қадим монанд намуда. Ҳарчанд Екатерина дар ҳалли масоили мушкил ҳамто надошт, хушомадро153 меписандид. Вай аз ҷавонӣ ба ақидаи атрофиён ҷиддӣ аҳамият медод, мехост донад, ки одамон дар ҳақаш чиҳо мегӯянд. Баъди ба даст овардани ҳокимият танқидро бад медидагӣ шуд. Мехост, ки ӯро до-

имо васф намоянду ба осмони ҳафтум бароранд, ҳатто он чизеро, ки худмеписандид, ба ҳамагон талқин мекард. Екатерина ба архитектура, рассомӣ, ҳайкалтарошӣ хуб сарфаҳм мерафт, вале мусиқиро намефаҳмид. Вай танҳо ба асарҳои мазҳакавӣ шавқ дошт.

Агар фарз намоем, ки шоҳ будан касб бошад, Екатерина аз ҳамаи санҷишҳо сарбаландона мегузашт. Вай, ҳамин ки дар хусуси коре ба қароре омад, филфавр аз пайи иҷрояш талош меварзид. Барои император аз ҳама душвораш ба чизе шубҳа доштан буд. «Барои одамоне чун ман,-эътироф мекард Екатерина— дар дунё аз шубҳа дида чизи вазнинтаре нест». Зиндадилӣ ва ташаббускорӣ хислатҳои зебандаи шоҳбону буданд ва ӯ бо ҳамин ҷиҳатҳояш атрофиёнро муттаҳид месохт ва баҳри дарёфти ғалабаҳо ва рушди иқтисодии кишвар сафарбар мекард.

Танҳо як дафъа, вақте ки туркҳо ҷанги дуюмро эълон намуданд, лаҳзае саросема шудани Екатерина ба назар расид. Вале зуд худро ба даст гирифт. Ӯ боре ҳам дар зиндагиаш аз ҳуш нарафтааст, дар лаҳзаҳои душвортарин ҳам табассум аз лабонаш канда намешуд.

Ба мисли ҳамаи одамони бузург, Екатерина ҳам аз ҳад зиёд кор мекард. Вай аз ҷузъиёти масъалаҳои хурду калон воқиф мегашт, ҳар як корро то ба охир нарасонад, дилаш қарор намегирифт. Аз соати 6-и субҳ то соати 10-и шаб фароғат надошт. Фридрихи II, шоҳи пруссӣ, аз ин хислати пуртоқатии Екатерина ба ҳайрат афтода, аз сафири рус ҳасратомез пурсидааст: «Наход шоҳбону дар ҳақиқат ҳам, чи тавре ки мегӯянд, бисёр заҳматпеша аст? Мешунавам, ки ӯ аз ман дида бештар кор мекардааст».

Екатерина донишманд буд. Дар солҳои арӯсиаш, ки танҳо мезист, тамоми вақти холиашро ба омӯхтани асарҳои фалсафӣ мебахшид. Вай таърихи Олмон, асарҳои кайҳоншиносии Балйӣ, корҳои илмии қонундони англис Блекстонро ...аз

худ кард. Солномаҳои русиро таҳқиқ намуда, ба низом овард ва ҳатто ба забоншиносии муқоисавӣ шавқи беандоза зоҳир сохт. Вақте ки яке аз ошиқони шайдояш фавтид, ӯро аз афсурдаҳолӣ ва одамгурезию танҳоӣ асари филологии бисёрҷилдаи Жебеленя наҷот дод. Шоҳбонуро ақидаи олим дар хусуси забони одамони давраи қадим ба худ кашид. Дар ин самт бисёр китобҳоро гирд овард ва дар асоси забони русӣ ба тартиб додани луғати муқоисавии забонҳо даст зад. Баъдтар ҳамаи матлабҳои ғуннамудаи Екатеринаро ба академик Паллас супурданд ва ӯ ҷилди нахустини фарҳангро ба чоп омода гардонд.

Давраи ҳукмронии Екатерина пур аз ихтилоф буд. Вай ба ҳама озодӣ ва савод надода бошад ҳам, аммо дар қалби мардуми рус чи гуна аҳамият доштани ин мафҳумҳоро ҳамчун асоси мавҷудияти шахсият ҷой кард.



## Жанна д'Арк

## (Солҳои зиндагиаш 1412-1431)

Дӯшизаи орлеанӣ, қаҳрамони миллии Франсия. Муборизаи озодихоҳонаи франсузҳоро бар зидди ғосибони англис сарварӣ намуда, соли 1429 Орлеанро аз муҳосира наҷот бахшидааст. Фаъолияти ӯ ба Ҷанги садсола (1337-1453) таъсири ҷиддӣ гузоштааст. Соли 1430 вай ба дасти бургундҳо асир афтод, онҳо ӯро ба англисҳо фурӯхтанд. Англисҳо Жанна д'Ар-

кро ҷодугар эълон карда, ба суди калисо супурданд. Бо гуноҳи бидъат духтараки ватанхоҳро дар оташ сӯхтанд. Соли 1920 калисои католикҳо Жаннаро бонуи муқаддас ҳисобид.

Пушкин навишта буд, ки «...дар таърихи навин нисбат ба ҳаёт ва мамоти қаҳрамони Орлеан намунаи бештар риққатоваре нест». Дар воқеъ, корнамоии Жанна дар таърихи башар ба худ ҳамто надорад. Рафтори ӯ ба чаҳорчӯбаи ягон қонунҳои замона ва ҳатто психологияи инсон намеғунҷад. Ҳама вақт, ҳангоми таҳлили зиндагиномаи ӯ, ба як сабаби шарҳнопазир, ба як нерӯи ғайризаминӣ, ки варо идора менамуд, бармехӯрӣ.

Таърихи бонуи Орлеан давраи ҷамъбастии ҷанги садсолаи байни Англия ва Франсия ба ҳисоб меравад. Англисҳо замини франсузҳоро дар мобайни асри XII ғасб карда буданд ва намехостанд онро аз даст диҳанд. Дарбори шоҳи Франсия аз кашмакашиҳои дохилӣ, хиёнат ва дасисабозиҳо хеле заиф гашта буд. Завҷаи бадахлоқи Карли VI Изабеллаи Баварӣ, ки духтарашро ба никоҳи шоҳи англис Генрихи V дароварда буд, тахту тоҷи Франсияро низ ба домодаш бахшид ва писараш Карли VII-ро аз мулкдорӣ бенасиб гардонд.

Англисҳо худро хӯҷаини ҳақиқии Франсия ҳисобида, диёри бесоҳибро ғорат мекарданд, мехӯрданду месӯхтанд, ритсарҳо ва дворянҳои ба фисқу фуҷур фурӯрафтаи франсуз ёрои сарафрозӣ надоштанд. Аз дасти мардуми бечора низ чизе намеомад.

Дар ҳамин вазъият дар байни одамони корд ба устухонашон расида овозае паҳн гашт, ки гӯё кишварро танҳо қувваи поку тавоно алорағми фисқу фасод наҷот бахшида метавонад ва ин нерӯ дар симои бонуи боиффат зуҳур мегардад. Овозаҳо бемантиқ буданд, зеро дар асрҳои миёна зан дар ҷомеа мавқеи баланд надошт ва занро ҳамчун инсони комил ба назар намегирифтанд. Аз ин рӯ оид ба духтари боиффате сухан рондан арзише надошт. Чунки дар ин синну сол вай ба чизе сарфаҳм нахоҳад рафт. Аммо овозаҳо чи қадар бемаънӣ ва ҳарза

бошанд, ҳамон андоза таваҷҷӯҳи халқ ба онҳо бештар мегашт, яъне одамон мехостанд бовар намоянд, ки Франсияро танҳо мӯъҷиза метавонад наҷот бахшад. Ва мӯъҷиза рӯй дод.

Оилаи деҳқони осудаҳоли д'Арк ба ғайри Жанна боз соҳиби ду писар ва ду духтар буд. Онҳо дӯстона мезистанд, ба Худо сахт эътиқод доштанд. Шуғлашон чорводорӣ буд. Жанна аз бародарону хоҳарон фарқе надошт, танҳо бештар худоҷӯй буду ҳар соати фориғ аз кори хонаро бо тоату ибодат ба сар мебурд. Аз тахти шоҳӣ маҳрум гаштани Карли VII-ро Жанна ҳамчун фоҷиаи шахсӣ қабул намуд, дили ҳассосаш ба дард омад. Аз бадбахтии халқаш, аз талаву тороҷ гаштани боигарии диёраш азоби алим кашид ва аз дунёи пурҷафо ба олами ғайб пайваст. Рӯъё падид омад, ба гӯшаш садои малаки муқарраб Михаил ва Маргаритаю Екатеринаи муқаддасу поксиришт расид. Онҳо ӯро ба корнамоии душвор баҳри озодии ватанаш илқо намуданд. Жанна даъвати шунидаашро аввал ба пайвандонаш гуфт, онҳо аз шунидани хабар танҳо ҳайрон шуданд, зеро духтараки бесавод чи гуна метавонист мақсадашро рӯшан баён созад: ҳол он ки мақсадаш озод кардани Орлеан ва иҷрои маросими тоҷгузорӣ ба валиаҳди шоҳ дар Реймс буд.

Зоҳиршавии биби Марям ақидаи Жаннаро дар хусуси баҳри иҷрои кори муҳим офарида шуданашро устувор намуд. Вай ҳамроҳи амакаш ба қалъаи Вокулер, ки дар он рӯзҳо ҷойи зисти шоҳи маъзул Карл буд, омад. Ба хӯҷаин аз қадам ранҷа фармудани меҳмони аҷиб хабар доданд. Аммо Карл ба ӯ ва суханонаш эътиборе зоҳир насохт. Аммо қувваҳои осмонӣ ором нашуданд. Маъшуқаи шоҳ Агнесса Сорелро ба сухан оварданд. Ба шарофати исрори пайгиронаи ӯ шоҳ дар Шинон 29 феврали соли 1429 духтараки деҳотиро ба ҳузур пазируфт. Карл дар байни дарбориён меистоду аз онҳо ягон фарқе надошт, аммо Жанна, ки шоҳро боре ҳам надида буд, ӯро дарёфт ва ба вай муроҷиат кард.

Суханони ватандӯстонаи духтарак ба қалби ҳозирон таассуроти зӯр гузоштанд. Гӯё ба воситаи ӯ кадом як нерӯҳои

тавоно гап мезаданд. Аммо Карли сустирода, бечуръат, аз тарси он ки вазъияташ боз ҳам бадтар нашавад, мекалавид. Қарор карданд, ки ба масъала аз нуқтаи назари илм баҳо диҳанд. Комиссияи босалоҳият дар ҳайати фақеҳони шинохта ба Жанна ҳамчун католики боэътимод баҳо дод, занҳо бо сарварии модарарӯси Карл Иоланта Арагон духтаракро поксиришту баиффат дарёфтанд. Оқибат Карл ба Жанна ливои ҷангиро бо нишони шоҳи Франсия супурд. Дастаи ҳарбиёни Жанна ба Орлеани муҳосирагашта ёрии моддӣ расонд. Ғалабаи нахустини бону барқвор дар саросари мамлакат паҳн гашт. Аз ҳар гӯша шунида мешуд, ки фариштае аз осмон фаромадааст, то ки диёри онҳоро аз ғосибон озод созад. Ҳар рӯз садҳо нафар зери ливои Жанна гирд меомад.

Пеш аз он ки ба амалиёти ҳарбӣ даст занад, Жанна ба урдугоҳи англисҳо, ки Орлеанро ба ҳалқаи муҳосира гирифта буданд, чунин хатча фиристод: «Англисҳо, ба шумо, ки ба тахту тоҷи Франсия ягон ҳуқуқе надоред, Шоҳи осмонҳо ба воситаи ман фармон медиҳад: аз муҳосира даст кашед ва ба ватанатон баргардед, вагарна ҷангеро оғоз менамоям, ки якумр дар хотир нигоҳ хоҳед дошт...»

Имзо: Исо, Марям, Жаннаи боисмат, 18 июни соли 1429. Душман аз тарсу ҳарос гурехт. Жанна савори аспи мушкин, бо мӯйҳои парешон, дар ҷойҳои хавфноктарин пайдо мегашт ва ҷангиёнро баҳри озодии ватан ба ғалаба раҳнамун месохт.

Карл ҳам аз ғалабаҳои пайдарҳами Жанна рӯҳбаланд гашта, ба сӯи Реймс асп давонд. Шаҳрҳо, деҳаҳо паиҳам ба ӯ сар фуруд меоварданд. Карл аз чашидани шаҳди ғалабаҳои духтараки баисмат лаззат мебурд. 16 июл маросими бошукӯҳи тоҷгузорӣ дар шаҳри Реймс сурат гирифт. Жанна дар паҳлӯи Карли VII меистод, баъди маросим ӯ гирён дар назди шоҳ зону заду гуфт: «Аълоҳазрат шоҳ, ҳамакнун иродаи Парвардигори олам ҷомаи амал пӯшид. Ӯ маро вазифадор кард, ки шуморо ба Реймс ҳидоят намоям, то ки ҳама ҳукмрони ҳақиқии Франсияро шиносад.»

Баъди он ки Жанна рисолаташро ба анҷом расонд, куллан тағйир ёфт. Акнун он ташаббуси фавқулазим дар ӯ дида намешуд. Дар ҷанг ҳам шикаст хӯрд, ярадор шуд.

Баҳори соли 1430 асир афтод. Англисҳо Жаннаро бо айби ҷодугарӣ ба суди инквизитсия супурданд. Азобу уқубати муфаттишон гарон буд, аммо Жанна боре ҳам ақлашро набохт, суханонаш ҳама равону бомантиқ буданд, худро сарбаланд нигоҳ медошт. Ба ӯ саволи духӯра доданд: «Вай бовар дорад, ки Худо ӯро баҳри иҷрои рисолате офарида?». Агар мегуфт, ки оре, ӯро барои ғурур ва худхоҳӣ гунаҳгор медонистанд. Агар инкор мекард, дурӯғгӯ мехонданд. Ӯ дар посухи савол гуфт: «Агар чунин набуд, Худо ин бовариро дар дили ман устувор гардонад, агар чунин аст, бигузор онро дар ниҳоди ман нигоҳ дорад».

Гуноҳи Жанна ҳамчун ҷодугар исбот нашуд. Ӯро бо ҷурми «робита бо нерӯҳои осмонӣ ва пӯшидани либоси мардона» гунаҳкор донистанд. Духтарак ба папа нома кард, аммо то омадани ҷавоб, ӯро дар оташ сӯхтанд. Ин воқиа дар Руан, 30 майи соли 1431, ба вуқӯъ пайваст.

# Изабеллаи Испанӣ

# (Солҳои зиндагиаш 1451-1504)

Шоҳбонуи Кастилия аз соли 1474. Издивоҷи Изабелла дар соли 1469 бо Фердинанд, шоҳи Арагон аз соли 1479, ба иттиҳоди сулолаҳои шоҳони Кастилия ва Арагон асос гузошт ва баъди ин кишварҳои ҷудогонаи Испания бо ҳам муттаҳид гаштанд. Изабелла бо таассуби диниаш аз дигарон фарқ мекард.

Ин зан ба таърих бо номи бунёдгари давлати тавонои Испания ворид шудааст. Вай баъдтар ҳамчун католики мутаассиб дар мамлакаташ, ки бисёр динҳо роиҷ буданд, дини масе-



ҳиро устувор намуд. Ба монанди ҳукмронони зӯр шоҳбонуи Испания гоҳо бераҳмиро аз ҳад мегузаронд, баъзе амалҳояш давлатдории ӯро зеб намебахшиданд. Вале, умуман Изабелла, бонуи хурдҷуссаи ҳиссиёташ пурихтилоф, дар таърих чун симои фавқулодда бо савлат ва бо нуфуз мондааст.

Изабелла дар оилаи Хуани II, шоҳи Кастилия, ба дунё омадааст. Дар он замон Испания ба чанд шоҳигарии соҳибихтиёри қашшоқ тақсим мешуд. Агар Кастилия ва Арагон давлатҳои масеҳитабор ба шумор раванд, кишвари ҳамсоя-Гранада дар дасти мусалмонон буд. Изабелла дар муҳити бадбинии мӯътақидони динҳои ғайриисавӣ тарбият меёфт ва ҳанӯз аз наврасӣ дар дил орзу мепарварид, ки Испанияро зери ливои як дин муттаҳид созад. Падари Изабелла шахси беозору раҳмдил буд, аммо модараш аз дарди ҷанҷолу хархаша ҳамеша азоб мекашид. Духтарак дар шаҳрчаи хурди Аревало дар муҳити оддӣ ба камол мерасид, зеро ҳанӯз дар чорсолагиаш аз падар маҳрум гашт ва модараш баъди ба тахт нишастани писари ӯгайяш Генрих, ки шахси ҷоҳилу хасисе буд, аз дарбор рафт.

Воқиаи нахустини чашмраси дар ҳаёти ӯ ба вуқӯъ пайваста фотиҳа шуданаш бо валиаҳди тахти Арагон шоҳзода Фердинанд буд. Ба Изабеллаи ҳассос домодро чунон васф намуданд, ки ғоибона ошиқи шайдо шуд. Ва ҳақиқат низ ӯро фиреб надод. Вақте ки соли 1469 Фердинандро дид, аз ҳаяҷони зиёд нафас дар гулӯи мисли барги гул нозукаш печид, зеро шоҳзода чун дар тасаввураш ҷавони болобаланд, меҳрубон ва ба ақидааш устувор буд.

Солҳои нахустини оиладорӣ барояш бахт оварданд. Соли 1470 Изабелла соҳиби духтарча шуд, пас аз чор сол Генрих аз олам чашм пӯшид ва Изабелла маликаи Кастилия эълон гашту ду давлати бузурги Испания-Кастилия ва Арагон ба ҳам пайваст. Ин имкон фароҳам овард, ки бар зидди Гранада қувва ҷамъ намоянд. Изабелла аз шароити муфид ба фоидаи кишвараш истифода бурд. Соли 1480 Арагон ва Кастилия бар зидди арабҳои Гранада ҷангро оғоз карданд. Бояд гуфт, ки Изабелла дар юришҳо аз рӯи вазифа ширкат намеварзид, балки тақозои хислати моҷароҷӯияш ба ин водор месохт. Ҳамаи азобу машаққат ва нобарориҳои ҷангро баробари мардон таҳаммул намуда, боз тавонист даҳ фарзандро ба дунё орад. Сарчашмаҳо маълумот медиҳанд, ки панҷ нафари онҳо ҳанӯз дар овони тифлӣ аз олам гузаштанд. Изабелла ҷисман ба «амазонкаҳо» монанд набуд, баракс, ҳамзамононаш зикр кардаанд, ки шоҳбону зани мӯрчамиёни нозукбадане буду мӯйҳои фатилаи хурмоиранг дошт.

Бачаҳои Изабелла ва Фердинанд ба ғайри зиндагии аскарӣ аз дигар дилхушиҳои овони наврасӣ маҳрум буданд, сару либоси калониро хурдӣ мепӯшид. Албатта, Изабелла метавонист онҳоро дар қасраш бимонад, аммо ӯ чунин мепиндошт, ки ба тарбияи фарзандон ҳатман худ бояд машғул шавад. Аз панҷ танҳо яке, Хуан, писар буд ва волидайн аз ӯ умедҳои зиёд доштанд.

Изабелла Хуану ном духтарашро беҳад дӯстдорӣ мекард, зеро вай ба модараш бисёр монанд буд. Вале тақдири Хуану фоҷианок шакл гирифт. Ӯ бо Филиппи австрийгӣ издивоҷ намуду пас аз таваллуди писар ақлашро бохт. Баъди марги шавҳараш ӯро дар қалъаи дуре ҳабс намуда, тамоман аз хотир бароварданд. Вале Изабелла дар зиндагиаш чунин зору ҳақир гаштани ҷигарбандашро надид.

Бахту иқболи модарӣ, нисбат ба комёбиҳои ҷангӣ, аз малика рӯй тофт. Соли 1497 боз фоҷиае сар зад, писари ягонааш

Хуан дар 19-солагӣ аз дунёи фонӣ ба ҷаҳони боқӣ рахти сафар баст. Шоҳбонуи ҳанӯз оламоро либоси сиёҳи роҳибӣ пӯшид, намехандид, ғамзадаву пурхашму асабӣ шуд.

Бинои ишқи Изабеллаву Фердинанд низ шикаст. Шоҳ бо маъшуқаҳо айш меронду малика бо тоату ибодат машғул буд.

Кори таърихие, ки Изабелла анҷом дод, ин дастгирии экспедитсияи Христофор Колумб ба ҳисоб меравад. Вақте ки Колумб соли 1485 маликаро бо нақшаи сафараш шинос намуд, Изабелла ба ваҷд омад, аммо ҷанг садди роҳ шуд. «Баъди ғалаба дар ин бобат гуфтугӯ хоҳем кард»,-гуфт шоҳбону. Ва сайёҳи итолиёвӣ баъди ғалабаи малика боз ба дарбори ӯ қадам ранҷа намуд. «Бисёр гарон»,- гуфт Фердинанд баъди шунидани Колумб. «Агар ба ҳукмрони Арагон пешбинии оянда муяссар нагардида бошад, боке нест, аз номи Кастилия худам қарор мебарорам»,-иброз дошт Изабелла. Муноқишаи зану шавҳар ҳамин тавр ба кашфи қитъаи нав замина гузошт.

Вале гуфтан дигару иҷро кардан дигар аст. Хазинаи Испания баъди ҷанг тиҳӣ буд. Ровиёни ахбор мегӯянд, ки Изабелла ҷавоҳироти шахсиашро ба гарав монда, барои экспедитсияи Колумб маблағ ёфт. Шояд ин афсона бошад. Вале ба ҳар ҳол 3 августи соли 1492 Колумб бо се киштию 90 нафар маллоҳу сайёҳ, табибу роҳиб ба сафари баҳрӣ баромад. Ба ҳама аён аст, ки Колумб дар ин сафараш ба Ҳиндустон нарасид, балки Дунёи Навро кашф кард.

Пас аз ин Изабелла боз се экспедитсия созмон дода, шӯҳрати ҷаҳонкушоиро бо Колумб ба ҳам дид. Дар ҷазираи Эспанола сайёҳ нахустин колонаи аврупоиҳоро созмон бахшид ва онро ба шарафи шоҳбонуи Испания Изабелла ном гузошт. Зеро Колумб маҳз бо ёрии ӯ орзуяшро ҷомаи амал пӯшонда тавонист. Воқеан, агар Изабелла ба Колумб бовар намекард, таърихи дунёи он замон чи гуна анҷом меёфт? Ин даркнопазир аст.



# Екатерина Романовна Дашкова

## (Солҳои зиндагиаш 1744-1810)

Князбону. Иштирокчии табаддулоти давлатии соли 1762, ки ба тахт Екатеринаи II-ро овард. Аз соли 1769 зиёда аз 10 сол дар хориҷа зиста, бо Волтер, Дидро, Смит вохӯрдааст. Солҳои 1783-1796 директори Академияи илмҳои Петербург ва президенти Академияи илмҳои Русия будааст. Муаллифи «Ёддоштҳо».

Карнайи шӯҳрати таърихӣ дар хусуси ӯ ҳамчун «шахси олим ва президенти ду академияи рус» хабар додааст. Ва, агар кадоме дар хоби шаб орзуи вазифа карда бошад ва ё дар роҳи сангини илм ба қуллаи мурод «ба нохун роҳ дар хоро бурида» бошад, Екатерина Дашкова дар орзуи инҳо набуд, ба ҳукми қазову қадар ба зинаи баландтарини шӯҳрат баромад, вале ӯ барои худ зиндагии осоиштаи занона: шавҳар, фарзандон, ҳаёти оилавии моломоли ишқу муҳаббат мехост. Дар зиндагиаш бахти осмонӣ ба мисли сояи шаффофе як намудор гашту ба сӯяш кашид, пас масхара карду ба доми танҳоӣ афканд.

Графбонуи понздаҳсола Воронсова аз шароби ишқ мадҳуш буду ба суханони касе эътибор намедод ва бо хоҳиши худ бо поручики полки Преображенский Михаил Дашков ақди никоҳ баст. Духтарак то издивоҷаш зиёд китоб мехонд. Бисёр қомусҳо, луғатҳои чандзабона гирд оварда, китобхонаи бошукӯҳеро созмон дода буд. Дар асри XVIII-и Русия дар миёни мардҳо ҳам ба мисли ӯ шахси

бомаърифат ангуштшумор буд. Вале баъди ба шавҳар баромадан ҳамаи инро Екатерина ба боди фаромӯшӣ супурд. Тамоми вуҷудашро ба шавҳараш бахшид ва ӯро ғамхору меҳрубон буд.

Солҳои аввали оиладорӣ дар Маскав сипарӣ шуданд ва арӯс шиносоиашро бо дугонаи ҳамноми соҳибтоҷаш Екатерина ба хотир меовард. Онҳо бо ҳам зуд унс гирифтанд, зеро ҳар ду ҷаҳонбинии васеъ доштанд, дар мавзӯъҳои барои дигар занҳо «беаҳамият» соатҳо ҳарф мезаданд. Дугонааш гоҳо аз зулму ситами шавҳараш шикоят мекарду сар ба китфи Дашкова гузошта зор-зор мегирист. Аҷоиби кор боз дар он буд, ки маъшуқаи Пётри III хоҳари Дашкова Елизавета Воронсова буд. Аммо ин ҳолат ҳам ба дӯстии ду Екатеринаи «бузург» ва «кӯчак» халал ворид намекард. Вале баъдтар, вақте ки Екатеринаи II ба тахт нишаст, дигар намехост дар дарбор ду зани оқилу доно бошад ва ҳам шоҳбону сӯҳбатҳои занонаи гузаштаро зудтар фаромӯш карданӣ буд. Аз ин рӯ, Дашковаро танҳо ба рақсу бозиҳои дарбор даъват менамуду халос. Ин ба ӯ маъқул набуд. Мехост бо шавҳари дӯстдоштааш бошад. Аммо Михаил Дашков зуд ба ҳаёти фосиқонаи дарбор мутобиқ гашт.

Дар ёддоштҳои Дашкова ибораҳое ҳастанд, ки бисёр чизҳоро ба мо равшан месозанд. Князбону дар ҷое сабт намудааст, ки ду ҳодисаи нохуш дар зиндагиаш ба рӯяш дари дӯзахро кушодааст: яке доғи хуни тоҷи Екатерина, яъне куштани шоҳ, дуюмӣ хиёнати шавҳараш. Аз рӯи нақли Анастасия Шербинина ба Пушкин, фоҷиаи оилавии Дашковҳо ба муносибати маҳрамонаи шоҳбону Екатерина бо Михаил пайвастагӣ дошт. Албатта, шояд суханони Анастасия ҳақиқат аст. Зеро аз Екатерина инро чашмдор шудан мумкин буд. Чаро ӯ бо афсари зебо, хушқаду андом лаҳзае ишқ наварзад? Агар тахмини мо рост бошад, кас ба ҳайрат меафтад, ки чӣ тавр Дашкова хиёнати дуҷонибаро таҳаммул намуд. Чи хел дар сари гаҳвораи тифли дуюмаш, ки модархонди таъмидӣ шуданро шоҳбону ихтиёрӣ ба ӯҳда гирифт, худро ором нигоҳ дошт.

Дар урфият мегӯянд, ки бало танҳо намеояд. Чанде баъд Дашкова шавҳари дӯстдоштаашро ба хок супурд. Ӯ он замон ҳамагӣ 22 -сола буд. Пас аз шунидани марги падари фарзандонаш Дашкова понздаҳ рӯз дар ҳолати беҳушӣ хобид. Ба шарофати кӯдаконаш ба ҳаёт баргашт. Михаил оиларо дар вартаи қашшоқӣ монда буд. Барои кандани қарзҳои зиёди шавҳари раҳматиаш ба ӯ зарур омад, ки заминҳои меросиро фурӯшад. Вай акнун танҳо барои ояндаи фарзандон мезист. Ба деҳа кӯчид, бисёр сарфакор буд. Заҳмати беадоза мекашид ва дар 27-солагӣ зани чилсоларо мемонд. Барои савод баровардан ва дониш андӯхтани писару духтараш – Павел ва Анастасия барномаи махсуси таълимӣ таҳия намуд ва аз рӯи он омӯзгорони англису профессорони шотландӣ ҳашт сол онҳоро сабақ доданд. Ва тамоми ин муддат модар дар хориҷа ҳамроҳи фарзандон буд. Ӯ ба ворисонаш рақс, расмкашӣ, аспсаворӣ, шамшерзанӣ омӯзонд, барои ин корҳо маблағро дареғ намедошт.

Ягон олими педагог аз тарзи таълиму тарбияи Дашкова сари мӯе хато ёфта натавонистааст. Аммо тамасхури тақдирро бинед, ки фарзандони ӯ бекораву аблаҳ ба воя расиданд. «Гӯлу майзада», - мегӯяд баъдтар дар ҳақи Павел Дашков шоҳбону, модархонди таъмидиаш, Анастасия бошад моҷароҳое мехезонд, ки дар бораш дар ҳамаи маҳаллаҳои Петербург гап мезаданд. Вале Дашкова дар хориҷа ҳамчун зани оқилаву доно ном баровард. Ӯро Дидро ва Адам Смит ба ҳузур пазируфта, аз сӯҳбаташ баҳра бардоштанд. Ҳатто Волтери солхӯрда, бемору фартутшуда, барои бо «модахирси шимолӣ» (Дашковаро дар хориҷа чунин ном мегирифтанд) вохӯрдан, вақт ҷудо кард. Албатта, Екатеринаи II наметавонист ақидаи мутафаккирони Аврупоро дар хусуси Екатерина Дашкова нодида гирад. Аз ин рӯ дар рафти як ҷашн ӯ ба собиқ дугонааш роҳбарии Академияи илмҳоро пешниҳод кард. Воқиа дар таърихи Русия бемислу гӯшношунид буд. То ҳол ва баъди он низ ягон зан дар ин вазифаи масъули давлатӣ набудааст. Ҳатто Аврупои озодандеш аз чунин тасмими шоҳбону ба ҳайрат омад.

Субҳи зимистони соли 1783 Дашкова аз риёзидони маъруф Леонард Эйлер хоҳиш кард, ки ӯро ба олимони мӯҳтарам муаррифӣ намояд.

Император дар интихоби худ хато накард. Дашкова бо маънои томаш ба академия нерӯи нав бахшид. Вай аз роҳбарӣ ба соҳаҳои илм даст кашид, онро ба ихтиёри олимон вогузошт. Вале лаҷоми корҳои хоҷагӣ, наширӣ ва фаъолияти илмию маърифатиро сахт гирифт. Дар тӯли қариб 12 сол бинои нави академияро бунёд кард, матбааро эҳё намуд, барои экспедитсияҳои илмию тадқиқотӣ маблағ меёфт. Дашкова ба педагогика ва маориф диққати ҷиддӣ медод, ба ҷои ашхоси белаёқати доро ҷавонони нодори доноро ба корҳои илмӣ ҷалб месохт. «Дар академия барои кундзеҳнҳо ҷой нест», - мегуфт ӯ.

Бо ташаббуси Дашкова академия ба нашри куллиёти Ломоносов даст мезанад, чопи «Луғати Академияи Русия» -асари илмии оламшумули асри XVIII-ро ба роҳ мемонад, «Шарҳи замини Камчатка»-и профессори табиатшинос С. Крашенников бори дуюм ба муштариён пешниҳод мегардад. Олимон оид ба риёзиёт, маъданшиносӣ, таърихи табиат бо маърӯзаҳо баромад мекарданд. Маҳз Дашкова қадри илму олимро дар ҷомеаи Русия ба дараҷаи баланд бардошт. Вай манфиати кишварашро ба назар гирифта манъ намуд, ки минбаъд аз кашфиётҳои илмӣ ба хориҷа хабар диҳанд. «Бигузор кашфиёт аввал дар Русия татбиқ гардад, асарҳо чоп шаванд, мамлакат манфиат бардорад», мегуфт ӯ қотеъона.

Баъди вафоти Екатеринаи II офтоби бахти Дашкова ғуруб кард. Шоҳ Павел ӯро ба мисли дигар ҳаммаслакони шоҳбонуи марҳум ба деҳаи дурдаст бадарға намуд. Соли 1807 ба Екатерина Романовна тақдир боз зарбаи мудҳише зад. Баъди чанд рӯзи беморӣ писараш фавтид. Ҳамин тавр дар танҳоӣ, муфлисӣ, бесару сомонӣ, дар байни каламушҳо, ки ҳамсӯҳбати ягонааш буданд, зани якзамон машҳури Аврупо, бонуи бомаърифаттарини даврони худ бо ҳаёт падруд гуфт.



# Мария-Антуанетта

## (Солҳои зиндагиаш 1755-1793)

Шоҳбонуи Франсия, завҷаи Людовики XVI аз соли 1770, духти императори Австрия. Дар авҷи инқилоби бузурги Франсия ба қатл расонида шудааст.

Қурбонии аблаҳонаи бераҳмии одамон дар таърихи башар солҳо аз ёдҳо сутурда нагашта, гӯё муттасил моро аз корҳои беақлона ва хомиҳоямон ҳушдор медиҳад. Албатта, дар рафтори Мария – Антуанетта камбудиҳо ба назар мерасиданд, ки ӯро ба зери дами табари ҷаллод оварданд, аммо онҳо дар назди вазъияти басо муташанниҷи сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии Франсия ҳеҷ буданд. Танҳо тақдири талхи шоҳдухтар буд, ки ӯ ба ин кишвар чун арӯси бахтбаргашта қадам гузошт.

Мария –Антуанетта духтари хурдии император Мария – Терезия ва Франси 1, ҳукмдорони империяи Рими Муқаддас ба ҳисоб мерафт. Вақте ки ба синни даҳ мерасад, падараш империя ва ҳашт нафар фарзандро ба завҷааш гузошта, сафари охиратро пеш мегирад. Мария –Терезия зани басо доное буд. Ӯ на танҳо кишварро оқилона идора менамуд, балки тавонист ояндаи фарзандонашро низ таъмин созад. Ҷуфти аз ҳама муносибро барои духтари хурдӣ ёфт. Мария –Антуанетта бо ворисИ тахти Франсия Людовики XVI фотиҳа шуд.

Духтаракро ҳамчун маликаи оянда тарбия мекарданд. Чизеро, ки мехост, муҳайё менамуданд. Фармон доданро меомӯхт

ва худро дар ҳолате, ки ҳазорон чашм ба сӯяш дӯхта мешуд, ором нигоҳ дошта метавонист. Бепарво, ҳамеша шӯху хандон ва эркаи хонадон буд. Вақте ки Мария Антуанеттаи понздаҳсоларо барои издивоҷ ба Франсия гусел намуданд, вай мутмаин буд, ки ба шарофати малоҳати худ ҳамаро мафтуну шайдо, қалби ҷавононро пойбанд месозад ва бо ин кулли орзуҳояшро ҷомаи амал мепӯшонад.

Ана ҳамин тавр арӯсшавандаи бо пироҳани атлас ва ҷавоҳирот ороста хонаи падарро тарк кард, то ки дигар ҳеҷ гоҳ баргашта наояд. Дар сарҳад шоҳдухтарро гурӯҳи боҳашамат бо сарварии бобои шоҳзода, шоҳи Франсия Людовики XV пешвоз гирифт. Мӯйсафед баъди дидани арӯси набераaш аз интихоби худ қонеъ гашт. Вале домод Мария –Антуанеттаро каме маъюсу ноумед намуд. Ҷавони лаванду аблаҳнамо дар дунё аз ҳама зиёд ба ғизоҳои гуногуни болаззат меҳр доштy алҳол аз кайфияти издивоҷ тамоман бехабар буд. Аммо бо ин сабаб магар Мария –Антуанетта метавонист аз тахту тоҷи Франсия даст кашад? Албатта не. Шоҳзода бошад тамоман ақли доштаашро ҳам баъди дидани арӯс ба боди фано бохту бо чашмони алағда дида аз чеҳраи шоҳдухтар намеканд. Солҳо сипарӣ мешаванд, лекин Людовик, ҳамон  тавре ки дар дидори нахустин буд, аз завҷааш ба ваҷд меомаду аз хати кашидааш қадаме берун намемонд.

Тӯй 16 майи соли 1770 баргузор гашт. Қатори фойтунҳои ороёфта аз кӯчаҳои Париж мегузашт, шаҳрвандон бо шавқу завқи зиёд ба арӯс аз Парвардигор бахту саодат металабиданд. Ҳар як духтараки парижӣ мехост дар ҷойи ӯ бошад. Вале фейерверки боҳашамат ба азо табдил ёфт. Одамон ба хуришҳои ройгони тӯёна чунон ҳамла оварданд, ки бисёр пиру барноҳо зери пойҳо монда маҷақ шуданд. Вақте ки барои шинохтан ҷасадҳои хунполоро дар майдон қатор гузоштанд, овозаҳои ваҳмангезе паҳн гаштанд, ки нишонаи хунин ба ҷавонон бахт намеорад. Ҳама аз ин ҳодиса фоли бад медид.

Вале фоҷиа зуд фаромӯш гардид. Мария –Антуанетта ҷавонони зиёдеро гирд оварду шабҳоро бо хандаву бозӣ, рақсу суруд сипарӣ менамуд, Шавҳараш, ки басо шармгин буду дар назди завҷааш даступо мехӯрд, худро аз ин дилхушиҳо канор мегирифт.

Дар соли 1774 Людовики XV аз бемории нағзак фавтид. Ҷуфти ҷавон соҳиби қудрати азиме гардид, аммо зиндагии онҳо тағйир наёфт, бо маҷрои кӯҳна ҷорӣ мешуд. Шоҳи нав ҳамоно пурхӯр буд, дар курсии паси мизи таом хобаш мебурд ва гоҳе, ки аз ғанаб мебаромад, дар китоби ёддоштҳояш менавишт: «Имрӯз воқиае рӯй надод».

Мария –Антуанетта бошад бо аҷобати кирдораш ҳамаро ба ҳайрат меовард: аз либосҳои бокарру фар даст кашиду пироҳани одии деҳотӣ ба бар кард. Занҳо аз мӯди нав ба ваҷд меомаданд.

Дар синни 23 Мария –Антуанетта модар шуд ва дар шаш соли минбаъда боз чор маротиба фарзанд ба дунё овард, ки аз онҳо танҳо Мария –Терезия ва валиаҳд Людовик зинда монданд. Шоҳбону кӯдаконашро басо дӯст медошт, аз онҳо чизеро дареғ намедид. Хазинаи давлатро малика барои дӯстон, фарзандон ва айшу ишрат, шабнишиниҳо, сайру саёҳатҳо беҳисоб сарф мекард. Вақте ки муҳосибон кам намудани кисахарҷии шоҳбонуро ба миён гузоштанд, Мария –Антуанетта аз вазифа сабукдӯш гаштани онҳоро ноил гардид.

Дарбор гӯё ҳамин гуна ором мезист. Аммо тӯфони инқилоб наздик мерасид. Таърихнигорон сабабҳои зиёди сар задани инқилоби бузурги Франсияро номбар кардаанд. Мо бенавоии халқи одии заҳматпеша ё бурҳонҳои файласуфонаи озодандешонро як тараф гузошта, танҳо далеле меорем. Людовики XVI хоҳиши соҳибкоронро дар хусуси кам кардани андоз ҳатто нашунид ва онро «беақлии маҳз» ҳисобид. Мардум аз шоҳу малика дилсард гашт. Дар ҳақи Мария –Антуанетта ҳар гуна латифаҳо мебофтанд, ки дар яке чунин омада: «Гӯё боре ба шоҳбо-

ну хабар расида, ки французҳои одӣ нони хӯрданӣ надоранд. Малика гуфтааст: «Ин тавр бошад, бигузор торту пирожнӣ хӯранд».

Ҳамин тавр 14 июли соли 1789 ҷаҳони ором аз воқиаҳои хунини Париж ба ларза омад. Малика ба мисли дигар ашрофу дарбориён нагурехт, дар бари шоҳ истод. Тӯдаи одамони аз зулму ситами дороён ба дод омада, 5 октябр Версалро фатҳ намуда, шоҳу малика ва фарзандони онҳоро ба ҳабс гирифт. 20 июни соли 1791 асирон кӯшиши фирор намуданд, аммо он бенатиҷа анҷом пазируфт.

Людовики XVI ҳеҷ тасаввур карда наметавонист, ки ӯро фуқарояш аз тахт маҳрум месозад. Моҳи январи соли 1793 муҳокимаи судӣ оғоз ёфт ва бо ҳукми он шоҳ на танҳо аз тахт, балки аз сар ҳам маҳрум шуд. Пеш аз қатл Людовик ду соати охирини ҳаёташро бо аҳли оила якҷоя гузаронд ва ончунон меҳрубоние дид, ки якумр аз он бебаҳра буд. Мария -Антуанетта ҳамон шаб мижа ба ҳам назад. Вақте ки субҳидам садои зангӯла дар фазои Париж танин андохт, Малика фаҳмид, ки шоҳ дигар дар қайди ҳаёт нест.

Пас аз қатли шавҳараш Мария –Антуанетта ҳаёти маҳбусӣ мебурд. Боре шабона се нафар мард барои писарчааш омад. Модар ба сони шер ғурриду фарзандро ба синаи меҳр пахш кард. Аммо магар метавонист зани муштипар ба се тан муқовимат намояд. Ӯ танҳо монд. Рӯзҳою шабҳо муттасил сипарӣ мешуданд. Иродаи Мария –Антуанеттаро зиндон нашикаст. Вай тавонист бо муҳоҷирони француз робита барқарор созад. Вале таҳти фишори афкори умум суд 16 октябри соли 1793 ба қатли Мария –Антуанетта ҳукм баровард.

Дар рӯзи қатл Мария –Антуанетта барвақт аз ҷойгаҳ бархост, соат надошт, ки вақтро муайян намояд. Бо ёрии хизматгор пироҳани сафед пӯшид, хост мӯйҳои дарози хурмоирангашро шона занад. Аммо ҷаллоди ба яккахонаи маҳбас воридгашта ба ин монеъ шуд. Ҷаллод мӯи сари шоҳбонуро пурра тарошид

ва бо худ гирифт, зеро он ғанимати вай буд. Ӯро ба аробаи ифлос шинонида дар кӯчаҳои Париж чарх занонданд. Аз тӯдаи одамон борони масхара ва дашном мерехту садоҳои пурғулғула гӯши атрофиёнро ба қиём меоварданд.

Қатлгоҳ дар наздикии қасри Тюилрӣ, дар майдони Инқилоб сохта шуда буд. Вақте ки Мария –Антуанеттаро назди кундаи сарбурӣ оварданд, ӯ нохост пойи ҷаллодро пахш намуду филфаври ба забон овард: «Мебахшед, ҷаноб, қасдан накардам». Ин буд суханони охирини шоҳбонуи Франсия.



## Луиза Жермен де Стал

## (Солҳои зиндагиаш 1766-1817)

Адибаи француз. Муаллифи романҳои «Делфина» (1802) ва «Коринна ё Итолиё!» (1807), китоби «Дар бораи адабиёт…» (1800) ва «Дар бораи Олмон» (1810).

То Жермен де Стал дар таърих чунин нақши муассирро, ки тақдир ба дӯши ӯ вогузор кард, ягон зан набозидааст. Вай шоҳбону, имератор набуд, ки ба шарофати насабаш ба одамон ҳукм ронад. Ӯ тавонист мақоми баландтареро соҳиб шавад – тавассути истеъдоду заҳмат ҳукмдори рӯҳи як насли том, ки Инқилоби бузурги Франсияро паси сар намуданд, гардид. Жермен де Стал дар Франсия барои ошӯби романтикӣ

замина фароҳам овард, асарҳои ӯ нақши гузариш аз маърифатпарварӣ ба романтизмро бозиданд. Занеро дарёфтан душвор аст, ки дар оғози асри XIX дар Аврупо монанди вай ангуштнамо бошад, мардони маъруфтарин мутолиаи китобҳои ӯро барои худ боиси ифтихор меҳисобиданд. Гёте, Шиллер, Шамисс, бародарон Шлегелҳо ба маҳорати эҷодии де Стал баҳои хеле баланд додаанд. Байрон, ки ба нависандагии бонувон нобоварона, ҳатто шаккокона менигарист, дар ҳақи ӯ навиштааст: «Вай зани бузургест, дар соҳаи эҷоди асарҳои зеҳнӣ коре кардааст, ки тамоми бонувон дар якҷоягӣ наметавонанд аз ӯҳдааш бароянд, ӯ бояд мард ба дунё меомад». Луиза ба ғайри асарҳои драмавию романҳо инчунин памфлетҳои сиёсӣ менавишт, ки онҳо дар байни мардум шӯҳрати зиёд доштанд.

Аммо лаёқати Жермен боз дар як соҳа хеле ҷолиб буд, ки имрӯз қариб аз ёдҳо фаромӯш шудааст. Банкири швейтсарӣ Неккер, падари ӯ, донандаи беҳамтои соҳаи молия ва ҳисоб мерафт. Людовики XVI барои наҷот додани иқтисодиёти Франсия ба вазифаи вазирӣ ӯро се маротиба даъват кардааст. Мувофиқи вазъи иҷтимоӣ оилаи Неккерҳо бояд ба тарзи шаффоф ҳаёт ба сар мебурд, яъне онҳо бояд ҷои ҷамъиятие ба мисли боргоҳи маърифат медоштанд, ки одамони барӯманди маҳаллӣ ҷамъ омада, табодули афкор мекарданд доир ба ҳар як ҳодисаи муҳим. Луизаи наврас ҳангоми баҳсҳо дар курсии шафати модараш менишаст. Он вақтҳо ба ӯ иҷозати «даҳонкушоӣ» намедоданд, аммо бо даҳони воз шунидани суханони ашхоси оқилу доноро касе ба вай манъ накарда буд. Мунозираҳо оид ба сиёсат, дин, адабиёт ва махсусан сӯҳбат бо падар барояш мактаби бузурге шуданд.

Вақте ки соли 1781 вазири иқтисод Неккер ҳисоботи машҳури солонаи молиявиашро ба нашр расонд, вай, духтараки понздаҳсола, ба падар мактуби беимзо фиристода, мулоҳизаҳои танқидии худро нисбати он баён кард.

Ба мисли ҳамсолони ҷавон Жермен низ ба асарҳои Руссо шавқ дошт. Ҳоло тасаввур намудан душвор аст, ки аз чӣ ин қадар хонандагони «Юлия ё Элоизаи нав» ба ҳаяҷон меомаданду аз тақдири ишқи зиёии муфлис Сен-Пре ба ашрофзан Юлия ба риққат омада, ашки ҳасрат мерехтанд. Волмир, шавҳари Юлия, ки ба ақлу иффати завҷааш мутмаин буд, ба онҳо иҷозат медод, ки бо ҳам дар сӯҳбат бошанд. Жермен низ ба қатори дӯстдорони Руссо афтод. Лекин ӯ аз зумраи онҳое набуд, ки танҳо аз ишқи нокоми қаҳрамонҳо афсӯс мехӯранд. «Шартномаи ҷамъиятӣ», ки онро Руссо тарғиб мекард, барои Жермен Китоби Муқаддаси сиёсӣ гашт. Духтарак дорои ақли қобили таҳлил буд. Аз ин рӯ вай дар «Элоизаи нав» танҳо достони ишқро намедид. Руссо бо эҷодиёташ ба рушди андешаҳои Жермен такон бахшид. Дар бисту дусолагиаш ӯ рисолаи «Андешаҳо дар атрофи асарҳо ва хислатҳои Ж. Руссо»-ро навишт, ки мулоҳизаҳои шахсиаш хеле ҷолиб буданд.

Вале набояд чунин пиндошт, ки Жермени бо ақлу заковат, аз малоҳати занона бенасиб буд. Баракс, ӯро зиёд дӯст медоштанд. Сафири швед Эрик Магнус де Стал Голстейн ба духти Неккер хостгор шуд, баъди тӯй Луиза фаҳмид, ки сафир на мафтуни ӯ, балки ошиқи боигарии падараш будааст. Барои халосии худ аз зарбаҳои зиндагӣ Жермен ба баҳри адабиёт фурӯ рафт. Ба мисли модараш боргоҳи маърифат созмон дод ва ҳар бегоҳ зиёиён он ҷо ҷамъ омада, маҳфили баҳсу мунозира меоростанд.

Инқилоби соли 1789-ро де Стал бо рӯҳи болида истиқбол гирифт. Аҳли боргоҳи маърифат вожгун гаштани Бастилияро бо кафкӯбӣ маъқул донист. Падари Жерменро, ки шоҳ ду маротиба аз вазифа сабукдӯш карда буд, ҳукумати нав ба кор даъват намуд. Жермен низ ба онҳо ёрӣ мерасонд. Лекин террори хунину мудҳиш, ки аз бераҳмию сангдилии инқилобгарон дарак медод, ба қалби нависанда фишор меовард ва ӯ бо ин сабаб ба мудофиа гузашт. Завҷаи сафир буданаш имкон дод, ки бисёр дӯстону шиносҳояшро аз дами табари ҷаллоб наҷот бахшад.

Баъди сипарӣ гаштани чанд сол ситораи Наполеон дар осмони сиёсату ҳарб ба дурахш омад. Жермен ба ваҷд меомад аз ғалабаҳои нахустини генерал Бонапарт. Вай номаҳо навишта ба Наполеон хурсандиашро иброз медошт. Ва ҳам де Стал яке аз аввалинҳо шуда пай бурд, ки Бонапарт босуръат ба сӯи диктатура асп меронад. Адиба мушоҳидаҳояшро пинҳон надошт, ниҳоди озодипарастиаш бар саргармии занона ғолиб омад. Ва Бонапарти қасосгир инро то зинда буданаш набахшид. Ба Жермен Наполеон як ҳисси бадбинии ғайритабиӣ дошт. Зеро Луиза бо ақлу тадбир буду ба ҳар гуна амру фармонҳои зиддиинсонӣ сар намефуровард. «Итоати бечуну чаро ва мутеи иродаи генерал Бонапарт будан сифати беҳтарин ҳисобида мешуд, ки бе он занон барои вай вуҷуд надоштанд», - навиштааст Е. Тарле дар «Наполеон» ном китобаш.

Аммо мардоне ҳам пайдо шуданд, ки дар симои адиба идеали худро диданд. Дар соли 1794 Жермен бо Бенжамен Констан, сиёсатмадори шинохта ва донандаи адабиёти ҳамон давр, шинос гардид. Он вақт адиба қариб сисола буд. Чеҳраи зебо ҳам надошт. Вале чашмони сиёҳи зебандааш қалби ҳар мардро ба ларза меоварданд. Бонуи боирода, ҷӯянда, босалобат Констанро ба доми ишқ кашид. Дар рӯзномааш ӯ чунин ёддошт намуд: «Дар умрам мисли Жермен зани оқила ва дар айни замон мутеъсозандаро надидаам». Жермен аз шавҳараш хати талоқ мегираду бо Констан издивоҷ менамояд, вале насаби де Сталро нигоҳ медорад. Зиндагии онҳо тавре сурат мегирад, ки Констан ба дод меояду мегӯяд: «Ай Худо! Моро аз ҳам озод намо!»

Оре. Бо заноне ба мисли Жермен издивоҷ намекунанд. Констан низ инро фаҳмид ва аз ӯ ҷудо шуда, бо Шарлоттаи олмонӣ ақди никоҳ баст. Лекин ёди Жерменро натавонист ба боди фаромӯшӣ биспарад. Ва дар ин байн муноқишаи Жермен бо Наполеон ба ҳадди ниҳоӣ расид. Моҳи январи соли 1800 Констан суханроние намуда, сиёсати Бонапартро зери танқи-

ди сахт гирифт. Наполеон ба хашм омада аз де Стал талаб кард, ки Парижро тарк созад. Адиба дар ҷавоб китоби «Дар бораи адабиёт»-ро ба чоп расонд. Бонапарт дар матолиби асар, ки аз дастнависҳои замони Ҳомер то инқилоби Франсия маълумот медод, ҳуҷуми рӯиростро ба ҳукуматаш дид.

Аммо наметавонист ба нависандаи шӯҳратёр зараре расонад. Зеро романи «Делфина», ки дар ҳамин давра ба муштариён пешкаш гашт, муаллифро аз ҳар гуна хатар эмин нигоҳ медошт. Халқ ҷонибдораш буд. Шӯҳрати безаволро барояш романи «Коринна, ё Итолиё» овард.

Ба ҳар ҳол аз таъқиби Бонапарт ба ҷон омада Жермен сафари Амрикоро ихтиёр кард. Вале дар Швейтсария бо афсари захмдори фарангӣ шинос гашту он ҷо монд. Дӯстии онҳо ба ишқ табдил ёфт. Жермен нахост, ки муносибати онҳо вирди забонҳо шавад. Зеро домод аз ӯ бист сол хурд буд. Аз ин рӯ вай ба никоҳи пинҳонӣ розӣ шуд.

Пас аз шикасти Наполеон де Стал ба ватан бо шукӯҳу шаҳомат баргашт. Ӯ зидди он буд, ки Бурбонҳо боз соҳиби тахту тоҷ шаванд. Аммо давлатҳои ғолиб сулолаи аз шоҳигарӣ маҳрумгардидаро ба сари қудрат оварданд. Ба ҳар ҳол пас аз понздаҳ сол, дар соли 1830 Луи Филипп, номзаде, ки Жермен ҷонибдораш буд, шоҳи Франсия шуд. Аммо ин баъди вафоти Жермен ба вуқӯъ пайваст. 21 феврали соли 1817 Жермен ба қабул мешитофт, ки онро сарвазири Людовики XVIII созмон дода буд. Вақте ки аз зинаҳо боло мебаромад, пешпо хӯрд. Майнаашро хун гирифт. Жермен де Стал дар рӯзи таърихӣ, оғози Инқилоби бузурги Франсия – 14 июл аз дунё чашм пӯшид.

# Надежда Андреевна Дурова

## (Солҳои зиндагиаш 1783-1866)



Нахустин афсари Русия аз байни занон, адиб. Соли 1806 сару либоси мардона ба бар карда, шомили ҳайати полки савора гардид. Дар ҷангҳои зидди лашкари Франсия солҳои 1807, 1812-1814 ширкат варзидааст, ординаретси М. Кутузов, муаллифи асарҳои ёддоштӣ, роману повестҳои пурмоҷаро мебошад.

Бисту чоруми марти соли 1866, субҳидам, дар кӯчаи ороми Елабуги маросими дафн оғоз ёфт. Штабс – ротмистри мустаъфии полки улании Литовск Александр Андреевич Александровро мегӯронданд. Дар тобут ҷасади пири фартутшудаи либоси сиёҳпӯш мехобид. Аз қафои тобут поручики баталони эҳтиётии дар шаҳр мустақаршуда дар рӯи болинчае ордени аскарии Георгии дараҷаи панҷумро нигоҳ медошт. Александровро бо тамоми шукӯҳу шаҳомати барои афсарон хос ба хок супурданд. Танҳо рӯҳонии ҷомаи дарози бунафшранг ба бар карда, бухурдонро алвонҷ дода, шитобкорона, нохост, гӯё хатои офаридгорроислоҳ мекарда бошад, номи бандаи худоро марҳума Надежда гуфт.

Албатта, дар ин маврид баҳо додан хеле душвор аст, ки ба чунин шакл сурат гирифтани тақдири фоҷиавии Надежда Дурова кӣ гунаҳгор аст? Табиат, ки гоҳо шӯхиҳои беҷо менамояд ё волидайн, махсусан модар, ки аз рӯзи нахуст духтаракро тамоман дӯст надошт.

Падараш Андрей Василевич, сардори эскадрони гусарҳо, шахси камбағал, одӣ ва накӯкор буд. Вақте ки дар губернияи Полтава дам мегирифтанд, ба духтари заминдор ошиқ шуд. Вале бой ба издивоҷи онҳо розигӣ надод. Ҷавонон шабе гурехтанд. Ҳамин тавр зиндагии ба оворагардӣ монандашон оғоз ёфт. Пас аз як сол Надежда ба дунё омад. Модар орзуи писар дошт. Аз ин рӯ ба духтараки ғуллимӯй нигоҳ ҳам накард. Баъди хоҳиши зиёди хоҳарони шафқат пистон ба даҳони тифл гузошт. Аммо, бо сабаби ноаёне Надежда шир намехӯрд, модар низ ҳайрон буд ва бо хоҳари шафқат андармони сӯҳбат гардид. Ин вақт тифл пистонро чунон фучид, ки фиғони модар баромаду кӯдакро ба дасти доя партофт. Аҷаб қисмате. Дигар шири модар нахӯрд. Ӯро ҳар рӯзу бегоҳ занҳои тамоман ношинос шир медоданд. Вақте ки Надежда роҳгардак шуд, падар ӯро ба тарбияи Аҳмад ном гусари тотор супурд. Духтараки тамоман аз меҳру муҳаббати модар маҳрум дар рӯи зин калон мешуд, рӯзи дароз бо тиру камон, шамшербозӣ, аспдавонӣ машғул буд.

Пас аз таваллуди боз ду духтар Андрей Дуров аз зиндагии ҳарбӣ даст кашида, раисии шаҳраки Сарапулро барои худ даводав карда гирифт. Ҳаёти муқаррарии дилбазан оғоз ёфт. Ҳар сол барои Дуров завҷааш як тифл мезоид. Модар ба Надежда иҷрои корҳои рӯзгорро мефармуд. Аммо ӯ ба шуғли занона ҳеҷ гардан намефуровард. Мехост ба дарахтҳои баланду бузург бароядъ, аз бом ба поён ҷаҳад, савори асп аз баландиву пастиҳо бо суръати шамол «парвоз» намояд.

Вақте ки ба синни ҳабдаҳ расид, домодҳо ҳам пайдо шуданд. Вале ӯ ба ҷинси мард майл надошт. Чунон ҳангомаҳое хестанд, ки аз шуниданашон кас гиребони ҳайрат медошт. Ахиран, бо зориву илтиҷои падар Надежда бо мушовири суд Чернов издивоҷ намуд. Зимистони соли 1803 писараке зод, ки Иван ном гузоштанд. Аммо баъд ӯ рӯзи шавҳарашро сиёҳ кард, ҳеҷ ба корҳои занона даст намезад ва оқибат танҳо ба хонаи падар баргашт. Чернов оҳи сабук кашид ва боре ҳам завҷаашро

ҷӯё нашуд. Падари мушфиқу ғамхор ба духтари раҳгумзадааш асп бахшид ва барояш сару либоси саворагонро дарёфт намуд. Тобистони соли 1806 Надежда мӯйҳои дарозашро бурид, либоси ҳарбии казакӣ пӯшид, кулоҳи болобаланд ба сар гузошту аз хонаи волидайн рафт. Бо номи Александр Соколов дар як дастаи хурди ҳарбии казакҳо ба қайд истод. Бо Наполеон дар Пруссия ҷанг оғоз ёфт ва ҳар як сарбоз қимати тиллоро дошт. Аз ин рӯ аз аскарони нав касе ҳуҷҷат намепурсид. Пас аз як сол Дурова дар муҳорибаи Гутштадт бӯи борут шамид. Ба ӯ омад мекард, ба ҷисмаш на тир мерасиду на сарнайзаи камон мехалид, ҳарчанд дар ҷойҳои пурхатар асп медавонд. Оре, ба худ тасаввур намудан душвор аст, ки чӣ тавр зан дар шароити душвори ҳаёти аскарӣ худро аз чашми ғайр эҳтиёт кардааст. Вақте ки зарурати қазои ҳоҷат мерасид ё шустушӯйи бадан пеш меомад, касе аз саворагон дар дил ба зан будани ӯ шубҳае роҳ намедод.

Дар ин муддат модари Надежда аз дунё реҳлат намуд ва падари дар байни фарзандҳои зиёд сарукалобагумкарда аз бародараш, ки дар Петербург мезист, хоҳиш намуд, ки дар ҷустуҷӯи духтари калонӣ ёрӣ расонад. Вай ҳам бе ягон истиҳола ба худи шоҳ Николай арзи бародарашро иброз дошт. Бо супориши шоҳ «духтараки савора», ки бо номи Соколов дар хизмати ҳарбӣ буд, зуд дарёфт гардид. Николай хоҳиши бо ӯ сӯҳбат кардан намуд. Гуфтугузори онҳо бо чӣ анҷомид, то ҳол номаълум мондааст. Шоҳ фармон дод, ки сирри сарбоз пинҳон монад ва ӯ ҳамчун корнет (унвони хурдтарини афсарӣ) ба полки Мариуполск, ки яке аз қисмҳои ҳарбии беҳтарин буд, барои идомаи хизмат фиристода шавад. Шароити ин ҷо хеле беҳтар буд, аммо Надежда рӯбарӯи мушкилиҳои зиёде гашт. Афсарҳо фориғ аз хизмат бо хонумҳо ишқ меварзиданд, бонуҳои бисёре бо нозу адо дар гирди корнет Соколов парвона мешуданд, аммо ӯ намедонист бо кадом баҳона онҳоро аз худ дур созад. Вай хуб мерақсид, духтаракҳоро танг ба оғӯш мекашид ва ҳамин гуна бо як чолокӣ аз ишқи ҳамбистарӣ мегурехт.

Зимистони соли 1809 Надежда Дурова рухсатӣ гирифту назди падар омад. Мӯйсафед дар рӯбарӯяш гусари бебоку айёшеро медид. Хоҳарон ва занони хизматгор намедонистанд бо ӯ чи гуна муомила намоянд: апа гӯянд ё ака. Танҳо ягона додаракаш, орзую умеди хонадон Василий шод буд. Кулоҳи гусариро ба сар мемонду механдид.

Соли 1812 барои Надежда таърихӣ ва боиси ифтихор буд. Ӯ худро ба лашкаркаши бузурги афсонавӣ Кутузов ба вазифаи ординаретсӣ пешниҳод кард. Сарлашкари куҳансол аввал аз густохии поручики ношинос ба ҳайрат афтод, аммо баъд ба ҳар ҳол розӣ шуд. Ин бонуи мардсифату мардафкан дар муҳорибаи таърихии Бородино ҷонбозиҳо кард, аз пояш захм бардошт. Баъди табобат боз ба иҷрои ҳар супориш омода меистод. Вале баъдтар захми пой нагузошт, ки хизмати ҳарбиро идома бахшад. Ин барои шахсе, ки табиаташ ҷинси барояш атошударо рад менамуд, зарбаи мудҳиш гардид.

Вай ба хона баргашт ва қариб 20 сол дар борааш касе чизе нашунид. Вале таърих ҳодисаҳои фавқулоддаро мепisандад. Соли 1829 Пушкин ҳангоми бозгашт аз Арзрум дар Қафқоз бо Василий Дуров шинос шуд. Пас аз шаш сол Александр Сергеевич аз Сарапул мактуб гирифт, ки дар он шиноси қафқозиаш хоҳиш менамуд, ки нависанда ба апаи ӯ ва ҳамчунин ба Александр Андреевич Александров (акнун бо ҳамин ному насаб мезист Надежда Дурова) дар чопи ёддоштҳояш ёрӣ расонад. Пушкин, ки дӯстдори ҳангомаҳо буд, розӣ мешавад. Надежда Дурова ба Петербург меояд, хонумҳои олимақом бо ҳайрат сӯяш менигаранд, вале ҷуръати ҳамсӯҳбат шудан намекунанд. Агар марде мехост дасти Надеждаро бибӯсад, вай дағалона ба ин монеъ мегашт. Пушкин аз ин ҳолат хиҷолат кашида, ташрифи меҳмонро кӯтоҳ намуд. Вале «Ёддоштҳо» писандаш омад.

Дурова аз Петербург ғамгин баргашт, вай ба касе писанд нашуд, нафаре ҳам ӯро нафаҳмид, танҳо буд, танҳо монд. «Ёддоштҳо» ба дасти хонандаҳо расид, вале ин барояш шодие наовард. Тақдир барояш зиндагии дурударозро лоиқ донист, гӯё ҳаёти ду нафарро.

# Мария Николаевна Волконская

## (Солҳои зиндагиаш 1805- 1863)



Князбону, духти генерал Н.Раевский, завҷаи декабрист С.Волконский, дӯсти А.С. Пушкин, ки дар васфаш шеър гуфтааст. Соли 1827 аз пайи шавҳари бадарғагаштааш ба Забайкале омад, муаллифи «Ёддоштҳо».

Насаби ашрофонаи шӯҳратманди Волконскийҳо барои бисёриҳо маъруф буд, махсусан бонувоне, ки бо ин ном хонда мешуданд. Филфавр Зинаида Волконская, ки дар оғози асри XIX боргоҳи адабие дошту ба он ҷо Пушкин ва Баратинский низ меомаданд, ба ёд меояд. Вале, ба назари мо, намояндаи аз ҳама барӯманди ин хонавода Мария Николаевна ба ҳисоб меравад, ки ҳатто шӯҳрати ӯ аз падараш Раевский, қаҳрамони ҷанги ватании соли 1812, ҳам пештоз буд.

Албатта, гап дар сари он нест, ки ӯ аз нахустинҳо шуда, аз пайи шавҳари декабристаш Сергей Волконский ба Сибир рафт. Ва дар ин ҳам нест, ки ӯро Пушкин мепарастид. Ҳамчунин дар он ҳам нест, ки вай дар хусуси бадарғашудагон ёддоштҳои олиҷаноб навиштааст. Шояд калиди муаммои шӯҳрати ӯ дар суханони падараш бошад, ки гуфта буд: «Ман ба монанди ӯ зани олиҷанобро надидаам». Генерал Раевский дар таърифи шахс басо хасис буд ва ба ҳиссиёт дода намешуд. Ӯ духтарашро дар рӯҳияи ватандорӣ, некӣ кардан, бовиҷдонӣ,

садоқат ба оиладорӣ, ростгӯию росткорӣ ва итоат ба амру фармони волидайн тарбия намуд.

Мария бо розигии падар издивоҷ кард. Шавҳаршавандаашро намешинохт. Танҳо медонист, ки волидайн хушбахтии ӯро мехоҳанд. Аз ин рӯ иродаи падарро муқаддас меҳисобид. Ва ба дил мегуфт, ки баъди издивоҷ аз зери назорати волидайн озод мегардад ва тамоми боигарии ботиниашро бахри хушбахтии оилавӣ сарф месозад..

Вай то шӯриши декабристҳо, яъне то соли 1825 шавҳарашро дар тӯли зиндагии якҷоя ҳамагӣ се моҳи пурра дида буд. Вақте ки Сергей Волконский ӯро барои таваллуди фарзанд ба деҳаи дурдаст бурд, эътироз накард. Ҳамин ки чашм равшан намуд, аз ҳоли шавҳараш ҷӯё шуд. Чун донист, ки Сергей дар маҳбас аст, тифл ба даст ба Петербург омад. Мария шавҳарашро дӯст намедошт, ба ақидаҳои сиёсиаш ҳам сарфаҳм намерафт, ҳукумати шоҳро эътироф мекард, ҳатто аз дилсӯзии Николайи II ба риққат меомад, аммо садоқат ба шавҳар барояш аз ҳама боло буд.

Беҳуда нест, ки чун ба пойтахт расид, нахуст аз шиносҳо пурсид, ки оё шавҳараш ба дуздии моликияти давлатӣ ё моҷароҳои дарборӣ гумонбар нашудааст. Оре, барои ӯ чизҳои майда-чуйда, аз қабили дурӯғ гуфтану ғорат намудан бегонаву нафратовар ва баномусӣ, бовиҷдонӣ, бошарафӣ, қарзи ватандорӣ маҳаки зиндагӣ буданд.

Оё Мария аз ранҷу азоби Сибир метарсид? Албатта, шахсе, ки зиндагии осудаю пурфароғат дошт, магар намеандешид, ки ӯро, завҷаи шахси бадарғагаштаро дар ҷойҳои бегона, бар замми он қаҳратун, чӣ интизор аст. Ба кӣ ё ба чӣ умед мебаст? Танҳо ба худ ва ба боварӣ ба накӯӣ. Шояд вай зиндагиро аз будаш беҳтар мепиндошт. Ва аҷиб, ки ҳамин тавр ҳам шуд.

Николайи II занони декабристонро, ки ихтиёри Сибир карда буданд, аз ҳама гуна имтиёзҳо ва унвони дворянӣ маҳрум сохт.

Сергей завҷаашро дар зиндони танг дида ба ҳайрат афтод ва худро ба сӯяш андохт, вале Мария зуд зону заду пеш аз ба оғӯш кашидани шавҳараш завлонаҳои пойҳои ӯро бӯсид. Аз ин рафтор маънии зиндагии вай ва кулли занони замони ӯ хонда мешуд.

Ҷинси латиф дигар сояи шавҳари худ будан намехост, вай роҳи фаъолона ба ҷомеа таъсир расонданро пеш гирифт. Дере нагузашта занҳои ба Сибир омада аз ҳолати итоаткории бечунучаро баромада, баҳри риояи ҳуқуқи маҳбусон овоз баланд карданд. Боре Волконская дид, ки маҳбусон аз зиндон қариб урён мебароянд. Мария катон харида барои маҳбусон пироҳан дӯзонд. Сардори кон аз ин бохабар гардида, ҷанҷол бардошта «Шумо ба тақсим кардани курта ҳақ надоред, 5 ё 10 тин садақа диҳед, мешавад. Онҳо дар таъминоти ҳукуматанд»,- гуфт. Волконская чунин посух бидод: «Ин тавр бошад, ҷаноб, онҳоро худатон пӯшонед, ман ба одами урёнро дар кӯча дидан одат накардаам». Сардор мулзам шуду аз Мария узр хост.

Сибир он замон аз пасмондаҳои ҷомеа- дузду роҳзану қотилу зинокор лабрез буд. Вале ягон нафар ба Мария, ба ин бонуи латифандому беҳимоя, чашм напесонд.

Дар тӯли солҳо занони декабристҳо ба ном кумитаи ҷамъиятӣ созмон доданд, маблағ гирд меоварданд, беморонро табобат ва муҷаррадонро оиладор мекарданд, ба шоҳ мактуб менавиштанд, ки маҳбусонро авф намояд. Соли 1829 аз пойтахт хабар омад, ки завлонаи дасту пои зиндониён гирифта мешавад. Ин муждаи аввалин буд. Аммо солҳо сипарӣ мешуданду дар ҳаёти сангини маҳбусон тағйироте ба амал намеомад. Мария гумон дошт, ки шоҳ баъди панҷ сол гунаҳкоронро афв менамояд, аммо пас аз даҳ ва бист сол ҳам шоҳ калимаи афвро ба забон наовард. Баъд аз 25 сол Волконская ба тақдир тан дод, вале дар кадом шароите, ки набошад, мекӯшид, ки чун зан-модар бимонад. Ва оқибат ба рӯи онҳо бахт хандид. Соли 1855 Мария бо шавҳару фарзандонаш аз Сибир баргашт. Пеш

аз маргаш «Ёддоштҳо»-яшро навишт барои аҳли оила ва пайвандонаш. Вале овозаи асар зуд паҳн гардид. Н.Некрасов барои чопаш мароқ зоҳир кард. Аммо писари Мария Михаил Волконский «Ёддоштҳо»-ро асари оилавӣ ҳисобида, танҳо як қисмашро барои Некрасов қироат намуд. «Ёддоштҳо» танҳо соли 1904 аз чоп баромад ва хонандагонро мафтун сохт.



## Шарлотта, Эмилӣ ва Энн Бронте

## (Солҳои зиндагиашон 1816-1855, 1818-1848 ва 1820-1849)

Адибаҳои англис, хоҳарон, Шарлотта муаллифи романҳои «Ҷейн Эйр» ва «Шерлӣ», Эмилӣ эҷодгари романи «Ағбаи раъду барқ» ва маҷмӯи шеърҳо, Энн соҳиби романи «Агнес Грей» ва шеърҳо.

Ҳамин тавр ҳам шуданаш мумкин будааст, ки бо хости Парвардигор дар оилаи пастор (кашиши мазҳаби протестантӣ) Патрик Бронте паиҳам се духтарак ба дунё меояд ва ба қудрати офаридгор дар вуҷудашон ҷавҳари нависандагӣ ҷой мегирад ва ҳама бадбахт мешаванд, зеро аз атрофиён куллан фарқ доштанд, ҷисман заиф буданд ва фарзанде ба дунё на-

овarданд. Ва аҷибаш дар он аст, ки дар оилаи Патрик боз ду духтар ва як писар таваллуд шуданд, аммо онҳо низ аз худ меросбар нагузоштанд. Гӯё қувваҳои осмонӣ ба барҳам хӯрдани авлоди Бронте тасмим гирифта бошанд. Ҳам мунаққидони асарҳои хоҳарон ва ҳам таҳқиқгарони асрори хонадони Бронте дар тӯли зиёда аз сад сол чиҳое нанавиштанд. Аз чашми онҳо чизе пинҳон намонд. Вале асрор ҳамоно пӯшидааст.

Хонаи кӯҳнаи Патрик Бронте дар Хауорте ба мисли саду панҷоҳ сол пеш истодааст. Ҳоло вай хона-музейи хоҳарон мебошад. Дар пушти бино қабристонест. Катибаи рӯи қабрҳо аз номи соҳибхона Мария Бронте оғоз меёбад. Духтари калонӣ ҳафт сол дошту хурдӣ ҳафт моҳ, вақте ки модар бо азоби зиёд ҷон ба ҷонофарин таслим намуд. Тарбияи кӯдакон ба зиммаи холаашон афтод. Патрик умуман ба меросхӯронаш аҳамият намедод, танҳо мехӯрду танҳо ба ваъз гуфтан омода мегашт. Вақте ки аз танҳоӣ дилаш бухс мекард, камон мегирифту ба ҳаво тир аз паи тир меандохт. Кӯдакон чӣ мехӯранд, чӣ мепӯшанд ва чӣ гуна сабақ мегиранд, ба хаёлаш намеомад. Танҳо соли 1824 падар Мария, Элизабет, Шарлотта ва Эмилиро ба хондан ба пансиони шахсии Коуэн-Бриҷ фиристод. Духтарон дар ин ҷо ба азоби алим рӯ ба рӯ шуданд. Муносибати бераҳмона, сардию гуруснагӣ онҳоро аз пой афтонданд. Аввал Мария аз бемории сил мурд. Директори пансион мистер Уилсон гуфт, ки касе дар кӯдакӣ фавтад, аҳли биҳишт аст, зеро гуноҳ надорад. Баъди чанд ҳафта Элизабет низ аз олам чашм пӯшид.

Пас аз бозгашт аз пансион зиндагӣ дар доманаи Хауорт барои Шарлотта ва Эмилӣ бӯстонро мемонд. Ба ҳар ҳол дар ин ҷо касе ба ҳаёти онҳо халал ворид намекард, чашми ҳамабини мураббиён низ набуд. На падар ва на холаашон ба дунёи ботинии онҳо ва тарзи зиндагиашон коре доштанд. Онҳо дар бофтани ҳар гуна бозиҳо, ҳаёти афсонавии худ, дугонаҳои ғоибона, ишқварзиҳои хаёлӣ, воқеаҳои сохта озод буданд.

Кӣ ба духтаракон хондану навиштан ва ба дунёи орзуҳо фурӯ рафтан, бо қаҳрамонҳои бофта ҳамсӯҳбат гаштанро ёд додааст, то ҳанӯз номаълум аст. Танҳо ҳаминаш аён аст, ки то таваллуди кӯдакон Патрик Бронте ду маҷмӯаи шеърҳояшро ба нашр расонда буд. Пас аз аёлманд шудан, ӯ эҷоди шеърро ба гӯшаи хотир ҳам роҳ намедод. Акнун ба ҷои вай духтаронаш қалам ба даст гирифтанд, то ки дар фазои орзуҳо парвоз намуда, дар рӯи сафҳа ба рағми рӯзҳои якрангу дилбазани хона ҳодисаҳои ба назарашон ба вуқӯъ омадаро тасвир созанд.

Нахуст хоҳарон Шарлотта, Эмилӣ ва Энн ба эҷоди пйесаҳо даст заданд. Ин ҳангоми бо лӯхтакҳо аскарбозӣ кардан рух дод. Тахайюлоти кӯдакон барқвор амал намуд, нақшҳо зуд тақсим шуданд. Ба Шарлотта лӯхтак – сарбози аз ҳама зебову болобаланд расид ва ӯ онро Ҳерсог Веллингтон ном ниҳод. Ҷанговари Эмилӣ Ҷиддӣ лақаб гирифт. Ба Энн лӯхтаки хурд насиб гардид бо унвони Навкар. Додарчаашон Брэнуэлл «сарбоз»-ашро Бонапарт мегуфт. Намоишномаи «Ҷавонон» дар муҳити хона як моҳ дар саҳна буд ва матни охиринро дар дафтари алоҳида сабт карданд. Бо ҳамин вай аз ёдҳо рафт. Духтаракон ба эҷоди дигар бозӣ машғул гаштанд.

Боре дар шаби пуртӯфони моҳи декабр хизматгори куҳансол Таббӣ нагузошт, ки бачаҳо шамъ афрӯзанд. Сукути тӯлониро Брэнуэлл танбалона шикаст: «Намедонам, бо чӣ машғул шавам?». Эмилӣ ва Энн низ бо ӯ ёр гаштанд. Кампир маслиҳатомез гуфт, ки хоб раванд. Магар кӯдакон дар ин синну сол ба ҷои бозӣ хобро афзал медонанд? Албатта, не. Аз вазъият Шарлоттаи нӯҳсола, ки пас аз вафоти апаҳояш аз ҳама калон ба ҳисоб мерафт, роҳи халосӣ ёфт: «Чаро ҳар яки мо соҳиби ҷазира набошем?» - гуфт ӯ. Ҳама бо шавқу завқ саргарми бозӣ шуданд. Ва баъди чанд вақт дар дафтари алоҳидае нақшҳо ва тасвири муборизаи тезу тунди байни «сокинони ҷазираҳо» падид омаданд. Андармонӣ бо драмаҳо оҳиста-оҳиста хоҳаронро ба дунёи махсус, ки маҳсули тахайюлоти худашон буд, ҷалб

намуд. Шарлотта он рӯзҳо дар рӯзномааш навишта буд: «Кам одамон бовар хоҳанд кард, ки дунёи хаёлӣ ҳам метавонад хурсандии зиёд оварад».

Патрик Бронте аз ояндаи духтарон ва писари ягонааш Брэнуэлл дар ташвиш буд. Бо азобе онҳоро ба мактаб ҷой намуд. Эмилӣ натавонист таҳсилро идома бахшад. Энн соли 1838 ихтисоси мураббияро соҳиб гашт. Вале онҳо натавонистанд дар оилаҳои боён тарбиятгари ашрофзодаҳо шаванд. Тақдири талх Брэнуэллро ба комаш кашид. Вай, ки табиатан рассом ва нависандаи соҳибистеъдод буд, баъди изҳори муҳаббат ба хонум Робинсон аз хонаи ӯ ронда шуд. Аз ин баъд аламашро аз шароб мегирифт ва ба дарди майхорагӣ афтод ва аз ин маризӣ аз ақл бегона гашт.

Умуман дар зиндагии шахсӣ ҳамаи узви оилаи Бронте заҳри нокомӣ чашид. Коми Эмилӣ боре ҳам аз шаҳди муҳаббат ширин нашуд. Ҳатто падид омадани рӯҳонии ҷавон Уилям Уейтмен ба тори ҳиссияти Эмилӣ нохун назад. Аммо Энн ва Шарлотта тайёр буданд, ки ишқи Уилямро бипазиранд. Вале ӯ номзад доштааст ва аз хоҳарон якеро ҳам интихоб накард. Ишқи Энн аввалин ва охирин буд. Тақдири рӯҳонии ҷавон низ тира будааст. Вай баъди ду соли шиносоӣ бо хоҳарон фавтид.

Баҳори соли 1841 Шарлотта гӯё роҳи наҷотро аз фақру бенавоӣ ёфт. Ӯ гуфт, ки чаро хоҳарон Бронтеҳо мактаби хусусӣ накушоянд? Холаашон пас аз каме дудилагӣ розӣ шуд, ки барои оғози кор маблағ диҳад. Шарлотта ва Эмилӣ барои гирифтани таҷриба озими Белгия шуданд. Дар пансиони Эгерҳо Эмилӣ бо шавқ мехонд. Шарлотта бошад ба ҷаноби Эгер дил бохт. Хонуми Эгер, ки соҳиби панҷ фарзанд буду ҳар рӯз аз шогирдон имтиҳон мегирифт, аз ишқи оламсӯзи Шарлотта нисбат ба шавҳараш воқиф гардид. Аммо чизе нагуфт, ба ақл, ба тадбири ҳамсараш бовар дошт. Пас аз вафоти холаашон Эмилӣ ва Шарлотта ба зодгоҳ баргаштанд. Ҷудоӣ, фироқ, дурӣ аз канори маҳбуби дил Шарлоттаро ба фиғон меовард. Вале ӯ аз сӯзи ишқ хокистар нашуд,

балки аланга гирифт. Менавишт ва ҳам чакидаи хоҳаронашро мехонд. Тирамоҳи соли 1845 вай ба хоҳаронаш гуфт, ки биёед шеърҳоямонро ба чоп месупорем, вале бо номҳои мустаори мардона. Зеро, ба қавли шоир Саутӣ, «Адабиёт кори занон» набуд.

Моҳи майи соли 1846 маҷмӯаи шеърҳои хоҳарон Шарлотта, Эмилӣ ва Энни зери унвони «Шеърҳои Керрер. Эллис ва Эктон Бэллҳо» аз чоп баромад. Эҷодиёти «бародарон» гарм пазируфта шуд, ҳатто тақризҳо ба табъ расиданд.

Комёбӣ болу пар бахшид. Шарлотта насри «бародарон Белл»-ро ба чоп омода гардонд. Худи ӯ романи «Омӯзгор»-ро навишт, ки таърихи ишқи нокомашро дар бар мегирифт. Эмилӣ «Ағбаи раъду барқ», Энн «Агнес Грей»-ро ба маҷмӯа дохил карданд.Ноширон «Омӯзгор»-ро рад намуда, чопи «Ағбаи раъду барқ» ва «Агнес Грей»-ро пазируфтанд. Ба ҳукми мунаққидон то «бародарон Белл»-ҳо ягон нависанда ба тасвири ҳақиқии ҳаёти одам, инсони заҳматпеша, ҷанговари одӣ, ошиқи аламзада, маъшуқаи аз сӯзи сина «оҳ аз дили пурдард кашида» муваффақ нагашта буд. Романи Эмилӣ «Ағбаи раъду барқ»-ро классики адабиёти англис С. Моэм дар оғози асри XX ба қатори даҳ асари беҳтарини адабиёти ҷаҳон дохил кард.

Шарлотта аз комёбии хоҳаронаш илҳом гирифта, дар як муддати кӯтоҳ романи «Ҷейн Эйр»-ро ба дунё овард, ки 16 октябри соли 1847 чоп шуд. Ин асаре буд, ки дар байни нависандагон, мунаққидон ва хонандагон инқилобе ба вуҷуд овард. Аз байн зиёда аз 150 сол гузаштааст, вале ҳоло ҳам «Ҷейн Эйр» дили ошиқонро ба тапиш меорад.

Баъди чунин шӯҳрат ёфтани «бародарон» овоза шуд, ки гӯё чопи минбаъдаи се роман ва асарҳои алҳол нашрнашудаи Беллҳо дар Амрико сурат мегирифтааст. Ношир Ҷорҷ Смит аз ин ба ташвиш афтода бо муаллифон вохӯрд. Ҳамин тавр сирри хоҳарон фош шуд.

Моҳи сентябри соли 1848 Брэнуэлл аз ҷунуни хамр мурд. Субҳи 18 декабри соли 1848 Эмилӣ ҳашт сатр шеър навишт

ва қалам ба даст аз дунё рафт. Энн баъди якуним соли ин воқиа ҷаҳонро падруд гуфт.

Шарлотта романи «Шарлӣ»-ро, ки пеш аз марги бародараш оғоз намуда буд, ба охир расонд. Баъд романи «Виллет» -ро ба чоп супурд. Панҷ моҳ пеш аз фавташ Шарлотта ба шавҳар баромад. Акнун ба ҳаёти оилавӣ одат карда буд, ки бемор шуд ва дигар аз бистар барнахест. Шарлотта баъди вафоти Энн шаш сол зист, пас аз гузашти шаш сол аз марги духтари охиринаш Патрик Бронте ҳам аз олам чашм пӯшид. Муҷиби тавба аст, ки аз шаш фарзанди Бронте ворисе ба дунё наомад. Вале ба шарофати асарҳои хоҳарон аз хона –музейи Бронтеҳо қадами одамон канда нест ва асрори маҳали Хауорте то ба имрӯз ақлҳоро ба худ мекашад.

# Елена Петровна Блаватская

# (Солҳои зиндагиаш 1831-1891)



Адибаи рус, аҳли ваҳдония (теософ). Дар сарзамини Тибет ва Ҳиндустон ҳангоми сайру саёҳат фалсафаи буддизмро омӯхтааст. Дар зери таъсири фалсафаи ҳинд соли 1875 дар Нию Йорк Ҷамъияти ваҳдонияро бунёд гузоштааст.

Фалсафа, кори сангини беихтиёронаи зеҳнӣ, яке аз пӯшидатарин соҳаи фаъолият барои занон аст. Шояд дар зиндагии

муқаррарӣ бонувон нисбат ба мардҳо донотар бошанд, вале дар арши аълои донишҳои мавҳум (ғайриҳаётӣ, ғайривоқеӣ) онҳо базӯр бол мезананд, он ҳам дар сатҳи барномаи мактабӣ. Воқеан, ягона зане, ки дар ҷаҳон нотарсона ба қаъри баҳри пуртуғёни фалсафа ғӯтавар гашта, гавҳари мақсуд ба даст овард, Блаватская буд. Бале, ҳамин тур аст ва аммо он чизеро, ки Блаватская пайдо намудааст, пурра тадқиқоти фалсафӣ номидан душвор аст. Ин, пеш аз ҳама, илми симиё (оккултизм)-и бо дин омехтаю алоқаманд мебошад. Ба ҳамдиёрон танҳо ифтихор мемонад, ки аз як духтараки одии рус чунин шахсияти ҳайратангезона ғайримуқаррарӣ ба воя расидааст. Дар байни ниёгони Елена Петровна бисёр шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ буданд, ки дар Русия , Франсия ва Олмон аз худ нақши носутурдание гузоштаанд. Елена дар хонаи модаркалонаш, зани басо соҳибмаълумот, тарбият гирифт. Бибӣ бо бисёр табиатшиносони маъруф мукотиба дошт, яке аз онҳо ҳатто ба шарафи ӯ садафи ёфтаашро Venus-Fadeeff ном ниҳод. Ҳуҷраи кории сеҳрангези бибӣ тасаввуроти зиндаи Блаватскаяи хурдакакро ба хурӯш меовард. Дари пурасрорро кушода духтарак чизҳои аҷоибу ғароиб, ба монанди хӯсаи дарандаҳою парандаҳо ва гулҳои рангоранги дар деворҳо овезонро медид. Гоҳо болои хӯсаи моржи сиёҳ мебаромад ва дар фазои нимторик ба назараш чунин менамуд, ки ҳайвони обӣ ҷон дораду меҷунбад. Ҷои тааҷҷуб нест, ки ана дар ҳамин макон, чи тавре ки худи Блаватская тасдиқ кардааст, бори нахуст устодаш – ҳиндуи саллаи сафедпӯш танҳо дар наздаш зоҳир гаштааст.

Модараш ба адабиёт шуғл меварзид, ин касб барои бонувони миёнаҳои асри нуздаҳ маъмул набуд. Барои хонандагон бо тахаллуси Елизавета Р – ва асарҳо менавишт. Мунаққидон ва адабиётшиносон ӯро Жорж Санди рус меномиданд. Вақте ки Лена ёздаҳсола шуд, модари бисту ҳаштсолааш оламро падруд гуфт. Аз ҳамон вақт духтаракро «садо»-ҳо таъқиб мекарданд ва бо вай ҳар гуна воқеаҳои аҷоибу ғароиб рӯй медоданд.

Боре, вақте ки ӯ аз болои асп афтод, бармало дастони касеро ҳис намуд, ки ҷисмашро дар ҳаво дошта, оҳиста ба замин гузошт, то ки зарби сахт нахӯрад.

Дар ҳаждаҳсолагӣ Лена ба ҷаноби Блаватский, шахси калонсоли қиёфааш бенур, ба шавҳар баромад. Мегӯянд, ки гӯё худи духтарак ба вай хостгор шудааст. Се моҳи баъди тӯй бо хархаша гузашт, зеро мард аз завҷааш иҷрои вазифаи маҳрамонаро мехосту зан бо тамоми қувва зиддият нишон медод. Бо мақсади халосӣ аз оғӯши шавҳар Блаватская ба Константинопол, Миср, сипас ба Афина рафт. Қисми зиёди кишварҳои Осиёи Сағир ва Африқои Шимолиро саёҳат намуд, забонҳои зиёдеро омӯхт, бо бодиянишинҳо ва ҷодугарони африқоӣ ҳамсӯҳбат шуд.

Соли 1851 бо Маҳатма Мориа, пешвои мактаби фалсафаи махфии бародарони сафедпӯш, ки маконаш дайрҳои Тибет буд, вохӯрд. Пас аз бозгашт ба зодгоҳ Елена Петровна ба навиштани моҳияти таълимоти фалсафии худ пардохт. Блаватская чунин мепиндошт, ки инсоният баъди расидан ба қуллаи тамаддуни ҳозира, Ҳикмат, Донишмандии давраи наврасиашро гум мекунад, одамӣ, баъди он ки Парвардигор ба ӯ имконияти озодона амал намуданро медиҳад, ятим монда, чи кор карданашро намедонад. Албатта, ба ҳама маълум аст, ки инсон пас аз қадам гузоштан ба ҳаёти мустақилона ба мушовирон эҳтиёҷ дошт ва ҳоло ҳам дорад. Ана барои ҳамин вақт ба вақт Офаридгор ба дунёи мо бо мақсади ба одамон маърифат омӯзондан тарғибгарони худро мефиристад. Блаватская мепиндошт, ки ӯ яке аз мубаллиғон аст. Ва вазифааш ба мардум фаҳмонидани имкониятҳои онҳост. Елена Петровна борҳо таъкид намудааст, ки кадом як қувваи доною тавоно қаламашро рӯи варақҳо ҳаракат медиҳад ва ҳаёту мамоташ, тарзи зиндагиаш берун аз иродати ӯст. Вақте ки бемор мешуд, зуд сиҳат меёфт, гӯё маризӣ аз вай безор бошад, дар ҷисмаш зиёд намеистод. Боре сахт касал шуд. Табибон баъди муоина гуфтанд, ки дардаш илоҷнопазир аст. Шаб ба ҷон кандан даромад ва то субҳ хиррос мезад. Ҳамин ки

нурҳои офтоб ба ҷило омаданд, ӯ гӯё чизе нашуда бошад, сабук аз бистар бархост. Ба саволи табибон гуфт, ки устодам ҳамин ҷо буд. Вай ду роҳро ба ман пешниҳод кард. Яке мурдан ва озод гаштан аз азобҳои зиндагӣ, дуюмӣ зистан ва ба охир расонидани «Таълимоти махфӣ». Ӯ таъкид намуд, ки дар пеш душвориҳо зиёданд, аммо ба хотири ояндаи одамон, ки ташнаи таълимоти мананд, азобу машаққатро пазируфтам. Ҳайрати табибон тасаввурнопазир буд.

Соли 1875 Блавасткая бо пайравонаш ҷамъияти ваҳдонияро бунёд гузошт, ки мақсадаш барҳам додани муноқишаҳои тамаддуни муосир, яъне илм ва дин, фаҳмиши материалистӣ ва рӯҳонии одамон буд. Ба Блаватская асарҳои зиёди фалсафиро нисбат медиҳанд. Аммо ӯ онҳоро рад кардааст. Олкотт ном пайраваш гуфтааст, ки Елена Петровна бо чор намуди ҳусни хат асарҳо менавишт. Баъзе шогирдон ва ҳамақидаҳояш дар рӯзномаҳо ӯро танқид карда, фиребгар ва қаллоб мехонданд. Яъне нисбат ба шахсият ва таълимоти Блаватская шӯру ғавғо зиёд буд.

Дар рафти яке аз чунин муноқишаҳо Елена бо нависандаи рус Всеволод Соловёв, бародари файласуф Сергей Соловёв, вомехӯрад. Бону бо ин ҷавонмард нисбатан ошкоро ҳарф мезад, зеро мехост ӯро ба ҷамъияташ ҷалб созад. «Барои он ки одамонро мутеъ созӣ, онҳоро фиреб додан лозим, - мегуфт. – Ман ким-кайҳо рӯҳияи одамонро кашф кардам ва аблаҳии онҳо гоҳо бароям лаззати беинтиҳо мебахшад. То ҳадде, ки таълимот одӣ, аблаҳона ва дағал аст, ҳамон андоза одамонро бештар мафтун месозад. Агар шумо имкони дидан медоштед, ки чи хел бо як ҳуштак кашиданам, мардони шердилу уқобчангол ба харони гӯшлақа табдил ёфта, зери оҳанги навохтаи ман ба рақс медароянд, ба сеҳри сухан қоил мегаштед».

Соловёв Блаватскаяро «тасхиргари руҳ» номида, сахт танқид кард. Дар натиҷа филиали ҷамъияти ваҳдония дар Париж аз фаъолият бозмонд.

Ба ҳар ҳол Блавасткая маҳорати фавқулоддае дошт дар самти ба худ кашидани одамон. Пас аз як сӯҳбат бисёриҳо ба домаш меафтоданд. Сергей Витте навиштааст: «Дар ниҳоди ӯ оташи иблисона ниҳон буд. Чашмони калон-калони осмонӣ дошт, ки ман дигар чунин чашмро дар касе надидаам. Ва ҳангоме ки дурӯғ мегуфт, аз чашмони бадхашмаш барқ мечаҳид. Аз ин рӯ ба ҳайрат намеафтам, ки чаро ӯ ба одамон таъсири муассир мерасонад».

Мутахассисони ҷамъияти рӯҳшиносии Лондон, ки ба тадқиқи рӯҳи инсон машғуланд, Елена Петровнаро «яке аз фиребгарони ба авҷи камолот расида, ҳушёру зирак ва ҳавасангез» номидаанд. Бинобар он ӯро метавон «Калиостро дар либоси занона» гӯем. Ба ҳар ҳол бисёриҳо Блаватскаяро донишманд, мутафаккир меҳисобанд, ки ба одами хокӣ роҳи ҳақиқатро нишон додааст.

Вақте ки Елена Петровна вафот кард, ҷамъияти ваҳдонияи ӯ 60 ҳазор нафар аъзо дошт. Блавасткая барои идеяи бутпарастӣ, кришнаҳо ва йогҳо ба Ғарб роҳ кушод. Идеяи ваҳдонӣ ба эҷодиёти Г. Малер, Я Сибелиус, А. Скрябин, В. Кандинский, П. Гоген таъсир расонд. «Амрикоиҳо бояд аз хонум Блаватская танҳо барои он миннатдор бошанд, ки вай ба онҳо донишу ҳикмат ва фалсафаи Шарқро овард, - навишта буд соли 1970 Курт Воннегут. – Агар ӯ фалсафаи Шарқро нодуруст фаҳмида ё онро ба таври худ шарҳ дода бошад ҳам, аз ин ба касе нисбат ба дигар таълимотҳо бештар зарар нарасидааст».

Таълимоти Блавасткая ба ҳаракати миллӣ-озодихоҳии Ҳинд таъсири мусбат дошт. Маҳатма Гандӣ гуфтааст, ки «Агар дастам ба як гӯшаи домони хонум Блаватская мерасид, худро хушбахт меҳисобидам».



# Юлия Петровна Вревская

## (Солҳои зиндагиаш 1841-1878)

Хоҳари шафқат. Қаҳрамони миллии Булғория.

Шояд ба сабабҳои рафтори вай танҳо баъди омӯхтани замони зиндагиаш, ки тамоми рагу пайванди ӯ аз хамиртуруши ҳамон давр пухта шуда буд, пурра ҷавоб ёбем. Мегӯянд, ки шахсиятҳои барҷастаи замон ҳамаи мушкилиҳо, камбудиҳо ва хислатҳои беҳтаринро нисбат ба одамони одӣ дар худ бештар таҷассум менамоянд. Барои ҷавонони солҳои 60-уми асри XIX зиндагии заминӣ нисбат ба ҳаёти пурдабдабаи романтикии бобоёнашон афзалият дошт. Ишқ барои онҳо мақсади ягонаи ҳаёт набуд. Ҷавонон бештар ба илмҳои дақиқ рӯ меоварданд. Инсондӯстӣ табақаҳои болоии ҷомеаро фаро мегирифт, одамон бовар кардан мехостанд, ки бо ёрии мошинҳои буғӣ ва баробарии умумӣ дар рӯи замин биҳишт сохтан метавон. Ва, агар баъзе файласуфон (ба монанди В. Илин) тасдиқ намоянд, ки инқилоб дар Русия аз солҳои 60 –уми асри XIX реша давондааст, пас қаҳрамони моро метавон дар сафи онҳое, ки «оташи инқилоб»-ро ихтиёрӣ ё ғайриихтиёр дар хонаи худашон афрӯхтанд, ном бурд.

Юлия Вревская дар ҷомеа тамоман хилофи занони табақаи худ маъво гирифтааст. «Кӣ гунаҳгор?» -ин саволи абадзиндаи сарзамини рус ба тақдири ӯ низ пайвандӣ дорад, аммо то ҳанӯз посух ёфтан ба он амри муҳол аст.

Юлия дар соле чашм ба дунёи рӯшан кушод, ки Лермонтов кушта шуд. Ва аҷибаш ҳамин ки зодгоҳаш аз ҷои куштор он қадар дур набуд. Боз омада –омада ба Ипполит Александрович Вревский ба шавҳар баромад, ки ӯ, генерали ҷангдида, фармондеҳи қӯшунҳои ҷабҳаи Лезгини Қафқоз, дар мактаби гордии прапоршикҳо ва юнкерҳои савора бо Лермонтов ҳамсабақ буд. Шояд рӯҳи шӯришгароёнаи шоири маъруф ба тифли маъсум, духти генерал Пётр Варпаховский интиқол ёфта бошад? Вале баъзе ровиёни ахбор ба ин ақидаанд, ки қаҳрамони мо гӯё дар губернияи Смоленск соли 1837 таваллуд шудаасту дар даҳсолагӣ бо падараш ба Қафқоз омадааст. Ба ҳар ҳол дар кӯҳистон ба воя расид ва ҳам тарбияи хосаи ашрофона гирифт. Дар шонздаҳсолагиаш бо генерали аз худаш сӣ сол калон бо хоҳиши волидайн издивоҷ кард. Мутаассифона, пас аз як соли тӯй бева монд. Генерал Вревский ҳангоми ҳуҷум ба авули Китурӣ сахт захм бардошт ва дигар ба худ наомад. Баъд маълум гашт, ки генерали марҳум аз черкесзанҳо фарзандҳо доштааст. Юлия ба фоидаи онҳо аз мероси шавҳараш пурра даст кашид ва ба Петербург рафт. Хонадони шоҳ ӯро бо меҳру шафқат пазируфт. Вай бо хоксорӣ, фурӯтанӣ ва софдилию зебоии табиии ботиниву зоҳириаш ба ҳама хуш омад. «Ман дар тӯли умрам бо чунин зани мафтунсозанда вонахӯрда будам, -мегуфт дар ҳақи ӯ нависанда В. Соллогуб. –На танҳо бо зебоии зоҳирӣ, балки бо малоҳат, табиати латиф, некӯӣ ва меҳрубонии беинтиҳояш қалбҳоро тасхир кард». Шоир Я. Полонский, рассоми мониқалам И. Айвазовский низ мафтуни сӯҳбати ӯ буданд. Дар Париж бошад, донандаи рӯҳи занҳо Виктор Гюго ба ин бонуи рус бетафовут намонд.

Вале ягон робита ба мисли муносибати Вревская бо адиби оламшумул И. Тургенев наздик набуд. Онҳо соли 1873 бо ҳам шинос гаштанд. Тобистони соли ояндааш бошад, Юлия панҷ шабонарӯзро дар мулки Тургенев сипарӣ намуд ва аз гуфтугӯйҳои пурғайбат парвое ҳам накард. Баъди ин дӯстии онҳо ба

дарачае расид, ки Вревская ҳатто ба Тургеневи маъруф нисбат ба муносибаташ бо ҳамкасбон маслиҳат медод. Масалан, дар як мактубаш Юлия Петровна аз Иван Сергеевич хоҳиш мекард, ки бо Николай Алексеевич Некрасови ба дами марг расида оштӣ шавад.

Тургенев низ ба Вревская 48 мактуб навиштааст. Робитаи онҳо то ба кадом нуқтаи ниҳоӣ расид, имрӯз пӯшидааст. Аммо ба Иван Сергеевич ин бону хеле писанд буд. Бесабаб нест, ки ӯ аз сафари Юлия ба майдони ҷанг сахт хавотир мекашид.

Қалби Вревская аз бефоида, бемақсад, муфт гузаштани умри гаронбаҳо сахт фишор мехӯрд. Вай аз берангии рӯзҳо азоби алим мекашид. Мақсад аз зистан чист, меандешид ӯ. Ва худи ҳаёт роҳи ҳалли муамморо барояш нишон дод.

Соли 1876 дар Балкан оташи шӯриши халқҳои славян бар зидди ҳукмронии туркҳо аланга зад. Ҷанг басо хунин ва бераҳмона буд. Дар якчанд рӯз туркҳо 15 ҳазор шӯришгарро ба қатл расонданд ва 79 деҳаро ба коми оташ андохтанд. Пас аз як соли ин воқеа ҷанги русу турк оғоз гашт. Юлия Петровна курси кӯтоҳмуддати хоҳарони шафқатро хатм намуда, аз ҳисоби маблағи шахсиаш дастаи хоҳарони шафқатро ташкил намуда, ба ҷабҳа рафт. Мардони асри XIX мегуфтанд, ки майдони ҷанг ҷои зан нест. Вале дар ҷанги Қрим, солҳои 1853-1856, артиши рус бори нахуст аз нерӯи хоҳарони шафқат истифода бурда буд. Пас аз бист сол ҳам пайдо шудани зан дар муҳорибаҳои хунин ва ҷойҳои захмбандию ҷарроҳӣ мардонро ба ҳайрат мегузошт.

Моҳи июни соли 1877 баронесса Вревская дар беморхонаи ҳарбии рақами 45-и Ясса бо гурӯҳаш ба кор шурӯъ намуд. Баъди ду рӯз як қатора маҷрӯҳонро овард. Онҳоро фуровардан, оббозӣ дорондан, захмҳояшонро шуста бастан, ғизо додан ва барояшон китоб хондан вазифаи хоҳарони шафқат буд. Оре, кори тоқатшикан.

Корнамоии ӯ худфарсоӣ буд. Вай дигар ба тарзи зиндагии гузашта баргаштан намехост. Акнун барояш маънии ҳаёт ош-

кор гашт: зистан баҳри дигарон, барои озодии башар, тантанаи адолат ва сулҳу салоҳ.

Ҳангоми иди мавлуди Исо рухсатӣ медиҳанд. Аммо ӯ ба истироҳат нарафт. Зеро намедонист бо одамони аз ҳақиқати ҳаёт бехабар чӣ тавр минбаъд дар гуфтугӯ мешавад. Ҳамон вақт дар рӯзномаи шахсиаш чунин сатрҳо сабт ёфтанд: «Шоҳбону, императори Русия, маро ба Петербург даъват намуд. Княз Черкасский суханони ӯро ба ман расонд. «Ҷои Юлия Петровна дар дарбор холист. Вақташ омад, ки ба пойтахт баргардад. Корнамоӣ кард ва ба орден пешниҳод шуд». Чӣ хел маро ин гуфтаҳо ба ғазаб меоранд, таҳқирам менамоянд. Онҳо андеша доранд, ки ман ба ин ҷо барои корнамоӣ нишон додан омада бошам. Мо баҳри ёрӣ расондан ин ҷоем, на барои гирифтани орденҳо».

Оре, дарбор рафтори ӯро нодуруст шарҳ дод. Вай роҳи наҷот меҷуст, наҷот аз зиндагии бемаънӣ, аз сафсатагӯиҳо ва нигоҳҳои фаҳши пурхумор. Вайро сарнавишт маҳкуми ҳамин сарзамин карда буд. Ва Юлия дар ин макон ба хоби ҷовидона рафт.

Вақте ки аз бемории домана ба дунёи боқӣ реҳлат намуд, маҷрӯҳон барояш қабр кофтанд ва баъдҳо шӯравиҳо соли 1977 аз саргузашташ филм ҳам бардоштанд. Аммо асрори вуҷуди ӯ, аз одамон пинҳон монд. И. Тургенев навишта буд: «Чӣ гуна хазинаи пургуҳарро ӯ дар ботини хеш, дар умқи вуҷуд ниҳон нигоҳ медошт, ҳеҷ кас намедонист, ҳамакнун, албатта, нахоҳад донист».



# Ҷорҷ Элиот

## (Солҳои зиндагиаш 1819-1880)

Ному насаби ҳақиқиаш Мэри Анн Эванс. Адибаи англис. Аз фалсафаи позитивизм (равияи идеалистии фалсафа, ки донишро маҳсули илмҳои махсус шумурда, фалсафаро ҳамчун илм инкор мекунад) ғояи таҳаввулоти тадриҷии ҷомеа ва таркиби мутаносиби синфҳоро дар асарҳояш рушд додааст. Муаллифи романҳои «Осиёбе дар Флоссе» (1860), «Сайлес Марнер» (1861), «Миддлмарч» (1871-1872) ва ғайра.

Зери ин тахаллус зане ниҳон буд, воқеан ҳам бонуи типи нав, ки бо зоҳиру ботини хеш зани озоди асри XIX-ро таҷассум месозад. Элиот феминизм (баробарии зану мард)-ро дар шакли радикалӣ зоҳир месохт, Жорж Санд (адибаи франсуз, муаллифи «Консуэло») бошад, феминисти орзупараст буд. Ҳангоми бори нахуст мутолиа намудани асарҳои Элиот пеши назар муаллифи бо ришуфаше падид меояд, ки ақидаҳояшро бо дуруштӣ иброз медорад. Баъдтар кас ба хулосае меояд, ки дар воқеъ дандонҳои гургро зери пӯсти харгӯш пинҳон нигоҳ доштан дер намепояд, ба мисли он ки зери фалсафаи инсондӯстона ва муҳокимарониҳои тунду тез ботини занонаро ниҳон доштан ғайриимкон аст. Чи қадаре ки дуруштгӯӣ ва мулоҳизакориро ба ҳам наздик оред, ҳамон андоза одамияти муаллиф намудор мегардад.

Воқеан, инкор кардан нашояд, ки Элиот романнависи аз ҳама бомаърифати асри XIX-и англис, дар ин самти муносибат

низ нисбат ба Диккенс ва Теккер пештоз аст. Манзалати бадеии асарҳои вай боиси баҳсу мунозира буда метавонад, вале ақли аналитикии нерӯманди Элиот аз ҳар гуна шубҳа дар канор мемонад.

Мэрӣ Анн Эванс дар оилаи буржуи миёнаҳоли англис, вале басо обрӯманд, ки дар он анъанаҳои аҷдодӣ қатъӣ риоя мешуданд, ба камол расидааст. Падараш шахси даҳ панҷааш ҳунар буд. Дар мулкҳои шахсии боён саркор буд, тамоми нозукиҳои хоҷагии деҳотро медонист. Мерӣ дӯстдоштаи падар буд. Мистер Эванс барвақт аз ақли гирои мардонаи духтараш воқиф гашт. Вале табиат хасисӣ карда ба Мерӣ симои дилкаш надод.

Бояд гуфт, ки зебоии зоҳирии Элиот то дер суфта шуд. Дар 32-солагиаш ҳанӯз муҷаррад буду ҳамроҳи падар мезист, аз хати кашидаи ӯ берун намерафт. Агар нохост ба калисо рафтан нахоҳад, аз падар гап мешунид. Аз ин рӯ сабабҳои ба комёбӣ ноил гаштани Мэриро дар озодиаш аз банду басти оилавӣ медонанд. Баъди он ки мӯйсафед Эванс аз дунё чашм пӯшид, озодӣ ба духтари аз ҳар ҷиҳат ба балоғат расида шароити эҷод ба миён овард. Вай бо занҳои ба мисли худаш бомаърифату доно шинос гардид. Ба воситаи файласуф Герберт Спенсер ва ношир Чепмен, ки бо онҳо робитаи корӣ дошт, Мэрӣ бо Ҷорҷ Генрӣ Люис шинос шуд. Бо ин дарк сохт, ки вай ҳам ба нафаре писанд меомадааст ва табиат ӯро аз бахти занона куллан маҳрум накардааст.

Мэрӣ зоҳиран хушлико, дилбару фаттон набошад ҳам, лаёқати мардафкание дошт. Ӯ метавонист соатҳо мусоҳибашро бишнавад, аммо на ба мисли маъшуқаҳои яклаҳзагӣ, балки чун зани донову оқила. «Ровии беҳамто набуд, ҳатто дар сӯҳбатҳои умумӣ фаъолона ширкат намеварзид,- навиштааст дар бораи Элиот риёзидони маъруф София Ковалевская.- Вале ӯ ба дараҷаи ниҳоят баланд санъати шунидан ва касро ба сӯҳбати ошкоро кашидан дошт; вай на танҳо мақсади мусоҳибро ҳанӯз пеш аз сухан гуфтанаш дарк мекард, балки ба тарзи фикррониии

ӯ низ таъсир мерасонд. «Ман ҳеҷ гоҳ худро ба ин андоза доно ва боандеша эҳсос намекардам, агар сӯҳбати хоса бо Элиот намедоштам»,- гуфта буд як шиноси умумии мо. Акнун бигӯед, ки кадом мард намехост дар сӯҳбати Ҷорҷ Элиот бошаду худро даҳо напиндорад?» Маълум мешавад, ки нахустин феминистҳо, умуман дар назди хеш мақсади руҳан шикастани мардро надоштаанд. Ба ҳар ҳол ба ақлу заковати Мэрӣ мафтун гаштани Люис дар қалби духтарак ҳисси боварӣ нисбат ба маҳорати нависандагиашро бедор кард ва ӯ саргарми эҷод шуд.

Люис аллакай дар байни адибон ва олимони англис шахси шинохта буд. Мушкилӣ дар муносибати онҳо оиладор будани Люис ба ҳисоб мерафт. Вай се нафар писар ҳам дошт ва ин ба издивоҷи Мэрӣ бо дӯстдораш халал мерасонд. Вале онҳо аз соли 1853 ошкоро бо ҳам мезистанд. Ҳамаи хешовандон аз Мэрӣ рӯй гардонданд, бародари меҳрубонаш Айзек низ. Мардҳои олирутба, ҳарчанд ба маҳорати эҷодии Элиот сари таъзим фуруд меоварданд, намехостанд, ки дар маҳфилҳои адабӣ завҷа ва ҳам духтаронашон бо адибаи мумтоз аз наздик шинос шаванд. Вале дар симои Люис, ки маҳорати эҷодии ӯро кашф намуд, Мэрӣ рафиқи вафодор ёфт.

Люис сӯҳбаторо, ровии беҳамто, одами хушҳол буд, дар як лаҳзаи кӯтоҳ метавонист дар атрофаш гурӯҳи ашхоси ҳамақидаро гирд орад. Вай Мэриро ба навиштани романҳо илҳо намуд ва тахаллусашро Ҷорҷ Элиот номид. Соли 1857 нахустин новеллаи Мэрӣ «Қисмати талхи мӯҳтарам Эймос Бартон» ба чоп расид. Агар дастгирии Люис, тарғиби лаёқати эҷодгарии Мэрӣ аз ҷониби ӯ намебуд, шояд маҳорати нависандагии Ҷорҷ Элиот дар «хоб» мемонд ва шӯҳрати ҷаҳонӣ намеёфт. Яъне, ки феминизм муносибати некхоҳона нисбат ба занони оқила низ будааст.

Романе, ки ба Ҷорҷ Элиот шӯҳрат овард, соли 1859 ба табъ расид ва «Адам Бид» ном дошт. Мунаққидон асари ӯро бо китобҳои Диккенс ва Теккер дар як раф мегузоштанд ва ба мисли

ҳазорҳо нафар хонандагон дар ҷустуҷӯи он буданд, ки зери тахаллуси «Ҷорҷ Элиот» кӣ пинҳон аст. Бояд ба эҳсоси одамшиносии Диккенс қоил шуд. Вай дарк сохт, ки муаллифи романи ҳаёҳуйбардошта зан аст. Ҳатто ношир инро пай набурд, зеро дастнависро аз Люис гирифта буд.

Боре Люис ноширро ба хӯроки пешин даъват кард ва ваъда дод, ки бо «ношиноси бузург» ошно месозад. Ғизохӯрии сенафарон хеле тӯл кашид. Ва баъди он ки меҳмон аз наомадани Элиот афсӯс хӯрд, Люис бо як хандаи осмонкаф завҷаашро ҳамчун Ҷорҷ Элиот шиносонд. Сир фош шуд ва ин сари вақт буд. Зеро аллакай «нависанда»- ҳое падид омаданд, ки худро соҳиби тахаллуси Ҷорҷ Элиот эълон мекарданд. Ба ин муносибат Мэрӣ Анн Эванс дар «Таймс» номае ба чоп расонд ва пардаи асрор аз рӯи тахаллусаш бардошт.

Романи «Осиёбе дар Флоссе» (1860) ба шӯҳрати Элиот шӯҳрати дигар зам кард. Қаҳрамони мо зуд маъруф шуд. Ҳатто гуноҳи издивоҷи ғайриоддиашро низ бахшиданд. Акнун бисёриҳо мехостанд бо ӯ аз наздик вохӯранд. Рӯзҳои шанбе ба хонааш нависандаҳо, файласуфон, журналистон меомаданд.

Гули сари сабади маҳфил чун ҳамешагӣ Люис буду Мэрӣ дар гӯшае бо як нафари интихобнамудааш сӯҳбат мерост.

Вазъияти Элиот дар ҷомеа якранг набуд. Аз як тараф ӯ бо марди зандор мезист, ки хилофи ахлоқи ҳамида аст, аз ҷониби дигар асарҳояш ӯро ҳамчун мураббии сахтгир дар ҳалли масъалаҳои одоб муаррифӣ менамуданд. Ҳатто шоҳбонуи Англия аз набераҳояш мутолиаи асарҳои Элиотро хоҳиш мекард.

Соли 1878 Люис аз олам даргузашт. Ба назар чунин мерасид, ки Мэрӣ аз ин зарбаи ҳаёт дигар ба худ намеояд. Вале ӯ баъди чанд моҳ ба шавҳар баромад. Ва боз ҳам издивоҷи вай боиси шӯру магал гашт. Ин дафъа баргузидаи Элиот шахси муҷаррад, озод, вале сисола Ҷон Уолтер Кросс буд.

Чаро ҷавонмард бо адибаи умрдида ақди никоҳ баст, ба касе аён нест. Вай аз маблағ танқисӣ намекашид. Мэрӣ низ сари

вақт боигариашро ба фарзандони Люис васият карда буд. Аз ин мебарояд, ки Ҷон завҷаашро дӯст медошт ва ба ақлу фаросаташ қоил гашта, талаботи рӯҳиву маънавиашро қонеъ месохт.

Дар аксар асарҳои Элиот марг ба мисли калиди мушкилкушо нақш мебозад. Қаҳрамонҳои асараш мемиранду бо марги худ тарафҳои даргирро бо ҳам ба созиш меоранд. «Бисёр вақт боварӣ ба марг маро ба зиндагӣ дилгарм менамуд»,- мегуфт ӯ ба хонандагонаш. Ва ба мисли қаҳрамонҳои асараш то ба дили шавҳари ҷавонаш задан ва кам гаштани шӯҳраташ дунёро падруд гуфт.



# София Василевна Ковалевская

## (Солҳои зиндагиаш 1850-1891)

Риёзидони рус, нахустин узви вобастаи Академияи илмҳои Петербург аз байни занон, завҷаи В. Ковалевский. Дар соҳаи таҳлили риёзӣ (муодилаҳои дифференсиалӣ ва функсияи аналитикӣ), механика (даврзании ҷисми сахт дар атрофи нуқтаи беҳаракат), кайҳоншиносӣ (ҳалқаи Сатурн) корҳои илмӣ бурдааст. Муаллифи асарҳои мансур.

София Ковалевскаяро шоҳдухтари илм мегуфтанд, аммо ӯ аз ҳама бадбахттарини шоҳдухтарон буд. Вай ба қаҳрамони

афсонаҳо шабоҳате дошт. Гӯё фариштаҳо ҳама чизи зарурии зиндагии бофароғатро барояш тӯҳфа овარданд, аммо "дастовез"-и ҷини бадбине ҳамаи ояндаи некро хати батлон зада, нокомиро ба ҷои аввал бароварда бошад. Пеш аз ҳама "дастовези ҷин" дар зан будани Ковалевская нақш мебозид. Дар бари олими бузурге, ҳарчанд аз ҳад фидоӣ, аз ҳаёти заминӣ дур бошад ҳам, ҳамеша завҷааш меистод ва зиндагии ӯро ба маҷрои ором равона месохт. Агар худи зан олими барҷаста бошад-чӣ? ... Он гоҳ ин бадбахтии комил ва зиндагии танҳои якумра барои бонуст. Хоҳарон Корвин -Круковскаяҳо, Анюта ва София, аз хурдӣ духтараконии ғайриодӣ ба назар мерасиданд. Падари онҳо Василий Василевич низомӣ буд, аз ин рӯ бо тақозои вазифа оилааш аз маҳале ба маконе мекӯчид. Духтарон озод, мустақил, босубот, бебок ва оташин калон мешуданд. Вақте ки волидайн барояшон мураббӣ гирифтанд, аллакай хеле дер шуда буд.

Анна аз падар талаб намуд, ки ӯро барои хондан ба Петербург барад. Он солҳо чунин дархости духтар ба ақл рост намеомад. Вай якравона асарҳои Аристотелро мехарид ва "Таърихи тамаддун"-ро меомӯхт. Боре генералпадар лифофаи ба номи мураббӣ ба хонааш омадаро кушода дид, ки дар дохилаш 300 рубл истодааст. Ба вай аз нома маълум гашт, ки ин ҳаққи қалами ҳикояи дар маҷаллаи "Эпоха" аз ҷониби худи Достоевский чопшудаи Анна будааст. Ҷанҷоли сахт ба вуқӯъ пайваст. Генерали ба ғазаб омада дод мезад: "Ҳоло ту қиссаҳоятро мефурӯшӣ, шояд вақте мерасад, ки худатро ба бозор мебарӣ!"

Сония дар ин хархашаи оилавӣ, албатта, ҷонибдори пинҳонии апааш буд. Вай ҳам аллакай шеърҳо мебофт. Аммо ӯ дар ниҳодаш як кашиши пурзӯреро ба омӯзиши риёзиёт ҳис менамуд, ки ёрои ба он муқовимат кардан надошт. Соатҳои зиёд ба як кунҷи сақфи хона чашм медӯхту аз аломатҳои гуногун ба ҳайрат меафтод. Баъд маълум шуд, ки устоҳо ҳангоми таъмири хона варақҳои китоби математикаи олии Остроградскийро

дар сақфи хона ширеш намудаанд. Аломатҳои сеҳрноки шифти хона ақли гирои Софияи наврасро ба таҳрик оварда, ба сӯи олами пурасрори рақамҳо ва шаклҳои геометрӣ раҳнамун сохтанд. Агар ҳамин варақҳо намебуданд, шояд олам дар симои София Ковалевская олими барҷастаи математикаро аз даст медод.

Вақте ки духтари хурдӣ ба синни 15 расид, модар қасд кард, ки онҳоро барои таҳсил ба Петербург барад. Дар Русияи соли 1860 ҳаракати феминистӣ -баробарҳуқуқии занон бо мардон авҷ мегирифт. Бонувон баҳри гирифтани маълумоти олӣ мекӯшиданд, дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ фаъолона ширкат меварзиданд. Он замон бештари одамони Русия меандешиданд, ки бо қувваи ақлу хирад ва дониш ҳамаи мушкилоти ҷомеаро ҳал намудан мумкин аст.

София ва Анна маҳфили духтаронро созмон доданд. Баъзе бонувон бо ёрии хоҳарон илми тиб меомӯхтанд. Ҳангоми ҷанги Қрим аллакай гурӯҳҳои хоҳарони шафқати Салиби Сурх амал мекарданд. Вале барои омӯхтани ҷисми инсон, аз ҷумла мард, лозим меомад, ки бонувон ба хориҷа ба таҳсил раванд. Вале он вақт ба бонувон танҳо бо волидайн ё ҳамроҳи шавҳар иҷозати хориҷа рафтан дода мешуд.

Дар ин муддат София баъди шунидани лексияҳои табиатшиносони шинохта Сеченов ва Мечников дарк сохт, ки ӯ барои омӯхтан ва минбаъд пеш бурдани илми риёзӣ офарида шудааст. Вай аз олимон сабақ мегирифт ва соатҳо аз рӯи формулаҳои математикӣ сар намебардошт. Барояш ғайр аз риёзиёт дигар ҳама чиз дуюм ва ҳатто сеюмдараҷа менамуд. Шиносҳояш аз заҳматнописандиаш ба ҳайрат меафтоданд.

Боре Анна ӯро барои дидани домодшавандааш даъват намуд. Анна мехост барои ба хориҷа ба таҳсил рафтан бо Владимир Ковалевский никоҳи қалбакӣ бандад. Аммо “домодшаванда” Сонияро дидан замон гуфт, ки танҳо бо ӯ издивоҷ хоҳад кард. Бигузор қалбакӣ бошад ҳам. Вай бо як назар афкандан

ба София дил бохта буд, вале духтарак инро пай набурд. Дар майнаи ӯ, қалби ӯ, вуҷуди ӯ ҳамоно муодилаҳо чарх мезаданд ва ҳалли онҳо барояш аз ишқи тасодуфӣ зарууртар буд.

Никоҳи қалбакӣ барои хоҳарон аҳамият надошт. Онҳо мехостанд ҳарчи зудтар яке ба шавҳар барояду ба ҳаёти озодона ноил гардад ва дигариро бо худ ба хориҷа барад. Пас аз никоҳ онҳо, се нафар, Анна София ва Ковалевский озими хориҷа шуданд.

Софияро донишгоҳи Гейделберг ба оғӯш гирифт, аммо шароит ба мисли Русия одӣ набуд. Немисҳо ҳанӯз одат накарда буданд, ки дар омӯзиши илми математика зан ҳузур дошта бошад. Онҳо дар тааҷҷуб монда буданд, ки чӣ тавр ҷинси латиф баҳри омӯзиши риёзиёту физика ин қадар заҳмат мекашад.

Ба назараш чунин мерасид, ки София дар ҳаждаҳсолагиаш аллакай ба қуллаи мурод расидааст. Аммо ноомадии кор, ки ӯро аз хурдӣ дунболагир буд, боз ба пешравиаш сад гузошт. Владимир Онуфриевич бесабаб бо София ақди никоҳ набаста буд. Вай аз ин издивоҷ умеди зиёде дошт. Меандешид, ки шавқи завҷааш ба илми риёзӣ оҳиста-оҳиста аз байн мераваду меҳри шавҳар ба дилаш ҷой мегардад ва ба ҳамин минвол зиндагиашон маҷрои муайян мегирад. Вале ин тавр нашуд. София бо тамоми ҳастӣ ба илм фурӯ рафт. Барои ӯ ишқ бегона буд. Гоҳо меандешид, ки чаро шавҳараш бо вай меҳрубон нест, барои чӣ дар оилаи онҳо кӯдак таваллуд намеёбад, чаро мард аввалин шуда аз муҳаббат ҳарф намезанад. Мутаассифона, Владимир Ковалевский ҳам дар тиҷорат, ҳам дар илм ва ҳам дар ҳаёти оилавӣ хеле камҷуръат буду нони даҳонашро хоида наметавонист. Вай дар паҳлӯи завҷааш, ки зани донишманд, боирода, қатъӣ буд, хеле ҳақир менамуд. Ҳатто ба бӯсидани завҷааш ҷуръат намекард, ҳамхоб шудан он тараф истад.

Анна дар Париж ба дӯстдоштааш ба шавҳар баромад. София ғам мехӯрд ва ашк мерехт, ки чаро Парвардигор ба ӯ ишқ ато накард. Вай қасдашро аз илм мегирифт. Ба Берлин омад,

ба назди риёзидони барҷастаи замон Вейерштрассе. Олими танҳоюю ба дунёи ботинии худ фурӯрафта, бо одамон хеле кам вомехӯрд, ба сӯҳбати ӯ муяссар шудан қариб номумкин буд. Вале София Ковалевскаяро низ касе аз роҳаш боздошта наметавонист. Вай тавре сухан меронд, ки шунаванда об мешуд. Вейерштрассе ӯро ба ҳузур пазируфт, аммо зиёд нигоҳ надошт. Барои он ки дигар дарди сараш надиҳад, як баста масъалаҳои риёзиро ба дасти София гузошт. Профессор меандешид, ки бо ин роҳ аз занак халос мехӯрад. Аммо ҳайрати олим тасаввурнопазир буд, вақте ки баъди як ҳафта Ковалевская ҳамаи масъалаҳои дандоншиканро ҳал карда ва шарҳҳо навишта овард. Математики пир баъди ин ҳодиса аз нав рӯҳ гирифт ва ба ҳаёти илмӣ баргашт. София Василевна дар Берлин се кори илмиро анҷом дод. Профессори донишгоҳи Стокголм интихоб шуд. То ӯ ягон бону ба ин унвон сазовор нагашта буд. Ва дар ҳаёти оилавиаш низ тағйирот ба амал омад. Ковалевская духтарчае ба дунё овард. Аммо зиндагии оилавӣ барояш мушкил буд. Яке аз дугонаҳояш навиштааст, ки София ҳатто пироҳан харида наметавонист, намедонист, ки чӣ хел ҳақи фойтунчиро диҳад. Дар Стокголм, ки қариб 15 сол зиста буд, вай танҳо як роҳро медонист: хона -донишгоҳ. Яъне ӯ аз ҳаёти муқаррарӣ фарсаххо дур буд. Шавҳараш низ ҳатӯлкор баромад ва барои нокомиҳояш занашро гунаҳгор медонист. 15 апрели соли 1883 Владимир Онуфриевич хлороформро зиёд бӯй кашиду аз дунё даргузашт. Фоҷиа ба рӯҳияи София зарбаи беамон зад. Вай аз хобу хӯр монд. Барои он ки аз дарди талафоти шахси наздик наҷот ёбад, ба ҳалли масъалаи даврзании ҷисми сахт даст зад. То Ковалевская ба ҳалли ин масъала ду математики барҷаста, академикҳо Эйлер ва Лагранж кӯшида буданд. Вале он ҳал нашуд. Академияи илмҳои Франсия чанд даҳсола пештар барои ҳалли муаммо ҷоиза муқаррар карда буд.

Вақте ки София Ковалевская нисфи масъаларо ҳал намуд, ишқи нахустин ба қалбаш меҳмон омад. Аҷиб, ки насаби вай

ҳам Ковалевский буд, Максим Ковалевский, марди нерӯманд, хушсӯҳбат, олими фанҳои гуманитарӣ.

София Василевна, зани баркамоли боэҳтирос, хеле хушрӯй шуд, қиёфааш тамоман тағйир ёфт, сару либоси сиёҳи мотамиро, ки намезебид, бо пироҳани осмонӣ иваз намуд. Акнун қисми зиёди вақташро ба дилдораш мебахшид. Ҳалли муаммои риёзӣ дар вартаи фаромӯшӣ меистод. Ковалевская рӯбарӯи дуроҳа монд: ҳаёти шахсӣ ё илм? Вай илмро ихтиёр намуд. Зеро София Василевна кайҳо ба ғуломи ҳалқабаргӯши илми риёзӣ табдил ёфта буд.

Соли 1888 дар Париж ба Ковалевская дар ҷамъомади бошукӯҳ ҷоизаро супурданд. Вай ба суханони олимон гӯш меандохту худро танҳо, бадбахт ва афтодарӯҳ эҳсос мекард. Шаби ба 31 декабри соли 1890, дар арафаи соли 1891, дар Генуя бо Максим вохӯрд. Ҳангоми сайругашт дар байни сағонаҳои қабристони ором гуфт: "Якеи мо соли меомадаро ба охир намерасонад". Пас аз як моҳ София Василевна дар Стокголм фавтид.

Ковалевская ба ҷаҳониён собит сохт, ки зан ба иҷрои корҳои бузурге қодир аст. Воқеан, ба ивази бахташ.

# Индира Гандӣ

# (Солҳои зиндагиаш 1917-1984)

Сарвазири Ҳиндустон дар солҳои 1966 -1977 ва аз соли 1980, вазири корҳои хориҷӣ дар соли 1984. Духти Ҷавоҳирлаъл Нерӯ. Иштирокдори ҳаракати миллию озодихоҳӣ. Яке аз пешвоёни ҳизби Конгресси миллии Ҳиндустон ва баъди ихтилоф дар ҳизб аз соли 1978 раиси ҳизби ҷонибдорони Маҳатма Гандӣ. Бо дасти террорист кушта шудааст. Оташи маросими дафн, ки мувофиқи анъанаҳои бостонии ҳиндуён афрӯхта буданд, то охир



сӯхт ва хокистари ҳиндузани бузург дар Ҳимолой, шоҳигарии мурдаи барфҳо пош дода шуд. Ҳукумат дар кишвар ба насли сеюми оилаи Нерӯ, писари Индира Роҷив Гандӣ гузашт.

Агар арбоби сиёсӣ аз хамир сохта мешуд, яъне аз овони тифлӣ шахсро барои ҳукумат рондан омода месохтанд, ба ин гуфтаҳо духтари адвокати машҳури Ҳиндустон Ҷавоҳирлаъл Нерӯ мисоли барҷаста буда метавонист. Ҷавонмард ҳанӯз то ба дунё омадани духтараш ба муборизаи зидди англисҳо, баҳри озодии Ҳиндустон камар баст. Ҳаёти ӯ ва тамоми наздикону пайвандонаш ба фаъолияти сиёсати вай тавъам буданд. Завҷааш Камола ёвари содиқ буд.

Мувофиқи анъанаи ҳиндуён зан тифлро дар хонаи модар ба дунё меовард. Аммо оилаи Нерӯ бар хилофи одати ниёгон рафтор кард. Духтарча дар "Маъвои хуррамӣ", хонаи боҳашамати бобояш, ки дар ҷои муқаддас бино ёфта буд, чашм ба дунёи ҳастӣ кушод ва ба шарафи ватанаш, Индира "Кишвари маҳтобӣ" номида шуд.

Дар ибтидои асри XX худшиносии халқҳои Ҳинд рӯ ба афзоиш ниҳод, нахустин рӯзномаҳои миллӣ ба нашр мерасиданд, ҳизбҳои озодихоҳии демократӣ созмон меёфтанд. Мотилаъл, падари Ҷавоҳирлаъл, президенти Конгресс, иттиҳодияи нави сиёсӣ, интихоб мегардад. "Маъвои хуррамӣ" ба ситоди муборизаи миллӣ табдил меёбад. Индираи хурдакак курсиҳоро дошта роҳ мерафту ибораҳои "инглисҳои мустамликадор", "санадҳои эътироз"-ро мешунид. Дар дусолагӣ бо "падари миллат", шахси мӯътабар Маҳатма Гандӣ вохӯрда, аз вай дуо гирифт.

Дар ҳаштсолагӣ бо тавсияи пешво дар зодгоҳаш дар байни ҳамсолонаш иттиҳоди рушди бофандагии хонагиро созмон бахшид. Аъзои он дар “Маъвои хуррамӣ” аз риштаҳои дағал даструймол ва кулоҳ- “топӣ”-ҳои гандиӣ мебофтанд. Ҳангоми танаффус Индира дар назди ҳамсолонаш бо эҳсоси баланд нутқ эрод карда, маҳорати нотиқиашро сайқал мебахшид.

Духтари Неру маълумоти хуб гирифт. Падар, новобаста аз серкорӣ ва маҳбусӣ аз вай чизеро дареғ намедошт. Аз зиндон ба Индира қариб 200 нома навиштааст. Онҳо ба мактуб не, ҳама ба эссе шабоҳат доштанд. Муаллиф ба ғайр аз ҳисси ботинӣ, ҳолати рӯҳӣ ақидаҳои фалсафиашро низ ба духтараш ифроз карда буд.

Соли 1934 Индира ба донишгоҳи халқии аз ҷониби адиби маъруфи ҳинд Робиндронат Такур созмонёфта шомил гашт. Барномаи таҳсил дар ин манбаи дониш анъанаҳои аврупоиро бо ҳиндӣ ба ҳам мепайваст. Донишҷӯён забонҳо, таъриху адабиёти дунёро меомӯхтанд ва ҳам аз таъсисдиҳандаи донишгоҳ Робиндронат Такур сабақ мегирифтанд.

Вале маризии модар Индираро аз таҳсил бозмедорад. Беморро ба Швейтсария мебаранд. Соли 1938 модар аз касалии сил мефавтад. Индира танҳо мемонад, зеро падар дар маҳбас буду бобою бибиаш фавтида буданд. Дар ин рӯзҳои пурғаму андӯҳ дар паҳлӯяш Фирӯз Гандӣ (ҳамнасаби Маҳатма Гандӣ) меистод. Вай супоришҳои Ҷавоҳирлаълро низ ба сомон мерасонд. Ҳангоми ноҷӯрии Камола дар Швейтсария Индираро танҳо намегузошт. Модар ишқи Фирӯзро нисбати духтараш пай бурда ба онҳо бахти сафед хоста, дуо дод. Вале падар ба издивоҷи онҳо розӣ намешуд. Зеро Фирӯз Гандӣ ба табақаи форсҳои оташпараст мутааллиқ буду ҳиндуҳо бо онҳо хеш шуданро ба худ муносиб намедиданд.

Индира баъди фавти модар ба донишгоҳи Оксфорд, ки Фирӯз низ он ҷо мехонд, дохил шуд. Пас аз оғози ҷанги дуюми ҷаҳон онҳо ба воситаи Атлантика ва Африқои Ҷанубӣ ба ватан

баргаштанд. Дар Кейптаун Индира бо нутқи сиёсӣ баромад кард.

Дар Ҳиндустон ҷавононро хуб истиқбол нагирифтанд. Ҳар рӯз ба Нерӯ садҳо барқияву нома меомад, то ки ӯ ба издивоҷи духтараш бо оташпараст розӣ нашавад. Маҳамта Гандӣ ба кӯмаки ҷавонон расид. Вай дар якчанд суханрониҳо ва мақолаҳояш ҳамаи одамонро новобаста ба эътиқод, дину миллат ва табақаҳои мухталиф бо ҳам баробар эълон намуд. Гуфтор ва ақидаи пешво корро ба фоидаи ҷавонон анҷом дод. Онҳо бо ҳам издивоҷ карданд. Соли 1944 Роҷив Гандӣ ба дунё омад. Пас аз ду сол писари дуюм чашм ба олами ҳастӣ кушод.

15 августи соли 1947 Ҳиндустон истиқлолият ба даст овард. Ҷавоҳирлаъл ҳукумати нав таъсис дод. Индира котиби шахсии падар шуд ва дар тамоми сафарҳои хориҷӣ ӯро ҳамроҳӣ менамуд. Кишвар дар ҳолати қашшоқӣ буд, садҳо халқиятҳои гуногун, одамони зиёди бесаводу гурусна, ҳинду мусулмонҳои ақидаҳояшон ба ҳам зид ба оташи ихтилофҳо доман мезаданд. Соли аввали истиқлолиятро хунрезиҳои зиёди намояндагони динҳои гуногун ба мотам табдил доданд. Ҳатто ба тарафҳои зид гуруснанишинии "падари халқҳо" Маҳатма Гандӣ сабақ нашуд, даҳолати нерӯҳои ҳарбӣ ва муҷозоти иқтисодӣ низ нафъ наоварданд. Дар чунин шароити муташанниҷ истеъдоди мардумшиносии Индира рӯи об баромад. Вай бе ягон муҳофиз ба назди тӯдаҳои ба ҳам зид меомад, онҳоро ба сулҳу ваҳдат ва ягонагӣ мехонд. Бисёр мили туфангҳо пас аз нутқи инсондӯстонаи ӯ поён мехамиданд, корду шамшерҳои дар болои сарҳо алвонҷхӯранда дар ғилофҳо ҷой мешуданд.

Муборизаҳои сиёсӣ тунду тез ҷараён мегирифтанд. Индира ба ҳаёти оилавӣ дигар вақт намеёфт. Сентябри соли 1960 дар ҷануби кишвар корпартоёнро бо маъмурияти минтақа оштӣ доронда, ба Деҳлӣ баргаштанӣ буд, ки хабари маризии сахти шавҳараш расид. Тамоми шаб дар назди Фирӯз буд. Субҳдам бемор фавтид. Соли 1964 падараш Ҷавоҳирлаъл Нерӯ низ чашм

аз олам пӯшид. Бисёриҳо ақида доштанд, ки Индира ба мансаби сарвазирӣ номзадиашро мемонад. Аммо ӯ ҳамчун сиёсатмадори хирадманд амал намуда, ба ҷонибдории Шастрӣ кор бурд. Албатта, Шастрӣ ба монанди Нерӯ шахсияти барҷаста набуд. Аммо Индира метавонист аз ин шароит барои иҷрои нақшаҳоиояндааш истифода барад. Индира дар бисёр мавриди сиёсати худро дар амал ҷорӣ мекард ва сол ба сол мавқеаш мустаҳкам мегашт. Баъди фавти Шастрӣ дар интихобот ғолиб омад ва дар чилу ҳаштсолагӣ сарвазири Ҳиндустон шуд. Вазифаи баландтарини давлатиро ба даст овард.

Ба сари қудрат омадан гоҳҳо осонтар аст, нисбат ба онро нигоҳ доштан. Вақте ки Индира Гандӣ ҳукумат меронд, вазъи иқтисодии Ҳиндустон вазнин ва ҳам муносибат бо Покистони ҳамсоя муташанниҷ буд. Дар 12 соли ҳокимияти Индира оппозитсияи нерӯманде созмон ёфт ва тамоми нокомиҳоро ба дӯши сарвазир афканд. Дар интихоботи навбатии соли 1977 Индира Гандӣ бори нахуст мағлуб шуд. Аммо ӯ аз ин рӯҳафтода нагашт. Аввалан ҳизби нав -Конгресси миллии Ҳиндустонро ташкил намуд, сипас хонаи қабули меҳмон ороcт. Ҳар шаҳрванд метавонист ба ин даргоҳ омада, ақидаҳояш, мақсадҳояш ё дарду аламҳояшро иброз дорад. Дар кишваре, ки гурӯҳҳои бузурги шаҳрвандон чун анъана ба суханони мураббӣ, муаллим ва пешво гӯш медиҳанду гуфтаҳояшро сидқан ба ҷо меоранд, ин қадами хирадмандона буд. Пас аз се сол Индира Гандӣ аз нав сарвазир интихоб гардид.

Ӯро яке аз террористони мутаассиби ташкилоти сепаратии иёлоти Панҷоб паронд. Воқиаи маъмул -давлат барои якпорчагии кишвар мубориза мебараду халқҳои алоҳида истиқлолияти худро талаб менамоянд. Моҷарои ҳамешагӣ, ки зани бузург -сиёсатмадори маъруф қурбонаш шуд. Чи ҳам мегуфтем, бисёр вақт риштаи ҳаёти арбобони сиёсат ба таври фоҷиавӣ канда мешаванд.



# Ванга

## (Солҳои зиндагиаш 1911-1996)

Ҳар аср авлиё, пешгӯй, ғайбдони худро дорост. Шояд аз ҳама овозадораш Нострадамус бошад. Дар қарни XX бо шӯҳрати астрологи барҷаста эҳтимол танҳо Ванга, деҳқонзани овозадори булғор, дар як поя истода тавонад. Гуфтан душвор аст, ки номи ӯ ба садсолаҳои оянда интиқол меёбад ё не, вале то ба имрӯз ягон нафар ғайбгӯи оянда нест, ки овозааш аз шӯҳрати ин кампирак, сокини шаҳраки Петричаи назди сарҳадҳои Булғорияву Юнон, боло рафта бошад.

Зиндагиномаи Ванга, ки наздикону пайвандонаш ба таври расмӣ иброз доштаанд, ҳаёти одамони авлиёро ба хотир меорад. Зеро душвориҳое, ки ба сари Ванга фурӯ рехтаанд, барои одами одӣ таҳаммулнопазиранд. Модари Ванга вақте аз дунё рахти сафар баст, ки ҳанӯз духтарча ақли расо надошт. Падараш Панда Сурчев ба мисли муши калисо бенаво буд, асп барин кор мекард, ба монанди қаҳрамонҳои миллӣ виҷдони покиза дошт.

Духтарак зери назорати ҳамсояҳо калон мешуд. Худаш ҳар гуна бозиҳоро фикр карда мебаровард, бештар нақши «табиб»-ро мебозиду «бемор»-онро бо ҳар гуна алафҳо табобат менамуд. Танҳо як бозӣ ғаши падарашро меовард. Ҳолатҳое мешуданд, ки Ванга дар хона ё дар кӯча ашёеро мемонду сипас чун нобиноён чашмонашро пӯшида онро палмосида меҷуст. Ин бозии бадро ягон дӯғу пӯписаи падар бартараф сохта натавонист.

Падари бевамондааш оқибат зан гирифт. Модарандар меҳрубон ва заҳматпеша буд. Соли 1923 онҳо ба хонаи бародари бойи Панда кӯч бастанд. Падар подабонӣ мекарду Ванга машқҳои ширро мекашонд. Ва рӯзе аз рӯзҳо тӯфони шадиде хест. Касе аз шоҳидон намедонист, ки чи рӯй дод: осмон тира гардид, шамоли сахт вазид ва суръати он дарахтҳоро решакан мекард. Гирдбод хок, барг, хасу хошокро рӯфта, бо шиддат тоб хӯрда бо даҳшат ғуррос мезад. Тундбод Вангаро аз замин озод бардошт, чарх занонду ду километр дуртар аз деҳа ба замин афканд. Вақте ки духтаракро ёфтанд, вай ба назар аз ақл бегона менамуд. Ва аз ҳама даҳшатовару ғамангезаш он буд, ки чашмонаш аз зери хок наметофтанд. Дар хона чашмонашро бо оби ҳар гуна алафҳо шустанд. Вале чашмон аз хун пур гаштанд ва баъд сап-сафед шуданд.

Падари ваҳшатзада Вангаро назди бисёр табибон бурд. Чанд дафъа чашмони духтаракро ҷарроҳӣ карданд. Баъди амалиёти зиёди ҷарроҳӣ Ванга танҳо як лаҳза рӯшноиро дид, дигар ба қаъри зулмот фурӯ рафт. Соли 1925 падар ӯро ба хонаи нобиноён супурд. Вай дар ин ҷо се сол монд. Тартибот дар парваришгоҳ сахт буд, вале хуб меҳрӯронданду мепӯшонданд ва ҳам пухтану дӯхтан ва алифбои қориёнро ёд медоданд. Мусиқӣ мешуниданд. Ба назар чунин менамуд, ки парвардигор ба бандааш раҳм карду барояш меҳрубон аст. Ванга ба ҷавони нобиное дил баст. Онҳо дар арафаи издивоҷ буданд. Ванга ба падар нома фиристод, ки барои тӯи арӯсиаш дуо диҳад.

Падар духтарашро шод накард. Гуфт, ки модарандараш мурду се кӯдакро вай наметавонад парасторӣ намояд. Ванга ба хона баргашт. Ӯро хоҳару бародарони ҷулҳундипӯш, лоғар, бо шиками гурусна пешвоз гирифтанд. Даҳ сол азоб кашид. Мебофт, мересид, медӯхт, мешуст, вале ҳамоно пул намерасид. Аз зарби машаққат аз пой афтод. Хоҳараконаш ӯро ба мисли кӯдак дар аробача хобонда ба офтоб мебароварданд. Ҳамсояҳои дардошно ба ҷанозааш пул меғундоштанд. Аммо Ванга

ҷон ба ҷонофарин таслим накард. Ҳоло вақташ наомада будааст. Боре хоҳараш аз чашма об меорад ва мебинад, ки Ванга аз аробача фаромада ҳавлӣ мерӯбад. Ҳама ба ҳайрат афтод, ки чи тавр одами дар назъи ҷон буда, ба як бор аз бистар бархост. Оре, Илоҳӣ ба ҳар чӣ қудрат дорад.

Ғайбгӯии Ванга якбора ба амал наомадааст. Кай оғоз ёфт, касе дар хотир надорад. Боре буз гум мешаваду Ванга ба падараш мегӯяд, ки аз фалон дара бояд ҷуст. Дар рӯзи Георгийи Муқаддас аз кӯзаи пуроб ашёҳои гузоштаи духтаронро як-як бароварда, аз кӣ будан ва ба соҳибони онҳо дар оянда чӣ рӯй доданро гуфт. Духтарон, албатта, аввал ба суханони Ванга эътибор надода хандиданд, аммо баъд диданд, ки ҳамаи пешгӯиҳои ӯ ҷомаи амал мепӯшанд. Истеъдоди ғайбдонии Ванга дар солҳои ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бо тамоми нерӯ доман густурд. Албатта, ин табиӣ буд. Зеро одамони ломакону аз дарду алам ба ҷон расида ба кӣ ва ба куҷо ҳам муроҷиат мекарданд.

Маҳорати ғайриодии худро Ванга ба ҳозирон чунин шарҳ медод: «Дар атрофам махлуқҳои шаффоф ҳалқа мезананд. Тору пудашон аз чӣ бошад, намедонам. Онҳо ба ман маълумоти зарурӣ медиҳанд, то ки ба хоҳишмандон расонам. Вақт, замон ва масофа аҳамият надоранд». Ҳаёти ҳар як шахси корафтодаи дар назди Ванга ҳузур дошта аз рӯзи таваллуд то маргаш ба мисли тасмаи кино аз назари ғайбдон мегузаштааст. Вале Ванга наметавонистааст, ки тақдири шахсро, ки азалист, тағйир диҳад.

Рӯзе ба назди ғайбдон ронандае меояд ва ӯро ба мошинаш шинонда ба калисо бурда меорад. Баъди бозгашт Ванга ба ӯ мегӯяд: «15 май ба ягон ҷо нарав, ба назди ман биё, ба ту гапи муҳиме дорам». Аммо он рӯз рафиқи ронанда аз вай хоҳиш менамояд, ки бо мошинаш бори ӯро кашонад. Ҳамон рӯз вай дар садамаи нақлиётӣ ҳалок мешавад.

Занҳои ғайбдони бо қувваҳои ғайритабиӣ робитадошта, аз нуқтаи назари мо, бояд бо марде издивоҷ накунанд. Лекин Ванга

ба шавҳар баромад. Боре дар айни авҷи ҷанг ба наздаш аскар Димитр Гуштеров омада, хоҳиш намуд, ки қотили бародараш-ро ном барад, то ки ӯ қасос бигирад. Ғайбдон гуфт: «Дар бораи қотилон ба ту хабар медиҳам, аммо ҳоло не. Ту бояд ба ман қавл диҳӣ, ки қасос намеситонӣ, охир ин зарурат ҳам надорад. Ту то рӯзи марги онҳо зинда мемонӣ, бо чашми худ маҳв шуда-ни онҳоро мебинӣ». Суханони ҳайратангези зани ғалатӣ аскар-ро ба тааҷҷуб овარданд. Вай ба назди Ванга боз чанд дафъа омад ва ахиран хостгораш шуд. Бист сол онҳо бо ҳам зистанд. Димитр солҳои охир бисёр шароб менӯшид, ба бемории ҷигар печид. Вақте ки ӯ ҷон меканд, Ванга дар сари болинаш нишас-та дуо мехонд ва аз чашмони нобинояш ашк мерехт. Ҳамин ки ҷони Димитр аз баданаш баромад, Вангаро хоб бурд. Баъди гӯр кардани майит Ванга бедор шуду гуфт: «Ӯро то макони аба-диаш ҳамроҳӣ кардам».

Бисёриҳо робитаи Вангаро бо ашхоси кайҳо фавтида дар ёд доранд. Корафтодае савол дод: «Барои чи ғайбдон дар ху-суси модари равоншодаш мепурсад ва мегӯяд, ки вай сояи ӯро аз пайи худ овардааст».

Ванга дар посух гуфт: «Сояро ту бо худ наовардаӣ. Онҳо худашон меоянд. Зеро ман барои онҳо даричаам. Ҳамин ки шахсе дар наздам рост истод, хешовандони мурдааш ӯро ба ҳалқа мегиранд, ба воситаи ман саволҳо медиҳанд, он чиро, ки аз онҳо мешунавам, ба зиндаҳо мерасонам».

Аз як профессори испонӣ Ванга пурсидааст, ки модараш пеш аз марг ба вай ангуштарини авлодиро васият намуда буд? Олими ба ҳайратомада гуфт, ки оре. Вале ӯ онро ҳангоми сай-ругашт ба дарё афтондааст. Аз он рӯз кораш ҳеҷ пеш намера-вад. «Ту чи коре буд, ки кардӣ. Ту риштаи робитаро бо модарат баркандӣ»,- гуфт ғайбдон.

Ванга ба маризон кӯмак мерасонд. Мегуфт, ки дар дунё касалие нест, ки бо ёрии алафҳо табобат нашавад. Вай алаф-ҳоро ҷӯшонида дар он об ғӯта заданро тавсия мекард. Об не-

рӯи табобатии алафро ба худ гирифта ба воситаи пӯст ба ҷисми бемор мегузаронад, тазаккур медод Ванга.

Табиби нобинои ҳамабину ҳамадон чунин мепиндошт, ки инсонро кори нек, заҳмати ҳамешагӣ, виҷдони пок саломат нигоҳ медоранд.



## Мария Константиновна Башкирсева (Солҳои зиндагиаш 1860-1884)

Рассоми рус. Ёддоштҳои айёми наврасиаш дар интиҳои асри XIX ба нашр расида, шӯҳрати ҷаҳонӣ ёфтанд.

Хориқаи малоҳату дилрабоии ӯ боз солҳои зиёд баҳсҳоро ба миён хоҳад овард ва, ба назари мо, то ба охир дарк нашуда мемонад. Воқеан духтараке, ки дар зиндагӣ қариб корero ба сомон нарасондааст, рӯҳияи шоирону рассомонро ба изтироб овардааст. Ҷозибаи ӯ дар асри нуқрагини санъати рус, дар экзистенсиализм (идеализми субъективӣ)-и фаронсавӣ ниҳонӣ ҳузур дошт, вай ба авангардизм (равияи санъат)-и замони муосир низ таъсир мегузорад. Ин ҷозибаи сеҳрангези санъат, шояд бо фоҷиаи бо ин ҳама истеъдоди фавқулодда дарди дил карда натавонистани ӯ пайванд бошад. Мария Башкирсева ба наслҳои оянда танҳо ёддошти наврасиашро ба мерос гузоштааст, боз якчанд расм ва боз андӯҳи бузурги орзуҳои ормониашро. Анастасия Светаева чунин ёддошт карда-

аст: “Дар соли 1910 бо хоҳарам дар меҳмонӣ бо рассом Леви вохӯрдем ва ин дидор моро ба ҳаяҷон овард; вай Мария Башкирсеваро медонистааст, бо ӯ дар Париж ҳамсӯҳбат шудааст. Мо чи қадар ӯро саволборон кардем. Чи хел нақли ӯро бо эҳтирос шунидем”.

Марина Светаева бо модари Башкирсева солҳои зиёд робитаи хаттӣ дошт ва нахустин китоби шеърҳояш “Баёзи шабҳангом”-ро ба Мария бахшидааст:

*Бо ҳамон дӯшизаи истода назди тира тиреза,*
*Бо қаду басти биҳиштӣ дар миёни маҳшари вакзол*
*Борҳо вохӯрдаам дар водие аз хоби ҳаррӯза.*
*Ӯ валекин баҳри чӣ андӯҳгин буду шикастабол?*
*Он суроби софу шаффофаш чӣ меҷӯяд дар ин ҳайҷо?*
*Шояд андар осмонҳо ҳам наёбад бахти накӯро?*

Барои хушбахтӣ дар ин ҷо, дар рӯи замин, Мария, зоҳиран, ҳамаро доро буд: авлоди номдор, боигарӣ, зебоӣ, хешовандони дилсӯзу бомаърифат. Дар воқеъ пас аз ду соли тӯй волидайни Мусӣ (ӯро дар кӯдакиаш ҳамин тавр ном мегирифтанд) аз ҳам ҷудо шуданд, ки ин барои он солҳо воқеаи нодир ба ҳисоб мерафт. Духтарак дар хонаи бобояш, дӯстдори Байрон ва англиспараст бо ғамхории рӯзафзун камол меёфт. Касалмандии Мусӣ боис шуд, ки Башкирсевҳо соли 1870 ба хориҷа раванд. Онҳо дар беҳтарин меҳмонхонаҳо мезистанд, виллаҳои гаронтаринро ба иҷора мегирифтанд, дар хонаҳои зарҳалин мезистанд, вале ҳузуру ҳаловат ба назари Мария, ки аллакай ба нигориши ёддоштҳои машҳураш қалам мефарсуд, онҳо ба мисли қафаси зарин менамуданд, ки он ҷо танҳоии одам барало эҳсос мегардад. Ягон осорхона, ягон сурати тасвирие дар Аврупо набуд, ки Башкирсева надида бошад, вай дар робитаи ҳамарӯза бо санъат мезист, нерӯи он ҳар як ҷӯшу хурӯши ашрофзодаи наврасро илҳом мебахшид.

Ёддошти Башкирсева аз саҳифаҳои нахустин орзуи умдаи ӯ, ҳукмрони дунё шуданро, ки тамоми ҳастиашро фурӯ бурда

буд, иброз медорад. Мехост чизеро ба даст орад, ки дар омурзиши ӯ бо як сухани зебо, оҳангдор ва махмуркунанда “La Gloire” (шӯҳрат) ифода ёфтааст. Мунаққиди англис Гладстон навишта буд: “Бо рағбати болониҳояи ӯ ба санъат танҳо метавонист ишқи вай нисбат ба ихлосмандии кушоду равшанаш рақобат намояд. Шабе дар театр, ҳарчанд вай беист механдид, барои ӯ шаби ҳайфгашта буд, зеро вай наметавонист бо коре шуғл варзад”.

Дар шонздаҳсолагӣ ба мақсад расидани ӯ ба овозаш, овози зебою нодири сопрано алоқаманд буд. Вале дар тақдири Мария як чизи фавқулоддаи ғайритабиии сарбастае ба назар мерасид, гӯё ки пешомади сарнавишташ ба зуҳур намудани истеъдоди вай монеъгӣ мекард. Ҳамин ки духтарак ба авҷи комёбӣ расиданӣ мешуд, кадом як қувваи ба иродаи ақли инсон тобеънабуда ӯро нигоҳ медошт, гӯё намехост Мария дар он ҷое бошад, ки будани одамизод мамнӯъ аст. Дар ҳаждаҳсолагӣ Башкирсева кар шудан гирифт ва дар нуздаҳсолагӣ овози беҳамтояшро низ бохт.

Вале истеъдоди ӯ серҷабҳа буд. Забонҳоро ба осонӣ ёд мегирифт. Лотинӣ ва забони юнонии қадимро мустақилона омӯхт, хотираи ниҳоят қавӣ дошт, достонҳои зиёди Ҳомерро аз ёд медонист.

Охири соли 1877 Башкирсева ба академияи хусусии расмкашӣ омад ва ин машғулият низоми ҳаёти ӯро ба куллӣ тағйир дод, фидоии санъати тасвирӣ шуд. “Барои санъат мехоҳам аз баҳри ҳама чиз бароям. Ҳамеша инро бояд дар ёд нигоҳ дошт ва дар ҳамин аст маънии зиндагӣ”, навишта буд дар ёддоштҳояш .

Рад кардани ҳаёти муқаррарии заминӣ аз ҷониби Мария қатъӣ ва хунсардона буд. Анатол Франс баъдтар зикр карда буд: “Ин яке аз ҳамон табаддулоти ногаҳониест, ки намунааш дар ҳаёти авлиёҳо ба назар мерасад”.

Бисёр таҳқиқгарон имрӯз ҳам дар хусуси расмҳои кашидаи Башкирсева баҳс менамоянд: “Ин чист, сухани нав дар санъат,

тасвири ҷаҳонбинии соддалавҳонаи духтарак ё илҳоми ваҳий? Мутаассифона, дар Русия якчанд асари тасвирии Башкирсева мондаасту халос, вале дар Франсия асарҳои ӯ дар музейҳои Нитса ва галереяи Люксембург ба маърази тамошо гузошта шудаанд. Нуқтаи назари Золя ва Франс ба расмҳои кашидаи Мария мусбат буданд. Ӯро бо рассом Бастен-Лепаж дар як саф мегузоштанд. Аммо ҳоло расмҳои Лепаж ҳамчун экспонати музей ба ҳисоб мерававнд. Манзараҳои офаридаи Башкирсева ҳоло ҳам бинандаро ба ваҷд меоранд. Шояд бо он сабаб, ки дар онҳо як андоза худсарӣ, чизи махфӣ, манъшуда, баённаёфта ниҳон аст.

Марги қарибулвуқӯи Мария равшан эҳсос мегашт. Аз тарзи дарки ҷаҳонбинии ӯ ҳисси бади қабл аз вуқӯи фалокат хонда мешуд. Чи бояд кард, ки ҳамин тавр ҳам буд. Ба санъат равияи декаданс, яъне рӯҳафтодагӣ, дунёбезорӣ, одамнописандӣ, фаҷгӯию фисқпарастӣ таъсир мегузошт, дар Русия терроризм боло мерафт, асри XX, асри катаклизм, дигаргуниҳои ҷиддии харобиовар ва тӯфонҳо, фаро мерасид. Вай аз рӯи синну сол то инқилоби соли 1917 зиста метавонист, вале ӯ танҳо онро пешгӯӣ карда тавонист.

Муаррифиномаи рӯҳии ӯ басо бою рангин асту тарҷумаи ҳоли ҳақиқиаш ҳамон андоза беранг. Вай лаззати ишқи заминиро начашида рафт. Аммо баҳри ошомидани шириниҳои ишқу муҳаббат ботини ӯ кайҳо омода гашта буд. Дар асл Башкирсева боре дар Италия ба доми ишқ афтод, аммо он ба зудӣ бо яъсу ноумедӣ анҷом пазируфт ва ӯ тамоми нерӯяшро ба рассомӣ, ба санъат ва бо ҳавас тамошо карданиі худ бахшид.

Муносибати Башкирсева бо устодаш Лепаж оддӣ набуд. Рассоми франсуз Дон Жуанро ба ёд намеовард. Вай шахси муқаррарӣ, баодоб, хурдҷусса, албатта, наметавонист дили моломоли дарди шогирдашро ба даст орад. Он вақт аллакай Башкирсева аз бемории сил азоб мекашид, танҳо дидор бо

Лепаж ӯро ба назар бардам нигоҳ медошт. Ва маҳз дар ҳамин давра беҳтарин асарҳои Мария офарида шуданд.

Оре, Башкирсева наметавонист Лепажро дӯст дорад, вале ӯ ба рассоми моникалам, ба ин ҷинси латиф чи будани садоқат, меҳру муҳаббатро аён собит сохт. Бемории Лепажро низ аз пой афтонд. Аз пайвандонаш хоҳиш намуд, ки ӯро ба хонаи Башкирсева баранд. Вай аз бистари бемории Мария қадаме дур намешуд. Онҳо аз бемадорӣ ёрои лаб ба сухан кушодан надоштанд. Танҳо ба ҳам чашм медӯхтанд. Вале Лепаж аз ин ҷо рафта наметавонист ва бо андӯҳи гарон чи тавр ҷон таслим намудани ҷононаашро мушоҳида мекард.

Симои Башкирсеваро мунаққиди машҳури ҳамон давр Франсуа Коппе чунин тасвир намудааст: “Вай духтаракест бо қомати на он қадар баланд, лоғарандом, беҳад зебо, мӯйҳои тиллоиашро болои сар печ дода бастааст, нигоҳи ҳалимона дорад, аммо аз зери ин нигоҳ иродаи матин ҳувайдост. Дар коргоҳаш асарҳои борҳо мутолиашуда бо забонҳои фаронсавӣ, олмонӣ, русӣ, англисӣ, итолиёвӣ, рими қадим, юнонӣ ба назар мехӯранд”.

Гӯё ки бо ҳаёт падруд мегуфта бошад, Мария ба кашидани панно, лавҳаи бо нақшу нигор, бо номи “Баҳор” оғоз бахшид: “Ҷавонзане ба дарахт такя зада, рӯи алаф нишастааст, бо чашмони пӯшида, бо табассум, гӯё дар олами пурафсуни ишқ бошад.

Дар атроф партави маҳин медурахшад, сабза дамида, гулҳои сурху сафедтоби себу шафтолу, растаниҳри нав аз замин қадкашида оламро зебоӣ бахшидаанд.

“Ва бояд ширшири ҷӯйбори зери пои ӯ ба самъ бирасад. Ба сони садои Гренадаи байни бунафшаҳо. Шумо оё маро мефаҳмед?”

# Камилла Клодел

# (Солҳои зиндагиаш 1864-1943)



Офарандаи муҷассамаҳо, фаронсавӣ.

Дар кӯчаи Вернен, рӯ ба рӯи даромадгоҳи осорхонаи Роден, одамони хеле зиёд навбат мепоиданд. Аммо дар ин рӯзи фаромӯшнопазири соли 1984 анбӯҳи мардумро на ёдбуди устоди барҷаста ва шӯҳратёр, балки ёди шогирди вай, зане, ки то ба имрӯз номаш зери пардаи фаромӯшӣ ниҳон буд, ҷамъ овард... Ба ҳар ҳол дар рӯи замин адолат будааст. Бонуе, ки барои истеъдоди ғайризанонааш ҳаёташро қурбон карда буд, қадр ёфт, эътироф гардид, бигузор на аз сӯи ҳамзамононаш набошад ҳам, аз ҷониби наслҳои онҳо қадр ёфт.

Вале, бовар намоед, дер ба вуҷуд омаданҳо барои шахси зинда, азияткашида, ноумедгашта чандон тасаллобахш нест. Тақдири Камилла Клодел бошад, воқеан мудҳиш буда, бепарвоӣ ва сангдилии пайвандонаш касро ба даҳшат меоранд. Дар сурати истеъдоди илоҳӣ надоштани Камилла ҳам, саргузашти талхи ӯро ба ҷаҳониён иброз доштан, аз аҳамият орӣ нест, бар рағми дилсардӣ, ҳамчун эътироз алайҳи лаинӣ. Лекин вай ба таври шигифтангез лаёқатманд буд, аз ин рӯ, тақдири ӯ бароямон басо фоҷианок аст.

Парвардигор ба волидайн гоҳ-гоҳе бачаҳои боистеъдод мебахшад, вале тасаввур намоед, ки дар як оилаи тамоман муқаррарии зану шавҳари ба зиндагӣ ягон иддаову такаббур надошта паиҳам ду насли закӣ таваллуд меёбад. Дар ин ҷо

дар хусуси тасодуфии неъмати илоҳӣ чӣ ҳам мегуфтем? Вай, чи тавре ки аён аст, барои одамизод ақлнорас мебошад.

Пол Клодел, классики машҳури Фаронса, шоир, драматург, нависанда, дар зодгоҳаш Пенат маҳбуби ҳамдиёрон, академики соҳибобрӯ, сафир. Вале на ҳама медонад, ки дар айёми кӯдакиву наврасӣ ӯ апаашро мепарастид, ҳар суханашро ба замин намемонд, Камилла барояш намунаи ибрат буд. Мехост аз ҳар ҷиҳат мисли апаааш бошад. Орзуҳои нахустинашро низ ба ӯ иброз медошт.

Камилла бо волидайн, бо ҷаҳонбинии шахшудаи онҳо ба мубориза бархост. Вай аз гил муҷассамаҳо месохт, модар либосҳои лойолуди духтарашро дида ба фиғон меомад. Намегузошт, ки дигар даст ба гил занад.

Сафари Париж дар соли 1882 низ мушкилиҳои Камилларо бартараф накард. Барои духтарон дари мактаби санъати нафиса баста буд, аммо қаҳрамони мо танҳо набудааст. Чанд нафар духтараки санъатдӯст бар рағми манъсозиҳои ҷомеа баромада, маҳфили шахсӣ созмон доданд, ки он солҳо роҳбариашро Алфред Буши машҳур ба зимма дошт. Устод аз мӯъҷизаҳои офаридаи Камилла ба ҳайрат афтода, онҳоро ба ҳузури директори мактаби санъати нафиса Пол Дюбуа овард. «Шогирди шумо аз ҷаноби Роден сабақ гирифтааст», хулоса намуд нуқтаи назарашро директор. Вале ӯ ҳақ набуд, зеро Камилла ҳайкалтароши мумтоз Роденро намешинохт ва аз сабки вай хабар надошт. Аммо директор ҳақ ҳам буд, эшон тавонист истеъдоди худододро эҳсос намояд ва эҷоди духтараки ношиносро дар паҳлӯи офаридаҳои муҷассамасозони шаҳир гузорад. Ва ҳам дар ин гуфтаҳои директор як чизи ғайб будааст. Зеро баъди чанд рӯз онҳо, Камилла ва Роден, бо ҳам вохӯрданд, то ки ҳамдигарро ба қаъри бадбахтиҳо ва ноумедиҳо афкананд.

Чашми Роден, боре ҳангоми дар маҳфили духтарон ба ҷои ба Буш сабақ додан, ба Камилла бархӯрд. Рассоми эътироф-

шуда, қадршиноси ҷинси латиф, наметавонист аз зебоии ин шогирд дида гурезонад. «Ҷабини зебои болои чашмони пурафсуни нилобӣ, ки дар романҳо бисёр тасвир меёбаду дар зиндагӣ андак вомехӯрад, лабони пурҳарорати шаҳватангези пурғурур, мӯйҳои ғулии хурмоӣ, ки то ба миён мерасанд, қиёфаи таъсирбахши густохона, беғараз, афзалиятнок ва хушҳол»,-ин аст тасвири Камилла аз ҷониби бародари ӯ Пол.

Бале, вай басо дилрабо буд, аммо ӯро дигар омилҳо низ дар байни духтарон ангуштнамо карда буданд. Дар вуҷуди ӯ мӯҳри махсус медурахшид, мӯҳри истеъдод, ки ба сӯяш мекашид, мефиребид ва ба тарс меовард.

Роден ӯро ба шогирдӣ хонд. Пас аз чанде муҷассамасоз аз асли бадани нуқрафоми Камилла ҳайкал метарошид ва лаззат мебурд.

Ин оғози анҷом, фанои духтараки ҳунарпеша буд. Камиллаи тундмизоҷ, ба худ боварӣ дошта, ки ҳамеша ғалаба карда дар ҷои аввал истодан мехост, наметавонист дар назди Роден, устоди эътирофёфта, шӯҳрат ёбад.

Соли 1888 Камилла «Фаромӯшӣ», асари нахустини калонҳаҷми худро ба итмом мерасонад. Мунаққидон дар он «нақарот»-и «Бӯса»-и Роденро мебинанд. Пас аз чор сол «Валс»-и Камилла ба маърази тамошо гузошта мешавад. Ба ин муҷассама низ муқарризон баҳои ҳақ намедиҳанд. Дар хусуси «Клото» бошад, тақлид ба Роден мегӯянд. Мушхандҳои «тақлид, тақлид, тақлид мекунад» ба ҷонаш расиданд ва ӯ нохост барошуфту гуфт: «Асарҳои ман аз умқи вуҷудам рӯидаанд, ҷаноби Роден бошад «Рӯҳи ҷанг»-ашро аз осори Рюд кӯчонидааст». Ҳол он ки вай бо Роден мезист ва бо тамоми ҳастиаш ӯро дӯст медошт. Аммо «сояи Роден» будан ҳам намехост.

Ба оташи моҷарои тақсими идеяҳо хархашаи оилавӣ равған рехт. Роден бо Камилла мезист, вале робитаашро бо маъшуқаи овони ҷавонӣ ва рӯзҳои вазнини зиндагиаш Роза Бере нагусаста буд, ба ӯ ёрии моддӣ мерасонд. Клодел шарт

мемонад: ман ё ӯ. Роден рӯ ба шиква меорад. Камилла аз хона баромада меравад. Роден ӯро зуд фаромӯш менамояд.

Камилла чунин хиёнатро интизор набуд, вале худро бой надод. Ҷудоӣ, фироқ, яъсу ноумедӣ илҳомашро ба ҷӯшу хурӯш оварданд. Соли 1895 варианти якуми «Синни балоғат»-ро меофарад: бонуи ҷавоне ба зону истода бо зорию тавалло мехоҳад аз дасти маҳбубаш, ки ӯро марг-пирзоле бо худ бурданист, маҳкам бидорад. Дасти онҳо алҳол ба ҳам пайванд, қаҳрамон ҳоло ба хулосае наомадааст. Ин маҷмӯи муҷассамаҳо шарҳи ҳоли Камилла буд. Дар варианти дуюм, ки пас аз се сол эҷод шуд, пирӣ марди мутеъю ба тақдир тандодаро бо худ мебурд.

Роден аз паси Камилла наомад, ба созмон додани намоиши асарҳояш ёрӣ надод, балки халал расонд. Камилла, ки ба ғайри эҷод дигар чизеро намедид, дар ҳаёти ҳаррӯза бисёр пешпо мехӯрд. Барои иҷораи хона, ғизои ҳаррӯза маблағ намеёфт, бо соҳиби манзил ҷанҷол мекард. Рӯзҳо аз хона намебаромад, аз рӯшноӣ метарсидагӣ шуд. Аммо дар ҳамин рӯҳия ҳам маҷмааи «Ҳамсӯҳбатон» (занон дар ҳаммом ҳаёти шахсии касеро ғайбат доранд) ва «Ниобид»-ро меофарад.

Бемории рӯҳиаш авҷ мегирад. Додараш Пол, ки академик шуда буд, аз обрӯяш тарсида хомӯширо авло медонад. Дигар хешовандон низ ба сарвақташ намерасанд. 10 марти соли 1913 ӯро дар аробаи «ёрии таъҷилӣ» ба беморхонаи рӯҳӣ мебаранд. Ҳамин тавр 30 сол дар Мондеверг, гӯшаи аз ёдҳо рафтаи Франсия зист. Ҳатто пас аз 12 соли маргаш қабрашро наёфтанд. Вале замони эътирофи истеъдоди Камилла ҳам фаро расид. Ба ҳар ҳол адолат тантана кард.

Пешгӯии адабиётшинос Арман Дейо: «Маро беҳад ба ҳайрат меорад, агар бону Клодел рӯзе ногаҳон дар сафи муҷассамасозони бузургтарини давр ҷой нагирад» ҷомаи амал пӯшид.

# Этел Лилиан Войнич

# (Солҳои зиндагиаш 1864-1960)



Адиби инглис. Солҳои 1887-1889 дар Русия зиста, бо ҳаракати инқилобии русу лаҳистонӣ робита доштааст. Аз соли 1920 ИМА-ро ҷои иқомат баргузид. Романи маъруфаш «Ғӯрмагас» (1897) ба шумор меравад. Асарҳои ҷудогонаи М. Лермонтов, Н. Гогол, Ф. Достоевскийро тарҷума кардааст.

Боре Лев Толстой гуфта буд, ки ҳар инсон метавонад лоақал як китоб нависад, китоб оид ба ҳаёти худ. Этел Лилиан Войнич ҳамин гуна асаре навишт, вале дар он аз саргузашти худ чизе наовард, зеро дар зиндагиаш ягон ҳодисаи фавқулодда ба вуқӯъ напайваста буд, вай орзуҳои шавқангези овони ҷавонӣ, ҳаёти ботини хешро дар варақҳо тасвир намуд.

Этел, вақте ки бори нахуст ба Париж омад, ҳабдаҳ сол дошт. Дар толорҳои қасри Лувр қадам зада, айни замон дар хусуси ояндааш меандешид, ки нохост чашмаш ба сурати ҷавони итолиёвие бархӯрд, ки ба мӯқалами Франчабиҷо, рассоми миланӣ, мутааллиқ буд. Духтарак зуд эҳсос намуд, ки симои тасвирёфта ба чеҳраи ҷавони дар ботинаш парварда шабоҳат дорад, ба ҳамон қаҳрамони хаёлие, ки ӯро дар хоб ҳам таъқиб мекард ва дар ҷустуҷӯи ошӯбгаронаи ҳақиқати зиндагӣ осудааш намегузошт. Ин шоҳзодаи қалби вай аст, ҷавони берети сиёҳпӯш бо нигоҳи бебокона ва лабҳои ба ҳам фишурда.

Тақдир ба Этел дар рӯи замин умри тӯлоние бахшид ва ӯ аз ҳамон рӯзи мондагори тамошои нигористони Лувр аз ин тасвир ҷудо нашуд. Нусхаи чопии сурати ҷавони итолиёвӣ дар кадом ҳуҷрае, ки Войнич мезист, ҳамеша овезон буд. Орзуи овони наврасӣ аз ёди Этел рафта бошад ҳам, нишони моддии он дар симои ҷавони итолиёвӣ ҳамсафари ҳамешагии ӯ буд ва мисли аввала дар дақиқаҳои вазнинтарини зиндагӣ оташи муҳаббатро дар қалбаш фурӯзон нигоҳ медошт.

Дар ҷаҳони ботинии инсон замонҳо, кишварҳо ва миллият ба таври ҳайратангез ба ҳам мепечидаанд. Барои шахси идеалӣ на масофа, на гузашта ва на оянда вуҷуд доранд. Этели англис ҳама вақт хаёлан ба он ҷойҳое мешитофт, ки макони мубориза буду одамони шуҷоъ баҳри ҳифзи ормонҳои хеш ҷон мебохтанд. Маҳз бо ҳамин сабаб ӯро Русияи дур ҷониби худ кашид.

Этел Лилиан падарашро дар хотир надошт. Ҳанӯз дар нимсолагиаш вай аз дунё рахти сафар баста буд. Вале ӯ шахси шинохта ба ҳисоб мерафт. Ҳамчун олими бузург дар энсиклопедияи британӣ ба ин тарз сабт шудааст: «Ҷорж Бул, риёзидони маъруф». Кӯдакии Этел вазнин сипарӣ шудааст. Тамоми бозёфти Мэрӣ Бул ба хӯрондани панҷ нафар духтарчааш сарф мегашт. Мэрӣ бо духтарчаҳояш ба Лондон кӯчид. Аз риёзӣ ба хонандагон сабақ медод, ба рӯзномаву маҷаллаҳо мақолаҳо менавишт.

Лаҳзаҳои аз ҳама хуши ҳаёти бачагии Этел ҳамоне буданд, ки модараш дар хусуси ду инқилобгари итолиёвӣ нақл мекард. Тахайюлоти бою рангини духтарак саҳнаҳои ҳаяҷонбахши романтикӣ меофарид, ки дар онҳо ӯ иштирокчии фаъол буду бо нархи ҷон қаҳрамонҳои ҷавонро аз марг наҷот мебахшид ё дӯстдоштаҳо бо ҷӯшу хурӯш, бо бӯсу канор шаҳиди роҳи озодӣ мешуданд. Дар воқеъ, кадом духтарак дар баҳри орзуҳо шино накардааст? Бо гузашти солҳо ин аз байн меравад. Аммо Этел натавонист аз тасвири ширини давраи наврасӣ худро раҳо бахшад.

Соли 1882 ӯ соҳиби мероси на он қадар калон шуд ва баҳри омӯзиши мусиқӣ сафари Берлинро ихтиёр намуд. Консерваторияро хатм кард, вале дилаш дигар чиз кашид. Мехост бо ашхоси қаҳрамон, мубориз ошно шавад. Охир чунин одамон бояд бошанд. Ва он гаҳ назари ӯ ба Русия афтод. Аз он сӯ ҳар гуна овозаҳо мерасиданд. Ба монанди хабарҳо аз амалиёти террористӣ бар зидди шоҳу вазирони шоҳ. Дар Англия бошад зиндагии муқаррарии буржуазӣ чараён дошту он метавонист Этелро ба коми худ фурӯ барад. Бо ин орзуҳои ӯ низ маҳкуми марг мешуданд.

Бо ёрии журналисти шиносаш духтараки беқарор мехост бо ягон инқилобчии рус вохӯрад. Моҳи декабри соли 1886 Этел бо собиқ террорист Сергей Степняк-Кравчинский ҳамсӯҳбат гардид. Албатта, вай ба Этел зуд писанд омад, ӯ қаҳрамони ҷаҳони ботиниаш буд, хушҳол, нерӯманд, сӯҳбатоpo, асосан ба ранҷбари идеяҳо, ба мусофири пурасрори овони наврасиаш шабоҳат дошт. Ҳолномаи Кравчинский духтаракро ба шигифт овард: вай соли 1877 дар шӯриши итолиёвиҳо иштирок кардааст, ба қатл маҳкум шудааст, аммо тасодуфан халос хӯрда ба Русия фирор намуда, он ҷо пинҳонӣ чанде зиста, нақшаи қатли Мезенсов, шефи жандармҳоро кашидааст. Ин қаҳрамон дар рӯзи равшан дар майдони серодам бо зарби ханҷар синаи Мезенсовро дарида, аз ҷои воқеа ғайб задааст.

Чи мегӯед, ки Этел ба Кравчинский дил набохт, зеро ӯ муҷаррад набуд ва хонавайрон намудани касеро виҷдони духтарак намебардошт. Онҳо бо ҳам дӯст шуданд. Сергей Этелро бо ҳуҷҷатҳо ва номаҳо таъмин кард, то ки вай дар Русия бо инқилобгарон робита барқарор созад. Зиёда аз ду сол Этел дар Русия, дар хонаи хоҳари завҷаи Кравчинский зист ва, албатта, бо узви ташкилоти пинҳонкори зидди режими шоҳ зуд-зуд вомехӯрд. Пас аз бозгашт ба Лондон Этел бо Кравчинский, ки худро нависанда мепиндошт ва ҳатто бо забони англисӣ эҷод намуданро таваккал карда буд, аз

нав робита баст. Ӯ навиштаҳои адабии Сергейро таҳрир менамуд ва ҳам гоҳҳо намунаҳои эҷодиёти Гаршин, Гогол, Лермонтовро ба англисӣ бармегардонд. Махсусан, осори Тарас Шевченкои украин диққаташро ба худ мекашид.

Боре Этел ба Кравчинский аз орзуҳои овони наврасӣ ҳикоят намуда, парда аз асрори қалби ҷавониаш бардошт. Ҳикояти духтарак Сергейро ба ҳаяҷон меорад ва ӯ бо исрор мегӯяд: «Бинавис, ҳамаи гуфтаҳоятро рӯи варақ овар, бинавис, бинавис…»

Тирамоҳи соли 1890 Сергей аз Русия гурезаеро пешвоз гирифт. Вай инқилобгари далеру чобуки лаҳистонӣ Михаил Вилфрид Войнич буд. Ӯ бо ҳикоятҳои шигифтангези инқилобиаш қалби Этелро тасхир кард. Войнич нақл намуд, ки чи тавр бо нардбони арғамчинӣ аз маҳбас гурехт, ҷон ба хатар гузошта рафиқонашро аз зиндон наҷот бахшид, вале хоине ӯро фурӯхт ва ба таҳқирҳои гӯшношунид рӯ ба рӯ сохт. Этел ба вай дил бохт. Пас аз тӯй бо хоҳиши шавҳараш Михаил ба шаҳри Лвов пинҳонӣ адабиёти инқилобӣ бурда расонд. Пас аз бозгашт ба паси миз нишаст ва дар як нафас «Ғӯрмагас» рӯи коғаз омад, ин шарбати лабрезгаштаи чашмаи ишқ ва орзуҳои романтикии овони наврасии муаллиф буд.

Ҳамин тавр шуд, ки Степняк-Кравчинский, рафиқи ҷонии ӯ Сергей, чопи «Ғӯрмагас»-ро надид. Вай дар арафаи нашри китоб, моҳи декабри соли 1895 зери чархҳои қатора монда ҳалок гашт. Ин чи гуна зарбаи мудҳише буд барои Этел, аз тасвираш забон дар ком ях мебандад. Пас аз марги пурфоҷиаи Кравчинский ҳаёти Этел тағйир ёфт. Қалбашро рӯҳияи инқилобӣ тарк гуфт. Аҷоиб тасодуфе. Сергей мехост, ки роман эҷод шавад. Асар ба дунё омад, акнун мурдан ҳам мумкин ва Кравчинский рафт.

Этел Лилиан Войнич минбаъд танҳо ба нашри «Ғӯрмагас» машғул мешуд. Китоби аввал соли 1897 дар Нию Йорк ба табъ расид. Дар Лондон дар тӯли се моҳ се мартаба чоп шуд. Войнич маъруф гашт.

Баъдтар ӯ ба Амрико кӯчид. Шавҳараш Михаил бо тиҷорат машғул буд. «Ғӯрмагас» аз ёдҳо рафт. Романҳои «Дӯстии гусаста», «Пойафзолатро бикаш», ораторияи «Вавилон» ба муаллиф номе наоварданд. Адибаи пир ба хотири касе намеомад. Дар мобайни солҳои панҷоҳуми асри XX ӯро журналисти рус Евгения Таратута дарёфт. Ногаҳон ба сари кампири бечора «борон»-и шӯҳрату ситоиш рехт. Войнич тасаввур карда наметавонист, ки «Ғӯрмагас»-и ӯ бештар аз сад мартаба нашр шуда ва теъдодаш ба миллионҳо нусха расидааст, ки ҳеҷ ба доираи хаёли амрикоиҳо намеғунҷад. Русияи дӯстдоштааш ба Этел Лилиан Войнич дари меҳру муҳаббат кушод ва ба шарофати он дар Амрико низ нисбат ба эҷодиёти ӯ ва ҳаёти адибаи фаромӯшгашта навиштаҳо пайдо шуданд.

## Мария Кюрӣ

## (Солҳои зиндагиаш 1867-1934)



Донандаи физика ва кимиё, яке аз асосгузорони таълимоти радиоактивӣ. Радиоактивияти торийро дарёфтааст (1898). Дар якҷоягӣ бо шавҳараш Пйер Кюрӣ полоний ва радийро кашф намудааст (1898). Ду дафъа, соли 1903 бо ҳамроҳии П. Кюрӣ барои тадқиқоти радиоактивият ва соли 1911 бо А. Беккарел барои тадқиқи хосиятҳои радийи металлӣ сазовори ҷоизаи Нобел гаштааст. Усулҳои чен кардани радиоактивиятро кашф

ва бори нахуст нурҳои онро дар соҳаи тиб истифода бурдааст.

Ягон нафар бону дар дунё ҳамчун олим дар зиндагиаш ба мисли Мария Кюрӣ шӯҳрат наёфтааст. Воқеан, вақте ки саҳифаҳои ҳаёти ӯро варақ мезанед, ягон воқеаи фавқултабиа, нокомиҳои шадид, ноҷӯрӣ ва болоравии ҳайратангезро намебинед. Ба назар чунин мерасад, ки дастовардҳои физикиаш танҳо натиҷаи заҳмати тоқатшикан ва омади кор, хандаи бахт аст. Зоҳиран, тасодуфи хурдтарин, печутобҳои тақдир намебуданд, дар олами илм ситораи Мария Кюрӣ ба дурахш намеомад. Вале шояд, ин ҳамту ба дида метобад.

Ҳаёти ӯ, воқеан, дар Варшава, дар оилаи омӯзгори фурӯтан Иосиф Склодовский, ки ба ғайри Мария боз се духтару як писар тарбия меёфт, ибтидо гирифтааст. Зиндагиашон беҳад сангин буд, модар аз бемории сил бо азоби алим мурд. Падар барои маблағе ёфтану хӯрондани панҷ фарзанд ва табобати модари онҳо ҷон мекоҳонд. Вале ба ӯ кор омад намекард, аз ҷойҳои сердаромад зуд маҳрум мегашт. Мегуфт, ки бо роҳбарони гимназия, ки русҳоянд, забон намеёбад. Дар ҳақиқат дар оилаи ӯ авлавияти миллӣ ҳукмрон буд, дар бобати шиканҷаи лаҳистониҳо пайваста сухан мерафт. Бачаҳо дар рӯҳияи меҳанпарастӣ тарбия меёфтанд, дар ниҳоди Мария таҳқири ноҳақи миллаташ ба як умр ҷой гирифта буд.

Барои соҳиби каме маблағ шудан, Склодовский як қисми хонаро ба хонандагони деҳотӣ, ки ба Варшава омада буданд, ба иҷора супурд. Аз ин рӯ муҳити хона серғавғо буд. Мария субҳи солеҳон аз ҷойгоҳ мехест. Зеро хонаи хоби ӯ ошхона ба ҳисоб мерафт. Падар пас аз вафоти завҷаву духтари калониаш ба дунёи ботинии худ фурӯ рафт, вале ба омӯзиши фарзандон вақти зиёдашро мебахшид. Гимназияро онҳо паси ҳам бо медалҳои тилло хатм намуданд. Марияро оянда санҷишҳои ҷиддӣ интизор буданд. Гӯё ки эҳсос карда бошад, Иосиф Марияро пас

аз хатми гимназия ба деҳа, назди хешу табор фиристод. Эҳтимол ин рухсатии ягонаи ӯ дар ҳаёташ ба ҳисоб меравад, вақти аз ҳама беғамаш буд. «Боварам намеояд, ки кадом як геометрияю алгебра барин фанҳо вуҷуд доранд, - навишта буд ба дугонааш, - ман онҳоро билкул ба дунёи фаромӯшӣ партофтаам».

Бозгашт ба Варшава барояш шодие наовард. Падар тамоми маблағашро дар як тиҷорат бохт. Духтарон натавонистанд таҳсили худро идома бахшанд. Мария ба фарзандони бойҳо, ки ӯро одам намеҳисобиданд, сабақ медод. Аз ин гӯша ба он гӯшаи шаҳр медавид. Ба фойтун пул надошт. Вай боре андешид, ки минбаъд ба ҳамин тарз ҳаёт ба сар барад, дар ҷавонӣ пир мешавад. Аз ин рӯ ба апааш Броня гуфт, ки биё шартнома мебандем. Ту дар Париж касби табибӣ меомӯзӣ, маблағи таҳсилу зиндагиро ман мепардозам. Баъд ман мехонаму ту ҳақи хонишу зистро таъмин менамоӣ. Броня баъди каме андеша розӣ шуд. Мария пас аз таку дави чанд аз оилаи помешики сарватманде бо моҳонаи 40 сӯм, ҷойи хоб ва ғизои ройгон кор ёфту кӯчида ба деҳа рафт. Се соли танҳоиро дар деҳаи дур аз ёру дӯст, хешу табор, дар байни ашхоси бо такаббуру дилсарду бегона ба азоби алим паси сар намуд. Тамоми вақташро ба омӯзиш бахшид, махсусан омӯхтани физикаю математика шавқашро бармеангехт.

Ва инак хати озодӣ расид. Хоҳараш Броня ба шавҳар баромад. Баъди тӯй Мария дар Париж монд, ба донишгоҳи Сорбон дохил шуд. Он вақт 24 сола буд. Ҳамин тавр ҳаёти донишҷӯии муфлисонааш оғоз ёфт. Ӯро танҳо дар синфхона ва китобхона медиданд. Дигар ба ҷое намерафт. Ҳатто дар манзиле, ки обу рӯшноӣ ва гармӣ надошт, ғизо намепухт. Наметавонист ва ҳам чизе набуд, ки хӯрок пазад. Боре аз лоғараву нотавонӣ беҳуш шуд. Ана бо чунин душвориҳо вай ба сафи донишҷӯёни пешқадам ворид гашт. Ӯ баъди хатми донишгоҳ якбора соҳиби ду диплом – омӯзгори физика ва математика шуд.

Баҳори соли 1894 шояд яке аз воқиаҳои муҳимтарини ҳаёташ ба вуқӯъ пайваст. Вай бо Пйер Кюрӣ вохӯрд. Дар 27-солагӣ Мария дигар андешаи муҳаббати мардро ба сар роҳ намедод. Аз ин рӯ ишқи ногаҳон шӯъла зада бисёр ҳам шигифтангез ба назараш мерасид. Пйери он замон 35-сола кайҳо боз дар орзуи зани донишманди ҳамақидае буд, ки ӯро фаҳмида тавонад. Дар байни олимони пештоз зану шавҳари ҳамақидаро кам метавон дид. Ишқу муҳаббати Пйеру Мария ҳодисаи камназир аст.

Мария мекӯшид, ки завҷаи меҳрубон бошад, худ харид мекард, мепухт, мешуст. Вале аз илм даст кашида натавонист. Ба навиштани кори докторӣ пардохт. Ӯро омӯзиши нурҳои уран, ки таҳқиқаш аз ҷониби Беккарел оғоз ёфта буд, ҷалб сохт. Мавзӯъ тамоман нав, тадқиқнагашта буд ва баъдтар он ба мавзӯи муҳимтарини асри XX мубаддал гашт. Он замон Мария ба гӯшаи хотир ҳам намеовард, ки ба давраи ядроӣ қадам мениҳад ва ӯ роҳбаладӣ дигар олимон дар соҳаи басо мураккабу пурихтилоф ва дандоншикан мегардад.

Маъданҳои дорои уран ва торийро таҳқиқ намуд ва ба хулосае омад, ки моддаҳои мазкур дар таркиби худ чизи радиоактивӣ доранд. Тахмини густохонаи ӯ шавқи Пйерро низ ба ҷӯш овард. Зарур буд, ки ин элементи кимиёвӣ аз таркиби моддаҳо ҷудо карда шавад. Вазни атомиаш муқаррар гардад, то ки оламиён бовар намоянд.

Чор сол Кюриҳо як анбори кӯҳнаро, ки дар зимистон аз бомаш барфу борон мерехт ва ягон маротиба гарм карда нашуд, ба иҷора гирифта, аз ҳисоби маблағи худ таҷрибаҳо гузаронда, бе ягон нафар дастёр аз маъдан радий меҷустанд. Дар охир Пйер аз заҳмати тоқатшикан ба фарёд омада, аз тадқиқи минбаъда даст кашид. Ӯ ба Мария гуфт, ки асбоби дақиқи замонавӣ нест, ки маҳсули таҷрибаашонро санҷанд. Аз ин рӯ таҳқиқро то пайдо гаштани асбобҳо мавқуф гузоранд. Вале завҷааш розӣ нашуд, тамоми қувваи ҷисмонию маҳорати илмиашро

сарф намуду соли 1902 аз маъдан ба андозаи детсиграмм радий ҷудо кард. Вай хокаи сафеди дурахшон буд. Мария то охири умр онро нигоҳ дошт ва мувофиқи васияташ хока алҳол дар Пажӯҳишгоҳи радийи Париж маҳфуз аст.

Шӯҳрати беандоза овард кашфиёт ба Кюриҳо. Дар оғози асри XX радийро одамон давои бемории саратон пиндоштанд. Аз тамоми кишварҳои дунё ба сари олимон пешниҳодҳо мерехтанд. Академияи илмҳои Франсия барои тадқиқоти минбаъдаи Кюриҳо маблағи ҳангуфте ҷудо кард. Акнун ҳама чиз барои олимон муҳайё буд: қасрҳо, кӯшкҳо, ғизоҳои лазиз. Ҷоизаи Нобел ҳамаи шароитро барояшон муҳайё сохт. Бахти дигар бароящон таваллуди духтарча буд. Ҳаёт, бахт, комёбиҳои илмӣ ба ҳам тавъам гаштанд. Вале бадбахтӣ аз дунболаи онҳо меомад. Ва хандаи бахт якбора ба азо табдил ёфт, дарахти саодати оилавии олимон ба як бор шикаст. 19 апрели соли 1906 Пйер чун одат субҳидам аз хона баромаду ҷониби донишгоҳ қадам зад. Дигар барнагашт. Вай дар зери сумҳои аспҳои фойтуне монда ҳалок шуд. Марги муфоҷот, тамасхури тақдир чунин буд.

Мария аз талаф додани шавҳари дӯстдору маҳбубаш то дер ба худ наомад. Ӯро танҳо заҳмати ҳамарӯзаи илмӣ наҷот бахшид. Аллакай пас аз чанд моҳи фалокат дар донишгоҳи Сорбон лексия мехонд. Соли 1911 бори дуюм сазовори ҷоизаи Нобел мешавад, пас аз гузашти чанд сол духтараш Ирен низ ба он ноил мегардад.

Дар солҳои ҷанги якуми ҷаҳонӣ Мария бунгоҳҳои сайёри рентгенӣ созмон медиҳад. Вай ҳамеша дар ҷустуҷӯ, кушодани риштаҳои пургиреҳи илм буд. Ва Мария Кюрӣ нахустин одамест дар рӯи замин, ки аз таъсири таҷрибаҳои илмии соҳаҳои физикаю кимиё ба бемории камхунии ганда гирифтор гашта, ба ҳамин иллат аз дунё рахти сафар бастааст.



# Марфаи шаҳрдор (Боретская)

## (Солҳои таваллуд ва вафоташ номаълум)

Беваи ҳокими Новгород И. Боретский. Гурӯҳи боярҳои зиддимаскавиро роҳбарӣ кардааст. Баъди дар соли 1478 ба Маскав ҳамроҳ намудани Новгород ба зиндон афканда шуд.

Зангӯлаи вече (ҷаласаи шаҳриён) новгородиҳоро ба Майдони бузург мехонд. Дар ин ҷо асрҳо боз шаҳриён таърихи худро, ки саршор аз корномаҳо ва санҷишҳои талх буд, меофариданд. Дар тамоми ҳудуди Русия шаҳре набуд, ки то асри XV дар зери юғи истисмори муғулу тотор намонда бошад. Танҳо ҷаноби Новгороди Кабир аз озодӣ ва боигарии ҳамешаафзунаш сарбаланд бо такаббур савлату давлат меронд. Ва шаҳр бисёр одамони машҳуру озодипарастро ба ҷаҳон овард. Танҳо дар ҳамин гуна шаҳр метавонист зане пайдо гардад, ки аз даъвои ҷаҳонгирии князи Маскав Иван Грозний натарсида, бо ӯ пайкор намояд.

Нисбат ба ҳолномаи Марфа маълумот кам ба даст омадааст. Эҳтимол Новгород чунин бонувони шӯҳратёр, ҷасуру ватандӯстро бисёр дидааст, вале на ҳамаи онҳо худро дар вазъияти барои меҳан басо ҳассос санҷидаанд. Солҳои зиёд Марфа низ танҳо бонуи бовафои хона, меҳрубону дӯстдори шавҳараш Исаак Боретский, ҳокими шаҳр, буд. Онҳо хушбахтона, серу пур, байни хешу табор ва аҳли оилаи зиёд мезистанд. Марфа шояд намехост рафти зиндагиаш маҷрои дигар бигирад. Вале

вақт басо муташанниҷ ва ҳавлангез буд. Боигарии Новгород диққати ғосибонро аз ҳар минтақа ба худ мекашид.

Шаҳрдор Боретский ба муҳофизати сарҳади князигарӣ омода гардид. Пеш аз сафари ҳарбӣ бо завҷааш паймон баст, ки дар сурати ҳалок гаштанаш дар муҳорибаҳо вай ба ҷои ӯ Шӯрои куҳансолонро сарварӣ намояд.

Гуфтан душвор аст, ки оё воқеа дар асл чунин сурат гирифта бошад. Барои Марфа, албатта, аз нигоҳи сиёсӣ пурманфиат мебуд, агар шавҳараш ӯро рӯирост ба ҷои худаш ҳоким таъин мекард. Ва ҳам, магар шахсро қасам додан мумкин аст, ки ӯ дар майдон қаҳрамонӣ кунад ва ё маҳорати воизӣ дошта бошад?

Марфа табиатан аз ҷумлаи ашхоси қавирӯҳ ба ҳисоб мерафт, баъди шунидани ҳалокати шавҳараш ба тори яъсу ноумедӣ напечид, чун ниҳоли навбар нашикаст, балки ба оҳанинирода табдил ёфт. Дигар ӯро касе ё чизе аз қавлу амалаш гардонда наметавонист. Ҳаёти оилавӣ, ташвишҳои хонадорӣ ҷойи худро ба фаъолияти ҷамъиятӣ, ғояҳои олии ватандӯстона бахшиданд. Гуфтан метавон, ки ба Марфа бахт омад кард, вай на танҳо дар муқаррар сохтани боҷҳои гумрукӣ дар Шӯро ғалаба намуд, балки бисёр корномаҳоро анҷом дод.

Аён аст, ки дар асри XV князигарии Маскав басо қудрат ёфту дигар заминҳои русро ба зери парчами худ ҷамъ кардан гирифт. Навбати Новгород низ расид. Аз ҷониби княз Иван ба шаҳр пайк омада, ироdai хӯҷаинашро иброз дошт: «Новгород ихтиёрӣ зердасти Маскав шавад».

Марфа лаҳзае ҳам наҳаросид, роҳбарии идеявиро бар зидди тааррузи Иван ба зимма гирифт. Аммо ӯ на танҳо одамонро бо сухани пурҳарорат ба тарафаш кашида метавонист, балки маҳорати фавқулоддаи ташаббускорӣ низ дошт. Марфа ятимеро мепарварид, ки басо ҷасур буд. Исаак Боретский ҳам амалиётҳои ҷангии ӯро дар вақташ меписандиду таҳсин мекард. Чун фарзандони ҳоким нақши фармондеҳиро наметавонистанд

бибозанд ва ҳам бо сабабҳои мухталиф сарварони дар шаҳр будаи навкаронро саркардаи муҳофизони Новгород таъин намудан мумкин набуд, Марфа пас аз андешаҳои зиёд ин вазифаи ҷиддиву муҳимро ба зиммаи Мирослави бенасаб гузошт.

Бонуи шаҳрдор тамоми заифӣ ва беҳимоягии Новгород ва зӯриву тавоноии хасмро дақиқ медонист. Аз ин рӯ, ба ҳокими Псков номаи имдод навишт. Хотиррас кард, ки псковиҳо аз новгородиҳо бисёр некӣ дидаанд. Вале аз тарси княз Иван онҳо танҳо бо сухан мадад фиристоданд, ки парвардигор Новгодродро дар паноҳаш нигоҳ дорад. Марфа бо нафрат номаи ҷавобиро реза-реза карда, дар пораи вараҷе навишт: «Ба таманнои дӯстона бовар надорем, аз маслиҳат ибо менамоем, вале бе ёрии ҳарбии шумоён ҳам ба мақсад мерасем». Мутаассифона, муросо карда натавонистан дар сиёсат, шахсро ба мушкилиҳо мувоҷеҳ месозад. Марфа ҳатто кӯмаки ногаҳонии шоҳи ғамгусору серғайрати Полша Казимирро рад кард. Зеро хуб медонист, ки аҷнабии маккор ӯро ба кадом дом мекашад. «Беҳтар аст, ки аз дасти Иоанн кушта шавам, аз он ки бо дасти шумоён наҷот ёбам», - ҷавоб дода буд шаҳрдори пурғурур.

Ҳамин тавр танҳо ба қувваи худ умед бастан монда буд. Марфа паиҳам рӯзҳоро дар Майдони бузург ба сар мебурд.

Ҷанговаронро ба ҳимояи ватан рӯҳбаланд мекард, ҳиссиёти инсонпарварии шаҳрвандонро бармеангехт, новгородиҳои озодро аз ғуломӣ метарсонд. Таърихнигорон баъдтар мегӯянд, ки ин амалҳоро Марфа ба хотири тахту тоҷаш мекард. Хайр, чи ҳам бояд гуфт. Чунин андешаронӣ ҳеҷ гоҳ шӯҳрати шахсият ва корномаҳои ӯро паст намезананд. Барои он ки ба қалби новгородиҳо боварӣ ба ғалабаро ҷой намояд, духтараш Ксенияро ба никоҳи лашкаркаши навбаромад Мирослав даровард. Тӯйи умумихалқӣ баргузор гашт. Марфа барои нишон додани оромӣ, тавоноӣ ва боигарии оилаи асосии Новгород ҳеҷ чизро дареғ надошт.

Дар Майдони бузург барои ҳамаи сокинони озоди шаҳр мизи тӯёна оростанд, зангӯлаҳо ба садо омада, ҳамаро ба зи-

ёфати шоҳона мехонданд. Мирослав ва Ксения дар байни меҳмонон қадам зада, «хуш омадед» мегуфтанд. Марфа ба мақсад расид: новгородиҳо худро як оила пиндоштанд ва нерӯи онҳо низ дар ҳамин ягонагӣ буд. Дар рафти тӯй ба хотир овар-данд, ки Марфаро модараш дар майдони набард ба дунё оварда буд, то ки шаҳрванди шӯҳратёри шаҳри озод шавад.

Ахиран размандагон омода гаштанд, роҳҳои ҳарбузарб маълум, сокинон дар рӯҳияи меҳанпарастӣ омода буданд, ки ба ҳар гуна тааррузи бегонагон зарбаи ҳалокатовар зананд. Князи Маскав Иван ба сарҳади Новгород расид. Оташи ҷанг даргирифт. Интизорӣ аз майдони ҳарб тӯл мекашид. Марфа фармон дод, ки маъбадҳои шаҳр пайваста ба тоату ибодат ва мададҷӯӣ аз худованд машғул бошанд. Аз Мирослав гоҳҳо кӯтоҳ хабар меомад: «Меҷангем».

Бадбахтӣ ногаҳон ба сари шаҳрвандон рехт. Қӯшун харобу паршикаста баргашт. Мирослав ва ду писари ҷанговари Марфа шаҳиди роҳи озодӣ шуданд. Вақте ки мардум, зану марди Новгород навҳа мекард, Марфа аз ҷангиён пурсид: «Писараконии ман кушта шуданд?». «Ҳар ду», - ҷавоб омад аз тӯдаи сипоҳиён. «Аҳсан ба само! Падар ва модарони новгородӣ, акнун ман метавонам шуморо дилбардорӣ намоям».

Муҳосираи Новгород тӯл кашид, шаҳри як замон серу пур дигар натавонист аҳолиро хӯронад. Сокинон аз гуруснагӣ илоҷи муқовимат надоштанд. Маскавиҳо ба шаҳр зада даромаданд. Князи ғолиб бо садои омирона ба шаҳрвандони аз тарс ларзон гуфт: «Аз касе қасос нахоҳам гирифт».

Дӯстон зуд назди Марфа омада, хостанд, ки ӯро хушнуд созанд. Дар посух шаҳрдор танҳо табассуми заҳромезе кард.

Вақте ки сарбозони маскавӣ ба хонаи ӯ зада даромаданд, Марфа, гӯё ҳодисае рух надода бошад, ҳамроҳи духтараш бо чарх ресмон мебофт.

Бонуи мардсифат дар Майдони бузург қатл шуд. Суханони охиринаш ба ҳамватанони хомӯшгаштааш чунин садо доданд:

«Фуқарои Иоанн! Ҳамчун шаҳрванди Новгород мемирам!»

Баъди чанде маскавиҳо зангӯлаи бузургро аз манора канда ба Маскав бурданд. Халқ то дер аз қафои аробаҳо қадам зад, гӯё бо ҷасади падараш видоъ мекарда бошад.



## Роза Люксембург

## (Солҳои зиндагиаш 1871-1919)

Арбоби барҷастаи ҳаракати коргарии Олмон, Лаҳистон ва байналмилалӣ. Яке аз поягузорони созмони «Иттиҳоди Спартак» ва ҳизби коммунисти Олмон дар соли 1918. Солҳои ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар мавқеи интернатсионалистӣ меистод.

Роҳи ӯ ба сиёсат аз шаҳри Варшава, ки рӯҳияи баланди инқилобиро соҳиб буд, ибтидо гирифт. Лаҳистон дар охири асри XIX як гӯшаи империяи Русия ба ҳисоб мерафт ва аз ин ҷо ҳама вақт ошӯбе, хатаре бар зидди давлатдории русҳо сар мезад. Танҳо сокини танбалу танпарвари Варшава ба маҳфилҳои сиёсӣ, ки он ҷо таърихи воқеии Лаҳистон омӯхта мешуд, намерафт.

Ба монанди бисёриҳо Роза низ ба маҳфили Архангелский шомил гашт, ҳарчанд ба узвияти он напайваст, ба машғулиятҳо мунтазам меомад. Агар ҷавонони зиёде баъди солортар шудан, тарки бозиҳои хатаровари сиёсӣ карда бошанд, Роза баракс фаъолияти инқилобиро ба касби асосиаш мубаддал сохт. Сабаби интихоби пешаи мазкур, ба андешаи мо, аз хис-

латҳои модарзодии ӯ бармеояд. Вай аз ҳад зиёд худбин, шӯҳратпараст ва боматонат буд ва алалхусус ба омӯзиши фанҳои ҷомеашиносӣ шавқу рағбати беандоза дошт. Ӯ ҳама вақт чи хостани тӯдаи одамонро пай мебурд, маҳораташ дар пайвастани анъанаҳои мардумӣ бо ҳаракатҳои инқилобӣ беҳамто буд, истеъдоди шигифтангези журналистиаш барало эҳсос мегашт ва тавассути қобилияти суханвариаш ҳамчун тарғибгари озодӣ ва публитсист дар қалби ҳазорҳо нафар заҳматпеша маъво гирифт.

Оилаи муттафиқи аз рӯи анъанаҳои кӯҳнаи яҳудиён умр ба сарбаранда ба тарбияи насл аҳамияти ҷиддӣ медод, волидайн кӯдакони худро хеле зиёд дӯст медоштанд ва Розаи хурдакак бо як дилгармии рӯзафзун камол меёфт. Падару модар дар симои ӯ амалӣ гардидани кулли орзуву омоли худро медиданд. Бар замми ин Роза маъюб ба дунё омада буд. Банду буғуми косу ронаш иллат дошт ва то даҳсолагиаш беҳад азоб мекашид, ҳафтаҳо бистарӣ мегашт. Дар ҷавонӣ маризӣ аз байн рафт, аммо лангии пойҳояш ба чашм мерасид. Аз ин рӯ барояш пойафзоли махсус фармуданд. Агар оҳиста-оҳиста қадам мемонд, лангиаш ба назар намерасид. Вале, худо нокарда, агар саросема мешуд ё медавид, ё пойафзолро мекашид... Албатта, ба худ метавон тасаввур намуд, ки духтараки китобхон, боназокат, доно аз лангии хеш чи азоби алими ботинӣ мекашад ва дар кадом рӯҳия характераш шакл мегирад.

Пас аз хатми гимназия волидайн чанд муддат кӯшиданд, ки Розаро аз таъсири фаъолияти сиёсӣ эҳтиёт намоянд. Барояш муаллими мусиқӣ гирифтанд, то ки духтараки боистеъдод ба санъат шуғл варзад. Лекин Роза аз роҳи фиребои инқилоб, ки барои ҷомаи амал пӯшидани нақшаҳои худкомааш имконият фароҳам меоварад, қадам берун ниҳода наметавонист. Дар байни дӯстон вай бо ҳама баробар буд, касе ба маъюбии ӯ диққат намедод. Баҳри ӯ ҳалли масъалаи ояндаи занонааш қимате надошт. Онҳо мақсади ягона, воломақомро соҳиб буданд,

ки барояш майда-чуйдаҳои ҳаёти оилавӣ беқурб ва хатоҳои зиёди содиргашта бахшиданӣ ба назар мерасиданд.

Дар охири солҳои 80-уми асри XIX ташкилотҳои зиёди пинҳонкорро ақидаҳои мухталиф, интихоби роҳиояндаи инқилобӣ ба майдони набард мекашид. Террор ба омма манфиат наовард, танҳо диққати ашхоси мутаассибро ҷалб мекард, қисми асосии ҷавонон роҳҳои қонунии муборизаро баҳри ҳокимият рондан меҷустанд.

Роза замоне ба ҳаракати инқилобӣ пайваст, ки муборизаи зиддитерроризм авҷ мегирифт. Вай гурӯҳҳои террористиро маҳкум намуду ҷонибдори роҳи тарғиботиву ташвиқотӣ гардид. Аммо террористҳо мавқеи худро ба осонӣ додан намехостанд. Вақте ки зӯр меомад, ҳатто рафиқони ҳамҳизбашонро ба политсия мефурӯхтанд. Охири соли 1889 Роза Люксембург барои зиндонӣ нашудан маҷбур ба Швейтсария муҳоҷир шуд.

Солҳои дар ин кишвари ором ба сар бурдааш давраи аз ҳама хушбахттарин дар ҳаёташ буданд. Ӯ худро нерӯманд ва дилпур эҳсос мекард. Маҳз дар Швейстария дар айни авҷи шодмонӣ навишта буд: «Агар ягон вақт аз само ҷуфти ситора канда, ба касе барои ба ҷои тугма шинонидан тақдим карданӣ шавам, бигзор дар ин кор ба ман фазлфурӯшон бо ангушт таҳдидкунон монеъ нагарданд, ки банда ба фанни кайҳоншиносии мактабҳо ҳарҷу марҷ ворид месозам.» Чунин таркиши романтизм дар вуҷуди ӯ аз пешравии кор ва тавлиди ишқ пайғом меовард.

Дар Сюрих дар хонаи як рафиқ Роза бо Лео Иогихес шинос шуд ва ӯ зуд ба ҷавон шавқ пайдо кард. Лео низ ба духтарак ҳусни таваҷҷӯҳ дошт, аммо дар роҳи ишқ қадами қатъӣ намегузошт, танҳо сӯҳбат дар атрофи адабиёти сиёсӣ мерафт. Роза бар хилофи қоида худ изҳори муҳаббат кард. Леои муҷарради мӯътақид таслим шуд. Вале фишори ҳамарӯзаи Роза, нерӯи адонопазири ӯ, ба асаби мард сахт расиданд. Магар осон аст зистан бо зане, ки ботинаш моломоли ташаббусҳост. Ва оташи моҷарои оилавӣ аланга зад.

Вақте ки Роза Люксембург дар мавзӯи «Рушди саноати Лаҳистон» рисолаи номзади илмро ҳимоя намуд, муноқишаи зану шавҳар ба авҷи аъло расид. Акнун мақолаҳои илмии Розаро бисёр расонаҳо, маҷаллаҳои ҳизбӣ нашр мекарданд. Вай шахси шинохта гардид. Лео дигар наметавонист бо ин муросо намояд. Аммо шахси ба доми зани тавоно афтода ба осонӣ халосӣ намеёбад. Ва муносибати мураккаби онҳо ба дарозо тӯл кашид.

Дар ин байн ҳизби сотсиалистии Олмон Розаро барои иштирок дар интихобот ба сифати тарғиботгар даъват менамояд. Ӯ дар байни лаҳистониҳои Силезияи Боло ғояҳои сотсиализмро ташвиқ мекард ва баъди чанде барои онҳо одами худӣ гардид. Дар ин ҷо бо Клара Сеткин дугона шуд. Дар ҷанозаи Вилгелм Либкнехт, ҳамсафи Карл Маркс, Роза бо писари ӯ Карл ошно гашт. Бо назариётчии машҳур К. Каутский паймони дӯстӣ баст. Соли 1901 дар Олмон Люксембург бо Ленин вохӯрд.

Дар Олмон Роза бар зидди ҷангу ҷангҷӯён мақолаҳо навишт ва ду мартаба барои баромадҳои зиддиҷангиаш ба суд кашида шуд.

1 августи соли 1914 Вилгелми II ба Русия ҷанг эълон кард. Фраксияи сотсиалистии порлумон бо ҳайати пуррааш барои кредитҳои ҳарбӣ овоз дод. Люксембург аз аблаҳии ҳамкорон ба ғазаб омад ва бо Меринг маҷаллаи зиддишовинистии «Интернатсионал»-ро созмон бахшид. Вале Роза ҳанӯз мақолаи нахустинашро ба итмом нарасонда буд, ки моҳи феврали соли 1915 ӯро ба ҳабс гирифта, ба зиндони занонаи Берлин партофтанд. Ҳаёти пурмашаққати Роза оғоз ёфт. Дуюним сол зиндонӣ буд. Китоби В. Короленко «Таърихи ҳамзамони ман»-ро аз русӣ ба олмонӣ гардонд, ки дар солҳои ҷанг бо Русия тасаввурнопазир менамуд.

Вақте ки дар соли 1918 Роза аз маҳбас баромад, дар Олмон тӯфони инқилоби ноябрӣ ҳукм меронд. Террори хунин ба авҷи аъло мерасид. Теғи аҷал дар байни гунаҳкору

бегуноҳ фарқе намегузошт, касе, ки пеш меомад, бедиранг медаравид.

Роза Люксембург қурбони рафиқони ҳизбиаш шуд. Онҳо кӯшиданд, ки зуд аз рафиқи бетоқаташон раҳоӣ ёбанд.

Шоми якшанбеи 15 январи соли 1919 Карл Либкнехт ва Роза Люксембургро пулис даст гирифт. Люксембургро барои пурсиш ба меҳмонхонаи «Эден» оварданд, дар даромадгоҳ афсарону аскарон ӯро дашном дода, таҳқир карданд. Баъди пурсиши таҳқиромез барои ба зиндони Моабит афкандан ба баромадгоҳ бурданд. Вақте ки зан бо виқору сари баланд аз байни тӯдаи сарбозон мегузашт, як навкар ба сари ӯ ду зарба зад. Асир афтод. Ӯро ба мошин бор карданд. Лату кӯб ҳамоно идома дошт. Ахиран афсаре аз задан хаста шуд, ки ба ҷабини Роза тир паронд. Ҷасадро ба канали паҳлӯи роҳ ҳаво доданд. Рӯзи дигар иштирокчиёни куштор баъди майнӯшии беҳаду андоза дар қолаби анъанаҳои садизм бо ҳам сурат гирифтанд.

Танҳо пас аз чанд моҳ, 1 июн ҷасади инқилобгари машҳур, арбоби сиёсӣ Роза Люксембург ёфт шуд.

## Александра Михайловна Коллонтай

## (Солҳои зиндагиаш 1872-1952)

Арбоби ҳизбии шӯравӣ, дипломат, публитсист. Узви КПСС аз соли 1915. Солҳои 1917-1918 комиссари халқии сарпарастӣ. Коллонтай – нахустсафир аз байни бонувон. Аз соли 1923 намояндаи мухтор ва намояндаи тиҷоратӣ дар Норвегия ва Мексика (соли 1926), аз соли 1927 намояндаи мухтор дар Норвегия, солҳои 1930-1945 элчӣ ва баъдтар сафири СССР дар Шветсия.



Ҳастанд ашхоси хушбахту осудаҳол, ки зиндагии онҳо бо хоҳиши дилашон сурат гирифтааст ва ҳам тақдир онҳоро то ҷое аз чашми бад эҳтиёт намудааст. Аз рӯи ақидаи мазкур сухан ронем, Коллонтай ба гурӯҳи ҳамин гуна одамон шомил мегардад, ки толеъ мадад кардааст, набошад, дарозумрии ҳайратангез, фаъолияти бисёрсолаи ӯро чи тавр метавон эзоҳ дод? Охир, дар замони ӯ бисёр рафиқон, дӯстон, ҳамкоронаш ҷазо гирифта, ҳабс ва беному нишон гаштанд, аз ёдҳо рафтанд. Ба шарофати ҷозиба ва ё ақл? Шояд ин дар лаёқати хоҳиши зинда мондани ӯ бошад?

Шураҷон Домонтович аз хурдӣ бо рӯҳияи ошӯбгарона ва шӯҳратпарастии беназираш аз дигар хоҳаронаш фарқ мекард. Дар байни волидайн муҳаббат ҳукм меронд ва ризоят устувор буд. Модар, Александра Александровна, аз шавҳари аввал хати талоқ гирифта, бо се фарзанд аз хонаи ӯ баромада меравад, ки он солҳо ин гапи тамоман гӯшношунид буд. Сипас бо генерал Домонтович, шахси дурусти поквиҷдон, ақди никоҳ мебандад. Таваккал кардан дар хонадоршавӣ ба волидайни Коллонтай, чи тавре ки дар афсонаҳо мегӯянд, бахт овард ва онҳо «хушрӯзу осуда зистанд» ва аҷибаш ин ки қариб дар як рӯз аз дунёи фонӣ ба ҷаҳони боқӣ рахти сафар бастанд.

Гуфтан душвор аст, ки барои чӣ тарзи зисти оилаашон қаҳрамони моро ба ваҷд наовард. Худи ӯ дар ҷавонӣ ба қадри ҳузуру ҳаловати оила, ғамхории дилсӯзона ва меҳрубонии хешу табор намерасид. Вай ба шарофати ишқи бекарона ба афсар Владимир Коллонтай ба шавҳар баромад. Пас аз як соли тӯй Михаил ба дунё омад. Зиндагии орому саодатмандонаи оилавӣ

созмон ёфт: хонаи муҷаҳҳаз, таъминоти комил, тифли сиҳату саломат, шавҳари бофаҳму фаросат. Вале рӯҳи Александраро зиндагии орому осуда азият медод, он ҷавлонгоҳ, озодӣ, шӯру шар меҷуст. Вай бо марксистон ошно шуд, китобҳои онҳоро бо ҷидду ҷаҳд мехонд, дар маҳфилҳои пинҳонӣ ширкат меварзид. Вақте ки Владимир барои беҳбудии оила заҳмат мекашид ва дар хизмати ҳарбӣ ба вазифаҳои баландтару масъул расидан мехост, завҷааш бештар ба бозиҳои сиёсӣ мегаравид. Гӯё барало эҳсос карда бошад, ки ояндааш ба сиёсат сахт пайванд аст.

Дар байни онҳо ягон хел шӯру мағал, саҳнаҳои фоҷиавии оилавӣ ба вуқӯъ наомаданд. Владимир бо афсӯсу надомат ба мушоҳида мегирифт, ки чи тавр завҷаи дӯстдоштааш муттасил аз канори ӯ ба оғӯши сиёсат меравад. Ин марди олиҳиммат танҳо метавонист ба ояндаи ӯ монеъ нашавад, аз банду басти оилавӣ озод намояд. «Чизе, ки ба ту писанд аст, интихоб бикун», - гуфт ба завҷааш. Дар айёми пирӣ Александра Михайловна зуд-зуд нахустшавҳараш ва ҳамон зарбаи ҷонкоҳеро, ки рӯзи ҷудоӣ ба қалби вай зада буд, ба ёд меоварду ва афсӯс мехӯрд, ки дигар касе ӯро ба монанди Владимир нафаҳмид, набахшид ва, албатта, дӯст надошт.

Озодӣ аз оила ба Коллонтай пару бол бахшид. Вай ба хориҷа сафар кард, дар донишгоҳҳо аз иқтисодиёт ва омор дониш андӯхт ва ба навиштани мақолаҳои сиёсӣ оид ба масоили занон пардохт. Бо Ленин, Плеханов, Роза Люксембург шинос гашт. Баъди бозгашт ба Русия дар байни марксистон ба симои бонуфуз табдил ёфт.

Моҳи декабри соли 1908 Коллонтай маҷбур шуд, ки ҷилои ватан намояд. Вай дигар то инқилоб ба Русия наомад. Нӯҳ сол Александра Михайловна дар байни гурӯҳҳои мухталифи сиёсӣ ҷӯёи ҳақиқат буд. Дар Париж бо Лаура, духтари Карл Маркс, вохӯрд. Ба Дания бо таклифи Клара Сеткин рафт, то ки дар Конфронси байналмилалии сотсиалистон ширкат варзад. Дар

ҳамон ҷо дар хусуси ҷашнгирии Рӯзи занон – 8 март қарор ба тасвиб расид. Вай дар ҳама мавзӯъ, аз эҷодиёти Л. Толстой сар карда то вазъи занон дар оила метавонист маърӯза намояд. Ҳаёташ пурҷӯшу хурӯш буд. Ҳар рӯз вохӯриҳои нав, баҳсу мунозираҳои нав меовард. Дар соли 1915 ӯ ба ИМА сафар кард. Олами нав низ мехост бо ҷараёни мӯдшудаи марксистӣ ошно гардад.

Вақте ки аз тахт даст кашидани шоҳро шунид, Коллонтай зуд озими Русия шуд. Дар Петербург дар хонаи дугонааш Щепкина-Куперник, тарҷумони Шекспир, ҷои зист ёфт. Дигар ӯро танҳо намедиданд. Ин зани хурдҷусса дар байни ҳазорҳо нафар аз барномаи болшевикон соатҳо ҳарф мезад. «Мо, русҳо, аниқтараш болшевикон, таърихи навро меофарем, мо баҳри пролетариати дунё роҳи наҷот пайдо менамоем. Ва аз ин қалби мо ҳамеша дар тӯғён аст. Ба ҳизби мо ва ба муборизаи он баҳри озодӣ ҳамчун ошиқи шайдо ворид мешавӣ», - навишта буд Коллонтай дар ёддоштҳояш.

Александра Михайловна ба шарофати инқилоб хеле рӯҳ гирифт ва ба назар хеле ҷавон ҳам менамуд. Боре баъди ваъз гуфтан дар Гелсинфорс бо баҳрнаварди шуҷоъ, марди ба дилаш мувофиқ Павел Дибенко шинос гардид. Ӯ бонуи воизро ба киштиаш хонд. Баъди сайру гашти баҳр ба бандар овард, аз киштӣ то ба замин Александраро рӯи даст бардошта омад, ки ҳатто домани бону заррае ҳам тар нашуд. Коллонтай ин баҳрнаварди ришдори китфвасеъ, фарзанди деҳқони хокпошро дӯст дошт. Дибенко дар флоти Балтик шахси якум, раиси Кумитаи Марказӣ буд. Вақте ки тобистони соли 1918 дар Севастопол Дибенко ба немисҳо асир афтод, ба вай марги беамон таҳдид мекард. Танҳо дӯстии Коллонтай бо Ленин ӯро наҷот бахшид. Бо хоҳиши Коллонтай дӯстдорашро бо афсарони асири немис иваз намуданд.

Дар ҳукумати нави болшевикӣ Коллонтай комиссари халқии сарпарастӣ таъин гардид. Вай ятимон, бепарасторон, маъ-

юбон, пирони барҷомондаи бекасро ба оғӯши модарона гирифт. Вале дар ҳалли мушкилиҳои зиёди иҷтимоӣ душворӣ мекашид. Бар замми ин Павел ӯро тарк карду бо духтараки хоксору одии деҳотие ақди никоҳ баст.

Коллонтайро аз ғаму андӯҳ вазифаи нав наҷот дод. 27 марти соли 1923 Александра Михайловна сарвари намояндагии РСФСР дар Норвегия таъин шуд. Вай нахустин сафир аз байни занон буд. Ягон мартаба истеъдоди ӯ ба дараҷаи ҳайратангез кушода нашуда буд, магар дар вазифаи сафирӣ. Вай зебоӣ, фатонат, тарзи гуфтору рафторашро баҳри расидан ба мақсад ва ҳадафҳои кишвар равона месохт. Норвегия Русияи Шӯравиро ҳамчун давлат ба таври расмӣ шинохт. «Сафире, ки ба мамлакати худаш дӯстони навро ҷалб накардааст, ба номи сафир сазовор нест», - мегуфт Коллонтай.

Бештар аз 20 сол Александра Михайловна дар вазифаҳои масъули сафирӣ фаъолият дошт. Ҳар гоҳ хонаводаашро низ хабар мегирифт. Сталин ӯро эҳтиром мекард, барояш аз Спиридоновка иморат дода буданд. Боре Сталин аз Дибенко пурсид: «Ба ман бигӯ, чаро аз Коллонтай ҷудо шудӣ?» Павел кимчиҳоро баҳона оварданӣ шуд, ки Сталин сухани ӯро бурида гуфт: «Э. аблаҳ будай. Беақлӣ кардай».

Гуфтан душвор аст, ки Коллонтай ба репрессия, ҷазодиҳӣ, чи гуна менигарист, чи тавр марги наздиконашро таҳаммул менамуд. Ва худи ӯро чӣ аз фалокат нигоҳ дошт, вақте ки Литвиноврo сабукдӯш намудаву комиссариати халқии корҳои хориҷиро «тоза» мекарданд. Чичеринро кушта буданд? Шояд наҷоти ӯ дар содагӣ ва эҳсосоти ҳаётдӯстиаш бошад. Вай дар як қиссаи нотамомаш навишта буд: «Сарбаландам, дар нигоҳи ман талбандагии оҷизонаи заиф нест, ки аз паи марди дуршуда менигарад. Баҳои худро ман аз чашмони ту намеҷӯям. Баҳои маро чашмони онҳое акс месозанд, ки барояшон боигарии эҷодиёт, ақл ва рӯҳамро бахшидаам. Ҳаёт чи тавр зебост! Маънии зиндагиро дар кор, бартараф сохта-

ни мушкилиҳо, дар комёбиҳо ва ҳатто дар душвориҳо мебинам. Ҳамту зистан хуш аст. Ба табассум ба ҳаёт менигарам ва аз он наметарсам...»

Афсӯс, ҳатто умри дарозтарин ҳам боре ба охир мерасад. Александра Михайловнаи куҳансол аз сактаи дил фавтид ва дар қабристони Новодевичи Маскав ба хок супурда шуд.

## Коко Шанел

## (Солҳои зиндагиаш 1883-1971)



Фарангӣ, тарҳсоз (моделйер). Тарзи либоспӯшии бонуи асри ХХ-ро офаридааст. Кошифи атри машҳури «Шанел, № 5». Ҳамчун ҳомии аҳли санъату адабиёт низ эътироф шудааст.

Шанел дар байни тарҳсозон нахустин устодест, ки на танҳо мӯд, балки услуби нотакрори худро эҷод намуда, дар тарзи либоспӯшӣ ва симои бонувони асри ХХ инқилоберо ба вуҷуд овардааст. Аз бадани нозуки зан корсет (миёнбанди махсус барои хушнамо кардани қаду қомат) – ро берун афканда, ба ҷисми ҷинси латиф озодӣ бахшид, рӯҳ ва шуури ӯро аз банду қайди афкори таассуб раҳо бидод. Дар шахсияти худ зани озоду соҳибихтиёрро таҷассум карда, маънии зебоии озодӣ ва тобеъ набуданро фаҳмонд ва ба ҷинси латиф илқо намуд, ки вай низ узви комилҳуқуқи ҷомеа мебошад. Вай ҳамеша ба муқобили ҷараёни об шино мекард, анъанаҳоро шикаста, роҳи нав месохт, бар хилофи ақидаи дигарон мезист, эҷод

менамуд, ба зинаи болоии шаъну шӯҳрат қадам мегузошт. Ин бонуи бузург навҷӯ, нававар ва нобиғаи мӯд гардид.

Ятимӣ ва бенавоӣ нахустин дорулфунуни Шанел буданд, аммо аз гузаштагони худ, деҳқонони кӯҳистони ҷануби Фаронса, ӯ матонат ва суботкориро ба мерос гирифт. Аз душвориҳо наметарсид, ба зиндагии хуш бовар дошт ва баҳри сайқал бахшидани донишу маҳораташ пайваста мекӯшид. Вай барои худомӯзӣ истеъдоди фавқулоддае дошт. Зеро дар хонае, ки тарбия меёфт, касе дар парвои зебоӣ набуд. Ӯ баъди вафоти модар дар оилаи бибиаш мезист. Вале аз ин ҷо ҳам бо даргузашти бибиаш маҳрум гашт ва аз сағирхонаи назди дайри занона сарпаноҳ ёфт.

Дар рафти зиндагии минбаъда Шанел мекӯшид, ки ҳаёти фақиронаи наврасиашро ба боди фаромӯшӣ супорад, вай ҳар гуна холаҳои сарватманди набударо фикр карда мебаромад ва мегуфт, ки дар хонаи онҳо ба воя расидааст. Ӯ бо гузашта, бо зиндагии хориву зорӣ бо тамоми вуҷуд мубориза мебурд ва гоҳҳо бо яъсу ноумедиҳо ба мураббияҳои сағирхона фарёд мезад: «Ман ятим нестам!». Ҳанӯз дар ҳамон ҳангом, замони дар паси мизи қашшоқона нишастанаш, қасам хӯрда буд, ки бар камбағалӣ ва бенавоӣ ғолиб хоҳад омад.

Кокои понздаҳсола дар Мулен бо Балсан, афсари бой, шинос гашта, бе ягон дудилагӣ ва андешаи зиёд ҳамроҳаш ба Париж меравад. Ошиқ ба маъшуқаи худ дар кӯшки шахсиаш ҷой медиҳад, вале ӯ солҳои зиёд нақши зани бечораро мебозид. Зеро ҳукмрони кӯшк маъшуқаи «қонунӣ»- и Балсан, фоҳишаи дар он замонҳо машҳури Париж Эмиленн д- Алансон ба ҳисоб мерафт. Ба Шанели боғурур, итоатнопазир таҳаммули писхандҳо ва таҳқирҳои ҳариф душвор буд, аммо ӯ илоҷе надошт, охир вай ба куҷо ҳам сар мехалонд. Аз ин рӯ Шанел роҳи наҷот меҷуст, Балсан ба имдодаш намерасид. Ба ақидаи ӯ аз дасти ҷинси латиф кори ҷиддие намеомад.

Лекин Шанели дар муборизаи ҳамарӯза бо фақр обутобёфта таслим шудан намехост. Вай ошиқи дигар ёфт, бо инглиси

пулдор Бой Кейпел алоқа баст.Ин дафъа тақдираш хандид. Шанел рашки Балсанро бедор кард. Аз рақобати ошиқон фоида ба даст овард ва дӯкони фурӯши кулоҳро тартиб дод. Тиҷораташ зуд рушд ёфт. Бо ҳамроҳии Кейпел ба қабули ашхоси машҳур мерафт ва дар андак муддат худ низ аз бонувони шинохта маҳсуб гашт. Акнун ҳунарварони парижӣ барои дарёфти кулоҳҳои зебову ҳушрабо ба Шанел рӯи ниёз меоварданд.

Шӯҳрат омад, боигарӣ низ. Аммо Шанел қонеъ набуд. Қалби ӯ туғён мезад, ақли ҷӯёаш дар такопӯ буд, бо буда қаноат намекард. Вай кайҳо эҳсос намуда буд, ки қаду қомати зан ҳангоми либоспӯшӣ эҳтиёҷ ба озодӣ дорад. Пероҳан бояд мантиқи худро дошта бошад, ба талаботи замон ҷавоб диҳад.

Нахустин пероҳани дӯхтааш аз матои ҷерсӣ буд, ки то ин дам барои либоси занона истифода намешуд. Коко ҳамаи анъанаҳои хайётии даврро шикаста, услуби наве эҷод менамояд, ки дар он хушдӯхтӣ ва нозукии либос ба ҳама дастрас буд. Бонувони парижӣ шефтаи мӯди Шанел шуданд.

Ситораи шӯҳрати ӯ дар солҳои ҷанги якуми ҷаҳон бештар дурахшид. «Ҷанг ба ман ёрӣ расонд. Ҳангоми катаклизм, дигаргуниҳои ҷиддии харобиовар, инсон ба чӣ қодир будани худро ошкор месозад. Соли 1919 маро машҳури дунё кард», - навишта буд дар ёддоштҳояш.

Одам чӣ гуна ба илҳом меояд? Ба вуқӯъ пайвастани онро зери назорат гирифтан имконнопазир аст. Коко худ ба ёд оварда буд: «Боре хунук хӯрдам ва свитери мардона пӯшидам, он шаб касе аз ҳамроҳонам инро пай набурд». Ва Шанел ба табдил додани баъзе аз пӯшокҳои мардона ба либоси занона пардохт. Ҳар чизе, ки вай ба он даст мезад, шакли ҳайратангез ба худ мегирифт. Камзӯлча, куртаи галстукдор, тугмаҳои мардона ва ғайра ба шарофати дастони эҷодгари Шанел дар бадани бонувон умри дигаре меёфтанд.

Шанел ҳеҷ гоҳ тарҳи либосҳоро рӯи коғаз наовардааст. Вай матоъро ба қади духтарон мепартофт ва бо ёрии қайчию

сӯзанакҳо тарҳи нав дармеандохт. Ба ин ҳунарвар танҳо як ҷуфт қайчӣ ва якчанд ҳаракати муназзам кифоя буд, ки аз ғарами матои бемазмун зебоӣ падид ояд.

Ба шарофати боигарӣ Шанел бо бисёр адибон, рассомон ва ҳунарпешаҳо ошно шуд. Вай ба санъатварони балети рус аз ҷиҳати моддӣ ёрӣ медод ва сафи чунин ниёзмандон рӯз ба рӯз меафзуд. Шанели як вақтҳо бенаво мехост ба ҳама мӯҳтоҷон мадад расонад. Кокто ва Пикассо, Дягилев ва Стравинский, Бакст ва Лифар, Ревердӣ ва Жуве бо ӯ дӯст буданд. Князи бузурги Русия  Дмитрий Романов дӯсташ медошт, аммо дили Шанел ба фармони ҳерсог Вестминстерский, узви оилаи шоҳони инглис, яке аз одамони бойтарини Британияи Кабир, метапид. «Зиндагии ҳақиқии ман баъди вохӯрӣ бо Вестминстерский оғоз гардид. Билохир соҳиби китфе шудам, ки ба он метавонам бо эътимод такя занам, дарахте ёфтам, ки битавонам зери сояаш ҳаловат барам»,- мегуфт Шанел.

Вақте ки ҳерсог пешниҳоди издивоҷ намуд, Шанел онро чунин рад кард:

«Чаро ба ту ба шавҳар бароям, охир Коко Шанел яктои ҷаҳон аст, дар сурате ки Вестминстерҳо се нафаранд». Ҳерсог бева ва соҳиби ду духтар буд. Аммо Шанел озодӣ ва танҳоиро афзал донист.

Атри «Шанел, № 5» ба Коко шӯҳрати шигифтангез овард. Вай аз 80 ҳиссаи ба ҳам омехтаи анвои табиат атре кашф намуд, ки бӯи боғи зиндаро ба машом мерасонд, вале бӯи муаттар ба ягон гул хос набуд. Ҳангоми ҷанг дар назди мағозаҳои ӯ афсару аскарони олмонӣ, баъдтар амрикоӣ навбат меистоданд, то ки ба дӯстдоштаашон армуғоне бихаранд, шишачаи майдаҳаке аз атри Шанели парижӣ.

Шанел бори нахуст ҷавоҳироти ҳақиқию қалбакиро пайиҳам ба як ришта кашид, то ки ҷилои зару заварҳои қалбакӣ дурахши ҳақиқӣ пайдо намоянд. Вай ба зиндагиаш низ чунин бозиро раво медид,  ҳақиқатро бо тахайюлот ба ҳам меомехт.

Ӯ чунин мепиндошт, ки ҷавоҳироти аслро дар хона овехтан хуб аст, ба мисли он ки дар танҳоӣ аз шунидани мусиқӣ ё хондани китоб ҳаловат мебарӣ.

Коко Шанел то охирин рӯзи ҳаёташ заҳмат мекашид. Боигарии беҳисоб, шӯҳрат, зиндагӣ ба комаш буд, аммо танҳоӣ азоб медод, намедонист боигариашро ба кӣ монад. Боре аз алам садое дардод: «Ҳатто намедонам, ки хушбахт будам ё на». Аммо эҷодиёти Шанел, офаридаҳояш, услуби хосааш номи ӯро баъди маргаш ҳам зинда медоранд.

# Галина Сергеевна Уланова

## (Солҳои зиндагиаш 1910-1998)



Раққосаи балет, Ҳунарпешаи халқии СССР аз соли 1951, ду карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1974, 1980). Солҳои 1928-1944 дар Театри опера ва балети ба номи Кирови шаҳри Ленинград нақшҳо офаридааст, солҳои 1944-1960 ҳунарпешаи Театри калони шаҳри Маскав, баъд ҳамчун балетмейстер- мураббӣ кор кардааст. Барандаи Ҷоизаи ба номи Ленин (1957) ва Ҷоизаи давлатии СССР (1941, 1946, 1947, 1950).

Дар чашми сокинони шаҳр ва ашхоси худбину бепарво одамони соҳиби касбҳои театрӣ бояд аз дигарон фарқ мекарданд: онҳо боист хушчақчақ, лоубол, аз банду бастҳои оилавӣ

озод, шӯъбадабоз, густох, таннозу бокарашма бошанд. Онҳо гӯё вазифадор буданд, ки ба тамошобин илҳо созанд, ки аз дигар дунё омадаанд. Аз ҷахоне, ки мардумаш шоду масрур асту яъсу ноумедӣ, афсурдаҳолӣ бароящон бегона. Умуман, актёрӣ, дар назари мо, касб нест, балки тарзи хислат, мантиқи ҳаёт, хоҳиши ҳамеша дар назди мардум будан аст.

Улановаи беҳамто бо ҳаёти зоҳидонааш, бо тақдир ва аз баҳри зиндагӣ гузаштанҳояш миси ин ақидаи устуворро дар хусуси артистҳо баровард, онро билкул ботил сохт. Галина Сергеевна тавре мезист, ки гӯё фаъолияти ӯ бо ҳаёти зоҳидона, бо хизмати олии софдилонаву поку беолоиш пайванд аст ва ба он барои одамони ғайри дилхоҳу серташвишу телба роҳ нест.

Зодварони Уланова, актёри балет ва таҳиягар С. Уланов ва М. Романова, раққосаи усули классикӣ ва педагоги барҷаста буданд. Табиист, ки Галина аз овони бачагӣ ба чи сон вазнину тоқатшикан будани ҳаёти ҳунарпешаи балет аллакай сарфаҳм мерафт. Вай дар замони душвори баъдиинқилобӣ ба воя мерасид. Падару модар барои қути лоямут дар кинотеатрҳо то оғози филм мерақсиданд. Аз як гӯшаи Петербург то канори дигар, зери барфу борон онҳо аз дасти духтарчаашон гирифта ба кинотеатрҳои яхдон барин сард мерафтанд ва дар он ҷо Мария Фёдоровна, аз хунукӣ дандон ба дандон зада, валенкаҳоро аз пойҳояш бароварда, кафшҳои атлас мепӯшид. «Онҳо бо шавқу завқи воло мерақсиданд,- навиштааст дар ёддоштҳояш Уланова,- тарзе мерақсиданд, ки одамони дар толори сард нишаста табассум мекарданд, худро хушбахт меҳисобиданд, ки шоҳиди чунин рақси зебою шево, моломол аз шодӣ, рӯшноӣ ва шеърият шуданд».

Вақте ки филм мерафт, ҳунарварон дар хоначаи киномеханик дам гирифта, ба баромади навбатӣ омода мегаштанд, Галинаи хурдакак аз паси саҳна ба парда менигарист ва хоболуд манзараҳои аҷоибу ғароибро тамошо мекард. Посе аз шаб

падар духтарчааш дар рӯи даст шаҳри яхбастаро аз шимол ба ҷануб қадам мезад. Сабақҳои аввалини Уланова низ бо толорҳои сард, аз гуруснагӣ беҳуш шуданҳо пайвандӣ доранд. Аз ин рӯ беҳуда нест, ки барои ӯ балет ҳеҷ гоҳ «афсонаи шавқангез» набуд. «Не, ман хоҳиши рақсидан надоштам. Меҳр бастан ба он чизе, ки иҷрояш хеле душвор аст, осон нест. Мушкилӣ бошад, ҳама вақт буд. Раққосони балет ҳамеша аз дарди тоқатфарсои пойҳо ё аз бебарории кор шиква доранд».

Ҳангоми омӯхтани рақси балет Улановаи хурдакак бисёр вақт мегирист ва талаб мекард, ки ба хона баранд. Ӯ машқи ҳаррӯза, такрор намудани нозукиҳои рақсро чашми дидан надошт. Вай ба хотир ҳам намегирифт, ки замоне фаро мерасаду машқҳои пайваста ба ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёташ табдил меёбанд ва бе рақсу саҳна рӯзе ҳам зиста наметавонад. Дар он давр ӯ аз суханони модараш сахт метарсид. Мария Фёдоровна чунин талқин мекард:

«Агар машғули машқ нашавӣ, ту соҳиби чизе намешавӣ, ҳатто бе касбу ҳунар мемонӣ. Машқ, машқ ва боз ҳам машқ кардан зарур аст, то ки раққосаи машҳур гардӣ». Бе касб мондан дар оилаи Улановҳо бадбахтии бузург ҳисоб мешуд, ба сифати касб бошад танҳо балет дар ҷои аввал меистод.

Ва ӯ пайваста машқ мекард. Дур афкандани хасташавӣ, беморӣ (Уланова дар синни кӯдакӣ беҳад заиф буд), маъюсӣ ва шармдорӣ бо душворӣ муяссар мегашт. Шарму ҳаёи аз ҳад зиёд барояш дар ҳама бобат мушкилиҳо эҷод мекард. Вай наметавонист худро маҷбур созад, ки ба саволҳои омӯзгор посух диҳад, вақте ки муаллим ӯро ба назди тахтаи синфӣ мехонд, сархам меистод ва ашк мерехт. Аҷоиб, ки чунин ҳолати баста шудани нутқ баъди машҳури ҷаҳон гаштани Уланова низ боқӣ монд. Боре баъди бемории тӯлонӣ ҳунарпеша ба театр меояд ва ҳамкорон ӯро гарм истиқбол мегиранд. Галина Сергеевнаи ба риққат омада, ба фикр фурӯ рафт, ки дар ҷавоби меҳрубонии рафиқон чи подоше диҳад. «Пагоҳ, пеш аз оғози машқ,-

маслиҳат доданд ба ӯ,- чанд сухани миннатдорӣ изҳор намоед». Вале ин аз имконияти Галина боло меистод, тарси сухан гуфтан дар назди ҳозирин ӯро ба сукут варзидан маҷбур кард. Он гоҳ ӯ ба мағозаи гулфурӯшӣ рафт ва барои ҳар як ҳамкораш гуле харид. Рӯзи дигар дар лавҳи нотамонии муғанниён ва мизи гримкунии актёрон гуле аз Уланова мехобид. Яъне барои ӯ аз сухан гуфтан амал кардан беҳтар ва самимӣ менамуд. Зеро табиати ӯ, мафкураи ӯ пурра дар ҳаракат буд.

Дар оилаи Улановҳо бар зидди табассуми сохта сахт мубориза мерафт. Ба намоиш гузоштани ҳиссиёти қалбакӣ маҳкум мешуд. Чунин тарзи зиндагӣ ба духтарак ёрӣ расонд, ки дар олами балет, ки он ҷо зебоӣ бисёр вақт бо ҳусни зоҳирӣ, илҳом бо тумтароқию риёкорӣ дармеомехтанд, ҳолати табиии худро нигоҳ дорад.

«Вай балеринаи ҷиддӣ буд,- мегӯяд роҳбари гурӯҳи балети Театри ба номи Киров Ф. Лопухов,- заррае хоҳиши ба касе писанд омадан надошт, ҳеҷ гоҳ таннозию ишвафурӯшӣ низ накардааст». Ҳол он ки ба қавли бисёриҳо балерина бояд бо нозу адо ишвафурӯшӣ намояду шӯхона бихандад. Ҳатто модараш боре дар рафти намоишномае аз паси саҳна бо илтиҷо пичирос мезад: «Галя, як табассум, аз барои Худо, як табассум, як боракак...» Вале Галина табассуми сохта кардан нахост. Вай зиндагии сунъиро намепазируфт. Ӯ бо амри дил дар рӯи саҳна мерақсид ва чизе, ки ба қалбаш наменишаст, аз иҷрояш даст мекашид. Аз рӯзи нахустини ба саҳна қадам гузоштанаш танҳо рафтори табиӣ хоси ӯ буд.

Уланова дар ниҳоди рақс андешаҳои сахт ниҳонгаштаро дар хусуси зиндагӣ ва табиати инсон ҷой мекард. Лопухов мегуфт, ки ҳангоми ба толори машқ ворид гаштан, ки он ҷо Галинаи ҳанӯз наврас бо дугонаҳояш мерақсид, вай қариб ки аз ҳаракатҳои ҷозибадору ҳайратангези Уланова чашм канда наметавонистааст.

«Ӯ бинандаро бо он мафтун ва тасхир менамуд, ки гӯё ҳамеша дар рақс асту аз вуҷуди атрофиён бехабар дар баҳри беканори олами ботиниаш шиновар асту танҳо барои худ мерақсад».

Уланова чор сол аз устоди шинохта Агриппина Ваганова дарси маҳорат омӯхт ва баъди хатми омӯзишгоҳи хореографӣ даҳ соли дигар бо роҳбарии ӯ ҳунарвариашро сайқал бахшид. Ваганова баҳри ҳар як шогирдаш роҳу тариқи хосаи муомиларо ба кор мебурд. Омӯхтани усулҳое, ки барои дигарон осон буд, ба Уланова душворӣ меовард. Агриппина Яковлевна ба Галина бо эҳтиёт муносибат мекард, ба хоҳиши дили шогирдаш эътибори ҷиддӣ медод. «Махлуқи лоғараки нозукбадани ғайризаминӣ...»,- навишта буд баъдтар Ваганова дар хусуси шогирдаш.

21 октябри соли 1928 дар намоишномаи «Фариштаи хуфта» Уланова нақши Флоринаро бозид. Рақсиданаш дар «Кӯли қувон» барояш шӯҳрати ҷовид овард. Шояд ӯ нахустин раққосаи балет буд, ки маърифатро дар он ҷой дод. Қобилияти фикрӣ, хусусиятҳои зеҳниро дар рақс истифода бурд. Тавъамшавии ғайриоддии мафҳумҳои мазкур ин симои хосаи Уланова аст. Анна Аҳматова боре гуфта буд: «Ҳар як ситораи балет сифати шигифтоваре дошт, аз «доди Худо» баҳравар буд, яке соҳиби зебоӣ, дигаре қомати расо, савумӣ андоми дилкаш буду чаҳорумӣ бо иродаи қавӣ ва нерӯи адонопазир фарқ мекард. Уланова чизеро молик набуд, ӯ ба мисли Золушка хоксор ва ноаён буд, аммо дар охир бар ҳама ғолиб омад, ба зинае баромад, ки барои дигар гулрухон дастнорас аст».

16 майи соли 1928 Уланова ҳангоми хатми омӯзишгоҳ дар Театри опера ва балети шаҳри Ленинград дар намоишномаи «Шопениана»-и М. Фокин баромад карда, ба саҳнаи калон бори аввал қадам гузошт. 29 декабри соли 1960 низ аз «Шопениана» нақш бозид ва бо рақси шигифтангезаш ҳамаро бори дигар дар олами ҳайрат гузошт. Ва бе ягон шӯру шар саҳнаро тарк намуд. Аҷаб тасодуфе.

Дар байни ин ду «Шопениана» як давраи томи таърихи хореография, саҳифаҳои зарини он сабт ёфтаанд.



# Анна Андреевна Аҳматова

## (Солҳои зиндагиаш 1889-1966)

Насаби ҳақиқиаш Горенко, шоираи рус. Муаллифи бисёр маҷмӯаи шеърҳо, аз қабили «Шом», «Тасбеҳ», «Гузашти тези вақт» ва «Реквием» (марсия ё ҷанозаи шаҳидони ҷазодиҳии солҳои 30-юми асри XX). Дар бораи Пушкин хеле зиёд шеър гуфтааст.

Кадоме аз ҳозирҷавобони рус, ки аз зери теғи аҷали ҷангҳои асри XX ва лагерҳои сталинӣ ҷон ба саломат бурдааст, дар солҳои баъдӣ шӯхиомез иброз доштааст: «Дар Русия бояд зиёд зист». Аҳматова, чи тавре ки дида мешавад, дар зери ситораи бахт ба дунё омадааст. Тақдир ғамхораш буда, ӯ то барф барин сафед шудани мӯйҳояш ҳаёт дид ва дар ҷойгаҳаш ҷон ба ҷонофарин супурд, ҳол он ки вай истеъдоди барои зиндагӣ хатаровар - истеъдоди шоирӣ дошт. Гӯё кадом як фаришта ба худ азм карда буд, ки дар солҳои сангину пур аз оташи Русия ин ҷисми «муқаддас»-ро аз чашми бад эҳтиёт намояд. Ва Аҳматова ҳамеша ҳамин «зиндагии ба қарз гирифта», зиндагӣ «ба ҷои каси дигар»-ро эҳсос мекард.

Ҳаёти ӯ ба назар дуру дароз менамояд, нисбат ба дигар занҳое, ки баробари вай ба дунё омаданду рафтанд. Барои он ки нисбат ба наздиконаш, ҳамақидаҳояш, дӯстон ва душманонаш зиндагиномаи ӯ пур аз воқеаҳо буд, вай на танҳо ҳодисаҳоро дар шуури худ нигоҳ медошт, балки якчанд давраҳои таърихиро дар эҷодиёташ акс мекард.

Тамоми гули сари сабади маданияти рус хазон гашт, вале ӯ ҳамоно зинда буд, гӯё барои иҷрои кори фавқулодда муҳим - ба одамони солҳои 60-ум расонидани воқеаҳои мудҳиши замони худ- вазифадор шуда бошад. «Асри ХХ тирамоҳи соли 1914 бо ҷанги якуми ҷаҳон оғоз ёфт, чуноне ки асри XIX бо Конгресси Вена ибтидо гирифта буд. Рӯзҳои тақвимӣ аҳамияте надоранд...» Шояд вай ба шарофати эҳсосоти шигифтангези тавоно ин сатрҳоро нигошта ва воқиф гашта бошад, ки бо мурдани ӯ ҳамроҳаш як давраи том низ аз байн меравад, асри нуқрагини адабиёти рус абадӣ ба поён мерасад.

Нахустин ёддоштҳои Аҳматова ба Сарское Село пайвандӣ доранд, ки соли 1890 оилаи Горенко аз Одесса ба ин ҷо кӯч баста буд. Мавзеи дӯстдоштаи Пушкин барои Анна сарчашмаи ҳаёт ва илҳом гардид. Дар ин деҳа духтараки ёздаҳсола аввалин шеърашро эҷод намуд. Ва ҳам бори якум шеърҳояшро ба чоп расонд. Аз нашр шудани шеър падараш ба хашм омад ва он гоҳ алорағми қиблагоҳаш ба худ тахаллуси шоирӣ баргузид: Аҳматова. «Танҳо духтараки ҳабдаҳсолаи шӯх метавонист барои шоираи рус тахаллуси тоторӣ бигирад...» Худи Анна Андреевна дар бораи модараш зиёд навиштааст. Гӯё ӯ аз авлоди хони муғул Аҳмадхон бошад ва баъди ҳукмронии Аҳмадхон дар Русия зулми муғулу тотор ба охир расидааст. Шояд ин гуфтаҳо аз ривояте беш нестанд. Вале симои зоҳирии шарқиёнаи шоира ва шоҳона қомат афрохтанаш ба он далолат мекарданд, ки суханонаш асосе доранд.

Дугонаи Аҳматова В. Срезневская чунин ба ёд овардааст: «...даҳони ғунча, лабони нозук ва қаиш, ба мисли баргаки биҳӣ, пӯсти барфосо сапсафед дошт, шиновари беҳамтое буд. Охир ӯ дар соҳили баҳри Сиёҳ ба воя расидааст. Вай ба ҳангоми шино фариштаи обиро мемонд, ки тасодуфе ба кӯли деҳа овардааст. Бесабаб нест, ки Николай Степанович Гумилёв зуд ба ӯ дил бохт ва солҳои мадид ин зани фалокатоварро дӯст дошт». Дар оғози солҳои даҳуми асри ХХ Аҳматова бо шоири машҳур

Гумилёв издивоҷ намуд. Аммо ҳафт соли расо хостгории шавҳариояндаашро рад мекард ва ахиран ба никоҳ сар фуровард.

Николай Гумилёв, шахси беҳад фаъол, суботкору хаёлпараст, филфавр истеъдоди фавқулоддаи завҷаи ҷавонашро зери қанот гирифт. Вай дар байни дӯстдорони адабиёт одами шинохта буд ва ба андешаҳояш гӯш меандохтанд. Анна бошад то ин дам танҳо як шеърашро дар маҷаллаи «Сирус»-и Париж ба нашр расонда буду бас. Зери роҳбарии бевоситаи Гумилёв шеърҳои парокандааш дар як маҷмӯа гирд омаданд. Китоб бо номи «Шом», ки 46 шеърро дар бар мегирифт, ба дасти хонанда расид. Аммо на нуқтаи назари ягона ба адабиёт ва на муҳаббати сӯзон ҷуфти мувофиқро аз ҷудоӣ эмин нигоҳ дошта тавонистанд. Онҳо аз ҳад зиёд шахсияти бузург, соҳиби истеъдоди беназир буданд ва хислатҳо сабаб гаштанд, ки якдигарро набахшанд. Яке сояи дигареро аз девор метарошид. Аҳматова аз хиёнати бешумори шавҳараш сахт азоби рӯҳӣ мекашид. Гумилёв ба он муросо карда наметавонист, ки завҷаи нозукбаданаш дар шеър баробари ӯст ва шояд аз ин шоири эътирофгашта ҳам пеш гузашта бошад.

Баъди таваллуди писар, ки Лев ном гирифт, онҳо аз ҳам ҷудо шуданд. Бояд гуфт, ки Аҳматова аз мардҳо омади бахтро надид. Вале Анна Андреевна метавонист бо писараш фахр намояд. Лев Николаевич Гумилёв ҳаёти бобаракате дид, ба ворисон аз худ асарҳои зиёди гаронбаҳои таърихӣ вогузошт.

Эҷодиёти давраи ҷавонии Аҳматова бо равияи акмеизм (санъат барои санъат) сахт пайванд буд. Асосгузорони ин ҷараён Гумилёв ва Городетский буданд ва онҳо акмеизмро бар зидди символизм (тасвири рамзӣ) муқобил мегузоштанд. Вале дар ҳамон замон Блок Аҳматоваро аз байни пайравони ин ҷараёни адабӣ ҷудо намуда, ба лирикаи ӯ баҳои баланд дод. Лирикаи ишқии вай моломоли гувоҳии дил, ҳисси пешакии аён гаштани ҳодисаҳо буд. Ҳис намудани қадамгузории таърихро табиат ба Аҳматова арзонӣ дошт. Вай ба сони сагу гурба ва моҳи-

чаҳои аквариум, ки заминҷунбиро пеш аз вуқӯъ пай мебаранд, ба амал пайвастани воқеаҳои таърихиро дарк месохт.

Октябри соли 1964, вақте ки Хрушёв аз вазифа барканор гардид, Аҳматова ҳодисаи мазкурро чунин шарҳ дод: «Ҳамааш вобаста ба Лермонтов. Дар солгарди ӯ доимо ҳодисаи мағшуше ба амал меояд. Дар садсолагиаш, соли 1914 ҷанги якуми ҷаҳон, дар садсолагии рӯзи маргаш, соли 1941 Ҷанги Бузурги Ватанӣ сар шуд. Яксаду панҷоҳ сол – сана худ ба худ одист, воқеаҳо бошанд басо ҷиддӣ. Аммо, ба ҳар ҳол, ин пайваст аст ба аломатҳои осмонӣ...»

Дигаргуниҳои фалокатбори ҷомеа ба сари Аҳматова бадбахтиҳо оварданд. Дар соли 1921 бо гуноҳи зиддиинқилобӣ Гумилёв паронда шуд. Солҳои сиюм – замони пайваста ба ҳабс гирифтани писараш, донишҷӯи Донишгоҳи Ленинград ва шавҳари сеюмаш Николай Пунин буду худи шоира низ дар интизории омадани «зоғи сиёҳ» шабҳоро нимхобу нимбедор рӯз мекард. Дар маҳбасҳо навбат мепоид, қатори одамон басо тӯл мекашид ва ӯ ҳабдаҳ моҳ рӯзҳои сангини пур аз интизорӣ ва дарду аламро ба сар бурд. Ва дар ҳамин роҳравҳои маҳбас достони маъруфаш «Реквием» (намози ҷаноза, марсия) эҷод гашт, аммо он танҳо пас аз панҷоҳ сол ба нашр расид. Вале дар он солҳо Аҳматова ҳатто ба коғаз боварӣ надошт. Дар хонааш барои одамони садоқатмандаш порае аз достонро менавишт ва баъди мутолаа зуд варақро оташ мезад. «Ин як маросиме буд: дастҳо, гӯгирд, хокистардон маросими зебо ва аламангез...» ба ёд меорад тарзи шиносоиашро Лидия Чуковская бо «Реквием».

Дар солҳои мудҳиши санҷиш хислати фӯлодини Аҳматова бо тамоми ҳастӣ зуҳур кард. Маҳз ҳамон вақт, ки имконияти на танҳо чоп намудан, балки навиштан ҳам надошт, Анна Андреевна ба қуллаи баландтарини эҷодӣ расид. Лирикаи ӯ шӯҳрати Шекспирӣ гирифт. Аҳматова ҳодисаҳои сарзадаи кишварашро гумроҳии шахсони алоҳида, қонуншикании

муваққатӣ намедонист. Барои вай ин фалокати ҷаҳонӣ, барҳамзании маънавиёти башар буд.

Ҳарчанд ба сари Аҳматова шамшери ҷаҳолат овезон меистод, вай зинда монд, бо сабабҳои ба мо номаълум. Сталин ӯро «зани порсо» мегуфтааст ба ақидаи ровиёни ахбор. Ба назар мерасад, ки ӯ моҳияти хислати Аҳматоваро дарк намудааст. Дар ҳақиқат ҳамаи воқеаҳои ишқварзии шоира ба замони аввали инқилоб рост меоянд. Ошиқонаш, Борис Анрепов соли 1923 ба Англия гурехт, Артур Луре низ бо ҳунарпешаи театр Олга Судейкина аз хориҷа барнагашт. Шавҳари охиринаш Николай Пунин баъди озодӣ аз маҳбас ба назди завҷааш наомад. Ҳамин гуна аст таърихи ишқварзиҳои шоираи шӯҳратманд. Ҳеҷ гоҳ нерӯи офарандаашро ба мардон набахшидааст, ҳамаи ҳиссиёти пуршӯру шари ӯ ба эҷоди шеър масраф гашт. Дар як сӯҳбати хосае сухан дар бобати бонувони бо назокат, латиф, ба дастгирии дигарон эҳтиёҷманд, мерафт. Аҳматова риштаи сӯҳбатро бо зарб канда гуфт: «Заифон ҳама мурдаанд, танҳо нерӯмандон зинда монданд».

# Агата Кристӣ

# (Солҳои зиндагиаш 1890-1976)

Нависандаи англис. Қаҳрамони бисёр роману повестҳои пурмоҷарояш хуфияи ҳаваскор Пуаро ба ҳисоб меравад, ки вай шахси мушоҳидакор ва дорои фаросати беназир буд, аз ҷумла дар асарҳои «Пуаро таҳқиқ мекунад», «Асрори оташдони деворӣ», «Куштори Роҷер Экройд» ва ғайраҳо. Ӯ муаллифи пйесаҳои «Шоҳиди муддаӣ», «Мушгирак» ва ҳоказост.

Бо бурҳони қотеъ посух додан ба ин савол қариб ғайриимкон аст: барои чӣ ва чӣ тавр духтараки деҳотии англис, ки



бо ягон нишона аз дигарон фарқе надошт, бар замми он маълумоти ҳақиқии мактабӣ наандӯхтааст ва ҳам донандаи комили «зиндагӣ» нест, яъне ӯ ба ҷое сафар накардаву азоби роҳ начашида, ба ҳодисаҳои моҷароангез напечида, якбора нависандаи аз ҳама серхонандаи асри XX гашт ва ҳам «Маликаи детектив» унвон гирифт? Дар тӯли фаъолияти шастсолаи эҷодӣ Агата Кристӣ 68 роман, садҳо ҳикоя ва 17 намоишномаро ба табъ расонд. Асарҳои ӯ ба 103 забон тарҷума шудаанд.

Аз мунаққидони шинохтаи замон кадоме ҷуръат намуда, гуфта метавонад, ки бо кадом сабаб зиёда аз чил сол боз дар Лондон театри танҳо як пйеса вуҷуд дорад, ки аз соли 1952 инҷониб муттасил дар толори пур аз тамошобин ҳар шаб ҳунарварон намоишномаи «Мушгирак»-и Агата Кристиро ба саҳна мегузоранд.

Худи нависанда бо як лаҳни шӯхиомез дар «Зиндагинома»-аш сабаби дар саҳна умри зиёд дидани онро зикр сохтааст. Маълум гардид, ки нахуст асар дар ҳаҷми хурд барои радио эҷод гашта, «Се мушаки нобино» ном доштааст. Баъдтар дар асоси он намоишнома барои театр офарида шуд. Агата Кристӣ он замон андеша доштааст, ки пйеса дар саҳна ҳамагӣ 8 моҳ умр мебинад. Як шиноси ӯ, арбоби театрӣ, сахитар буд дар ин пешгӯӣ. Вай 14 моҳ дар саҳна истодани пйесаро тахмин зад. Вале аз ҳар ду ҳам «валӣ» набаромад.

Аксарияти ҳаводорони адиб ба чунин ақидаанд, ки бисёр сюжети асарҳои ӯ бофтаанд, тарзи ҳалли муаммо, сирру асрор аз ҳақиқат дур аст, қаҳрамонҳо ба ҳам монананд, забони

қиссаҳо бошад ончунон сода, ки барои омӯхтани лисони англисӣ ба хориҷиён тавсия мешаванд. Аммо асрори муваффақияти Агата Кристӣ дар чист ва чаро одамони гуногунхислат ва намояндагони бисёр миллатҳо дар атрофи асарҳои ӯ бо ҳам муттаҳид мегарданд?

Ҳаёти нависанда, чи тавре ки зикр гашт, орӣ аз ҳар гуна моҷаро, дасисаю ишқварзиҳо буд. Баръакс вай дар зиндагӣ зани порсою некройро мемонд. Ин бесабаб ҳам набуд. Зеро бачагии Кристӣ ба охири давраи «викторианӣ» рост меомад, ки бонувон он замон дар иҷрои ӯҳдадории зану шавҳарӣ, оиладорӣ хулқу атвори пуританӣ доштанд.

Падари Агата Фредерик Миллер зодаи Амрико буд, вале ӯ дар Англия хеле зиёд зист ва дар хонаи вай, ки он ҷо нависандаи оянда ба воя расид, аз «амрикопарастӣ» чизе ба ёдгор ҳам ёфт намешуд. Чи тавре ки ба тарбияи викторианӣ хос аст, Агата маълумоти ҳаматарафаи мактабӣ нагирифт, вале асарҳои Валтер Скотт ва Диккенсро бо шавқ мутолиа мекард, навохтани созҳои мусиқӣ ва сурудхониро машқ менамуд, дар оянда санъатвар шудан мехост. Аммо шармгинии аз ҳад зиёд ба ин монеъ гашт. Агата дар назди тамошобинон бехато суруданy навохтанро ёд нагирифт. Аз шарми зиёд даступо мехӯрд, матнро аз ёд мебаровард. Минбаъд низ масалан аз соли 1958 то 1976, ки Президенти клуби детектив буд, доимо аз нӯшбод гуфтан ва ҳам суханронӣ даст мекашид. Ва боз як далели аҷоиб: Агата Кристӣ барои маҳви камсаводӣ ба мактаб меравад ва бори нахуст мефаҳмад, ки кунҷи рост ҳам мешудааст. Чи тавре ки Шерлок Холмс низ то дер курашакл будани заминро намедонистааст.

Дар айни ҷавонӣ Агата дар дил орзуи нависанда шуданро намепарвард. Ӯ дар муҳите тарбия меёфт, ки нависандагиро шуғли ҷиддӣ намепиндоштанд. Духтарон бошанд танҳо хаёли бобарор ба шавҳар баромадан мекарданд. Расму русуми оиладорӣ дар ниҳоди Агата чунон чуқур реша давонда буданд, ки

вай баъди нависандаи маъруф гаштан ҳам дар боби «намуди машғулият»-и ҳолномааш бетағйир менавишт: «завҷа».

Агата Кристӣ аз зиқӣ, аз сабаби калилзабонӣ, қалам ба даст гирифт. Дар рӯи коғаз баён намудани андешаҳо ва нуқтаи назар барои духтараки оромтабиат ва орзупараст осонтар менамуд, нисбат ба он ки асрори дилашро дар назди одамон бо овози баланд иброз дорад.

Боре баъди сиҳатёбӣ аз беморӣ Агата «аз бекорӣ – кадукорӣ» гӯён ҳикояе навишт. Аҷибаш ин ки он замон апааш Маҷ аллакай якчанд ҳикояашро чоп карда буд. Апааш ба Агата гуфт, ки биё шарт мебандем, ки аз ту нависандаи детектив намебарояд. Қаҳрамони мо ба осонӣ қиссаи нахустини моҷароиашро эҷод намуд, вале шаш ношир аз чопи он даст кашид. Танҳо ношири ҳафтум ҷуръат карда «Таърихи пурасрор»-ро ба табъ расонд. Он вақт, яъне соли 1920, таваллуди «Маликаи детектив» ноаён ҷараён гирифт, қариб ду ҳазор нусхаи китоб ба фурӯш рафту халос, муаллиф соҳиби 25 фунт ҳақи қалам шуд. Вале адиби ҷавон аз ин рӯҳафтода нагашт, ба эҷодиёташ назари танқидӣ афканд ва ба маҳсули заҳматҳояш бо як тамасхур нигарист. Ва дар ҳамин солимидрокии нафис, кордонии оромона тухми комёбии бузурги оянда неш мезад. «Ман ҳоло ҳам мепиндоштам, ки китоб навиштан низ ба мисли рушди табиии дӯхта тавонистани ҷилди болинҳо ба вуқӯъ меояд». Аз ҳамон давра Агата Кристӣ, худро адиби касбӣ напиндошта, бо ҷидду ҷаҳд асарҳои пурмоҷарояшро чун хайёти моҳир аз рӯи нақши кашида гулпартой мекард, яъне бо усули ҷиноят – таҳқиқ – ошкоршавии ҷинояткор. Ва ба монанди анкабути заҳматпеша тор метанид,торҳои моҷаро.

Аввалҳо, то афзудани ҳаҷми ҳақи қалам зиёд хома меронд, баъдтар, вақте ки шӯҳрати оламгир омаду музди меҳнаташ боло рафт, камтар менавишт, то ки андози гарон напардозад. Ба эҷодкор эҳтиром мегузошт. Тоқати дар курсӣ нишастан доштан, заҳматпазирӣ, бо сабру таҳаммул ва каме

соҳиби истеъдод буданро барои адиб чизи асосӣ медонист.

Симои Пуаро, хуфияи маъруфтарини асри XX, ба монанди Шерлок Холмс ва Мегрэи нозир, дар тафаккури нависанда ногаҳон шакл гирифт. Вай баъди хати сюжети асари нахустинашро кашидан, фаҳмид, ки барои барқарор кардани ҳақиқат хуфия зарур мешавад. Ва ҳамоно ӯ вайро рӯ ба рӯ тасаввур намуд: шахси ғалчаи мӯйлабдор, ки ҳамеша ашёҳо ва далелҳоро бо тартиб ҷо ба ҷо мегузошт. Аз сабаби он ки дар маҳалли онҳо дар солҳои ҷанги якуми ҷаҳон бисёр гурезаҳои белгиявӣ мезистанд, Кристӣ ба хулосае омад, ки метавонад дар байни онҳо нозири пулиси мустаъфӣ ҳам бошад. Агата бо киноя қаҳрамони ғалчаашро ба номи зебо сазовор донист: Геркулес Эркюл Пуаро.

Мисс Марпл бошад худи бибии меҳрубонаш мисс Миллерро мемонд, ки се шавҳарро ба хок супурда, дар ҳаштодсолагиаш ҳам дилаш бо дидани марди хушсурате гум мезад.

Ба ғайр аз офаридани асарҳои пурмоҷаро Агата Кристӣ хариди хонаҳои бошукӯҳи қадимаро дӯст медошт. Вай аз ҳисоби ҳаққи қалам сарватманд гардид ва сарфи маблағи зиёдро ба худ раво медид. Ӯ ҳафт хона харид ва бо навбат дар онҳо мезист. Кӯшки харидааш Стайлс ба вай бахт наовард. То Агата се соҳиби пештараи он хонавайрон шуда буд. Ба қавли Кристӣ ороиши хона ба ин мусоидат мекард. Вай нав ба дигар тарз оро додани хона пардохта буд, ки шавҳараш Арчибалд Кристӣ ба духтараке дил бохту Агатаро тарк кард. Ин ҳодиса моҳи декабри соли 1926, баъди чопи романи «Куштори Роҷер Экройд», ки ба муаллиф шӯҳрати ҷаҳонӣ овард, ба вуқӯъ пайваст. Аз ғаму андӯҳи зиёд нависанда пинҳонӣ аз хона баромада рафт, пулис танҳо мошини дар кӯчае гузоштаашро пайдо намуду халос. Рӯзномаҳо хабарҳои мухталифро дар хусуси якбора ғайб задани Агата ба табъ мерасонданд. Охир адиби детектив гум шуда буд ва ба ин воқеа муштариён таваҷҷӯҳи зиёде доштанд. Ба ҳар ҳол пас аз як ҳафта Кристӣ ёфт шуд, вай дар меҳмонхонае бо исми қалбакӣ зистааст.

Дигар ӯ аз хона нагурехт. Издивоҷ бо шарқшинос, олими шинохта Макс Мэллоун, ки аз Агата 15 сол хурд буд, барояш ҳаёти осуда овард. Вай зиндагиро дӯст медошт ва аз он хуб лаззат бурда ҳам метавонист. «Яке аз асрори бузурги ҳастии инсон ин аз ширинии ҳаёт, ки ба ту ҳадя шудааст, лаззат бурда тавонистан аст», - навишта буд дар ёддоштҳояш.

# Елизавета Юревна Кузмина - Караваева

# (Солҳои зиндагиаш 1891-1945)



Шоираи рус. Муаллифи маҷмӯаи шеърҳои «Косахонаҳои сари скифҳо» (1912), «Руф» (1916), қиссаи тарҷумаиҳолии «Ҳамвории рус» (1924). Аз соли 1919 дар муҳоҷират зистааст, соли 1931 мӯйҳояшро бурида, маросими роҳибиро ба ҷо овард. Узви ҳаракати Муқовимати Франсия бар зидди фашистон. Дар лагери консентратсионии Равенсбрюк бо дасти гитлерчиён қатл шудааст.

Лиза Пиленко (насаби духтарии Кузмина –Караваева) дар оилаи муқаррарии дворянҳои зиёӣ таваллуд ёфтааст, сарвари хонавода дар хизмати ҳукумат буд, аз ин рӯ онҳо ҳар сол аз ҷое ба ҷои дигар мекӯчиданд. Лиза дар Рига ба дунё омада бошад ҳам, наврасиаш дар Анапа сипарӣ гаштааст. Ин шаҳрчаи дурдасти хилват бо қаторҳои анбӯҳи токзораш, хоктеппаҳои қадимааш

барои духтарак олами афсонаҳоро пешкаш кард. Дар шафати мулки падараш бостоншиносон пуштаҳоро бо эҳтиёт канда, косахонаҳои сар ва ҳар гуна ашёҳо меёфтанд. Лиза ба бозёфтҳои онҳо бо мароқ назар медӯхт ва аз тамошои онҳо қалбашро як ҳиссиёти бебақоии зиндагии заминӣ мефишурд. Вай, ки эҷодиёти Лермонтов ва Балмонтро беҳад дӯст медошт, таассуроти аз бозёфтҳои бостоншиносон ба дил нишастаашро бо шеър иброз кард. Ва маҷмӯаи нахустини шеърҳои шоираи навқалам, бо номи «Косахонаҳои сари скифҳо», ки соли 1912 ба нашр расид, аз ҳамон таассуроти овони наврасӣ маншаъ гирифта буд.

Соли 1905 онҳо ба Ялта кӯч бастанд, зеро падар сарвари боғи ботаникии Никитский таъин гашт. Марги нобаҳангоми ӯ Лизаи эҳсосотиро чанд муддат дар афсурдаҳолӣ нигоҳ дошт. Пас аз вафоти шавҳар София Борисовна Пиленко ба назди хоҳараш ба Петербург кӯчид. Лиза пайваста ёди падар мекард, ҳатто ба Парвардигор дар ҳусуси адолат саволомез ба сӯҳбат мепардохт: «Охир марги мазкур ба касе лозим набуд». Ин давраи расидан ба синни балоғат буд. Вай соатҳо дар кӯчаҳои тумано-луди шаҳр қадам мезад ва мисраъҳои шеърҳои дар маҳфили адибони ҷавон шунидааш паиҳам дар гӯшаш аз нав садо медоданд. Аз ҳама бештар муаллифи шеърҳо ӯро мафтун карда буд: ҷавони зебо, бо қиёфаи бепарвоёна ва насаби аҷоиб –Блок.

Оҳиста-оҳиста Лиза ба қарори қатъӣ омад, ки ҳамин шоир шахси ягонаест, ки метавонад рӯҳи исёнгари ӯро таскин бахшад. Вай нишонии шоирро пайдо намуд ва рафт сӯи Галерная, 41, ба манзили Блок, аммо ба худ тасаввур карда наметавонист, ки барои чӣ меравад. Бори аввал мақсуди дилашро наёфт, дафъаи дуюм низ, чун бори сеюм хӯҷаини хонаро пайдо накард, азм намуд, ки интизораш мешавад. Ва ӯ падид омад «бо куртаи васеи сиёҳи гиребонаш лабгардон... оҳиста –оҳиста, бисёр шармгинона». Духтарак ба ӯ ҳамаи дарду аламҳояшро фурӯ рехт, аз хусуси бемаъно будани зиндагӣ, билкул тағйир додани ҷаҳони зери гардун ҳарф зад.

Ва, хушбахтиро бинед! Шоир ӯро наронд, писхандомез нахандид. «Вай бо тамкин, ҷиддӣ ба суханҳо гӯш меандохт, ҳамаро мефаҳмид, насиҳат намекард ва ба назар мерасид, ки ҳатто бонуи калонсол набудани маро пай набурд...»

Вохӯрии нахустин танҳо дар ёди Лиза то нафаси вопасинаш нақш баст. Албатта, духтарак мехост, ки Блок ба ӯ таваҷҷӯҳ зоҳир созад, мисли вай дар оташи ишқ сӯзад. «Ҳиссиёти аҷоиб. Ҳангоми бозгашт аз Галерная як ҳиссаи ҷонамро он ҷо гузоштам. Ин ишқи духтари наврас набуд. Дар дил бештар хавотирӣ ва ғамхории модарона эҳсос мегашт». Ин ҳарфҳоро вай баъдтар навишта буд, Елизавета Юревна соли 1936 ҳамин гуна андеша дошт... ё мехост дар ин ақида бошад. Аммо як нафари дигар шоҳиди вохӯрии онҳо буд. Бале, худи Блок. Пас аз як ҳафта Лиза лифофаи сабзе мегирад бо шеъри «Вақте ки шумо меистед, дар пеши раҳам...»

Ин шеър алҳол хеле маъмул аст, вале он замон Лизаро бисёр ба ҳолати ногувор оварда буд. Ва дар ҳақиқат ба ибораи мазкур диққат диҳед. Духтарак «дар пеши роҳи» мард истодааст ва ҳам оҳанги шеър пур аз ғурури мардона. Дар хусуси духтар, ки боиси эҷоди шеър шудааст, чизе нест. Боз ба насиҳати шоир бингаред: «Ва ман мехоҳам, ки шумо ба одами одие ошиқ шавед. Ки вай замину осмонро дӯст медорад. Ва ман аз хушбахтии шумо меболам».

Соли 1910 бо Дмитрий Владимирович Кузмин –Караваев издивоҷ менамояд. Онҳоро ишқ ба ҳам наовард, балки ақидаи ягона ба назм ва ҷараёнҳои мухталифи фалсафӣ наздик кард. Боре дар маҳфили адабӣ Дмитрий завҷаашро бо адибе шинос кардан хост. Лиза қатъиян аз шиносоӣ сар кашид. Блок Лизаро шинохт.

Барои қаҳрамони мо давраи пурошӯб фаро расид. Акнун вай қариб ҳар рӯз бо «худо»-и худ вомехӯрд: чойнӯшии якҷоя, вақтхушиҳо, баҳсу мунозира дар атрофи шеър, шиносҳои умумӣ, гӯё ки онҳоро ба ҳам меоварданд, вале танҳо як чиз

«ягона пуле, ки онҳоро бояд мепайваст» набуд. Муҳаббати беҷавоб барои Лиза баъди ҳар вохӯрӣ азобовар мешуд. Блок завҷаи никоҳӣ дошту Лиза соҳиби шавҳар буд ва онҳо ҳамеша дар байни мардум ба дидор мерасиданд. Андӯҳи ботинии Лиза боз аз он меафзуд, ки маҷмӯаи аввалини ашъораш ба маҳбуби дилаш писанд наомад. Вай ҳатто ба зани нагунбахт тараҳҳум накарду гуфт, ки шеърҳояш ҳама тақлидианд. Лиза сахт ранҷид ва аз Петербург гурехт. Вай фирор кард аз назди маҳбуби номеҳрубон, аз шаҳре, ки онро бӯҳрони пешазинқилобӣ фаро мегирифт, аз шавҳари కареҳ ба мулки меросӣ, ба Анапа. Ин ҷо вай насиҳати Блокро ба ёд овард, ки гуфта буд: «Бо замин ва одамони одӣ бош». Ӯ дар соҳили баҳр, дар байни токзор зист, бо шаробпазӣ машғул гашт ва ба шахси одие дил баст, духтаре ба дунё бахшид ва номи аҷибе гузошт: Гаяна, ки маънояш замин буд. Аммо меҳри модарӣ ҳам нерӯи ишқи ӯро ба Блок кам накард. Вай паиҳам мактуб менавишт ба шоири тавоно ва қасам мехӯрд аз ишқи ҷовидона. «...бароям андеша рондан, ки дар зиндагӣ чизе наметавонад хотираи Шуморо аз вуҷудам рӯфта барад, басо хуш аст. Шумо медонед, ман Гаянаи худро дӯст дошта наметавонистам, агар намедонистам, ки Шумо абадӣ аз манед. Танҳо хоҳони як чизам: Шумо бояд ба ёд биоред, ки кай ин зарур мешавад ва ман ҳамон замон омодаам, ки ҷонамро ба ивази ҷони Шумо бибахшам. Охир ман ҳама вақт, ҳамеша дар бари шумоям. Намедонам, инро чи тавр возеҳтар баён созам; вақте ки дар батнам духтарчаам буд, ман ӯро камтар эҳсос мекардам, нисбат ба Шумо, ки ҳамеша дар шуурам ҷой доред».

Дар ниҳоди Елизавета Юревна оҳиста-оҳиста шавқу рағбати худфидоӣ бедор мегашт. Баъдтар ҷанги якуми ҷаҳон оғоз ёфт. Блок ба фронт рафт, мактубҳои Лиза ӯро дар хандақҳои пуробу лой низ меёфтанд. Сипас инқилоб шуд. Шавҳари Лиза, ҳамон одами одӣ низ дар ҷанг шаҳид гашт. Лиза ба ҳизби эсерҳо пайваст. Сафедҳо ӯро ба ҳабс гирифтанд. Судя Д. Скобсов

аз маҳбас озод кард ва ҳамроҳаш ба Новосибирск, аз он ҷо ба Тифлис бурд. Дар Тифлис онҳо соҳиби писар Юрий шуданд. Дар Константинопол бо ҳам расмӣ издивоҷ карданд. Дар Белград Настя ба дунё омад. Зиндагиашон дар ғурбат сангин буд. Настя аз дунё чашм пӯшид. Баъди вафоти духтарча рафти зиндагии Елизавета Юревна ба куллӣ тағйир ёфт. «Аз қабристон тамоман бо рӯҳияи ғайр баргаштам... Дар пеши назари худ роҳи навро дидам, ҳаёт маънои дигар пайдо намуд: модари ҳама будан, ба ҳама талабгорон меҳри модарӣ бахшидан, бечораҳоро ба ҳимоя гирифтан мехостам. Боқӣ ҳама дар ҷои дуюм меистод».

Сипосгузорӣ ба Скобсов ба муҳаббат табдил наёфт, сояи Блок, ки ба марги ӯ Елизавета Юревна хеле сӯхт, мисли пешина ҳамеша дар бараш буд. Ва ӯ соли 1931 мӯи сар тарошид ва роҳиба шуд. Хонаеро ба иҷора гирифта, ба парастории беморони бекас пардохт. Вай харротӣ, чӯбкорӣ, андовагарӣ, ширдӯшӣ, кишоварзӣ ва рассомӣ мекард. Ҳамчун модар Мария дар Париж шӯҳрат ёфт. Соли 1935 Гаяна, коммунисти фидоӣ, дар Маскав аз беморӣ фавтид. Соли 1943 модар бо писараш Юрий бо гуноҳи ёрӣ расондан ба яҳудиҳо ба конслагери фашистҳо афтод.

Аз рӯи ёддоштҳои асирон модар Мария ҳамеша ба дигарон меҳрубониро арзонӣ медоштааст ва касе аз ӯ шикояте аз зиндагӣ нашунидааст. Мегӯянд, ки Елизавета ба камераи газ низ ба ҷои духтараке ихтиёрӣ рафтааст, либосҳои рақамдори ҳамдигарро иваз карда. Шояд ин аз ривояте беш нест, аммо одаме, ки барояш чунин ривоят мебофанд, албатта, афсонавист.



# Марина Ивановна Светаева

## (Солҳои зиндагиаш 1892-1941)

Шоираи рус. Маҷмӯаҳои машҳуртарини ашъораш «Чақримҳо» (1921), «Пеша» (1923), «Баъди Русия» (1928). Дар бораи А. С. Пушкин, А. Белий, В. Брюсов, М. Волошин, Б. Пастернак ва дигарон асарҳои насрии лирикӣ, эссе навиштааст.

*Шеърҳоямро зи бас барвақт гуфтам,*
*Бехабар мондам, ки будам шоире ман…*

Бисёр маҷмӯаи шеърҳои Марина Светаева бо ҳамин мисраъҳо оғоз меёбанд. Дар ин байт Светаеваи наврас тақдири ҳанӯз аз айёми таваллуд пешакӣ муқарраршудаи худро иброз доштааст, ки он бо омӯзиш, тарбия, заҳмат ҳосил намегардад, балки ҳамчун тӯҳфа пешкаш мешавад, ҳатто гуфтан мумкин аст, ки ноҳақ, гӯё ки тасодуфан ба касе, ки «ангушти тақдири нубуғӣ» ишора намояд. Марина аз шумори некбахтони камназир будааст ва дар байни занон бошад нодиртарин кас аст, ки Парвардигор истеъдоди фавқулоддаи шоирӣ бахшидааст, нубуғи шоирӣ ин худ чизи бисёр сеҳрангез, аҷоиб, идоранашаванда, гоҳо беҳад бераҳм аст. Вале аз тӯҳфаи илоҳӣ гурехтан имкон надорад, вай ба мисли даст ё пойи одам аст, аз дардаш ба дод ой ҳам, бурида намепартоӣ.

Ӯро бо тамоми қоидаву қонунҳои покдилӣ, баномусӣ ва зиёиёнаи оилаҳои дворянҳои охири асри X1X ва аввали асри

XX тарбия намуданд. Иван Владимирович Светаев, профессор, мудири кафедраи донишгоҳи Маскав, олими маъруфи филология, он замон як мақсад дошт: бунёди осорхонаи саноеи нафиса. Албатта, амалӣ шудани ин идея имконнопазир буд, ба ақл рост намеомад, аз ин рӯ ба назараш шавқовар менамуд. Вай чилу шашсола буд, ки Марина ба дунё омад. Шахси беозор, дарёдил, ҳамеша банди андешаҳо буд ва ҳамин тавр дар ёди Марина ва хоҳарчааш Ася мондааст.

Марина ва Ася чун боярдухтарони Маскав дар оғӯши маскарадҳо, театрҳо, барномаҳои солинавӣ, сайру саёҳатҳо ба воя расиданд.

Марина ба ҳама касу ба ҳама чиз сахт меҳр мебаст. Масалан, вай Наполеонро дӯст дошт ва дар ҳуҷраи хобаш аксҳои зиёди ӯро гузошт, ҳатто дар бари иконаҳо ҳам. Аммо ишқи вай беҳудуд буд, мехост ҳама мавҷудоти олам дар оғӯшаш бошад. Сайёра бо ҳар сокинаш барояш азиз буд ва ӯ дар ишқ ба воситаи ишқ хештангарой меҷуст ва намеёфт... Лекин мисраъҳои ҷонгудози шигифтангез ба ёдгор мемонд, ки дар онҳо ҳиссиёт дар қӯраи ишқ гудохта шуда ба калимаҳои дилрабо мубаддал гаштаанд.

Зоҳиран Марина дар ҳамаи шуғлҳояш ҳамчун шоир- махлуқи ғайриодӣ, бо нишонаҳои осмонии ба одамони заминӣ номафҳум аён мешуд. Шояд танҳо ба Сергей Эфрон, ки бо ӯ дар нуздаҳсолагиаш издивоҷ намуда буд, Марина ҳиссиёти ҳақиқии занона зоҳир сохт. Бо вай Светаева худро зан мепиндошт. Хоҳараш Ася навиштааст, ки Марина ҳақиқатан басо зебо буд ва дар солҳои аввали арӯсиаш бо Сергей хушбахту босаодат зист.

Аз рӯи ёддоштҳои муосирон Сергей Яковлевич шахси қоматбаланд буду чашмони симобӣ- кабудранг, табассуми малеҳ ва дили пурмеҳр дошт. Дар нишастҳо гули сари сабат буд, дар атрофаш ҳамеша ҷавонон ҳалқа мезаданд. Марина доимо хислатҳои ҷавонмардии Сергейро таъкид мекард. Дар васфи ӯ бисёр шоҳбайтҳо гуфтааст. Албатта, ба Сергей ҳасад бурдан нашояд, охир нақши шавҳари шоираи нобиғаро бозидан

осон нест, вале, ба ҳар ҳол, маҳз Марина номи ӯро дар қалби ояндагон абадӣ ҷой кард.

«... Ту дар махзани таърих ҷовид мемонӣ»,- навишта буд Светаева дар як шеъраш ба шавҳараш муроҷиат намуда.

Зиндагӣ бошад барои онҳо мушкилиҳои зиёди сангинро омода месохт. Баъди инқилоб нерӯи ҷавонии Сергей ӯро ба сафи сафедҳо овард. Чанд сол аз оила дур шуд, ки он ҷо аллакай ду духтарчааш тарбия меёфт. Дар оиладорӣ Марина бетаҷрибаю ноӯҳдабаро буд, дар таъмини духтарон азоб мекашид. Дӯстон низ Маскавро тарк карданд ва ӯ тирамоҳи соли 1919 танҳо монд. Аз гуруснагӣ духтарчаҳоро ба сағирхона супурд. Зимистони соли 1920 Ирина, духтарчаи хурдиаш, аз сардию гуруснагӣ фавтид. Барои Марина азобу машаққат, гуруснагӣ, аз сардиҳои зимистон ларзиданҳо оғоз ёфтанд Ба назараш азоби ҷаҳаннамро мекашид. Дигар аз шеърҳояш оҳангҳои хуш, зиндадилӣ, ҷӯшу хурӯш ва даъват ба ишқварзӣ ҳис намегаштанд.

Баҳори соли 1922 бо духтари даҳсолааш ба Берлин мекӯчад, ки он ҷо шавҳараш баъди шикасти сафедҳо мезист. Сипас, мӯҳтоҷӣ онҳоро ба як шаҳрчаи назди Прага овард. Марина ба ҷои эҷоди шеър акнун хӯрок мепухт, сару либос медӯхту мешуст, ба бозор мерафт ва мекӯшид, ки маводи арзонтар бихарад. «Ҳаёти оилавӣ меронам, ки ҳам дӯст медорам ва ҳам чашми диданам нест, гӯё дар байни гаҳвораю гӯрам, ҳол он ки на тифламу на мурда», - навишта буд дар як номааш. Баъди чанде зиндагӣ барояш хуш гашт. Оре, ишқ омаду ҳамаи яъсу ноумедиҳо рафт. Ба рафиқи Сергей Константин Родзевич дил баст. Хушҳол, ба худ дилпур ва заминӣ буд Константин ва бо ҳамин хислатҳояш қалби Маринаро тасхир кард. Марина Светаева ба ӯ манзумаи «Достони фарҷом»-ро бахшидааст.

Ҷанҷоли сахт сар зад. Эфрон ишқварзии навбатии завҷаашро наметавонист ба осонӣ бахшад. Вале аз баҳраш ҳам гузаштан барояш душвор буд. Онҳо солҳои зиёд бо ҳам зис-

танд, ба якдигар одат карданд, агар ҷудо шаванд, ба ду тараф ҳам бори ҳаёт гаронтар мегашт. Инро Светаева, қалби шоиронаи ӯ дарк сохт ва ахиран ишқи Константинро рад намуд. Аммо муносибати пештарааш бо Сергей дигар зинда нашуд.

Марина боз бо чанд нафар ишқ варзид, лекин муҳаббати вай дар амал не, танҳо дар рӯи варақ амалӣ мегашт. Масалан, ба Борис Пастернак номаҳои ҷонгудозе навишта буд, ки ҳатто рашки сӯзони завҷаи Пастернакро ба миён оварданд. Аммо дар амал онҳо бо ҳам вонахӯрдаанд. Ӯ наметавонист бе ишқ, бе ошиқ зистан. Вақте ки ин сарчашмаи илоҳӣ хушк шуд, вай дигар ба шавқ наомад, эҷодиёташ қатъ гардид, ин маънои онро дошт, ки зиндагӣ падрудаш гуфт. Зеро барои Светаева ҳаёти муқаррарии одамӣ бе назм назокаташро гум мекард. Франсия ба оилаи Эфронҳо рӯи хуш надод, вақте ки онҳо ба ин ҷо кӯчида омаданд. Ҳамзамонон зикр кардаанд, ки Марина пас аз таваллуди писарчааш дар соли 1925 зуд пир шуд. Дар воқеъ аз оиладорӣ мадори ӯ хушк мегашт. Субҳ ба ҷои шеър гуфтан хона мерӯфт, пироҳани кӯдак мешусту дарбеҳ мекард. «Аз кори ғайридил хаста шудам, ки барояш умр кӯтоҳ менамоям. Беҳад мехоҳам шеър бигӯям. Шеър ва умуман аз навмедӣ». Вале шеърҳои зиёде, ки суруда буд, чоп намешуданд. Ин шоираро ба вартаи яъсу ноумедиҳо меафканд.

Дар оила низ фазои нохуш ҳукм меронд. Эфрон ба сафорати шӯравӣ муроҷиат намуд, ки мехоҳад ба ватан бозгардад. Бо НКВД робита баст. Ӯро духтараш Аля ҷонибдор буд. Аммо Марина намехост ба Русия баргардад. Нахуст Аля муқими Маскав шуд. Баъд Сергей. Охири соли 1939 Светаева низ ба Маскав омад. Баъди якчанд моҳ Аля ва Сергейро ҳабс карданд. Барои Марина ҳаёт ба сони дӯзах буд. Ду сол ба духтару шавҳари зиндониаш ғизо кашонд, писарчаи наврасашро тарбият кард. Дигар тоқаташ тоқ гашт ва косаи сабр лабрез шуд. Рӯзи охирини тобистони соли мудҳиши 1941 дар Елабург худро овехт.



# Олга Константиновна Чехова

## (Солҳои зиндагиаш 1897-1980)

Ҳунарпешаи кино ва театр. Дар Олмони фашистӣ кор кардааст.

Насаби ин зан, бешубҳа, сабаб гашт, ки дар хусуси мансубияташ ба оилаи нависандаи маъруфи рус ва зиёиёни пешқадам бисёр гапу калочаҳо ба миён оянд. Агар сеҳри адиби бузург Антон Чехов ва ҷодуҳунарии актёр Михаил Чехов намебуданд, шояд қаҳрамони мо дар таърих ин гуна машҳур нагашта, танҳо чун ситораи ҳунари синамогарӣ ба як доираи танги киношиносон ошно мемонду бас. Вале завҷаи якуми Михаил Чехов буданаш ӯро барои мардуми кишвараш ангуштнамо кард. Ва ҳам, хушбахтона, ба вай аз рӯзи мавлудаш бахт механдид. Ба ҳар ҳол худаш ҳам ба ин насаби машҳур сазовор зане буд: зебо, ҳунарпешаи мумтоз, бонуи дилрабо ва бо хислати хосаи ба мақсад расидан. Инсоне буд дорои сирри ниҳону ҳаёти дугона...

Падари ӯ Константин Книппер вазири роҳҳои алоқа буду аз зумраи он мансабдороне ба ҳисоб мерафт, ки аз шиносоияшон бо беҳтарин мардони зиёии хирадманди кишварашон ифтихор доранд.

Боре мактуби сарнишини ҳавопаймо, дӯсти олмониамро, ки дар ҷанг ба ҳалокат расида буд, ба такрор мехондам. Нохост, зикр кардааст Олга, «номаро мехондаму дар рӯи сатрҳо симои Лев Толстойро медидам. Вай ба ман тарзе менигарист,

ки ҳангоми сайругаштҳои фаромӯшнопазири овони ҷавониам ба сӯям назар меафканд ва мегуфт: «Ту бояд ба ҷанг нафрат дошта бошӣ ва ҳам ба онҳое, ки ҷангҷӯянд...»

Вале ёддоштҳои айёми наврасии қаҳрамони мо бо дигар нависандаи маъруфи рус сахт пайвандӣ доранд. Додари хурдии Олга-бастакори оянда Лев Книппер, муаллифи суруди «Полюшко-поле» бемор аст. Вай дар хонаи нимторик рӯи ҷойгаҳ хоб, ҷунбиданаш мумкин нест, зеро бо миёнбанди махсус баста шудааст. «Дар назди кати бемор табиб нишаста, бо як меҳрубонии хоса сухан ронда, граммофони хурдакаки дар даст доштаашро нишон медод. Лев ба дарди тоқатфарсои узви бадан тоб оварда табассум мекунад. Вай беҳад дӯстдори оҳангҳост, наворо хуб дарк менамуд. Табиб инро медонист. Граммофон алҳол ба сифати дору хизмат мекард.

Табиб шахси хушқаду қомат аст, канораҳои чеҳраи байзавии ӯро мӯйҳои сиёҳчатоб ва ришчаи зебо зеб бахшидаанд. Чашмони ӯ ба ранги аҷоиб медурахшанд. Ин барқи нигоҳи табиб ба маризон нисбат ба ҳар гуна ҳаб бештар манфиат меорад. Вай чӣ хостани дили наврасонро хуб медонад. Аз ин рӯ ҳабҳои душворхӯрро ба онҳо намедиҳад, барояшон доруҳои обакӣ мефармояд. Табиб нависандаи машҳур Антон Павлович Чехов, амаки ман аст».

Аммо дар ҳақиқат Чехов амаки Олга набуд, вай танҳо шавҳари холаи ӯ- Олга Леонардовна Книппер-Чехова ба ҳисоб мерафт.

Боре ҳангоми як сафараш ба Маскав, зимистони соли 1914 Олга Константиновнаи ҳабдаҳсола пинҳонӣ бо додарзодаи нависанда Михаил Чехов ақди никоҳ баст. Олга Леонардовна-ӯро дар оила «Олгаи якум» меномиданд-зани ҳукмравою инҷиқ сахт барошӯфт ва ба хонаи домод бо қаҳру ғазаб роҳ пеш гирифт. «Дарро ба рӯяш хоҳарзодааш Олга кушод. Бо дидани вай Олга Леонардовна аз ҳуш рафт,-навиштааст яке аз шоҳидони воқеа.- Лекин намедонам, ки дар

воқеъ ҳолаш бад шуд ё ҳунари актёриаш дар ин ҷо саҳм гирифт.

Ба ҳар ҳол ӯ ба болои зинаҳо афтод. Олгаи хурдӣ низ сахт тарсид ва баробари холааш ҳушашро бохту ба паҳлӯи ӯ ғалтид. Ғавғоро шунида модари домод Наталя Александровна, зани асабию камқувват ба сари ҳодиса омад ва ӯ низ аз тарс ҳуш бохт. Ва Михаили бечора бо навбат бонувонро бардошта ба хона даровард...»

Моҳи августи соли 1915 Олга духтарча ба дунё овард, аммо зиндагиаш хушбахтона набуд. Зеро ҳар ду ҳунарпешаи мумтоз ба ҳисоб мерафт ва ғурури ҷавонӣ намегузошт, ки онҳо бо ҳам дар масъалаҳои театр, намоишномаҳо, нақшҳо созиш намоянд.

Соли 1921 Олга аз Михаил ҷудо шуд ва ба Олмон кӯч баст, аммо насаби собиқ шавҳарашро нигоҳ дошт. Сабаби ба Олмон рафтанашро Олга даъвати таҳиягарони филм номид. Аммо ӯро он ҷо касе интизор набуд, лисони олмониро намедонист. Вале Олга париваш буду кино ҳоло «забон» набароварда буд. Вай бовар дошт, ки комёбӣ насибаш мегардад. Ӯ дар шабнишиние бо продюсер Эрих Поммер шинос гашт ва ӯ Олга Чеховаро дар филми «Қалъаи Фогелед» ба навор гирифт.

Дар тӯли 3-4 сол Чехова чунон забони олмониро омӯхт, ки талаффузи ӯро аз бонувони немис фарқ карда намешуд. Вай бо театри «Ренессанс» шартнома баст. Ӯ он замон дилрабо, зиндадил, боирода ба назар мерасид ва барояш иҷрои бисёр нақшҳои марказиро пешниҳод мекарданд. Кораш равнақ гирифт, модару духтарчааш ва баъдтар Михаил Чеховро бо завҷаи дуюмаш ба Олмон даъват намуд. Михаил дар филми «Ғуломи ишқи худ» нақши асосиро бозид. Таҳиягари он Олга Чехова буд.

Олга Михаилро бо таҳиягари машҳури Олмон Макс Рейнхард шинос кард.

Баъди он ки кино ҳам «забон» баровард, обрӯи Олга даҳчанд боло рафт. Бо иштироки ӯ бисёр филмҳо ба навор гирифта шуданд.

Албатта, ҳаёти зани қашанг бе мард тасаввурнопазир аст. Буданд дар зиндагии ӯ мардони зиёд. Аммо, баъди он ки дар соли 1933 фашизм ба сари қудрат омад, Гитлер ва Геббелс Чеховаро ба қабули расмӣ даъват карданд. Дигар ягон қабули расмию нимрасмии Гитлер бе иштироки Олга Чехова сурат намегирифт. Ҳар як нақши офаридаи ӯ аз ҷониби роҳбари Олмон қадр мегашт. Соли 1935 Олга Чехова соҳиби унвони олии «Ҳунарпешаи давлатии Олмон» мешавад.

Бо Геббелс риштаи дӯстиаш қавӣ буд. Баъди ҷанги дуюми ҷаҳон овоза шуд, ки Олга Чехова барои разведкаи шӯравӣ бисёр сирру асрори фашистонро хабар медодааст, яъне ӯ ҷосуси шӯравӣ дар лонаи фашистон будааст ва ҳатто соли 1945 гӯё ба Маскав омадааст.

Ба ҳар ҳол бисёр асрори зиндагиномаи Олга Чехова ба мо ноаён аст. Вай, баъди марги фоҷиавии духтараш дар садамаи нақлиётӣ пурра аз саҳнаи кино рафт. Барои таъминиояндаи набераааш Вера соли 1955 солуни «Олга Чехова Косметик»-ро созмон бахшид, ки он дар як фурсати кӯтоҳ шӯҳрат ёфт. Қаҳрамони мо то вафоташ ҳар сол 15 июл ба маҳали Баденвейлер меомад, ки он ҷо чандин сол пештар Антон Павлович Чехов сафари охират карда буд.

# Маргарет Митчелл

# (Солҳои зиндагиаш 1900-1949)

Адиби амрикоӣ. Ба шарофати романи «Рабудагони боди самум» машҳур гаштааст.

Романи «Рабудагони боди самум» бори нахуст соли 1936 ба нашр расида буд. Аз он замон то ба имрӯз асар ба 27 забони дунё тарҷума ва 185 маротиб аз нав чоп шуд, ба бестселлер



– китоби бозоргири ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.

Ба сари қаҳрамонҳои ситорагарми ба ҳайратоварандаи Маргарет Митчелл, Скарлетти кабудчашм, бо нафосату латофат, бесуботу бемаслак, ҷонсахт ва Рэт, ҷавонмарди дар тиҷорат ӯҳдабаро, ки ба гирдоби ҷангҳои шаҳрвандии солҳои 1861 -1865 кашида шуда буданд, борони шадиди воқеаҳои зиёде рехт. Ва ин ҳамаро ба шигифт овард. Зеро на ба ҳамаи қаҳрамонҳои асарҳои адибони соҳибзавқи машҳур муяссар гаштааст, ки аз чунин тӯфонҳои балоовар ҷон ба саломат бурда ва аз чаҳорчӯбаи роман баромада, ба сони одамони муқаррарӣ ҳамроҳи дигар сокинони воқеӣ умр ба сар баранд. Қаҳрамонҳои бофтаи Маргарет Митчелл ба тарзи зист ва амали ҳаррӯзаи инсонҳои заминӣ таъсир мегузоштанд ва барои мардум одами худӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Аз ҳама шигифтовараш он аст, ки қалами эҷод ба нависандаи ботаҷрибаю пухта, ки дар тӯли умри бардавом ба қуллаи шӯҳрат зина ба зина заҳмати зиёд кашида баромада бошад, мутааллиқ набуд. «Рабудагони боди самум» нахустин ва китоби ягонаест, ки аз ҷониби соҳибхоназани Атлантаи иёлати Ҷорҷия эҷод гаштааст. Ва аммо ӯ зане буд аз ҳад зиёд дӯстдори таърихи Амрикои Ҷанубӣ ва ҳам донандаи хуби он. Дастоварди шигифтангези «Рабудагони боди самум» ҳисси кунҷковии бисёриҳоро бедор намуд ва имрӯз низ ба таҳрик меорад: калиди чунин илҳоми нобаҳангом дар чӣ бошад, ки дили як зани одии хонашинро мунаввар сохт. Ва ӯ аз куҷо ин ҳама воқеаҳои дар китоб тасвирёфтаро хондааст ё аз кӣ шунида

бошад, аз кӣ тарзи тасвири муҳокимаронихои рӯҳиро омӯхта-аст? Ҳама саволҳо ҷавоб мехоҳанд.

Дар ҳолномаи Маргарет Митчелл ҳодисаҳои шавқангез каманд. Дар овони наврасӣ духтараки ҳардамхаёл буд ва ба ҳар гуна ишқварзӣ шавқ дошт. Ҳанӯз ҷавон буд, ки модар гум кард. Аз ин рӯ бори хонадорӣ бармаҳал бар дӯшаш афтод. Ҳол он ки вай ба кору бори хона шавқе зоҳир намесохт. Вале ин ҳолат ба хислати арбадаҷӯӣ, дӯстдори таваккал кардану моҷа-рохоҳонаи ӯ таъсир нагузошт. Шояд, баъди сипарӣ гаштани солҳои зиёд беқарорӣ ва гоҳо бемантиқии ҳаракатҳои худро дар симои қаҳрамони «Рабудагони боди самум» тасвир намудааст. Набошад чӣ тавр метавон шарҳ дод, ки чаро ҳар гуна ҳилаву найрангҳои дар овони ҷавонӣ содир кардаашро дар иҷрои Скар-летт низ мебинем ва ин ҳаракатҳои фиребонаи айёми шубоби нависанда хешону шиносҳоро дар ҳайрат мегузоштанд.

Соли 1921 Пеггӣ (одамони наздик Маргаретро чунин ном мебурданд) дар «Хонаи заргӯш», ҷои чойнӯшию ҳамоиши до-нишҷӯён, адибону журналистони навқалам бо Ҷон Марш ши-нос шуд. Вай, марди 26-сола, басо ҷиддӣ ба назар мерасид, ботаҳаммул, боинтизом, ҳисси масъулиятшиносиаш рушд ёфта-ву мақсадаш низ буд. Ҷон барои Маргарет номзади арзанда ба ҳисоб мерафт. Ва ҳам «дилбари ҷанубӣ» кайҳо дили ӯро рабуда буд. Духтарак на танҳо маҳҷабин, балки ҳамчун ровии қиссаҳо шунавандаро зуд мафтун месохт, дар ҳозирҷавобӣ назир надошт ва орзуи журналист шудан мекард.

Баъди хатми донишгоҳи Кентуккӣ Ҷон барои бо Пеггӣ на-здик будан, ба Атланта кӯчид. Ба хушрӯяки сабукандеш ғала-баи осон писанд наомад ва ҳам намехост ба зудӣ аз хушо-мадгӯиҳо ва хизмати дигар ошиқон маҳрум гардад. «Ман ба марде дил бохтан мехостам, ки, – навишта буд дар ҷавонӣ Маргарет, вай аз дигар занҳо дида маро бештар ва сидқан дӯст дорад. Мехоҳам ба шавҳар бароям, ба шӯям ёрӣ расо-нам, кӯдакони солим ба дунё орам. Вале бадбахтӣ дар он

аст, ки наметавонам, ба тамоми ҳастӣ дӯст дорам...» Ҳарчанд Маргарет тарбияи пуританӣ, яъне ба оила ва анъанаҳои он садоқат доштан гирифта буд, дар ботини ӯ «шайтончаи дандонтез» ниҳон мехобид. Ва он аз саҳифаҳои «Рабудагони боди самум» ба хонанда маълум аст.

Дӯстон бовар доштанд ба издивоҷи Ҷон ва Пеггӣ. Дар воқеъ аллакай арӯсшаванда ба модари домоди оянда писанд омада буд ва Маргарет шомгоҳон ба вай ҳикояи навашро мехонд, аз орзуҳояш ҳикоят мекард. Ва ногаҳон воқеае рух медиҳад, ки аз он ҳама ба ҳайрат меафтанд. Пеггӣ 2 сентябри соли 1922 ба Ред Апшоу, шахси бетолеъ, майзада, бекора, аз ӯҳдаи таъмини оила набароянда, кӯтоҳандеш ва зиқовар, ба шавҳар баромад. Албатта, ин таҷриба ҳосили хуб ба бор наовард. Ҳаёти онҳо ба сони азоби ҷаҳаннам сурат мегирифт. Ба Пеггӣ зарур меомад, ки ба таҳқирҳо, дашномҳо ва зарбаҳои мушти Апшоу таҳаммул намояд. Агар меҳрубонӣ ва садоқати Ҷон намешуд, кӣ медонад, ҳоли Маргарет ба чӣ меанҷомид. Ҷавонмард дар ниҳоди хеш ошӯби рашкро бо зӯрии ирода мутеъ сохта, ба дӯстдораш ёрӣ мерасонад, ки вай ҳамчун шахсияти барҷаста камол ёбад.

Нерӯи ишқи ҳақиқӣ барои Маргарет дар садоқати Ҷон рӯшан гашт. «Метавонам танҳо бигӯям, ки, – навишта буд Маргарет ба модари Ҷон,- ман аз самими дил Ҷони бовафоро дӯст медорам, ба ӯ бовар дорам, ба ошиқи ҳалиму ғамхор».

Ахиран Маргарет аз Ред ҷудо шуд ва дар соли 1925 бо Ҷон Марш ҳамболин гашт. Онҳо худро хушбахт меҳисобиданд. «Аз рӯи табиати одамӣ мо аз ҳамдигар хеле тафовут дорем,- мехонем аз ёддоштҳои Марш,- аз ин рӯ ба ҳайрат афтодан мумкин аст, ки мо чӣ гуна бо ҳам забон ёфтем, охир, ҳарчанд шигифтовар аст, аллакай солҳо боз якҷояем. Шояд сир дар он аст, ки вай ҳамаи соддагиҳои маро мебахшаду ман бошам- ӯро.»

Вале, эҳтимол, дар хушбахтии онҳо боз дигар омилҳо нақш бозидаанд. Масалан, Ҷон дар бораиояндаи худ кам андеша меронд, ҳама вақт мекӯшид, ки завҷааш чун шахсият сайқал

ёбад, ҷойгоҳи босазои хешро дар зиндагӣ соҳиб гардад. Боре аз дилтангӣ Маргарет намедонист ба чӣ коре даст занад. Ҷон гуфт, ки таърихи ҷанги шаҳрвандиро аъло медонӣ, хуб мешавад дар бораш қалам ронӣ.

Маргарет дар фазои ҳикояҳо дар бораи ҷанги гражданӣ ба воя расида буду таърихи ҷанги Шимолу Ҷануби кишварро аъло медонист. Ва ҳамин донишро истифода набурдан, кори нек набуд.

Тирамоҳи соли 1926 Ҷон ба Маргарет мошини чопии «Ремингтон» тӯҳфа намуд.

Ҳар шаб, баъди бозгашт аз кор Ҷон саҳифаҳои мошиннависро мехонд, то посе аз шаб баҳси онҳо тӯл мекашид ва ҳамин минвол эҷод ва таҳрири асар идома меёфт.

Охири соли 1932 асар итмом пазируфт, аммо таҳрири он то соли 1935 давом кард. Муҳаррири шӯъбаи амрикоии «Макмиллан»- и англисӣ ҳис намуд, ки чопи китоб ба нашрияи ӯ даромади зиёд меорад. Вай розигии Маргаретро ба чопи китоб гирифт. Аммо розӣ шудан осон буду омодаи чоп намудан душвор. Зеро боби якуми асар 60 вариант дошт. Боз ёфтани номи мувофиқро намегӯед. Биллониҳоя Маргарет аз шеъри Эрнст Доусон ибораеро пазируфт: «Рабудагони боди самум».

Соли 1936 роман ба дасти хонанда расид, муаллиф сазовори ҷоизаи Пулитсеров гардид. Вале аз ҳама аҷибаш ин буд, ки Маргарет ба мухлисон, ба ҳамдиёрон симои «шаҳрванди ҳақиқӣ»- ро пешниҳод кард, ки ба ӯ ҳамоҳанг шудан меарзид. Мардҳо ба Рэт, бонувон дар либоспӯшию ороиши мӯй ба Скарлетт тақлид менамуданд. «Услуби Скарлетт», бо ин ном газвор, кулоҳҳо, дастпӯшакҳо истеҳсол мешуданд. Кинопродюсер Дэвид Селзник чор сол дар рӯи сенария араҷи ҷабин рехта, филми «Рабудагони боди самум»- ро ба навор бардошт.

Нахустнамоиши он, ки дар Атланта баргузор гашт, ҳам ба филм, ҳам ба роман ва ҳам ба муаллиф шӯҳрати беқиёс овард. Ба саволи «Хӯш, Ҷон, аз обрӯи завҷаатон мефахред?» - Марш гуфт: «Ман аз вай то навиштани китобаш ифтихор мекардам».



# Любов Петровна Орлова

## (Солҳои зиндагиаш 1902-1975)

Ҳунарпешаи мардумии СССР (1950). Солҳои 1926- 1933 дар Театри мусиқии ба номи Немирович – Данченко, аз соли 1955 дар Театри ба номи Моссовет нақшҳо офаридааст.

Дар филмҳои мусиқии мазҳакавии коргардон Г. Александров «Бачаҳои шӯх», «Сирк», «Волга- Волга» ва ғайра симои қаҳрамонони мусбатро эҷод кардааст. Дорандаи Ҷоизаи давлатии СССР (1941, 1950).

Дар таърихи кинои шӯравӣ ӯ ягона ситораи дурахшон аст. Дигараш алҳол падид наомада. Ин аз он сабаб нест, ки Орлова дар байни ҳунарпешагони рус, аз ҳама боистеъдод ва зеботар буд. Сабаб дар он аст, ки вай сидқан мекӯшид, ки нисбат ба дигарон як ангушт боло бошад, барои он ки дар ӯ ҳамаи омилҳои занро ба таври афсонавӣ ҷаззоб кардан ба ҳам муттаҳид шуда буданд ва ҳам танҳо ӯ дарк сохт, ки ситора бояд дар баландии баландиҳо ҷило диҳад ва барои ашхоси худбину беларво дастнорас бошад, ситора будан ин на унвон асту на касб, ин зиндагист.

Орлова дар оилаи дворянини рус таваллуд ёфт ва ба воя расид. Аммо, вақте ки дар бораи Любов Петровна ёддоштҳо мехонӣ ё ӯро дар экран мебинӣ, аз як андеша дур рафта наметавонӣ: рӯ ба рӯи мо бонуи ғарбӣ истода бо чеҳраи кушода,

пуртабассум, дастрас, вале ӯ ҳеҷ гоҳ ба остонаи ҳаёти ҳақиқиаш касеро роҳ намедиҳад, аз андешаҳои ботиниаш пардаи асрор бардошта намешавад. Ҳангоми бо мардум будан маъюсӣ зоҳир намесозад, вай ҳамеша дар ниқоби эътимод ба худ аст– ҳама корҳоям панҷ! Як зарра ҳам самимият нест, ҳамаи ҳиссиёт санҷидаву ҳисобу китоб шуда, ҳамаи сару либос интихоб гашта, ба назди тамошобин баромадан низ борҳо машқ дидааст. Оре, ин аст фоҷиаи одии ситораи санъат... Ба хеш тобеъ нестӣ, балки мутеи тасаввурот дар бораи худ ҳастӣ. Дар ин ҷо режими сталинӣ гуноҳе надорад, аз азал чунин буд ва дар ҳама давраҳои минбаъда низ ҳамин гуна мемонад.

Нахуст айёми наврасӣ ва ҷавонии қаҳрамони мо қурбони ривоятҳо дар бораи ситораи пурҷило шуд. Магар ҳамин ҳам гап шуд, ки дилбохтагони ҳунари ӯ ибтидои роҳи зиндагии санами худро намедонистанд. «Роҳи эҷодиамро дар театри Владимир Иванович Немирович –Данченко оғоз бахшидам ва баъд, хушбахтона, бо коргардони бузург вохӯрдам», - ҳамин тавр оғоз меёфт ҳар як мулоқоташ бо тамошобинон.

Орлова айёрӣ мекард. Дар мулки шахсиаш, дар Внуково, се чизи гаронбаҳои оилавиро маҳфуз медошт: китобчаи хурди нашриёти «Посредник» - «Асири Кавказ»-и Толстойро бо содасти муаллиф; вараҷи дафтареро бо сурати Шаляпин ва сурати ӯро бо чунин суханон, ки ба хонандаи синфи якум гуфтааст: «Бачаҳо, ба мактаб омода шавед. Хурӯс кайҳо фарёд зад. Ратухино, соли 1909». Чӣ ҳунарпешаро маҷбур месохт, ки аз мардум шиносоиашро бо арбобони барҷастаи маданият, ки Ҳукумати Шӯравӣ ҳам онҳоро писандидааст, ниҳон дорад? Чаро хоҳиши духтари Шаляпинро рад кард ва дар ҷашнвораи санъаткори бузург ширкат наварзид?

Посухи пурсишҳо одист ва дар айни замон фоҷианок. Любов Петровна аз барҳам задани образи шаклгирифтаю суфтагаштааш метарсид, аз синну солаш метарсид, метарсид, ки ҳаводоронаш аз «тоинқилобӣ» буданаш иттилоъ меёбанд.

Инчунин айёми шубобаш ҳам ба чаҳорчӯбаи ривоятҳо намегунҷид. Аз ин рӯ онҳоро низ аз саҳифаҳои ҳолнома бояд хат зад. Ҳаводоронаш ҳатто ба гӯшаи хотир ҳам намеоварданд, ки Орловаро дар соли 1917 холааш ба хона роҳ дод. Онҳо дар Воскресенск мезистанд ва ситораи ояндаи симои ҳунар ба Маскав барои фурӯш шир мебурд, дар зимистони қаҳратун дастонаш ба зарфҳои шир мечаспиданд, ҳангоми бозгашт аз тарси дуздҳо дарақ –дарақ меларзид. Баъд таҳсил дар консерватория, ороишгари лентаҳои кино, издивоҷи аввал, ки зиндагӣ маҷбур кард, баъд издивоҷи дуюм, ки низ бо нокомӣ анҷом пазируфт.

Назокатҳои ҳунарпешаи театрро дар студияи хореографии Франчески Беатӣ омӯхтааст, аммо номи онро низ ҳеҷ гоҳ ба забон намеовард. Шояд барои маъруф набуданаш. Аммо ҳамин даргоҳ ба Орлова рафтори хиромона, рақси нафис, ҳаракатҳои мулоиму ёзандаро омӯзонд. Вай аз ҳамон вақт ҳеҷ гоҳ машқи баданро қатъ накард ва ҳамеша миёнбанди борики чармин – меъёри андозаи миёнро бо худ дошт, то ки дар сӣ, чил ва ҳафтодсолагӣ ҳам чун овони бистсолагӣ миёнаш аз 43 сантиметр зиёд набошад.

Вохӯрии тақдирсози Орлова бо коргардони «худӣ» тирамоҳи соли 1933 ба вуқӯъ пайваст. Любов Петровна аллакай дар ду филм нақшҳои хурд офарида буд, суратҳояш дар рӯзномаву маҷаллаҳо низ чоп шуданд. Аммо мисли ӯ довталабони нақшҳои асосӣ лак- лак вомехӯранд. Ҳатто як коргардон акси Орловаро дида, ба холи бари бинии ӯ бо ангушт ишора намуда, қотеъона ҳукм баровард: «Дар экран ба сони автобус метобад».

Пеш аз консерт дар «синематограф»-и «Арс», ки Любов Петровна ҳам баромад дошт, воқеаи ғайриодие рӯй дод. Дар рӯи пероҳани Орлова гурбае зоидааст. Ҳунарпеша фиғон бароварду ашк рехт, вале як шиносаш аз ин ҳодиса фоли нек баровардa ӯро тасалло дода гуфт: «Ба шумо кор омад кард, бахти бузург насибатон мешавад». Дар воқеъ ҳангоми танаффус ба паси парда ҷавонмарди қоматбаланди костюми хориҷӣ

ба бар қадам гузошт ва боназокат табассум карда, каме сар поин афканда худро муаррифӣ намуд: «Александров».

Чил сол онҳо бо ҳам зистанд, эҷод карданд, ба қуллаи шӯҳрат баромаданд ва талхии нокомӣ чашиданд. Александров, ки аз саёҳати Амрико баргашта буд, мехост филмҳои мусиқию мазҳакавӣ созад. Вай дар симои Орлова иҷрои нақшаҳояшро дид. «Бачаҳои шӯх» шӯҳрати ҷаҳонӣ овард ба онҳо. «Амрикоиҳо то ин дам бо Русияи Достоевский ошно буданд. Акнун онҳо диданд, ки рӯҳияи одамон ба куллӣ тағйир ёфтааст. Онҳо шоду бардам механданд. Ин ғалабаи калон аст. Нисбат ба тиру туфанг ва суханрониҳо ин филм бештар ҳаёти шӯравиро тарғибу ташвиқ менамояд», - навишта буд Чаплин дар хусуси шоҳкории шӯравӣ. Қадрдони асосии санъати кишвар Сталин низ дар канор наистод. «Бисёр филми шӯх. Гӯё, ки як моҳ дар рухсатӣ дам гирифта бошам», - гуфт ӯ. Халқи одӣ бошад мавҷ- мавҷ ба толори кино меомад. Сурудҳои «Бачаҳои шӯх»-ро ҳама мехонд. Орлова ба симои давру замон табдил гашт. Вай ба мисли ҳар як ситора «азонихудӣ» менамуд, азиз, наздик ва дар айни ҳол дастнорас, афсунгар метофт, ӯ моҳи беайб буд ва дар ӯ зебоии тасвирнопазири хаёлӣ, ҷавонӣ, чобукӣ таҷассум меёфтанд. Мӯъҷиза рӯ ба рӯ меистод. Сталин зуд ҳис намуд, ки чунин санъатвари соҳибистеъдод, босалиқа ба сифати ситораи синамои киноии шӯравӣ дар хориҷа мақоми арзандае меёбад. Дар яке аз қабулҳо доҳӣ падарона ба ситора назар афканда дилсӯзона ғурунгид: «Чӣ хел хурдакакӣ! Чаро рангат паридааст?» Любов Петровна хост бо шӯхӣ раҳо ёбад, аз ин рӯ ба сӯи Александров ишора намуда гуфт: «Ана гунаҳкор, аз наворбардорӣ ба ҷон расонд, на рӯз, на шаб халосӣ нест». Сталин абрӯвон дарҳам кашид, ангушти ишорат боло бурд: «Дар ёд доред, рафиқ Александров, Орлова дастоварди халқи мост. Орлова дар байни мо якто ва, агар шумо ӯро азоб диҳед, мо шуморо ба ҷазои сахт гирифтор менамоем. Мо шуморо меовезем, ба чор ҳисса тақсим мекунем, баъд аз тӯбҳо мепаронем».

Шӯхӣ аз забони мустабид он қадар аз ҳақиқат дур садо надода бошад ҳам, вале Сталин дар ин суханронӣ ҳақиқати таърихро иброз дошт, ки дар он истеъдоди Орлова пухта мерасид. Ӯ «якто буд», «танҳо» ӯ ба ҳамаи нобоварон, шубҳагарон шаҳодат дода метавонист аз ҳаёти босаодати одамони шӯравӣ.Ӯ барои Вай «ягона» буд...

«Сирк» ва «Волга- Волга», «Роҳи равшан» ва «Баҳор» пайроҳаҳои шоҳроҳи Орлова мебошанд. Ба назар чунин менамояд, ки вай дар ҳаёт ба ҳама хостааш, ки ба ҳар зани шӯравӣ метавонист дастрас гардад: шӯҳрат, боигарӣ, шавҳари меҳрубон комёб гаштааст.

Ҷанг ба охир расид, риштаи умри доҳӣ гусаста шуд ва бо рафтани ӯ ба охират, давраш ҳам фано ёфт, даври Орлова низ.



## Клавдия Ивановна Шулженко

## (Солҳои зиндагиаш 1906- 1984)

Сарояндаи эстрадаи шӯравӣ, Ҳунарпешаи мардумии СССР (1971). Аз соли 1929 ба сурудан пардохтааст.

Боз солҳо сипарӣ мешаванд, эҳтимол, якчанд даҳсола баъдтар, ёди ин сарояндаро ба боди фаромӯшӣ месупорем, дигар ба хотир намеорем. Бо реҳлати собиқадорони ҶБВ ва насли онҳо ба дорулбақо овози зиндаи ӯ, ҷозибаи ӯ, хуллас, он чизе ки дар

маҳфилҳои рӯ ба рӯ барои мо гаронбаҳо буданду имрӯз аз оинаи телевизион тамошои сабтҳои кӯҳна ночаспон менамояд, ҳама аз ёдҳо мераванд. Вай савори сафинаи вақт ба дуриҳои дур, ба гузашта шино мекунад ва ҳеҷ чизе нест, ки имрӯз пеши роҳашро гирад. Пиршавии ӯ чоранопазир аст.

Ва ба ҳар ҳол, ҳар кадоме ки хостори донистани таърихи шӯравӣ менамояд, аз номи Клавдия Шулженко сарфи назар нахоҳад кард, зеро ин овозхон оғози ҳамон рӯшание буд, ки дар зулмоти ҳар гуна режими сахттарин ҳам падид меояд. Дар муҳити нимрасмӣ Шулженко тавонист чун моҳӣ дар оби равон худро нигоҳ дорад ва сурудҳои лирикиаш ҳам ба ҳиссиёти одамон таъсири амиқ мегузоштанд ва ҳам ба талаботи ходимони ҳизбӣ ҷавобгӯй буданд. Вай ҳамчун сарояндаи сурудҳои эстрадӣ сахтҷон баромад. Вазъи замонаро хуб эҳсос кард.

Дар шароити дурӯягиву хабаркашиҳо худро устувор нигоҳ дошт. Ӯ тавонист барномаашро комилан ба итмом расонад ва хушбахт бошад. Аз ин мебарояд, ки барои бахтро ба даст овардан, соҳибкасб будан низ зарур будааст.

Овози Клавдия Шулженкои харковӣ табиатан ҷозиба дошт, маҳорати мусиқишиносиаш низ худодод буд. Вале танҳо сароянда будан барои ӯ кофӣ набуд, мехост дар саҳнаҳои бузург нақшҳои фоҷиавии Офелия ё Ҷулеттаро офарад. Хайрият театри драмавии Синелников аз хонаи Шулженко он қадар дур набуд. Аз ин рӯ ҳанӯз ба синни ҳабдаҳ нарасида ҳамроҳи дугонааш ба назди коргардон Синелников омад ва гуфт, ки онҳоро ба дастаи ҳунариаш бигирад. Ҳунарвар аз густохии гӯшношуниди духтарон ба ҳайрат афтод, аммо хашмашро фурӯ нишонд ва розӣ шуд, ки барномаи онҳоро аз назар гузаронад.

Клавдия аввал суруд хондан хост ва аз ҷавонмарде, ки номи аҷоиби «Дуня» дошт, хоҳиши навохтани роял кард. Баъд маълум гашт, ки ин ҷавон бастакори машҳури оянда Исаак Дунаевский будааст. Сарнавишт дар рӯзи имтиҳони нахустин Клавдияро бо одами «даркорӣ» рӯ ба рӯ овард.

Баъдтар аён гардид, ки меҳри Шулженко нисбат ба нақшофарӣ ба сурудан бештар будааст. Ӯ дар консертҳо фаъолона иштирок мекард, бо бастакорон, шоирон ҳамкории густурда дошт. Шоирон махсус барояш шеър мегуфтанд, оҳангсозон мусиқӣ меофариданд.

Карйераи сарояндагӣ барои Шулженко дар Ленинград оғоз ёфт. Ба бахти ӯ дар он замон консертҳо дар кинотеатрҳо пеш аз намоиши филмҳо ташкил мешуданд. Ва чунин баромадҳои кӯтоҳ рӯзе дар 3-4 ҷой баргузор мегаштанд ва барои сароянда мактаби маҳорат ба ҳисоб мерафтанд. Аллакай бисёр ҳаводорони Шулженко ӯро аз толоре ба толори дигар ҳамроҳӣ мекарданд.

Соли 1929 дар озмуни сарояндагони эстрада ҷои аввал насибаш шуд. Ва яке аз паи дигар қартаи сурудҳояш баромадан гирифтанд. Ҳазор- ҳазор ба фурӯш мерафтанд қартаҳои сурудҳои ӯ. Хонае набуд, ки садои Клавдия Ивановна шунида нашавад. «Булбули шӯравӣ» мегуфтанд ӯро.

Аз рӯзи оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ Шулженко ҳамроҳи ҷанговарон буд, вай дар роҳҳои танку мошингузар, беморхонаҳо, хандаққо, сеху фурудгоҳҳо, дар зери чангу хок, барфу борон суруд мехонд, мардумро ба ғалаба рӯҳбаланд мекард. Хобу истироҳатро ба боди фаромӯшӣ супурда буд. Кас аз ҷасорати вай ба ҳайрат меомад. Охир зери тири душман, дар ҳавои сарди зимистон суруд хондан магар қаҳрамонӣ нест? Дар солҳои ҷанг Шулженко дар қисмҳои ҳарбӣ, дар шароити вазнини ғайриинсонӣ зиёда аз 500 консерт созмон дод.

Боре баъди хотимаи консерт ба назди Клавдия Ивановна лейтенанти хушқаду қомате омада: «Михаил Максимов, - гуфта худро муаррифӣ намуд ва баъд илова кард.- Барои шумо суруде навиштам. Аввал хеле кӯшидам, натиҷае набахшид. Сипас, оҳанги маъмули «Сарбанди нилобӣ»- ро, ки пеш аз ҷанг шунида будам, интихоб намудам, дар ҳавои он ҳамин суруд бо шеъри нав эҷод гашт».

Лейтенант ба Шулженко варақи дафтари мактабиро дароз кард. Дар воқеъ оҳанги «Сарбанди нилобӣ» («Синий платочек») бисёр маъруф буд. Муаллифаш бастакори лаҳистонӣ Иржи Петербургский ба ҳисоб мерафт. Ҳасрати рӯзҳои осоиштаи пешазҷангии дар оҳанг таҷассумёфта бо суханони ҷиддии лейтенант Максимов тавъамгашта дар иҷрои Клавдия Шулженко ба суруди табъи дили ҷанговарон мубаддал гардид. Шояд ба сурудҳо хеле кам муяссар мешавад, ки умри дароз бинанд. Акнун ягон консерти Шулженко бе суруди «Сарбанди нилобӣ» поён намеёфт. «Сарбанди нилобӣ» дар худ истеъдоди лирикии Клавдия Ивановна, хислати оташмизоҷӣ, чолокӣ, зиндадилӣ ва боварӣ ба нерӯи неки инсон доштаи ӯро ба ҳам муттаҳид мекард. Мегӯянд, ки бад аст, агар ҳунармандро танҳо ба як нақши нағз бозидааш бишносанд, вале ба ҳар ҳол он қадар бад нест, вақте ки сарояндаро ба як суруди беҳтарини беҳтаринҳо алоқаманд медонанд. Шулженко ҷовидон ҳамчун шахсе дар таърих мемонад, ки «Сарбанди нилобӣ»- ро ғолибона даст афшонда ва бо овози канда- канда, ба мисли садои автомат сурудааст:

«Тир бизан, пулемётчӣ, ба хотири сарбанди нилобӣ,
Ки буд афтода ба китфи дилбар!»

Онҳо барои ҳамдигар зарур буданд, ҷанговарони бо чеҳраи чанголудаи офтобхӯрда ва бонуи пироҳани саҳнавӣ ба бар, ки ба назар аз дунёи дигар менамуд. Сарбозон дар симои сароянда зиндагии пурсаодат, аҷоиботи биҳиштро медиданд ва омода буданд, ки танҳо барои ба ин ҷисми латиф ангушт расонидан аз баҳри ҷон ҳам бигзаранд. Вай барои аскарон беҳисоб суруд мехонд.

Дар зиндагии шахсӣ низ бахташ хандид. Вай аз Одесса омад, ғолиби дили ӯ, Владимир Кораллӣ, шахси хушҳол, хандон, барандаи беҳамто, донандаи латифаҳои зиёд. Насабаш ҳам мӯъҷиза буд, аз вай ба машом бӯи баҳр, марворидҳои зери об меомад. Онҳо 25 сол бо ҳам зистанд, писарашон низ ба

камол расид. Вале ногоҳ Гриша- Григорий Епифансев, оператори кино, аз куҷое пайдо шуд. Клавдия ба мисли духтараки наврас ақлу ҳуш бохту аз баҳри хона, шавҳар, писар баромада бо ӯ бирафт.

Албатта, аз ин девонагӣ чизе ҳосил нашуд. Кӣ ба пирӣ ғолиб омадааст? Ӯро барои ин амалаш ҷазои сахт- танҳоӣ интизор буд ва ӯ танҳо, бекасу бе ёр монд То нафаси охирин интизор буд, ки писараш аз гуноҳаш бигзарад.

Дар тӯли эҷодиёташ Шулженко 23 қарта сабт намудааст. «Расм», асари охиринаш, аз ёздаҳ суруд иборат буд, бо якҷоягии «Сарбанди нилобӣ». Баъди сипарӣ шудани солҳои зиёд Клавдия Ивановнаи солхӯрда дар як шаби эҷодиаш ба ёд овард:

«Куҷо бошад он нобиғаи накӯкор, лейтенанти хушандом Максимов, ки ба вай боре суруди хайрбоди рӯҳи ӯ, «Сарбанди нилобӣ»- ро хоксорона тӯҳфа карда буд».



## Майя Михайловна Плисетская

## (Соли мавлудаш 1925)

Раққосаи балет, Ҳунарпешаи мардумии СССР (1959), Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ (1985). Балетҳои «Анна Каренина», «Чайка», «Хонум бо сагча»- ро ба саҳна гузоштааст ва дар онҳо нақшҳои асосиро бозидааст.

Шояд раққосаҳои балет пир намешаванд ё эҳтимол онҳо асрори мубориза бо вақтро кашф кардаанд. Ё ин сирро танҳо

раққосаҳои бузург, бонувони кабир медонанд? Чи тавре ки аз он қаҳрамонони нимафсонавию нимтаърихӣ иттилоъ доштанд...

Асрори «ҷавонии ҷовидона» ҳар як занро то ба тоифаи фариштагон боло мебардошт, дастнорас ва мӯъҷиби парастиш мекард Ва ҳамаи бонувон тайёранд, ки барои ҳеҷ гоҳ пир нашудан аз баҳри тамоми боигарии дунё, кулли ошиқон ва неъматҳо бигзаранд. Эҳ, чи қадар занон дар майдони мубориза бо синну сол ба «хоб рафтаанд», ин «ҷанг» бисёр фоҷиаҳоро медонад, чи қадар тақдирҳои талх ба он вобастаанд, чи қадар сарнавиштҳои драмавию мазҳакавиро дар ниҳоди худ ниҳон дорад ин муборизаи бераҳмонаи нобаробар. Бале, нобаробар, зеро охируламр вақт ногузир ғолиб меояд.

Ва ба ҳар ҳол гоҳо «бонувони мо» ба вақт ғолиб меоянд Ба суратҳои солҳои охири Плисетская бингаред, аз барои Худо, ӯ ҳамон духтарак аст. Чи тавре ки панҷоҳ, чил, сӣ сол пештар буд. Гоҳо ба назар мерасад, ки сол ба сол вай соҳибҷамол мешавад, аз ниҳоди ӯ як зебоии комил ва пурилҳом рӯ мезанад ва пайкарашро фаро мегирад. Ва ҳарчанд худи Майя Михайловна навиштааст, ки зан дар бистсолагиаш шабонарӯз яксон зебост, баъди сӣ се- чор соат, баъди панҷоҳ якчанд дақиқа, вале ин суханон ба қаҳрамони мо иртиботе надоранд. Вай солҳои зиёдест дар саҳна бо ҳамон зебоии табиӣ, дар зиндагӣ низ. Ва ӯ ҳоло ҳам мерақсад. Рекорддори саҳнаи балет. Агар дар санъат низ рекордҳо бошанд.

Соли 1932 падарашро консули генералӣ ва сардори кони ангишти Шпитсберген таъин карданд. Дар ҳамин ҷазираи қаҳратун Майя бори нахуст дар операи Даргомижский «Фариштаи обӣ» нақш офарид. Барои рангин кардани шабҳои тӯлонӣ сокинони ҷазира намоишномаро ба саҳна гузоштанд. Ва нақши Фаришта ба зиммаи духтари консули генералӣ афтод.

Баъд аз ин рӯзе набуд, ки Майя дар орзуи мактаби хореографӣ бо волидайн ҳарф назанад. Оқибат соли 1934 падар

рухсатӣ гирифту духтарашро ба Маскав овард ва дар назди ҳунарпешаи театри калон Евгения Ивановна Долинская ба шогирдӣ монд. Вале омӯзиши ӯ дер напоид. Падару модар ҳангоми бозгашт ба Шпитсберген Майяро бо худ гирифтанд.

Зимистони нави қутбӣ ба оҳистагӣ сипарӣ мешуд. Майяро бори ғаму андӯҳ пахш мекард, ҳамеша ба ёди сабақи аввалин ашк мерехт. Ва ҳамин ки баҳор омад, падар бо оғози яхкӯчӣ ҷигарбандашро ба Маскав гуселонид. Майя аз гурӯҳаш қафо монда буд, аз ин рӯ шомили гурӯҳи Елизавета Павловна Гердт-инсони номдор, нармдил, бекина, ботамкин гардид. «Вале табиат ба Гердт қобилияти таҳлили нозукиҳои санъат, дурандешӣ, нозукхаёлии касбиятро арзонӣ надошт. Вай медид, ки ин кор қобили қабул ва ин ҳаракат шоистаи истифода нест, вале барои чӣ ҳамин тавр аст, шарҳу эзоҳ дода наметавонист»,- навиштааст нисбат ба устодаш Плисетская. Аз ин рӯ дар тӯли ҳамаи солҳои раққосиаш Майя аз нагирифтани маълумоти пурраи рақси классикии балет азоб мекашид, навгониҳоро худ меҷуст, хато мекард ва оқибат ба шарофати заҳмати сангин ба мақсад мерасид.

Таҳсил дар омӯзишгоҳи хореографӣ аз рӯи нақша ҷараён дошт. Ва ҳол он ки соли сиюҳафтум ҳам дар мекӯфт. Фоҷиа 30 апрел ба хонаи онҳо роҳ ёфт. Духтарак бо шодию фараҳ ба ҷашни 1 май, ки ба оғозаш чанд соат монда буд, омодагӣ мегирифт.

Бадбахтӣ субҳидам омад, бо қадамҳои вазнини оҳанин ва садои гӯшхароши занги дар. Баъд навбатпоиҳо дар маҳбасхона, зиндонӣ гаштани модар, паронда шудани падар, хонаи мӯҳрзада. Дигар ҷои зист ҳам набуд. Холааш Суламиф, ҳунарпешаи балет, Майяро ба тарбияаш гирифт, аммо муносибаташ бо хоҳарзодааш басо дурушт буд. Оилаи Плисетскийҳо пароканда шуд. Бачагии Майя поён ёфт. Модарашро ба Чимкент бадарға карданд. Бародараш Александр бо тағояш Асаф мезист.

Балет бошад зиндагии зебою рангин, дур аз ҳақиқати ҳаёт ва азобу машаққатро идома мебахшид. Майя аз балети «Нозанини хуфта» нақши париро мебозид, дар намоишномаи «Маликаи барфин» низ мерақсид. 21 июни соли 1941 Майя Плисетская дар консерти хатми омӯзишгоҳ баромад карда, ба кафкӯбии зиёди тамошобинон сазовор гашт. Модараш, ки чанд рӯз пештар аз бадарға баргашта буд, дар як кунҷи толор ашк мерехт. Баҳори соли 1943 Майяро ба гурӯҳи асосии театри калон қабул карданд. Ба ғайр аз ин ӯ дар консертҳои клубҳои зиёди Маскав аз намоишномаҳои «Қуи миранда», «Мелодия»-и Глюк, «Элегия»- и Рахманинов рақсҳои алоҳидаро иҷро менамуд.

Нақши асосиро дар ҳаёти Плисетская балети «Кӯли қувон» бозид. Дар саҳнаи бисёр театрҳои дунё Майя бо «Кӯли қувон» буд, зиёда аз ҳаштсад маротиба... Сӣ сол, аз соли 1947 то 1977.

Шӯҳрати ҷаҳонӣ дар он солҳое насиби Плисетская шуд, ки ӯ ҳанӯз ба ақидаи Кумитаи давлатии бехатарии (КДБ) шӯравӣ шахси ба хориҷа сафар карданаш нолоиқ буд. Панҷ сол Майя Михайловнаро аз рӯйхати санъатварони ба хориҷа раванда хат заданд. Панҷ сол ӯ дари ҳуҷраҳои ҳизбиро кӯфт, то ки бегуноҳии волидайнашро собит созад, аммо ҳамааш бефоида буд. Ҳатто Арагон, шоири маъруфи франсуз, ҳангоми дидори навбатӣ аз СССР таъкид кард, ки бо Хрушёв дар хусуси тақдири Плисетская ҳарф мезанад. Танҳо соли 1959, вақте ки ба сарварии КДБ ба ҷои Серов дигар шахс таъин гашт, Майя Плисетскаяро ба сафари ҳунарии ҳафтодрӯза ба ИМА рухсат доданд. Ҳамин тавр шӯҳрати раққосаи балети рус ҷаҳонро гирифт.

Плисетская бо шавҳараш Родион Шедрин дар хонаи Лиля Брик соли 1955 шинос шуда буд. Ин вохӯрии яклаҳзагӣ баъди се сол ба муҳаббати ҳақиқӣ табдил ёфт.

Ба номи Шедрин вобастаанд бисёре аз балетҳои Плисетская. Вақте ки барномаи кӯҳнааш: «Нозанини хуфта», «Дон Кихот», «Кӯли қувон» ба дилаш зад, Майя Михайловна ба андеша

рафт, ки ба тамошобинон чи пешниҳод намояд, ки беҳтар аз ҳама бошад.

«Дар ботини ман симои Кармен ҳамеша вуҷуд дошт, гоҳ рӯй мезад, гоҳ ба муддате пинҳон мегашт, ба касе, ки аз орзуҳоям сухан нагӯям, чеҳраи Кармен аввал ба назар меомад»,- баъдтар ба ёд овардааст Плисетская. Майя Михайловна барои ҷомаи амал пӯшонидани орзуяш ба Шостакович муроҷиат кард, аммо Дмитрий Дмитриевич мураккабии мусиқии Бизеро сабаб оварда, пешниҳодро напазируфт. Он гоҳ Родион Шедрин ба кор дасту остин бар зад. Ӯ мусиқии оҳангсози французро нигоҳ дошта, ба тафсири нави хореографӣ мутобиқ намуд. Ҳамин тавр «Кармен- сюита» тавлид ёфт ва онро Алберто Алонсои кубагӣ ба саҳна гузошт.

Соли 1971 балети «Анна Каренина» аз рӯи романи Л. Толстой падид омад, ки мусиқии он низ ба Шедрин мутааллиқ буд. Баъд балетҳои «Чайка»-ю «Хонум бо сагча» аз рӯи асарҳои А. Чехов пешкаши ҳазорҳо нафар мухлисон шуданд. Шояд ҳамин заҳматнописандии Плисетская бошад, ки ӯ ҳамешаҷавон ба назар мерасад.



## Валентина Терешкова

## (Зодсолаш 1937)

Нахустин бонуи кайҳоннаворд дар ақсои олам (1963), номзади илмҳои техникӣ, Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ, раиси кумитаи занони шӯравӣ (1968-1987), раиси Иттиҳоди ҷамъиятҳои дӯстӣ ва робитаҳои фарҳангӣ бо кишварҳои хориҷӣ (1987-1992). Аз соли

1994 роҳбари Маркази ҳамкории байналмилали илмӣ ва фарҳангии Русия.

Шояд, дар бораи ӯ боз бисёрҳо гӯянду нависанд, ҳарчанд Валентина Владимировна барои душвор намудани фаъолияти эҷодии солноманависони оянда ҳамаи кори аздастмеомадаро сомон мебахшад. Вай бо ҷиддият ҳаёти шахсиашро ниҳон медорад, аз вохӯрӣ бо журналистон канора меҷӯяд, ёддоштҳо наменависад, ба баромадҳои фошкунанда рӯ намеорад. Ӯ аз чунин «худнамоиҳо» ҳазар мекунад. Эҳтимол, ба хислати боҳаёии вай тарбияи «халқӣ», ки хоксорӣ, фурӯтанӣ, одоби ҳамидаро мепарварад, асар гузоштааст.

Ба одам аз кори кардааш баҳо медиҳанд, тарғибу ташвиқ зарурат надоранд, вале ин панди мардумӣ имрӯз дар олами сармоядорон боиси хандаву истеҳзост. Аммо Валентина Владимировна алҳол дар ақидааш устувор аст. Мумкин, ки иродааш фӯлодин аст. Бале, нисбат ба дигар ситораҳои якшаба дар хусуси нигоҳ доштани шаъну шӯҳрати ӯ дар фазои нилгун ҳоҷат ба ташвиш нест. Зеро ҳунарварон, адибон, рассомон, ҳатто арбобони сиёсат аз байни занон хеле зиёданду нахустбонуи кайҳоннавард то абад ягона хоҳад буд.

Гуфтан душвор аст, ки дар кадом комёбиаш ба вай омади кор мадад расондаасту дар дигар пешравиҳояш саҳми шахсиаш нақш бозидааст. Мо таҳлили диалектикӣ мекунем: ҳам ин буд ва ҳам он. Масалан, таваллуд ёфтан дар деҳаи дурдасти Масленниковои вилояти Ярославск, айёми нимгуруснагии тифлӣ, дар кӯдакӣ бепадар мондан, албатта, омади бахт набуданд. Падараш Владимир Терешков дар ҷанги зидди финҳо шаҳид шуда буд. Ана ҳамин далел имкон дод, ки Валентина ҳангоми интихоб ба дастаи кайҳоннавардон шомил гардад. Аз ин рӯ дар ин дунёи бӯқаламун муайян намудани «чӣ хубу чӣ бад» осон нест.

Валентина низ ба мисли ҳазорон нафар дар ҷавонӣ деҳаи бенавою валангоргаштаро тарк карда, ба шаҳр рафту бофан-

да шуд. Шояд коргар гаштанаш дар ҳаёти минбаъдааш нақши муҳим бозид.

Вақтҳои холӣ ва рӯзҳои истироҳатро дар аэроклуб сипарӣ мекард, бо парашют париданро дӯст медошт. Ҳангоми қабул ба сафи кайҳоннавардон ин намуди варзиш низ саҳм гузошт.

Рақибони толеи Терешкова чор нафар буданд: Валентина Пономарёва, Ирина Соловёва, Татяна Кузнетсова ва Жанна Еркина. Ҳама ҷавону зебову солим. Баъди хатми курси махсуси таълим онҳо се нафар монданд: Терешкова, Соловёва, Пономарёва. Якумин шудан дар сарнавишти кадоме аз онҳо бошад? Бахт ба рӯи кӣ механдад? Тақдирро тақдирҷунбон зарур аст, мегӯянд. Ин дафъа худи сардори ҳукумат Никита Сергеевич Хрушёв хушбахтро баргузид: Валентина Терешкова. Ровиёни ахбор овардаанд, ки аз синфи коргар буданаш ақрабаки интихобро ба ҷонибаш гардонд. Валентина Пономарёва рисолаи номзадӣ дифоъ намуд, полковник буда, дар Пажӯҳишгоҳи таърихи илмҳои дақиқ ва техникӣ кор мекунад. Ирина Соловёва низ номзади илм аст. Вай ходими калони илмии маркази санҷиши омодагии кайҳоннавардон мебошад. Ва ба ҳар ҳол ягона баргузида аз байни бонувон ӯ- «Чайка» дар таърихи башар мемонад. Бо ҳамин бонги нидои «Чайка», «Чайка» Терешковаро дунё шунид ва шинохт. Ин воқеа 16 июни соли 1963 ба вуқӯъ пайваст. То Терешкова танҳо нӯҳ нафар мард ба сафари кайҳон баромада, атрофи сайёраи заминро чарх зада буд. Занкайҳоннавард қариб се шабонарӯз дар само парвоз кард ва дар ин муддат ҳамаи рӯзномаҳо, радиою телевизиони дунё дар борааш иттилоъ пахш намуданд. «Бонуи коинот» ном бурда буд Терешковаро рӯзномаи англисии «Дейли экспресс».

Нусрати Валентина ба тамоми қоидаҳо ташкил гардид: истиқболи бошукӯҳ дар фурудгоҳ, қадамзанӣ дар пайроҳаи қолинпӯш, мукофотҳо, қабулҳои расмӣ, мусоҳибаҳо ва, албатта, лавозимоти бароҳати маишӣ. Терешкова дар байни занони Русия ягона генерал аст. Вале дар паси ҷашнҳо ҳаёти ҳақиқии пур аз изтироб вуҷуд дорад.

Ҳукумати вақт ба ҷаҳониён воқеаро тарзе пешниҳод мекард, ки гӯё сафари коинот барои одамони шӯравӣ як сайругашти муқаррарист. Вале нахустин киштиҳои кайҳонии «Шарқ» барои Гагарин, Титов, Попович зарфи консервро ба ёд меоварданд. Онҳо на танҳо имкони аз ҷой бархостан, балки ҳатто даст ҷунбондан надоштанд. Акнун сафари сешабонарӯзии ҷинси латифро дар чунин шароит ба худ тасаввур намоед. Мегӯянд, ки Гагарин баъди ба замин фуромадан рӯзу моҳ ва номи конструктор Королёвро ба ёд оварда натавонистааст. Ба ақидаи доктори илмҳои тиб, мутахассиси адаптатсияи кайҳоннавардон баъди бозгашт аз кайҳон Виталий Волович, организми зан ба шароити парвоз мутобиқ нест. Таҷриба дар он замон бармаҳал будааст. Калсий дар бадани марди кайҳоннавард дар 10-12 рӯз барқарор мегардад, вале Терешкова натавонист то як моҳ ба по истад.

Хушбахтона, ҷавонӣ ҳамаро паси сар гузошт. Никита Сергеевич Хрушёв сарварии базми арӯсии ӯро бо Андриян Николаев- кайҳоннаварди рақами 3 ба даст гирифт. Соли 1964 Алёна ба дунё омад. Вақте ки соли 1970 Андриян Николаев бори дуюм ба кайҳон парид, Алёнаи шашсола ҳангоми робитаи радиоӣ ба оҳанги маломатомез гуфт: «Дадаҷон, чаро маро ҳамроҳат набурдӣ, охир киштиат ин қадар калон-ку?» Имрӯз духтари Терешкова оиладор аст, Валентина Владимировна бибӣ мебошад. Магар ин бахт барои ҳар як зан нест?

Дуруст аст, ки оилаи кайҳоннавардон ба мисли фӯлод, ки аз он киштиҳои кайҳонӣ месозанд, пойдор набаромад.

Юрий Шапошников, шавҳари дуюми Валентина, генерали хизмати тиббӣ буда, директории Маркази илмию тадқиқотии институти травматология ва ортопедиро ба зимма дорад. Онҳо дар шаҳраки Звёздний умр ба сар мебаранд. Дар хонаи чорҳуҷрагии ошёнаи ҳафтуми бинои кайҳоннавардон. Ҳар субҳ ба Маскав, ба ҷойи кораш мешитобад. Ва ҳоло ҳам сокинони Звёздний ба бонуи хушандом, зебо, шамшодваш, ки дақиқае ба худ заифӣ роҳ намедиҳаду орому устувор гом мениҳад, бо шавқу ҳавас чашми меҳр медӯзанд.



# ЭЛЕОНОРАИ АКВИТАН

## (1122-1202)

Маликаи Франсия, завҷаи Людовики VII. Баъдтар маликаи Англия.

Басо фараҳафзост, вақте ки зан шоҳ мешавад, агар ду дафъа ба тахт нишинад, ҳоҷат ба орзуи дигар намемонад. Вале, чи тавре ки таърих собит месозад, ягон боигарӣ, ягон тахту тоҷ бо худ ба зан бахт намеорад. Ва, агар мо чӯбдасти салтанат ва аломатҳои замонро ёдовар нашуда, дар хусуси сахтиҳои зиндагии ин бону сухан ронем, хонанда гумон хоҳад кард, ки гап дар хусуси имрӯз меравад, на дар бораи ҳодисаҳои қариб даҳ аср пеш.

Элеонора духтари ягонаи ҳерсог Вилгелми Аквитанӣ буд. Духтаракро аз овони наврасӣ масъалаҳои сиёсию ҳарбӣ ба худ мекашиданд. Ӯ баландболову хушандом буду дар рӯи зин устувор менишаст ва аз камонғӯлак дар дави асп ба нишон бехато тир мезад. Ҳанӯз дар ҷавонӣ ба мулки бонуфузи ҳерсогии Франсия соҳиб шуд ва ҳукмронии ӯро сокинони Аквитания бо хушӣ пазируфтанд.

То ба мо ривояти аҷибе аз ҳаёти ин бону расидааст. Мегӯянд, ки ҳанӯз дар айёми 15-солагиаш ба ритсари диловар Ричард дил бохта будааст. Аммо хешовандони мӯътабараш ба ин никоҳ зид мебароянд ва дар яке аз набардҳои кӯчагӣ Ричард дар пеши чашми Элеонора кушта мешавад. Сипас, баъди чанд моҳе ба ӯ домоди обрӯманд, бале худи шоҳ Людовики VII хостгорӣ менамояд.

Баъди ба Париж омадан, Элеонора ба ҳайрат афтод, ки дар ин ҷо ҳаёт ин қадар ҳузновар аст. Шоҳ Людовики VII бисёр диндор буд ва вақти зиёдашро ба тоату ибодат сарф мекард.

Ва соли 1147 тақдир барои шоҳбону саргузашти аҷоибу ғароиб пеш овард. Людовики VII ба машваратчиёнаш гӯш андохту бар зидди Фаластин юриши ҳарбӣ орост. Элеонора аз шавҳараш хоҳиш намуд, ки ӯро бо худ гирад. Ритсарҳои Аквитания низ аз ин хурсанд буданд.

Вале Элеонора баъдтар фаҳмид, ки юриши ҳарбӣ барои ҷисми нозуки ӯ харобиовар аст. Вай шабҳо дар зери борон дарақ-дарақ меларзид, ғизо низ ба мисли хӯроки дарбор лазиз набуд. Шавҳарашро ҳам дар чанд ҳафта як бор медид. Вақте ки ба Антиоха расиданд, шоҳбону ба хонаи тағояш Раймунд Тулузский фуромад. Баъди сафари тоқатшикан Элеонора меҳрубониҳои тағояшро бо қаноатмандӣ пазируфт. Аз ин Людовик рашк карду фармон дод, ки зуд сафарро ба сӯи Байтулмуқаддас идома бахшанд. Мушовирон мехостанд шоҳро аз раъяш гардонанд. Аммо ӯ истодагарӣ карду шоҳбонуро ба зӯрӣ ба фойтун шинонд.

Бо як ҳуҷум шаҳрро гирифта натавонистанд, бар замми ин дили Элеонора аз шавҳараш хунук шуд. Шоҳбону ба Париж баргашт. Баъди чанде духтарчаи дуюмашро ба дунё овард. Таваллуди духтари дуюм занҷири байни зану шавҳарро гусаст. Онҳо умед доштанд, ки тифли навбатӣ писар мешаваду вориси тахту тоҷ мегардад. Ҳамин тавр Элеонора ба калисо муроҷиат кард ва соли 1152 расман аз шавҳар ҷудо шуд.

Ба Аквитанияи азиз баргашта зиндагии хушу боҳаловатро оғоз намуд. Дар дарбораш шоирон, нависандаҳо, рассомон, муғанниён ҷамъ меомаданд. Ва дар ҳамин маҳфилҳо ба Ҳенрихи Плантагенет дил бохт. Аммо синни Ҳенрих нисбат ба ӯ хеле ҷавон буд, вай ҳамагӣ 19 сол дошт. Вале ҷавони ошиқ ба зери пойи дилоромаш тоҷу тахти Англияро нисор намуд. Дар воқеъ ӯ ягона вориси шоҳи Англия Стефан буд. Баъди шаш

моҳи ҷашни арӯсӣ Элеонора писаре ба дунё овард ва ба шарафи бобояш Вилгелм ном ниҳод. Ин воқеа ба рӯзи вафоти шоҳи Англия рост омад ва 19 декабри соли 1154 Элеонора унвони олитарин – маликаи Англияро соҳиб шуд.

Шоҳ Ҳенрих вақти зиёдашро ба таҳияи қонунҳои нав мебахшид ва Ҳенрихи Қонунгузор лақаб гирифт. Ӯ бисёр вақт дар сафар буд, шӯриши феодалҳои гарданшахро пахш мекард. Элеонора ба тарбияи ҳашт нафар фарзанд машғул буд. Шоҳ ва малика бо гузашти сол ба ҳам дилсард гаштанд.

Элеонора писари сеюмаш Ричардро беҳад дӯст медошт ва ба ӯ ҳукмронии Аквитанияро бахшид. Шоҳ маъшуқа ёфт, вале Розамунда Клиффорд ногаҳон фавтид. Шоҳ гумон бурд, ки аз дасти занаш маъшуқааш заҳролуд шудааст. Завҷаашро дар дайр зиндонӣ кард. Элеонора инро бахшида натавонист ва ҳамаи фарзандонро бар зидди падар шӯронд.

Ричард, Ҳенрих ва Ҷеффрӣ бар зидди падар бо шоҳ Людовик муттаҳид шуданд. Ҳенрихи Плантагенет то охири умр бо фарзандони ноаҳл ҷангид ва соли 1189 мурд. Ба тахт Ричард нишаст, зеро акааш Ҳенрих низ фавтида буд. Шоҳи нав нотарс, шуҷоъ буд ва бар зидди туркҳо диловарона ҷангид, лақаби Ричарди Шердилро соҳиб гашт. Аммо ӯ ба императори Австрия асир афтод ва ӯ фидияи зиёд талаб кард. Модар маблағи заруриро ҷамъ намуд ва ба император фиристонд. Баъди панҷ сол, соли 1199 Ричард дар Нормандия кушта шуд.

Шоҳи расмии Англия Иоанн эълон гардид. Вай одами ноқисақл, бераҳме буд, малика ӯро дӯст намедошт. Ӯ низ ба модар бо чашми шафқат нигоҳ намекард. Новобаста ба пирӣ ва аз даст додани ашхоси ба дил наздик малика аз ҳаёт тамоман дилсард набуд. Ҳарчанд аз шаст гузашта буд, дар васфаш шеър мегуфтанд, сурудҳо мехонданд, дар сиёсати байни давлатҳо низ таъсираш назаррас буд. Ва ҳамин таъсири ӯ ба сиёсати ҷаҳонӣ то маргаш ҳис мешуд.

Элеонораи Аквитанӣ дар синни 82, ки он вақт синну соли ҳайратовар ҳисоб меёфт, дунёи рӯшанро падруд гуфт.

# ЕКАТЕРИНА МЕДИЧӢ

## (1519-1589)



Маликаи Франсия аз соли 1547, завҷаи Ҳенрихи II. Дар замони ҳукмронии писараш Франсиски II (1559-1560), Карли IX (1560-1574), Ҳенрихи III (1574-1589) ба сиёсати давлатӣ таъсири ҷиддӣ гузоштааст. Вай яке аз созмондиҳандагони шаби ҷазодиҳии Варфоломей ба ҳисоб меравад.

Дар хусуси таърихи оилаи Медичӣ ҷилд-ҷилд асарҳо офарида шуданд, аммо симои аз ҳама шинохтаи ин сулола духтари ҳерсоги Урбино Лоренси II Екатерина будааст, зеро ба тақозои тақдир ба зинаи баландтарини мансаб расидааст. Дасти кам сӣ сол лаҷоми ҳукумати кишвари бонуфузтарини асри XVI Аврупо Франсияро дар даст дошт. Вале ҳаёти шахсии занонааш басо тира ва дилрешкунанда будааст.

Аз рӯзи мавлуд бахт ба рӯи Екатерина нахандид, вай сағира монд. Сулолаи Медичиҳо ӯро ба сифати гарав дар муборизаҳо баҳри ҳокимият дар Флоренсия истифода бурд. Дар нӯҳсолагӣ ба дайр афтод, ҷумҳурихоҳони муҳосирашудаи шаҳр пешниҳод карданд, ки духтаракро ба болои қалъа бароварда, рӯ ба рӯи оташи тӯбҳои хешовандонаш гузоранд. Хушбахтона, ба ин ҳодиса папа мудохила намуд ва ӯро ба тарбияи худ гирифт. Папаи Рим Клименти VII духтаракро ба манфиати хеш истифода бурданӣ шуд.

Дар соли 1533 ҷашни арӯсии Екатерина бо Ҳенрихи Орлеанӣ, писари шоҳи Франсия, баргузор гашт. Ҷавонон ҳамагӣ 14

сол доштанд. Ҳанӯз садои мусиқии ҷашн хотима наёфта, навдомод ба доми ишқи Диана, духтархолаи завҷааш, афтод. Диана де Пуате аз ӯ бист сол калон буд. Ва бист соле, ки Ҳенрих ҳукм ронд, дар дарбори шоҳи Франсия Диана маъшуқаи ивазнашаванда ба ҳисоб мерафт ва бист сол Екатерина маҷбур буд, ки хомӯшона нағмаҳои хешашро таҳаммул намояд. Даҳ соли зиндагӣ бефарзанд гузашт. Ривояте ҳаст, ки гӯё шоҳ бемории доштааст. Баъд аз ҷарроҳии шавҳараш Екатерина паси ҳам даҳ писару  духтар ба дунё овард. Баъзеҳо ба «табобати ҳайратангез»-и шоҳ бовар накарда, дар ин амал фиреби оддии занонаро мебинанд. Аммо кӣ ҳақ аст, мо инро дигар исбот карда наметавонем.

Ба диди нахуст ин маъсума ба ҳаёти дарбор умуман дахл намекард. Вале дар сари занаки нағзакак нақшаҳои басо худхоҳона пухта мерасиданд. Вай медонист, ки шавҳараш Ҳенрихи аз шӯҳратпарастӣ фарсаххо дур, ба тахту тоҷ дилгармие надорад ва барояш дар ин дунё ишқи Диана басанда аст. Писари калонӣ Франсиск вориси шоҳ буд, саломатиаш ҳам барои подшоҳии дурудароз гувоҳӣ медод.

Солноманигорони дарбори французҳо дар хусуси гунаҳгорони аслии воқиаҳо, албатта, лаб фурӯ бастаанд, аммо далелҳо чунинанд: дар рӯзи гарми моҳи август шоҳзода Франсиск як истакон оби яхдорро нӯшиду ҳамон замон мурд. Заҳролудшавиро касе инкор накард, аммо қотил низ ёфт нашуд. Маълум аст, ки марги Франсиск пеш аз ҳама ба кӣ манфиат меовард, албатта, ба сулолаи Медичиҳо. Онҳо бошанд аҳамияту зарурати  заҳрро дар ҳалли моҷароҳо ба хубӣ медонистанд. Лекин рафтори Екатерина дар дарбор як зарра ҳам шубҳаи касеро ба бор намеовард.

Вақте ки ба сари Ҳенрих тоҷи шоҳӣ гузоштанд, Екатерина қариб 40 сол дошт. Вай зани ботаҷриба буду сарриштаи ҳамаи моҷароҳои дарборро дар даст нигоҳ медошт, аммо инро касе пай намебурд.

Екатерина ба дарбор санъаткорони мумтоз, олимону донишмандонро гирд овард. Ба астрология шавқи беандоза дошт. Аз ин рӯ Нострадамусро ба дарбор хонд, ки вай марги ногаҳонии шоҳро чунин пешгӯӣ кард:

Шербача ба пир ғолиб меояд. Дар муҳорибаи аҷоиби тан ба тан, дар майдони набард. Вай ба воситаи қафаси тиллоӣ ба чашми ҳариф тир мезанад. Аз як ду мешавад, баъд мемирад. Марги пуразоб.

Ҳалокати Ҳенрих, дар воқеъ, бемаънӣ буд. Дар қувваозмоӣ бо граф Монтгомерӣ ритсари ҷавон бо як ситеза ба сари Ҳенрих зарбаи сахт мезанад. Шоҳ бо найза худро муҳофизат мекард. Чӯбдасти найза ба зарбаи мудҳиш тоб наоварда, майда-майда мешавад ва яке аз чӯбчаҳои он аз роғи тоскулоҳ гузашта ба чашми рости шоҳ мехалад. Дар рӯзи даҳуми ҳодиса, пас аз азоби алим Ҳенрих ҷон ба ҷаббор супурд. Баъди ин ҳодисаи фоҷиабори тасодуфӣ Екатерина ба сари қудрат омад. Албатта, расман писари ӯ Франсиски II-и шонздаҳсола шоҳ эълон гардид, вале ҳукумат ба зери панҷаи модар буд. Аммо ба ӯ кор душворӣ мекард. Зеро ба шарофати Диана ҳамаи мансабҳои калидӣ, яъне муҳим ба дасти сулолаи Гизҳо буд. Ҳамроҳи Франсуа Вандом бар зидди Гизҳо муборизаро оғоз бахшид. Вале шикаст хӯрд. Франсуаро аввал дар Бастилия ҳабс кард, баъд ба он дунё фиристод. Барои Екатерина дӯсти ғолиб зарур буд, мағлуб бояд мерафт. Шоҳбону баҳри ҳукумат ба ҳар гуна қурбонӣ омода мегашт. Екатерина католик буд, аммо барои суст намудани мавқеи Гизҳо протестантҳоро пинҳонӣ ҷонибдорӣ мекард, онҳоро бо ҳам ҷанг меандохт ва мавқеашро устувор менамуд.

Дар ин байн Франсиски II мурд, ба ҷойи ӯ ба тахт Карли IX-и даҳсола нишаст. Вай ба писараш талқин намуд, ки ба порлумон мактуб нависад, то ки идораи мамлакат ба дасти модараш бигзарад. Ҳамин тавр ҳокими мутлақи Франсия шуд.

Номи Екатерина Медичӣ бо воқеаи мудҳиши хунин – қатли оми гугенотҳо, ки бо номи шаби Варфоломей вориди таърих

шудааст, сахт пайвандӣ дорад. Сиёсати дурӯягии Екатерина ба он оварда расонд, ки мавқеаш дар байни қувваҳои сиёсӣ суст шуд. Вай барои нерӯ гирифтан духтараш Маргаритаро ба шоҳи Наварра ба занӣ дод, ки вай душмани қаттоли оилаи Гизҳо буд. Шаби ҷашн, аз 23 ба 24 августи соли 1572 байни католикҳо ва гугенотҳо ҷанг шуд ва то баромадани офтоб танҳо дар Париж 2 ҳазор нафар гугенот ба қатл расид. Шоҳ Карли IX аз бераҳмии модар ба хашм омад, зеро духтари адмирал Колинии гугенотро дӯст медошт. Муносибати шоҳ ба модар рӯз ба рӯз сард мегашт. Екатерина фаҳмид, ки дигар ба писараш ҳукмаш намегузарад. Аз ин рӯ тадбир ҷуст ва баъди як ҳафта Карл ба бистари беморӣ афтоду бимурд. Заҳр кори худро кард.

Тахту тоҷ ба писари сеюми Екатерина Ҳенрихи Анжуй насиб гашт. Муносибати фарзанду модар мӯътадил набуд. Ҳенрихи III ба гапи шоҳбону надаромад, бо шоҳдухтари англис ақди никоҳ набаста, аз авлоди Гизҳо ба Луизаи Лотарингӣ хонадор шуд. Вале аз онҳо фарзанде ба дунё наомад. Дар ин байн писари хурдии Екатерина аз сулолаи Валуа – Франсиск, ҳерсоги Алансонск ва Брабантск, аз ҷаҳон чашм пӯшид. Ин зарбаи мудҳиш ба кампири ҳукуматдӯст буд, ки баҳри ҳукмронӣ аз ягон роҳ қафо намегашт. Аҷаб дунё. Екатерина даҳ фарзанд ба гетӣ овард, аммо идомаи сулолаи Валуаҳо бо фарзандони ӯ ба поён расид. Вақте ки шаҳди марг чашид, Ҳенрихи III ҳатто модарро ба таври бояду шояд гӯру чӯб накард. Ҷасади Екатеринаро ба гӯри умумии бенавоёну оворагардон партофтанд. Худи шоҳ низ баъди чанд моҳ аз дунёи рӯшан чашм пӯшид.

# НАДЕЖДА КОНСТАНТИНОВНА КРУПСКАЯ

# (1869-1939)



Завҷаи доҳии болшевикон В.И. Ленин. Узви «Иттифоқи муборизон барои озодии синфи коргар» аз соли 1898. Котиби масъули рӯзномаҳои «Искра», «Ба пеш», «Пролетарҳо», «Сотсиал-демократ». Иштирокчии инқилоби солҳои 1905-1907 ва Инқилоби Октябр. Аз соли 1917 узви таҳририяи рӯзномаи "Правда", аз соли 1929 муовини комиссари халқии маорифи РСФСР. Вакили Шӯрои Олӣ аз соли 1937. Оид ба педагогика ва таърихи КПСС асарҳо навиштааст.

Кӣ имрӯз ин бонуро ба ёд меовард, агар завҷаи «доҳии пролетарҳои дунё», одаме, ки рафти зиндагии асри XX-ро ба куллӣ тағйир дод, намебуд. Вале гап ҳам дар сари ҳамин аст, ки ӯ завҷаи вай набуда наметавонист. Ва агар сарнавишти аҷоиб ва ҳам бемаънии одамизод вуҷуд дошта бошад ҳам, ба Надежда Константиновна Крупская ҳукм шуда буд, ки танҳо сояи ҷудоинопазири шавҳараш, шахси золим, барҳамдиҳандаи дунё бошад.

Онҳо танҳо ду нафар буда метавонистанд – Вай ва Ӯ, ҳамчун аз азал, аз ҳамон замони пайдоиши олам то ба имрӯз чи тавре ки буд. Онҳо қудрат доштанд, ки насли нав ба дунё оранд, зебоиҳо офаранд, вале бо дасти хеш коргоҳи касофатбори барҳамзанандаи нишот омода сохтанд – Вай ва Ӯ.

Саргузашти Надежда Константиновна ба тарҷумаи ҳоли одамӣ кам монанд аст, афсонавист. Ҳатто гап дар сари таърихнигорони шӯравӣ ҳам нест. Дар ёддоштҳои дугонаҳояш низ

ягон ҳарфи тоза, сухани нек, гарму нарм, воқеаҳои аҷоиб ба чашм намехӯранд. Ҳамааш тахту ҳамвор, дилгир, ором. Ҳол он ки ӯ умри дарози пур аз воқеаҳо, шебу фарозҳо дидааст. Аммо... мехонем: «Ором буд», «бо ягон чиз ҳиссиёташро ошкор намекард», «Хомӯш меистод, касе як қатра ашкашро надидааст». Гӯё сухан дар бораи робот меравад.

Бисёриҳо дилнокаш будани ӯро мисол меоранд. Лекин шумо ба аксҳои давраи ҷавонии ӯ бингаред, чи хел қашанг, қаду қомати расо, мӯйҳои дарози фаттон, пӯсти зебо – ҳама дилкашу ҳушрабо. Аммо модараш ҳам азояндаи духтари безебаш дар ташвиш будааст. Ва шояд гап дар сари ҷозибаи занона бошад, ки ҳар бонуи безебро низ фаттону дилписанд менамояд. Ба ҳар ҳол чунин хислат аз Надежда фарсаххо дур буд. Вале, гуфтан мумкин, чаро Парвардигор ин қадар Крупскаяро ранҷонд?

Надежда Константиновна дар оилаи одии қашшоқ ба камол расид. Падараш инқилобчӣ буд, ба тарбия ва донишомӯзии духтараш зиёд аҳамият медод. Модараш Елизавета Василевна занаки диндор буд ва пайваста аз Худо бахти духтаршро мехост. Ба ҳар гуна домод розӣ буд, танҳо мехост, ки духтарашро дӯст дораду наранҷонад.

Надежда бошад дар бораи мардҳо кам фикр меронд. Ӯ баъди хатми курси омӯзгорӣ ба мактаби шабонаи коргарӣ ба кор даромад. Марксизмро бо диққат омӯхт, барои ин забони олмониро комилан азёд кард. «Марксизм бахти бузургам дод, он чиро ки ҳар инсон орзу дорад: дониш, ба куҷо бояд рафт, боварӣ ба оянда, ки ҳаёт бо он пайваст аст».

Уляновро ӯ дар мактабаш дид, эҳтимол вай духтаракро бо қатъият ва муҳокимарониҳои қотеъонааш мафтун намуд. Вай аз рӯзҳои нахуст худро ҳамчун пешво, доҳӣ мепиндошт. Надежда боре Уляновро дар китобхона вохӯрд ва ӯро интизор шуд. Баъди берун баромадани Улянов бо вай ҳамсӯҳбат гашт. Надежда, агар мехост, ҳар мардро ба сӯҳбат кашида метавонист.

Шаби якшанбеи оянда Улянов рӯшании чароғи хонаи Надеждаро дида, меҳмонаш шуд.

Вақте ки Владимир Илич аз маҳбас нома навишта, Надеждаро ба издивоҷ хонд, Крупская чунин посух дод: «Хайр чӣ, зан бошад зан-дия». Ӯ медонист, ки дигар ҳеҷ гоҳ аз «худояш» ҷудо нахоҳад буд, акнун бошад барои ин амал ҳуқуқ ҳам пайдо мекард.

Оё ӯ Ленинро дӯст медошт? Бале, агар вафодории шикастнопазир ва дарки самимонаро муҳаббат гуфтан ҷоиз бошад.

Дар бораи ишқварзиҳои Инесса Арманд бо Ленин овозаҳо зиёданд. Алҳол бо санадҳо собит шудааст, ки доҳӣ ба ин инқилобгари қашанг бетараф набуд. Вале дар бобати муносибати байни Арманду Крупская мо ягон ҳуҷҷате дар даст надорем. Онҳо, се нафар, дар вагони мӯҳрзада моҳи феврали соли 1917 ба Русия баргаштанд. Мегӯянд, ки Крупская азоби рӯҳии Ленинро дида, ба ӯ пешниҳод намудааст, ки расман ҷудо шаванд, то ки вай ба висоли дӯстдоштааш Инесса бирасад.

Зани оқила, ҳеҷ чиз гуфта намешавад. Шояд медонист, ки ба ӯ чизе таҳдид нахоҳад кард. Ҳиссиёт ҳиссиёт аст, аз он шахси оҳанинпайкар ҳам истисно буда наметавонад, вале ягонагӣ, муттафиқии ду шахс аз ҳама чиз зӯртар, тавонотар аст. Бесабаб нест, ки Ленин дар охирҳои умр завҷаашро аз худ як қадам ҳам дур рафтан намемонд. Соли 1919 Крупская аз шавҳараш хоҳиши дар Урал монданро мекунад ва ба чунин мазмун аз Ленин нома мегирад: «...ва ту чӣ тавр тавонистӣ ба чунин хулоса оӣ? Дар Урал мондан? Мебахшӣ, вале ман ба ҳайрат афтодам, лол мондам».

Крупская баъди вафоти Ленин боз 15 сол умр дид. Сталин ҳанӯз дар зиндагии доҳӣ мехост «кампирак»-ро аз канори пешво дур андозад. Аммо ба мақсад нарасид. Аз ин рӯ, баъди вафоти Ленин Сталин бо Крупская ба ҷанги беамон бархост. Вай намехост бо касе ҳукуматро тақсим намоянд ва пеш аз ҳама бо беваи Ленин. Крупская аз дунё ноаён даргузашт. Оре, вай

пир буду зиёд бемор мешуд, аммо дар марги ӯ асроре ниҳон аст. Сирри аз ҳама муҳим он чиз буд, ки ӯ мехост дар анҷумани XVIII ҳизби коммунист ба забон орад. Вай ба чанде аз наздиконаш гуфта будааст, ки мехоҳад дар назди вакилони съезд сухан гӯяд.

Шояд бар зидди Сталин ва сиёсати ӯ чизе гуфтан мехост. Субҳи 24 феврали соли 1939 ӯ чун ҳарвақта кор мекард. Рӯзона дӯстонаш омаданд, ки ҷашни 70-солагии дарпешистодаашро қайд намоянд. Соати 7-и бегоҳӣ нохост бемор шуд. Баъди сеюним соат духтур омад. Ташхис нишон дод, ки кӯррӯдааш иллат доштааст, бояд ҷарроҳӣ мекарданд. Аммо бо сабабе ин корро ба сомон нарасонданд. Надежда Константиновна бо азоби алим 27 феврал дунёро падруд гуфт. Моҳи март анҷумани XVIII ҳизб оғоз ёфт.



# ЕЛИЗАВЕТА ТЮДОР

## (1533-1603)

Маликаи Англия аз соли 1558, духтари Ҳенрихи VIII ва Анна Болейн. Дар замони ҳукмронии Елизаветаи I мавқеи ҳокимияти мутлақ қувват гирифт, калисои англисӣ эҳё гашт, нерӯи ҳарбии баҳрии шикастнопазири Испания торумор гардид (1588), мустамлика кардани Шотландия вусъат ёфт.

Дар таърихи ҳар кишвар ҳукмронҳое будаанд, ки пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии мамлакат ба номи онҳо сахт марбут аст. Ислоҳоти онҳо дар ақидаи шаҳрвандон низ дигар-

гуниҳоро ба миён оварда, дар ботинашон инқилобҳо намудааст. Елизаветаи I ҳамин гуна шоҳ буд. Дар зиндагиаш низ шоиру нависандаҳо дар васфаш достону қиссаҳо офаридаанд. Шекспири бузург низ дар хусуси ӯ асаре нигоштааст. Рассомон суратҳои зиёде кашида, ба мерос гузоштаанд.

Шоҳи шаҳватпараст Ҳенрихи VIII, падари Елизавета, ба ҳуқуқи валиаҳдии салтанат нофаҳмиҳои зиёде ворид намуд. Вай духтарашро валиаҳд эълон кард, аммо баъди ду сол, вақте ки Ҳенрих бо Иоанна Сеймур ишқ меварзид ва завҷаи аввалааш Анна Болейн – модари Елизаветаро ба қатл расонд, он гоҳ духтари бечора ҳамаи ҳуқуқи ба тахту тоҷ доштаашро гум кард. Аммо пеш аз марг Ҳенрих аз нав ҳуқуқҳои духтаронашро ба тоҷи давлатдорӣ барқарор намуд. Ҳамин тавр, вақте ки Марияи хунхор (Мария духтари калонии Ҳенрихи VIII ва Екатеринаи Арагонист, ки никоҳашон соли 1553 бекор карда шуда буд ва соли таваллуди Мария 1510 аст, ӯро барои он «хунхор» меноманд, ки бо фармонаш қариб 300 нафар протестант ба қатл расидааст) соли 1558 вафот кард, ба ҷояш Елизаветаи I Тюдор шоҳ шуд.

Нахустин кори оқилонаи шоҳбону ҳамин буд, ки бо фармонаш калисои англисиро барқарор намуд, ки он нишонаҳои ҳам протестантӣ ва ҳам католикӣ дорад ва як андоза протестантҳою католикҳоро ба муросо овард. Қонунҳое ба тасвиб расонд, ки дигар касе ҷуръат намекард, ки гӯяд шоҳбонуи мо аҳли «бидъат» аст ё ба тахту тоҷ ҳуқуқ надорад, ё тахту тоҷ ба дигар шахс мутааллиқ аст. Зуд даҳонашро мебастанд, ки дигар овоз он тараф истад, нафасаш намебаромад.

Вале шахси дигар, соҳиби ҳақиқии тоҷи шоҳӣ ба ҳар ҳол пайдо шуд. Вай хоҳарзодаи Елизавета Мария Стюарт буд. Дар таърих кам номҳое ёфт мешаванд, ки ба ин сурат ба ҳам тавъам шудаанд. Чи қадар гапу калоча, чи қадар суханони бофтаю сохта, чи қадар асарҳои бузурги санъат офаридааст ин «ҷуфт»-и занҳо.

Мария Стюарт хеле зебову қашанг буд ва аллакай ана ҳамин боиси он мешуд, ки дигар занони дарбор дӯст надорандаш. Елизавета низ аз ин ҳисоб берун набуд. Рашкину шаҳватпараст буду намехост ҳарифи муқтадирро ба дарбораш роҳ диҳад, ки дар ин ҷо танҳо духтарони нодон ҷой меёфтанд. Вале чизи марговари дигар барои Мария Стюарт он буд, ки вай ворили тоҷи Англия ба ҳисоб мерафт ва ба мисли Елизавета ба тахти Англия ҳуқуқи баробар дошту папаи Рим Пийи V ҷонибдориаш мекард. Зеро Мария католики намунавӣ буд.

Бояд гуфт, ки тарбияи фарҳангии дар Франсия гирифтаи Мария бо ақли солим устувор нашуда буд. Вай ба воқеаҳои авантюристӣ шавқ дошт, оқибаташро фикр намекард, аз ин рӯ бисёр вақт ба ҳолатҳои ногувор меафтод. Вақте ки шоҳбонуи Шотландия буд, бар зидди худ оппозитсияро шӯронд ва онҳо Марияро барои дар куштори шавҳараш даст доштан набахшиданд. Ва ӯ маҷбур шуд, ки фирор намояд. Вале ба куҷо? Албатта, ба Англия омад, дигар ҷои рафтан надошт. Аммо холааш Елизавета дар ҳолати ногувор монд. Ба шаънаш намезебид, ки Марияро ҷазо диҳад, ба Франсия ва Испания ҳам фиристода наметавонист. Зеро Мария аз он ҷо бо ёрии нерӯҳои хориҷӣ ба тоҷи Англия таҳдид карданаш аз эҳтимол дур набуд. Ба ёрии Елизавета айёрии занона омад. Вай аз вохӯрӣ бо хоҳарзодааш даст кашид ва фармон дод, ки ба қалъаи Фотерингей баранд. Ва тӯли нуздаҳ сол Мария Стюарт асири Елизавета шуд ва ба ҳамин муддат хотири холаашро мушавваш нигоҳ дошт. Ғайр аз ин ҳар гоҳ-ҳар гоҳ ошӯбҳои католикҳо сар мезаданд, ки тоҷи Шотландияро ҷонибдор буданд ва онҳоро шоҳи Испания пуштибон буд. Мария низ бо онҳо пайваст. Вақте ки сӯиқасд ба шоҳи Англия фош шуд, Марияро суд ва ба қатл ҳукм карданд. Аммо Елизавета натавонист ба фармон имзо гузорад, ҳарчанд ҳукми суд бо амри ӯ содир гашта буд. Ним сол ҳукм беамал истод. Дар охир Елизавета санади судро ба котиби давлатӣ Дэвисон супурд ва ҳалли онро ба тарзе иброз дошт, ки Дэвисон чизе

нафаҳмид, аммо бо хоҳиши дили шоҳбону рафтор намуда, қатли Мария Стюартро ба иҷро расонд. Қатли хоҳарзодаашро шунида малика хеле гирист ва аз ошӯби католикҳо тарсида Дэвисонро ҳабс кард. Ба сафири Франсия гуфт, ки ҳеҷ гоҳ ин амалро ба вазиронаш намебахшад. Аммо дар таърих ҳамчун қотили ҳариф монд.

Малика Елизавета кишварашро хеле муқтадир кард, аммо ба шавҳар набаромад. Шояд ҳукуматро тақсим намудан намехост. Аммо ошиқе дошт. Вай граф Лестер буд. Баъди хиёнати Лестер (вай пинҳонӣ зан гирифт) Роберт Девери ҳабдаҳсола бо ёрии Лестер ба хилваткадаи малика роҳ ёфт. Елизавета 17 сол бо ин ҷавон ғайрирасмӣ зист. Вақте ки дар Ирландия шӯриш сар зад, малика граф Эссекс Роберт Деверро ба пахш карданн он бо лашкари зиёд фиристод. Юриши ошиқ бефоида баромад. Вай бо рақибон сари мизи гуфтушунид нишаст ва созишномаро ба манфиати ошӯбгарон ба имзо расонд. Аз хатои ӯ истифода бурда ҳасудхӯрон граф Эссексро ҳамчун хоин ба малика ҷилва доданд. Суд ҳукми қатл баровард.

Маликаи ҳафтодсола аз марги ҷавони дӯстдоштааш хеле ғусса хӯрд. Бемор шуд. Тоҷи шоҳигарии Англияро ба писари Мария Стюарт – шоҳи Шотландия Яков васият карду баъди чилупанҷ соли салтанат аз дорулфано ба дорулбақо бирафт.

# МАРИЯ СТЮАРТ

# (1542-1587)

Маликаи Шотландия дар солҳои 1542-1567, ба тахти шоҳигарии Англия низ довталаб буд. Шӯриши ашрофони мазҳаби калвинисти шотландӣ ӯро маҷбур сохт, ки аз тахту тоҷ даст кашида, ба Англия фирор намояд. Бо фармони малика



Елизаветаи I ба ҳабс гирифта шуд. Мария Стюарт барои иштирок дар суиқасди католикҳо бар зидди малика гунаҳгор донистa шуда, дар суд ба марг маҳкум гардид ва ба қатл расид. Дар адабиёти бадеӣ симои Мария Стюарт ба тарзи идеалӣ тасвир ёфтааст, ки аз асл хеле дур аст.

Марги ин зан нисбат ба зиндагиаш бисёр боҳашамат ва пурмаъност. Гӯё ки роҳи начандон тӯлонии Мария Стюарт бо суръат ба сӯи интиҳо мерафт, дар ҳаёти берабтонааш ӯ ҳамаи корҳоро ба сомон расонд, то ки дар зери дор онро анҷом диҳад, гӯё дар ин амал Парвардигор тақдири ояндаи бузурги ӯро медид.

«En ma fin est mon commencement» - «Оғози ман дар поёни ҳаётам» чунин ифодаро вай ҳанӯз дар наврасиаш ба матои кимхоб гулдӯзӣ карда буд. Гуфтан душвор аст, ки ба кадом сабаб духтараки дар дарбори шоҳи Франсия тарбиятгиранда ба чунин суханҳои аҷоиб таваҷҷӯҳ зоҳир сохтааст, вале дар ин гуфтаҳо вай тақдири таърихиашро пешгӯӣ намудааст.

Вай духтари шоҳи шотландӣ Якови V ва ҳерсогинаи фарангӣ Марияи Лотарингӣ буд. Дар панҷсолагиаш малика шуд, баъди он ки падараш аз бемории вараҷа бимурд. Вақте ки дворянҳои маҳаллӣ ба тақсимоти ҳукумат машғул буданд, Марияро ба дарбори шоҳи Франсия фиристоданд, то ки дар ҷои бехатар ба воя расад.

Дарбори шоҳ олиҷаноб буд аз ҳар ҷиҳат, вале як камбудӣ дошт, ки наврасонро зуд ба кӯчаи бадахлоқӣ, бепарвоӣ, танпарварӣ мекашид. Мария Стюарт маълумоти хуби фарҳангӣ гирифт. Шеър менавишт, оҳангҳо менавохт, ба забони аҳли зиё – лотинӣ мақсадашро ифода мекард. Дере нагузашта ба арӯси зебое мубаддал гашт.

Вақте ки шоҳдухтар ба синни 15 расид, шоҳ Ҳенрихи II издивоҷи ӯро бо валиаҳд тезонд. Ин ҷо мақсади сиёсӣ низ ниҳон буд. Франсия мехост нуфузашро ба ҷазираҳои Англия бештар созад. Баъди 7 моҳи ҷашни арӯсии Мария Стюарт бо Франсиски II ба тахти Англия Елизаветаи I соҳиб гардид, ки ба Мария аз тарафи модар хеш ба ҳисоб мерафт. Ба ақидаи дарбори Франсия Мария низ вориси қонунии тоҷи Англия дониста мешуд, зеро аз насли рӯ ба рости Ҳенрихи VII буд. Бо саросемагиву шитобкорӣ Ҳенрихи III Стюартро маҷбур намуд, ки нишонии шоҳигарии Англияро қабул намояд ва бо нишонии шоҳигарии Шотландия бипайвандад. Бо ин амали беандеша вай ба муборизаи бераҳмонаи байни Елизаветаю Мария Стюарт асос гузошт.

То даме, ки қаҳрамони мо дар Франсия шаҷараи сулолавиашро мураттаб менамуд, дар ватанаш муборизаи мазҳабӣ дар байни протестантҳою католикҳо, ҷонибдорони франсузҳову англисҳо авҷ гирифт. Дар набудани малика Шотландияро порлумон идора мекард, ки зери таъсири Англия буд. Аъзои порлумон шарм надошта мегуфтанд: «Малика Елизавета дар бобати амният ва озодии Шотландия бештар чора андешидааст, аз ин рӯ шоҳигарӣ ба ӯ бояд арҷ гузорад на ба сардори давлати худ». Баъди он ки соли 1560 шавҳараш ногаҳон мемирад, Мария ба Шотландия меояд ва нисбати худ муносибати сарди аҳли дарборро эҳсос менамояд.

Шоҳигарӣ бо муаммоҳои сарбастааш ба Мария насиб гашт. Чи илоҷ, тахту тоҷро ба мисли падару модар интихоб намекунанд.

Дар ин шароити мураккаб Мария хато кард. Ба ҷои интихоби роҳи дурусти сиёсӣ ба кӯи ишқ рафт ва саросема бо лорд Дарнлей ақди никоҳ баст. Чун фаҳмид, ки лорд шахси тиҳимағз аст, аз ӯ дурӣ ҷуст. Аммо шавҳари бадрашкаш ӯро ором намегузошт. Вай боре ба котиби малика Давид Риччо рашк карду нисфирӯзӣ ҳангоми хӯрокхӯрӣ ба дилаш шамшер зада кушт.

Мария қасам хӯрд, ки аз Дарнлей қасос меситонад. Мария ба граф Босуэл дил дод ва ҳамин мард Марияро ба вартаи ҳалокат рӯ ба рӯ кард. Мария дар хусуси рафтораш чуқур андеша намеронд, ба эҳсосот дода мешуд ва бо амри ақл неву ба гуфти дил амал менамуд. Дил мегуфт, ки аз шавҳараш халос шавад. Мария бо макру ҳиял Дарнлейро ба дом афтонд ва бо ёрии Босуэл ба охират гуселонд. Сӯиқасд ошкор шуд. Босуэл гурехт. Мария шармандаву беобрӯ гашт. Малика Мария Стюарт 2 майи соли 1568 ба Англия гурехт, назди холааш Елизаветаи I. Маликаи Англия ӯро дар қалъа ҳабс кард. Нуздаҳ сол Мария Стюарт нони маҳбас хӯрд, бемор шуд, пойҳояш варамид ва дар миёнсолӣ пир шуд.

Новобаста ба ин французҳову испанҳо мехостанд Мария Стюартро ба озодӣ бароварда, тоҷи Англияро бар сараш гузоранд. Албатта, ин воқеӣ набуд, аммо Елизавета чунин мепиндошт. Аз ин рӯ Марияро дар сӯиқасд муттаҳам намуда, ба суд дод. Суд ба қатл ҳукм кард. Елизавета ним сол ба он имзо нагузошт. Зиндонбон Паулетро гуфтанд, ки ба таври махфӣ маҳбусро ба дунёи охират фиристад. Вале ӯ аз иҷрои ин амр сар печид. Охируламр ба Елизавета зарур омад, ки ба яке аз воқеаҳои нангини таърих даст бизанад ва ҳамчун қотили Мария Стюарт номашро доғдор намуда ва ба рехтани хуни шоҳон ва наздикони онҳо оғоз бахшад. Мария Стюарт ҳамчун малика, бе ягон тарсу ҳарос ва талвоса дар рухсорааш сар зери табар гузошт. Ба саҳифаҳои таърих низ чун зани бовиқор, озод ва шикастнопазир ворид гашт.

# КНЯЗБОНУ ТАРАКАНОВА

## (Тахминан 1745-1775)



Зани моҷароҷӯйе, ки худро ба сифати духтари маликаи Русия Елизавета Петровна (фарзанди Пётри якум) муаррифӣ мекард ва ба тахту тоҷ ҳуқуқ доштанашро иброз медошт. Дар Италия ба ҳабс гирифта, ба Русия оварда мешавад. Соли 1775 ӯро дар қалъаи Петропавловск маҳбус карданд ва дар ҳамин зиндон аз бемории сил фавтидааст. Ривояте ҳам ҳаст, ки гӯё ҳангоми зери мавҷҳои баҳр мондани таҳхонаҳои қалъа ҳалок шуда бошад. Аммо ин ривоят асоси таърихӣ надорад.

Гоҳе дарк намудани он душвор мегардад, ки чаро ин ё он номе дар таърих мемонад. Дар ин бобат китобҳои зиёди адабӣ ё тадқиқоти илмӣ навиштан мумкин, аммо, ба ҳар ҳол, дар ин ҷо сирре махфӣ, нокушода мемонад. Бонуи моҷароҷӯй, ки ин ҷо дар хусуси ӯ сухан меравад, ҷараёни таърихро дигар накард, ягон чизи фавқулоддаеро насохтааст, ба ақидаи ҷомеа таъсире нагузоштааст, вале шахсияти ӯ асрҳо боз ақлҳоро ба таҳрик овардааст. Чи қадар китобҳо навишта шудаанд, чи андоза тадқиқотҳо анҷом ёфтаанд, лекин ҳанӯз ҳам парда аз рӯи асрори князбону Тараканова бардошта нашудааст. Вай кӣ буд?

Аз ҳама аҷибаш дар муаррифиномаи ӯ саргумии воқеаҳо, печдарпечии ҳодисаҳост. Ҳеҷ кас: на ошиқонаш, на муфаттишони Екатеринаи II, на тадқиқотчиён ҳақиқатро рӯи об бароварда натавонистанд. Ба назар чунин мерасад, ки худи князбону

Тараканова дар хусуси саргузашташ ва аз кадом решаву пайванд буданашро намедонист, то ки чизеро ниҳон нигоҳ дорад.

Вай зани асабӣ ва эҳсосотие буд ва ҳангоми ба ваҷд омадан бо фатонату зебоият хеле дилрабо мешуд ва ӯ чашми аҳли ҷомеаро соли 1772 ба худ кашид. Синну соли ҳақиқии ӯро низ касе дуруст намедонист. Худаш мегуфт, ки 23 сол дорад, аз рӯи баъзе ҳуҷҷатҳое, ки ҳаводоронаш таҳия карда буданд, 30 сол дошт. Албатта, ҳамааш мувофиқи хости онҳое буд, ки баҳри ба мақсад расидан аз Тараканова валиаҳди салтанат сохтанд. Мо бо боварӣ гуфта метавонем, ки он замон (1772) вай тахминан 20-30-сола будааст.

Номи ҳақиқии бонуи моҷароҷӯй низ ошкор нашуд, ки ин бисёр ҳайратовар аст, зеро дастгоҳи тафтишотии Русия хеле пурқувват буд ва ҳам малика Екатерина мехост ҳақиқатро дарёбад. Қаҳрамони мо худро хонум Франк ва ҳам Шолл ва ҳам Алии Эметтӣ, инчунин князбону Волдомири Қафқозӣ, шоҳдухтар Азов, графбону Пиннеберг ва дар охир малика Елизавета меномид. Танҳо бо номе, ки ин зани моҷароҷӯй бо он ба таърих ворид гаштааст, аз ҷониби худаш истифода бурда нашудааст. Онро ба қаҳрамони мо тадқиқгарон додаанд, гӯё ба сабаби он ки наслҳои ояндаи Елизавета Петровна ва граф Разумовский насаби Таракановҳоро гирифта будаанд. Вале чи тавре ки пироҳани зиндагиномаи ҳақиқии бонуи моҷароҷӯй аз воқеаҳои ғайриоддӣ ва тасодуфҳо дӯхта шуда буд, ҳамон гуна номи ӯ ба вай ногаҳонӣ пайвандӣ ёфтааст.

Афсонае, ки князбону Тараканова бофта буд, ба романҳои занонаи охири асри XVIII бештар монандӣ дошт. Қаҳрамони мо гӯё волидайнашро намедонистааст, аммо ба тарзи мазҳаби православӣ ғусли таъмид шудааст ва гӯё дар нӯҳсолагиаш ӯро ба Петербург оварда бошанд. Ин ҳодиса соли 1761, ҳангоми вафоти Елизавета Петровна рӯй додаст. Баъд, гӯё ки духтарак дар тарбияи пирзоли фаромӯшхотире будааст. Духтарак доимо касал мешудааст ва онро ӯ аз ҳар гуна ғизоҳои заҳролуд

мепиндорад. Духтараки бечора сабаби озорҳояшро мепурсад ва кампир гӯё гуфта бошад, ки дар ин ҳодиса Пётри III даст дорад.

Билохир лаҳзаи озодӣ расид. Мураббии духтарак тотореро ба гап медарорад ва бо ёрии ӯ шабе мегурезанд.

Сарнавишт онҳоро ба манзили форси бадавлат Ҳамат меорад ва дар ҳамин вақт валиаҳди шоҳ Алӣ дар хонаи ӯ меҳмон будааст. Қаҳрамони мо сарватманд мешавад, дар дарбори Алӣ ба вай ҳамчун ба шоҳдухтар муносибат мекардаанд ва ӯ, албатта, ногаҳон мефаҳмад, ки духтари малика Елизавета ва граф Разумовский будааст.

Таърихдонон баҳс менамоянд, ки ин тарҷумаи ҳолро кӣ бофта бошад. Ба ҳар ҳол ин ҳолнома ба конфедератҳои Полша хеле писанд афтод ва онҳо бо Тараканова барои соҳиб шуданаш ба тоҷи Русия иттиҳоди махфӣ бастанд. Агар Тараканова ба тахт менишаст, Полша истиқлолият ба даст меовард ва ба заминҳои зиёд соҳиб мегашт.

Тараканова ба амалиёт оғоз кард. 24 августи соли 1774 ба султони Туркия мактуб навишт, ки ба ӯ ёрӣ расонад, ба ивазаш вай дар ҳалли моҷарои ҳудудии байни Русияву Туркия тарафи султонро хоҳад гирифт. Аммо мактуб ба султони Туркия нарасид. Онро одамони Екатерина ба даст гирифтанд.

Дар Ливорно киштиҳои адмирали рус Алексей Орлов лангар партофта буданд. Тараканова ба адмирал муроҷиат намуд, ки барои ба тахту тоҷи Русия соҳиб шуданаш ёрӣ диҳад. Орлов розӣ мешавад ва князбону Таракановаро бо ҳамроҳонаш ба киштӣ даъват менамояд. Таракановаро ба монанди маликаи Русия пешвоз мегиранд ва баъди лаҳзае дар ҳуҷрае ҳабс менамоянд. Ин ҳодиса субҳи 22 феврали соли 1775 ба вуқӯъ пайваст.

Киштии «Исидора» ӯро ба Русия овард. Ҳамин тавр саргузашти князбону Тараканова, ки як калима ҳам ба забони русӣ ҳарф зада наметавонист, поён ёфт.



# МАЛИКА МАТИЛДА

# (1751-1775)

Шоҳдухтари англис, ки соли 1766 ба шоҳи Дания Христиании VII ба шавҳар баромадааст. Дар сари қудрат буд ва феълан бо ёрии ошиқаш Фридрих Струензее мамлакатро идора мекард. Бо зӯрӣ аз шавҳараш ҷудо карда шуд ва Данияро тарк намуд.

Дар асри XVIII ин зан басо машҳур буд. Шояд ҳар як қарн ба шахси ҷафодида зарурат дошт, то ки ғамашро бихӯрад, аз зиндагии барабасрафтааш санги надомат бар сар занад, тақдири талхи ӯро зери маломат гирад, ки барояш шавҳари хубе муяссар накард. Ана ҳамин гуна овозаи «нагунбахт»-ии хоҳари шоҳи англис Георгий III Каролина Матилда ҳамаро фаро гирифта буд.

Албатта, зани бадбахт аз ҷониби ҳаводоронаш ба кулли хислатҳои нек сазовор дониста шуда, чунин тавсиф меёфт: зебо, доно ва покдоман.

Охирҳои тирамоҳи соли 1766 Матилда, арӯси шоҳи Дания Христиан ба Копенгаген қадам ниҳод. Аҷибаш ҳамин ки аз рӯзи нахуст бахт ба ӯ омад накард. Чи мегӯед, ки ӯро дар қуллаи мурод, дар назди тахти шоҳ «золим»-и ҳақиқӣ пешвоз гирифт. Гап дар он буд, ки падари Христиан Фридрихи V ду дафъа издивоҷ карда буд ва модарандар Юлиания писари ӯгайаш Христианро хеле бад медид. Зеро ба ҷои писари вай валиаҳди тоҷу тахт эълон шуда буд.

Маликаи бевамонда арӯси нозанинро чашми дидан надошт. Чунки оянда аз вай буду Юлиания бо ҳамроҳии писараш дур

аз Копенгаген, яъне дур аз дарбор дар қалъаи Фриденсбург бояд мезист ва ҳамин тавр ҳам шуд.

Бояд гуфт, ки Христиан, ҷавони ҳабдаҳсола, баъди ба тахт нишастан ҳамчун аспи белаҷому нӯхта ба корҳои беақлона дода шуд ва зангирию зандориро як кори бефоидаи аз ҷиҳати сиёсат маҷбурӣ медонист. Вай ақида дошт, ки дар байни зану шавҳар ягон хел ишқу муҳаббат буданаш мумкин нест ва бо духтаракони дигар машғули айшу нӯш мешуд. Ба ҳамаи ин Матилда устуворона тоб меовард. Аммо маликаи понздаҳсола низ тавонист обистан шавад ва ба шоҳ валиаҳд ба дунё оварад. Бо ин амалаш душмании Юлианияро даҳчанд афзун кард.

Аз таваллуди шоҳзода Фридрих ҳанӯз соле сипарӣ нагашта дарбориён дар рафтори шоҳ Христиан як дигаргунии ҳайратоварро ба мушоҳида гирифтанд. Шоҳро гоҳе бедимоғӣ, рӯҳафтодагӣ, маъюсӣ ва гоҳе шодию фараҳ пахш мекард ва ӯ дуру дароз бе ягон сабабе механдид. Гоҳо шоҳ ҳангоми тановул аз ҷой ҷаста мехест ва аз дасти шахси паси миз нишаста ғизоашро чанг зада мегирифт. Бечора Матилда беморни рӯҳии шавҳарашро дида, ба хулосае омад, ки шояд сайру саёҳат Христианро шифо бахшанд.

Аз саёҳат ором баргашт. Аммо дере нагузашта аз хонаи хобу истироҳати Христиан шавқуну тӯполанг ва шикастани зарфҳо ба гӯш расиданд. Шоҳ ба бемории рӯҳӣ печид.

Сарвари Дания лаёқати идора намудани давлатро аз даст дод, вале ӯ расман шоҳ буд. Малика, ки дар дарбори Англия тарбия ёфта буд, зуд тадбир ҷуст, ки идораи давлатро ба даст гирад. Бону нерӯ ва ақли комил дошт, то ки дар сари давлат истад. Албатта, ӯро танҳоӣ ба ваҳшат меоварда ва ҳисси «бегона» буданаш дар дарбори шоҳи Дания эҳсос мегашт. Ва малика аз пайи дарёфти дӯстон шуд. Ва чунин шахси «дилсӯз» падид омад. Вай табиби дарбори Фридрих Струензее буд. Матилда ӯро то дер зери чашм гирифт, санҷид ва табиб низ зуд ба дилгармии малика бо меҳр посух дод. Муносибати онҳо дар

аввал рафиқонаю дӯстона буд. Баъди он, ки табибро тарбияттари бевоситаи шоҳзода таъин намуда, ба вазифаи котиби давлатӣ сазовор донист, аз ҳуҷраи кори малика то ҷойи хобаш роҳ он қадар барои дӯсти нав дурӣ накард.

Ҳамзамонон ба ҳайрат афтода буданд, ки бо чӣ Струензееи қоқина қалби маликаи қашангро тасхир намуд. Бояд гуфт, ки малика бо ошиқаш кишварро хеле хуб идора мекард. Сиёсати мӯътадилонаи онҳо ба рушди иқтисодиёт ва обрӯи байналмилалии Дания мусоидат кард. Баъдтар Матилда ба гузаронидани якчанд ислоҳот иқдом намуд ва тарзи иҷрои онҳо бисёриҳоро ба хашм овард ва онҳо роҳи душманӣ пеш гирифтанд. Матилда шӯрои давлатиро пароканда кард ва Христиани аз ақл бегонашударо маҷбур намуд, ки ба фармоне имзо гузорад, ки имзои фаворит Струензее баробари имзои шоҳ меистод.

Вақте ки Матилда машғули омодасозии ҳаёти хуши шахсиаш буд, Юлианияи маккор ба мисли рӯбоҳи ҳилагар дар камин хатоии ҳарифро интизорӣ мекашид. Чун дид, ки Матилда дар ғафлат мондааст, аз пайи табаддулот шуд.

Ислоҳоти саросемавор ҷорӣ гашта на танҳо ашхоси обрӯманд, балки мардуми оддиро низ ба хашм овард. Ҳатто аскарону маллоҳон даст ба шӯриш заданд. Дар маркази сӯиқасд маликаи бева Юлиания меистод. Барои ташкил кардани табаддулот дар замони ҳукмронии шоҳи ақлгумкарда кори душворе набуд. Матилда бошад дӯсту душманро аз ҳам фарқ карда наметавонист. Яке аз хизматчиёни олимансаби давлатӣ Рансау, ки чанде дар Русия зиста, дар табаддулоти давлатӣ ҷонибдори Екатеринаи II буд, алҳол намедонист тарафи киро: Матилда ё Юлианияро гирад. Дар охир вай қарор дод, ки ошиқу маъшуқро дар хусуси сӯиқасди Юлиания бохабар созад. Дар қабулгоҳи Струензее ба Рансау эътибор надоданд, аз ин рӯ вай ба сӯи қалъаи Фриденсбург асп тозонд.

Шоми 16 январи соли 1772 дар толори қасри шоҳ дар Копенгаген садои мусиқӣ танин меандохт. Матилдаи соҳибҷамол

шодону хандон бо писари Юлиания Фридрих бехабар аз сӯиқасд мерақсид. Нимашаб ҷашн поён ёфт. Ҳама ба хоб рафт, сукунат қасрро фаро гирифт.

Фалокат пас аз як соат ба вуқӯъ пайваст. Юлиания, писари ӯ ва Рансау ба манзили Христиан омада, ноқисулақлро бедор карда, дар ҷои хоби ӯ саҳнаи хуб таҳияшударо бозиданд.

«Дар шаҳр ошӯб! – фарёд заданд онҳо. – Халқ малика ва Струензееро ба суд кашиданӣ!»

Шоҳ аз тарс даст сӯи Юлиания андохт ва ёрӣ талабид. Ба ӯ ҳуҷҷати тайёрро барои имзо пешниҳод карданд. Матилда аз тахт дур андохта шуд. Вай ҳанӯз дар овони гулгулшукуфӣ дар Олмон аз ғояти маъюсӣ ва дарду алам фавтид. Ҳамин тавр фоҷиаи дарбори шоҳи Дания ба охир расид.

# ЖОРЖ САНД

# (1804-1876)



Ному насаби аслиаш Аврора Дюпен. Нависандаи франсуз. Дар роман ва повестҳои бешумораш идеяи озодии шахсият, аз ҷумла озодии занонро тарғиб намудааст. Романҳои машҳуртаринаш «Индиана», «Орас» ва «Консуэло» ба ҳисоб меараванд.

Ситораи ин бону, ки дар паси номи мардона пинҳон шудааст, дар осмони адабиёт аз ҳад зиёд дурахшон аст. Гуфтан метавон, ки аз байни занони қалам ба даст кам нависандае пайдо мешавад, ки ҳампойи ӯ бошад. Дар зиндагӣ ӯ аз зани хоксори одии муқаррарӣ фарқе надошт ва ба маҳсули адабиаш низ

баҳои арзанда намедод. Кӯшиши ӯ ҳаракат ба сӯи мутлақият буд, нахуст ба сӯи ишқ, баъд ба ҷониби табиат ва ахиран ба кӯи Парвардигор. Вай аз ҳама чиз ҳақиқатро меҷуст, аз ин рӯ бисёр азоби рӯҳӣ мекашид, ки хоси одамони ғайриодӣ, соҳибистеъдод аст.

Морис Дюпен, адютанти артиши наполеонӣ, дар Милан бо зани зебою хандоне вохӯрд, ки аз ишқварзиҳояш соҳиби духтарчае буду дар театр нақшҳои мазҳакавӣ мебозид. Бо тақозои тақдир ишқи булҳавасонаи онҳо ба муҳаббати ҳақиқӣ табдил ёфт ва ба эътирозҳои модар гӯш наандохта Морис ба ӯ хонадор шуд. Баъди чанд вақт тифли дӯстрӯе ба дунё омад ва бибиаш ба вай Аврора ном ниҳод. Соли 1808 Морис аз дунё чашм пӯшид. Байни хушдоману арӯс ҷанҷол бархост, модари Аврора дид, ки дар Ноан зиндагиаш хуш намегузарад, ба Париж рафт. Духтарак дар тарбияи бибӣ монд.

Вақте ки Аврора ба синни 14 расид, бибиаш ба ӯ саргузашти падару модарашро нақл кард. Баъди ин духтарак дигар ба гапи бибиаш гӯш намекардагӣ шуд. Аз ин рӯ кампир ӯро дар дайри занона ба тарбияи роҳибаҳо вогузошт. Дар ин ҷо Аврора аз роҳибаҳо тарбияи хеле хуб гирифт, тарзи муносибат, рафтор, гуфтор, муҳокимарониҳоро омӯхт.

Бибиаш вақте аз дунё гузашт, ки Аврора ҳанӯз ҳабдаҳсола набуд. Ва ба кӯшки онҳо модари Аврора зада омад, то ки ба ҳамаи молумулк ва боигариҳо соҳиб шавад. Баъди чанде дар байни модару духтар моҷаро бархост, зеро Аврора намехост бо домоди ёфтаи модар издивоҷ намояд. Чун муноқиша анҷом намепазируфт, Аврора бо ҷавони навакак шиносшудааш Казимир Дюдеван ақди никоҳ баст. Соли 1823 онҳо соҳиби писар – Морис шуданд. Аммо ҳаёти оилавӣ ба рӯҳи инқилобию қалби пуртуғёни Аврора оромӣ набахшид. Орзуи ӯ дар хусуси шоҳзодаи дӯстдошта ҷомаи амал напӯшид. Вақте ки дар ҷойгаҳ Казимири аз заҳмати кашидааш хастагаштаи хуррок зада хобидаро медид, аз алам ҳой-ҳой мегирист, аз он дард мекашид, ки аз

ишқварзӣ ҳаловати том намебарад. Аввалҳо шавҳараш ӯро дашном медод, баъд дилаш сӯхту ба сайру саёҳат бурд.

Ишқварзии Аврора бо дигарон дар аввал афлотунӣ, яъне ғайришаҳвонӣ буд, вай алҳол ба хиёнат ба шавҳар омода набуд. Аммо муносибаташ бо «Жюли хурдакак» вайро ба ҳамин роҳ оқибат кашид. Ҳарчанд ду духтарча дошт, дигар бо Казимир зистан натавонист. Баъди бекор кардани ақди никоҳ зиндагиаш душвор шуд. Ҳатто барои нон пул надошт. Аз ин рӯ бо Жюл Сандо ба навиштани романи «Гули садбарг» пардохт ва онро хонандагон хуш истиқбол гирифтанд. Баъди нашри роман Аврора ҳам зоҳиран ва ҳам ботинан дигар мешавад. Сарулибоси нав: кулоҳи бӯр, рӯймоли гирди гардан, мӯзачаҳои зебо ӯро ба донишҷӯ монанд мекард. Зани хушсӯҳбат, аҷобатангез, сигор дар лаб ҳамеша дар маркази таваҷҷӯҳи дӯстдорони адабиёт буд. Дар байни мунаққидон ва журналистон ситояндагони худро дошт, бисёриҳо ба ҳайрат омада мегуфтанд: баҳри ишқу муҳаббати самимӣ ӯ оилаашро партофта тавонист.

Романи «Индиана»-ро Аврора ба танҳоӣ, мустақил навишт ва номи муаллифро «Жорж Санд» - номи мардона гузошт. Латуш, ношири маъруфи давр, ба роман як назари беэътиноёна андохту зери лаб ғурунгид: «Балзакро ба ёд меорад». Рӯзи дигар дастнависҳоро бори дигар хонд ва ба муаллиф ба ин мазмун хатча навишт: «Жорж, ман узр мехоҳам, ман дар рӯ ба рӯи истеъдоди шумо сар хам мекунам. Дағалии дирӯзаи маро аз хотир бароред, ҳамаи гуфтаҳои тунду тези маро ба боди фаромӯшӣ биспоред. Ман тамоми шабро ба мутолиаи китоби шумо бахшидам. О, фарзандонам, ман чи қадар аз шумо қаноатмандам!»

Муаллифи нав овозадор шуд. Жорж Санд ҳамчун нависандаи саргузаштҳои ишқӣ маъруф мегашту ишқварзиаш бо Жюли майдаяк тоқатшикан мегардид. Аврора рӯзе то 12 соат машғули эҷод мешуд, вале Жюл Сандо хоб мерафт бо фароғат ва ин

ғаши занро аланга мезад. Ба ин минвол таърихи муҳаббати онҳо хотима ёфт.

Ҷудоӣ аз Жюл ба адабиёт яке аз романҳои аҷоибро дар соҳаи ишқи озоди заминӣ бахшид. Жорж Санд романи «Лелия»-ро аз чоп баровард. Ин асар ҳоло ҳам, ки тамоми асрори ишқварзӣ кушоду равшан аст, хонандаро ба ваҷд меорад, лаззат мебахшад. Жорж Санд дар ишқварзӣ ҳам беҳамто буд. Як худи номгӯйи ошиқонаш чанд саҳифаро пур мекард. Ишқварзиаш бо Шопен, оҳангсози маъруфи лаҳистонӣ, чи қадар гапу калочаҳоро ба бор овард. Шопен ҷавони лоғари бемор буду Жорж Санд ӯро баробари духтаронаш модарвор тарбия мекард, ба табибҳо нишон медод, доруҳо мехарид, барояш шароити эҷод муҳайё месохт. Кӣ медонад, агар дасти имдоди Жорж намебуд, оё Шопен дар тӯли умри кӯтоҳи худ ин қадар оҳанг меофарид, ё ба ҳамин синну сол ҳам мерасид?

Онҳо аз ҳам ҷудо шуданд, аммо сабаб барҳам хӯрдани меҳр набуд, шароит аз онҳо дида зӯртар баромад. Шопен аз Ноан рафт, барои он ки фарзандони баркамолшудаи Аврора ҳаминро мехостанд. Шопен гумон дошт, ки боз бармегардад, аммо духтари калонии Аврора Соланж ва шогирди Шопен Мари де Розер тавонистанд оҳангсозро бар зидди нависандаи мумтоз шӯронанд. Онҳо бори охирин соли 1848 вохӯрданд. Баъди як сол Шопен фавтид.

Жорж Санд дар зиндагӣ лаззати шӯҳратро чашид. «Дар ҳаёти одамӣ, ки пур аз дағалию бераҳмист, бояд зан бо ҳисси меҳру шафқат, онро наҷот бахшад. Дунё, ки дар он зан, агар ин нақшро намебозид, беранг ба назар мерасид», - мегуфт ӯ.

# МАЛИКА СОФИЯ

# (1657-1704)



Маликаи Русия, ҳукмрони давлати Рус дар солҳои 1682-1689 ҳангоми салтанати ду додари хурдсолаш Ивани V ва Пётри I. Ба тахти шоҳӣ бо ёрии В.В.Голисин нишаст ва аз тарафи Пётри I сарнагун ва дар дайри Новодевичий маҳбус гардид.

Гоҳо чунин мешавад, ки тақдир бо шахсиятҳои бузург бозӣ мекунад. Малика София метавонист ҳукмрони муқтадир гардад ва ба монанди Екатеринаи II оламшумул шавад. Аммо сарнавишт ба вай заҳрханда зад, ӯ ба дунё сари вақт наомад ва таърих аллакай ба ҳарифони ӯ имкониятҳо фароҳам меовард ва бо суръати том ба ҳукумати ислоҳотгари бузург Пётри Кабир роҳ мекушод. София аллакай ба мағлубият маҳкум шуда буд.

Аз овони кӯдакӣ тақдир ӯро масхара мекард, ваъдаҳо медод ва ба қабули қарорҳои қатъӣ водор месохт ва ахиран мефиребид. София бармаҳал аз модар маҳрум гашт. Дар байни ҳашт хоҳару чор бародар аз ҳама боақл, солим ва чаққону кунҷков ба назар мерасид. София зуд хондану навиштанро ёд гирифт, бисёр мехонд, ҳатто шеър мегуфт ва омӯзгори валиаҳд Фёдор Симлон Полотскийи машҳур аз хониши ӯ хеле қонеъ буд. Вале падараш шоҳ Алексей Михайлович бе ягон хушҳолӣ зикр менамуд, ки савод ба ҷинси зан чӣ зарурате дорад? Ва чаро Парвардигор ақли ӯро ба писараш, валиаҳд надод? Тахтро ба кӣ вогузорад?

Бо ҳамин андешаҳо Алексей Михайлович ногаҳон, мариз нашуда ва рӯзе дар бистари беморӣ нахобида оламро падруд

гуфт. София аввал хеле маҳзун шуд, аммо баъд дарёфт, ки ба машомаш бӯи озодӣ мерасад. Ба сари давлат Фёдор омад, ки аз София се сол хурд буд. Аз ин рӯ оҳиста-оҳиста дар ҳалли масъалаҳо ба ҷои шоҳ ақидаҳояшро баён менамуд ва ба дарбориён гуфтан мехост, ки ҳукмрон ӯ аст. Бисёриҳо фаҳмиданд, ки Фёдор шоҳ бошад ҳам, лаҷоми идораи давлат ба дасти София мебошад.

Дар солҳои охири зиндагии шоҳи марҳум Алексей Михайлович ҷонибдорони завҷаи дуюми ӯ Наталия Наришкина хеле нуфуз пайдо намуда буд. Ва писари Наталия шоҳзода Пётр ҳам баъди бародарон Фёдору Иван валиаҳди тоҷу тахти Русия ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ София барои нерӯ бахшидани вазъи худ дар дарбор ҳомӣ ва тарафдорони содиқ меҷуст ва дар охир дар симои боярин Василий Голисин чунин шахсро ёфт.

27 апрели соли 1682, соати 4-и нисфирӯзӣ халқ гурӯҳ-гурӯҳ барои видоъ бо шоҳ Фёдор ба Кремл меомад. Барои София лаҳзаи ҳалкунанда фаро расид. Ҷонибдорони Наталия низ дар хоби ғафлат намонданд. Патриарх Иоаким дар ҷаласаи Думаи давлатӣ иброз дошт, ки шоҳзода Иван ба фоидаи бародараш Пётр аз тахту тоҷ даст кашид.

Патриарх таъҷилан ба қароргоҳи Наталия Кирилловна омад ва ба шоҳи ҷавон Пётр дуо дод. Бо ин тамоми қалъаи орзуҳои София аз ҳам рехт, фурӯ рафт, ба замин яксон шуд. София қарор кард, ки то охир баҳри ҳукумат мубориза барад.

Ҷузъи асосию муҳими артиши асри XVIII-и Рус тирандозон буданд. София хост дар моҷарои тахту тоҷхоҳӣ аз онҳо фоида барад. Вай бо ёрии чанде аз боярҳо овоза паҳн намуд, ки гӯё шоҳзода Иванро кушта бошанд. Тирандозон ошӯб бардошта ба Кремл зада даромаданд. Наталия Кирилловна Ивани шонздаҳсолаи мариз ва аз тарс ларзон ва Пётри оромро ба анбӯҳи сарбозон нишон дод. Аммо ошӯбро хомӯш намудан осон набуд. София то ба балоғат расидани шоҳзодаҳо ба тахт нишаст. Баъдтар малика сардори тирандозон княз Хованскийро, ки барои

соҳиби тоҷ шуданаш ёрӣ расонда буд, бо макру ҳиял ба дасти ҷосусон кушта, ба ҷояш Фёдор Шакловити зеборо таъин кард.

София аз ошиқаш Василий Галитсин рӯй гардонду худро ба оғӯши Шакловит партофт. Ҳамин боис гардиду бисёр бояру князҳо аз вай рӯй гардонда, ҳавохоҳи Пётр шуданд.

Суиқасде, ки малика София бар зидди Пётр пеш гирифт, ноком анҷом пазируфт. Русия мехост ба тахт марди мардон соҳиб гардад. Аз ин рӯ таваҷҷӯҳи ҳама ба ҷониби Пётр буд. София дид, ки дар дарбор танҳо мондааст, бо мақсади сулҳ бастан ба назди Пётр омад, вале маликаро ба назди шоҳи ҷавон роҳ надоданд. Малика аз тахт даст кашид ва дар дайри Новодевич паноҳ бурд. Ӯро дигар касе наҷуст. Соли 1698 ҷонибдорони боқимондааш сар бардоштанд, аммо онҳоро Пётри якум сахтакак кӯфт ва 195 нафарро дор кашид. Се нафари сарбадор дар пешорӯи тирезаи ҳуҷраи София, ки номи инокина Сусаннаро гирифта буд, панҷ моҳ овезон истод ва бӯи бади ҷасади онҳо ба машоми собиқ шоҳбонуи Русия зада меистод.

Русия ба давраи нав – давраи Пётри Кабир қадам мениҳод.

# КСЕНИЯИ ВАЛӢ



Маънои номи Ксения «бегона» ё «дарвеш» аст. Дар кадом як замони қадим бонуи сарватманди римӣ Евсевия бо мақсади хизмати комил ба Парвардигор, пинҳонӣ аз хона баромада рафтааст, то ки роҳиб шавад. Ба дугонаҳояш гуфтааст: «Шумо медонед, ки ман мусофирам, аз баҳри хонаю волидайн гузаштаам ба ҳақи Худо. Аз ин рӯз иборат шумоён низ

маро Евсевия нею Ксения ном баред, зеро дар ин ҷо манзили муқимӣ надорам ва дар ин дунё ҳамроҳи шумоён ҷаҳонгардӣ мекунам, ояндаро меҷӯям». Ҳамин гуна «қаландар» буд дар ин дунё Ксенияи валии петербургӣ, ки баҳри ишқ, баҳри хотираи поки шавҳари ҷавонмаргаш корнамоиҳо, ҷонфидоиҳо, азхудгузаштанҳо нишон додааст.

Мутаассифона, ягон ҳуҷҷат ё шаҳодатнома дар хусуси рӯз, моҳ ва ҳатто соли таваллуди Ксения Григоревна Петрова то ба мо нарасидааст. Танҳо ҳаминаш аён аст, ки вай аз хонадони ашхоси баобрӯ буда, то синни 26-солагиаш ҳамроҳи шавҳараш, полковники дастаи ҳунарии шоҳ Андрей Фёдорович Петров ҳаёт ба сар мебурдааст. Дар он замон вазифаи сарояндаи дастаи ҳунарии дарбор хеле масъул ба ҳисоб мерафт ва ба он ҷавонони хушовози хушқаду қомат ва зебо қабул мешуданд.

Зиндагии онҳо ором сипарӣ мегашт. Таърихи аҷоибу дилхароши ин бону баъди марги ногаҳонии шавҳараш ба вуқӯъ мепайвандад. Марги Андрей, ин ҷавони солиму бардам, мафкураи беваи 26-соларо куллан дигар сохту ғаму андӯҳи зан аз он дучанд мегашт, ки шавҳараш бе иқрори гуноҳҳо, тавбаю тазаррӯъ ва дуохониҳо фавтиду гуноҳҳояшро бо худ ба он дунё бурд.

Марги шавҳари дилбанд нуқтаи назари Ксенияро нисбати олами ҳақиқии атроф дигар кард. Вай ба кори вазнине даст зад, ки қаҳрамонӣ буд, ӯ ба андеша афтод, ки зиндагии заминии одами дӯстдоштаашро баҳри озодии вай дар осмон идома диҳад.

Ксения аз номаш, аз шахсияташ даст кашид, ҷинсашро низ бо пӯшидани сарулибоси шавҳараш тағйир дод ва ҳамаро бовар кунонданӣ мешуд, ки Андрей намурдааст, вай зиндааст, танҳо руҳаш ба ҷисми ӯ ворид шудааст.

Вай барои ба мақсад расидан аз ҳамаи бойигариаш дурӣ ҷуст, ҳамаро ройгон ба бенавоён тақсим кард. Зеро боигарию фароғати заминӣ барои ба мақсади ниҳоӣ расидану ба ҳақиқати олӣ ноил гаштан монеъ мешуданд.

Вақте ки духтараки навраси бенаво Параша соҳиби хонаи Ксения шуд, аз вай пурсид, ки ӯ минбаъд дар кӯчо хоб меравад ва чӣ мехӯрад? Ксения чунин гуфт: «Парвардигор ба мурғони ҳаво ризқ офаридааст, ман аз онҳо чӣ камӣ дорам? Бигзор ба хости Худо бошад».

Баъди тақсими молу мулк Ксения рӯ ба зиндагии дарвешона овард. Вай дар либоси мардона дар тамоми фасли сол дар кӯчаҳои Петербург мегашт. Касе намедонист, ки дар кӯчо мехобад. Ба ҳар ҳол баъди чанде одамон кашф карданд, ки вай новобаста аз фасли сол то баромадани офтоб дар саҳро ба ибодат машғул мешудааст ва ба чор тарафи дунё сар хам мекардааст.

Дар Русия он замон ба ашхоси монанд ба Ксения ҳусни таваҷҷӯҳ дошта, онҳоро дӯстдору наздики Худо ва миёнарави Худою бандагонаш медонистанд. Аз ин рӯ касе озори ӯро раво намедид, ба суханонаш сахт бовар доштанду авлиё мехонданд. Боре ӯ назди Параша омада гуфт: «Ана, ту беғам нишастаӣ ва ҷуроб мебофӣ, вале намедонӣ, ки Худо ба ту писар фиристод. Зуд ба қабристони назди дарвозаи Смоленск бирав!» Параша медонист, ки бесабаб Ксения сухане ба забон намеорад, давид ба ҷойи гуфтаи ӯ. Дар назди дарвоза мардум тӯда шуда буд. Фойтунчии маст бо чархи аробааш зани ҳомилаеро задаст, зан баъди таваллуд мурдааст. Ҳамин тавр Параша соҳиби писар шуд.

Ксения рӯзе ба хонаи Голубевҳо меояду ба духтари онҳо мегӯяд: «Ҳой зебояк, ту ин ҷо қаҳва менӯшӣ, шавҳарат бошад завҷаашро дар Охта гӯр мекунад. Тез он ҷо дав». Чи хел аз ин суханҳо шарми духтарак наояд. Дар ҳоле ки шавҳар як сӯ истад, духтарак ҳатто домодшаванда надошт. Вале Голубевҳо ба гапи Ксения писханд назаданд, балки ба сӯи қабристон давиданд. Ва хуб ҳам карданд, зеро ки табиби ҷавоне ҳамон вақт завҷаи вақти таваллуд фавтидаашро гӯронида, аз ғояти дарду алам рӯи қабр беҳуш мехобид. Модару духтар ба сарвақти

табиб расиданд ва ӯро ба ҳуш оварданд. Анҷоми қисса аён аст, табиб ва Голубева бо ҳам издивоҷ намуданд, зиндагии онҳо хуш гузашт, аз чизе камӣ надоштанд.

Дар нимаи асри XVIII Ксения яке аз шахсиятҳои маъруфи Петербург буд. Дороён ба ӯ аз сарулибос сар карда, то пулу хӯрокиҳо тӯҳфа менамуданд. Ксения ҳамаро ба мардум тақсим мекард. Худаш баъди кӯҳнаю ҷиғел шудани сарулибоси шавҳараш танҳо пироҳани доманаш сурху болояш сабз ё баръакс мепӯшид. Чаро вай ранги сурху сабзро интихоб намуд, ба мо ноаён аст. Шояд аз арш чунин амр гирифта бошад. Зеро ранги сурх ин ранги хуни Исо аст, ки ӯ баҳри наҷоти мардум худро қурбон кард, ранги сабз бошад нишони умеду боварист.

Ксенияи валӣ дар охири асри XVIII ва оғози асри XIX дар синни 72-солагӣ фавтид. Вақте ки шоҳзода Александри III бемори домана шуду беҳуш мехобид, завҷааш аз рӯи қабри Ксения як каф хок оварда зери болинаш гузошт. Шаб завҷаи шоҳзода нимхобу нимбедор дар пеши назар занеро бо либоси аҷоиб дид, ки мегуфт: «Шавҳарат сиҳат мешавад, тифле, ки дар батн дорӣ, духтар аст, номашро Ксения мемонӣ ва ӯ хонадони шуморо аз ҳар бало эмин хоҳад дошт». Ҳамин тавр дар оилаи шоҳ ҳамноми валӣ пайдо шуд.

Мардум ба авлиёгии Ксения сахт бовар мекард, хоки рӯи қабрашро чанд дафъа кам-кам кашонда бурданд, баъд рӯи қабрро аз мармар карданд, аммо эътиқодмандон сангро низ шикаста бо худ мегирифтанд. Моҳи июни соли 1988 калисои Русия ӯро ба сифати валӣ пазируфт ва ҳар сол 6 феврал ёдбуди Ксенияи авлиё қайд карда мешавад.

# БОЯРЗАН МОРОЗОВА

## (1632-1675)



Аҳли мулҳид. Бо Аввакум, пешвои мулҳидон, протопоп дар робита буд ва ба аҳли оилаи ӯ ёрӣ мерасонд. Новобаста аз азобу шиканҷа дар мазҳабаш устувор истод. Соли 1671 маҳбус шуд ва дар зиндони Боровск аз гуруснагиву ташнагӣ фавтид. В.И.Суриков сурати ин бонуи мубориэро офаридааст.

Симои боярзан Морозова дар хотираи миллат тавассути расми дӯстдоштаи халқ, ки ба мӯқалами В.Суриков мутааллиқ аст, нақш бастааст. Ҳанӯз нависанда В.Гаршин, сад сол пеш аз ин манзараи кашидаи рассомро дар намоишгоҳ дида, пешгӯӣ карда буд, ки ояндагон чеҳраи Феодосия Прокопевнаро ба сони ҳамин расм тасаввур хоҳанд намуд. Беғараз, холисона баҳо додан ба ҳамзамонон душвор аст, аммо мо мефаҳмем, Гаршин дар ҳақиқат дуруст пешгӯӣ намудааст. Бисёре аз шаҳрвандони мо боярзан Морозоваро ҷиддӣ, солдида тасаввур мекунанд, чи тавре ки рассом кашидааст. Чӣ илоҷ? Суриков таърихро хуб медонист ва зидди ҳақиқат нарафт, баъзе ҷузъиёти тахайюлотӣ барои умумигардонии тимсол зарур буд.

Феодосия Прокопевна пир набуд, як ба соли мавлудаш назар афканед. Ӯро вақте ки ба зиндон партофтанд, ҳанӯз чил сол надошт. Аммо рассом чеҳраи боярзани мубориэро бо ду ангушти ба само бардоштааш дар сафи аввали одамони зиёд умрдида, ҷаҳоншинохта, гармию сардиро чашида ва

оқил тасвир намудааст. Бо кадом сабаб шӯҳрати Морозова аз аср ба асрҳо гузашта, то ба замони мо расидааст? Чаро аз байни ҳазорҳо нафар ситамдидаҳои роҳи дину мазҳаб ҳамин зан тимсоли мубориза қарор гирифт?

Дар расми кашидаи Суриков боярзан ба тӯдаи сокинони Маскав, ба одамони одӣ – ба дарвеши чӯббадаст, ба кампири бенаво, ба масълуқ ва ба ҳамаи онҳое, ки дар воқеъ қишри мубориони зидди ҳамаи навоварӣ дар дину мазҳаб буданд, муроҷиат менамояд. Вале Морозова саркаши қаторӣ набуд. Дайри мӯъҷизаҳо, ки он ҷо боярзанро мебурданд, дар Кремл буд. Маълум нест, ки шоҳ Алексей Михайлович Романов аз тирезаи қаср медид ё не, ки чи гуна халқ Морозоваи дӯстдорашро гусел мекунад. Аммо як чиз аниқ аст: шоҳ ҳамеша дар хаёли Морозова буд ва аз ин бисёр ғам мехӯрд. Авлоди Морозовҳо ба мисли Романовҳо ба тоҷу тахти Русия ҳақ дошт. Аммо ситораи бахти Романовҳо дурахшид.

Бародарон Борис ва Глеб Морозовҳо аз тарафи падар ба шоҳ Михаил хешӣ доштанд ва дар ҷавонӣ дар хонаи хоби ӯ хизмат мекарданд, ки аз вазифаҳои олӣ ба ҳисоб мерафт. Вақте ки Алексей ба тахт нишаст, Борис Морозов мушовири ӯ буд. Маҳз вай барои шоҳ Мария Илинична Милославскаяро арӯс интихоб кард ва дар ҷашни домодии шоҳ дар курсии падар нишаст. Баъди даҳ рӯз Бориси бева бо хоҳари малика Анна издивоҷ намуд ва бо шоҳ боҷа шуд. Агар дар он замон боярҳо то сесад хоҷагии деҳқонӣ дошта бошанд, аз Морозовҳо ба ҳафт ҳазор хоҷагӣ мерасид. Глеб Морозов ба Феодосия Соковнина, ки дугонаи малика буд, хонадор шуд. Борис мурду аз худ ворисе нагузошт. Тамоми сарваташ ба Глеб гузашт. Вале ӯ низ аз дунё чашм пӯшиду писараш Иван Глебович Морозов сарватманд гардид. Феодосия Прокопевна баъди марги шавҳар дигар издивоҷ накард. Хонааш ба ҷойи ҷамъомади оппозитсияи навоварон, ислоҳотхоҳони дину мазҳаб ва тағйир додани навиштаҷоти китобҳои динӣ табдил ёфт. Протопоп Аввакум,

пешвои мулҳидон (аҳли бидъат ҳам мегуфтанд онҳоро ислоҳотгарон), низ дар хонаи ӯ макон ёфт. Рӯзи дароз Феодосия дарвешҳо, роҳибони аз дайрҳо рондашудаю азиятдидаро пешвоз мегирифт, ҷойи хобу ғизо медод.

Морозова, ки бо завҷаи шоҳ, малика Мария дугонаи наздик буд, ба ӯ талқин мекард, ки шоҳ ислоҳгарони дину оину мазҳабро ҷонибдорӣ накунад. Вале шоҳ ба гапи завҷаашу Морозова гӯш намеандохт ва дар фаъолияти калисову дайрҳо ислоҳотро васеъ амалӣ менамуд.

Дар соли 1669 малика оламро падруд гуфт. Соли 1671 шоҳ бори дуюм зан гирифт. Дар ҷашни домодии шоҳ Морозова иштирок накард, аз ин шоҳ ба хашм омад.

Бо амри шоҳ шаби 14 ноябри соли 1671 Морозоваи гарданшахро ба дайри мӯъҷизаҳо оварданд, то ки ба расму русуми нав тоату ибодат намояд. Вале ӯ ин пешниҳодро рад намуд. Ҳарчанд азоби ҷисмонӣ доданд, аз раъяш нагашт. Морозоваро ба дайри Печерск оварда, ба зиндон андохтанд. Дар ин байн писари ягонааш, ки басо дӯсташ медошт, мурд. Бадбахтӣ болои бадбахтӣ зам гашт.

Дар зиндон Морозова аз гуруснагиву ташнагӣ ба ҳалокат расид. Пеш аз он ки ҷон ба ҷонофарин таслим намояд, аз зиндонбон хоҳиш кард, ки пироҳанашро дар оби ҷӯй бишӯянд, то ки бо пироҳани тоза ба он дунё биравад.

Ҳамин тавр авлоди муқтадири Морозовҳо аз байн гум шуд.



# МАЛИКА ВИКТОРИЯ

## (1819-1901)

Маликаи Британияи Кабир аз соли 1837, охирин намояндаи сулолаи Ганноверҳо.

Дар таърих ба мисли ӯ кам ҳукмрононе ёфт мешаванд, ки дар сари давлат ин қадар зиёд истода бошанд. Александрия Виктория (номаш ба шарафи шоҳи Рус Александри I гузошта шудааст) аз 82 соли умраш 64 солашро дар сари қудрат сипарӣ намудааст. Ҳарчанд дар Британияи Кабири асри XIX шоҳ ҳокими мутлақ набуду кишварро сарвазир идора мекард, малика Виктория тавонист дарбори ба хуну ифлосиҳо, ғайбату суиқасдҳо ғӯтидаро аз доми бало раҳоӣ бахшида, обрӯю эътибор ва манзалати шоҳонро баланд бардорад.

Шоҳ Георги III соҳиби шаш духтару шаш писар буд. Аммо ягон нафари онҳо хоҳиши издивоҷ кардан надошт. Чун масъалаи валиаҳд ба миён омад, се писари кайҳо ба миёнсолӣ расида зан гирифт ва ба рӯи яке аз онҳо ҳерсоги Кент бахт хандид. Вай духтарчадор шуд. Виктория то 12 солагиаш намедонист, ки шоҳдухтар аст. Чун ба ӯ гуфтанд, ки баъди шоҳ Георги III, маликаи Англия мешавад, вай бо назокат ҷавоб дод: «Ман хубӣ мекунам».

Малика Виктория соли 1840 бо шоҳзода Алберт, намояндаи сулолаи Саксен Кобургск издивоҷ намуд. Домод чеҳраи зебо, қаду қомати расо дошт, мусиқиро дӯст медошт, техникаро мефаҳмид, шамшербозӣ мекард ва аз пайи занҳо намегашт.

Дар дафтари кори малика Виктория барои Алберт мизу курсӣ монданд. «Ман номаҳоро мехонам, мактубҳо менависам,

ба ҳуҷҷатҳо имзо мегузорам, Алберт бошад бо обчинак вараққоро хушк мекунад» навишта буд малика дар ёддоштҳояш. Аммо, вақте ки малика дар интихоботи сарвазир ба яке аз ҳизбҳо 15 ҳазор фунт стерлинг кӯмак расонд, Алберт гуфт: «Монархия бояд дар интихобот бетараф бошад». Бо далолати шавҳараш Виктория бо роҳи оҳан сафар мекард. Ва ин боиси рушд кардани саноати роҳи оҳан шуд. «Аз ҳар чиз бояд пул кор кард, бо кадом тарз буданаш фарқ надорад», - мегуфт Алберт ба Виктория. Англия бо суръат аз кишвари аграрӣ ба мамлакати саноатӣ мубаддал мегашт.

Дар тӯли бист сол малика нӯҳ фарзанд ба дунё овард. Бадбахтӣ соли 1861 рӯй дод. Ногаҳон Алберт аз дунё даргузашт. Виктория ба баҳри ғаму андӯҳ, яъсу ноумедиҳо ғӯтид, аммо касе ашки ӯро намедид.

Давраи гулгулшукуфии салтанати ӯ ба миёнаи солҳои 1870 рост омад. Сарвазир Бенҷамин Дизраэл ба Англия канали Суэтс ва Ҳиндустонро бахшид. Набераи дӯстдоштааш Алиса буд ва бибии меҳрубон ӯро бо шоҳи Русия Николайи II хонадор кард. Аммо бибӣ намедонист, киояндаи набераааш маликаи Русия Александра Фёдоровна чи гуна анҷом меёбад. Соли 1918 вай бо шавҳару аҳли оилааш дар Екатеринбург ба қатл мерасад. Вале инро Виктория пешбинӣ карда натавонист.

# ЛЕСЯ УКРАИНКА

# (1871-1913)

Адибаи украин. Ному насаби ҳақиқиаш Лариса Петровна Косач – Квитка. Муаллифи маҷмӯаи шеърҳои лирикию фалсафӣ, достону драмаҳо.



Нигоҳи ҳузнангези ин бону, чеҳраи коҳидаю ҷиддии ӯ ба хотир симои зоҳидонаи пешвоёни дин ва мутаассибонро меовард. Тамоми умри вай баҳри мубориза бо дарди бадан, барои дарёфти ҷойи сазовор дар зиндагӣ ва худро инсони комил эҳсос намудан, сарф шуд. Муаррифиномаи ӯро мутолиа намуда, боварии кас намеояд, ки ба ҳамаи комёбиҳо зане соҳиб гардидааст, ки аз хурдӣ маҳкуми марг гашта буд.

Лариса Косач дар оилаи зиёиёни украин ба воя расид. Зодмандони ӯ ба авлоди маъруф мутааллиқ буданд ва решаҳояшон бо одамони мӯътабари лаҳистонӣ, боснияви, казакҳо ва юнониҳо пайвандӣ доштанд. Тағоии Леся – Михаил Драгоманов – олими намоён, арбоби сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, ки солҳои зиёд дар Франсияю Булғория зиста буд, ба ҷаҳонбинии хоҳарзодааш таъсири амиқ гузошт. Дар Париж вай бо И.Тургенев ва В.Гюго шинос шуд. Модари Леся Олга Петровна шеър ва ҳикояҳо менавишт ва онҳо бештар дар хориҷа ба нашр мерасиданд, эҳтимол дар чопи онҳо бародараш ёрӣ мерасонд. Эҷодиёти ӯро барҷаста номидан нашояд ва ин Олга Петровнаро аз навиштан боз намедошт ва баъдтар бо тахаллуси Олена Пчилкӣ маъруфият пайдо намуд.

Духтарак бардам ва шоду хандон ба воя мерасид. Модар ба Леся худаш сабақ медод, ба рафти таълими мактабӣ бовар надошт. Леся аз овони кӯдакӣ ба мусиқӣ ва назм рағбат пайдо кард. Дар панҷсолагӣ навохтани созҳои мусиқиро ёд гирифт. Дар ҳаштсолагӣ нахустин шеърашро эҷод намуд.

Табиат як лаҳза хушбахтиро эҳсон карду сипас ба шикастани он пардохт. Моҳи январи соли 1881 духтарак бемор

шуд, ӯро дарди пойи рост беҳад ранҷ медод. Табибон муқаррар намуданд, ки касалиаш аз тарбод аст. Аммо дармони табибон ба дардаш намехӯрд. Дар воқеъ ин оғози ҳамон даврае буд, ки худи Леся онро шӯхиомез «набарди сисола бо бемории сили устухон» номид. Аз ҳамон рӯз дар хонаи чашмони ӯ андӯҳ ҷой гирифт ва шеърҳояш баёнгари ғаму ғусса шуданд. Пас аз ҷарроҳии нахустин як дасташ маъюб шуд ва Леся бо мусиқӣ абадӣ видоъ кард. Падару модар ва хешу табор Лесяро ба табибони хориҷӣ ҳам нишон доданд, аммо аз дасти онҳо низ чизе наомад. Моҳҳо Леся дар бистари беморӣ мехобид ва ҳамдами ягонааш китоб буд. Меҳраш ба адабиёт, ба назм меафзуд.

Соли 1885 дар маҷаллаи «Зоря» «Сафо» ном шеъраш ба табъ расид. Шиносоӣ бо адабиёти ҷаҳон ӯро водор сохт, ки ба тарҷума машғул шавад. Вай рӯйхати 70 нафар шоири хориҷиро тартиб дод ва бо гурӯҳи эҷодӣ намунаи ашъори бештари онҳоро ба украинӣ гардонд.

Соли 1893 дар шаҳри Лвов нахустин маҷмӯаи шеърҳои Леся Украинка бо унвони «Дар болҳои суруд» нашр шуд. Хонаи онҳо ба ин муносибат ҷашнгоҳро мемонд. Махсусан падараш, инсони наҷиб, меҳрубон, беозор, хеле шод буд. Вале муносибати шоира бо модар тезутунд мешуд. Олга Петровна духтарашро аз сӯҳбат бо мардон эҳтиёт мекард, намехост, ки Леся ба яке аз онҳо дил бандаду баъд азоби рӯҳӣ кашад. Масалан Мержинский Лесяро дӯст дошт, аммо ба издивоҷи онҳо модар зид баромад, зеро ҷавонмард низ мариз буд.

Шоира марги Мержинскийро бо азоби зиёди рӯҳӣ таҳаммул мекард ва дар шаби марги дӯстдоштааш достони «Савдозада»-ро эҷод намуд. Достон шӯҳрати беандоза ёфт ва худи Леся онро кори муваффақ номид.

«Қоил мешавам, дар чунон шабе навиштам, ки бояд мемурдам, аммо зинда мондам ва баъди он, дар ҳақиқат, зиёд умр мебинам, агар ҳамон вақт намурдам. Ва шеър мегуфтам,

дар авҷи андӯҳу надомат. Агар касе аз ман мепурсид, ки чӣ гуна аз қаъри яъсу ноумедӣ зинда баромадӣ, метавонистам посух бидиҳам: аз ғам фоҷиа офаридам».

Дар синни 36-солагӣ Леся бо дӯсти ягонааш, шарики ғамбарораш Климент Квитка вохӯрд. Баъд онҳо бо ҳам издивоҷ карданд. Маризиаш авҷ кард, дар Италия, Миср, Олмону Австрия табобат гирифт, вале сиҳатиаш барқарор нагашт. Аммо чи қадаре, ки азоби ҷисмонӣ кашад, ҳамон андоза бештар менавишт. Дар ин байн драмааш «Суруди ҷангал», достони «Адвокат Мартиан», драмаи калонҳаҷми «Хӯҷаини сангин ё Дон Жуан» аз чоп баромаданд.

Леся дар Сурамӣ аз дунё чашм пӯшид ва дар Киев ба хок гузошта шуд. Драмаҳояш саҳнаҳои бисёр театрҳои кишварҳоро зеб додаанд. Дар Кливленди Канада, ки украинҳо бисёр иқомат доранд, ҳайкали Леся Украинка қад афрохтааст.



# СИМОНА де БОВУАР

## (1908-1986)

Нависандаи француз. Завҷаи Жан-Пол Сартр. Муаллифи романҳои «Меҳмон» (1943), «Мандаринҳо» (1954), китобҳои «Ҷинси латиф» (1949), повести «Суратҳои зебо» (1966), қиссаи сегонаи тарҷумаиҳолӣ (1958-1963) ва дигар асарҳо. Дар рушди озодии занҳо ва ҳаракати баробарии бонувон бо мардҳо хизмати шоён намудааст.

Симона де Бовуар яке аз симоҳои шинохта дар байни адибони ҳамзамонаш ба ҳисоб меравад. Дар доираи зиёиёни Аврупову Амрико китоби «Ҷинси латиф»-аш ҳангомаи ҳақиқӣ барангехт, ки дар хусуси баробарӣ ва озодии занон қисса мекард. Асар бори нахуст соли 1949 нашр шуд ва соли 1953 қисман ба англисӣ ба табъ расид ва ҳамчун намунаи барҷастаи эҷодиёти асри XX дар соҳаи феминизм ба ҳисоб меравад. Китоб дар ҳақиқат намунаи инқилоби сексуалии солҳои 1960 аст.

Симона де Бовуар дар Париж зода шудааст. Вай дар оилаи Франсуаза ва Ҷорҷ де Бовуар фарзанди аввалин буд. Аз хурдӣ духтарак озодипараст ва якраҳа ба воя мерасид, аз наврасӣ бошад аллакай ба баъзе маҳдудсозиҳои мазҳаби католикӣ зиддият нишон медод. Дар 19-солагӣ Симона ба пайвандонаш эълон намуд: «Ман намехоҳам, ки зиндагиам тобеи хоҳиши касе бошад».

Ҷорҷ де Бовуар наметавонист барои духтаронаш ҷиҳози арӯсӣ созмон диҳад. Ин ҳолат Симонаро маҷбур сохт, ки ба таҳсили илм бештар таваҷҷӯҳ зоҳир созад ва ӯ ба дараҷаи магистр соҳиб шуд. Дар миёнаҳои солҳои 1920 дар яке аз шабнишиниҳои адабӣ Симона бо Жан-Пол Сартр шинос гашт, ки баъдтар дар ҳақи вай дар қиссаи саргузаштиаш чунин навишт: «Рафиқи самимӣ, ки дар симои ӯ ман тамоми хостагиҳои ишқамро баровардам. Бо вай дар хусуси ҳама чиз сӯҳбат кардан мумкин». Онҳо дар ҳақиқат, 51 сол, то вафоти Сартр дар соли 1980, бо ҳам буданд. Ба истиснои солҳои ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва сафарҳо ба Рим, ки дар ҳуҷраҳои алоҳида мезистанд, вале ҳар рӯз бо ҳам вохӯрда, аз эҷодиёти якдигар воқиф мегаштанд, маслиҳат медоданду мегирифтанд. Оилаи онҳо намунавӣ ва озод аз ҳамаи банду басти диниву анъанавӣ буд.

То соли 1943 Симона де Бовуар дар якчанд коллеҷ аз фалсафа ба донишҷӯён сабақ медод. Баъд пурра ба кори эҷодӣ гузашт. Романи нахустинаш «Ӯ омад, то ки бимонад» ишқи секунҷаро ифшо месозад. Дар асар ишқварзии нахустинашро бо

зиёии чапгаро Сартр ва ошиқи ҷавоне тасвир намудааст. Умуман бештари хати сужет аз ҳаёти шахсии нависанда гирифта шудааст. Асарҳои дигари Симона: «Банда – миранда», «Хуни дигарон» ва «Мандаринҳо» низ ҷузъҳои тарҷумаиҳолӣ доранд. Масалан, дар «Мандаринҳо» ишқварзии ӯ бо новелланависи америкоӣ Нелсон Алгерон тасвир ёфтааст. Симои Сартр, Алберт Камю ва дигар нависандагони франсузи экзистенсиалистро бе душворӣ аз роман дидан мумкин аст. Барои повести «Мандаринҳо» соли 1954 Симона бо ҷоизаи Прикс Конкорт сарфароз гардид. Асари дигари Бовуар «Зани бар бод рафта» се ҳикояи хурдро дар хусуси се зан, ки пурра ба тақдир тан додааст, муттаҳид менамояд.

Вале ҷаҳон Бовуарро ба шарофати асари фалсафиаш «Ҷинси латиф» (ба маънои «ҷинси дуюм») шинохт. Симона дар китоби мазкур чунин навиштааст: «Одам таваллуд намешавад, балки аниқтараш ба зан табдил меёбад. На тақдири биологӣ, на физиологӣ ва на иқтисодӣ нақши занро, ки дар ҷомеа мебозад, муайян карда наметавонад; ин нақшро комилан тамаддун муайян менамояд, тамаддуне, ки ин махлуқ, махлуқи байни мард ва хоҷасарой (евнух)-ро офаридаасту зан меномандаш».

Ин асар дар байни хонандагон шӯру валвала ва ҳангомаи зиёд эҷод кард ва ҳам аз ҷониби мунаққидон сахт танқид шуд. Баъзе муқарризон мегуфтанд, ки нуқтаи назари Бовуар обрӯи занро мерезонад. Вале фенимистҳо дар симои нависанда ҷонибдори худро диданд. Бисёр проблемаҳое, ки дар асар баён ёфтаанд, имрӯз низ актуалианд.

# МАРЯМИ МУҚАДДАС



Нерӯи хоҳон будан ба модар-худоӣ, парастиши модар, ҳимоят-гар ва ёвар, дар ҳамаи маданият ва дину оинҳои гуногун пурзӯр буд. Дар Юнони Қадим ба Деметра ихлос доштанд, дар Осиёи Сағир ба Кибела, дар Мисри Қадим ба Исида. Вале дар симои Марями Муқаддаси насрониҳо бори нахуст ибтидои воқеии инсон – зан ва модар ба маънои офаранда таҷассум ёфтааст.

Бори нахуст ҷомеа дарк сохт, ки сарнавишти зан хизмат намудан баҳри мақсадҳои олӣ, ба мисли пайвастани ӯ бо Зоти Мутлақ аст. Омадани одами нав ба дунё асрор ҳисоб мешуд, ки дар сароғозаш Модар меистад. Обистан гаштани духтари боисмат дар худ маънои бузургеро ниҳон дорад. Вазифаи модарии зан бевосита бо иштироки Парвардигор ҷомаи амал пӯшид, бе ягон таъсири дурушти қувваи заминӣ. Офаридгор, чи тавре ки маълум аст, Модари Исоро меҷуст, ба сони одами одӣ Модар интихоб мекард, то ки ӯ наслашро идома бахшад. Дар китобҳои динӣ, ба мисли Инҷил тасвири Духтарак тахайюлоти муаллифонро он қадар зиёд фаро намегирад, вале дар апокрифи (асарҳои сюжеташон аз Таврот иқтибосшуда, ки аҳли калисо инкор мекунад) «Таърихи Иаков бобати тавлиди Марям» қаҳрамони асосӣ аз оғоз ҳамчун баргузидаи Парвардигор муаррифӣ мегардад.

Барои Падар на танҳо қудсияти худи Марям, балки эътибори қавмӣ ва ҳатто миллаташ низ муҳим буданд. Нахуст Парвардигор бо мӯҳри худ «бани Исроил»- ро нишона кард, баъд

аз он шохаи Довудро ҷудо намуд ва хеле интизор шуд, то он даме, ки ин дарахт меваи биҳиштӣ- зани арзанда барои Писари Ӯ – овард.

Инҷили Иаков аз тасвири он, ки чи тавр зодмандони Марям Иоаким ва Аннаи пир аз бефарзандӣ ғам мехӯранд, оғоз меёбад. Иоаким ба биёбон аз паси чарондани рама мераваду завҷаи ӯ ба Парвардигор зора мекунад, ки барояш фарзанде ато намояд.

Охируламр фариштае меояд ва ба Анна мужда меорад, ки духтаре меёбад. Волидайн қавл медиҳанд, ки ӯро ба Худо мебахшанд. Вақте ки Марям ба синни се мерасад, Иоаким баҳри иҷрои аҳди кардааш ӯро ба маъбади Байтулмуқаддас мебарад.

Дар маъбад Марям то дувоздаҳсолагиаш мемонад. Чи тавре ки барои Духтари қудсӣ муқаррар гаштааст, вай ғизои заминӣ намехӯрд, барояш хӯрданӣ аз осмон, ба воситаи фариштаҳо меомад. Яъне, ба як ҳисоб, зани барои паёмбар зоидан муқарраршуда аз «витаминҳо» баҳра мебардошт. Вақте ки Марям ба айёми наврасӣ қадам мегузорад, роҳибони маъбад бо амри фаришта, фиристодаи Парвардигор, беваҳоро гирд овarданд, то ки аз байни онҳо маҳфуздоранда ва ҳимоягари Духтари қудсиро интихоб намоянд. Дар ин ҳамоиши ғайриодӣ аз асои Иосифи дуредгар кабӯтаре пар мезанад ва ба сари ӯ мешинад. Инро аломати осмонӣ ҳисобида Марямро ба ҳамин пири обрӯманд месупоранд.

Сарнавишти минбаъдаи Духтари қудсӣ аз нигоришҳои Акди Ҷадид маълум аст. Фариштаи ҳамабин Ҷабраил, ки ба шаҳри Назарет фиристода шуда буд, ба Марям мужда мерасонад, ки ӯ аз файзи Парвардигор баҳра мебардорад ва ба наздикӣ барои Вай Писаре ба дунё меорад ва Исо номаш мениҳад.

Марям маро› зоҳир сохт, ки ин чӣ гуна ба амал мепайвандад? Ва фаришта посух дод, ки Рӯҳи Муқаддас ба болои вай мефуроояд ва нерӯи Парвардигор ӯро фаро мегирад. Фурӯтанӣ ва мутеии Марям дар назди сарнавишт мавзӯи асосии иконаҳои

бахшида ба биби Марям буданд. Назокати занона ва меҳри модарӣ дар маданияти ғарб бо сабуриву мутеии Марями қудсӣ ҳамоҳанганд. Сабаби апофеози (парастидани) ҳаёти ӯ таваллуд ёфтани Исо шуд. Дар Вифлеем, маконе, ки ӯ бо ҳамроҳии Иосиф барои иштирок дар маъракаи барӯйхатгирии аҳолӣ омада буд, Писар чашм ба гетии рӯшан кушод. Аслан, ҳаёти боқии Духтари қудсӣ пурра дар хизмати Исо сипарӣ гардид. Дар роҳи салибӣ Марям дар ниҳоди хеш кулли хислатҳои ҳамидаи занмеҳри модарӣ, ғамхории хоҳарона, ёвари бовафоро ба ҳам муттаҳид сохт. Бесабаб дар Инҷили Филипп наомадааст, ки модари Исо, хоҳари ӯ ва Марями Магдалина як ном доштанд.

Вале Духтари қудсиро ҳамчун зарф, ки дар он одамхудоро ба замин оварда бошанд, тасаввур намудан хатост. Бо таваллуди тифл барои Марям дарки муҳити атроф оғоз ёфт. Агар писари ӯ ба эволютсияи рӯҳӣ зарурат надошта бошад, вай ба назди одамон аллакай муносиб ва комил омада буд, барои модар ба шахсият мубаддал гаштан корнамоии азиме ҳисоб меёфт. Пешгӯиҳои зиёд дар бобати ояндаи Исо барояш чи заҳматҳое меоварданд? Модар ба тифли нотавон нигариста бояд чиро мефаҳмид, вақте ки пири порсо Симеон аз дасти ӯ кӯдакро гирифта ва ба Марям чашм дӯхта иброз медошт: «Ана вай дар пешорӯи бисёр болоравиҳо ва зарбхӯриҳои Исроил ва рамзҳои арбадаҳо истодааст, рӯҳи Туро оё шамшер мебурад?» Чӣ ҳиссиётҳои мағшушро аз сар гузаронд зани бечора, вақте ки ҷодугарон ба хонааш омада дар назди тифли ӯ зону мезаданд?

Албатта, Марям махлуқи баргузидаи Парвардигор ба ҳисоб мерафт, вале ин маънои онро надошт, ки тай намудани печутоби роҳҳо барояш осон буд. Барои фаҳмидани ҳақиқати илоҳӣ хеле заҳмат кашид ва ранҷҳо дид.

Ана, Иосиф ва завҷаи ӯ ҳангоми бозгашт аз Байтулмуқаддас Исоро дар шаҳри калон гум карданд, Ӯро хеле ҷустанд ва дар яке аз ҳуҷраҳои маъбад, ки он ҷо рӯҳониён ҷамъ омада

масоили диниро ҳал менамуданд, ёфтанд. Исо дар байни донишмандон менишаст ва ба онҳо саволҳо медод.

«Писарам,- нидо дод Марям,- чаро Ту бо мо ин тавр рафтор кардӣ? Ана падари Ту ва Ман ба дарду ғам печида Туро ҷустем».

«Чаро Шумоён маро меҷӯед?- ҷавоб дод Исо. -Намедонистед, ки Маро зарур аст дар мулки Парвардигор бошам?».

Марям дарк сохт, ки писари ӯ баргузидаи Илоҳист ва ба пешонии Вай бо равғани муқаддас чиллик кашида шудааст.

Модар ин сирро дар дил нигоҳ медошт ва ба касе намегуфт. Вақте ки ба Исо ваҳӣ омад, касе аз хешовандону рафиқону ҳамдиёрон Ӯро нафаҳмид, ҳама беақлаш мехонд.

Дар Инҷил аз забони Исо омадааст: «Онҳое, ки дар паҳлӯи Мананд, Маро нафаҳмиданд». Ягона шахси наздикаш Модараш буд.

Марями Муқаддас пас аз қатли Писар чанде ҳамроҳи Иоанн дар Байтулмуқаддас зист, сипас ба шаҳри Эфес кӯчид ва ғояҳои Исоро фаъолона тарғиб намуд. Пеш аз вафоташ ба Байтулмуқаддас баргашт. Пеш аз марги ӯ ҳодисаҳои аҷоиб рӯй доданд. Худи Исо дар иҳотаи фариштаҳо савори абри пурҷило ба назди Модар омад ва рӯҳашро қабул намуд. Дар вақти реҳлати биби Марям ҳамаи апостолҳо, ба ғайри Фома ҳузур доштанд. Онҳо ӯро ба хок супурданд. Дар рӯзи сеюм Фома ҳозир гашту хоҳиши дидани ҷасади майит кард. Апостолҳо тобутро кушоданд, вале онро холӣ диданд. Шабона, вақте ки шогирдони Исо ин ҳодисаро баррасӣ менамуданд, «осмон инфитоҳ (боз) шуд ва Марям намудор гашт. Ба мисли Писараш ӯ низ дар шакли одамиаш аз нав зинда шуд.

Дар асрҳои IV-V парастиши Марям шакл гирифт. Ба шарафаш ҳамчун «Модархудо» ҷашнҳо созмон меёфтанд. Барои мардуми ҷабрдидаю аламзада симои ӯ дар ин дунёи ҷафокор ягона боиси хушнудист.



Қурбон Мадалиев 20 октябри соли 1951 дар ноҳияи Бохтар ба дунё омада, соли 1975 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм кардааст. Аз 3 сентябри соли 1975 то 8 феврали соли 1982 дар рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» ба ҳайси мусаҳҳеҳ, мухбир, мухбири калон, мудири шӯъба адои вазифа намудааст. Ӯро сипас ба идораи рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият») ба кор хонданд. Вай дар ин нашрия аз 8 апрели соли 1982 то 1 апрели соли 1991 ҳамчун мухбири махсус, муовини котиби масъул кор кард. Аз 1 апрели соли 1991 ба рӯзномаи «Садои мардум» даъват шуд ва дар ин ҷарида то 30 январи соли 2006 ҳамчун шореҳ, котиби масъул, муовини сармуҳаррир дар рангину хонданӣ ба дасти муштариён расидани он саҳм гирифт.



Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2006, № 56 муовини аввали сармуҳаррири рӯзномаи «Ҷумҳурият» таъин шуд.

Чакидаҳои хомааш дар бисёр маҷмӯаҳо, аз қабили «Парасту», «Лолаҳои кӯҳсор», «Пайки истиқлол», «Ойинаи миллат» «Маром ва мақоми намоянда», «Дар коргоҳи қонун» ба табъ расидаанд. Муштариён тавассути тарҷумаҳояш бо ҳаёти бисёр инсонҳои бузургтарини таърихи башар, ба монанди Буддо, Конфутсий, Бисмарк, Тсин Ши Хуандӣ, Бах, Мотсарт, Нефертитӣ, Сафо, Клеопатра, Мурасаки Шикибу, Жорж Санд, Камилла Клодел ва дигарон, ки дар «Ҷумҳурият» ба табъ расидаанд, шинос гаштаанд. Ин тарҷумаҳо ба фонди тиллоии Радиои Тоҷикистон низ ворид шудаанд.

Қурбон Мадалиев аз соли 1980 узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон аст, дар тарғиби сиёсати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми бориз дошта, дар соҳаи журналистикаи тоҷик яке аз симоҳои шинохта ва мураббии ҷавонон ба ҳисоб меравад.

Аълочии фарҳанг ва матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

# МУНДАРИҶА

Пешгуфтор........ 3
Муҳаммад (с)........ 5
Исои Масеҳ........ 10
Буддо........ 15
Лао Сзӣ........ 20
Конфутсий........ 25
Модар Тереза........ 31
Ҳомер........ 35
Пифагор........ 39
Афлотун........ 44
Арасту........ 48
Шекспир........ 53
Тсин Ши Хуандӣ........ 59
Клеопатра........ 63
Пётри I........ 69
Ҷорҷ Вашингтон........ 74
Отто фон Бисмарк........ 78
Маҳатма Гандӣ........ 84
Ленин........ 89
Сталин........ 94
Искандари Мақдунӣ........ 99
Гай Юлий Сезар........ 104
Наполеон Бонапарт........ 109
Уқлидус........ 115
Галилео Галилей........ 118
Карл Маркс........ 123
Гёте........ 128
Достоевский........ 132
Лев Толстой........ 136
Исаак Ниютон........ 141
Менделеев........ 145
Алберт Эйнштейн........ 150
Леонардо да Винчи........ 155
Бах........ 159

Архимед .......... 164
Мосарт .......... 168
Колумб .......... 173
Бетховен .......... 177
Паганинӣ .......... 182
Чайковский .......... 187
Станиславский .......... 191
Пабло Пикассо .......... 196
Чарлз Чаплин .......... 200
Магеллан .......... 205
Амундсен .......... 209
Форд .......... 214
Нефертитӣ .......... 219
Сафо .......... 222
Ионна .......... 226
Шоҳбону Олга .......... 231
Мурасакӣ Шикибу .......... 234
Малика Тамара .......... 237
Екатеринаи II .......... 241
Жанна д'Арк .......... 246
Изабеллаи Испанӣ .......... 250
Екатерина Романовна Дашкова .......... 254
Мария – Антуанетта .......... 258
Луиза Жермен де Стал .......... 262
Надежда Андреевна Дурова .......... 267
Мария Николаевна Волконская .......... 271
Шарлотта, Эмилӣ ва Энн Бронте .......... 274
Елена Петровна Блаватская .......... 279
Юлия Петровна Вревская .......... 284
Ҷорҷ Элиот .......... 288
София Василевна Ковалевская .......... 292
Индира Гандӣ .......... 297
Ванга .......... 302
Мария Константиновна Башкирсева .......... 306
Камилла Клодел .......... 311
Этел Лилиан Войнич .......... 315

Мария Кюрӣ ........ 319
Марфаи шаҳрдор (Боретская) ........ 324
Роза Люксембург ........ 328
Александра Михайловна Коллонтай ........ 332
Коко Шанел ........ 337
Галина Сергеевна Уланова ........ 341
Анна Андреевна Аҳматова ........ 346
Агата Кристӣ ........ 350
Елизавета Юревна Кузмина – Караваева ........ 355
Марина Ивановна Светаева ........ 360
Олга Константиновна Чехова ........ 364
Маргарет Митчелл ........ 367
Любов Петровна Орлова ........ 372
Клавдия Ивановна Шулженко ........ 376
Майя Михайловна Плисетская ........ 380
Валентина Терешкова ........ 384
Элеонораи Аквитан ........ 388
Екатерина Медичӣ ........ 391
Надежда Константиновна Крупская ........ 395
Елизавета Тюдор ........ 398
Мария Стюарт ........ 401
Князбону Тараканова ........ 405
Малика Матилда ........ 408
Жорж Санд ........ 411
Малика София ........ 415
Ксенияи Валӣ ........ 417
Боярзан Морозова ........ 421
Малика Виктория ........ 424
Леся Украинка ........ 425
Симона де Бовуар ........ 428
Марями Муқаддас ........ 431

Тарҷумон
Қурбон МАДАЛИЕВ

# 100 ИНСОНИ БУЗУРГТАРИН

| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Талъатхон Нигорӣ |
| Тарҳ ва дизайни | Ориф Ёдгорӣ |
| Ҳуруфчинон | Гулистон Мавлоназарова,<br>Ҳокима Раҳматова,<br>Мамлакат Зувайдова,<br>Манзура Шамсова |
| Мусаҳҳеҳон | Барноз Раҳмоншоева,<br>Гулчеҳра Зоҳидова<br>Ҳиронбӣ Мӯсоева |

Ба матбаа супорида шуд 06.09.10. Ба чопаш имзо шуд 13.09.10.
Қоғази газетӣ. 60x84 1/16. Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопи 28.5.
Адади нашр 1000. Супориш № 179.

Дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.



978-99947-40-24-6